32. Постановление СНК СССР от 14 августа 1941 г. № 1971 «О размерах отчисления зерна в колхозах прифронтовой полосы на внутриколхозные нужды и выдачу авансов колхозникам». // http://sovdoc.rusarchives.ru/docs/ (дата обращения: 10.02.2022).
33. Постановление СНК СССР и ЦК ВКП (б) от 16 августа 1941 г. «О военно-хозяйственном плане на IV квартал 1941 г. и на 1942 г. по районам Поволжья, Урала, Западной Сибири, Казахстана и Средней Азии»//Коммунистическая партия Советского Союза. Коммунистическая партия Советского Союза в резолюциях и решениях съездов, конференций и Пленумов ЦК (1898–1988): в 16 т. – 9-е изд., доп. и испр. – М.: КПСС; Ин-т Марксизма-Ленинизма при ЦК КПСС, 1983–1990. – Т. 7. – С. 237.
34. Постановление СНК СССР от 16 августа 1941 г. № 1977 «О семенах для озимого сева 1941 года». // http://sovdoc.rusarchives.ru/docs/ (дата обращения: 10.02.2022).
35. Постановление СНК СССР от 17 августа 1941 г. № 1978 «Об использовании комбайнов с бензиновыми моторами на стационарной молотьбе». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
36. Постановление СНК СССР от 17 августа 1941 г. № 1979 «О плане подзимнего посева кок-сагыза в колхозах в 1941 году». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
37. Постановление СНК СССР от 17 августа 1941 г. № 1986 «О приемке от колхозов Узбекской ССР вместо одних зерновых культур других». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
38. Постановление СНК СССР от 20 августа 1941 г. № 1989 «Об уборке безнадзорных посевов колхозов, совхозов и других организаций». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
39. Постановление СНК СССР от 20 августа 1941 г. № 1990 «О приемке от колхозов Крымской АССР одних зерновых культур вместо других». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
40. Постановление СНК СССР от 20 августа 1941 г. № 1991 «О приемке от колхозов Таджикской ССР мяса вместо зерна». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
41. Постановление СНК СССР от 20 августа 1941 г. № 1992 «О приемке от колхозов Краснодарского края вместо пшеницы проса, риса и подсолнуха». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
42. Постановление СНК СССР от 01 сентября 1941 г. № 2023 «О переносе плана сдачи мяса государству совхозами с IV квартала 1941 г. на первое полугодие 1942 г.». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
43. Постановление СНК СССР от 01 сентября 1941 г. № 2024 «Об увеличении заготовок сена и соломы из урожая 1941 г.». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
44. Постановление СНК СССР от 04 сентября 1941 г. № 2037 «О приемке от колхозов Якутской АССР животного масла вместо зерна». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
45. Постановление СНК СССР и ЦК ВКП (б) от 04 сентября 1941 г. № 2042 «Об изменении плана тракторных работ МТС на 1941 год». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
46. Постановление СНК СССР от 06 сентября 1941 г. № 2047 «О приемке от колхозов Ростовской области вместо одних культур других». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
47. Постановление СНК СССР от 10 сентября 1941 г. № 2050 «Об отпуске семенной ссуды колхозам Азербайджанской ССР». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
48. Постановление СНК СССР от 10 сентября 1941 г. № 2052 «О приемке от колхозов Узбекской ССР шерсти и мяса вместо зерна». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
49. Постановление СНК СССР от 16 сентября 1941 г. № 2077 «О выдаче авансом зерна и картофеля колхозникам прифронтовых районов Курской области». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
50. Постановление СНК СССР от 19 сентября 1941 г. № 2085 «Об уборке картофеля в колхозах». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
51. Постановление СНК СССР от 20 сентября 1941 г. № 2088 «О приемке от колхозов Саратовской области

ржи и проса вместо пшеницы». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
52. Постановление СНК СССР от 20 сентября 1941 г. № 2089 «О приемке от колхозов Казахской ССР вместо одних зерновых культур других». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
53. Постановление СНК СССР от 21 сентября 1941 г. № 2029 «О порядке установления в военное время карантина при заразных заболеваниях сельскохозяйственных животных и птиц». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
54. Постановление СНК СССР и ЦК ВКП (б) от 24 сентября 1941 г. № 2095 «Об уборке урожая сельскохозяйственных культур». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
55. Постановление СНК СССР от 26 сентября 1941 г. № 2099 «О приемке от колхозов Ивановской области ржи вместо пшеницы, гороха, гречихи и проса». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
56. Постановление СНК СССР от 04 октября 1941 г. № 2115 «О семенах для озимого сева 1941 года колхозам Таджикской ССР». // http://sovdoc.rusarchives.ru/docs/ (дата обращения: 10.02.2022).
57. Постановление СНК СССР от 04 октября 1941 г. № 2116 «О семенах для озимого сева 1941 года колхозам Краснодарского края». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
58. Постановление СНК СССР от 10 октября 1941 г. № 2139 «О приемке от колхозов Сталинградской области ржи и прочих зерновых культур вместо пшеницы». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
59. Постановление СНК СССР от 11 октября 1941 г. № 2140 «О расширении посевов зерновых культур в районах хлопководства». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
60. Постановление СНК СССР от 14 октября 1941 г. № 2145 «О посевах сахарной свеклы на орошаемых землях в 1942 году в колхозах Казахской, Киргизской и Узбекской ССР». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
61. Постановление СНК СССР от 06 ноября 1941 г. № 2181 «О семенах колхозам Узбекской ССР для посева в 1941 году». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
62. Постановление СНК СССР и ЦК ВКП (б) от 07 ноября 1941 г. № 2193 «Об обмолоте и вывозке зерновых, крупяных культур, трав и подсолнечника». // Там же (дата обращения: 10.02.2022).
63. Постановление СНК СССР от 30 ноября 1941 г. № 2231 «О подготовке посадочного материала для расширения посевов картофеля в 1942 г. в восточных и юго-восточных районах СССР, республиках Средней Азии и Закавказья». // http://sovdoc.rusarchives.ru/docs/ (дата обращения: 10.02.2022).
64. Шушкин Н.Н. Во имя Победы: Организаторская работа партии в годы Великой Отечественной войны. – Петрозаводск: Карелия, 1970. – Ч. 1. – 333 с.; 1974. – Ч. 2. – 438 с.

## ХОҶАГИИ ДЕҲОТ ДАР СОЛИ 1941 ДАР ҚАРОРҲОИ МАҚОМОТИ ОЛИИ ИҶРОИЯИ ИҶШС

Дар мақолаи мазкур қарорҳои Шурои Комиссарони Халқии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ оид ба масъалаҳои хоҷагии деҳот, ки дар соли якуми ҷанг қабул шуда буданд, таҳлил шудаанд. Доираи масъалаҳое, ки бояд дар асоси қарорҳо ҳал карда мешуданд, муайян карда шуда, нишон дода шудааст, ки дар моҳҳои аввали ҷанг диққати асосии ҳукумат ба маъракаи кишт ва ҷамъоварии ҳосил, инчунин ташкил ва ба тартиб даровардани хариди маҳсулоти хоҷагии деҳот дода шуда буд. Муаллифон ба хулосае омадаанд, ки аз рӯйи қарорҳои аз рӯйхати сирри махфӣ дошта баровардаи Шурои Комиссарони Халқи ИҶШС азнавсозии низоми хоҷагии деҳот нисбат ба шароити замони ҷанг дар соли 1941 бо кашолкорӣ ва бо нишондиҳандаҳои кам ба амал омадааст. Дар рафти таҳқиқот маводи зарурирро муаллифон бештар аз манбаи «Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Фонди Р.-5446, Шурои Вазирони ИҶШС (КМ ИҶШС)», ки онро мутахассисони Бойгонии давлатии Федератсияи Русия ташкил кардаанд, истифода бурдаанд. Дар соли 2016 маҷмуаи электрони (рақами)-и қарорҳои Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС барои моҳҳои июни соли 1941 ва майи соли 1945 дар сомонаи «Ҳуҷҷатҳои замони Шуравӣ»-и сомонаи «Бойгонии Русия» ҷойгир карда шудаанд. Умуман, нусхаи электронии фармону қарорҳои махфинабудаи Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС давраи аз 24 июни соли 1941 то 9 майи соли 1945, 4317 аз рӯйи тартиби сол ба намоиш гузошта шудаанд. Дар айни замон маҷмуи хуҷҷатҳои дар боло зикршуда аз тарафи муаррихон дар таҳияи проблемаҳои таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба кор бурда мешавад.

**Калидвожаҳо:** Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС, азнавсозии хоҷагии қишлоқ, тайёрӣ, маъракаи кишт ва ҷамъоварии ҳосил.

## СЕЛЬСКОЕ ХОЗЯЙСТВО В 1941 ГОДУ В ПОСТАНОВЛЕНИЯХ ВЫСШЕГО ОРГАНА ИСПОЛНИТЕЛЬНОЙ ВЛАСТИ СОЮЗА ССР

В статье осуществлен анализ принятых в первый год войны постановлений СНК СССР по вопросам сельского хозяйства. Определен круг решаемых на основе постановлений проблем, показано, что в первые месяцы войны основное внимание Правительства было уделено проведению посевной и уборочной кампаний, а также организации и корректировке заготовок сельскохозяйственных продуктов. Авторы приходят к выводу, что, судя по рассекреченным постановлениям Совета Народных Комиссаров Союза ССР, перестройка сельского хозяйства применительно к условиям военного времени в 1941 г. проходила с

опозданием и по незначительному кругу показателей. При проведении исследования использованы материалы базы данных «Великая Отечественная войны. Фонд Р. – 5446. Совет Министров СССР (СМ СССР)», созданной специалистами Государственного архива Российской Федерации. В 2016 г. на сайте «Документы советской эпохи» портала «Архивы России» был размещен оцифрованный комплекс постановлений СНК СССР за июнь 1941 – май 1945 гг. Всего за период с 24 июня 1941 г. по 9 мая 1945 г. в хронологическом порядке было выставлено 4317 электронных копий несекретных Постановлений СНК СССР. В настоящее время вышеуказанный комплекс документов начинает использоваться историками при разработке проблем истории Великой Отечественной войны.

**Ключевые слова:** Великая Отечественная война, Совнарком СССР, перестройка, сельское хозяйство, заготовки, посевная и уборочная кампании.

**AGRICULTURE IN 1941 IN THE DECISIONS OF THE SUPREME ADMINISTRATIVE AUTHORITIES OF THE USSR**

The article analyzes the decisions of the Council of People's Commissars of the USSR on agricultural issues which were adopted in the first year of the war. The series of problems to be solved on the basis of decisions, was determined, it was shown that in the first months of the war that the government paid the main attention to sowing and harvesting campaigns, as well as organizing and adjusting the procurement of agricultural products. The authors come to the conclusion that, judging by the declassified decisions of the Council of People's Commissars of the USSR, the restructuring of agriculture in relation to war time conditions in 1941 took place with a delay and according to an insignificant range of indicators. During the research the necessary materials were used from the source of “The Great Patriotic War. Fund R. - 5446. Council of Ministers of the USSR (CM USSR), created by specialists from the State Archives of the Russian Federation. In 2016, a digitized set of decisions of the Council of People's Commissars of the USSR for June 1941 - May 1945 was posted on the website "Documents of the Soviet era" of the "Archives of Russia" portal. In total, for the period from June 24, 1941 to May 9, 1945, 4317 electronic copies of unclassified Decrees of the Council of People's Commissars of the USSR were placed in chronological order. Nowadays, the set of documents is beginning to be used by historians for elaboration of problems in the history of the Great Patriotic War.

**Key words:** Great Patriotic War, Council of People's Commissars of the USSR, reconstruction, agriculture, harvesting, sowing and harvesting campaigns.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Мотревич Владимир Павлович-*** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Урал, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға**:620066, Федератсияи Россия, вилояти Свердловск, шаҳри Екатеринбург, ГСП-1038, кӯчаи Комсомолская, 21. Телефон: **8-912-28-30-414**. E-mail: **vladimir.motrevich@mail.ru**

***Исуфов Шердил Ватанович* -** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16. Телефон: **(992) 988026304**, E-mail: **sherdil.isufov@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Мотревич Владимир Павлович-*** Уральский государственный юридический университет, доктор исторических наук, профессор кафедры истории государства и права.. **Адрес6**:620066, Российская Федерация, Свердловская область, город Екатеринбург, ГСП-1038, улицаКомсомолская, 21. Телефон: **8-912-28-30-414**. E-mail: **vladimir.motrevich@mail.ru**

***Исуфов Шердил Ватанович* –** Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, сташий преподаватель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, городКуляб, улица Сангака Сафаров, 16. Телефон: **(992) 988026304**, E-mail: **sherdil.isufov@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Motrevich Vladimir Pavlovich-*** Ural State Law University, Doctor of Historical Sciences, Professor, Professor of the Department of History of State and Law. **Address:** 620066, Russian Federation, Sverdlovsk Region, Yekaterinburg, GSP-1038, Komsomolskaya St., 21. Phone: **8-912-28-30-414**. E-mail: **vladimir.motrevich@mail.ru**

***Isufov Sherdil Vatanovich-*** Kulob State University after named A. Rudaki, Senior Lecturer, Department of the History of the Tajik People,. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kuljb city, S. Safarov street 16. Phone: **(992) 988026304,** E-mail**: sherdil.isufov@mail.ru**

**УДК:930.15.1**

# РЕГИОНАЛИЗАТСИЯ ҲАМЧУН ПАДИДАИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ МУОСИР

*Пайвандов Хайриддин*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Глобализатсия ҳамчун падидаи рушди ҷаҳонӣ.** Асри XXI асри глобализатсия, регионализатсия, глокализатсия, интегратсия, информатсия, универсализатсия, демократизатсия, вестернизатсия, асри илму технология, рақобату зиддият ва асре мебошад, ки паҳлуҳои гуногуни мусбату манфиро дар бар мегирад. Зуҳур ва ташаккули ин равандҳо кишварҳоро водор месозанд, ки бо дарназардошти дарёфти роҳу усулҳои муассир дар самти рушди ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии худ ва таъмини амнияту устуворӣ дунболи вариантҳои муносиби муносибат ба ин тамоюлҳо гарданд. Худи глобализатсия раванде мебошад, ки зери таъсири он фазоҳои гуногуни иҷтимоӣ марҳила ба марҳила ба низоми ягонаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, бештар хислати сиёсӣ ва иқтисодиро дар худ касб менамояд. Аз тарафи дигар, глобализатсия раванди дар миқёси ҷаҳон шиддат ёфтани муносибатҳои нобаробар, қолаби муносибатҳои мутақобилаи миёни тамоми субъектҳои ба якдигар вобастаи сиёсати ҷаҳонӣ – давлат, созмонҳои байналхалқӣ ва ғайридавлатӣ ва дигарон мебошад [9, с. 68]. Натиҷаи асосии глобализатсия тақсимоти байналхалқии меҳнат, рақобати иқтисодӣ, муҳоҷират дар миқёси сайёра, интиқоли сармоя, қувваи корӣ, захираҳои истеҳсолӣ, стандартикунонии қонунгузорӣ, равандҳои иқтисодӣ ва технологӣ, инчунин наздикшвaӣ ва махлутшавии фарҳанги кишварҳои мухталиф ба шумор меравад [18, с. 11].

Ҷаҳонишавии иқтисод, сиёсат, иҷтимоъ, фарҳанг ва соири риштаҳои фаъолияти башарро глобализатсия меноманд. Пешгомони ин раванд кишварҳои ҷаҳон, ба мисли Амрико, Чин, Олмон, Ҷопон, Россия, Фаронса ва ғайра мебошанд, ки бо доштани ниҳодҳои тавонои ақлонӣ дар бозори фановариҳои ҷадид ҳарфи аввалро мезананд. Ҳадафи асосии онҳо дастёбии комил ба бозорӣ ҷаҳонӣ, сарватҳои ҷаҳонӣ ва пешсафии ҷаҳонӣ мебошад.

Ба ҳамин хотир, онҳо созмонҳои тавоное, аз қабили Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Бонки Ҷаҳонӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор ва ғайраҳоро ташкил кардаанд. Онҳо барои пиёда сохтани ормонҳои ҷаҳонгири худ аз шеваҳои мухталиф кор мегиранд: кумакҳои башардӯстона, қарзҳои дарозмуддат, ҳамкориҳои фарҳангӣ, мазҳабӣ ва ғайраҳо. Он гоҳ, ки ин омилҳо муассир намеафтад, аз хушунат ва даҳшатафканӣ зери шиори мубориза бо терроризми байналхалқӣ ва фишор ба Эрону Куриё бо баҳонаи пешгирӣ аз густариши силоҳи атомӣ сурат мегирад.

Аммо натиҷаи дигар ва манфии раванди глобализатсия бештар ташвишовар буда, дар шакли амиқтар шудани фарқи байни кишварҳои пешрафта ва ақибмонда, шиддат гирифтани фишор ба арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқҳо, махсусан зуҳури проблемаҳои глобалӣ ва хатарҳои ғайрианъанавӣ пойдории кураи Замин ва устувории амнияти байналмилалиро таҳдид менамояд [5].

Аз ин миён, зуҳури падидаҳои номатлуб дар шаклу сифатҳои гуногун таъмини амнияти ҳар як давлатро дар дилхоҳ гӯшаи олам метавонад халалдор намояд. Дар ин

бора сотсиологи фаронсавӣ Жан Бодрийяр дар асари худ ба номи «Руҳияи терроризм» чунин қайд намуда буд: «*Мумкин аст дар бораи ҷанги ҷаҳонӣ сухан гуфт, вале фақат на дар бораи ҷанги савуми ҷаҳон, балки дар хусуси ҷанги чорум ва ҷанги ягонаи доманадори ҷаҳонӣ мебояд сухан гуфт, ки дар ҷараёни глобализатсия зоҳир гаштааст. Ин ҷанг ба сифати падидаи номатлуби терроризм ва экстремизм дар саросари ҷаҳон побарҷост*» [13, с.3]. Яъне, манзури ӯ муборизаи ҷомеаи ҷаҳон алайҳи терроризми байналхалқӣ ва экстримизми динӣ буд.

Ин ва дигар нишонаву пайомадҳо, таъсиру хатарҳо ва омилу амалҳои натиҷаҳои раванди глобализатсия кишварҳои оламро водор месозанд, ки ба раванди регионализатсия ва глокализатсия рӯ оваранд, яъне ба минтақаҳои худ бештар таваҷҷуҳпазир бошанд. Зеро воқеияти даҳаи дуюми садаи XXI баёнгари он аст, ки рушди муносибатҳои байналмилалӣ ҳамоно дар давраи гузариш қарор дошта, низоми ҷаҳонии бисёрқутбӣ дар ҳоли ташаккул мебошад [5]. Маҳз қутбҳои ҷаҳонӣ ва кишварҳои рӯ ба инкишоф аҳамият ва муҳиммияти раванди регионализатсияро дарк намуда, онро омили субот ва пешрафт медонанд, ки дар замони муосир ҳамчун регионализатсияи глобалӣ машҳур гаштааст.

**Регионализатсияи глобалӣ.** Дар асри XXI низоми муносибатҳои байналхалқӣ хусусиятҳо ва паҳлуҳои гуногуни сиёсӣ-иқтисодӣ ва геополитикӣ-амниятиро пайдо намуд, ки боиси зуҳур ва ташаккули равандҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ гаштааст. Яке аз равандҳои минтақавии ҷаҳони муосир регионализатсия мебошад, ки дар баробари глобализатсия ва глокализатсия ба миён омадааст.

Дарвоқеъ, рушди муосири ҷаҳонӣ бо баланд шудани нақши объективии омилҳои минтақавӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳо алоқамандӣ дорад. Ин тамоюл олимон ва коршиносонро водор месозад, ки дар сатҳи минтақавӣ атрофи ҳалли проблемаҳои глобалӣ таваҷҷуҳи бештар дошта бошанд. Дар ин миён, тамоюли регионализатсия бо дарназардошти омилҳои зерини рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ пурзӯр мегардад: а) омили геополитикӣ, ки нақш ва ҷойгоҳи ин ё он минтақаро дар сиёсати ҷаҳонӣ муаррифӣ менамояд; б) иқтисодӣ, ки тақсимоти минтақавии меҳнат, рақобати миллии давлатҳоро инъикос мекунад; в) фарҳангӣ-тамаддунӣ, ки бо наздикии рамзи фарҳангӣ ва таърихии ҷомеаҳои бузурги этникӣ алоқаманд аст.

Дар асоси ин тамоюл, регионализатсияи геополитикӣ ташкили гурӯҳи кишварҳоро дар «фазои бузург» ифода менамояд, ки хосси минтақаҳои геополитикӣ мебошад. Регионализатсияи иқтисодӣ натиҷаи шаклгирии гурӯҳи минтақавии фазои тиҷорати озод, иттиҳоди гумрукӣ ва бозори умумӣ (иттиҳоди иқтисодӣ) миёни сарҳадҳо ба шумор меравад, ба ин Иттиҳоди Аврупо мисол шуда метавонад. Регионализатсияи фарҳангӣ ба раванди рушди навъҳои тамаддунҳои локалӣ бо мақсади тафовут пайдо намудани хусусиятҳои сотсиофарҳангии худ таваҷҷуҳи асосӣ равона мегардад, ки яке аз хусусиятҳои хосси асри XXI ва раванди глокализатсия дониста мешавад [22, с. 10-13].

Мафҳуми регионализатсия раванди мураккаби тақсимоти қобилияти ҳокимият, интиқоли вазифаҳои давлат ба сатҳи минтақавӣ, пайдоиш ва инкишофи шаклҳои нави ниҳодҳо, ки ба нақши нави минтақаҳо дар раванди қабули қарорҳо дар сатҳи миллӣ ва фаромиллӣ ҷавобгӯ мебошад, фаҳмида мешавад. Ба ибораи дигар, регионализатсия ин рӯ овардани кишварҳо ба минтақаи худ, дар шакли ташкили

иттиҳоди давлатҳо, муттаҳидшавӣ ва самаранок истифодабарии имкониятҳои табиӣ дар доираи манфиатҳои муштарак ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ фаҳмида мешавад.

Ҳамзамон, истилоҳи регионализатсия ба ду маънӣ фаҳмида мешавад: а) идеологӣ ё лоиҳае, ки ягонагии минтақавиро ба вуҷуд меорад ё нигоҳ медорад, ки дар истилоҳи байналмилалӣ онро регионализм мегӯянд; б) раванди эмпирикии хеле наздик шудани ҳамкориҳои дохилиминтақавӣ (ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғ.), ки онро ба истилоҳи байналмилалӣ регионализатсия мегӯянд [12, с. 105].

Аҳамияти раванди регионализатсияи глобалӣ дар замони муосир дар баробари раванди ҷаҳонишавӣ зарурату аҳамияти хосса пайдо намудааст. Чунин раванди объективӣ, аз як тараф, қисми ҷудонашвандаи раванди ҷаҳонишавӣ, аз тарафи дигар, пайомади худи ҷаҳонишавӣ дониста мешавад. Ин аст, ки вақтҳои охир дар назария ва амалияи сиёсати ҷаҳонӣ, геополитика ва низоми муносибатҳои байналхалқӣ мафҳумҳои “регионализми глобалӣ”, “регионализатсияи глобалӣ”, глокализатсия ва ё худи “регионализатсия” бештар ба кор бурда мешавад.

Ҳамин тавр, таҳлили фазои иҷтимоию ҳудудии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва нақшаҳои харитаи сиёсии сайёра имкон медиҳад, ки падидаи регионализатсияи глобалӣ муайян карда шавад, зеро он шакли нави пайдоиши сохтори ҷомеаи ҷаҳонро нишон медиҳад, ки яке аз василаҳои пешгирии проблемаҳои глобалӣ мебошад.

Регионализатсияи глобалӣ раванди воқеии ҷаҳонӣ мебошад, ки бояд ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳонишавӣ баррасӣ карда шавад. Ҷаҳонишавӣ ба ҷустуҷӯи муқобилвазниҳо ва кӯшиши офаридани баробарвазнии геополитикӣ тавассути регионализатсия дар муносибатҳои байналмилалӣ оварда расонид. Ҷомеаи ҷаҳонии муосир бо фазои воқеии ҷуғрофӣ маҳдуд карда намешавад, он бисёрҷанба гардидааст. Ҳамзамон, регионализатсия натиҷаи пайдоиши ҷаҳонишавӣ мебошад, ки ба тақсимоти ҷаҳон ба макро-минтақаҳо ва ташаккули системаи ҷаҳонии иерархӣ оварда мерасонад, ки аз қутбҳо, марказҳои қудрат (қувва), даъвогарони (довталабони) марказҳои қудрат ва системаҳои минтақавии ҷомеаи ҷаҳонӣ иборат аст.

Айнан ба ҳамин тариқ, глобализм ҳамчун идеологияи сохтани ҷаҳони бидуни марз ва ҷаҳонишавӣ раванди эмпирикии татбиқи он дониста мешавад. Регионализатсия метавонад дар таъсиси созмони фаромиллӣ, монанди Иттиҳоди Аврупо, шабакаи вуруди мутақобилаи низомҳои минтақавӣ бе ташкилоти расмӣ ё таъсиси фазои ягонаи ҷуғрофиёӣ, ки дар он танҳо «аъзои рудиментӣ»-и (неомедиевализм) давлатҳои кӯҳна боқӣ мондаанд, таҷассум ёбад. Ҳамчунин, ҳамгироии минтақа бо роҳбарии гегемони қудратманд низ имконпазир аст, ки намунаи он дар фазои пасошуравӣ мушоҳида мешавад. Дар зинаҳои болоии раванди регионализатсия давлатҳои минтақа мебояд сиёсати дохилию хориҷии худро тағйир дода, талаботи сохторҳои минтақавиро иҷро намоянд. Чун қоида, нишонаи асосӣ ва мақсади ниҳоии раванди регионализатсия ташкили созмони минтақавӣ мебошад. Намунаи барҷастаи раванди регионализатсия Иттиҳоди Аврупо ва АСЕАН шуда метавонанд [13]. Махсусан, Иттиҳоди Аврупо ҳамчун мисоли намунавии раванди ҳамгироӣ ва регионализатсия ба шумор меравад, ки аз шаклигирии фазои озоди тиҷоратӣ то иттиҳоди сиёсӣ омада расидааст. Дар баробари ин, АСЕАН дуюмин

иттиҳоди муваффақи ҳамгироии ҷаҳон баъд аз Иттиҳоди Аврупо шинохта шудааст, ки он равобити минтақавиро миёни кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба роҳ мондааст [11, с. 136].

Муттаҳид кардани захираҳо ба онҳо имконият медиҳад, ки бештар ба ҳадафҳои стратегӣ расанд ва ба амнияти дастаҷамъӣ роҳ ёбанду дар раванди ҷаҳонишавӣ устувору ҳамқадам бошанд. Раванди регионализатсияи глобалӣ дар шакли фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ, тақсимоти байналхалқии меҳнат, афзоиши созмонҳои минтақавӣ ва ташаккули низоми бисёрқутбию зернизомҳои минтақавӣ дар баробари раванди ҷаҳонишавӣ мубрамияти хосса касб намудааст.

Асосан, дар зери мафҳуми "регионализатсияи глобалӣ" регионализатсия (фрагментатсия, сегментатсия)-и фазои ҷомеаи ҷаҳониро бояд дарк намуд, ки дар амалия худро сохтори сезинагӣ нишон медиҳад: яъне, суб, мезо ва макроминтақаҳо ва мафҳуми "минтақа" бошад, ҳамчун унсури асосии системаи сезинагии ҷомеаи ҷаҳонӣ арзёбӣ мегардад [6, с.59]. Раванди регионализатсия, ки имрӯзҳо атрофи он зиёд ҳарф мезананд, на танҳо дар зинаи зерминтақаҳо (субрегион) ва минтақаҳои миёна (мезорегион), балки дар сатҳи минтақаҳои бузург (макрорегион), яъне дар сатҳи қитъа низ ба назар мерасад. Худи истилоҳи "минтақа" бошад, ба маънои зерин истифода мешавад:

- воҳиди маъмурии дохилидавлатӣ (Уэлс, Корсика, Флорида) ҳамчун зерминтақа дар дохили як давлат фаҳмида мешавад;

- муайян кардани гурӯҳи давлатҳо (минтақаи Осиё-ҳавзаи уқёнуси Ором, минтақаи Амрикои Шимолӣ, минтақаи Аврупо ва ғайра) ҳамчун макроминтақа фаҳмида мешавад;

- мафҳуми «минтақа» бо мафҳуми «давлат» айният дорад, ки метавонад ҳамчун мезоминтақа муайян карда шавад [6, с. 66].

Дар баробари ин, дар арсаи ҷаҳонӣ на танҳо раванди барқароршавии муносибатҳо миёни давлатҳои ҷудогона, балки миёни минтақаҳо низ ба назар мерасад, ки онро интеррегионализм меноманд. Интеррегионализм ба чунин маънист, ки ду ва ё зиёда минтақа ҷиҳати пешгирии проблемаҳои глобалӣ ва истифодаи имкониятҳои мавҷуда ҳамкории мутақобила доранду бо ҳам ҳамгиро мешаванд, ки бештар ба асри XXI хос мебошад.

Ин аст, ки дар интиҳои асри XX ва ибтидои асри XXI интеррегионализм хислатҳои сиёсӣ ва геополитикиро бештар дар худ касб намуд, ки дар мисоли «Осиёи Марказии Бузург» (наздикшавии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ), «Осиёи Шарқии Бузург» (наздикшавии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Шимолу Шарқии Осиё) ва «Шарқи Наздики Бузург» (наздикшавии Ховари Миёна ва Африқои Шимолӣ) мушоҳида гардидааст. Аммо маҳз масъалаҳои марбут ба интеррегионализм хеле кам омӯхта шудаанд ва равишҳои илмӣ ба он дар ҳоли шаклгирӣ ҳастанд [12, с.105].

Дар ин радиф, ба андешаи Х. Ҳенгги, панҷ навъи ҳамкориҳои байниминтақавӣ (интеррегионализм) вуҷуд дорад [20, с. 31]:

1. ***Муносибати созмони минтақавӣ (гурӯҳи минтақавӣ) бо мамлакатҳои сеюм*** (масалан, муносибатҳои дӯстонаи АСЕАН – Ҷопон, АСЕАН – Австралия, Иттиҳоди Аврупо – Русия, Иттиҳоди Аврупо – Ҷопон, Иттиҳоди Аврупо – Ҳиндустон, САҲА – Таиланд, Гурӯҳи Рио – Канада).

2. ***Муносибати як созмони минтақавӣ бо дигар*** (масалан: ИА – АСЕАН, ИА – САДК, ИА – МЕРКОСУР, АСЕАН – МЕРКОСУР, ЭКОВАС – МЕРКОСУР). Иттиҳоди Аврупо чун созмони ҳамгироияш бештар дар ибтидо маркази ҷазби блокҳое буд, ки бо ин созмон ҳамкорӣ доштанд, вале миёни ҳам робита барқарор накарда буданд. Ин тарҳ номи «сеҷумак»-ро гирифт. Пас аз хотима ёфтани «ҷанги сард» ва ибтидои минтақагароии муосир шарикони ИА бидуни «сеҷумак»-и аврупоӣ байни ҳам муносибатҳои дуҷониба барқарор карданд.

3. ***Муносибати созмони минтақавӣ бо гурӯҳи минтақавии мутааллиқ ба дигар минтақа.*** Дар форумҳое чун АЗЕМ, нишастҳои «Африқо – Аврупо», «Аврупо – Амрикои Лотинӣ» Аврупо тавассути созмони расмӣ – Иттиҳоди Аврупо намояндагӣ мешавад, вале шарикони муколамааш гурӯҳҳои минтақавӣ мебошанд. Чун қоида, давлатҳо дар асоси узвияти фардиашон ба форумҳо ҳамроҳ мешаванд. Намунаи барҷаста аз гурӯҳҳои байниминтақавии навъи сеюм «АСЕАН + се (Чин, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ)» мебошад, ки дар ҳоли ҳозир ягона платформаи муттаҳидкунандаи кишварҳои Осиёи Шимолу Шарқӣ миёни ҳамдигар ва бо ҳамсоягонашон аз Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба ҳисоб меравад.

4. ***Муносибат миёни ду ва ё зиёда гурӯҳҳои минтақавӣ.*** Анҷумани ҳамкориҳои Осиёи Шарқӣ ва Амрикои Лотинӣ ҳоло ягона намунаи чунин ҳамкорӣ аст, ки соли 2001 таъсис дода шудааст. Анҷумани мазкур ягона созмонест, ки таъсисаш бидуни «катализатор» – созмонҳои минтақавие амсоли ИА ё АСЕАН сурат гирифтааст.

5. ***Муносибатҳои бисёрҷониба миёни давлатҳо, давлатҳои минтақавӣ ва гурӯҳҳои минтақавие, ки ба минтақаҳои мухталиф шомил мебошанд*** (масалан: АТЭС, АРФ, Иттиҳодияи ҳамкориҳои минтақавии мамолики уқёнуси Ҳинд). НАТО ва САҲА амалан анҷуманҳои байниминтақавӣ мебошанд, ҳарчанд расман созмонҳои минтақавӣ ном доранд. Чунин муносибат замоне ба вуҷуд меояд, ки мамлакатҳои мутааллиқ ба манотиқи мухталиф кӯшиш мекунанд иттифоқҳои метаминтақавӣ (муттаҳидшавии ду минтақа) ташкил диҳанд. Аъзои анҷуманҳо дар дохили он вобаста ба минтақаҳояшон ба гурӯҳҳо тақсим намешаванд, аз ин рӯ, «интеррегионализм» моҳияти чунин созмонҳоро ба пуррагӣ ифода намекунад. Баъзан барои ифодаи хусусияти анҷуманҳои навъи панҷум истилоҳоти ***«мегарегионализатсия», «фароминтақагароӣ»*** ё ***«фароқитъагароӣ»*** истифода мешаванд [12, с. 107].

Бояд ёдовар шуд, ки имрӯз ҷаҳон мувофиқи таснифи СММ ба 22 минтақаи хурду бузург тақсим мегардад, ки ҳар кадоми он дорои умумиятҳои хосси таърихӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, геополитикӣ, иқтисодӣ, ҳамгироӣ ва идеологию амниятӣ мебошанд. Илова бар ин, дар минтақаҳои алоҳидаи олам зернизомҳои минтақавӣ ташаккул ёфтаанд, ки нишонаи он на танҳо низоми бисёрқутбӣ, балки ташкили ин ё он созмони минтақавӣ арзёбӣ мегардад. Маҳз, ташкили созмонҳои минтақавӣ натиҷаи раванди ҳамгироӣ ва раванди ҳамгироӣ натиҷаи регионализатсия, регионализатсия бошад, натиҷаи глобализатсия дониста мешавад.

Як нуктаро бояд қайд намуд, ки яке аз омилҳои пешрафти иқтисодӣ, суботи минтақавӣ ва ҳалли мушкилоти байнидавлатӣ фаъолияти пурсамари созмонҳои минтақавӣ шуда метавонад. Масалан, Иттиҳоди Аврупо асоси пешрафти давлатҳои Аврупо, АСЕАН асоси танзими муносибатҳои байнидавлатӣ ва пешрафти

кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, СҲШ асоси субот ва омили рушди муносибатҳои фароминтақавӣ ва ғайраҳо ба шумор меравадн [2, с.78].

Маҳз, регионализатсияи глобалӣ шакли нави ниҳодгардонии ҷаҳониро муайян намуда, равандҳои минтақавӣ, низомҳои минтақавӣ ва қудратҳои минтақавиро фаъол намудааст. Бо назардошти тамоюли мазкур, кишварҳо ҷиҳатҳои мусбат ва манфии раванди ҷаҳонишавиро ба назар гирифта, вориди регионализатсия мешаванд, ки ин таваҷҷуҳ ва рӯоварӣ бештар дорои ду зарурат ва ду омил мебошад:

1. Иқтисодӣ – истифодаи кофии имкониятҳои табиӣ бо мақсади рушди иқтисодиёти рақобатпазир ва ҳамқадамӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ. Дар ин радиф, кишварҳо дар доираи минтақаҳои худ талош бар он доранд, ки дар равандҳои мухталифи замони муосир тобовар, рақобатпазир ва пешрафта бошанд.

2. Амниятӣ – бо дарназардошти зуҳури хатарҳои ғайрианъанавӣ ва таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ зарурати муттаҳидшавии давлатҳо дар доираи ин ё он созмонҳои ҳарбӣ-низомӣ ё амниятӣ-сиёсӣ ба миён омадааст, ки дар мубориза алайҳи падидаҳои номатлуб қодиру тавоно мубориза баранд [12, с.5].

Дар маҷмуъ, регионализатсия раванди ташаккули минтақаҳо мебошад, ки дар таъсисёбии сохторҳои гурӯҳӣ ё низомҳои минтақавӣ (зернизом) ифода мегардад. Ба сифати зернизом метавонад ҳар гуна унсури система баромад кунад, ки дар навбати худ, маҷмуи унсурҳои ҳамкорикунанда (як навъ система аст, вале чун дар чаҳорчӯбаи системаи бузургтар бошад, зернизом номида мешавад). Дар чунин маврид муҳити беруна барои зернизом чун системаи умумитар баромад мекунад [15, с. 29].

Омӯзиши муқоисавии маълумотҳо нишон медиҳад, ки тамоюли табдилшавии ҳамгироиҳои иқтисодӣ ба сиёсӣ дар сатҳи умумиҷаҳонӣ мушоҳида мешавад. Вобаста ба ин, регионализатсия ба яке аз масъалаҳои мубрам дар низоми муносибатҳои байналхалқии муосир табдил ёфтааст, ки равандҳои иттиҳоду ҳамгироии давлатҳо дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва низомҳои нави ҷаҳониро дар бар мегирад. Ташаккули зернизомҳои минтақавӣ ҷанбаи муҳимми регионализатсия дониста мешавад, ки ҳамчун ҷанбаҳои минтақавии муносибатҳои байналхалқӣ низ бештар мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор мегиранд.

Бояд қайд намуд, ки регионализатсия раванди саросарӣ ба шумор рафта, зерсистемашавии глобалиро дар назар дошта метавонад. Албатта, яке аз механизмҳои ин равандро созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ ташкил менамояд. Чи хеле ки дар боло зикр намудем, дар регионализатсия мегарегионализатсия низ дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ мушоҳида мегардад, ки онро интеррегионализм низ номидан мумкин аст.

Мисоли мегарегионализатсия бештар дар Минтақаи Осиё – ҳавзаи уқёнуси Ором (минбаъд – МОУО) ба назар мерасад. МОУО, ки онро АТР (Азиатско-Тихоокеанский регион) низ меноманд, мафҳуми иқтисодӣ ва сиёсӣ буда, кишварҳоеро дар бар мегирад, ки дар периметри уқёнуси Ором ё давлат-ҷазираҳои сершумори уқёнус ҷойгиранд. Ин минтақа 58 кишварро бо аҳолии 4,5 млрд нафар дар бар мегирад, ки баъзан ба минтақа Непал, Муғулистон, Иттиҳоди Мянма ва Ҳиндустон низ ҳамроҳ мегардад. Дар МОУО захираву иқтисодиёти бузурги мухталиф: ба таври динамикӣ тараққӣ ёфтани Гонконг, Тайван ва Сингапур, технологияи баландсуръати Ҷопон, Корея, Тайван ва дар Ғарб ИМА, захираҳои табиии Австралия, Канада, Филиппин ва Шарқи дури Россия, захираҳои инсонӣ дар

Чин ва Индонезия, сатҳи рушди баланди истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи Чили, зеландияи Нав, Филипин ва ИМА дида мешавад. Бисёр иқтисодчиён чунин мепиндоранд, ки маркази иқтисодиёти ҷаҳон аз Аврупо ва ИМА тадрҷиан ба МОУО ҷойгузин хоҳад шуд [10]. Далелаш дар он аст, ки дар ин минтақа кишварҳои бузурги олам ҷойгиранд ва мубориза ҳои рақибонаи ширкатҳои бонуфузи фаромиллӣ (ТНК) дар минтақа сурат мегиранд. МОУО дар худ минтақаҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Осиёи Шарқӣ (Шимолу Шарқӣ) ва Осиёи Шарқии Бузургро дар бар мегирад. Аммо вобаста ба равандҳо, падидаҳо ва ҳамкории кишварҳои МОУО, махсусан иштироки кишварҳои асосии ҷаҳон (ИМА, Ҷопон, Россия ва Чин) минтақа ба маркази нави қувва ва зернизоми муносибатҳои байналхалқии ҷаҳон табдил ёфтааст.

Раванди регионализатсия дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ дар ибтидои асри XXI бештар мушоҳида гардид, ки беш дар пеш ба тағйирёбии низоми геополитикии минтақа ва ҷаҳон алоқамандӣ дорад. Мусаллам аст, ки дар Осиёи Марказӣ трансформатсияи геополитикӣ бо иштироки аслан кишварҳои абарқудрати Россия, ИМА ва Чин ҷараён дорад. Бо дарназардошти вазъияти кунунӣ коршиносони соҳа вобаста ба тавсифи ин вазъият ба ду гурӯҳ тақсим гаштаанд:

1. Гурӯҳи якум ба он назаранд, ки дар замони муосир дар минтақа раванди «Эҳёи шоҳроҳи Абрешим» ҷараён дорад, ки дар он ҶМЧ нақши калидиро мебозад.

2. Бар зидди гурӯҳи якум, гурӯҳи дуюм бар он назаранд, ки дар минтақа раванди «Бозии Бузурги Нав» ҷараён дорад, ки дар он на танҳо Россия, ИМА ва Чин, балки Ҷопон, Ҳиндустон, Покистон, Эрон, инчунин баъзе кишварҳои аврупоӣ ва арабӣ нақш ва мавқеи хоссаро соҳибанд [3, с. 123].

Бояд ёдовар шуд, ки нишонаҳои асосии раванди регионализатсия дар Осиёи Марказӣ метавонанд дар нуктаҳои зерин мушоҳида гарданд:

- баргузории вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ;
- ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои минтақа дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё;
- таҳаввулоти робитаҳои байнидавлатӣ бо ивазшавии роҳбарони нави баъзе кишварҳои минтақа (Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон) дар самтҳои гуногун;
- умумиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва динӣ ҳамчун омилҳои баҳамоии кишварҳои минтақа дар самти таҳкими ҳамкориҳои гуногунсоҳа;
- самтгирии сиёсати амниятмеҳварии кишварҳои минтақа вобаста ба қазияи Афғонистон ва наздикшавии ҳамкориҳои амниятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва низоми онҳо дар доираи СҲШ ва СПАД.

**Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди регионализатсия.** Ёдовар бояд шуд, ки ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди регионализатсия дар мисоли Осиёи Марказӣ муҳим ва назаррас мушоҳида гашта, дар сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишвар дар 30 соли Истиқлолияти давлатӣ ба рушди ҳамкориҳо дар минтақа аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад. Дар амалияи сиёсати хориҷии кишвар зери мафҳуми «минтақа» ба таври анъанавӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар назар дошта шудааст. Тоҷикистон ҳамкорӣ ва ҳамгироии густурдаи минтақавиро василаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад [5]. Дар санадҳои расмии соҳа дар ин бора таъкид мегардад, ки таҳкими муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои

Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Қазоқистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон бояд ҳамеша аз рӯйи эътимод, дӯстӣ ва ҳамкории судманд ба роҳ монда шаванд. Ҳадафҳо ва вазифаҳои муштарак дар минтақа кишварҳоро водор месозанд, ки бо истифода аз зарфиятҳои ҳар як кишвари минтақа барномаҳо ва стратегияҳои муштаракро дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ коркард намуда, бо дарназардошти манфиатҳои кишварҳои ҳамсоя сиёсати созанда ва устуворро пеша намоянд. Ин ҳам бошад, хусусияти махсуси раванди регионализатсия дар Осиёи Марказӣ мебошад.

Аҳамияти самти минтақавии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки имрӯз манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ ва рушди иқтисодии кишварҳои минтақа ба ҳам вобастагии зич дошта, таъмини комили рушду амнияти ҳар кишвар танҳо дар заминаи таъмини рушду амнияти минтақавӣ имконпазир мебошад. Ин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи унсурӣ ва фаъоли минтақа ҷонибдори ҳамкориву ҳамгароии минатқавӣ буда, ба рушди робитаҳои баробарсатҳ дар ин самт аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад [5].

Дар раванди регионализатсия солҳои охир ҳамкориҳои Тоҷикистон дар шакли (формати) гуногуни минтақавӣ ва байналмилалӣ густариш ёфтанд. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар форуми "Кишварҳои Осиёи Марказӣ" ва форматҳои "Осиёи Марказӣ + ИМА", "Осиёи Марказӣ +Кореяи Ҷанубӣ", "Осиёи Марказӣ + Япония", "Осиёи Марказӣ + Иттиҳоди Аврупо", "Осиёи Марказӣ + Ҳиндустон", "Осиёи Марказӣ + Чин" ва "Осиёи Марказӣ + Россия" ба таҳкими муколама ва амалишавии манфиатҳои умумӣ, тавассути татбиқи лоиҳаҳои мутақобилан мувофиқашуда мусоидат намуданд. Махсусан, соли 2020 раёсати Тоҷикистон дар Хазинаи байналмилалии наҷоти баҳри Арал, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва Раванди Истамбул оид ба Афғонистон оғоз шуд. [8, с.20]

**Минтақашиносии хориҷӣ.** Ҳанӯз соли 2013 дар факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кафедраи минтақашиносии хориҷӣ ифтитоҳ гардид, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои минтақавии муносибатҳои байналхалқӣ, равандҳои минтақавӣ, зернизомҳои минтақавӣ ва хислатҳои гуногуни минтақаҳои хориҷии машғул мебошад. Зарурати фаъолияти кафедраи минтақашиносии хориҷӣ барои Тоҷикистони камзамин, аммо аз ҷиҳати захираҳои табиӣ бой, пеш аз ҳама, дар пажӯҳиши минтақаҳои муваффақи ҷаҳон, зарфиятҳои онҳо, раванду сохторҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии онҳо, инчунин истифодаи таҷрибаи онҳо барои пешрафти мамлакатамон дониста мешавад. Мақсади асосии фаъолияти кафедра омода сохтани мутахассисони самти минтақаҳои хориҷӣ, ҷанбаҳои минтақавии муносибатҳои байналхалқӣ ва равандҳои минтақавӣ ба шумор меравад.

Дар охир вобаста ба мавзуи баррасишаванда ва натиҷагирии таҳлили раванди регионализатсия дар қаринаи дигаргуниҳои геополитикӣ ва рушди босуръати раванди ҷаҳонишавӣ якчанд хулосаҳоро манзур менамоем:

1. Регионализатсия маҳз воситаи пешгирии хатарҳои ғайрианъавӣ буда, шакли нави ҳамкориҳоро байни минтақаҳо ташкил медиҳад, ки онро метавон интеррегионализатсия низ номид.

2. Регионализатсия рақобати нави иқтисодии кишварҳоро дар доираи сохторҳои минтақавӣ бо мақсади ҳамқадамии раванди ҷаҳонишавӣ ба миён овард.

3. Регионализатсия шакли рақобати нави геополитикиро миёни кишварҳои абарқудрат дар доираи иттиҳодҳои минтақавӣ пурзӯр сохт. Дар ин радиф, тақсимшавии геополитикии ҷаҳон ба гурӯҳ ё блоки кишварҳои ғарбӣ бо сардории ИМА ва гурӯҳ ё блоки кишварҳои шарқӣ бо сардории Россия ба миён омад.

4. Регионализатсия ҳамчун падидаи нави рушди муносибатҳои байналхалқӣ шинохта мешавад, ки омили асосии рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ, ташкили иттиҳод ва созмонҳои минтақавӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, ташкили раванди ҳамгироӣ ва бартарафсозии проблемаҳои минтақавӣ ва глобалӣ арзёбӣ мегардад.

5. Регионализатсия дар асри XXI раванди фаъол ва муҳим дониста шуда, дар қаринаи дигаргуниҳои геополитикӣ, зуҳури хатарҳои нав, қафомонии раванди ҷаҳонишавии кишварҳои ғайри G-20 ва ҷиддӣ гаштани проблемаҳои глобалӣ барои кишварҳои рӯ ба инкишоф бештар мувофиқ ва зарур мебошад.

6. Регионализатсия давлатҳои гуногунсатҳи иқтисодиро ба худ ҷалб намудааст, ки дар асоси омилҳои на сиёсӣ, балки иқтисодӣ ба шаклгирии ҳамгироии иттиҳодҳо равона мегардад.

7. Муваффақият дар мукаммалшавии раванди ҳамгироии Иттиҳоди Аврупо дар қаринаи регионализатсия шавқ ва ҳавасмандии бузургро ба ҳамгироии минтақавии минтақаҳои дигари ҷаҳон ба миён овардааст.

8. СММ бо мақсади расидан ба 17 ҳадафи рушди устувори худ, раванди регионализатсияро метавонад самаранок истифода бурда, дар сатҳи минтақавӣ ва байниминтақавӣ, дар доираи иттиҳод ва созмонҳои минтақавӣ ҳамкориҳо ва ҳамоҳангсозиҳои густурдаро миёни кишварҳо баҳри рушди устувор ва суботи байналхалқӣ ба роҳ монад.

**Муқарриз: Анвари Сафарӣ- н.и.т., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абрамов Ю. А. Глобальная регионализация: к обоснованию понятия / Ю. А.Абрамов, В. И.Куйбарь // Социально-гуманитарные знания. -2008. -№ 1. -С. 242–250.
2. Анвари Сафарӣ. Ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ асоси ҳамкориҳои ниҳодӣ дар Осиёи Марказӣ //Паёми ДМТ. -2020. -№1 – С. 78.
3. Асламов Б.С. Роҳи бузурги абрешим: масоили Афғонистон ва бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ / Б.С.Асламов, С.Н. Умаров // Тоҷикистон ва ҷаҳони имруз. - №4 (42). – 2014. - С. 123.
4. Глобалистика: Энциклопедия. Под ред. И. И. Мазура, А. Н. Чумакова. -М.: Радуга, 2003. (Global studies: Encyclopedia / Ed. by I. I. Mazur, A. N. Chumakov. Moscow: Raduga, 2003).
5. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] 27 январи соли 2015, №332. [Манбаи электронӣ] URL: https://mfa.tj/?l=ru&art=1072 (санаи мурочиат: 26.08.2017).
6. Леонова О. Г. Глобальная регионализация как феномен развития глобального мира / О.Г. Леонова // Вестник “Век глобализации”. - №1. -2013. – С. 59–66.
7. Леонова О. Г. Россия и мир в XXI веке / О. Г.Леонова // Россия и мир в XXI веке. Вып. 4. -М.: Научный эксперт, 2010.
8. Муҳаммадзода П.А. Таҳлили дастовардҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020. / П.А. Муҳаммадзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. УДК: 502:338:502.171(575.3). – С. 20.
9. Нуриддинов Р.Ш. Сиёсати ҷаҳонӣ / Р.Ш.Нуриддинов, П.Ш.Нуриддинов. – Душанбе, 2016.– С.68.
10. Океанскую систему принято разделять на три крупные части: Австралия, Новая Зеландия, страны Океании. Основные очертания Новой Зеландии Zuidland, то есть «Южной земли» были установлены голландским мореплавателем Абелем Тасманом (1603—1659 гг.) в 1642—1673 гг.

11. Пайвандов Х.Б. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ – минтақаи рушдёбанда / Х.Б. Пайвандов //Паёми ДМТ. - 2019. -№9 – С. 136.
12. Пайвандов, Х.Б. Ҷанбаҳои минтақавии муносибатҳои байналмилалӣ (комплекси таълимӣ-методӣ) / Х.Б. Пайвандов, Ф.С. Розиқов. – Душанбе: 2019. – 400 с.
13. Паниятие Регионализация. https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%A0%D0%B5%D0%B3%D0%B8%D0%BE%D0%BD%D0%B0%D0%BB%D0%B8
14. Политическая энциклопедия: в 2 т. Т. 2. М. : Мысль, 1999. (Political encyclopedia: in 2 vols. Vol. 2. Moscow: Mysl, 1999).
15. Самиев Х.Д. Сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ / Х.Д. Самиев. – Душанбе, 2018. – С. 29.
16. Троицкий М. Глобальный регионализм и внешняя политика России / М. Троицкий // Свободная мысль. -2009. -№ 11. -С. 35–46. (Troitsky M. Global regionalism and foreign policy of Russia // Svobodnaya mysl. 2009. -№o. 11. Pp. 35–46).
17. Чумаков А. Н. Глобализация. Контуры целостного мира. 2-е изд./ А. Н. Чумаков. - М.: Проспект, 2011. (Chumakov A. N. Globalization. Contours of the complete world. 2nd ed. Moscow: Prospectus, 2011).
18. Шарипов А. Масоили мубрами Шарқи муосир / А.Шарипов. –Душанбе, 2016. – С. 220.
19. Юрий Федров. Современный терроризм: особенность и перспективы / Юрий Федров. - М.,2005. - С.3.
20. Hiinngi H. Interregionalism as a Multifaceted Phenomenon: in Search of a Typology // Interrcgionalism and International Relations. Ed. by H. HSnngi, R. Roloff. J. Rueland. L.: Routledge. 2006. P. 31-62.
21. Быков А.Н. Глобализации и регионализация: российские интересы и перспективы евразийской интеграции / А.Н. Быков // Российский экономический журнал. -2001. -№ 7. -С. 59-74.
22. Дергачев В.А. Регионоведение / В.А.Дергачев, Л.Б. Вардомский. - М.: Юнити Дана, 2004.
23. Евразийский экономический союз стал реальностью // http://www.vesti.ru/doc.html?id=2244042

## РЕГИОНАЛИЗАТСИЯ ҲАМЧУН ПАДИДАИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ МУОСИР

Мақолаи мазкур ба таҳлили минтақагароӣ ҳамчун падидаи рушди муносибатҳои байналхалқии муосир бахшида шудааст. Муаллиф мафҳуми мазкурро дар қаринаи глобализатсия таҳқиқ намуда, фазои ҷаҳони имрӯзро ҳамчун сохтори сесатҳа дида мебарояд. Аҳамияти раванди регионализатсия дар замони муосир дар баробари раванди ҷаҳонишавӣ зарурату аҳамияти хосса дорад. Чунин раванди объективӣ, аз як тараф, қисми ҷудонашвандаи раванди ҷаҳонишавӣ, аз тарафи дигар, пайомад ва натиҷаи раванди мазкур арзёбӣ мегардад. Ҳамчунин, таҳлили раванди регионализатсия дар қаринаи ҷаҳонишавӣ дар минтақаҳои гуногуни олам, махсусан дар минтақаи Осиё – ҳавзаи укёнуси Ором ва Осиёи Марказӣ, дар чаҳорчӯбаи ин мақола мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Дар низоми муосири муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ регионализатсия як раванди мубрам, ногузир ва аҳамиятнок дониста мешавад, ки зарурати иқтисодӣ ва амниятии раванди мазкур дар мақолаи мазкур баррасӣ шудааст. Дар қаринаи регионализатсия минтақаи Осиёи Марказӣ бо омилҳои минтақавӣ, амниятӣ, иқтисодӣ ва фаъолияти сохторҳои минтақавӣ вобаста ба омилҳои геополитикӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Ҳамзамон, дар мақола нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди регионализатсия ва аҳамияти ҳамкориҳои минтақавии кишвар бо дарназардошти дигаргуниҳои низоми минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таҳлил шудааст.

**Калидвожаҳо:** регионализатсия, сохтори минтақавӣ, ҷаҳонишавӣ, макрорегион, мегарегион, раванд, тамоюл, падида, зернизом, регионализм, интегратсия, сиёсати хориҷӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ, стратегия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, МОУО, Осиёи Марказӣ, муносибатҳои байналхалқӣ, геополитика, СММ, ҳадафҳои рушди устувор.

## РЕГИОНАЛИЗАЦИЯ КАК ФЕНОМЕН РАЗВИТИЯ СОВРЕМЕННЫХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

Данная статья посвящена анализу регионализма как феномена развития современных международных отношений. Автор исследует это понятие в контексте глобализации и рассматривает пространство современного мира как трехуровневую структуру. Процесс регионализации в современности, наряду с процессом глобализации, имеет особую необходимости и значение, и это является поводом для исследования. Такой объективный процесс, с одной стороны, является составной частью процесса глобализации, с другой стороны, важны последствия и итоги этого процесса. Также в рамках данной статьи изучается и обсуждается анализ процесса регионализации в условиях глобализации в разных регионах мира, особенно в Азиатско-Тихоокеанском регионе и Центральной Азии. В современной системе международных

отношений и мировой политике регионализация является актуальным, неизбежным и значимым процессом, экономические и силовые факторы которого рассматриваются в данной статье. В контексте регионализации изучен и проанализирован центральноазиатский регион с безопасностью, экономическими и геополитическими факторами, связанными с деятельностью региональных структур. В то же время в статье анализируется роль Республики Таджикистан в процессе регионализации и значение регионального сотрудничества в стране с учетом изменений в региональной и глобальной системе.

**Ключевые слова:** регионализация, региональная структура, глобализация, макрорегион, мегарегион, процесс, тенденция, явление, подсистема, регионализм, интеграция, внешняя политика, региональное сотрудничество, стратегия, Республика Таджикистан, АТР, Центральная Азия, международные отношения, геополитика, ООН, Цели устойчивого развития.

**REGIONALIZATION AS A PHENOMENON OF THE DEVELOPMENT OF MODERN INTERNATIONAL RELATIONS**

This article is devoted to the analysis of regionalism as a phenomenon of the development of modern international relations. The author explores this concept in the context of globalization and considers the space of the modern world as a three-level structure. The significance of the regionalization process in modern times, along with the process of globalization, is of particular necessity and importance, and this is the reason for the study. Such an objective process, on the one hand, is an integral part of the globalization process, on the other hand, the consequences and results of this process are evaluated. Also, within the framework of this article, the analysis of the process of regionalization in the context of globalization in different regions of the world, especially in the Asia-Pacific region and Central Asia, is studied and discussed. In the modern system of international relations and world politics, regionalization is an urgent, inevitable and significant process, the economic and power factors of which are considered in this article. In the context of regionalization, the Central Asian region with security, economic and geopolitical factors associated with the activities of regional structures has been studied and analyzed. At the same time, the article analyzes the role of the Republic of Tajikistan in the process of regionalization and the importance of regional cooperation in the country, taking into account changes in the regional and global system.

**Keywords:** regionalization, regional structure, globalization, macro-region, mega-region, process, trend, phenomenon, subsystem, regionalism, integration, foreign policy, regional cooperation, strategy, Republic of Tajikistan, Asia-Pacific, Central Asia, international relations, geopolitics, UN, Sustainable Development Goals.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Пайвандов Хайриддин Бобомуродович -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **khayriddinjon@mail.ru** **Тел.: (+992) 985-56-25-30**

**Сведения об авторе: Пайвандов Хайриддин Бобомуродович -** Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры международных отношений факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **khayriddinjon@mail.ru** **Тел.: (+992) 985-56-25-30**

**Information about the author:** ***Payvandov Khayriddin Bobomurodovich*** **-** Tajik National University, candidate of historical sciences, Senior teacher, Department of International Relations, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **khayriddinjon@mail.ru** **Тел.: (+992) 985-56-25-30**

УДК 327

# ЕВРАЗЭС: МАРҲАЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШД

*Иброгимова Г.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар рушду такомули кишварҳои Осиёи Марказӣ созмонҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ таъсир гузоштаанд, ки онро метавон омили муҳим дар муносбатҳои байналмилалии кишварҳои мазкур донист.

Аз ин лиҳоз ҷиҳати муайян кардани робитаи кишварҳои Осиёи Марказӣ бо созмону ҷамъиятҳо бояд як қатор асноду мадорике мавриди баррасӣ қарор дода шаванд, ки характери муносибатҳои онҳоро муайян карда тавонанд.

Яке аз ин гуна созмонҳо, ки дар фазои пасошуравӣ дар миёни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба вуҷуд омадааст, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ЕврАзЕС) ва идомаи рушди он Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ЕАЭС) мебошад, ки онро Иттиҳоди гумрукӣ низ меноманд. Бо назардошти матлаби зикршуда лозим меояд, ки омӯзиши масъаларо аз муайян намудани асосҳои ҳуқуқию сиёсии ин созмон оғоз намоем.

Раванди таъсис ва рушду такомули созмони Ҷомеаи иқтисодии Авруосиё (ҶИА) дар асоси чунин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ шакл гирифт ва то соли 2015 асосан миёни панҷ кишвари минтақаи Авруосиё фаъолият менамуд: Созишнома миёни ҷумҳуриҳои Белорусия, Қазоқистон ва Федератсияи Россия дар бораи таъсиси Иттиҳоди гумрукӣ аз 6 ва 20 январи соли 1995; «Шартнома дар бораи амиқсозии ҳамгироӣ дар соҳаи иқтисодӣ ва гуманитарӣ»; Ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Қирғизистон ба созишнома дар бораи Иттиҳоди гумрукӣ аз моҳи марти соли 1996; «Шартнома дар бораи амиқсозии ҳамгироӣ дар соҳаи иқтисодӣ ва гуманитарӣ» аз 29 марти соли 1996;«Шартномаи Иттиҳоди гумрукӣ ва Фазои ягонаи иқтисодӣ» аз 26 феврали соли 1999; Қарори Шурои байнидавлатӣ аз 26 феврали соли 1999 оиди пазируфта шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Иттиҳоди гумрукӣ; Шартнома оид ба таъсиси Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аз 10 октябри соли 2000 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва аз 30 майи соли 2001 пайдо кардани эътибори ҳуқуқии он; Қарор оиди ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба «Шартнома дар бораи таъсиси ЕврАзЭС» аз 10 октябри соли 2000; Созишнома миёни хукуматҳои ҷумҳуриҳои Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар бораи сафари бидуни раводид бо Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2000 (бо тағйиру иловаҳо аз 24 марти соли 2005); Қарори Шурои байнидавлатӣ «Дар бораи ташакулли заминаи ҳуқуқии Иттиҳоди гумрукӣ дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё» аз 15 -17 августи соли 2006 дар шаҳри Сочи; Маҷмуи ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар бораи ташкили Иттиҳоди гумрукӣ миёни Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Белорус ва Қазоқистон дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, аз ҷумла «Дар бораи тартиби ҳамроҳшавӣ ва хориҷшавӣ аз Иттиҳоди гумрукӣ», «Дар бораи таъсиси мақоми олии Иттиҳоди гумрукӣ» дар ҷаласаи Шурои байнидавлатӣ, моҳи октябри соли 2007 дар шаҳри Душанбе; Созишнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аз 29 майи соли 2014 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон; таъсиси Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аз ҳисоби ҷумҳуриҳои Белорус, Қазоқистон, Арманистон Қирғизистон ва Федератсияи Русия аз 1-уми январи соли 2015.

Тавре маълум аст, ҳар як созмоне, ки миёни давлатҳо ба вуҷуд меояд, марҳалаҳои гуногуни рушду такомулро аз сар мегузаронад. Тағйирёбии созмонҳо раванди қонунӣ буда, нишон медиҳад, ки таҳаввулоти фикрӣ оид ба вазифа ва амалкардҳои созмон мутобиқ ба равандҳои гуногуни таърихӣ ҷараён гирад.

Таҳаввули созмонҳо бошад, як раванди умумӣ ва мураккабе мебошад, ки вазифаҳои созмонро мутобиқ ба марҳалаҳои таърихӣ муайян менамояд. Ба ин далел

метавон асосҳои назариявии зикршударо дар равандҳои трансформатсионии созмони Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё мушоҳида намуд.

Дар марҳалаи имрӯза ҳар як давлат барои ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххаси худ метавонад дар созмонҳои иқтисодӣ аъзо шуда, фаъолона иштирок намояд. Аз ин лиҳоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди кишварҳои дигари дунё, бояд дар асоси сиёсати либералӣ дар ҳамкорӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ дастрасӣ пайдо карда, дар бозори ҷаҳонӣ шарикони стратегии худро дошта бошад. Иҷрои ин ду муқаррарот тавассути узвияти Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ имконпазир аст.
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 30 апрели соли 2007 чунин қайд намудаанд: «Рақобати шадиди геополитикӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, инчунин афзоиши кӯшишҳои беруна барои аз худ кардани захираву имкониятҳо Тоҷикистонро водор месозад, равандҳои ҳамгироии муосирро дастгирӣ намоянд, аз ҷумла бо истифода аз воситаҳо ва механизмҳои ЕврАзЭС» [12, с.38].

Бояд қайд намуд, ки раванди бунёдии созмони ЕврАзЭС аз соли 1995 оғоз ёфт ва дар ин замина 6 январи соли 1995 Созишнома миёни ҷумҳуриҳои Белорусия, Қазоқистон ва Федератсияи Россия дар бораи таъсиси Иттиҳоди гумрукӣ ба имзо расид ва 20-уми январи ҳамон сол Ҷумҳурии Қазоқистон ба ин иттиҳод ҳамроҳ шуд.

Дар асоси созишномаи мазкур ҳадафҳо ва принсипҳои ташкили Иттиҳоди гумрукӣ, механизм ва марҳалаҳои таъсиси он, тартиби фаъолият, инчунин тақсими боҷҳои гумрукӣ, андоз ва пардохтҳо, шартҳои ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои муваққатӣ ва назорати гумрукӣ дида баромада шуданд.

Моҳи марти соли 1996 Ҷумҳурии Қирғизистон ба созишномаи Иттиҳоди гумрукӣ ҳамроҳ шуд ва дар ин замина 29 марти соли 1996 Созишнома оид ба амиқсозии ҳамгироӣ дар соҳаи иқтисодӣ ва гуманитарӣ ба имзо расонида шуд.

Дар асоси мақсад ва муҳтавои фаъолияти Иттиҳоди гумрукӣ соли 1999 Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим омад ба «Шартномаи Иттиҳоди гумрукӣ ва Фазои ягонаи иқтисодӣ» ҳамроҳ шавад, ки ин барои боло рафтани мақом ва мавқеи Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои минтақаи Авруосиё заминаи боэътимодеро ба миён овард.

Қабули қарор дар бораи табдили Иттиҳоди гумрукии «панҷгона» ба як созмони мукаммали байнидавлатӣ барои Тоҷикистон аҳамияти бузургеро доро буд. Зеро ҳамроҳ шудани Тоҷикистон мақсадҳои ташкили иттиҳоди ҳамгироиро боз ҳам қавитар гардонид [10,с.121].

Ба сатҳи сифатан нав гузаштани ҳамкориҳо миёни панҷ давлати Иттиҳоди гумрукӣ ин Шартномаи таъсиси Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё мебошад, ки 10 октябри соли 2000 аз ҷониби сарони давлатҳои ИИА дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон ба тасвиб расид ва аз 30 майи соли 2001 эътибори ҳуқуқӣ пайдо намуд.

Асосҳои ҳуқуқии ИИА-ро на танҳо шартномаҳои дар боло зикршуда, балки тавре аз муқаддимаи он бармеояд, «Созишнома дар бораи Иттиҳоди гумрукӣ» аз 6 ва 20–уми январи соли 1995, «Шартнома дар бораи амиқсозии ҳамгироӣ дар соҳаи иқтисодӣ ва гуманитарӣ» аз 29 марти соли 1996 ва «Шартномаи Иттиҳоди гумрукӣ ва Фазои ягонаи иқтисодӣ» аз 26 феврали соли 1999 ташкил медиҳанд.

Мавриди зикр аст, ки барои дарки бештари ЕврАзЭС на фақат «Шартнома дар бораи таъсиси ЕврАзЭС», балки ба эътибор гирифтани созишномаҳои қаблӣ низ лозим аст [10, с.122].

Бояд қайд кард, ки дар заминаи ҳамкориҳои иқтисодӣ аз 31 майи соли 2001 бо иштироки сарони кишварҳои Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия ва Тоҷикистон оғози фаъолияти амалии созмони нави байналмилалӣ - ИИА муаррифӣ гардид, ки он марҳалаи мантиқии бақайдгирии сохтори ташкилию ҳуқуқии муттаҳидшавии панҷ кишвари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро нишон медод, ки мақсад ва муҳтавои асосии он ҳамгироии бештар барои пешрафти босуботи раванди

ташаккули Иттиҳоди гумрукӣ ва Фазои ягонаи иқтисодӣ миёни кишварҳои минтақаи Авруосиё мебошад.

Мавқеи ИИА дар фазои ҳамгироии иқтисодӣ миёни кишварҳои минтақаи Авруосиё имкон дод, моҳи декабри соли 2003 дар Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид мақоми нозириро пайдо кунад, ки маънои эътирофи иттиҳоди ҳамгироӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дар заминаи ҳамкориҳо миёни кишварҳои аъзо 10 октябри соли 2000 Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба «Шартнома дар бораи таъсиси ЕврАзЭС» ҳамроҳ шуд. Узвияти Ӯзбекистон дар ин созмонро метавон марҳалаи наве дар таҳким ва рушди ҳамкориҳо дар минтақаи Авруосиё номид. Зеро шомилшавии Ӯзбекистон метавонист раванди ҳамгироии ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказиро бо Иттиҳоди иқтисодии Авруосиёро боз ҳам тақвият бахшад. Вале бо сабабҳои мутобиқ нашудан бо талаботҳои иттиҳод ин кишвар аз ҳамкорӣ бо ИИА даст кашид.

Барои тавзеҳи гуфтаҳои боло метавон ба далелҳои нақзи уҳдадориҳо, аз тарафи кишвари ҳамроҳшуда ба иттиҳод, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ишора намоем.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар нишасти сарони кишварҳои Ҷомеаи иқтисодии Авруосиё аз 25 январи соли 2006 дар Санкт-Петербург тасмим гирифта шуд, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ин иттиҳод ворид шавад. Дар робита бо масъалаи мазкур рӯйхати созишномаҳои байналмилалии ЕврАзЭС таҳия карда шуд ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон тибқи ҷадвали муқаррargардида вориди он мешуд.

Новобаста аз ҳуҷҷатҳои анҷомдодашуда, Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебоист корҳои зиёдеро барои мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои дар ИИА амалкунанда пешниҳод менамуд. Дар ин росто Ҷумҳурии Ӯзбекистон омодагии худро барои риояи муҳлатҳои муқаррарнамуда изҳор дошт, ки бидуни ҳама гуна давраи гузариш ва ё транзитӣ буд.

Дар навбати аввал, Ӯзбекистон вазифадор буд ба 20 созишнома ва шартномаҳо ҳамроҳ шавад. Вале дар муддати муқарраршуда Ӯзбекистон танҳо ба чор ҳуҷҷат, дутои он бо сафари бидуни раводид барои шаҳрвандони Тоҷикистону Қирғизистон марбут буд, ки барои кишварҳои зикршуда аҳамияти хос дошт, ба эътибор гирифта нашуд. Ҳол он ки тибқи шартномаи муқарраршудаи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шартномаҳоро пурра ба уҳда гирифта буд.

Мутобиқи Созишномаи ҳукуматҳои ҷумҳуриҳои Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сафари бидуни раводид бо Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2000 (бо тағйиру иловаҳо аз 24 марти соли 2005), шаҳрвандони давлатҳои аъзои ИИА новобаста аз ҷойи истиқомати доимӣ, ҳуқуқи ворид шудан, рафтан, транзит, ҳаракат ва иқомати бидуни раводидро дар қаламрави якдигар доштанд. Аммо ҳангоми имзои ин созишномаҳо Ӯзбекистон шарт гузошт, ки низоми раводид миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон нигоҳ дошта шавад.

Чуноне ки аз қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқии шомил шудан ба ЕврАзЭС бармеояд дар асоси қарори Шурои байнидавлатӣ «Дар бораи ташаккули заминаи ҳуқуқии Иттиҳоди гумрукӣ дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (15 -17 августи соли 2006 дар Сочи), моҳи октябри соли 2007 дар шаҳри Душанбе дар ҷаласаи Шӯрои байнидавлатӣ маҷмуи ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар бораи ташкили Иттиҳоди гумрукӣ миёни Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Белорус ва Қазоқистон дар чаҳорчӯбаи ИИА, аз ҷумла дар бораи тартиби ҳамроҳшавӣ ва хориҷшавӣ аз Иттиҳоди гумрукӣ, инчунин дар бораи таъсиси мақоми олии Иттиҳоди гумрукӣ қабул карда шуда буд [10,с. 131].

Ҷумҳурии Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар алоҳидагӣ дар баробари омода шуданашон метавонистанд ба ин иттиҳод ҳамроҳ шаванд. Дар ин маврид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намудаанд: «Тоҷикистон аллакай ва воқеан омодаи шомил шудан ба Иттиҳоди гумрукӣ ва

Фазои ягонаи иқтисодӣ аст. Аммо монеаи ягона дар ин аст, ки кишвари Тоҷикистон бо Русия Қазоқистон ва Белорус марзи муштарак надорад, гарчанде дар масъалаи омодасозиии ҳуҷҷатҳо Тоҷикистон аз кишварҳои узви ИИА ақиб намонда буд» [4, с. 99-102].

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон қайд кард, ки мушкилоти асосии ИИА ҳамкории нокифояи тарафҳо дар бахши воқеии иқтисодӣ мебошад. Аз ин лиҳоз барои рушди баробари иқтисодии кишварҳои иттиҳод механизми дастгирии минтақаҳои ақибмонда таҳия карда мешуд, ки ба ин, пеш аз ҳама Тоҷикистон ва Қирғизистон дохил шуда метавонанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки низоми тақсими овозҳо дар ИИА ва лоиҳаи Иттиҳоди гумрукӣ, ки аз тарафи Россия, Белорус ва Қазоқистон таҳия шуда буд, асосан манфиати давлатҳои бузургро ҳимоя мекард ва наметавонист рушди мутақобилаи судманди давлатҳои аъзоро таъмин намояд. Дар чунин шароит Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба қатори давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рӯ ба рушд дохил аст, метавонад суд барорад.

Бо назардошти матлаби зикршуда муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Ҳ. Саидов чунин мегӯяд: «Вазифаҳои асосии Ҷомеаи иқтисодии Авруосиё, пеш аз ҳама, яксон кардани тарофаҳои гумрукӣ ва таъсиси Иттиҳоди гумрукӣ мебошад. Аъзоёни созмон тамоюл бар он доштанд, ки то охири соли 2006 асноду мадорики меъёриву ҳуқуқии созмонро омода намоянд. Аммо вазифаи мазкурро дар чорчӯбаи ин созмон анҷом дода натавонистанд» [13,с.254].

Дар шароити наве, ки Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аз ҳисоби ҷумҳуриҳои Белорус, Қазоқистон, Федератсияи Русия, Арманистон ва Қирғизистон аз 1-уми январи соли 2015 эътибори қонунии худро пайдо кардааст, як шакли ҳамгироии иқтисодии панҷ кишвари минтақаи Авруосиё дар доираи иттиҳоди иқтисодии ҳамгироии байналмилалӣ номидан мумкин аст. Дар робита ба ин масъала муҳаққиқи шинохта Буваева чунин қайд менамояд: «Танзими гумрукӣ дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дар заминаи ҳуқуқи гумрукии байналмилалӣ баррасӣ мешавад» [3, с.65].

Таъсиси Иттиҳоди гумрукӣ ва Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, ки бо мақсади рушди минбаъдаи ҳамкорӣ, таҳким ҳамгироии иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишварҳои иштирокчӣ дар бозори ҷаҳонӣ дар назар гирифта шудааст, метавонад барои таҳким бахшидани ҳамкориҳои гуногунҷанба миёни кишварҳои минтақаи Авруосиё мусоидат намояд.

Тавре аз нишондодҳои муҳаққиқон бармеояд, таҷрибаи ҳамкорӣ дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) «Як навъ идомаи иттиҳод ҳамчун иттиҳодияи ҳамгироии Ҷомеаи иқтисодии Авруосиё (ЕврАзЭС), Иттиҳоди гумрукӣ ва Фазои ягонаи иқтисодӣ ва Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ИИА) мебошад, ки дар доираи он ташкил шуда буд» [2,с.16-19].

Дар марҳалаи кунунӣ беш аз 30 муқаррароти техникии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё таҳия шудааст. Аз 1-уми январи соли 2012 се кишвар -Россия, Белорус ва Қазоқистон ҳамгироии фазои ягонаи иқтисодиро ташкил додаанд ва дар ин замина 17 созишнома ба тасвиб расонида шудааст, ки аз танзими фаъолияти ягонаи иқтисодӣ миёни кишварҳои минтақаи Авруосиё дарак медиҳад.

Яке аз муҳимтарин маҳсулоти содиротӣ дар муносибатҳои тиҷоратии кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё захираҳои энергетикӣ мебошанд, ки қариб 50% ҳаҷми умумии содиротро ташкил медиҳад.

Маҳсулоти мошинасозӣ, савдои воситаҳои нақлиёт, маҳсулоти химиявӣ ва металлургия миёни кишварҳои иттиҳод мавқеи худро пайдо карда истодаанд.

Дар миёни кишварҳои Иттиҳод содироти Федеретсияи Россия тақрибан аз се ду ҳиссаи ҳаҷми тиҷорати мутақобиларо ташкил дода, тадриҷан афзоиш ёфта истодааст.

Ҳамкориҳои гумрукии Комиссияи иқтисодии Авруосиё, Шартномаи ҳуқуқии Иттиҳоди гумрукӣ ва Фазои ягонаи иқтисодӣ дар баробари Кодекси гумрукӣ дар шартномаҳои байналмилалӣ дар ҷойи 30-юм меистад, ки 9-тои он аз 1-уми январи соли 2015 аҳамияти худро гум кардаанд.

Дар доираи ин ҳамгироиҳо меъёрҳои 16 шартномаи байналмилалӣ аз нав дида баромада шуда, дар шаклиислоҳшуда ба лоиҳаи Кодекси гумрукии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ворид карда шуданд.

Айни ҳол чунин шартномаҳо миёни давлатҳои аъзо 5 адад мебошад, ки ба ин дохил мешавад: Созишнома оид ба фаъолияти ҳайати мушовараи хадамоти гумрукии давлатҳои аъзои Иттиҳоди гумрукӣ, Фаъолияти намояндагиҳои хадамоти гумрук, ки хусусияти ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашидани шахсонро муайян мекунад ва ё ин ки ёрии ҳуқуқӣ ва ҳамкории мақомоти гумруки давлатҳои узви Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дар парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дида мебарояд.

Аз рӯйи таҳлилҳои коршиносони тоҷик: а) дар шароити кунунӣ иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ барои таҳкими нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ, рушди ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо давлатҳои гуногун ниҳоят муҳим мебошад; ҳифзи пайвастаи манофеи миллии Тоҷикистон аз тариқи созмонҳои бешумори байналмилалӣ, бешубҳа, ба таҳкими суботу амният ҳам дар дохили кишвар ва ҳам ҷомеаи ҷаҳонӣ, инчунин ба густариши минбаъдаи ҳамкориҳо бо дигар давлатҳо мусоидат хоҳад кард; б) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи созмонҳои минтақавӣ мақсади ташкили механизми самарабахши ҳамкориро барои ҳалли мушкилоти минтақавӣ пеш бурда, аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳо, таъмини низоми муосири нақлиётиву транзитӣ, содагардонии ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва саноатӣ, истифодаи самараноки иқтидори гидроэнергетикӣ ва захираҳои сӯзишворӣ, ташкили системаи ягонаи энергетикӣ, ҳаракати озоди неруи кориро аз ташкил ва густариш додани ҳамкориҳоро дар фазои Иттиҳоди гумрукӣ ва Фазои ягонаи иқтисодӣ медонад.

Ҳамзамон, дар доираи созмонҳои минтақавӣ, масъалаи таҳияи дурнамои ягонаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва устувории экологии истифодаи захираҳои табиии фаромарзиро метавон рушд бахшад. Рушди ҳамкориҳои минтақавӣ, бахусус бо кишварҳои ҳамсоя омили муҳимест, ки метавонад ба амалӣ намудани ҳадафҳои рушди ҳазорсолаи кишварамон Тоҷикистон мусоидат намояд.

Дар робита бо маълумотҳои овардашуда метавон ба чунин натиҷа расид:

1) Пас аз барҳамхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар фазои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил як қатор созмонҳое таъсис дода шуданд, ки аз рӯйи муҳтаво ва характер, назар ба ҷараёни тағйирёбии худ гуногун буда, қобилияти онро доранд, ки дар ҳайати худ давлатҳоро шомил созанд ва раванди ҳамгироиро тағйир диҳанд.

2) Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ЕврАзЭС) яке аз чунин созмонҳое мебошад, ки дар заминаи иштироки озоди кишварҳо ташкил шудааст ва бар асари таҳаввулоте, ки дар он рух додаст, то ба имрӯз шакли Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ЕАЭС)- ро гирифтааст ва аз бисёр ҷиҳат ҷанбаҳои мусбату манфии худро нишон додааст.

3) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди таъсис ва ташаккули Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё мавқеи муайяни худро дошт ва ҳамеша аз нуктаи назари манфиатҳои миллии худ амал кардааст.

4) Дар айни замон мавқеи усулии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардани муносибати худ бо Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё мебошад. Вобаста ба ин масъала Ҳукумати кишвар ба таври расмӣ эълон доштааст, ки мавзуи ҳамроҳ шудан ба ин иттиҳод дар ҳолати омӯзиш ва баррасӣ қарор дорад.

**Муқарриз: Розиқов Фарҳод – н.и.т., дотсенти ДМТ**

## АДАБИЁТ

1. Алчинов В.М. СНГ- Россия-Евросоюз. Прблемы и переспекивы интеграции / В.М. Алчинов. - М.: Восток-Запад, 2008.
2. Берлявский Л.Г. Трансформация Таможенного союза в Евразийский экономический союз / Л.Г.Берлявский, И.В. Куликова // Российская юстиция. - 2015. -№ 4.
3. Буваева Н.Э. Международное таможенное право: учебник для Магистров / Н.Э. Буваева. - М., 2013.
4. Выступление Э.Ш. Рахмонова на внеочередном заседании Межгоссовета 15-17 августа 2006 г. в Сочи // Дипломатия Таджикистана// Информационный бюллетень. -2006. -№ 16. -С. 99-102.
5. Декларация о суверенитете Таджикской Советской Социалисти- ческой Республики 24 августа 1990 г. - Душанбе, 1990.
6. Дипломатия Таджикистана. Ежегодник - 2007. Внешняя политика Республики Таджикистан: хроника и документы./Под ред. Х.Зарифи.- Душанбе, 2010.
7. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух томах. //Под общей редакцией Хамрохона Зарифи). Серия: Внешняя политика Таджикистана. Душанбе: Ирфон, 2009.
8. Ибрагимова Г. С. Некоторые современные теоретико-методологические подходы исследования истории создания и развития международных организаций / Г. С. Ибрагимова // Вестник Таджикского национального университета. -№ 9. -2018. -С.85-90.
9. Кутейников А.Е. Международные межправительственные организации. Теоретико-социологический анализ / А.Е. Кутейников. -С.-Пб: Издательство Санкт- Петербургского университета, 2012.
10. Мансуров У. А. Международно - правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан с международными межправитель ственными организациями: Дисс.канд. юрид. наук / У. А. Мансуров. - Москва, 2008.
11. Международно-правовые основы создания и функционирования Евразийского экономического союза / К.А. Бекяшев, Д.К. Бекяшев, С.Ю. Кашкин и др. Отв. ред. Е.Г. Моисеев. — М.: Проспект, 2014.
12. Послание Э.Ш. Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан, Душанбе.30 апреля 2007 г.: http:// vvww.president. tj/rus/ payomho2007.htm.
13. Саидов Х.С. Новые независимые государства Центральной Азии: становление и развитие как акторов международных отношений / Х.С.Саидов, И.Н. Наимов. - Душанбе, 2019.
14. Саидов Х.С. Республика Таджикистан и Российская Федерации:
стратегическое партнёрство в действии: научная монография / Х.С. Саидов. - Душанбе, РТСУ, 2017.
15. Саидов З. Основные тенденции внешней политики РТ на рубе же столетия (1992-2004 гг.)/ З.Саидов.- Душанбе, 2009.


## ЕВРАЗЭС: МАРҲАЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШД


Дар мақола заминаҳои ҳуқуқию сиёсии Созмони Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дида баромада шуда, масъалаҳои зарурияти таърихии созмони мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Зимни баррасии масоили зикршуда мушкилоте, ки дар раванди ҳамгироии созмон ба вуҷуд омадаанд, нишон дода шуда, механизми бартараф кардани камбудиҳо ба таври илмӣ асоснок карда шудааст. Мавриди зикр аст, ки ЕврАзЭС ҳангоми ташкил ёфтан ва фаъолияти худ чандин марҳалаҳои муҳимро аз сар гузаронидааст, ки дар ин раванд мавқеъгирии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз аҳамияти муҳим бархӯрдор аст. Муаллиф зикр мекунад, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи рушди таърихии худ дар як ҳадди муайян ҳамгирои доштанд. Ин имкон медиҳад, ки кишварҳои мазкур дар ҳар гуна иттиҳоди ҳамгирой, ки дар фазои пасошуравӣ бунёд меёбанд, механизми муштараки ба он дохил шуданро пайдо намоянд. Дар робита ба мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин созмон ишора мегардад, ки баъд аз ташкили ЕврАзЭС Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари мустақил мавқеи худро маълум намуда, бо назардошти манофеи миллӣ амал мекунад.



**Калидвожаҳо:** асосҳои ҳуқуқию сиёсӣ, ЕврАзЭс, ЕАЭС, Иттиҳоди гумрукӣ, ҳамгирой, созишнома, шарикони иқтисодӣ, раводид, пешомадҳо, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, Федератсияи Россия, содирот.


## ЕВРАЗЭС: СТАДИИ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ


В статье рассматриваются правовые и политические основы Евразийского экономического сообщества, историческая необходимость организации и тенденции вступления стран Центральной Азии в этот Союз. В процессе анализа этих вопросов были выявлены проблемы в процессе интеграции этой организации и научно обоснованы механизмы их устранения. Следует отметить, что в своей деятельности ЕврАзЭС прошел ряд важных этапов, в которых большое значение имеет позиция стран Центральной Азии. В связи с этим автор отмечает, что страны Центральной Азии, исходя из исторического развития, находятся на определённом уровне интеграции, что позволяет этим государствам найти механизм общего подхода к вопросу вхождения в различные объединения на просторах бывшего Советского Союза.Относительно позиции Республики Таджикистана по поводу целесообразности вступления в данную организацию отмечается, что после создания ЕврАзЭС Республика Таджикистан заявила о своей позиции, исходя из национальных интересов. Относительно вступления в Евразийский экономический союз

(ЕврАзЭС) необходимо отметить, что в настоящее время Республика Таджикистан не является членом этого союза, и на государтственном уровне рассматривается этот вопрос.

**Ключевые слова**: политико-правовая база, ЕврАзЭС, ЕАЭС, Таможенный союз, интеграция, договор, экономические партнёры, виза, перспектива, Республики Центральной Азии, Российская Федерация, экспорт.

**EURASIAN ECONOMIC COMMUNITY: PHASES OF FORMATION AND DEVELOPMENT**

The article covers legal and political framework of the Eurasian Economic Community and analyzes the historical importance of this organization.Throughout the analysis of the issues, problems of integration and mechanism of resolving them has been identified scientifically. It is relevant to note that the Eurasian Economic Community during its formation and operation has gone through a number of important stages, in which the position of Central Asian countries played an important role. The author notes that the Central Asian Countries in the context of historical developments have to some extend already integrated. This will allow countries to find a common mechanism for joining any integration that emerges in the post – Soviet territory. In connections with the position of the Republic of Tajikistan in this organization, it is noted that after the establishment of the Eurasian Economic Community, the Republic of Tajikistan as an independent state will identify it position with consideration of national interest and will join this organization.After surpassing a period of time, the organization of Eurasian Economic Community established its historical role and changed its name.

Legally the Republic of Tajikistan has not joined this organization and the issue of Tajikistan's joining is currently under the consideration of the government.

**Keywords:** legal and political basis of Eurasian Economic Community, Customs Union, integration, agreement, economic partners, visa, forecast, Central Asian Countries, Russian Federation, export.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Иброгимова Гавҳар Саймудиновна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ.
**Суроға:** 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **gavharibrogimova@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ибрагимова Гавхар Саймудиновна*** - Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент, заведующая кафедрой новой и новейшей истории зарубежных стран **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки,17.E-mail: **gavharibrogimova@mail.ru**

**Information about the author:** ***Ibragimova Gavhar Saimuddinova*** – Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor, head of the Department of modern and contemporary history of foreign countries. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **gavharibrogimova@mail.ru**

УДК:327.3(620)

# РУШДИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ШОҲИГАРИИ АРАБИСТОНИ САУДӢ ДАР МУНОСИБАТ БА ДАВЛАТҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*Холиқзода Абдурозиқ*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ дар даҳаи сеюми қарни XXI ҳамчун субъектҳои мустақили муносибатҳои байналмилалӣ дар бунёди тартиботи муосири ҷаҳонӣ ва равандҳои микросиёсӣ ҷойгоҳи хосро ишғол мекунанд. Далели ба расмият шинохта шудани ин давлатҳо рӯйдоди дорои аҳамияти ҷаҳонӣ мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин воқеият бисёре аз кишварҳо нисбат ба ин минтақа таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд. Яке аз ин кишварҳо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ мебошад, ки аҳамият ва мақоми ин давлат дар муносибатҳои байналмилалии муосир ҳамчун маркази ҷаҳони ислом шакку шубҳа ба миён намеорад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки муҳаққиқон нисбат ба ин масъала бархӯрдҳои мухталиф нишон медиҳанд. Вавилов А. И. чунин қайд мекунад: «Рӯ овардан ба таърихи начандони дури ин мамолик имкон медиҳад қайд намоем, ки ҷумҳуриҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ робитаҳои мустақими дипломатӣ барқарор карданд. Арабистони Саудӣ бошад, дар навбати хеш, худро муҳраи марказӣ ва асосӣ дар ҷаҳони ислом медонад ва бо кишварҳое дар дараҷаи аввал робита барқарор менамояд, ки худро ҳамчун кишвари исломӣ эътироф мекунанд» [3,с.73]. Арабистони Саудӣ давлатҳои Осиёи Марказиро ба ҳайси давлатҳои мусулмонӣ мепазирад ва барои таъйиди сиёсати худ ба далели таърихӣ рӯ меорад. Бавежа ба хотири ин ШАС кӯшиш мекунад, ки бо ин давлатҳо робитаҳои ҳамаҷониба дошта бошад ва онҳоро ба ҷомеаи байналмилалии исломӣ шомил менамояд.

Сарфи назар аз бастани созишномаҳои дуҷониба, ҳамкориҳои иқтисодии Арабистони Саудӣ бо давлатҳои нави Осиёи Марказӣ маҳдуд буда, ҷавобгӯи давру замон намебошанд. Душвории аввалин дар вусъати робита вазъияти ҷамъиятию сиёсии минтақа мебошад. Ҳамин тариқ, пас аз ҳамлаҳои террористӣ дар Тошканд дар моҳи феврали соли 1999 ва ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001, фаъолияти бунёдҳои мазҳабӣ ва хайрияи Арабистони Саудӣ, ки дар солҳои 1990-ум дар ин давлатҳо ба кор оғоз карда буданд, маҳдуд карда шуд. Ҳамзамон, дар Арабистони Саудӣ дар бораи табдил ёфтани баъзе кишварҳои Осиёи Марказӣ (масалан,Туркманистон) ба рақиби Арабистон дар бозори ҷаҳонии моводи нафтӣ ҳарф мезананд.

Ҳамаи ин ҳолатҳо Арабистони Саудиро водор сохт, ки сиёсати худро нисбат ба кишварҳои пасошуравии «исломӣ»-и Осиёи Марказӣ таҷдиди назар намояд. Қарор шуд, ки бо ҷалби ниҳодҳои Созмони Конфронси Исломӣ (ҳоло Созмони Ҳамкории Исломӣ - СҲИ) ба ҳамкорӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Аммо ин ҳама ҳолатҳо боиси шиддат гирифтани сиёсати хориҷӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷии Арабистони Саудӣ дар фазои Осиёи Марказӣ нагардид.

Ҳолати дигар ин буд, ки пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ воқеияти нави геополитикиро ба вуҷуд оварда, боиси пайдоиши давлатҳои соҳибистиқлол дар фазое гардид, ки марзҳои пешинаро фаро гирифта буданд.

Аз тарафи сиёсатмадорони Арабистони Саудӣ кишварҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ аз лиҳози тамаддун бидуни қайду шарт мусулмон эътироф шуданд* [16,с.13]. Арабистони Саудӣ эътирофи мақоми нави ҷумҳуриҳои собиқи шуравиро вазифаи худ медонист, зеро бо ин кишварҳо дар масъалаи эътиқоди дин ва арзишҳои умумие, ки бар асоси ислом асос ёфтаанд, иртибот дорад.

Дар моҳи сентябри соли 1990 муносибатҳои худро бо ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС барқарор намуда, Арабистони Саудӣ кӯшиш ба харҷ медод, ки бо ин роҳ бо кишварҳои мусулмонишини Осиёи Марказӣ иртиботи мустақим барқарор намояд [9,с.12].

Бархе аз пажӯҳишгарон рушди вазъият дар ин кишварро дигар хел арзёбӣ мекунанд. Дар ибтидои солҳои 90-ум самти нави сиёсати хориҷии Арабистони Саудӣ ба миён омад, ки дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ - яке аз асосҳои ҷаҳони дуқутбӣ имконпазир гардид, ки дар Арабистони Саудӣ пирӯзии ислом бар зидди атеизм, идеологияи коммунистӣ ва аз зулми рус озод кардани халқҳои мусулмони Осиёи Марказӣ арзёбӣ мешуд [1,с.55-56]. Саросемавор ба хулосае омаданд, ки сарфи назар аз он ки робитаи ин давлатҳо бо Федератсияи Россия зич боқӣ монад ҳам, истиқлолияти онҳо маънои бозгашти онҳо ба корбурди забонҳои миллӣ, ба арзишҳои фарҳанги мусулмонӣ ва ниҳоят, ба бедории шуури мусулмониро дорад. Аз ҷиҳати геополитикӣ, ҷаҳон дигаргунии амиқеро паси сар кардааст, ки пеш аз ҳама, ба минтақаи мусулмонон таъсир мерасонад. Чунонки шарқшиноси машҳур Наумкин В. В. менависад: «агар қаблан Иттиҳоди Шуравӣ бевосита ба сарҳадҳои он наздик мешуд, акнун ин манбаи «таҳдид» — «низомӣ (ишғол намудани Афғонистон) ва идеологӣ (дастгирии аҳзоби коммунистии мамлакатҳои араб ва мусулмон)» дигар вуҷуд надошт [11,с.68]..

Дар ин давра риторикаи динӣ қонунигардонии курси ба роҳ мондаи робитаҳои Арабистони Саудӣ бо субъектҳои нави муносибатҳои байналмилалӣ бо давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ мебошад. Дар ин давра аъзои бахши саудии Кумитаи ҷаҳонии наҷоти исломӣ чунин таъкид карданд: «Мо чаҳор сол боз дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ки зодгоҳи панҷ тан донишмандони бузург – фақеҳу имомони барҷаста буданд, фаъолият дорем, ки барои мо ганҷҳои суннати шариф ва мероси бузурги мусулмононро ҳифз кардаанд. Ин кишвари Абуабдуллоҳ ал - Бухорӣ, Муслим Нишопурӣ, Абуисо Ат-Тирмизӣ, Абудовуд Ас-Сиҷистонӣ, Абузара Ар-Розӣ, Ас-Сархоси, Ал- Байҳақӣ ва бисёр дигарон мебошад» [21,с.66].

Дар ин давра Арабистони Саудӣ худро ба ҳайси як давлате медонист, ки дар сиёсати хориҷии он беист таъкид кардани аҳамияти ислом ҳамчун омили асосии таъсиргузор дар таърифи авлавиятҳои бунёдии он тарҳрезӣ шудааст ва худро ҳалқаи пешбарандаи ҷомеаи мусалмонони ҷаҳон медонист. Ин маънои онро дошт, ки равобити дар солҳои 1990-ум шакл гирифтаи Арабистони Саудӣ бо кишварҳои

* Маҳаки эътироф: «Аксарияти аҳолии ин ҷумҳуриҳо мусулмон мебошанд». Дарвоқеъ, муҳаққиқони саудӣ махсусияти вазъи демографиро дар Қазоқистон эътироф намудаанд. (С. А. Ар Раҷҳӣ)

Осиёи Марказӣ дар зери нақшаи «марказ – музофот» қарор дошт, ки дар ин ҷо «марказ», яъне Арабистони Саудӣ бояд барои баргардонидани давлатҳои пасошуравӣ ба ҷомеаи ҷаҳонии мусулмонон мусоидат мекард [10].

Мутобиқ ба андешаҳои муҳаққиқ Халид ибни Иброҳим, «давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ – «Туркистон»-и таърихӣ барои «қабилаҳои араб», ки онҳоро «кашф» кардаанд, «ватани нав» гардид». Қабилаҳо «исломро оварда, ба мардуми ин минтақа дини навро муаррифӣ карданд ва сарҳади ин минтақаро дифоъ карданд».

Арабистони Саудӣ бояд дар татбиқи тадбирҳои марбут ба эҳёи маънавии аъзои нави уммат саҳм гузорад, ба созмонҳои навтаъсиси ҳақиқии мусулмонӣ дар он ҷо кумаки молӣ ва маънавӣ расонад. Вазифаи аввалиндараҷаи он табодули намояндагиҳои фарҳангӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва фиристодани нусхаҳои Қуръон ва китобҳо бо муҳтавои динӣ ба он ҷо мебошад.

Масалан, дар солҳои 1990-ум қарни XXI аз ҳисоби «Ходими ду масҷиди муқаддас» (унвони расмии шоҳи Арабистони Саудӣ), зоирони Ӯзбекистон ва ҷумҳуриҳои ҳамсоя ба зиёрати хонаи Худо рафтанд. Бо дастури ӯ миллион нусха Қуръони карим дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ тавзеъ карда шуд. Донишгоҳи исломии Имом Муҳаммад ибни Сауд дар Риёз, дар навбати хеш, ҳар тобистон дар баъзе шаҳрҳои Осиёи Марказӣ семинарҳои мураббиёнро ташкил мекунад [5]. Вазорати умури мусулмонон, вақфҳо, даъват ва раҳбарӣ, ки соли 1993 дар мамлакат таъсис шудааст, бо дастури ходими ду Масҷидулҳарам, шоҳ Фаҳд ибни Абдулазиз ва валиаҳд Абдуллоҳ ибни Абдулазиз ба истиқболи меҳмонони ин кишвар, ки барои адои ҳаҷ омадаанд, мусоидат мекунанд. Вай ҳамчунин аз ҳисоби Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба ин кишварҳо воизону ҳайатҳо фиристода, миллионҳо нусхаи Қуръони каримро дар он ҷо паҳн карда, дар тармим ва бунёди масҷидҳо, инчунин, муассисаҳои динӣ ширкат мекунанд [5]. Фондҳои хайрияи мазҳабӣ, ки аз ҷониби Шоҳигарии Арабистони Саудӣ сарпарастӣ мекарданд, дар кишварҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ камтар фаъол буданд.

Раванди эътирофи сиёсии давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ чӣ гуна сурат гирифт? Дар аввалҳои солҳои 1990-ум Шоҳигарии Арабистони Саудӣ мақоми нави давлатҳои Осиёи Марказиро эътироф кард, аммо ин маънои онро надошт, ки намояндагиҳои Арабистони Саудӣ дар пойтахтҳои ҳамаи ин давлатҳо пайдо шудаанд. Соли 2004 онҳо танҳо дар Алмаато, Ашқобод, Боку ва Тошканд дари сафоратҳои худро ба рӯйи мардум кушоданд[5]. Дар шаҳри Ар-Риёз – пойтахти Арабистони Саудӣ, ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Қазоқистон сафоратхонаҳои худро кушоданд [5]. Кушода шудани сафоратхонаҳо нисбатан дертар сурат гирифт, яъне пас аз чанд соли ба расмият шинохта шудани давлатҳои Осиёи Марказӣ аз тарафи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ. Ногуфта намонад, ки ташаббуси кушода шудани сафоратхонаҳо ба давлатҳои Осиёи Марказӣ тааллуқ дорад. Кушод шудани сафоратхонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шаҳри Ар-Риёз дар моҳи майи соли 1995 ба вуқуъ пайваст, дар сурате ки Арабситони Саудӣ сафоратхонаи худро дар шаҳри Тошканд бо хеле таъхир дар соли 1997 ифтитоҳ кард. Сафоратхонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар моҳи майи соли 1996 кушода шуда, сафоратхонаи Арабистони Саудӣ дар шаҳри Алмаато бошад, дар моҳи августи

соли 1996 кушода шуд. Кушода шудани намояндагиҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон дар Арабистони Саудӣ ва баръакс бо мушкилот мувоҷеҳ шуд. Дар Тоҷикистон кушода шудани сафоратхонаи Арабистони Саудӣ ба иллати ҷанги шаҳрвандӣ ба таъхир афтода, дар Қирғизистон бошад, ба иллати аз тарафи ин давлат Иерусалимро ҳамчун пойтахти давлати Исроил эътироф кардан, ба таъхир афтод, дар сурате ки ҳам Ҷумҳурии Қирғизистон ва ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон кайҳо узвияти созмонҳои бонуфузи исломиро ба даст оварда буданд [24].

Моҳи апрели соли 1992 президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба Арабистони Саудӣ сафари расмӣ анҷом дод. Пас аз он боздидҳои мушобеҳи Нурсултон Назарбоев (сентябри соли 1994) сурат гирифт. Раҳбарони ин се давлат ба хотири расидан ба эътирофи густурдаи байналмилалӣ ва таъмини рушди иқтисодии кишварҳояшон «қоидаҳои бозӣ»-ро, ки ҷониби Арабистони Саудӣ пешниҳод шуда буданд, пазируфтанд.

Давлати Арабистони Саудӣ бо ин иқдомот мушкилоти худро дар ин минтақаи ҷаҳони ислом ҳаллу фасл мекард. Дар сафарҳои ду президент пешниҳод шудааст, ки аз як сӯ Шоҳигарӣ ва Қазоқистону Ӯзбекистон аз сӯйи дигар бояд равобити хориҷии худро дар бахшҳое, ки барои Арабистони Саудӣ муҳимманд, ҳамоҳанг кунанд. Сухан, пеш аз ҳама, дар бораи роҳҳои умумии яктарафа кардани муноқишаи арабу Исроил ва ҷабҳагирии Фаластину Исроил меравад.

Ба ҳамин тартиб, сафарҳои ду раиси ҷумҳури ду кишвар ба Арабистони Саудӣ имкони ба назар бесобиқаро барои рушди равобити тиҷоративу иқтисодӣ, аз ҷумла ҷанбаи сармоягузории онҳо бо Арабистони Саудиро кушод. Воқеан, ин вазифа ҳам барои Ӯзбекистон ва ҳам барои Қазоқистон вазифаи асосӣ буд.

Каримов зимни суханронӣ ба ҳайати тоҷирони саудӣ, ки моҳи ноябри соли 1996 ба Тошканд омада буданд, таҳти сарварии президенти Ассотсиатсияи палатаҳои савдо ва саноати Шоҳигарӣ А. Ал- Ҷурайсӣ, таъкид кард, ки «муносибатҳои тиҷорӣ ва молии ҳарду кишвар ба алоқаҳои аллакай мавҷуд буда, такони ҷиддӣ бахшиданд» омодагӣ ба «муҳайё кардани шароити мусоид барои сармоягузории соҳибкорони саудӣ» изҳор карда шуд [9,с.40]. Ҳамин андеша дар изҳороти президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев низ дар яке аз мусоҳибаҳояш баён ёфта буд, аз он ҷумла ӯ чунин гуфта буд: «Дар моҳи апрели соли 1994 ҳангоми сафари хеш вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо ҳамтоёни худ – вазирони нафт, тиҷорат ва банақшагирӣ масъалаҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар байни ду кишварро мавриди баррасӣ қарор доданд. Ман боварӣ дорам, ки сафари расмии ман ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ин муносибатҳоро ба сатҳи сифатан нав, ки ҷавобгӯи имкониятҳои сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои бародари мо мебошанд, баланд мебардорад» [9,с.70].

Арабистони Саудӣ бошад, робитаи парламентиро ба роҳ мондааст. Ҳамин тариқ, моҳи сентябри соли 1998 як ҳайати Шӯрои машваратии Арабистони Саудӣ ба Қазоқистон сафар кард.

Моҳи ноябри соли 1996 нахустин ҳайати иқтисодии Арабистони Саудӣ ба Тошканд ташриф овард. Як сол пеш сафари ҳайати Ӯзбекистон ба шаҳри Ар-Риёз бо имзои як қарордод анҷом ёфт.

Ниҳоят, равобити нисбатан фаъоли тиҷорӣ, иқтисодӣ ва техникии Арабистони Саудӣ ва Қазоқистон танҳо пас аз сафари вазири мудофиа ва авиатсияи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, шоҳзода Султон бин Абдулазиз ба Остона ва Алмаато дар охири моҳи октябр - аввали ноябри соли 2000 бо даъвати шахсии Нурсултон Назарбоев имконпазир гардид. Ҷонибҳо бар зарурати афзоиши сармоягузорӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак дар ҳарду кишвар ба мувофиқа расиданд. Ҳамкориҳо дар самти авиатсияи шаҳрвандӣ, мубориза бо истеҳсол ва фурӯши маводи мухаддир, дар соҳаи мурофиаи судӣ ва рушди равобити мазҳабӣ ва фарҳангӣ низ ба нақша гирифта шуда буданд. Қазоқистон аз матни баёнияи муштараке, ки дар пайи ин сафар имзо шудааст, метавонад ба гирифтани қарзи иловагӣ аз Сандуқи рушди Арабистони Саудӣ умед бандад, ки барои анҷоми сохтмони пойтахти нав ва таҷдиди инфрасохтори ҷумҳурӣ зарур аст.

Тавре қаблан зикр гардид, сафари шоҳзода Султон бин Абдулазиз ба Остона ба эҳёи робитаҳои Арабистони Саудӣ ва Қазоқистон мусоидат кард. Ба дунболи ин боздид моҳи феврали соли 2001 сафари вазири молияи Қазоқистон ба пойтахти Арабистони Саудӣ сурат гирифт, дар рафти он масъалаҳои иштироки сохторҳои молиявии Арабистони Саудӣ, яъне Фонди рушди Саудӣ дар татбиқи як қатор лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба модернизатсияи инфрасохтори моддии ҷумҳурӣ баррасӣ шуданд. Дар натиҷа як кумитаи муштарак оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ, техникӣ ва фарҳангӣ таъсис дода шуд.

Аввалин талош барои равобити мустақими иқтисодии Арабистони Саудӣ ва Қирғизистон, дар маҷмуъ, танҳо дар охири соли 2004 сурат гирифт. Ҳайати соҳибкорон, ки дар охири моҳи декабри соли 2004 аз Бишкек ба Риёз омада буданд, масъалаи имкон ва зарурати табодули тиҷоратии дуҷониба бо ҳамкорони саудии худро матраҳ карданд. Гуфтушуниде, ки барпо гардид, ба таври возеҳ нишон дод, ки ассотсиатсияи палатаҳои савдо ва саноати Арабистони Саудӣ барои дидани ҳама гуна иқдоми мустақил, ки аз ҷониби мақомоти расмии ШАС (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ) дастгирӣ намешавад, комилан омода нест. Раҳбарони Ассотсиатсия дар посух ба меҳмонони худ, ки даромаднокии сармоягузорӣ ба иқтисоди Қирғизистонро (сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ, кишоварзӣ, рушди сайёҳӣ) қайд кардаанд, таъкид карданд, ки танҳо пас аз ҳосил шудани созиши равобити консулӣ ва кушодани хатти мустақими ҳавоии Риёз - Бишкек дар мавриди таъсиси ин созмон амал хоҳанд кард. Дар ҳамин ҳол, ягона маҳсулоти содиротии бемаҳдуд аз Арабистони Саудӣ ба Қирғизистон метавонад, ба гуфтаи онҳо, танҳо хурмоҳои хушмазае, ки аз ҷониби Шоҳигарии Арабистони Саудӣ истеҳсол карда мешаванд, буда метавонад.

Тавассути миёнаравии Арабистони Саудӣ Қазоқистон аввалин давлати мусулмонии пасошуравӣ буд, ки бо Бонки Исломии Рушд (БИР) иртибот барқарор кард. Ҳамкорӣ дар тирамоҳи соли 1999 оғоз ёфт. Дар Алмаато намояндагии минтақавии бонк таъсис ёфт. Шуъба лоиҳаи барқарор намудани озмоишгоҳи ядроии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар Семипалатинск, инчунин навсозии роҳҳои ҷумҳуриро маблағгузорӣ кард. Вазири саноат ва савдои Қазоқистон А. Жахсибеков раиси Шурои директорони БИР (Бонки Исломии Рушд) таъин шуд. Оҳиста-оҳиста фаъолияти намояндагӣ ба доираи васеътари кишварҳои пасошуравӣ паҳн шуд. Аз

ҷумлаи лоиҳаҳое, ки Бонки Исломии Рушд то аввали соли 2003 амалӣ кардааст, маблағгузории таҷҳизоти мусулмонони Донишкадаи «Иқра» (дар Алмаато) ва Донишкадаи ба номи Имом Ал-Бухорӣ дар Самарқанд [22] мебошад.

Дар оғози моҳи марти соли 2004 сафари расмии Нурсултон Назарбоев ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ сурат гирифт, ин сафари расмӣ ба ҷаласаи Кумитаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ, техникӣ ва фарҳангии Арабистони Саудӣ ва Қазоқистон дар Риёз рост омад. Дар ҷаласаҳои кумита ва барномаи сафари раисиҷумҳури Қазоқистон гуфта мешавад, ки ҷониби Қазоқистон ба афзоиши сармоягузории Арабистони Саудӣ дар тавлид ва интиқоли гази табиӣ ва ҳамчунин дар саноати нафту кимиё манфиатдор аст [2].

Баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла, кишварҳои арабӣ, марҳилаи сифатан нав оғоз мегардад. Аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолият Тоҷикистон аз ҷониби тамоми кишварҳои арабӣ ба расмият шинохта шуда, байни онҳо муносибатҳои дипломатӣ барқарор мегарданд. Шоҳигарии Арабистони Саудӣ яке аз аввалинҳо шуда, аз бунёди равобити дипломатӣ бо Тоҷикистон хабар дод. Аз ҷумла, Истиқлолияти Тоҷикистон аз ҷониби Арабистони Саудӣ 11-уми январи соли 1992 эътироф шуда, 22-юми феврали ҳамон сол муносибатҳои дипломатии миёни ду кишвар барқарор гардиданд [12,с.22].

Динамикаи ин муносибатҳо баъдан чунин ба назар мерасад: 21-22 феврали 1992 ҳайати расмии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо сарварии вазири корҳои хориҷии он кишвар, шоҳзода Сауд ал-Файсал ба Душанбе сафари корӣ дошт. Шоҳзодаро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Набиев Р. Н., сарвазир Мирзоев А. М. ба ҳузур пазируфтанд. Сауд ал- Файсал ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон даъватномаи ҳукумати кишварашро барои анҷом додани сафари расмӣ ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ таҳвил дод. Сафари вазири саудӣ бо имзо гардидани санад дар бораи барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ байни ду кишвар ба поён расид. Моҳи апрели соли 1993 дар Қарочи (Покистон) дар чорчӯбаи вохӯрии вазирони корҳои хориҷии давлатҳои узви Созмони Конференсияи исломӣ мулоқоти вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимов Р. Қ. бо вазири корҳои хориҷии шоҳигарии Арабистони Сауди, шоҳзода Сауд ал-Файсал баргузор гардид. Дар таърихи 13-14 декабри соли 1994 дар ҷараёни баргузории мулоқоти ҳафтуми сарварони давлатҳои узви Созмони Конференсияи Исломӣ дар Дорулбайзо (Мағриб) мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо муовини якуми сарвазири Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, валиаҳд, шоҳзода Абдулло ибни Абдулазиз доир шуд. Дар таърихи рӯзҳои 24-25 сентябри 1995 фиристодаи махсуси ҳукумати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Муҳаммад Аҳмад Бодиб ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Ҳадафи сафари ӯ баррасии пешниҳоди Созмони Конференсияи Исломӣ дар бораи барқарор намудани сулҳу оштӣ дар Давлати Исломии Афғонистон буд. Фиристодаи саудиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, вазири корҳои хориҷӣ Назаров Т. Н. ба ҳузур пазируфтанд [17,с.94-105]. Аз солҳои 1996-97 ин равобит характери дигар ба худ касб менамоянд, ки ба таври хронологи чунин ба назар мерасад. Дар моҳи апрели 1996 бо мақсади шиносоӣ бо кори Саридораи геодезия ва картографияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва гузаронидани гуфтушунидҳо дар атрофи имкониятҳои ҳамкории дуҷониба ҳайати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, ки иборат аз мутахассисони соҳаи геодезия, картография ва суратгирии ҳавоӣ буд, аз Душанбе боздид ба амал оваранд. Аз таърихи 30 июн то 3 июли соли 1997 нахустин сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонов Э. ба Арабистони Саудӣ баргузор мегардад. 1 июл дар қароргоҳи тобистонаи шоҳ дар шаҳри Ҷидда мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмонов бо подшоҳи Арабистони Саудӣ Фаҳд ибни Абдулазиз Оли Сауд барпо гардид. Дар ҷараёни сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо муовини сарвазири Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, валиаҳд, шоҳзода Абдулло ибни Абдулазиз, вазири корҳои хориҷӣ, шоҳзода Сауд ал-Файсал, вазири ҳаҷ, раиси Бонки рушди исломӣ Аҳмад Муҳаммад Алӣ, котиби кулли ҷомеаи ҷаҳони исломӣ Убайд Абдулло ва ҷамъе аз тоҷикони муқими Шоҳигарии Арабистони Саудӣ мулоқот ва суҳбатҳо доир намуд. Зимни ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суннати муақаддаси умраро ба ҷо меоварад. Соли 2007 теъдоди чунин вохӯриҳо ба 15 маротиба мерасад [12,с.22].

Ҳамин тариқ, як назари мухтасар ба вазъияти сиёсӣ-иҷтимоии раванди барқарор шудани муносибатҳои Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ моро ба чунин натиҷагирӣ мерасонад:

1. Раванди барқарор шудани робитаҳои Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо кишварҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ дар шароити ниҳоят мураккаби таърихӣ сурат гирифтааст.

2. Дар раванди барқарор намудани муносибатҳо бо Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Туркманистон аз тарафи Арабистони Саудӣ бархӯрдҳои хосси сиёсӣ-дипломатӣ анҷом дода шудаанд, ки дар маҷмуъ, се марҳаларо аз сар мегузаронад: а) ба роҳ мондани дуҷониба; б) кӯшиши тавсеаи ҳамкориҳо; в) бознигарӣ дар сиёсати хориҷии худ нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ.

3.Омӯзиши таърихи сиёсати хориҷии Шоҳигарии Арабистони Саӯди ин ҳақиқатро собит месозад, ки бо вуҷуди талош дар заминаи тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисрёҷониба бо кишварҳо Осиёи Марказӣ, ин кишвар он қадар муваффақ набудааст.

4. Раванди муносибатҳои дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ нишон медиҳад, ки байни ду кишвар ҳоло ҳам ҷустуҷӯйи нуктаҳои баҳамоии манфиатҳо идома дорад. Густариш ва инкишофи муносибатҳо бо Арабистони Саудӣ ба манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Ин кишвар аз имкониятҳои васеи сармоягузорӣ бархӯрдор аст ва истифода аз имкониятҳо бо манфеи милли Точикистон созгор аст.

**Муқарриз: Саидов Х.С.- д.и.т., профессори ДСРТ**

**АДАБИЁТ**


1. Аль Лахайдан А. Ф. Аль Муслимун ва ан низам аль алямий аль джадид (Мусульмане и новый миропорядок). -Эр Рияд, 2000. -С. 55–56.
2. Ар Раис ал қазоқистонӣ ячри фи Ар Риёз муборак нафтия ва истисмория (Қазоқистон президент медорад дар Эр Риёз гуфтушунид дар масъалахое равган Ва сармоягузорӣ ) // Аш акула _ Ал Аусат , 2004, 4 март.
3. Вавилов А.И. Саудовская Аравия на перекрестке веков и тысячелетий / А.И. Вавилов.-М.: Дипломатическая академия МИД РФ; Ин-т актуальных международных проблем, 2001. -С. 73.

4. Вавилов А. И. Саудовская Аравия. Поиски внутренней гармонии / А. И.Вавилов, А. О. Филоник. - М.: ИВ РАН, 2004.
5. Дипломатические миссии. Представительства Королевства Саудовская Аравия за рубежом. [Электронный ресурс]. http://www.mofa.gov.sa.
6. Казахстано-саудовские отношения. Пресс-служба министерства иностранных дел Республики Казахстан в связи с визитом в Астану принца Султана бен Абдель Азиза. [Электронный ресурс]. http://www.mod.kz.
7. Косач Г. Г., Мелкумян Е. С. Внешняя политика Саудовской Аравии. Приоритеты, направления, процесс принятия решения. М., 2013.
8. Косач Г.Г. Саудовская Аравия: контекст процесса демократизации // Саудовская Аравия: эволюция режима и пределы возможного в политическом развитии. М., 2003. С. 25–47.
9. Мосаров Ш. Р. Отношения Королевства Саудовская Аравия с мусульманскими республиками Центральной Азии и Кавказа (Узбекистан, Казахстан, Азербайджан) в эпоху Хранителя Двух Благородных Святынь короля Фахда бен Аб дель Азиза Аль Сауда). Эр Рияд, 2002. С. 12.
10. Министерство иностранных дел Королевства Саудовская Аравия [Электронный ресурс]. http://www.mofa.gov.sa.
11. Наумкин В.В. Политические процессы в странах Востока (1945- 2000 гг.) // Ислам и мусульмане: культура и политика / В.В. Наумкин. - М. – Н. Новгород. - Медина, 2008. -С. 68.
12. Розиков Ш. Взаимоотношения Республики Таджикистан с Королевством Саудовской Аравии: состояние и перспективы / Ш.Розиков // Известия АН РТ. – 2011. - № 5. - С.22.
13. Ражбадинов М.З. Исламский фактор во внешней политике Саудовской Аравии - Саудовская Аравия: эволюция режима и пределы возможного в политическом развитии Саудовской Аравии: эволюция режима и пределы возможного в политическом развитии. С. 69 – 76.
14. Рахмон Э. Политика мира и созидания. -Душанбе, 2009.
15. Рахмонов Э. Таджикистан на пороге XXI века. -Душанбе, 2001.
16. С. А. Ар Раджхи: Экономическая ситуация в республиках Центральной Азии и ее влияние на эффективность инвестиций и торговые отношения с государствами Совета сотрудничества стран Залива) // Ат Таавун, Эр Рияд, 1996. -№ 44. -С. 13.
17. Саидов З. По меридианам дружбы. Политика открытых дверей Халид бен Ибрахим. Мабадиа ва ахдаф ас сияса аль хариджийя ас саудийя: аль мустава аль халиджий, аль ислямий, ад дуввалий (Принципы и цели саудовской внешней политики: Залив, исламский мир, международное сообщество) // Ас сияса аль хариджийя лиль Мамляка Аль Арабийя Ас Саудийя фи миат амм (Внешняя политика Королевства Саудовская Аравия за сто лет). -Эр Рияд, 2014. - С. 66.
18. Саудовская Аравия: эволюция режима и пределы возможного в политическом развитии. Институт изучения Израиля и Ближнего Востока. -М., 2003.
19. Филоник А. О. Саудовская Аравия: поиски внутренней гармонии / А. О.Филоник, А. И. Вавилов. - М., 2004.
20. Филоник А.О. Саудовская Аравия: национальные задачи в контексте религиозно-культурного консерватизма / А.О. Филоник // Ближний Восток и современность. -М., 2003. -Вып. 20. -С. 138-47.
21. Халид бен Ибрахим. Мабадиа ва ахдаф ас сияса аль хариджийя ас саудийя: аль мустава аль халиджий, аль ислямий, ад дуввалий (Принципы и цели саудовской внешней политики: Залив, исламский мир, международное сообщество) // Ас сияса аль хариджийя лиль Мамляка Аль Арабийя Ас Саудийя фи миат амм (Внешняя политика Королевства Саудовская Аравия за сто лет). -Эр Рияд, 2014. -С. 66.
22. Ҷаласаи Шурои директорони иҷроияи БИР маблағгузории навро ба маблағи зиёда аз 538 миллион доллари ИМА тасдиқ кард. Ҷидда, 16 июни 2003. [Манбаи электронӣ]. http://www.isdb.org.
23. Яковлев А.И. Саудовская Аравия: пути эволюции / А.И. Яковлев. - М., 1999.
24. The OIC Member States. [Электронный ресурс]. htp://www.oicCun.org.

## РУШДИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ШОҲИГАРИИ АРАБИСТОНИ САУДӢ ДАР МУНОСИБАТ БА ДАВЛАТҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Ин мақола ба баъзе воқеиятҳои рушди ҳамкориҳои ҷомеаи саудӣ дар марҳалаи кунунии рушди муносибатҳои байналмилалӣ бахшида шудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба равияҳои рушди сиёсии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва муносибатҳои мутақобилаи он бо давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ – Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Туркменистон зоҳир карда шудааст. Дар ин росто, муаллиф зикр менамояд, ки раванди барқарор шудани робитаҳои Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо кишварҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ дар шароити ниҳоят мураккаби таърихӣ сурат гирифтааст ва дар раванди барқарор намудани муносибатҳо бо Қазокистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Туркманистон аз тарафи Арабистони Саудӣ бархӯрдҳои хосси сиёсӣ-дипломатӣ анҷом дода шудаанд. Дар ин росто, се марҳала ба назар мерасад: ба роҳ мондани равобити дуҷониба; тавсеаи ҳамкориҳо; бознигариҳо дар сиёсати хориҷии худ нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ. Вале бо вуҷуди талоши зиёд дар самти ҳамкориҳои дуҷониба ва

бисёрҷониба бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, сатҳи ин муносибатҳо ба талаботи имрӯзаи равобити байнидавлатӣ ҷавобгӯ намебошад. Дар ҳоли ҳозир раванди муносибатҳои дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ нишон медиҳад, ки байни ин ду кишвар ҳоло ҳам ҷустуҷӯйи нуктаҳои баҳамоии манфиатҳо идома дорад.

**Калидвожаҳо:** Арабистони Саудӣ, ислом, Осиёи Марказӣ, раванди таърихӣ, сиёсати хориҷӣ, эътирофи дипломатӣ, робитаи байнидавлатӣ, созишнома, Эъломияи истиқлолият, афзалиятҳо, Созмони Конференсияи Исломӣ, манфиати миллӣ.

## РАЗВИТИЕ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ КОРОЛЕВСТВА САУДОВСКОЙ АРАВИИ ПО ОТНОШЕНИЮ К НЕЗАВИСИМЫМ ГОСУДАРСТВАМ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Данная статья посвящена некоторым реалиям общественно-политической эволюции саудовского общества на нынешнем этапе исторического развития международных отношений. Особый акцент делается на тенденции политического развития Королевства Саудовская Аравия и его взаимоотношении с ННГ ЦА - Казахстан, Узбекистан, Таджикистан, Киргизия и Туркменистан, поскольку именно эта сфера пока отличается наибольшей подвижностью, чревата неожиданными поворотами и остротой возможных событий. Автор пишет, что процесс установления отношений с ННГ Центральной Азии – Казахстан, Узбекистан, Таджикистан, Киргизия и Туркменистан с Саудовской Аравией происходит в очень сложной исторической ситуации и в этой связи со стороны Королевства предпринимаются специальные политико-дипломатические шаги. В этом процессе наблюдаются три этапа: определение двухсторонних отношений, стремление к развитию взаимоотношений; пересмотр внешней политики по отношению к государствам Центральной Азий. Но, несмотря на двухсторонние и многосторонние отношения КСА со странами Центральной Азии, уровень этих отношении не отвечает сегодняшним требованиям межгосударственных взаимоотношений. В настоящее время процесс двухсторонних взаимоотношений между Республикой Таджикистан и Королевством Саудовской Аравии показывает, что до сих по между этими государствами идёт поиск взаимовыгодных точек соприкосновения.

**Ключевые слова:** Саудовская Аравия, Центральная Азия, исторический процесс, дипломатическое признание, межгосударственные отношения, соглашение, государственный суверинитет, приореты, Организация исламской конференции, национальные интересы.

## DEVELOPMENT OF THE FOREIGN POLICY OF THE KINGDOM OF SAUDI ARABIA TOWARDS THE INDEPENDENT STATES OF CENTRAL ASIAN

This article is devoted to some of the realities of the socio-political evolution of Saudi society at the current stage of the historical development of international relations. Particular emphasis is placed on the trends in the political development of the Kingdom of Saudi Arabia and its relations with the NIS CA - Kazakhstan, Uzbekistan, Tajikistan, Kyrgyzstan and Turkmenistan, since it is this area that is still characterized by the greatest mobility, is fraught with unexpected turns and the severity of possible events.The author writes that the process of establishing relations with the NIS of Central Asia - Kazakhstan, Uzbekistan, Tajikistan, Kyrgyzstan and Turkmenistan with Saudi Arabia is taking place in a very difficult historical situation, and in this regard, special political and diplomatic steps are being taken by the Kingdom. There are three stages in this process: the definition of bilateral relations, the desire to develop mutual relations; revision of foreign policy towards the states of Central Asia. But, despite the bilateral and multilateral relations of the Saudi Arabia with the countries of Central Asia, the level of these relations does not meet today's requirements of interstate relations.

At present, the process of bilateral relations between the Republic of Tajikistan and the Kingdom of Saudi Arabia shows that until now there is a search for mutually beneficial points of contact between these states.

**Key words:** Saudi Arabia, Central Asia, historical process, diplomatic recognition, interstate relations, agreement, state sovereignty, priors, Organization of the Islamic Conference, national interests.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Холиқкзода Абдурозиқ-*** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айни, 67. Телефон: **(+992) 937149 494**

**Сведения об авторе:** ***Холикзода Абдурозик*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, ассистент кафедры истории таджикского народа.. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, проспект Айни, 67. Телефон: **(+992) 937149 494**

**Information about the author:** ***Kholikzoda Abdurozik*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, assistant of the Department of History of the Tajik people. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, 67 Aini Avenue. Pone: **(+992) 937149 494**

УДК:93.1:297 (575.3)

# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ИСЛОМӢ: МАРҲИЛАҲОИ АСОСӢ ДАР РУШДИ МУНОСИБОТ

*Саидов Х.С., Ғуломов А.М.*
**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Масъалаҳои фаъолияти СҲИ (Созмони Ҳамкории Исломӣ), ки дар арсаи байналмилалӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ дорои обрӯ ва эътибори калон мебошад, аз тарафи сиёсатмадорони касбӣ ва муҳаққиқон мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. Аз ин рӯ, ба хусусиятҳои фаъолияти СҲИ таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир карда мешавад, чунки ба мисли ҳар як созмони дигар, он дар танзими масъалаҳои байналмилалӣ нақши муайянеро мебозад. Тоҷикистон ба ҳайси кишвари пайрави исломи анъанавӣ, ба тақвияти муносибатҳои дуҷониба бо ин созмон дар оянда манфиатдор мебошад. Масъалаи ҳамкориҳои дуҷониба бояд дар сатҳи илмӣ-назариявӣ арзёбӣ ва баррасӣ карда шаванд.

Ба паҳлуҳои дигари ин масъала даст назада, дар чаҳорчӯбаи ин мақола роҷеъ ба тадқиқоти анҷом додаи муҳаққиқони тоҷик перомуни ин масъала иктифо мекунем. Дар байни ин муҳаққиқон Ф. Умаров [12], М. Абдуллаев [1], Ш.А. Розиқов [5], Ҳ.С. Саидов, Г.В. Коваленко [8], Р.Ш. Нуриддинов [4]-ро номбар кардан мумкин аст.

Чун СҲИ созмоне мебошад, ки ба таври воқеӣ амал мекунад, аз ин рӯ, ҷомеаи башарӣ ба таври доимӣ ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти онро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, вазн ва моҳияти он созмонро, ки аъзоёни зиёде дорад, барои ҷараёнҳои байналмилалӣ муайян мекунад.

Дар ин маврид мо метавонем ба андешаҳои муҳаққиқи тоҷик Ф. Умаров розӣ шавем, ки ӯ фармудааст: «…донишмандон ва таҳлилгарон то ба ҳол муносибатҳои СҲИ бо Тоҷикистон ва нақши онро дар соҳаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, танзими муноқишот, таъмини амният ва ба вуҷуд овардани вазъияти ноустувор накушодаанд. Инчунин, масъалаҳои фаъолияти сиёсии он низ аз чаҳорчӯби таҳқиқот берун мондааст» [1]. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҳоли ҳозир дар дунё якчанд, созмонҳои байналмилалии исломӣ, ки аз рӯйи сохтор ва сатҳи намояндагии худ, соҳа ва шаклҳои фаъолияти хеш гуногунанд, мавҷуд мебошанд. Дар ҳоли ҳозир Ҷумҳурии Тоҷикистон узви 25 сохтори бонуфуз ва муътабари исломӣ, аз қабили: Созмони Ҳамкории Исломӣ (СҲИ); Бонки Исломии Рушд (БИР); Созмони исломӣ доир ба масъалаҳои фарҳанг (СИДБМФ); Имомати исмоилиҳо – Созмони Оғо Хон доир ба рушд; Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (СҲИ) ва амсоли инҳо мебошад.

Дар давраи нав масъалаҳои муносибат ба ин созмон ба таври муфассал дар консепсяии сиёсати хориҷии давлати мо зикр карда шудаанд. Консепсияи нави сиёсати хориҷии ҶТ, ки соли 2015 қабул карда шудааст, афзалияти сиёсати хориҷии тозапайдошударо табраа намуда, қайд мекунад, ки «муттаҳидшавие», ки дар қаламрави Африқо ва Осиё арзи ҳастӣ намудааст, «барои иқтисоди ҷаҳон аҳамияти ҳар чӣ бештаре касб карда», омили зидди «экстремизми этномиллию динӣ» ва «терроризми байналмилалӣ» гаштааст. Дар бораи «алоқаи бевоситаи» манфиатҳои мо дар робита ба ин самти «рушди дунё» Консепсия кӯшиши «ба даст овардани ташаккули низоми бисёрқутбии муносибатҳои байналмилалӣ»-ро эълом медорад [2]. Мақсадҳои Созмони Ҳамкории Исломӣ аз рӯзи таъсиси он воқеиятҳои наверо, ки дар ҷаҳони ислом ва ҷомеаи башарӣ, дар маҷмуъ, арзи вуҷуд кардаанд инъикос менамоянд. Ин мақсадҳо шомили ҳамкориҳои гуногунҷабна дар байни давлатҳои ин созмон дар асоси ҳамбастагӣ ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимтарин ва аз он ҷумла, таъмини амнияти миллии ин мамлакатҳо мебошад [13, с.2]. Сарфи назар аз он ки дар фаъолияти ин созмон баъзан ба қабули қарорҳои

анъанавӣ, ки хислати формалӣ доранд, яъне иҷрои кутоҳмуддати баъзе аз бандҳои ҳуҷҷатҳо масъулияти ҷиддиро талаб намекунанд, роҳ медиҳанд.

Аммо бояд ба яке аз хусусиятҳои фаъолияти ин созмон таваҷҷуҳ зоҳир кард. Бояд дар назар дошт, ки фаъолияти СҲИ, ки асосан бар пояи усулҳои дунявӣ асос ёфтааст, ба таври бунёдӣ аз дигар созмонҳо фарқ мекунад. Аз ин нуқтаи назар ба таври хронологӣ муайян кардани марҳилаҳои асосии равобити дуҷониба дар байни Тоҷикистон ва СҲИ мубрамияти вижа касб мекунад.

Марҳилаи якум. Марҳилаи истиқрори робитаҳои мустақим ба солҳои 90-у қарни XX рост меояд.

Бояд зикр намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 декабри соли 1992 (дар давраи бениҳоят мушкили ҷанги шаҳрвандӣ) дар мулоқоти панҷуми фавқулодаи вазирони корҳои хориҷӣ ба узвияти СҲИ пазируфта шуд. Раванди ин музокироту мулоқотҳои дуҷонибаву бисёрҷониба нишон медиҳад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз дар 13 мулоқоти сарони кишварҳои аъзои СҲИ (мулоқотҳои 7-11- ва 3-и фавқулода) иштирок ва суханронӣ кардааст.

Марҳилаи дуюм: Муносибатҳои Тоҷикистон бо СҲИ пас аз «баҳори араб» дар самти дигар инкишоф ёфт. «Баҳори арабӣ», ки дар Тоҷикистон хеле зуд ҳамчун «Замони душвориҳо» эътироф шуд, гуфторҳои расмӣ ва ҷамъиятиро нисбат ба Созмони Ҳамкории Исломӣ ба куллӣ тағйир дод. Ҷомеаи ҷаҳонӣ дар воқеаҳои солҳои 2011-2012 баамаломада боз як эпизоди дигари «инқилобҳои ранга»-и аз ҷониби Ғарб тарҳрезишуда ва аз ҷониби монархияҳои Халиҷи Форс амалӣ карда шударо медид.

Марҳилаи сеюм: Тоҷикистон ва СҲШ дар заминаи воқеияти имрӯза. Дар бораи робитаи Тоҷикистон бо СҲИ ва муайян кардани марҳилаҳои асосии ҳамкориҳои байни онҳо сухан ронда, нақши бебаҳои, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ёфтани роҳҳои ҳалли масъалаҳои мамлакатҳои исломӣ ва боз ҳам мустаҳкам намудани якдигарфаҳмӣ дар чаҳон, махсусан, қайд мекунем.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар баробари рисолати вижаи посдории сулҳ дар ин созмон вобаста ба ҳалли масъалаи Афғонистон, ба роҳбари Тоҷикистон муяссар шуд, ки дар нишастҳо ё нишастҳои СҲИ ҷаҳони исломро ҳамчун як неруи ягона ва тавонои сиёсӣ муттаҳид созад. Инро имрӯз метавон ҳамчун як такягоҳи муҳимми сиёсӣ барои дарозмуддат арзёбӣ кард, зеро ба таври объективӣ, агар назар андозем мебинем, ки фазои ҷаҳони ислом дар таркиби худ гуногунранг аст. Муносибатҳои Тоҷикистон ва СҲИ аз миёнаҳои солҳои 1990 боз ҳам зичтар шуданд. Моҳи декабри соли 1994 намояндагони Тоҷикистон дар Конфронси VII сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои узви СҲИ ширкат карданд. Ҳамоиш аз 13 то 15 декабр дар Касабланка (Марокаш) баргузор гардид [6, с.308-311]. Дар конференсияи вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви ин созмон, ки соли 1995 дар Конакри ва соли 1996 дар Ҷакарта баргузор шуда буд, гузориши дабири кулли СҲИ дар мавриди авзои Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Моҳи декабри соли 1997 дар Теҳрон мулоқоти VIII сарони кишварҳои узви СҲИ баргузор шуд, ки дар он ҳайатҳои панҷоҳу се кишвар фаъолона ширкат доштанд. Ҳайати Тоҷикистонро шахсан Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон роҳбарӣ мекард. Президенти Тоҷикистон дар ҷараёни сафараш дар Эрон бо чанд тан аз сарони давлату ҳукумат, ҳамчунин вазирони корҳои хориҷии Сурия, Туркия, Марокаш, Покистон, Аморати Муттаҳидаи Араб, Лубнон, Арабистони Саудӣ,

Индонезия, Миср, Туркманистон ва ғайраҳо мулоқоту гуфтугӯ анҷом дод. Дар Теҳрон нишасти сарони СҲШ дар поёни кори хеш ду қарори муҳимеро қабул кард, ки бевосита ба ҷумҳурии мо дахл доштанд [7, с.418]. Дар моҳҳои июн-июли соли 1999 Конференсияи XXVI вазирони корҳои хориҷии СҲИ (Уагадугу, пойтахти давлати хурди Буркина Фасо) баргузор гардид. Вай аллакай се қарор кабул кард, ки ба фаъолияти СҲИ дар марҳилаи нави инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ дахл доранд.

Тавре зикр гардид, яке аз самтҳои фаъолияти СҲИ таъмини рушду субот дар кишварҳои мусулмонӣ, густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ мебошад. Бесабаб нест, ки дар доираи СҲИ барои тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангӣ ду ниҳоди махсус: Бонки Исломии Рушд ва Созмони исломии маориф, илм ва фарҳанг таъсис дода шудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми барқарор кардани муносибатҳо бо СҲИ ин нуктаҳоро бояд омӯзад. Тавре қайд кардем, он масъалаҳоро дар доираи манфиатҳои миллии давлат ҳал мекунад ва омили исломӣ дар бунёди он танҳо барои муттаҳид сохтани кишварҳои мусулмонӣ барои ҳалли мушкилоти дорои хусусияти дунявӣ дошта хизмат мекунад. Таҳлили фаъолияти Тоҷикистон дар СҲИ нишон медиҳад, ки тамоми тарҳҳое, ки дар ҳамкорӣ бо ин созмон амалӣ карда мешаванд, ба манофеи миллӣ ва давлатӣ ҷавобгӯ буда, дар таҳкими суботи иқтисодӣ ва рушди илму фарҳанги кишвар нақши муассир доранд. Ҷумҳурӣ аз рӯзҳои аввали узвият дар ин созмон тарҳҳоеро пешниҳод кард, ки ба рушди бахшҳои мухталифи иқтисоди миллӣ нигаронида шудаанд ва динамикаи ҳамкориҳои кишвар бо яке аз ниҳодҳои махсуси СҲИ - Бонки Исломии Рушд равшан аст. Мисоли ин дар поён баррасӣ хоҳад шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси 18-уми солонаи Шурои мудирон дар моҳи ноябри соли 1993 бо қарори Шурои мудирони БИР (Бонки Исломии Рушд) (№bg/1-414 аз 03.11.1993) ба сифати саҳмдор қабул карда шуд. Тоҷикистон бояд ҳаққи узвият пардохт кунад ва Созишномаи таъсисии БИР-ро15 январи соли 1994 дар натиҷаи қабули карори № 1437-XII Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасвиби Созишномаи таъсисии Бонки Исломии Рушд» ба тасвиб расонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи декабри соли 1996, пас аз тасвиби Оинномаи БИР, ки 31 октябри соли 1994 аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда буд, ба БИР пайваст.

**Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви Бонки Исломии Рушд**. Дар замони муосир ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ танҳо дар сатҳи байниҳукуматӣ сурат мегирад, ҳарчанд дар шароити иқтисоди бозорӣ сохторҳои дигари давлатӣ, бахусус бахши хусусӣ дар густариши робитаҳои байни кишварҳо нақши муҳим доранд. Дар ин замина татбиқи пешниҳоди Президенти Тоҷикистон дар бораи таъсиси Корпоратсияи исломии рушди бахши хусусӣ бо ширкати маблағҳои арабӣ метавонад саҳми арзанда гузорад. Тавре муҳаққиқи тоҷик М. Абдуллоев қайд мекунад, «барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои молиявию иқтисодӣ бо СҲИ тавассути фаъолияти Бонки Исломии Рушд бартариҳои кофӣ доранд. Ин на камтар аз он ба муносибатҳои байни давлатҳои Осиёи Марказӣ дахл дорад, ки бо шароити умумии таърихӣ, фарҳангӣ ва иқтисодию ҷуғрофӣ алоқамандандм» [1, с.67].

Мутобиқ ба иттилооти Вазорати тиҷорат ва рушди иқтисоди ҶТ, иштироки давлати мо дар Гурӯҳи Бонки Исломии Рушд ба ҳаҷм ва натиҷаҳои сармоягузории кишварҳои исломӣ дар иқтисоди кишвар таъсири мусбат мерасонад. Бо дарназардошти мавҷудияти имкониятҳои молиявӣ ва мавқеи устувори БИР,

инчунин, маҳдуд будани захираҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, васеъ намудани истифодаи онҳо барои ба эътидол овардани иқтисодиёти давлати мо самаранок ба назар мерасад. Аз тарафи дигар, истифодаи принсипҳои маблағгузории исломӣ дар бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар оянда ба марҳалаи нави рушди низоми молиявии кишвар оварда расонад ва мутаносибан ба афзоиши ҳаҷми маблағгузории бонкӣ, умуман, иқтисодиёт таъсири назаррас расонад.

Дар оянда ҳам ҳамкории ҷумҳурӣ бо СҲИ, аз ҷумла бо муассисаҳои махсуси он бо гирифтани қарз маҳдуд намешавад. Масалан, 12 июни соли 2000 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон намояндагони Гурӯҳи ҳамоҳангсози хазинаҳои арабии БИР: Сандуқи Кувайт, Хазинаи Арабистони Саудӣ ва Хазинаи ОПЕК-ро, ки барои иштирок дар мизи мудаввари байналмилалӣ, ки ба Тоҷикистон омада буданд, ба ҳузур пазируфт. Он таҳти сарпарастии БИР, Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ), Намояндагии минтақавии БИР дар Осиёи Марказӣ ва Аврупо ва ин Сандуқҳо ташкил карда шуд. Дар мулоқот бо иштирокдорони мизи мудаввар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд карданд: «Дар марҳилаи нав – марҳилаи барқарорсозии иқтисодиву иҷтимоии пас аз низоъ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ Ҳукумати ҷумҳурӣ ба рушди иқтисодиёти хориҷӣ муносибатҳо ва ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла аз кишварҳои арабӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад» [10]. Қатъномаи вижа оид ба Тоҷикистон (№10/27), ки кишварҳои узв дар иҷлосияи 10-уми Созмон бо ташаббуси Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2001 қабул карданд, аз он шаҳодат медиҳад, ки сохтори мазкур дар низоми муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши махсус дорад ва то андозае метавонад ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат намояд. Вай аз тамоми кишварҳои узв ва ниҳодҳои молиявии минтақаи СҲИ даъват мекунад, ки дар талошҳои Ҳукумати Тоҷикистон барои рафъи мушкилоти иқтисодӣ ва пешбурди ислоҳоти иқтисодӣ нақши фаъол ва мусоидаткунанда дошта бошанд. Дар ин санад аз Бонки Исломии Рушд тақозо шудааст, ки кумакҳои молӣ ва фаннӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври қобили мулоҳиза афзоиш диҳад. Ба ин муносибат қайд кардан лозим аст, ки яке аз хусусиятҳои ҳамкории ҷумҳурӣ бо БИР дар он аст, ки ҳамаи созишномаҳои имзокардаи тарафҳо иҷро шуда истодаанд. Масалан, бо ибтикори Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва раиси ин бонк Муҳаммад Алӣ идеяи даъвати «мизи мудаввар»-и байналмилалӣ бо ширкати маблағҳои арабӣ, ки дар боло зикр шуд, ба миён омад. Дар ин чорабинӣ Тоҷикистон 70 лоиҳаи муҳимро дар бахшҳои энергетика, нақлиёт, молия, кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф, телекоммуникатсия ва ғайра пешниҳод намуд [9].

Илова бар ин, бояд қайд кард, ки дар давраи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва БИР дар кишвар як қатор лоиҳаҳои молиявӣ бомуваффақият амалӣ гардиданд: грант барои таҳияи асосҳои техникӣ-иқтисодии лоиҳа барои содироти неруи барқ ба кишварҳои ҳамсоя барои ҶСК «Барқи тоҷик»; Грант барои таҳияи асосҳои техникӣ-иқтисодии лоиҳаи сохтмони роҳи Душанбе-Қалъаи Хумб барои Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Дастгоҳи идоракунии БИР дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идораи амволи давлатӣ ва ҷалби сармоя [8].

Хроникаи мулоқот ва суҳбатҳо аз тадриҷан мустаҳкам шудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ташкилот шаҳодат медиҳад. Инак, Ҷумҳурии

Тоҷикистон тайи солҳои ҳамкорӣ бо СҲИ аз имконоти ин созмон самаранок истифода бурда, ҳамарӯза сохторҳои дигари ин созмонро фаро мегирад. Ва дар иҷлосияи Иттиҳоди байнипарламентии кишварҳои узви он, ки 16 феврали соли 2007 дар шаҳри Куала-Лумпур баргузор шуд, Тоҷикистон ба узвияти ин иттиҳод пазируфта шуд [9].

Бояд гуфт, ки муносибатҳои мо бо СҲИ, асосан, ба шарики стратегии мо дар доираи ИДМ Федератсияи Россия мувофиқат мекарданд. Чунонки маълум аст, моҳи марти соли 2006 дар шаҳри Москва бо ибтикори Примаков ва Шаймиев бо иштироки намояндагони дигар давлатҳои ИДМ, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи «Диди стратегӣ: Русия – ҷаҳони ислом» таъсис дода шуд. Вазорати корҳои хориҷии Россия дар таъини вазифаҳои худ таъкид кард, ки ин «платформаи муколама» аст, ки дар он «ғояҳои амиқи стратегӣ» таҳия карда хоҳанд шуд. Мавзуи асосии баҳси ширкаткунандагони ҷаласаҳои он Муқовимат ба террористон ва тундгароён эълон шуда буд, ки ба мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба СҲИ мувофиқат мекунад [3].

Дар асоси амалҳои ҳамоҳангшуда ва бо назардошти манфиатҳои миллии кишварҳои узв СҲИ метавонад дар рафъи ихтилофоти ба вуҷудомада дар сатҳи минтақа саҳм гузорад. Дар маҷмуъ метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

- пас аз ба даст овардани истиқлолияти ҷумҳурӣ дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон модели муносибатҳо бо созмонҳои байналмилалии исломӣ, ки ба манфиатҳои миллии ҷумҳурӣ мувофиқ аст, ташаккул меёбад;
- тавсеаи ҳамкориҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲИ метавонад ба ҳалли мушкилоти глобалӣ ва минтақавӣ мусоидат намояд. Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СҲИ далели он аст, ки ҳам дипломатияи чандбуъдӣ ва ҳам сиёсати «дарҳои боз» дар низоми муносибатҳои байналмилалии мамлакат нақши муҳим бозида истодаанд;
- бо истифодаи бомуваффақияти иқтидори ҳамкориҳои дуҷониба СҲИ қодир аст, дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию фарҳангии ҷумҳурӣ саҳми арзанда гузорад ва ба ин васила то андозае дар татбиқи Стратегияи миллии рушд саҳм гузорад (СМР);
- амиқ шудани ҳамкориҳо бо СҲИ метавонад, сабаби маҳдуд кардани нуфузи сохторҳои ифротгаро ва бунёдгаро, ки аз номи ислом ғайриқонунӣ фаъолият мекунанд, дар Тоҷикистон гардад.

**Муқарриз: Розиқов Фарҳод – н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоев М.М. Принципиальная основа генезиса функционирования Исламского банка: понятие, анализ методологии и его перспективы в экономике Республики Таджикистан / М.М. Абдуллоев // Вестник ТГУПБП. 2012. №4 (52). [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/printsipialnaya-osnova-genezisa-funktsionirovaniya-islamskogo-banka-ponyatie-analiz-metodologii-i-ego-perspektivy-v-ekonomike (санаи муроҷиат: 19.10.2022).
2. Концепция внешней политики Республика Таджикистан. [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://www.mfa.tj/ru/main/view/988/kontseptsiya-vneshnei-politiki-respubliki-tadzhikistan (санаи муроҷиат: 19.10.2022).
3. Косач Г. Организация исламского сотрудничества: приоритеты и политический курс. 15.01.2015 / Сайт РСМД. [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://russiancouncil.ru/inner/?id_4=5079#top-content.
4. Нуриддинов Р.Ш. Исламский фактор в мировой политике и международных отношений в начале XXI в.: учебное пособие / Р.Ш. Нуриддинов, Г.В. Коваленко. – Душанбе: ТНУ, 2021. - 450 с.
5. Разоков, Ш.А. Установление и развитие дипломатических, социально-экономических и культурных взаимоотношений Таджикистана с арабскими государствами Персидского залива: 1991-2011 гг.:

диссертация ... кандидата исторических наук: 07.00.02 / Разоков Шероз Абдусамадович; [Место защиты: Тадж. нац. ун-т].- Душанбе, 2012. - 182 с.
6. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикистон: даҳ соли истиклолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ / Эмомалӣ Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 2001. -Ҷ.1. - 511 с.
7. Саидов З.Ш. Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации / Зафар Саидов. - Душанбе: Авасто, 2004. – 590 с.
8. Саидов Х.С. Теория международных отношений: учебное пособие / Х.С. Саидов, Г.В. Коваленко. – Душанбе: РТСУ, 2018. - 450 с.
9. Созмони Ҳамкории Исломӣ бояд посухгӯи тақозои уммати ислом ва ҷаҳон бошад // Ҷумҳурият, №34 (21391) от 20.02.2007.
10. Текущий архив Министерства иностранных дел Республики Таджикистан. Материалы Управления стран Азии и Африки, Папка РТ и ИБР. 2002.
11. Текущий архив Министерства иностранных дел РТ. Материалы. Таджикистан и ИБР, П.12. -С. 194.
12. Умаров Ф. Таджикистан: особенности сотрудничества с ведущими международными исламскими организациями // Центральная Азия и Кавказ. 2008. №2 (56). [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/tadzhikistan-osobennosti-sotrudnichestva-s-veduschimi-mezhdunarodnymi-islamskimi-organizatsiyami (дата обращения: 13.10.2022)
13. Устав Организации Исламского Сотрудничества. - М., 2019.

## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ИСЛОМӢ: МАРҲИЛАҲОИ АСОСӢ ДАР РУШДИ МУНОСИБОТ

Дар давраи соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистони муосир дар муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Ҳамкории Исломӣ (СҲИ) дигаргуниҳои муайян ба амал омаданд (28 июни соли 2011 Созмони Конфронси Исломӣ ба Созмони Ҳамкории Исломӣ мубаддал гашт), ки аз ҷиҳати таърихӣ муайян кардани марҳалаҳои асосии ҳамкории ду субъекти муносибатҳои байналхалқӣ ба мақсад мувофиқ хохад буд. Аз ин рӯ, дар мақола яке аз самтҳои сиёсати хориҷии муосири Тоҷикистон –рушди муносибатҳо бо Созмони Конфронси Исломӣ, ки кишварҳои ҷаҳони исломро муттаҳид месозад, баррасӣ шудааст. дар сафхои худ. Муаллифон ба сабабҳои пеш гирифтани ин хатти сиёсӣ дар Тоҷикистон муроҷиат намуда, таваҷҷуҳи раҳбарияти Тоҷикистонро ба густариши робитаҳо бо СҲИ қайд мекунанд. Он, аз як тараф, бо мулохизахои иктисодӣ, аз тарафи дигар, вазъияти ноҳияҳои «мусулмоннишини»-и РСС Точикистон муайян карда мешуд. Таҳаввули ин муносибатҳо, ки аз ҷониби муаллифон ҳамчун марҳалаҳои асосии муносибатҳои ду субъекти муносибатҳои байналмилалӣ тавсиф карда шудаанд, раванди муносибатҳоро дар солҳои истиқлолият муайян намуд. Ҳамзамон, мавқеъ ва нақши Созмони Ҳамкории Исломӣ дар низоми созмонҳои байналмилалӣ таҳлил гардида, дар он самтҳои асосии фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СҲИ, инчунин қатъномаву қарорҳои СҲИ муфассал мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ки ба амнияти мамлакатҳои аъзои ин ташкилот дахл доранд.

**Калидвожаҳо:** Созмони Ҳамкории Исломӣ, Бонки Исломии Рушд, Тоҷикистон, марҳалаҳои асосии ҳамкорӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, тартиботи ҷаҳонӣ, шарикӣ, ҳамкории сиёсӣ, робитаҳои иқтисодӣ.

## РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН И ОРГАНИЗАЦИЯ ИСЛАМСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА: ОСНОВНЫЕ ВЕХИ В РАЗВИТИИ ОТНОШЕНИЙ

В период государственного суверенитета современного Таджикистана наметились определенные сдвиги во взаимоотношениях Республики Таджикистан с Организацией исламская конференция - ОИК (28 июня 2011 г. ОИК была переименована – Организация исламского сотрудничества ОИС), что будет правомерно в историко-хронологическом плане определить основные этапы сотрудничества между двумя субъектами международных отношений. Поэтому в статье рассматривается одно из направлений современной таджикской внешней политики – возникшая после приобретение незвисимостью Республика Таджикистана линия на установление и развитие отношений с объединяющей в своих рядах страны мусульманского мира Организация исламская конференция. Обращаясь к причинам этой политической линии Таджикистана, авторы отмечает заинтересованность таджикского руководства в активизации контактов с ОИС. Она определялась, с одной стороны, экономическими соображениями, с другой же – положением в «мусульманских» регионах Республики Таджикистан. Эволюция этих отношений, характеризуемая авторами как основные этапы взаимоотношение между двумя субъектами международных отношений, определяется курс в отношении ОИС в годы независимости. При этом, подвергается анализ место и роль Организации исламского сотрудничества в системе международных организаций, детально рассматривает основные направления деятельности РТ с ОИС, а также резолюции и решения ОИС, связанные с безопасностью стран-участниц данной организации.

**Ключевые слова:** Организация исламского сотрудничества, Исламский банк развития, Таджикистан, основные этапы сотрудничества, международные отношения, мировой порядок, партнерство, политическое взаимодействие, экономические связи.

**THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE ORGANIZATION OF ISLAMIC COOPERATION: KEY MILESTONES IN THE DEVELOPMENT OF RELATIONS**

During the period of state sovereignty of modern Tajikistan, certain shifts in the relationship of the Republic of Tajikistan with the Organization of the Islamic Conference - OIC (June 28, 2011. OIC was renamed - Organization of Islamic Cooperation OIC), which will be legitimate in the historical-chronological plan to identify the main stages of cooperation between the two subjects of international relations. Therefore, this article considers one of the directions of the modern Tajik foreign policy - the line to establish and develop relations with the Organization of the Islamic Conference, uniting the countries of the Muslim world after the Republic of Tajikistan acquired its independence. In addressing the reasons for this policy line of Tajikistan, the authors note the interest of the Tajik leadership in intensifying contacts with the OIC. It was determined, on the one hand, by economic considerations and, on the other hand, by the situation in the "Muslim" regions of the Republic of Tajikistan. The evolution of these relations, characterized by the authors as the main stages in the relationship between the two subjects of international relations, is determined by the course with respect to the OIC in the years of independence. In the process, the place and role of the Organization of Islamic Cooperation in the system of international organizations is analyzed and the main directions of the activity of the RT with the OIC, as well as the resolutions and decisions of the OIC related to the security of the OIC member-states are reviewed in details.

**Keywords:** Organization of Islamic Cooperation, Islamic Development Bank, Tajikistan, main stages of cooperation, international relations, world order, partnership, political interaction, economic relations.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саидов Ҳомид Саидович*** **-** Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ ва дипломатия. **Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. E-mail: **homid-saidov@mail.ru**
***Ғуломов Абдуқодир Маҳмадраҳимович*** **–** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи С. Айнӣ, 67. E-mail: **Ghulomil9@mail.ru** Телефон: **+992917060096**

**Сведения об авторах:** ***Саидов Хомид Саидович*** – Российско-Таджикский (славянский) университет, доктор политических наук, профессор кафедры международных отношений и дипломатии. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзаде, 30. E-mail**: homid-saidov@mail.ru**
***Ғуломов Абдуқодир Маҳмадраҳимович*** **–** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица С.Айни, 67. E-mail: **Ghulomil9@mail.ru** Телефон: **+992917060096**

**Information about the author:** ***Saidov Homid Saidovich*** – Russian-Tajik (Slavonic) University, Dr. of Sciences (Political Science), Professor of the Department of International Relations and Diplomacy. **Address:** 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade Street 30. E-mail**: homid-saidov@mail.ru**
***Gulomov Abdukodir Mahmadrahimovich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, fellow of the Department of the History of the Tajik People. Address: 7351040, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, S. Aini street, 67. E-mail: **Ghulomil9@mail.ru** Phone**: +992917060096**

УДК:930.15

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ҲАДАФҲОИ АСОСИИ ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

*Меҳрангез Юсуфӣ*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Маълум аст, ки эътибори байналмилалии ҳар як давлатро на танҳо аз рӯйи вазни сиёсӣ ва захираҳои иқтисодӣ, балки бо иқтидори маънавӣ ва фарҳангии он низ муайян кардан мумкин аст. Беҳуда нест, ки таблиғи мероси фарҳангии худ дар хориҷа яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишварҳои хурду бузург ба ҳисоб меравад. Дар марҳилаи ҷаҳонишавӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ дипломатияи фарҳангӣ воситаи муҳимми ҳамкориҳо дар муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз воситаҳои муҳимми сиёсати муосир ва эҷоди симои мусбӣ дар хориҷа фарҳанг аст. Чунин ба назар мерасад, ки фарҳанг воситаи самарабахши таъсир дар дурнамои дарозмуддат, аз ҷумла дар соҳаи сиёсӣ бидуни истифодаи усулҳои зӯроварӣ ё усулҳои ғайримуқаррарии фишор ба муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Рамзҳо, забон, ошхона, навъҳои рафтору кирдор, мероси таърихӣ, санъат - ин ҳама захираи адонашавандаи неруи фарҳангии миллатро ифода мекунанд, ки ба муттаҳидсозии ҷомеа дар дохили давлат ва эҷоди симои мусоиди кишвар дар хориҷа равона карда шудааст.

Олими амрикоӣ Милтон дипломатияи фарҳангиро ҳамчун “мубодилаи идеяҳо, иттилоот, муқаддасот, анъана, эътиқод ва дигар ҷиҳатҳои фарҳанг, ки метавонанд ҳамдигарфаҳмиро беҳтар гардонанд”, маънидод намудааст [4]. Дар чунин ҳолат дипломатияи фарҳангӣ ба қисми таркибии дипломатияи мардумӣ дохил шуда, маҷмуи таъсири амалиеро, ки мақсади тактикиву стратегӣ дар соҳаи фарҳанги ҳамкории давлатҳо, созмонҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ дорад, ифода менамояд. Ба ин восита баробари дипломатияи нухбагон дипломатияи халқӣ қувват гирифта, табодули фарҳангии одамони одиро низ фарогир мешавад. Яъне, баробари сиёсатмадорон, сафирон, арбобони барҷаста, аҳли фарҳангу адаб, шахсиятҳои эҷодӣ ҳангоми соҳиби нуфузи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ шудан метавонанд дар ҳамкории кишварҳо таъсир расонанд ва соҳиби натиҷаҳои судманд гарданд.

Мафҳуми «дипломатияи фарҳангӣ» солҳои сиюми асри XX пайдо шуда, дар ибтидо тобиши возеҳи таблиғотӣ дошт, зеро он сиёсати Иттиҳоди Шуравиро тавсиф мекард. Муҳаққиқи амрикоӣ Ф.Баргҳорн ин мафҳумро ҳамчун "суиистеъмоли маводи фарҳангӣ ва кадрҳо бо мақсадҳои таблиғотӣ" таъриф намудааст [1]. Воқеан, солҳои 20-ум ва 30-юм, роҳбарияти ИҶШС ба эҷоди симои мусбати давлат дар Ғарб хеле манфиатдор буд. Саноатикуноние, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ оғоз ёфт, ҷалби технологияҳои хориҷӣ ва кормандони муҳандисию техникиро талаб мекунад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ, роҳбарияти Шуравӣ, аз ҷумла усулҳои дипломатияи фарҳангиро истифода бурд [*8*].

Дар ин давра амалияи мубодилаи фарҳангӣ васеъ паҳн гардид, вақте ки элитаи зиёиёни Ғарб – файласуфон, нависандагон ва ходимони маъруф, ки мехостанд вазъи "таҷрибаи бузурги иҷтимоиро" бо чашми худ бубинанд, ба кишвар даъват карда шуданд. Х.Уэллс, Р. Роллан, Б. Рассел, А. Гиде ва дигар ходимони намоёни фарҳангӣ ба ИҶШС ташриф оварданд. Мушоҳида ва назоратро аз болои будубоши меҳмонони хориҷӣ аз ҷониби Бюрои Сиёсӣ ва шахсан И.В. Сталин бар ухда доштанд.

Дар доираи дипломатияи фарҳангӣ усули хосси меҳмондорӣ аҳамияти хосса дошт. Вохӯриҳои меҳмонон бо элитаи сиёсии Шуравӣ барпо гардида, зиёфатҳои

бошукӯҳ ташкил карда мешуданд. Воситаи муҳимми эҷоди симои мусбии ИҶШС музокироти тулонии Сталин бо нависандагон ва файласуфони хориҷӣ оид ба доираи васеи мушкилоти байналмилалӣ ва дохилӣ буд. Ҳамин тавр, соли 1931, Сталин Бернард Шоу ва Эмил Людвиг, дар солҳои 1927, 1932, 1933 ва 1934 – Анри Барбюс, соли 1934 – Герберт Уэллс, соли 1935 – Ромен Роллан, соли 1937 – Лион Фейхтвангерро қабул кард [10, с.49].

Баъзе муҳаққиқони муосир бо ин равиш дипломатияи фарҳангиро дар заминаи таблиғ ва пешбурди манфиатҳои давлат дар арсаи байналмилалӣ тавассути фарҳанг, илм ва санъат идома медиҳанд. Аз ҷумла, А.В. Голубев, ки давраи 1929-1939-ро тавсиф намуда, ҳамчун "соати беҳтарин"-и дипломатияи фарҳангии шуравӣ чунин таъриф медиҳад: "Дипломатияи фарҳангӣ истифодаи давлат барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, дипломатӣ, таблиғотии робитаҳои мавҷуда ё махсуси барқароршудаи фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва илмист" [9, с.161].

Таҳлили муқоисавии мундариҷаи мафҳумҳои «дипломатияи фарҳангӣ» ва «сиёсати фарҳангии хориҷӣ» ба мо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои мушаххас ва фарқияти хислатҳои онҳоро муайян намоем. Масалан:

– дипломатияи фарҳангӣ – мафҳуми илмҳои сиёсӣ, ки истифода ва интиқоли ақидаҳои фарҳангиро байни гурӯҳҳои гуногун барои ноил шудан ба ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ тавсиф мекунад;

– дипломатияи фарҳангӣ – ин ниҳоди ҷамъиятӣ ба кишварҳои тамоми ҷаҳон барои мубодилаи арзишҳои фарҳангии халқҳо, ки дар заминаи истифодаи фарҳанг ҳамчун ноил шудан ба ҳадафҳои бунёдии сиёсати хориҷии давлат – эҷоди симои мусоиди кишвар дар арсаи байналмилалӣ, маъмулгардонии фарҳанг ва забонҳои халқҳои онҳо имконият фароҳам меорад;

– дипломатияи фарҳангӣ соҳаи фаъолияти дипломатӣ мебошад, ки бо истифодаи фарҳанг ҳамчун объект ва воситаи расидан ба ҳадафҳои бунёдии сиёсати хориҷии давлат алоқаманд аст, эҷоди симои мусоиди кишвар, маъмул сохтани фарҳанг ва забонҳои халқҳои он;

– дипломатияи фарҳангӣ – навъи дипломатияи ҷамъиятӣ ва неруи нарм;

– дипломатияи фарҳангӣ – истифодаи робитаҳои фарҳангӣ барои расидан ба таблиғот ва ҳадафҳои дигар, ки барои ба даст овардани ҳам таблиғот ва ҳам ҳадафҳои дигари давлат мусоидат мекунанд (сиёсатшиноси амрикоӣ Фредерик Чарлз Баргҳорн);

– дипломатияи фарҳангӣ намунаи асосии «неруи нарм», қобилияти боваркунонӣ тавассути фарҳанг, арзишҳо, ғояҳо дар муқобили «қувваи сахт» мебошад, ки тавассути қувваҳои мусаллаҳ ғалаба мекунад ё маҷбур мекунад (сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷ. Най) ва дигарон [13, с.28-29].

Нақши дипломатияи фарҳангӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ аз ҳама бештар баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон равшан гардид. Сенатори амрикоӣ Фулбрайт яке аз аввалинҳо шуда, пешниҳод кард, ки дар муносибати миёни халқҳо авлавиятҳо аз сари нав дида баромада шаванд. Чи тавре ки вай қайд намуд: «Андозаи ҷаҳон, бо гузашти наслҳо, аз оне, ки мо то кадом сатҳ арзишҳо ва фарҳанги худро бо дигар тамаддунҳо ошно месозем, вобастагии бисёр калон пайдо хоҳад кард».

Ҳадафи асосии дипломатияи фарҳангӣ ташаккули нуфузу мартабаи мусоиди кишвар дар арсаи байналхалқӣ ба шумор меравад. Чи тавре ки аз номаш маълум аст, дар дипломатияи фарҳангӣ маҳз фарҳанг нақши асосиро мебозад. Лекин, агар илм, маориф, варзиш ва дигар самтҳои фаъолияти инсониятро берун аз маркази диққат қарор диҳем, хатогии калон аст. Дар ҳолати дигар ҷомеаи илмиро мебоист истилоҳоти «дипломатияи варзишӣ» ва «дипломатияи донишҷӯӣ»-ро (мубодилаи донишҷӯён миёни макотиби олии кишварҳои гуногун) ба илм ворид намоянд. Ҳамин тариқ, дар таркиби дипломатияи фарҳангӣ ҳамаи соҳаҳои фаъолияти сулҳхоҳонаро, ба истисноӣ сиёсат ва иқтисодиёт ворид намудан зарур аст.

Бояд қайд намуд, ки дипломатияи фарҳангӣ ба мафҳуми «ҳамкории байналхалқии гуманитарӣ» наздикӣ дорад. Дар ҳақиқат, ин мафҳум бо худ ҳамаи алоқаҳои ғайрисиёсӣ ва ғайрииқтисодӣ, аз ҷумла илмӣ, фарҳангӣ, маориф, варзиш, соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва муҳити зист, гурезагон, бартараф намудани ҳодисаҳои гуманитарӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Дар асл, дипломатияи фарҳангӣ ва ҳамкории байналхалқии гуманитарӣ соҳаи якранги фаъолияти сиёсати хориҷиро фаро мегиранд. Лекин, дар айни замон миёни ин ду равияҳо фарқияти асосӣ вуҷуд дорад, ки аз ҳадафҳояшон вобаста аст. Ҳамкории байналхалқии гуманитарӣ ба қонеъ кунонидани талаботҳои мардум равона шуда бошад, пас дипломатияи фарҳангӣ ба эҷоди обрӯву мартабаи мусоиди давлат нигаронида шудааст [11,с. 13-14].

Дипломатияи фарҳангӣ ҷузъи муҳимми сиёсати давлатии кишвар мебошад. Он соҳаи фарҳангию гуманитариро дар бар мегирад, ки ба ҳамгироии кишвар ба фазои фарҳангии ҷаҳон нигаронида шудааст. Албатта, дар кишварҳои гуногун сатҳи иштироки давлат ба фаъолияти фарҳангии байналмилалӣ гуногун аст. Ин ба дараҷаи рушди давлат, анъанаҳои миллӣ ва иқтидори фарҳангии кишвар, пеш аз ҳама, ба имкониятҳои молиявии давлат ва ҳадафҳои он дар ин самт вобаста аст.

Сохти мавҷудаи ҳамоҳангсозӣ, ҳавасмандгардонӣ ва ташкили фаъолияти фарҳангии байналмилалӣ дар ҷаҳон имкон медиҳад, ки вазифаҳои зерин, бо иштироки вазоратҳои корҳои хориҷӣ, инчунин дигар муассисаҳои давлатӣ ҳал карда мешаванд ва метавонанд ҳамчун вазифаҳои дипломатияи фарҳангӣ ифода карда шаванд [12, с.116]:

- муаррифӣ намудани фарҳанги кишвари худ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;
- истифодаи мубодилаи фарҳангӣ ва дигар лоиҳаҳои фарҳангӣ барои баланд бардоштани нуфуз ва обрӯи кишвар ва фароҳам овардани шароити мусоид барои беҳтар намудани ҳамкорӣ дар соҳаҳои марбута, масалан, дар соҳаи иқтисод ва сиёсат;
- шиносоии ҷомеаи худ бо мероси фарҳангии дигар кишварҳо;
- мусоидат ба мубодилаи илмӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи илм, нигоҳ доштани сатҳи баланди илмӣ ва технологии ҷавобгӯи стандартҳои байналмилалӣ;
- ҳамкорӣ дар соҳаи варзиш, сайёҳӣ;
- таҳкими мавқеи забони кишвари худ дар хориҷа;
- хизматрасонии фарҳангӣ барои ҳамватанони бурунмарзӣ.

Бо ҳама хусусиятҳои миллии фарҳанг ва дипломатияи фарҳангии ҳар як кишвар, вазифаҳое, ки дар назди он истодаанд, асосан ба рӯйхати дар боло зикршуда мувофиқат мекунанд, гарчанде ки онҳо бо фарқиятҳои зиёди техникӣ, усулҳо ва бо назардошти захираҳои мавҷуда ҳал карда мешаванд. Албатта, алоқаи фарҳангӣ ва мубодилаи фарҳангӣ дар худ арзишманданд. Онҳо фарҳангҳои миллиро ғанӣ мегардонанд, дар такмили зеҳнӣ ва ахлоқии инсоният саҳм мегиранд. Аммо, мақомоти давлатӣ аксар вақт фарҳангро ҳамчун воситаи баланд бардоштани обрӯи худ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ дар кишварҳои хориҷӣ, ҷорӣ намудани нуқтаи назар ва муносибати муайяни неруҳои фарҳангӣ ва ташаккули қолибҳои рафтории аҳолӣ медонанд.

Ҳамзамон, ба системаи объектҳои дипломатияи фарҳангӣ кинематография, наққошӣ, чорабиниҳои намоишӣ, барномаҳои таълимӣ, мубодилаи илмӣ, форумҳо ва фестивалҳои байналмилалӣ дохил мешаванд. Бо ёрии ҳамаи ин воситаҳо, давлатҳо метавонанд зиндагии миллати дигарро ба таври возеҳ пайгирӣ кунанд, арзишҳои фарҳангӣ ва ҳувияти онҳоро бо мақсади ҳамкориҳои минбаъда ё эҷоди иттиҳоди нав дарк кунанд [7, с.10-11]. Равобити байналмилалии фарҳангӣ ба ҳамкории давлатҳо дар татбиқи бисёр барномаҳои байналмилалӣ, ки ба рушди маънавии ҷомеа ва ташаккули арзишҳои ахлоқии инсонӣ мусоидат мекунанд, кумак мерасонад.

Муҳаққиқи бритониёӣ Марк Леонард дар асари худ «Дипломатия бо усули дигар» муҳимтарин ҳадафҳои дипломатияи оммавиро дар асри XXI муайян кардааст. Ҳамаи онҳо бо таҳияи сиёсати фарҳангӣ алоқаманданд:

- баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи кишвар;
- ташаккули ғояҳои мусбат дар бораи кишвар ва арзишҳои он;
- ҷалби мардум ба кишвар барои сайёҳӣ ва таҳсил, таблиғи молҳои он дар хориҷ;
- ҷалби сармояи хориҷӣ ва иттифоқчиёни сиёсӣ [6].

Метавон гуфт, ки дипломатияи фарҳангӣ як навъ меҳвари дипломатияи оммавии давлат аст, зеро миллат маҳз тавассути фарҳанг ҳувияти худро ба ҷаҳон ошкор мекунад ва инчунин арзишҳо ва ғояҳои худро муаррифӣ мекунад.

Якчанд омилҳое ҳастанд, ки ба дипломатияи фарҳангии давлат таъсир мерасонанд:

- ➢ афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ;
- ➢ талош барои ташаккули симои мусбат;
- ➢ таърихи кишвар;
- ➢ захираҳо ва маблағгузорӣ барои сиёсати фарҳангӣ;
- ➢ интишор ва шуҳрати забони давлатии кишвар дар ҷаҳон;
- ➢ манфиатҳои тиҷоратии давлат [5].

Дар доираи ташаббусҳои дипломатияи фарҳангӣ метавон аз инҳо истифода бурд:

- ▪ санъат, аз ҷумла театр, кино, мусиқӣ, рақс, наққошӣ, ҳайкалтарошӣ;
- ▪ намоишгоҳҳо, аз ҷумла намоишгоҳҳои байналмилалии EXPO;
- ▪ барномаҳои таълимӣ ва барномаҳои мубодилаи академӣ ва илмӣ, барномаҳои забон дар хориҷа;
- ▪ адабиёт: ташкили китобхонаҳо дар хориҷа ва тарҷумаи асарҳои миллӣ ба забонҳои хориҷӣ;
- ▪ пахши барномаҳои хабарӣ ва фарҳангӣ дар хориҷа;
- ▪ дипломатияи динӣ, аз ҷумла ташаббусҳо барои муколамаи байни динҳо [3, с.82-87].

Яке аз самтҳои асосии дипломатияи фарҳангӣ ба роҳ мондани робитаҳои дарозмуддат бо одамони одӣ тавассути барномаҳои мубодилаи фарҳангӣ ва академӣ, грантҳо ва стипендияҳо, тренингҳо, конфронсҳо, инчунин дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотӣ мебошад [2, с.24]. Ҳамин тариқ, робитаҳои фарҳангӣ метавонанд воситаи муассири дипломатияи оммавии давлат гарданд ва дар ташаккули симои мусоиди кишвар мусоидат кунанд. Дар ниҳояти кор, ҳадафи дипломатияи фарҳангӣ таъсир расонидан ба сатҳ ва хусусияти тамос бо кишварҳои хориҷӣ ва дар маҷмуъ ба системаи муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Дипломатияи фарҳангӣ мехоҳад унсурҳои фарҳангро истифода барад, барои расидан бо мақсадҳои зерин:

- эҷоди назари мусбии хориҷиён нисбати аҳолӣ, фарҳанг ва сиёсати кишвар;
- ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои байни кишварҳо;
- тағйир додани муҳити сиёсии кишвар;
- ҳифзи манфиатҳои миллӣ;
- пешгирӣ, идора ва рафъи оқибатҳои мунокишаҳои байни кишварҳо [3, с.77].

Дар навбати худ, дипломатияи фарҳангӣ метавонад ба кишварҳо барои беҳтар фаҳмидани одамони хориҷӣ кумак расонад, ки ин ба ҳамдигарфаҳмии бештар оварда мерасонад. Дипломатияи фарҳангӣ як роҳи роҳандозии муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Барномаҳои мубодилаи фарҳангӣ ба ташаккули симои мусбии кишвар дар хориҷ тавассути интиқоли арзишҳои фарҳангӣ ба халқҳои дигар, инчунин амалисозии раванди иртиботи фарҳангӣ мусоидат мекунанд. Ба тариқи дигар, дипломатияи фарҳангӣ дар ҷое кор мекунад, ки дипломатияи классикӣ ба қадри кофӣ самарабахш набошад.

Ҳамин тариқ, дипломатияи фарҳангӣ се ҳадафи асосии бо ҳам алоқаманд дорад:

Якум, ташаккули симои мусбати давлатҳои хориҷӣ, ки барои ба даст овардани онҳо фарҳанг ва робитаҳои фарҳангӣ ҳамчун воситаи махсус истифода мешаванд.

Дуюм, таблиғ, оммавият, содироти фарҳанг ва забони миллӣ, таблиғи дастовардҳо ва арзишҳои фарҳангии худ дар хориҷа.

Сеюм, фароҳам овардани шароити мусоид барои иҷрои вазифаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар вазифаҳои кишвар дар арсаи байналмилалӣ, яъне амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ.

Дипломатияи фарҳангӣ, ба ғайр аз ҳадафҳои умумӣ, боз якчанд вазифаҳои мушаххас дорад:

- мусоидат ба татбиқи раванди ҳамкориҳои байнифарҳангӣ, рушди робитаҳои фарҳангӣ;
- барқарор кардани ҳамдигарфаҳмӣ байни халқҳо тавассути ташкили мубодилаи фарҳангӣ;
- ғанигардонии фарҳанги миллии худ тавассути шиносоӣ бо беҳтарин дастовардҳои фарҳангии инсоният, ҳифзи гуногунрангии фарҳангӣ дар ҷаҳон.

Дипломатияи фарҳангӣ то андозае ба ҳамоҳанг сохтани муносибатҳои байнидавлатӣ, аз байн бурдани низоъҳо ва ихтилофҳои бамиёномада равона шудааст [13, с.38].

Ҳамин тариқ, дипломатияи фарҳангӣ ҷузъи муҳимми сиёсати давлатии кишвар мебошад. Он соҳаи фарҳангию гуманитариро дар бар мегирад, ба ҳамгироии кишвар ба фазои фарҳангии ҷаҳон нигаронида шудааст. Албатта, дар кишварҳои гуногун сатҳи иштироки давлат ба фаъолияти фарҳангии байналмилалӣ гуногун аст. Ин ба дараҷаи рушди давлат, анъанаҳои миллӣ ва иқтидори фарҳангии кишвар, пеш аз ҳама, ба имкониятҳои молиявии давлат ва ҳадафҳои он дар ин самт вобаста аст.

Дар охир метавон гуфт, ки дипломатияи фарҳангӣ ҳамарӯза ба ҳаври динамикӣ рушд карда, ахиран маънои нав пайдо кард, ки метавонад ба муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва байнидавлатӣ таъсир расонад. Давлатҳо беш аз пеш ба дипломатияи фарҳангӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, ки он симои онҳоро дар хориҷа ташаккул медиҳад, зеро ин воситаи муассири пешбурди манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ маҳсуб меёбад.

**Муқарриз: Шарипов А.- н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Barghoorn F.C. The Soviet Cultural Offensive. The role of Cultural Diplomacy in Soviet Foreign Policy. Princeton, 1960.
2. Bound K., Briggs R., Holden J., Jones S. Cultural Diplomacy. London. Demos, 2007. 220 p.
3. Cultural Diplomacy, Political Influence and Integrated Strategy // Strategic Influence: Public Diplomacy, Counterpropaganda and Political Warfare. Ed. Michael J. Waller. Washington DC. Institute of World Politics Press, 2009.
4. Cummings, Milton C. Research Abstract: Cultural Diplomacy and the United States Government: A Survey. Нашрияи электронӣ: Americans for the Arts (formerly Center for Arts and Culture). 2009. – https://www.americansforthearts.org/ (санаи муроҷиат: 13.11.2021) ;
5. Holden J. Influence and Attraction. Culture and the race for soft power in the 21st century // British Council. URL: www.britishcouncil.org.
6. Leonard M. Diplomacy by Other Means // Foreign policy, 2002.
7. Агибалова Л.С. Место и роль культурной дипломатии в современном мире // В сборнике: Будущее науки – 2018. Сборник научных статей 6-й Международной молодежной научной конференции. В 4-х томах. Ответственный редактор А.А. Горохов. -2018. -С. 10-11.
8. *Василенко Е. В.* Культурная дипломатия как инструмент «мягкой силы» государства http://www.perspektivy.info/oykumena/europe/kulturnaja_diplomatija_kak_instrument_magkoj_sily_gosudarstva_2015-11-23.htm (манбаи электронӣ). Санаи муроҷиат: 24.11.2021.
9. Журавлева Н.Н. Коммуникативные стратегии в сфере культурной дипломатии: современные дискуссии / Н.Н. Журавлева // Вестник ВГУ. Серия: Лингвистика и межкультурная коммуникация. – 2007. - № 2, (ч. 2).
10. Куликова Г.Б. Пребывание в СССР иностранных писателей в 1920-1930х годах / Г.Б. Куликова // Отечественная история. -2003. -№ 4. -С. 49.
11. Лазоркина О.И. Культурная дипломатия / О. Лазоркина. - Минск, БГУ. – 2012. -80 с.

12. Рыбакова М. Международный аспект культурной политики. Опыт России и зарубежных стран / М.Рыбакова // Управленческое консультирование -№1. -2013.
13. Салимов Ф.Н. Культурная дипломатия. Учебник / Ф.Н. Салимов. - Душанбе: Истеъдод, 2019. -168 с.

## ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ҲАДАФҲОИ АСОСИИ ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Мақола ба омӯзиши яке аз воситаҳои асосии сиёсати хориҷӣ – дипломатияи фарҳангӣ, мафҳум, моҳият ва нақши он дар пешбурди сиёсати фарҳангии кишварҳои гуногун бахшида шудааст. Муаллиф фарҳангро яке аз воситаҳои муҳимми сиёсати муосир ва эҷоди симои мусбӣ дар хориҷа маънидод намудааст. Муаллиф фарҳангро воситаи самарабахши таъсир дар дурнамои дарозмуддат, аз ҷумла дар соҳаи сиёсӣ бидуни истифодаи усулҳои зӯроварӣ ё усулҳои ғайримуқаррарии фишор ба муносибатҳои ҷамъиятӣ меҳисобад. Дипломатияи фарҳангӣ ин муносибатҳои байнидавлатӣ дар соҳаи фарҳанг (илм, маориф, варзиш ва ғ.) ба ҳисоб рафта, барои ниол шудан ба мақсадҳои ғайримаданӣ (сиёсӣ, иқтисодӣ) равона гардидааст. Дипломатияи фарҳангӣ имкон медиҳад, ки бо ёрии маданият (илм, маориф, варзиш ва ғ.) баъзе масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ҳаллу фасл карда шаванд. Масалан, аз ҷониби сафоратхона гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ (намоишгоҳҳо, тамошои филмҳо, корсерт) ба баланд шудани шинохт ва обрӯи кишвар оварда мерасонад, ки дар навбати худ, ин аз зиёдшавии афзоиши сайёҳон дарак медиҳад. Қайд кардан зарур аст, ки дипломатияи фарҳангӣ дар заминаи омӯзиши амиқи анъана, дин, таърих ва хусусиятҳои хосси фарҳангии кишвар бунёд мегардад. Маҳз ҳамин омил ба таъмини истифодаи босамари он имконият медиҳад. Ташаккули нуфузу мартабаи мусоиди кишвар дар арсаи байналхалқиро яке аз ҳадафҳои асосии дипломатияи фарҳангӣ ҳисобидан мумкин аст. Чи тавре ки аз номаш маълум аст, дар дипломатияи фарҳангӣ маҳз фарҳанг нақши асосиро мебозад.

***Калидвожаҳо:*** дипломатияи фарҳангӣ, фарҳанг, сиёсати хориҷӣ, сиёсати фарҳангӣ, ИҶШС, дипломатия, имиҷи давлат, мубодилаи фарҳангӣ, муносибатҳои байналхалқӣ.

## ИСТОРИЯ СТАНОВЛЕНИЯ И ОСНОВНЫЕ ЗАДАЧИ КУЛЬТУРНОЙ ДИПЛОМАТИИ В СОВРЕМЕННОЕ ВРЕМЯ

Статья посвящена исследованию одного из основных инструментов внешней политики - культурной дипломатии, ее концепции, сущности и роли в продвижении культурной политики разных стран. Автор описывает культуру как один из важнейших инструментов современной политики и создания положительного имиджа за рубежом. Автор рассматривает культуру как эффективное средство воздействия на долгосрочную перспективу, в том числе в политической сфере, без применения насильственных или нетрадиционных методов давления на общественные отношения. Культурная дипломатия – это межгосударственное сотрудничество в области культуры (науки, образования, спорта и т.д.), которое в то же время направлено и на достижение негуманитарных (т.е. политических, экономических) целей. Культурная дипломатия позволяет с помощью культуры (науки, образования, спорта и т.д.) решать некоторые политические и экономические проблемы. Так, например, проведение посольством культурных мероприятий (выставок, просмотров фильмов, концертов) способствует повышению узнаваемости и имиджа страны, что, в свою очередь, ведет к вполне осязаемой выгоде в виде увеличения притока туристов. Следует отметить, что культурная дипломатия основывается на глубоком и всестороннем изучении традиций, религии, истории, культурных особенностей страны. Именно этот фактор позволяет обеспечить его эффективное использование. Формирование благоприятного имиджа и положения страны на международной арене можно считать одной из основных целей культурной дипломатии. Как следует из названия, именно культура играет ключевую роль в культурной дипломатии.

***Ключевые слова:*** культурная дипломатия, культура, внешняя политика, культурная политика, СССР, дипломатия, имидж государства, культурный обмен, международные отношения.

## THE HISTORY OF FORMATION AND THE MAIN TASKS OF CULTURAL DIPLOMACY IN MODERN TIME

The article is devoted to the study of one of the main instruments of foreign policy – cultural diplomacy, its concept, essence and role in promoting the cultural policy of different countries. The author describes culture as one of the most important tools of modern politics and the creation of a positive image abroad. The author considers culture as an effective means of influencing the long-term perspective, including in the political sphere, without the use of violent or unconventional methods of pressure on public relations. Cultural diplomacy is interstate cooperation in the field of culture (science, education, sports), which at the same time is aimed at achieving non-humanitarian (political, economic) goals. Cultural diplomacy allows with the help of culture (science, education, sports, etc.) to solve some political and economic problems. For example, the holding of cultural events by the embassy (exhibitions, screenings of films, concerts) contributes to an increase in the recognition and image of the country, which, in turn, leads to quite tangible benefits in the form of an increase in the influx of tourists. It should be noted that cultural diplomacy is based on a deep and comprehensive study of the traditions, religion, history, and cultural characteristics of the country. It is this factor that makes it possible to ensure its effective use. The formation

of a favorable image and position of the country in the international arena can be considered one of the main goals of cultural diplomacy. As the name suggests, it is culture that plays a key role in cultural diplomacy.

**Key words:** cultural diplomacy, culture, foreign policy, cultural policy, USSR, diplomacy, state image, cultural exchange, international relations.

**Маълумот дар бораи муаллиф*:* *Меҳрангези Юсуфӣ*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **985090706**

**Сведения об авторе: муаллиф*:* *Меҳрангези Юсуфи*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, ассистент кафедры права и международных отношений. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова, 16. Телефон: **985090706**

**Information about the author. *Mehrangez Yusufi* -** Kulyab State University named after A. Rudaki, assistant of the Department of Law and International Relations. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone: **985090706**

**УДК: 93/99. (476)**

# НАҚШИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ДАР ҲАЛЛИ МУНОҚИШАИ БАЙНИ ТОҶИКОН

***Шарофов Э.У.***

**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

СММ соли 1945 ҳамчун як созмони умумиҷаҳонии байналмилалӣ бо ҳадафи ҳифзи сулҳ ва амнияти байналмилалӣ ва рушди ҳамкориҳои байни давлатҳо таъсис ёфтааст ва дар айни замон СММ 185 кишвари дунёро муттаҳид менамояд.

Дар зери сояи СММ шумораи зиёди ташкилотҳои байниҳукуматӣ мавҷуданд, ки ҳаёти байналмилалиро дар доираи миссияи функсионалии худ танзим мекунанд.

Дар давраи муқовимати дуқутба дар арсаи байналмилалӣ самаранокии фаъолияти СММ аксар вақт паст буд. Муқовимати сиёсӣ, ҳарбӣ ва идеологии ду абарқудрат ва ҳампаймонҳои онҳо аксар вақт ба фаъолияти сохторҳо ва муассисаҳои СММ таъсири фалаҷкунанда мерасонд. Бо ба итмом расидани ҷанги сард такони қавӣ барои фаъолсозии СММ ва ба механизми муассири ташкили ҳаёти байналмилалӣ табдил додани он ба миён омад [1,с.43].

Кӯшишҳои Созмони Милали Муттаҳид барои ҳифзи сулҳ аҳамияти махсус пайдо карданд. Агар дар чаҳор даҳсолаи аввали мавҷудияти худ СММ бо фиристодани нозирон, миёнаравҳо ё хизматчиёни ҳарбӣ ба минтақаҳои муноқиша 14 миссия ва амалиётҳои гуногун анҷом дода бошад, пас аз соли 1988 инҷониб 33 амали посдори сулҳ оғоз карда шудааст.

Авҷи фаъолият дар ин самт ба соли 1995 рост омад, ки шумораи умумии кормандони сулҳи Созмони Милали Муттаҳид тақрибан 70 ҳазор нафарро (аз ҷумла 31 ҳазор кормандони ҳарбиро) аз беш аз 70 кишвари ҷаҳон ташкил медод. Дипломатияи пешгирикунанда (миссияҳои муайянкунии далелҳо, талошҳо барои оштӣ додани тарафҳо, миёнаравӣ ва ғ.), ташкили риояи оташбас, амалиётҳои башардӯстона (расонидани кумак ба гурезагон ва дигар қурбониёни муноқиша) ва кумак дар барқарорсозии пас аз низоъ тавассути СММ ба таври назаррас рушд кардааст. Дар ин ё он шакл, СММ дар талошҳо барои ҳалли аксари нуқтаҳои доғи даҳсолаи ҷорӣ - дар Сомали, Мозамбик, Камбоҷа, Афғонистон, Амрикои Марказӣ, Гаити, Югославияи собиқ, Ховари Миёна, Руанда, ғарби Саҳрои Кабир, Тоҷикистон, Гурҷистон саҳм гузоштааст. Дар айни замон, Шӯрои Амният инчунин чунин воситаҳоро ба монанди таҳримҳо (чораҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, дипломатӣ, молиявӣ ва дигар чораҳои маҷбурӣ, ки ба истифодаи қувваҳои мусаллаҳ алоқаманд нестанд) ва халъи силоҳи маҷбурӣ (нисбат ба Ироқ) истифода бурданд [21,с.123].

Бо вуҷуди ин, хотимаи ҷанги сард на танҳо барои СММ имкониятҳои нав фароҳам овард, балки камбудиҳои хосси онро нишон дод. Аз як тараф, дар бораи хароҷоти мавҷудияти як аппарати бузурги бюрократии СММ, раванди қабули қарорҳои бесамар ва бесамари он, пур кардани ташкилот бо сохторҳои сершумор ва параллелизми онҳо сухан меравад. Аз тарафи дигар, саволи мутобиқсозии СММ ба тағйироти ҷиддии манзараи сиёсии байналмилалӣ, ки дар тули зиёда аз панҷ даҳсолаи мавҷудияти он ба амал омадааст, гузошта мешавад.

Ниҳоят, бисёр масъалаҳои консептуалии фаъолияти СММ номуайян боқӣ мемонанд (системаи афзалиятҳои он бояд чӣ гуна бошад, вазифаҳои онро дар кадом шароит ба ташкилотҳои минтақавӣ ё эътилофи давлатҳо вогузор кардан мумкин аст, шароит ва ҳудуди дахолати СММ ба корҳои дохилӣ чӣ гуна аст чӣ гуна ба ҳамбастагии оптималии демократия ва самарабахшӣ дар фаъолияти СММ ноил шудан, чӣ гуна принсипи универсалии онро бо мақоми махсуси аъзои доимии Шурои Амният ва ғ.) [9,с.87].

Ҳифзи сулҳ яке аз василаҳои муассир дар ихтиёри СММ барои кумак ба кишварҳои мизбон дар лаҳзаҳои душвори муноқиша мебошад.

Ҳифзи сулҳ як қатор афзалиятҳои беназир дорад, аз ҷумла қонуният ва тақсими масъулият ва қобилияти ҷойгиркунӣ ва нигоҳдории контингентҳои низомӣ ва полис аз тамоми ҷаҳон ва якҷоя кардани онҳо бо посдорони сулҳи мулкӣ барои иҷрои мандатҳои фарогир [14,с.84].

Фаъолияти посдорони сулҳи Созмони Милали Муттаҳид дар заминаи муқовимати ду системаи иҷтимоию сиёсӣ оғоз ёфта, дар марҳилаи аввал самаранокии паст дошт. Дар тули ним аср, амалиёти сулҳи СММ ба як занҷири "импровизатсия" шабоҳат дошт, зеро тасмими оғози амалиёт ва густариши минбаъдаи он амалӣ мешуд. Аммо хусусиятҳои сифатии СММ тағйир меёфтанд, фарқияти нишондиҳандаҳои институтсионалӣ ва сохтории он ба назар мерасид ва шумораи зиёди одамон ҳамчун субъекти ашё ба мадори ҳифзи сулҳ ҷалб карда шуданд [18,с.129].

Шаклҳо ва усулҳои мушаххаси фаъолияти СММ инкишоф ёфтанд: вобаста ба омилҳои ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, минтақавӣ, идеологӣ ва геополитикӣ - таҷрибаи нав дар ҳалли ҳолатҳои низоӣ. Ин таҷриба барои кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни сайёра - объектҳои амалиёти сулҳи СММ аҳамияти ҳаётӣ дорад.

Дар қаламрави собиқ Шуравӣ яке аз аввалин амалиётҳои сулҳҷӯёна аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон бо мақсади ҳалли низои шаҳрвандӣ анҷом дода шуда буд. Амалиёт дар Тоҷикистон, ки воқеан соли 1992 оғоз ёфт, аммо бо қарори Шурои Амнияти СММ аз 16 декабри соли 1994 ба расмият дароварда шуд, бо як қатор хусусиятҳои арзишманд фарқ мекунад. Дар асоси меъёри муваффақият дар боздоштани хунрезӣ, ба назари мо, хеле пурсамар ба назар мерасад ва аз ин рӯ метавонад намунае барои анҷоми чунин амалиёт на танҳо дар "минтақаҳои ноустувори" фазои пасошуравии Авруосиё хидмат кунад, алалхусус дар Қафқоз ва Осиёи Марказӣ, балки дар дигар қисматҳои сайёра [6,с.145].

Ин амалиёт на танҳо аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки яке аз намунаҳои ҳифзи амалии сулҳ мебошад. Он ҳамчун як объекти мустақили таҳқиқот арзиши бебаҳо ба даст овард, омӯзиши хусусиятҳои ҳар як амали посдори сулҳ, бешубҳа, ба раванди оқилонаи сулҳи СММ дар маҷмуъ мусоидат мекунад.

Табиати гуногунҷанбаи ин ташаббуси сулҳҷӯёна таҳлили тамоми ҷузъҳои ин амалиёт, аз ҷумла худи сегменти сулҳ, амалиётҳои сулҳ ва талошҳои башардӯстонаро пешбинӣ мекунад. Таъсири ба ҳам омехта ва мутақобилаи омилҳои мухталиф ва "марказҳои қудрат", бархӯрди манфиатҳои онҳо дар як нуқтаи геополитикӣ, пайдо кардани ҳамфикрӣ ва тавозуни манфиатҳои онҳо барои ҳалли вазъияти низоъ дар доираи низоми амнияти умумиҷаҳонӣ раванди истиқрори сулҳ ва субот дар

Тоҷикистон, ки таҳлили амиқи ҳамаи ин бахшҳоро талаб мекард, то тасаввуроти комил дар бораи он чӣ рӯй медиҳад [11,с.65].

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, мо дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштем: таҳлили таҳаввулоти раванди сулҳи Созмони Милали Муттаҳид, аз шаклҳои классикии он дар охири солҳои 40-ум то амалиётҳои гуногунҷанба дар давраи пас аз хотимаи ҷанги сард; омӯхтани решаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва этникии муноқишаи байни тоҷикон, динамикаи афзоиши он аз ихтилофи дохилии ҳизбӣ ва гурӯҳӣ, ки барои ҷаҳони беруна чандон ба назар намерасанд, то муноқишаи умумии шаҳрвандӣ, ки боиси таҳдид ба мавҷудияти давлатдории миллӣ гардид; муайян кардани хусусиятҳои амалиёти сулҳи СММ дар Тоҷикистон ва ҷанбаи башардӯстонаи он; муайян кардани имкониятҳои истифодаи таҷрибаи сулҳи СММ дар Тоҷикистон барои гузаронидани чунин амалиёт дар дигар қисматҳои ҷаҳон; арзёбии сатҳи ҳамкории системаи амнияти байналмилалӣ (СММ) бо минтақавӣ (ИДМ), ҳамчун падидаи амалан нав дар партави кӯшишҳои бесамари фаъолсозии қаблии чунин механизм; муайян кардани хусусиятҳои ҳамкории мутақобила ва рақобати қудратҳои минтақавӣ ва бузург дар муноқишаи байни тоҷикон, таҳлили дараҷаи таъсири онҳо ба натиҷаҳои ниҳоии ин рӯёрӯӣ; таҳлили раванди татбиқи Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, арзёбии дурнамои бунёди сулҳ дар ин кишвар, арзёбии динамикаи муноқиша ва пешгӯии рушди вазъ. Камбудии мушаххаси онҳо, агар мо аз вазъи дохилии тоҷикон баргардем, самти "тарафдори Русия" аст. Аммо он афзалиятҳои муайян низ дорад, зеро он имкон медиҳад, ки муноқиша аз нуқтаи назари нисбатан объективӣ баррасӣ карда шавад.

Азбаски вазифаи асосии мақола баррасии муноқиша ҳамчун объекти амалиёти сулҳи СММ буд, табиист, ки ба омӯзиши мавод ва адабиёти марбут ба системаи амнияти умумиҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид, ки мустақиман алоқаманд аст, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд, инчунин, ба ҳамаи масъалаҳои марбут ба ҳифзи сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ғ. [2,с.123].

Аз доираи мушкилоти марбут ба СММ, ки дар ин таҳқиқот баррасӣ шудаанд, фарқиятҳои зеринро метавон ном бурд: муносибатҳои кишварҳои мухталифбо ин созмон, фаъолияти дипломатҳо ва намояндагони неруҳои гуногуни сиёсӣ дар СММ ва ғайра. Маводҳое, ки дар ин асарҳо мавҷуданд, имкон медиҳанд, ки бисёр ҷузъиёти механизми мураккаби СММ, фишангҳои пасипардагӣ, он ба кор медароянд, имкониятҳои воқеии ин созмони байналмилалиро дар ҳалли мураккабтарин ҳолатҳои муноқишавӣ муайян намоем. Ҳамаи ин барои таҳлили муқоисавии хусусиятҳои амалиёти сулҳ, ки дар назари аввал якранг ба назар мерасанд, имконият фароҳам меорад.

Идомаи мантиқии ин раванд, инчунин, мушкилоти марбут ба ҳамкории СММ бо созмонҳои минтақавӣ мебошад. Онҳо муносибати байни равандҳои ҷаҳонишавӣ ва минтақавӣ шуданро инъикос мекунанд. Гарчанде ки Оинномаи СММ зарурат ва мақсаднокии ҳамкории Созмонро бо созишномаҳои минтақавӣ инъикос мекард, аммо доираи онро, ки муассисони СММ ба даст меоранд, базӯр пешбинӣ карда буданд. Ҷараёни ногузири мушкилот ва саволҳои нав зарурати баррасии фаврии баъзе вазифаҳои Созмони Милали Муттаҳид ва як созмони мушаххаси минтақаро ба

миён меорад. Дар мавриди муноқишаи байни тоҷикон, онҳо якчандто буданд: САҲА, ИДМ ва ғайра. Азбаски асосҳои чунин ҳамкориҳо на аз ҷиҳати назариявӣ ва на амалӣ пурра таҳия нашудаанд, ба назари мо, мисолҳои мушаххаси чунин ҳамкорӣ барои таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо дар оянда хеле арзишманданд. Аз ин рӯ, мавод дар ин самт бодиққат омӯхта ва дар ин мақолаи илмӣ истифода шудааст [21,с.211].

Бо оғози раванди "бозсозӣ" дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ аз нимаи дуюми солҳои 80-ум, яъне аз он даврае, ки ба мавқеи ИҶШС оид ба мушкилоти асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ тағйироти куллӣ ворид карда шуд, бисёр назарҳо дар бораи фаъолияти сулҳҷӯёна ва мавзуъҳои марбута тағйир ёфтанд. Муҳаққиқон ба нақш, аҳамият ва салоҳияти Ассамблеяи Генералӣ ва Шурои Амнияти СММ, як навъ "тақсимоти меҳнат" байни онҳо, ба масъулият ва салоҳиятҳои Котиби Генералӣ ва Кумитаи Штаби ҳарбӣ назари нав доданд. Як қатор моддаҳои Оинномаи СММ вобаста ба ҳифзи сулҳ ва амнияти байналмилалӣ аз нав тафсир шуданд. Муносибат ба амалиёти посдорони сулҳи Созмон тағйир ёфт. Шароити нав имкон дод, ки мавқеъҳои қаблан ноустувор таҷдиди назар карда шаванд. Шумораи зиёди корҳои илмӣ асосан дар шакли мақолаҳо ва суханрониҳои илмӣ дар матбуоти даврӣ бо таҳлили ҷанбаҳои мухталифи сулҳ: худи сулҳ ва ҳифзи сулҳ пайдо шуданд. Ҳамзамон, амалиётҳои аллакай баанҷомрасида таҳлил карда мешаванд ва амалиётҳои оянда пешбинӣ карда мешаванд. Пас аз пайдоиши давлатҳои нави мустақил дар фазои пасошуравӣ нақш ва имкониятҳои Русия дар гузаронидани амалиёти сулҳ таҳлил карда мешаванд. Диққат ба ҷалби шумораи зиёди амалдорони ҳарбӣ дар омӯзиши ин мавзуъ ҷалб карда мешавад.

Бисёре аз корҳои илмӣ натиҷаи кори на танҳо намояндагони ҷомеаи илмӣ, балки амалкунандагон-сулҳпарваронанд, ки як қисми ҳаёти худро ба фаъолияти сулҳҷӯёна дар сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид бахшидаанд - Уркварт Б., Рихи И.Д., Тарур Ш. ва дигарон. Дар асарҳои Нортон А.Р., Вайс Т.Д., Робертс А., Кингсбери В., Левард Э., Хаас Э., Эванс Г., Фетерсон А.Б., Дюрч В., Закариас А., Хиггинс Р. ва дигарон метавон намунаҳо ва хусусиятҳои умумии раванди ҳифзи сулҳ ва роҳҳои эволютсионии рушди онҳоро пайгирӣ кард. Муҳаққиқони Ғарб, инчунин, зарурати ба миён омадани типологияи назариявӣ ва консептуализатсияи фаъолияти сулҳи СММ-ро ба назар мегиранд.

Қадами аввалин ва воқеан муваффақ дар ин самт бояд асари собиқ дабири кулли СММ Бутрос Бутрос Ғалӣ "Рӯзномаи сулҳ" эътироф карда шавад. А.Б.Фетерсон, ҷанбаҳои мусбат ва манфии амалиётҳои сулҳи аллакай амалишударо баррасӣ кард ва муҳимтар аз ҳама, сохтори консептуалии тамоми фаъолияти сулҳи Созмони Милали Муттаҳидро, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба тайёрии махсуси неруҳо, ки барои амалисозии чунин амалиёт пешбинӣ шудаанд, ба таври назариявӣ асоснок кард. Дар ин самт бояд кори Закариас А. ва собиқ вазири корҳои хориҷии Австралия Гарет Эванс низ қайд карда шавад. Ин муаллифон ғояҳои баёнкардаи Бутрос-Ғалиро таҳия ва тавсеа додаанд. Дар натиҷа, имрӯз, то андозае, дар бораи низоми нисбатан ҳамоҳанги асосноккунии назариявии раванди сулҳи СММ сухан рондан мумкин аст [13,с.12].

Ҳамзамон, марказҳои илмии кишварҳои арабӣ дар ҳалли ин мушкилот саҳми муҳим мегузоранд ва муҳим он аст, ки онҳо инро аз нуқтаи назари хусусиятҳои минтақавӣ анҷом медиҳанд. Азбаски Ҷумҳурии Исломии Эрон ба раванди ҳалли низои байни тоҷикон таъсири калон расонидааст, дастовардҳои назариявӣ ва амалии олимони ин кишвар низ арзишманданд.

Тақрибан ҳамаи муҳаққиқоне, ки бо мушкилоти муноқишаи байни тоҷикон сарукор доранд, якдилона изҳор доштанд, ки ба ҳам омехтани манфиатҳо ва таъсири як қатор давлатҳо, чи дар ташаккули «гиреҳи тоҷикӣ» ва чи дар кушодашавии он, яке аз омилҳои муайянкунанда мебошад. Аз ин лиҳоз, омӯхтани муносибатҳои Тоҷикистон бо давлатҳое, ки дар ин раванд нақши муҳим доштанд - Русия, Эрон, Ӯзбекистон, ИМА ва дигарҳо аҳамияти калон дорад. Нақши Созмони Милали Муттаҳид дар ҳалли муноқишаи байни тоҷикон амалан омӯхта нашудааст ва бисёр мушкилот ва падидаҳои марбут ба он то ҳол таҳқиқ намудаанд. Бо вуҷуди ин, метавон якчанд асареро мисол орем, ки дар онҳо масъалаҳои муноқишаи байни тоҷикон бо дараҷаҳои мухталифи эътимоднокии илмӣ ба миён гузошта шудаанд.

Аввалин аз ин силсила метавон брошюраи Р.Алимов, М.Лебедев ва Э.Касимов «Тоҷикистон-СММ: таърихи муносибатҳои мутақобила»-ро ном бурд.

Асари "Дипломатияи Тоҷикистон", ки Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ барои солгарди нимасраи худ омода кардааст, шоёни зикр аст.

Шояд ягона кӯшиши мукаммали таҳлили илмии мушкилоти муносибатҳои Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, рисолаи Л.К.Мерганова бошад, ки маълумотро дар бораи робитаҳои давлати нави мустақил бо як қатор ташкилотҳои байналмилалӣ дар бар мегирад.

Омӯзиши масъалаҳои марбут ба раванди ҳалли мусолиматомези низоъ дар Тоҷикистон ва нақш ва ҷойгоҳи СММ дар он метавонад ба рушди минбаъдаи назариявӣ ва асосноккунии мушкилоти муҳимми байналмилалӣ - ҳифзи сулҳ мусоидат намояд.

**Муқарриз: Шарипов С.- н.и.т., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоев С. Президент Эмомали Рахмонов / С.Абдуллоев, А.Сафуллоев. –М., 2000.
2. Аинаи К.А. Обновление на переходном этапе / К.А. Аинаи. - Нью-Йорк, 1997.W
3. Гали Б.Б. Повестка дня для мира / Б.Б. Гали. - Нью-Йорк, 1995.U
4. Гали Б.Б. Повестка дня для развития / Б.Б. Гали. - Нью-Йорк, 1995.
5. Гали Б.Б. Навстречу новым вызовам / Б.Б. Гали. - Нью-Йорк, 1995.
6. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух тома. Том 1. Под общ. ред. Х. Зарифи. – Душанбе, 2009.
7. Деятельность Организации Объединенных Наций по поддержанию мира. Информцентр ООН. - М., 1997.
8. Доклад Генерального секретаря о работе Организации. -Нью-Йорк, 1998.
9. Документ ООН S/PV.3044 от 29 января 1992 года.
10. Документ ООН S/24692(add) от 21 октября 1992 года.
11. Костенко Н.И. Роль ООН в предупреждении транснациональной организованной преступности / Н.И. Костенко // Право и политика. – 2003. - № 9. – С.20-35.
12. Кратко об ООН. -Нью-Йорк, 1997.
13. Мунтян М.А. Основы теории международных отношений [Электронный ресурс**]**. - Режим доступа: http://uchebnik-online.com/soderzhanie/textbookhtml - (дата обращения: 29.08.2017)
14. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н. Назаров. – Душанбе, 2003.
15. Никитин А.И. Миротворческие операции: концепции и практика / А.И. Никитин. - М. Издательство: МГИМО РФ, 2000. – 234 с.
16. Общее Соглашение об установлении мира и наионального согласия в Таджикистане. Подготовлено Миссией Наблюдателей ООН в Таджикистане (МНООНТ). – Душанбе, 1997

17. Организации, посвященный 50-й годовщине. -Нью-Йорк, 1996.
18. Операции Организации Объединенных Наций по поддержанию мира. Краткие сведения. Информцентр ООН. - М., 1997.
19. Образ и реальность. Информцентр ООН. - М., 1997.
20. Торкунов А.В. Современные международные отношения / А.В. Торкунов. – М. Издательство: Аспект Пресс, 2012. – 584 с.
21. Хохлышева О.О. Международно-правовые проблемы силового миротворчества ООН и возможные варианты их решения / О.О. Хохлышева. - Новгород, 2002. – 118 с.

## НАҚШИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ДАР ҲАЛЛИ МУНОҚИШАИ БАЙНИ ТОҶИКОН

Таъмини сулҳ ва амнияти байналмилалӣ ҳадафи асосии Созмони Милали Муттаҳид мебошад, ки бешак табиати ин созмони байналмилалиро пешакӣ муайян кардааст. Аз рӯзи таъсисёбӣ, СММ зиёда аз 49 амалиёти сулҳҷӯёна (ПКО) гузаронд, ки аксари онҳо дар даҳсолаи охир ба амал омада буданд. Дар робита ба афзоиши якбораи шумораи амалиёти посдори сулҳ таваҷҷуҳ ба ин намуди фаъолияти СММ ҳам аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ ва ҳам аз шаҳрвандони одӣ афзудааст. Аз доираи мушкилоти марбут ба СММ, ки дар ин таҳқиқот баррасӣ шудаанд, фарқиятҳои зеринро метавон муайян намуд: муносибатҳо кишварҳои мухталиф бо ин созмон, фаъолияти дипломатҳо ва намояндагони неруҳои гуногуни сиёсӣ дар СММ ва ғайра. Маводҳое, ки дар ин асарҳо мавҷуданд, имкон медиҳанд, ки бисёр ҷузъиёти механизми мураккаби СММ, фишангҳои пасипардагӣ, имкониятҳои воқеии ин созмони байналмилалӣ дар ҳалли мураккабтарин ҳолатҳои муноқишавӣ муайян карда шаванд. Ҳамаи ин барои таҳлили муқоисавии хусусиятҳои амалиёти сулҳ, ки дар назари аввал якранг ба назар мерасанд, имконият фароҳам меорад.Созмони Милали Муттаҳид на танҳо дар системаи ташкилотҳои байнидавлатӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад, балки дар рушди муосири сиёсии байналмилалӣ низ нақши истисноӣ дорад.Созмони Милали Муттаҳид дар коҳиши низоъҳо дар чанд минтақаи ҷаҳон, миёнаравӣ дар гуфтушунидҳои сулҳ ва мусоидат ба иҷрои созишномаҳои сулҳ нақши муҳим бозид. Бо шарофати Созмони Милали Муттаҳид, бисёр муноқишаҳо ба ҷангҳои ҳамаҷониба табдил наёфтанд. Ғайр аз ин, тавассути музокирот ҳалли мусолиматомези муноқишаҳои гуногун имконпазир гардид. Аммо, баъзе аз ин созишномаҳо аз озмоиши замон нагузаштанд. Кори Созмони Милали Муттаҳид барои сулҳ бо ба итмом расонидани миссияи посдори сулҳ хотима намеёбад. Пас аз хатми муноқиша, СММ ба афроди овора ва гурезагон барои бозгаштан ба хона кумак мекунад.

**Калидвожаҳо:** Созмони Милали Муттаҳид, созишнома, аҳднома, Шурои Амният, ҷанги сард, Ассамблеяи Генералӣ, САҲА, ИДМ.

## РОЛЬ ОРГАНИЗАЦИИ ОБЪЕДИНЕННЫХ НАЦИЙ В УРЕГУЛИРОВАНИИ МЕЖТАДЖИКСКОГО КОНФЛИКТА

Поддержание международного мира и безопасности является основополагающей целью Организации Объединенных Наций, что, несомненно, предопределило природу этой международной организации. За время своего существования ООН провела свыше 49 операций по поддержанию мира (ОПМ), большая часть которых приходятся на истекшее десятилетие. В связи с резко возросшим числом операций по поддержанию мира повысился интерес к данному виду деятельности ООН со стороны как специалистов-международников, так и простых граждан. В перлагаемой статье особое внимание уделяется деятельности Миссии наблюдателей ООН в урегулирование межтаджикского конфликта. В статье отмечается что Организация Объединенных Нации не только оказала неоценимую помощь таджикским сторонам в ходе переговоров и последующего этапа достижения мира в стране, но и сама приобрела важной опыт, который может оказаться полезным в её деятельности при разрешении конкретных ситуаций. Выводы данной статьи могут оказаться полезными и для прогнозирования ситуации не только в регионе Центральной Азии, но и в других конфликтных зонах СНГ. При этом нужно иметь в виду, что прогнозные оценки и углубленный анализ, проведенный зарубежными учеными в ряде потенциально конфликтогенных регионов центральноазиатских стран, внушают, скорее, пессимизм, нежели оптимизм. События, имевшие место в октябре-ноябре 1999 года в ряде районов юга Кыргызстана и сопредельных узбекских районов Ферганской долины, подтвердили еще раз вывод о том, что, к сожалению, таджикский опыт может иметь свое повторение в регионе.

**Ключевые слова:** Организация Объединенных Наций, Миссии наблюдателей ООН, Советник по безопасности, Холодная война; Генеральная Ассамблея, ОБСЕ, СНГ.

**THE ROLE OF THE UNITED NATIONS IN THE SETTLEMENT OF THE INTER-TAJIK CONFLICT**

The maintenance of international peace and security is the fundamental goal of the United Nations, which undoubtedly predetermined the nature of this international organization. Since its inception, the UN has conducted over 49 peacekeeping operations (PKOs), most of which have occurred in the past decade. In connection with the sharply increased number of peacekeeping operations, interest in this type of UN activity has increased from both international specialists and ordinary citizens.In this article, special attention is paid to the activities of the UN Mission of Observers in the settlement of the inter-Tajik conflict.The article notes that the United Nations not only provided invaluable assistance to the Tajik parties during the negotiations and the subsequent stage of achieving peace in the country, but also gained important experience that may be useful in its activities in resolving specific situations.The conclusion of this article may also be useful for predicting the situation not only in the Central Asian region, but also in other conflict zones of the CIS. At the same time, it should be borne in mind that the forecast estimates and in-depth analysis carried out by foreign scientists in a number of potentially conflict-prone regions of the Central Asian countries inspire pessimism rather than optimism. The events that took place in October-November 1999 in a number of regions of southern Kyrgyzstan and adjacent Uzbek regions of the Ferghana Valley once again confirmed the conclusion that, unfortunately, the Tajik experience may have its repetition in the region.

**Keywords:** United Nations; UN Observer Missions; Security Advisor; cold war; General Assembly; OSCE; CIS.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарофов Эраҷбой Умрибоевич*** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. **Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони академик Раҷабовҳо, 10. Телефон**:(+992) 93-767-26-77**, E-mail: **erajsharofov77@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Шарофов Эрадж Умрибаевич*** – Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, кандидат исторических наук, доцент кафедры общественных дисциплин. **Адрес:**734042, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект академиков Раджабовых, 10. Телефон**:(+992) 93-767-26-77**, E-mail: **erajsharofov77@gmail.com**

**Information about the author:** ***Sharofov Eraj Umribaevich*** - Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Social Disciplines. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Academicians Radjabov Avenue, 10.
Phone: **(+992) 93-767-26-77**, E-mail: **erajsharofov77@gmail.com**

УДК: 930 (575.3+575.2)

# ҲАМКОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ-ГУМАНИТАРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2001-2016

*Абдуллоев Ҷ.Т.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар оғози ҳазораи нав заминаҳои мустаҳками рушди ҳамкориҳои фарҳангии халқҳои тоҷику қирғиз ба миён омад. Вусъати раванди ҷаҳонишавӣ ва густариши арзишҳои ғарбӣ зарурати рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангиро тақозо менамояд. Зеро маҳз дар асоси рушди ҳамкориҳои минтақавӣ, умқи равандҳои ҳамгирой имконияти тақвияти асолати фарҳангии минтақавӣ ва истодагарӣ дар баробари арзишҳои ҷаҳонишавӣ ва бегона муяссар мегардад.

Моҳи октябри соли 2001 бо даъвати Парламенти (Жогорку кенеш) Ҷумҳурии Қирғизистон раиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» Д. Давлатов ба Ҷумҳурии Қирғизистон сафар намуд. Ҳангоми ташрифи раиси мазкур Д. Давлатов бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон А. Акаев, раиси Жогорку кенеш Э. Дорубаев, раиси Кумита оид ба алоқаҳои байналмилалӣ К. Исаев, вакилон Масалиев, Усубалиев ва дигарон суҳбат кард.

Дар мулоқотҳо масъалаҳо вобаста ба густариши муносибатҳои дӯстӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии миёни халқҳо мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Тавре маълум аст, 10 майи соли 2003 Консерваторияи миллии Тоҷикистон ташкил карда шуд, ки заминаи ба миён омадани мутахассисони дараҷаи олии соҳаи санъат мегардад. Аллакай дар зарфи як соли фаъолият ба қавли директори консеватория Т. Сатторов бо Консерваторияи миллии Қирғизистон аллакай ҳамкорӣ барқарор гашта, аввалин намунаҳои ҳамкорӣ шурӯъ шудааст. Як нафар ассистент-стажёри Консерватория ба наздикӣ дар Бишкек таълимро шурӯъ мекунад.[2] "

26 майи соли 2004 Раиси ҷумҳури Қирғизистон А. Акаев ва президенти Тоҷикистон Э. Раҳмон дар пойтахти Тоҷикистон 8 санад, аз ҷумла Аҳднома дар бораи дӯстӣ ва ҳамкории ду кишвар, Созишнома дар бораи содда кардани дарёфти шаҳрвандӣ дар ҳар ду кишвар ва як санади дигар роҷеъ ба иртибототи ҳавоӣ ва ҳифзи муштараки иттилооти махфӣ имзо карданд. Эмомалӣ Раҳмонов ва ҳамтои қирғизи ӯ таъкид намуданд, ки асноди тоза ба имзорасида барои тавсиаи ҳамкориҳои ду кишвар дар бахшхои мухталиф мусоидат хоҳад намуд[17].

12 июли соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба унвони Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Қ. Боқиев ба муносибати ба мансаби олии сарвари Қирғизистон интихоб шуданаш барқияи табрикотӣ ирсол намуд, ки дар он аз ҷумла омадааст: "Тоҷикистон ба муносибатҳои неки ҳамсоягӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон, ки на фақат ба манфиатҳои миллии ҳар ду мамлакат мувофиқ аст, балки омили муҳимми сулҳу суботи минтақа низ мебошанд, баҳои баланд медиҳад. Мо азму иродаи қавӣ дорем, ки ҳамкории бисёрҷонибаи Тоҷикистону Қирғизистонро ба хотири шукуфоии мамлакатҳо ва беҳбудии халқҳоямон минбаъд ҳам мустаҳкам намоем.

Аминам, ки ҳамкории бисёрҷонибаи зичи Тоҷикистону Қирғизистон дар заминаи принсипҳои баробарҳуқуқукӣ, эҳтироми ҳамдигар ва ба назар гирифтани манфиатҳои ҳар ду давлат боз ҳам ривоҷ меёбад[24].

31 августи соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба унвони Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Қ. Боқиев бахшида ба таҷлили рӯзи истиқлолияти ин кишвар барқияи табрикӣ ирсол намуд, ки дар он аз ҷумла омадааст: "Табрикоти самимӣ ва таманниёти беҳтарини маро ба муносибати иди миллиатон - Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурии Қирғизистон, қабул намоед. Боварии комил дорам, ки

муносибатҳои дӯстона ва ҳусни ҳамҷаворii анъанавии байни Тоҷикистону Қирғизистон пойдор гашта, минбаъд низ ба манфиати мардумони мо тавсеаю густариш меёбанд. Тоҷикистон омодааст, ки бо Қирғизистон робитаҳои худро боз ҳам мустаҳкам намояд ва мо тасмим дорем, ки барои рушду густариши бемайлони ҳамкориҳои байни ду кишвар ҳама корҳои заруриро анҷом диҳем"[24].

Созишномаи дигар, ки ба густариши равобити фарҳангии миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон равона гардидааст "Созишнома миёни Вазорати фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Қирғизистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг" аз 18-уми сентябри соли 2007 ба шумор меравад. Вазорати фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Қирғизистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минбаъд Тарафҳо номида мешаванд, бо хоҳиши инкишофи раванди ғанигардонии мутақобилаи фарҳангҳо, бо назардошти умумияти таърихӣ ва алоқаҳои анъанавии фарҳангӣ, барои инкишофи минбаъда ва таҳкими ҳамкорӣ миёни халқҳои Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг кӯшиши мутақобила нишон дода, дар асоси аҳдномаҳои мустақим театрҳои драмавӣ, гурӯҳҳои мусиқӣ ва сарояндагонро ҷиҳати иштирок дар фестивалҳои театрӣ ва мусиқавӣ равона мекунанд, ки дар ҳудуди кишварҳои Тарафҳо, мувофиқи шароитҳои гузаронидани онҳо, баргузор мегарданд. Тарафҳо дар ташкили баромади театрҳои мусиқавӣ ва драмавӣ, гурӯҳҳои бадеӣ ва сарояндагони алоҳида барои иштирок дар рӯзҳо ва ҳафтаҳои фарҳанг, ҳамчунин дигар чорабиниҳои фарҳангии бахшида ба воқеаҳои муҳим дар ҳаёти халқҳои Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак мерасонанд.*

Мувофиқи созиши миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи ҳамкории фарҳангӣ моҳи майи соли 2004 дар Тоҷикистон рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Қирғизистон гузаронида шуданд.[3]

Чӣ тавре ки Р.Н. Каримова қайд мекунад: "Драматургон, коргардонҳо, ходимони театрии тоҷик фаъолтарин иштирокчиёни Ярмаркаи песаҳо, ки дар Бишкек баргузор гардид, буданд. Соли 2006 якбора 3 театри тоҷик намоиши песаҳои драматургони қирғизро амалӣ намуданд, ки дутои онҳо моҳи июли ҳамон сол ба Фестивали байналхалқии "Арт-Ордо" дар Бишкек пешниҳод шуданд. Ансамбли созии оилавӣ аз вилояти Суғд бошад, дар Барномаи байналхалқии фестивали дӯстӣ дар шаҳри Боткент бомуваффақият баромад кард. Дар фестивали байналхалқии театрӣ дар Чолпон-ата Театри давлатии драмавӣ-русии ба номи Владимир Маяковский спектакли "Огонь сердца"-и драматурги қирғиз Ж.Қулмамбетовро дар саҳнагузории ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Султон Усмонов ба намоиш гузошт. Спектакл 2 ҷоизаи фестивал, аз он ҷумла ҷоиза "Барои беҳтарин кори коргардонӣ"-ро ба даст овард".[11]

Қобили зикр аст, ки самти ҳамкориҳои фарҳангию башардӯстонаи Тоҷикистону Қирғизистон дар сатҳи вусъатёбанда рушд намуда, он аз ҳар ҷиҳат мавриди дастгирии мардуми ба ҳам дӯсти ҳарду кишвар мебошад. Дар ин марҳила ҳайатҳои расмии ҳарду давлат дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва илмию техникии якдигар пайваста ширкат варзиданд.

26 майи соли 2004 зимни сафари Президенти Қирғизистон А. Акаев ба Тоҷикистон дар доираи равобити фарҳангии кишварҳо вохӯрии роҳбари Қирғизистон бо намояндагони зиёии кишвари мо баргузор гардид. Зимни мулоқот А. Акаев умумияти зиёд доштани фарҳанги халқҳои тоҷику қирғизро қайд намуда изҳор

* Соглашение между Министерством культуры и информации Кыргызской Республики и Министерством культуры Республики Таджикистан о сотрудничестве в области культуры. [Манбаи электронӣ] URL: http://base.spinform.ru/. (санаи муроҷиат: 13.07.2019.)

намуд, ки «Мо бояд дӯстию ҳамкории мамлакатҳо, халқҳо ва академияҳои илмҳоямонро ҳифз намоем ва густариш диҳем»[1].

Ҳамчунин А. Акаев аз осорхонаи миллии бостоншиносии Тоҷикистон дидан намуд. Дар чаҳорчӯбаи созишҳои бадастомадаи ин сафар 26 майи соли 2007 рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид[1].

Соли 2006 раиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» Д. Давлатов бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқот намуданд. Дар вохӯрӣ масъалаҳои мустаҳкам намудани муносибатҳои тарафайн ва гузаронидани чорабиниҳои якҷояи фарҳангӣ баррасӣ шуданд.

Дар давоми соли 2007 вохӯрии раиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» Давлаталӣ Давлатзода ва аъзои он бо кормандони Сафорати Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.

Дар рафти ҷаласаи ҳаштуми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон оид ба баррасии маҷмӯии масъалаҳои дучониба, ки 25-26 июли соли 2008 дар шаҳри Исфараи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд, баррасии заминаи ҳуқуқии рушди масоили фарҳанг ва маориф таъкид гардид.

Комиссия бо назардошти мавҷудияти диаспораҳои қирғиз ва тоҷик дар Қирғизистон ва Тоҷикистон ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дод, ки барои гирифтани шаҳодатномаи таваллуд дар шӯъбаҳои САҲШ-и ноҳияи Мурғоб, Ҷиргатол нисбати шаҳрвадон аз ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон мусоидат намояд.

Комиссия ба мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мусоидат ба ҷониби Қирғизистон баҳри интиқоли бемамониати молҳои башардӯстона барои қирғизҳо дар вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Помири Миёна ва Калони Ҷумҳурии исломии Афғонистон мусоидат намояд. Интиқоли молҳои башардӯстона ба Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Помири Миёна ва Калони Ҷумҳурии исломии Афғонистон 30 июли соли 2008 дар назар дошта мешавад.

- оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ва ҳифзи муҳити зист – Комиссия ба мақомотҳои салоҳиятдори Тарафҳо баррасии ҳамкориро дар соҳаи мубодилаи мутақобилаи иттилоот дар бораи ҳолатҳои фавқулодаи фаросарҳадӣ, дар гузаронидани корҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ дар ҳудудҳои наздисарҳадӣ супориш дод.

- оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф. Комиссия ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон амалӣ кардани чорабиниҳои зеринро супориш дод:

- фаъолнамоии фаъолият дар ташкили ҳамкорӣ оид ба мубодилаи таҷриба байни кадрҳои илмию педагогӣ, тайёр кардан ва такмили ихтисоси онҳо;

- гузаронидани таҳқиқоти илмии муштарак дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ, табиӣ, техникӣ ва педагогӣ, бо кокарди воситаҳо ва барномаҳои таълимӣ, инчунин барномаҳои компютерикунонии раванди таълим;

- идомаи кор оид ба коркардҳои муштарак ва интишори китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, инчунин мусоидат ба таъмини китобҳои дарсӣ бо забони қирғизӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутаносибан бо забони тоҷикӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон.

Комиссия ба ҷониби Тоҷикистон тезонидани гузаронидани маросими дохилидавлатиро барои эътибори қонунӣ гирифтани Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзим раванди муҳоҷират ва ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷиронро аз 17 сентябри соли 2007 супориш додх[4]

Аз 24 то 26 апрели соли 2009 дар шаҳри Бишкек Фестивали байналхалқии «Ҷаз. Бишкек. Баҳор - 2009» баргузор гардид, ки дар он ҷониби Тоҷикистонро гурӯҳи «Авесто» намояндагӣ намуд.

Аз 30 апрел то 3 майи соли 2009 дар шаҳри Душанбе аввалин Фестивали Душанбегии Ҷаз баргузор гардид. Ташкилкунандагони фестивал Барномаи рушди фарҳанг ва санъати Маркази швейтсарии ҳамкорӣ дар Тоҷикистон, Маркази фарҳангии «Бактрия» ва Консерватория Миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов ба шумор меравaнд. Дар фестивал ҳунармандон аз Озарбойҷон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон иштирок намуданд. Ҷониби Қирғизистонро ҷаз-гурӯҳи «Солёные орешки» намояндагӣ мекард.

9 майи соли 2009 дар деҳаи Учқурғони ноҳияи Қадамҷойи вилояти Боткенти Қирғизистон чорабиние баргузор гардид, ки ба рӯзи таҷлили 64-умин солгарди Ғалаба бар фашизм бахшида шуда буд. Бо даъвати Ассотсиатсияи тоҷикони Қирғизистон ба номи Абӯабдуллои Рудакӣ дар чорабинӣ ҳайати Тоҷикистон бо роҳбарии муовини Раиси Ассотсиатсии тоҷикон ва халқҳои форсизабони ҷаҳон И. Салоҳиддинов иштирок намуд. Дар рафти ҳузури ҳайати Тоҷикистон дар Қирғизистон музокирот оид ба рушди минбаъдаи ҳамкории фарҳангӣ-гуманитарӣ баргузор гардиданд.

Аз 15 то 20 майи соли 2009 дар шаҳри Душанбе Фестивали байналхалқии мусиқии фортепиано «Piano Forte» баргузор гардид. Ташкилкунандаи ин чорабинӣ Консерваторияи Миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов ба шумор мерафт. Дар фестивал намояндагони Қазоқистон, Россия, ИМА ва Эрон иштирок карданд. Ҷониби Қирғизистонро ҳунармандон З.Нарынбаева ва Г.Конушева намояндагӣ карданд.

Театри давлатии лӯхтаки Тоҷикистон дар фестивали I-уми байналхалқии театрҳои лӯхтак иштирок намуд, ки сентябри соли 2009 дар шаҳри Бишкек доир гашта буд. Баргузории фестивал ба 70-солагии фаъолияти театри академии давлатии лӯхтаки Бишкек ба номи Мусо Жангазиев бахшида шуда буд. Вобаста ба солгарди ҷашнӣ театр меҳмонони зиёдро аз кишварҳои гуногун даъват намуд[6].

Аз 11 то 13 ноября соли 2009 дар шаҳри Хуҷанд Рӯзҳои фарҳанги вилояти Боткенти Қирғизистон дар вилояти Суғди Тоҷикистон баргузор гаштанд, ки дар рафти онҳо мардуми тоҷикистонӣ бо дастовардҳои Қирғизистон дар соҳаи фарҳанг ва санъат ошно шуданд. Дар маҷмааи давлатии «Кохи Рудакӣ» ҳунарнамоии овозхонҳо бо иштироки намояндагони гурӯҳҳои эҷодии Тоҷикистон ва Қирғизистон доир гардида, Дар намоишгоҳи санъати (Арт-галерея) шаҳри Хуҷанд намоиши расмҳои рассомонни Қирғизистон – И.Калимбердиев, А.Абдрахманов, С.Кудайкулов ташкил карда шуд. Ҳайати қирғизӣ аз Қасри «Арбоб» ва Қасри ҷавонон дидан намуд, ки дар онҷо ҳунармандони Қирғизистон баромад карданд. Дар ҳамин ҷо намоишгоҳи ҳунарҳои дастии миллии Қирғизистон – қолинҳо, сару либос ва юртаҳо баргузор гардид.

Аз 15 то 22 апрели соли 2010 коллективи эҷодии театри лӯхтак аз Қирғизистон дар 2-юмин фестивали байналхалқии театрҳои лӯхтак «Чодари хаёл» дар шаҳри Душанбе иштирок намуд.

Овозхони Қирғизистон Айжан Нусувалиева аз18 то 19 сентябри соли 2010 дар фестивали мусиқии «Осмони Иттиҳод», ки дар Тоҷикистон ҳунармандони ҷавони эстрадаро муттаҳид мекард, иштирок карда, соҳиби ҷоиза барои овози беҳтарин гардид.

Бояд таъкид намоем, ки 13 октябри соли 2010 дар чаҳорчӯбаи ҳамкории фарҳангӣ-гуманитарии Созмони ҳамкории иқтисодӣ якҷоя бо Институти фарҳанг Намоишгоҳи хатнависӣ ташкил гардид. Дар Намоишгоҳ 18 кор аз Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод гардид, ки аз ҷониби Донишгоҳи шарқии ба номи Маҳмудӣ

Қошғарӣ-Барскани шуда, баҳои баланди ташкилкунандагони Намоишгоҳи хатнависиро сазовор гаштанд[20].

Аз 21 то 31 марти соли 2011 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашни мардумӣ ва дӯстдошта Наврӯз – ҷашни эҳёи табиат, тарғибгари нияту амалҳои нек таҷлил гардид. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин ҷашн таваҷҷӯҳи хосса дода мешавад, зеро аллакай дар соли 2010 ба он мақмои байналхалқӣ дода шуда буд. Наврӯз инчунин ҷашни баробарии сол, ҷашни баҳор ва оғози соли нави баъе кишварҳои Авруосиё ба шумор меравад. Дар шаҳри Душанбе дар таҷлили он намояндагони созмонҳои байналхалқӣ – САҲА ва Комиссияи аврупоӣ, намояндагони ҳайатҳои дипломатии муқими Тоҷикистон: Эрон, Покистон, Афғонистон, Туркия, Озарбойҷон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Корея, Хитой, Япония, Ҳиндустон, Франсия ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка иштирок карданд. Намояндагони ҳайатҳои дипломатии Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намоишгоҳи ҳунаҳои мардумӣ-амалии санъатро ташкил карда, таомҳои миллии қирғизиро пешниҳод намуданд. Дар намоиши овозхонҳо дар шаҳри Душанбе зимни таҷлили Наврӯз ҳунармандони балет Айзад Акматов – ҳунарманди хизматнишондодаи Ҷумҳурии Қирғизистон ва Эмил Акматов –лауреати озмунҳои байналхалқӣ иштирок карданд.

Аз 6 то 8 апрели соли 2011 дар шаҳри Душанбе Фестивали байналхалқии театрҳои касбӣ «Наврӯз-2011» баргузор гардид, ки ба 20-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бахшида шуда, дар он миёни намояндагони кишварҳои дигар ҳунармандони ҳунармандони театри мусиқӣ-драмавии вилояти Таласи Қирғизистон низ иштирок доштанд[20].

Барои иштирок дар ин чорабинӣ ба Душанбе театрҳои касбӣ аз Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Афғонистон омаданд. Мақсади асосии Фестивали байналхалқӣ мустаҳкам намудани ҳамкории дар соҳаи фарҳанг миёни халқҳои дӯст ба шумор мерафт.

Дар чаҳорчӯбаи барномаи фестивал 7 апрели соли 2011 дар Театри давлатии ҷавонон ба номи М.Воҳидов дар иҷрои ҳунармандони Театри мусиқӣ-драмавии вилояти Таласси Қирғизистон намоиши спектакли «Турнаҳои умед» аз рӯйи асари нависандаи бузурги муосир Чингиз Айтматов баргузор гардид. Спектакл ба мисли чорабиниҳои ҷавобӣ дар вилояти Боткенти Қирғизистон 22-23 апрели соли 2011 муваффақияти калон дошт. Тавре маълум дар ин вақт Фестивали байналхалқӣ «Айгуль» - «Гули-Сурх» бо иштироки ходимони фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қирғизистон баргузор шуда буд. Мақсади асосии баргузории фестивал – таҳким ва рушди минбаъдаи дӯстии аҳолии вилояти Боткенти Қирғизистон ва вилояти Суғди Тоҷикистон маҳсуб мегардад. Дар барномаи фестивал чорабиниҳои фарҳангӣ-оммавӣ ва дилхушӣ, барномаи консертии, инъикоскунандаи фарҳанг ва анъанаҳои миллии ду халқ пешбинӣ мегардид. Меҳмонон аз Тоҷикистон маҷмааи Манас-Ордо ва куҳҳои Айгул-Ташро дидан намуданд, ки дар он ҷо гули нодӣ – гули сурх (Айгул) мерӯяд.

Дар чаҳорчӯбаи «Ҳафтаи кинои қирғиз», ки моҳи май таҳти сарпарастии Лоиҳаи байналхалқии «Дидор» гузашт, 9 филм аз Ҷумҳурии Қирғизистон намоиш дода шуд. Аз ҷумла мухлисон фильмҳои коргардон М. Алиқулов «Чичқон» ва «Сарҳад», Актан Арым Кубат – «Бешкемпир», Э. Абдижапаров – «Светлая прохлада», Т.Бирназаров – «Қарз» ва «Неизвестный маршрут»-ро тамошо карданд. Моҳи июн аз Телевизиони маркразии Тоҷикистон филми мустанад дар бораи нависандаи бузурги қирғиз Чингиз Айтматов намоиш дода шуд[20].

Соли 2011 ҳайати Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» тағйир наёфта, муовини аввали Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Достиев раиси он интихоб гардид. Аъзои Ҷамъияти мазкур дар чорабиниҳои фарҳангии сатҳи ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат мекунанд. Масалан, аъзои Ҷамъият бо ҳайати эҷодии

Театри вилоятии драмаи мусиқии шаҳри Талас, ки барои иштирок дар Фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ «Наврӯз – 2011» ва бо ситораҳои балети Қирғизистон – иштирокчиёни маҳфили «Шоми балет» - бахшида ба хотираи Малика Собирова ба Тоҷикистон омада буданд, аз наздик ошно шуданд. Ба ин восита риштаҳои дӯстӣ мустаҳкам ва вохӯриҳо рангинтар шуданд.

Аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» дар маҳфили бахшида ба 100-солагии Мирзо Турсунзода ва эҷодиёти Чингиз Айтматов, ки бо эҳтимоми Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ доир гардид, ширкат доштанд.

3 феврали соли 2012 дар толори Бойгонии марказии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши «Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо» баргузор гардид, ки дар он аз дӯстии халқҳои тоҷику қирғиз, фарҳангу анъанаҳои муштарак сухан рафта, маводҳои ҷолибе муаррифӣ гардид. Дар маросими ифтитоҳи он Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Саралаев ва консул Салтанат Корчуева ширкат варзиданд. Дар ҷамъомад бо сухани муқаддимавӣ раиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» М. Достиев (муовини аввали Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон) баромад карда, аз робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ду кишвари дӯст маълумот дод. Хотираҳои Шоири халқии Тоҷикистон Мӯъмин Қаноат дар бораи адибон ва санъаткорони забардасти қирғиз ба ҷамъомадагон таассуроти амиқ бахшиданд.

Дар баромади аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» Ш. Неъматова, Ҳ. Расулов, А. Абдуҷабборов, Д. Убайдуллоев, Б. Абдураззоқов ва дигарон аз бобати ҳамкориҳо дар риштаҳои адабиёт, санъат, фарҳанг, китобдорӣ ва ғайраҳо пешниҳодҳои мушаххас баён гардид.

Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Саралаев ба созмондиҳандагони намоиши «Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо» ва аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» изҳори минатдорӣ карда, дар хусуси самтҳои ҳамкориҳои судманди ду кишвар дар ояндаи наздик маълумоти муфассал дод. Ӯ пешниҳод намуд, ки чунин чорабиниҳои фарҳангӣ бояд дар ҳамкорӣ бо Сафорат доир гарданд ва онҳо омодаанд, дар ин самт ба ҷамъият кӯмак расонанд.

Рушди муносибат дар самти маориф ва фарҳанг дар доираи сохторҳои минтақавӣ низ сурат мегирад. Масалан, СҲШ ба ғайр аз баррасии масоили сиёсӣ ва амниятӣ ба таҳкими ҳамкориҳои фарҳангии кишварҳои низ мусоидат менамояд. Яке аз дастовардҳои ҳамкорӣ дар доираи СҲШ ин таъсиси Донишгоҳи шабакавии СҲШ мебошад, ки 53 донишгоҳи маъруфи давлатҳои аъзоро дар бар гирифтааст. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ шомил мебошанд[21].

Ба тақвияти ҳамкории фарҳангии ҷонибҳо мулоқоту вохӯриҳои сарварони давлатҳо низ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, дар натиҷаи мулоқоти кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Қ. Боқиев аз 15-16 майи соли 2008 дар шаҳри Хуҷанд Созишнома дар бораи барқарор намудани алоқаҳои дӯстӣ байни шаҳри Нораки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Қароқули Ҷумҳурии Қирғизистон ба имз расид, ки сатҳи алоқаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ин шаҳрҳоро густариш дод[4].

Моҳи марти соли 2012 ҳайати бонуфуз аз Ҷумҳурии Қирғизистон ба шаҳри Душанбе ташриф оварда, дар маросимҳои тантанавии бахшида ба ҷашни байналмилалии Наврӯз иштирок намуданд.

Моҳи апрели соли 2012 дар шаҳри Душанбе Фестивали сеюми байналмилалии театрҳои лӯхтак «Чодари хаёл» бо иштироки 14 театри касбии лӯхтак аз 9 кишвар баргузор гардид. Дар фестивали мазкур Театри давлатии лӯхтаки ба номи Мусо

Ҷонғозиеви шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон бо намоишномаи «Чунин ҳам мешавад» иштирок намуда, онро барои ҳаводорони хурдсол пешкаш намуданд.

Моҳи майи соли 2012 дар шаҳри Бишкек Фестивали байналмилалии «Театрҳои хиёбонӣ» доир гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин чорабинии бонуфуз Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ бо намоишномаи «Гулистони Саъдии Шерозӣ» ва Театри давлатии ҷавонон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов бо намоишномаи «Шаби дур афтодан»-и Бозор Собир муаррифӣ карданд. Намоишҳои мазкур аз ҷониби тамошобинони қирғиз хуб пазируфта шуда, бо дипломҳои Фестивал қадр гардиданд.

27 июни соли 2012 дар Сафорати Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири нависандаи бузурги қирғиз Чингиз Айтматов мизи мудаввар дар мавзӯи «Эҷодиёти Чингиз Айтматов» баргузор гардид.

Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Урмат Саралаев, Консули Сафорат Салтанат Корчуева, Аскар Ҳаким, Акбар Турсунов, Заур Дахте, инчунин аъзои раёсати Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» Абдуғаффор Абдуҷабборов, Тоҳир Муҳаммадризоев, кормандони Раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ Мушаррафа Шарифова, Файзулло Тиллоев ва дигарон иштирок доштанд.

Баъдан филми мустанад дар бораи Чингиз Айтматов бо номи «Хобҳои сафед дар ҷодаи манзил» (Белые сны по дороге домой) тамошо карданд.

Иштироки аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» ҳунарпешаҳо О. Солиев, Г. Қурбонова ва И. Исломӣ дар Фестивалии байналмилалии «Иссиққӯл–2012» дар шаҳри Бишкек таҳкимгари дӯстии байни ду халқ шуд.

Намояндагони Консерваторияи миллии Қирғизистон дар Фестивали байналмилалии мусиқии «Фортепиано» дар шаҳри Душанбе маҳорати хубӣ навозандагӣ зоҳир карданд. Ин ду иқдом мисоли равшани равобити фарҳангии ду кишвари ҳамсоя аст.

Ба инкишофи муносибатҳои фарҳангии ҷонибҳо фаъолияти босамари Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон-Қирғизистон мусоидат менамоянд. Тибқи иҷозати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 16-10 январи соли 2013 ба ифтихори ҷашни 20-солагии барқарор шудани робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон гурӯҳи ҳунарӣ иборат аз 20 нафар таҳти роҳбарии Раиси Ҷамъият Достиев М. ба шаҳри *Бишкеки* Қирғизистон сафар намуданд.

Дар доираи нақшаву чорабиниҳои Ҷамъият 12 марти соли 2013 дар нигористони ба номи Валимад Одинаеви Коллечи ҷумҳуриявии расомии ба иоми М. Олимов намоиши расмҳои бонувонро таҳти унвони *«Гулдухтарони тоҷик* - 2013» баргузор намуданд[5].

Давоми соли 2013 вохӯрии Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Саралаев Урмат бо фаъолони Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» баргузор гардид. Дар вохӯрӣ қарор дода шуд, ки чорабиниҳои муштараки фарҳангӣ-гуманитарӣ, намоиши филмҳо, конференсияҳои илмию амалӣ вобаста ба сана ва рӯйдодҳои муҳимми Тоҷикистону Қирғизистон баргузор гардонда шаванд.

Моҳи январи соли 2013 бахшида ба 20-солагии барқароршавии робитаҳои дипломатии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон гурӯҳи ҳунарии иборат аз 20 нафар таҳти сарварии раиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» М. Достиев ба шаҳри Бишкек сафари ҳунарӣ анҷом дод.

Дар доираи ҷашнгирии санаҳои таърихӣ дар шаҳру навоҳии Тоҷикистону Қирғизистон чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ доир мешавад. Чунончӣ дар моҳи марти соли 2013 бо ибтикори роҳбарияти Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон –

Қирғизистон» ва мусоидати Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Ҳукумати ноҳияи Боткенти Ҷумҳурии Қирғизистон ба ифтихори Наврӯз – бо иштироки санъаткорони ду кишвар Фестивали байналмилаии санъат ва ҳунари «Айгул» (Гули сурх) доир гашт.

Дар шаҳри Душанбе ҳар сол дар арафаи иди Наврӯз фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ доир мешавад, ки дар он театрҳои драмавии Қирғизистон ҳунарнамоӣ мекунанд.

Дар соли 2013 дар Фестивали байналмилалии «Дидор», ки дар шаҳри Душанбе доир гашт, 9 филми кинематографистони Қирғизистон намоиш дода шуд.

Чорабинии фарҳангӣ миёни ҳарду кишвар мунтазам баргузор мешаванд, ки Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» саҳми босазо доранд.

Бо ташаббуси аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон»дар шаҳри Душанбе таҳти унвони «Дӯстӣ баҳри шукуфоии халқҳо» чорабинӣ доир шуд. Дар он аъзои Раёсат, кормандони масъули Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ М. Шарипова, Ҳ. Расулов, ходимони илму фарҳанг ва дигарон иштирок намуданд. [13]

Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Саралаев Урмат, раиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» М. Достиев, М. Шарипова, М. Қаноат ва дигарон доир ба ҳамкорӣ ва робитаҳои дӯстии ҳарду кишвар суханронӣ намуданд.

Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» дар ҳамкорӣ бо Бойгонии марказии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомӣ дар толори ин муассиса намоиши асарҳои тасвирии донишҷӯёни тоҷику қирғизро баргузор кард.

22 ноябри соли 2013 бо ибтикори Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» дар толори Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов бахшида ба 85-солагии нависандаи ҷаҳонӣ Чингиз Айтматов чорабинӣ ташкил гардида, асари «Рӯзе дарозтар аз қарн»-и ин адибро намоиш доданд. Муовини раиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» Ш. Неъматова, Консули Сафорати Қарғизистон дар Тоҷикистон Э. Сарибаев ва дигар меҳмонон доир ба дӯстии ду халқ суханронӣ намуданд.

9 декабри соли 2013 дар толори фарҳангии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино рӯзҳои фарҳангии донишҷуёни қирғиз гузаронида шуд. Дар ин чорабинӣ аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон», муовини раиси Ҷамъият Ш. Неъматова ва Консули Сафорати Қирғизистон дар Тоҷикистон Э. Сарибаев иштирок ва суханронӣ намуданд.

Бояд таъкид кунем, ки ҳунарманди тоҷик Барзу Абдураззоқов дар оғози соли 2014 ба Қирғизистон кӯчид. Ин нобиғаи эҷод ҳангоми дар кишвар буданаш фарҳанги театрии тоҷикро баланд бардошта, дар он замон аз фарҳанги тоҷик дар Қирғизистон намояндагӣ намудааст[18].

Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» бо сабаби табдил шудани раис ва тағйир ёфтани ҳайати раёсат фаъолияти хешро танҳо аввали моҳи июни соли 2014 аз нав ба роҳ монд. Раиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» М. Шукурзода – адиб, олим ва муҳаққиқ, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб шуд. Мулоқоти М. Шукурзода ва ҷонишини ӯ Ш. Неъматова бо Консули Сафорати Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Э. Сарибаев дар ҳузури Раиси Раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ С. Хайруллоев барои ҳамкориҳои минбаъдаи тарафайн заминаи нек фароҳам овард. Махсусан хабари аз ҷониби М. Шукурзода тарҷума ва ба форсӣ баргардон шудани эпоси «Манас» боиси рӯҳбаландӣ гардид.

Моҳи майи соли 2014 сафари ҳайати Раёсати Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» ба ноҳияҳои Рашт, Ҷиргатол ва Тоҷикобод бо мақсади таблиғи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштироки меҳмонону ҳунармандон аз Қирғизистон дар он иди дӯстии тоҷику қирғиз табдил ёфт.

Раиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» М. Шукурзода ва ҳайат бо раиси ноҳияи Ҷиргатол З. Умедхоҷа мулоқот анҷом доданд. Дар вохӯрӣ аъзои ҷамъияти мазкур бо раиси Анҷумани тоҷикони Ош Х. Алиназаров, шоир А. Акимбеков, овозхони Филармонияи давлатии Қирғизистон Г. Пӯлодова, раиси бахши Иттифоқи нависандагони Қирғизистон дар Ош Т. Жораев, ҳунарпешагон Қ. Қаробоев, Ф. Бояков, нависандаи қирғизу тоҷик С. Шарипова ва дигарон бо ҳузури гарми хеш чароғи маҳфили дӯстӣ ва шеъру таронаро мунаввар намуданд.[14]

Бо кӯшиши Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» соли 2015 робитаҳои фарҳангии кишвари мо бо мардуми ҷумҳурии дӯсти Қирғизистон таҳким ва густариш ёфт. Дар ноҳияи Ҷиргатол (ҳозира ноҳияи Лахш) бо иштироки адибони маъруфи тоҷик Р. Ваҳҳоб, А. Ҳисорӣ ва О. Қодир маҳфили фарҳангӣ баргузор шуд. Дар ин нишастҳо рӯзноманигорон, муаллимон ва навқаламони қирғиз низ ширкат варзида, дар васфи дӯстии ду миллати ҳамҷавор шеъру таронаҳо қироат намуданд.

Моҳи сентябри соли 2015 чунин нишастҳо бо унвони «Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо» дар миёни тоҷикону қирғизҳои ноҳияи Исфара ва ноҳияи Ҷаббор Расулов баргузор шуд. Адибон аз вилояти Суғд: Б. Икром, Ҷ. Юсуфӣ, Ҳ. Нарзулло роҷеъ ба таърихи дӯстии ин ду халқ сӯҳбатҳо оростанд ва намунаҳо аз ашъори худ ва аз осори шоирони ҳарду миллатро ба самъи ҳозирин расонданд.

Аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» дар давоми соли 2016 бо чанде аз адибони тоҷики муқими шаҳри Бишкек дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, аз ҷумла бо шоир Сиёвуш мулоқот анҷом доданд. Роҷеъ ба рушди корҳои фарҳангӣ миёни ду халқи дӯст гуфтугӯи судманд сурат гирифт.

Раиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» М. Шукурзода, ки достони қирғизии «Манас»-ро ба забони тоҷикӣ (ба ҳуруфи форсӣ) тарҷума намуда буд, бо дастгирии Раиси Раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ Сайдулло Хайруллоев ва Сафорати Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути интишороти «Илм» дар шаҳри Душанбе эпоси «Манас» ба табъ расид.

Моҳи марти соли 2016 дар деҳаи Ворухи ноҳияи Исфара ба муносибати ҷашни байналмилалии Наврӯз бо иштироки тоҷикону қирғизон маҳфиле баргузор шуд, ки дар он аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» иштирок намуданд.

Дар рӯзҳои адабиёт ва санъати Ҷумҳурии Қирғизистон дар шаҳри Душанбе аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» иштироки бевосита дошта, бо адибону санъаткорони қирғиз маҳфил орост. Дар охири суҳбат раиси Ҷамъият М. Шукурзода эпоси тозанашри «Манас»-ро ба чанд нафар адибону санъаткорони қирғиз аз номи Раиси Раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ С. Хайруллоев туҳфа кард.

Аз 16 то 20 ноябри соли 2016 Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир карда шуданд. Ин чорабинӣ аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо Академияи илмҳо, Иттифоқи киноматографистон, Китобхонаи миллӣ ва Кумитаи телевизион ва радио дар сатҳи баланд баргузор гардид[6]. Дар рафти рӯзҳои фарҳангӣ ҳунарпешаҳои хизматнишондодаи Ҷумҳурии Қирғизистон Р. Қозукеев, З. Мавлянова, Б. Ибикеев, Ч. Торобеков, А. Касымов, Н. Айдаркулова, Б. Тилегенов, Лауреатҳои озмунҳои байналмилалӣ У. Эркалиев, М. Абдылдаева ва Оркестри иҷрокунандагӣ ширкат варзиданд.

Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар собит сохта дар ҳақиқат фарҳангу ҳунар марзу бумҳоро убур намуда, дар ошёни дилҳо ҷойгузин мегардад.

23 декабри соли 2016 аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» дар Форуми анҷуманҳои дӯстӣ ва Фестивали дӯстии донишҷӯён ва ҷавонон бо номи «Гуфтугӯи тамаддунҳо – гуфтугӯи халқҳо», ки бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 25-солагии таъсиси ИДМ дар Маркази илму фарҳанги Россия ва 27 декабри соли 2016 дар шакли консерти идона дар толори бинои нави Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон баргузор шуд, иштирок намуданд.

Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Қирғизистон» фаъолияти худро идома дода истодааст[7].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистан Э. Раҳмон дар доираи сафари худ ба Ҷумҳурии Қирғизистон аз 18-20 сентябри соли 2007 бо намояндагони Ассотсиатсияи тоҷикони муқими Ҷумҳурии Қирғизистон, ки бо номи Абӯабдулло Рӯдакӣ фаъолият мекунад ва бо донишҷӯёни тоҷики дар муассисаҳои олии таълимии ин кишвар таҳсилкунанда мулоқот намуд.

Мутобиқи маълумоти барӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 2009 дар Ҷумҳурии Қирғизистон беш аз 50 ҳазор тоҷикон кору зиндагӣ доранд[16]. Дар 10 мактаби миёнаи умумии тоҷикӣ зиёда аз 5 ҳазор хонандагон таҳсил мекунанд. Зиёда аз 60 нафар фарзандони тоҷикони Қирғизистон дар муассисаҳои олии таълимии Тоҷикистон таҳсил мекунанд. Ҳамасола барои таҳсили ҷавонони тоҷикзабони Қирғизистон дар мактабҳои олии Тоҷикистон ҷудо гаштани 25 квота далели таваҷҷӯҳи давлати мо ба ҳамватанони бурунмарзӣ мебошад[15].

Қайд гардид, ки дар муддати 5 соли охир ҳамчунин 700 нафар қирғизҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Қирғизистон барои таҳсил фиристода шуданд. Аз он, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон то оғози соли нави таҳсил беш аз 8 ҳазор адад китобҳои дарсии тоҷикӣ харидорӣ намуд, изҳори қаноатмандӣ карда шуд. Ҳамчунин факултаҳои забон ва адабиёти тоҷик дар донишгоҳҳои шаҳрҳои Ош ва Боткент вуҷуд доранд. Президенти кишвар дастур дод, ки ҷиҳати бо китобҳои дарсию бадеӣ ва дигар асбобу техникаи зарурӣ таъмин намудани мактабҳои тоҷикии Қирғизистон чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Минбаъд барои тоҷикҷавонони Қирғизистон дар мактабҳои олии Тоҷикистон то 50 бурсия (квота) ҷудо карда мешавад, гурӯҳҳои фарҳангии тоҷикони ин кишвар бо асбобҳои мусиқӣ ва либосҳои миллии саҳнавӣ таъмин мегарданд. Баъди вохӯри ба тоҷикони Қирғизистон 2 ҳазор дона китобҳои илмию таърихӣ ва бадеии тоҷикӣ ва ҳамчунин шумораи зиёди асбобҳои мусиқӣ ва либосҳои миллии саҳнавӣ тухфа карда шуд[15].

Умуман дар Қирғизистон барои тоҷикони муқимӣ 7 мактаб амал мекунанд, ки аз онҳо 3 тоаш пурра бо забони тоҷикӣ мебошанд (деҳаи Андараки ноҳияи Лайлаки вилояти Ботканд, ки асосан тоҷикон зиндагӣ мекунанд), 3 мактабҳои ӯзбекӣ бо синфҳои тоҷикӣ (ҷамоати деҳоти Учқурғони ноҳияи Қадамҷойи вилояти Ботканд, ки аз 28 ҳазор аҳолӣ зиёда аз 23 ҳазор нафарашонро тоҷикон ташкил медиҳанд) ва як мактаби қирғизӣ бо синфи тоҷикӣ (деҳаи Правдаи ноҳияи Қарасуйи вилояти Ош, ки зиёда аз ду ҳазор тоҷикон сукунат доранд)[23].

Муколамаи фарҳангӣ байни кишварҳо ба анъанаи нек табдил ёфтааст. Нақши бузургро дар шиносоӣ бо фарҳанги кишварҳо дастаҳои театрии Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро мекунанд. Фестивалу намоишҳои мунтазам, ки дар онҳо дастаҳои эҷодии ду кишвар иштирок мекунанд, ба наздикшавии халқҳо ва мустаҳкам шудани алоқаҳои фарҳангӣ мусоидат менамоянд[12] Мувофиқи созишҳои миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон аз 8-ум то 13-уми июни соли 2015 дар Қирғизистон Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд. Маросими кушодашавии рӯзҳои фарҳанги тоҷик 8-уми июн дар Филармонияи миллии Қирғизистон ба номи Т.Сатилганов баргузор гашт. Дар идомаи маросим баромади ҳаяҷонбахши устодони санъат – ҳунарпешаҳои халқӣ ва шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, гурӯҳҳои рақсӣ ба роҳ монда шуд, ки ҳам асарҳои анъанавии халқӣ ва ҳам классикии санъати ҷаҳониро иҷро намуданд.[22]

Дар осорхонаи санъати тасвирии ба номи Г.Айтиев аз 9-ум то 14-уми июн намоишгоҳе доир гашт, ки дар он асарҳои рассомони Тоҷикистон, намоиши аккосии шахсии Заур Дахте ва намоиши армуғонҳо аз сангҳои қимматбаҳо пешниҳод шуда буданд. Дар ифтитоҳ намояндагони бонувони Тоҷикистон либосҳои миллии занонаро намоиш доданд. Намоиши филмҳои тоҷик дар Хонаи синамои ба номи Ч. Айтматов баргузор гардид. Ҳунармандони халқӣ ва шоистаи Тоҷикистон бо консерти худ сокинони Қара-Балтаро шод намуданд.[9]

Чорабиниҳои дар доираи Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Қирғизистон баргузоргардида, тамошобинони пойтахти Қирғизистонро бо ҷилои гуногуншаклу дурахшони санъати халқи тоҷик, махсусияти урфу одат ва анъанаҳои он, ҳамчунин бо дастовардҳои муосири Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг ошно намуданд.[8]

Ҷамъомади эҷодӣ ба ҷашни бошукӯҳи дӯстӣ мубаддал гашта, хоҳиши ду халқро оид ба тақвияти ҳамкории самаранок, таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва боварӣ тасдиқ намуд. Чорабиниҳои зиёде, ки дар доираи Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Бишкек, ҳамчунин дар вилояти Иссиқ-Кул баргузор гардиданд, мақсади кишварҳои дӯстро баҳри инкишофи минбаъдаи муколамаи фарҳангӣ-гуманитарӣ, фарогирии гуногунҷанба ва пурмазмунтари он, таҷассум сохтанд.

Ҳамаи чорабиниҳои Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи зиёди сокинони пойтахт ва васоити ахбори оммаро ба худ ҷалб карданд. Онҳо бомуваффақият, дар фазои ғайриоддии шавқу завқи эҷодӣ баргузор гаштанд.Рӯзи охирини Ҷамъомади эҷодӣ низ истисно набуд. Бегоҳӣ дар шаҳри Бишкек дар Театри давлатии опера ва балети ба номи А.Малдибаев намояндагони соҳаи фарҳанг, намояндагиҳои дипломатии дар шаҳри Бишкек сабти ном шуда, доираи васеи ҷомеаи шаҳр, диаспораи тоҷик ва ҳаводорони санъати тоҷик, ки шумораашон дар вақти гузаронидани чорабинӣ хеле зиёд шуд, ҷамъ омаданд.[9]

*Бо* мақсади ёдбуди Ч. Айтматов бо ташаббуси кафедраи назария ва адабиёти навини форси тоҷикии Донишгоҳи миллии *Тоҷикистон якҷо бо Иттифоқи* нависандагони *Тоҷикистон* дар санаи 14- уми декабри соли 2018 конференсияи илмию амалӣ бо унвони «Нақши Ч. Айтматов дар таҳаввули насри муосири тоҷик» дар бинои факултети филология баргузор шуд, ки дар кори он олимону устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, донишгоҳҳои Хуҷанду Бохтару Кӯлоб, намояндагони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меҳмонон аз сафоратхонаҳои Россия, Қазоқистону Қирғизистон иштирок намуданд.

Бояд зикр кард, ки ба конференсия 28 маърӯзаву баромад пешниҳод шуда буд. Метавон хулоса кард, ки ин конференсия дар масъалаи омузиши мероси адабии Ч. Айтматов, тарғибу ташвиқи осори ӯ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, тарҷумаи мероси нависанда ба натиҷаҳои назаррас расид ва баргузории онро як иқдоми пураҳаммият дар марҳалаи кунунии шммозсти шахсияти Ч. Айтматов ва маърифати осори ӯ метавон натиҷагирӣ намуд[19].

Инчунин дар доираи ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ 27 декабри соли 2018 аз тарафи Сафорати Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намоиши романи таълифгаштаи Чингиз Айтматов дар бинои Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор шуд. Чингиз Айтматов борҳо ба Тоҷикистон омада, бо аҳли зиёи он

мулоқот карда, арҷгузорони эҷодиёти худро дорад. Сафир Дж. Рустенбеков қайд кард, ки Ч. Айтматов дӯсти наздики халқи тоҷик буд. Сафири Қирғизистон дар Тоҷикистон Дж. Рустенбеков 370 нусхаи романи Ч. Айтматов «Когда падают горы» ба забони тоҷикиро ба языке Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва 320 нусхаро ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим намуд[9].

Зимни таҳлили рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ-гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон метавон чунин натиҷабардорӣ намуд, ки:

Халқҳои тоҷику қирғизро умумиятҳои зиёди фарҳангӣ, маънавӣ ва адабӣ мепайванданд. Ду халқи ҳамсоя дар раванди тақдири таърихӣ аз осори маънавии якдигар бахра бурда, таъсири мутақобила дар зиндагиашон ба назар мерасад.

Ҳамкориҳои фарҳангии ҷонибҳо заминаи таҳкими муносибатҳои сиёсӣ-иқтисодӣ мегарданд. Барои тақвияти ҳамкории ду халқ нақши Ҷамъиятҳои дӯстии якдигар бузург мебошад. Инчунин дар назди парлумонҳои ду кишвар гурӯҳҳои дӯстӣ амал мекунанд, ки барои мустаҳкам гаштани алоқаҳои фарҳангӣ мусоидат менамоянд;

Барои умқи ҳамкориҳои фарҳангӣ мавҷудияти диаспораҳои тоҷик ва қирғиз мутаносибан дар Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад. Дар назди онҳо марказҳои илмӣ-фарҳангӣ таъсис ёфта, ҳамасола теъдоди муайяни донишҷӯён ба тариқи квота ба кишварҳои аҷдодӣ фиристода шуда, заминаи минбаъдаи омӯзиши фарҳангу забони худ дар маҳалҳо мегарданд.

Таҳлили равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон нишон дод, ки ҳарду давлат дар таҳким ва рушди равобити байнидавлатӣ дар соҳаи фарҳанг ҳамеша ҳавасманд мебошанд. Дар оғози асри XXI мазмун ва мундариҷаи ин ҳамкориҳо ғанӣ гашта, ба манфиати ҳар ду кишвар равона шудаанд.

Дар маҷмӯъ, рушди муносибатҳои иҷтимоию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро тадриҷан рушдёбанда арзёбӣ намуда, онро вобаста ба имконоти васеи мутақобила қаноатбахш ҳисобидан бамаврид аст, вале ҷиҳати таҳкими ин муносибатҳо таваҷҷӯҳ ба масоили зерин аз аҳаммият холӣ нест:

- таҳкими фаъолияти ҷамъиятҳо ва ассосиатсияҳои дустии миёни кишварҳо бо дарназардошти заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ба тавоффуқ расидаи онҳо;
- ҳар ду сол ба роҳ мондани чорабиниҳои фарҳангӣ ва эҷодии доираҳои фарҳангии кишварҳо вобаста ба мавӯъҳои мубрами таърихӣ ва фарҳангӣ;
- ҳамоҳанг сохтани фаъолияти Вазорату ниҳодҳои фарҳангии кишварҳо ва ҷалби доираҳои фарҳангии ду ҷониб дар раванди ҳамоишҳои фарҳангӣ;
- таҳкими фаъолияти доираҳои илмӣ ҷиҳати таҳқиқотҳо дар самти фарҳанг, вобаста ба муаммоҳои марбут ба раванди ҷаҳонишавӣ;
- таваҷҷӯҳ зоҳир намудан ба татбиқи самараноки санаду меъёрҳои имзошуда миёни ду кишвар, бо мақсади таҳким ва густариши муносибатҳои фарҳангӣ ва гуманитарӣ.

Бо ҳамин тартиб татбиқи дастовардҳои илмӣ дар масоили равобити байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ва махсусан кишварҳои ҳамҷавори минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳалли масъалаҳои мубрами фарҳангиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву сиёсии ҳар як кишвари шарик ва ҳамзамон барои тамоми минтақа судманду манфиатбахш муаррифӣ мегардад.

**Муқарриз: Шарипов С.- н.и.т., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоев, Ҷ. Махсусияти ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Қирғизистон дар солҳои 2001-2008. [Мант] / Ҷ. Абдуллоев // Паёми ДМТ. - №3/2, 2017. - С.92-95.
2. Баротов, Ф. Як соли Консерваторияи миллии Тоҷикистон [Матн] / Ф. Баротов. [Манбаи электронӣ] URL: https://www.ozodi.mobi/a/600364.html (санаи мурочиат: 13.04.2020).

3. Бабаханов, М. История таджиков мира [Текст] / М. Бабаханов. – Душанбе: 2004. – С. 188.
4. Бойгонии ҷории Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Раёсати ИДМ. Протокол 8 заседания Межправительственной комиссии Республики Таджикистан и Кыргызской Республики.
5. Бойгонии ҷории Ҷамъияти дӯстӣ ва ҳамкориҳои фарҳангии тоҷик бо кишварҳои хориҷӣ. Ҳисоботи солонаи Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон-Қирғизистон. Соли 2013.
6. Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналхалқӣ. Папка Қирғизистон //мактубҳо -№ 1-09/2535 аз 11.11.2016.
7. Бойгонии ҷории Ҷамъияти дӯстӣ ва ҳамкориҳои фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ- Ҳисоботи ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон-Қирғизистон.
8. Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналхалқӣ. Информация о культурном сотрудничестве Республики Таджикистан и Кыргызской Республики.
9. В Кыргызстане прошли Дни культуры Таджикистана. [Манбаи электронӣ] URL: http://www.knews.kg/society/.(санаи муроҷиат: 15.04.2019).
10. В Кыргызстане при полном аншлаге прошли Дни культуры Таджикистана. [Манбаи электронӣ] URL: http://news.tj/ru/news (санаи муроҷиат: 25.08.2020).
11. Каримова, Р.Н. Культура Таджикистана в годы независимости (1991-2011 гг.) [Текст] / Р.Н. Каримова. – Душанбе: 2013. – С. 115.
12. Культурно-гуманитарное сотрудничество. [Манбаи электронӣ] URL: https://mfa.gov.kg/ru /dm/tadzhikistan-ru/menyu---inostrannoe/--uslugi/dogovorno-pravovaya-baza/ogovorno -pravovaya-baza-5c1ca79ce823a (санаи муроҷиат: 22.08.2019).
13. Маҷаллаи «Дӯстӣ» шумораи № 3, соли 2013. - С. 6-7.
14. Маҷаллаи «Дӯстӣ» шумораи № 2-3, соли 2014. - С. 16.
15. Мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Қиргизистон Қурмонбек Боқиев. [Манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/1497 (санаи муроҷиат: 12.03.2020).
16. Нарозя, В.В. Народ Кыргызстана в семье единой [Текст] / В.В. Нарозя, А.Л. Шафир. - Бишкек. Ассамблея народа Кыргызстана. 2014. – С.256.
17. Олимӣ, С.: "Тоҷикистону Қирғизистон ҳомии якдигаранд" [Матн] / С. Олимӣ. А. Оқоев [Манбаи электронӣ] URL: https://www.ozodi.mobi/a/ 600502.html (санаи муроҷиат: 13.04.2020).
18. «Расонаҳо-3»: Ҷанг дар ҷаноза, бозгашти Хайруллоев ва ёде аз Ҳаёеви соли 1989. [Манбаи электронӣ] URL: https://www.ozodi.mobi/a/on-media-3rd-issue/25246754.html (санаи муроҷиат: 10.05.2020).Соглашение между Министерством культуры и информации Кыргызской Республики и Министерством культуры Республики Таджикистан о сотрудничестве в области культуры. [Манбаи электронӣ] URL: http://base.spinform.ru/. (санаи муроҷиат: 13.07.2019.)
19. Раҳмон, Ҳ. Чингиз Айтматов: Инсон то он даме зиндааст, ки ӯро ёд мекунанд [Матн] / Ҳ. Раҳмон // Ба қуллаҳои дониш. - №20, 20 декабри соли 2018. - С.7.
20. Сарыбаев, Э. А. Кыргызско – таджикские отношения в эпоху глобализации (политологический анализ) [Текст]: дисс. на соис. ученой степени к.п.н. / Э. А. Сарыбаев. – Бишкек: 2016. – С. 25.
21. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият [Матн] / Зери назари Ҳ. Зарифӣ. - Душанбе: Ирфон, 2011. - С.172.
22. Сомонаи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон. [Манбаи электронӣ] URL: http://www.tajikemb.kg/.(санаи муроҷиат: 19.10.2020).
23. Таджикско-кыргызские отношения. [Манбаи электронӣ] URL: https://www.tajikemb.kg /index.php?option=com_content &view=article &id=61&Itemid=124 (санаи муроҷиат: 19.10.2020).
24. Шарипов, А. Эмомалӣ Раҳмон: Соли фарҳанги оламгир (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2005) [Матн] / А. Шарипов, З. Сироҷов. - Душанбе: Деваштич, 2006. - С.182.

## ҲАМКОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ-ГУМАНИТАРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2001-2016

Мақола ба баррасии ҳамкориҳои фарҳангӣ-гуманитарии Ҷумҳурии Еоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 2001-2016 бахшида шудааст. Халқҳои тоҷику қирғизро умумиятҳои зиёди фарҳангӣ, маънавӣ ва адабӣ мепайванданд. Ду халқи ҳамсоя дар раванди тақдири таърихӣ аз осори маънавии якдигар баҳра бурда, таъсири мутақобила дар зиндагиашон ба назар мерасад. Ҳамкориҳои фарҳангии ҷонибҳо заминаи таҳкими муносибатҳои сиёсӣ-иқтисодӣ мегарданд. Барои тақвияти ҳамкории ду халқ нақши Ҷамъиятҳои дӯстии якдигар бузург мебошад. Инчунин дар назди парлумонҳои ду кишвар гурӯҳҳои дӯстӣ амал мекунанд, ки барои мустаҳкам гаштани алоқаҳои фарҳангӣ мусоидат менамоянд. Барои умқи ҳамкориҳои фарҳангӣ мавҷудияти диаспораҳои тоҷик ва қирғиз мутаносибан дар Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад. Дар назди онҳо марказҳои илмӣ-фарҳангӣ таъсис ёфта, ҳамасола теъдоди муайяни донишҷӯён ба тариқи квота ба кишварҳои аҷдодӣ фиристода шуда, заминаи минбаъдаи омӯзиши фарҳангу забони худ дар маҳалҳо мегарданд.Таҳлили равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон нишон дод, ки ҳарду давлат дар таҳким ва рушди равобити байнидавлатӣ дар соҳаи фарҳанг ҳамеша ҳавасманд

мебошанд. Дар оғози асри XXI мазмун ва мундариҷаи ин ҳамкориҳо ғанӣ гашта, ба манфиати ҳар ду кишвар равона шудаанд.

**Калидвожаҳо:** рушди муносибатҳои иҷтимоию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, имконоти васеи мутақобила, рушди ҳамкориҳои фарҳангии халқҳои тоҷику қирғиз.

## КУЛЬТУРНО-ГУМАНИТАРНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И КЫРГЫЗСКОЙ РЕСПУБЛИКОЙ В 2001-2016 ГГ.

Статья посвящена рассмотрению культурно-гуманитарного сотрудничества между Республикой Йожикистан и Республикой Кыргызстан в 2001-2016 гг. Таджикский и кыргызский народы связаны многими культурными, духовными и литературными общностями. В процессе исторической судьбы два соседних народа извлекали пользу из духовных трудов друг друга, и в их жизни прослеживается взаимное влияние. Культурное сотрудничество сторон становится основой для укрепления политико-экономических отношений. Велика роль обществ взаимной дружбы в укреплении сотрудничества между двумя народами. Также перед парламентами двух стран действуют группы дружбы, которые способствуют укреплению культурных связей. Присутствие таджикской и кыргызской диаспор в Кыргызской Республике и Республике Таджикистан важно для глубины культурного сотрудничества. При них были созданы научно-культурные центры, и каждый год определенное количество студентов направляется в страны предков по квоте, и они становятся базой для дальнейшего изучения их культуры и языка на местах. отношения между Республикой Таджикистан и Республикой Кыргызстан показали, что обе страны укрепляются Развитие межгосударственных отношений в сфере культуры всегда приветствуется. В начале 21 века данное сотрудничество еще более обогатилось и были направлены на благо обеих стран.

**Ключевые слова**: развитие социокультурных отношений между Республикой Таджикистан и Республикой Кыргызстан, широкие возможности для взаимодействия, развитие культурного сотрудничества между таджикским и кыргызским народами.

## CULTURAL AND HUMANITARIAN COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE KYRGYZ REPUBLIC IN 2001-2016

The article is devoted to the consideration of cultural and humanitarian cooperation between the Republic of Yozhikistan and the Republic of Kyrgyzstan in 2001-2016. The Tajik and Kyrgyz peoples are connected by many cultural, spiritual and literary communities. In the process of historical destiny, two neighboring peoples benefited from each other's spiritual labors, and mutual influence can be traced in their lives. Cultural cooperation between the parties becomes the basis for strengthening political and economic relations. The role of societies of mutual friendship in strengthening cooperation between the two peoples is great. Friendship groups also operate in front of the parliaments of the two countries, which contribute to the strengthening of cultural ties. The presence of the Tajik and Kyrgyz diasporas in the Kyrgyz Republic and the Republic of Tajikistan is important for the depth of cultural cooperation. Scientific and cultural centers were created under them, and every year a certain number of students are sent to the countries of their ancestors according to a quota, and they become the base for further study of their culture and language in the field. relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Kyrgyzstan have shown that both countries are strengthening The development of interstate relations in the field of culture is always welcome. At the beginning of the 21st century, this cooperation was even more enriched and was aimed at the benefit of both countries.

**Keywords**: development of socio-cultural relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Kyrgyzstan, wide opportunities for interaction, development of cultural cooperation between the Tajik and Kyrgyz peoples.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоев Ҷамшед Темурович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, омӯзгори калони кафедраи минтақашиносии хориҷӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакк 17. . E-mail: **ajam-44444@mail.ru**Телефон: **(+992) 904-40-44-44**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоев Джамшед Темурович*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, кафедры зарубежного регионоведения. **Адрес**: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 904-40-44-44.** E-mail: **ajam-44444@mail.ru**

**Information about the author: Abdulloev Jamshed Temurovich** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Department of Foreign Regional Studies. **Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, avenue. Rudaki 17. Phone: **(+992) 904-40-44-44.** E-mail: **ajam-44444@mail.ru**

УДК. 327.58:316.7:82:7 (575.3+575.2)

# ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ

*Давлиёрова С. Т.*
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

Таҳкиму густариши равобит байни ду ҳамсоякишвар-Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар даврони истиқлол ҳамчун тамоюли рушди робитаҳои фарҳангӣ ба назар мерасанд. Лозим ба тазаккур аст, гарчанде, ки дар Ҷумҳурии Қирғизистон соли 2005 мавҷи эътирозу нооромиҳо бо номи "инқилоби зард" ба вуқуъ пайваста бошад, ҳам аммо ба муносибати байни кишварҳо нисбати якдигар ягон тағйирот вуруд нагардидаву дар самти сиёсати хориҷии ду кишвари ба ҳам дӯсту бародар тавофуқи пурра дар масоили байналмилалӣ ва минтақавӣ меронад ва сатҳи он боз ҳам баланд боқӣ монда, равобит ба марҳалаи сифатӣ гузаштааст.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳурии ба мо дӯсту бародар ва ҳамсояву ҳамсарҳад Ҷумҳурии Қирғизистон дар тамоми ҷабҳаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, дипломатӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ густариш ёфтаанд. Аз ҷумла, баргузории Рӯзҳои фарҳангии ҳар ду ҷумҳурӣ, созмондиҳии чорабиниҳои гуногуни милливу мусиқӣ, намоишҳо, конференсияҳои илмиву амалии байналхалқӣ, симпозиуму машваратҳо бо иштироки намояндагони илм, фарҳанг ва зиёиёни эҷодкор ба ҳукми анъана даромадаанд. Тавре маълум аст, халқҳои тоҷик ва қирғиз аз замонҳои қадим ҳудудан ба ҳамдигар наздик буда, дар як сарзамин ҳаёт ба сар мебаранд ва аз ҳамон давраҳо бо тоҷикон ҳамсоягии наздик ва доду гирифт доранд.

Дар раванди таърих мардуми қирғиз дар баробари миллати тоҷик пасту баландиҳои зиёдро аз сар гузаронидааст. Ин ду мардуми ба ҳам наздик бидуни хат, таърихи асрҳо ташаккулёфтаи миллати хешро тавассути эпоси "Манас", «Гуруғлӣ»-ро ба насли оянда ба мерос мондаанд. Дар эпоси "Манас" далелҳои алоҳидаи таърихӣ , қаҳрамониҳои шахсиятҳои алоҳидаи таърихӣ, пешвоёни кишвар, маълумот оид ба ҷамъият, урфу одат ва ҳаёти мардуми қирғизро дар худ таҷассум менамояд [1,143].

Ҳарчанд рӯзгори одамизод доимо ба оянда ҷорист, таҷрибаи пешинаи ӯ-ғизои асосии ӯ, ҳамон кӯҳе, ки ба он такя мекунад, меросест барои насли фардо. Бе вуҷуди он тараққиёти ҳаёти ҷамъиятӣ ва маданӣ мумкин нест. Ин манбаъ дар навбати аввал махсуси табиати сухан аст.

Сухани аз қаъри ҳикмати халқ ҷараёнёфта зимни тасвири ҳар гуна ҳаракат, амал, корнома ва мақсади ба пеш гузошташуда-ҳар чизе ки бошад-даставвал ба фикру идроки ӯ тааллуқ дорад. Тамоми комёбиҳои инсон аз фикр, аз сухан сар шуда, ба шакли таҷриба медарояд ва боз ба даргоҳи ақли инсон, суханони инсон бармегардад, идроки онро бой мегардонад. Дар замони ҳозира сифати сухан бо суръати фавқуллода аз як зина ба зинаи дигар, аз як поғунда ба поғундаи дигар боло меравад. Тағйироти тунду тези илм, техника, ҳаёти ҷамъиятӣ рӯз то рӯз ақли инсонро шитобида, ба баҳри беканори иттилоот мерасонад.

Рӯз то рӯз амиқтар рафтани ғояҳои фалсафӣ, маънавӣ-ахлоқӣ дар адабиёти бадеӣ, инъикоси ҷаҳду талоши инсоният ба рушд, ба нур, масъалаи асосӣ ва муқтазои айёми мост. Ба ин нигоҳ накарда, ганҷи бебаҳои санъати сухани бостонӣ, ки зодаи даҳои халқ аст, аз асрҳои дуру дароз ранҷу машаққатҳо дида ва нуру ҷилои аввалзоди худро гум накарда, то ба даврони мо омада расидааст, ки дар даврони имрӯза бошад, чун падидаи воқеӣ қабул карда мешавад. Ин ганҷ, ки чун пайкари зинда, доимо дар ҳаракат аст, аз сарҳади тамаддуни бостонӣ гузашта, ҳамчун

нафисаи зинда ва қобили талаботи имрӯза, бешак ба сарвати маънавии халқ ҳамҷоя мешавад.

Мероси бузурги халқи қирғиз-анъанаи эпикӣ, алалхусус, ба ҳамин сарвати бебаҳои маънавӣ мутааллиқ аст.Яке аз қадимтарин халқҳои Осиёи Миёна будани халқи қирғиз ба илми таърих маълум. Халқи қирғиз дар роҳи сабзиши худ бисёр офатҳоро паси сар карда, намунаҳои барҷастаи маданияти эпикӣ сохт. Агар халқҳои дигар маданияти қадим ва таърихи худро дар адабиёти хаттӣ, ҳайкалтарошӣ, меъморӣ, театр, рассомӣ ҳифз дошта бошанд, пас халқи қирғиз идроку шуури миллӣ, орзуву андеша, мубориза, мақсад ва дар як қатор ҳодисоти таърихӣ воқеияти худро дар жанри эҷодиёти даҳонии халқ мунъакис сохтааст. Ба ҳар ҳол қуллаи мероси аҷдодии қадими қирғизҳо эпоси азими “Манас” аст.

Дар ҳақиқат ҳам “Манас” бо қудрати бадеии нотакрори худ, бо инъикоси таърихи бисёрасраи халқ, бо мундариҷаи ғоявӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, бо фарогирии ҳартарафаи ҳаёти халқ: маишат, лашкар, ҳунар, санъати ҷанг, анъана, урфу одат, маданияти халқ - дар рафи нодиртарин ёдгориҳои санъати шеърӣ меистад. Дар эпоси “Манас” сурат гирифтани воқеоти таърихӣ (оид ба қисмати халқи қирғиз) бебаҳс аст.

Бунёд шудани эпоси “Манас” эҳтимол, вазъияти таърихӣ бошад. Аммо “Манас” солномаи таърих нест. Ин пеш аз ҳама асари бадеии дар заминаи воқеаҳои таърихӣ аз даҳони эҷодкори халқ рӯидаест, ки пайваста сареҳтар гаштаву инкишоф ёфта, аз борҳои сарзиёдӣ халос шуда, такмилу танзимҳои тозаро қабул кардаву ҳазм намуда, имрӯз ба ин қуллаи баланд расида аст. Аз ин ҷост, ки дар асар қатори гирудори зиндагӣ фантастикаи ақлрабо вуҷуд дорад, дар қатори инъикоси воқеаҳои таърихӣ асотирҳои худрӯй низ ҷой доранд. Онҳоро аз ҳам ҷудо кардан нашояд, ба ҳамдигар сахт часпидаанд. Ҳамин тариқ, эпоси “Манас” дар авҷи камолоти худ, яъне тавассути идроки эҷодкоронаи бадеии авлодон, аз қавм ба қавм гузашта, пухташудаву рушду матонат ёфта, то ба даврони мо омада расидааст. Толеи таърихии ин эпос баланд будааст. Вагарна кӣ медонист, ки на танҳо эпос, балки халқи ин эпосро эҷодкардаву аз як офат ҳанӯз наҷот наёфта, ба офати дигаре дучор шуда ва торафт камнуфузу камшумортар гашта, ба чӣ ҳол меафтод.

Эпоси азим, умри абад ёфт, аз даҳонӣ ба ҳаёти хаттӣ гузашт. Ҳамин тавр, ин маҳзари нафосат, ин эпос, ки аз даҳон ба даҳон гашта, дар доираи як халқ сайр мекард, интишори хаттӣ ёфт ва дар хазинаи маданияти ҷаҳонӣ ҷой гирифт. Хуллас, чунин гуфтан равост: ғояи асосии эпос, ғояе ки саросари эпосро фаро гирифтааст, ин ғояи ҷовид ва аз замони пайдоиши оламу одам ногусастанӣ ва он ҳамешаву дар ҳар ҷо ҳамроҳи одам, ба ӯ қуввату имондиҳанда, маҷбуркунандаи ҷӯяндагиву ёбандагӣ, шитобандагӣ ба сӯйи мақсад, дар рӯзҳои афсурдарӯҳию хастаҳолӣ бахшандаи болу пар, физояндаи қудрату тавоноист.Тамоми бунёди бадеии эпос, рӯҳбаландии он аз оғоз то анҷом як ғояро талқин мекунад-ин ғояи озодӣ, ғояи истиқлол мебошад. Замон ба замон гузашта, даҳон ба даҳон гашта, то даме ки дар рӯи замин забони қирғизӣ ҳаст “Манас” чун қуллаи миллии мо ҷовидонист [2,3-8].

Дар баробари раванди ҳамкориҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Қирғизистон дар соҳаи гуманитарӣ низ суръати рӯзафзун дорад. Ҳайатҳои ду кишвар дар сатҳу мартабаҳои мухталиф, дар чорабиниҳои илмию фарҳангии якдигар фаъолона ширкат меварзанд.

Тарҷумаи адабиёти бадеӣ дар таърихи адабиёт давраи махсус маҳсуб меёбад. Маҳз дар ҳамин давра фаъолияти тарҷумонӣ дар адабиёти тоҷик соҳаи мустақили фаъолияти адабӣ гардид.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни осори нависандагони собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз ҳама бештар асарҳои нависандаи машҳури қирғиз Чингиз Айтматов маҳбуби мардум гашта аст. Хонандаи тоҷик дорои имконияти хуби хондани асарҳои

ин нависанда дар ҳаҷми хурду калон дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ё нашриёҳои алоҳида дар тарҷума ба забони тоҷикӣ буд. Дар Тоҷикистон на танҳо асарҳои бадеии нависанда тарҷума ва нашр мешуданд, балки асарҳои ӯ дар дигар жанрҳо низ ба мисли мақолаҳои публитсистӣ, очеркҳо ва пйесаи машҳури ӯ "Фатҳи қуллаи Фудзияма" дар саҳнаи Театри академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ нишон дода шуд.

Чингиз Айтматов, бешак, аз зумраи бузургтарин адибони асри XX ва серхонандатарин нависандагони ҷаҳонӣ аст. Эҷодиёти ӯ ҳам аз лиҳози мундариҷаву шакли бадеӣ ва ҳам аз нигоҳи тафаккур ба масоили бунёдиву азалии башарият, муаммоҳои ҷовидонии рӯҳ-шарафу виҷдони одамӣ ва ҳикмати ҳаёту мамот беҳтарин намунаҳои насрӣ дар адабиёту фарҳанг ба шумор меравад. Қиссаву романҳои ӯ натиҷаи мушоҳидаҳо ва муроқибаҳояш бобати воқеияти ноорому номуътадили зиндагӣ буда, аксаран ҷомаи рамзу асотир пӯшидаанд. Ҳамин ҷиҳати осор, яъне вижагиҳои шартию рамзӣ ва асотирии осораш Чингиз Айтматовро маҳбуби қалби хонандагонаш дар паҳнои олам гардонидааст.

Қариб ҳамаи повесту романҳои Чингиз Айтматов бо забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд, ба монанди: "Дуроҳаи бӯронӣ", "Модаргавазн", "Алвидоъ Гулсарӣ", "Киштии сафед", "Повестҳо", "Пораабри сафеди Чингизхон", "Ҷамила", "Роҳи Каҳкашон"[3].

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки беҳтарин роҳҳои самаранокиривоҷу равнақи робитаҳои адабии халқҳои тоҷику қирғиз дар замони Шӯравӣ гузаронидани ҳафта ва даҳаҳои адабиёти ин халқҳо буд. Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон 09.09.1991 ва Ҷумҳурии Қирғизистон 31.08.1991 ҳамкориҳо дар соҳаҳои фарҳанг, адабиёт ва санъат новобаста аз ҳаводиси рӯзгор, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарӣ дар ҳаёти ин ду халқ ҷойдошта, рушд намуда истодааст.

Тибқи шиносоӣ, таҳлил ва коркарди ҳуҷҷатҳои бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг метавон гуфт, ки дар тӯли 30 соли Истиқлоли давлатии ин ду ҳамсоякишвар ҳамкориҳо дар соҳаҳои мазкур хеле назаррас арзёбӣ гардидаанд.

Мувофиқи созиши миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи ҳамкории фарҳангӣ моҳи майи соли 2004 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Қирғизистон гузаронида шуданд.

Ба тақвияти ҳамкории фарҳангии ҷонибҳо мулоқоту вохӯриҳои сарварони давлатҳо низ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, дар натиҷаи мулоқоти кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Курмонбек Боқиев аз 15-16 майи соли 2008 дар шаҳри Хуҷанд Созишнома дар бораи барқарор намудани равобити дӯстӣ байни шаҳри Нораки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Қарокӯли Ҷумҳурии Қирғизистон ба имзо расид, ки сатҳи равобити иҷтимоӣ-фарҳангии ин шаҳрҳоро боз ҳам густариш дод.

Аз 24 то 26 апрели соли 2009 дар шаҳри Бишкек Фестивали байналхалқии «Ҷаз. Бишкек. Баҳор-2009» баргузор гардид, ки дар он ҷониби Тоҷикистонро гурӯҳи «Авесто» намояндагӣ намуд.

Аз 30 апрел то 3 майи соли 2009 дар шаҳри Душанбе аввалин Фестивали Душанбегии Ҷаз баргузор гардид. Ташкилкунандагони фестивал Барномаи рушди фарҳанг ва санъати Маркази швейтсарии ҳамкорӣ дар Тоҷикистон, Маркази фарҳангии «Бохтар» ва Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ба шумор мераванд. Дар фестивал хунармандон аз Ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон иштирок намуданд. Ҷониби Қирғизистонро ҷаз-гурӯҳи «Солёные орешки» намояндагӣ кард.

9 майи соли 2009 дар деҳаи Учкӯрғони ноҳияи Қадамҷойи вилояти Боткенти Ҷумҳурии Қирғизистон чорабиние баргузор гардид, ки ба рӯзи таҷлили 64-умин

солгарди Ғалаба бар фашизм бахшида шуда буд. Бо даъвати Ассотсиатсияи тоҷикони Қирғизистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар чорабинӣ ҳайати Тоҷикистон ширкат варзиданд.

Аз 15 то 20 майи соли 2009 дар шаҳри Душанбе Фестивали байналхалқии мусиқии фортепиано «Piano Forte» баргузор гардид. Ташкилкунандаи ин чорабинӣ Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабшоҳ Сатторов ба шумор мерафт. Дар фестивал намояндагони Қазоқистон, Россия, ИМА ва Эрон иштирок карданд. Ҷониби Қирғизистонро ҳунармандон З.Наринбаева ва Г.Конушева намояндагӣ карданд.

Театри давлатии лӯхтаки Тоҷикистон дар Фестивали I-уми байналхалқии театрҳои лӯхтак иштирок намуд, ки моҳи сентябри соли 2009 дар шаҳри Бишкек доир гашта буд. Баргузории фестивал ба 70-солагии фаъолияти Театри академии давлатии лӯхтаки Бишкек ба номи Мӯсо Жангазиев бахшида шуда буд. Вобаста ба солгарди ҷашни театр меҳмонони зиёдро аз кишварҳои гуногун даъват намуд.

Аз 11 то 13 ноябри соли 2009 дар шаҳри бостонии Хуҷанд Рӯзҳои фарҳанги вилояти Боткенти Қирғизистон дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гаштанд, ки дар рафти онҳо мардуми тоҷик бо дастовардҳои Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаи фарҳанг ва санъат ошно шуданд. Дар Маҷмааи давлатии «Кохи Рӯдакӣ» ҳунарнамоии овозхонҳо бо иштироки намояндагони гурӯҳҳои эҷодии Тоҷикистон ва Қирғизистон доир гардида, дар намоишгоҳи санъати (Арт-галереяи) шаҳри Хуҷанд намоиши расмҳои рассомони Ҷумҳурии Қирғизистон-И. Калимбердиев, А. Абдрахманов, С.Кудайкулов ташкил карда шуд. Ҳайати қирғиз аз Қасри Арбоб ва Қасри ҷавонон дидан намуданд, ки дар онҷо ҳунармандони Ҷумҳурии Қирғизистон баромад карданд. Дар ҳамин ҷо намоишгоҳи ҳунарҳои дастии миллии Ҷумҳурии Қирғизистон-қолинҳо, сару либос ва юртаҳо баргузор гардид.

Аз 15 то 22 апрели соли 2010 коллективи эҷодии Театри лӯхтак аз Ҷумҳурии Қирғизистон дар 2-юмин Фестивали байналхалқии театрҳои лӯхтак «Чодари хаёл» дар шаҳри Душанбе иштирок намуд.

Овозхони Ҷумҳурии Қирғизистон Айжан Нусувалиева аз 18 то 19 сентябри соли 2010 дар Фестивали мусиқии «Осмони Иттиҳод», ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳунармандони ҷавони эстрадаро муттаҳид мекард, иштирок карда, соҳиби ҷоиза барои овози беҳтарин гардид.

Дар чаҳорчӯбаи «Ҳафтаи кинои қирғиз», ки моҳи май таҳти сарпарастии Лоиҳаи байналхалқии «Дидор» гузашт, 9 филм аз Ҷумҳурии Қирғизистон намоиш дода шуд. Аз ҷумла, мухлисон филмҳои коргардон М. Алиқулов «Чичкон» ва «Сарҳад», Актан Арим Кубат-«Бешкемпир», Э. Абдижапаров-«Светлая прохлада», Т. Бирназаров-«Қарз» ва «Неизвестный маршрут»-ро тамошо карданд. Моҳи июн аз Телевизиони марказии Тоҷикистон филми мустанад дар бораи нависандаи бузурги қирғиз Чингиз Айтматов намоиш дода шуд.

Моҳи марти соли 2012 ҳайати бонуфуз аз Ҷумҳурии Қирғизистон ба шаҳри Душанбе ташриф оварда, дар маросимҳои тантанавии бахшида ба ҷашни байналмилалии Наврӯз иштирок намуданд.

Моҳи апрели соли 2012 дар шаҳри Душанбе Фестивали сеюми байналмилалии театрҳои лӯхтак «Чодари хаёл» бо иштироки 14 театри касбии лӯхтак аз 9 кишвар баргузор гардид. Дар фестивали мазкур Театри давлатии лӯхтаки ба номи Мӯсо Ҷонғозиеви шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон бо намоишномаи «Чунин ҳам мешавад» иштирок намуда, онро барои ҳаводорони хурдсол пешкаш намуд.

Моҳи майи соли 2012 дар шаҳри Бишкек Фестивали байналмилалии «Театрҳои хиёбонӣ» доир гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин чорабинии бонуфуз Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ бо намоишномаи «Гулистони Саъдии Шерозӣ» ва Театри давлатии ҷавонон ба номи Маҳмудҷон

Воҳидов бо намоишномаи «Шаби дур афтодан»-и Бозор Собир муаррифӣ карданд. Намоишҳои мазкур аз ҷониби тамошобинони қирғиз хуб пазируфта шуда, бо дипломҳои Фестивал қадр гардиданд.

26 июни соли 2012 дар Сафорати Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири нависандаи бузурги қирғиз Чингиз Айтматов мизи мудаввар дар мавзӯи «Эҷодиёти Чингиз Айтматов» баргузор гардид. Баъдан иштирокчиёни чорабинӣ филми мустанад дар бораи Чингиз Айтматовро бо номи «Хобҳои сафед дар ҷодаи манзил» (Белые сны по дороге домой) тамошо карданд.

Иштироки аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон-Қирғизистон” ҳунарпешаҳо О.Солиев, Г.Қурбонова ва И.Исломӣ дар Фестивали байналмилалии «Иссиққӯл-2012» дар шаҳри Бишкек таҳкимгари дӯстии байни ду халқ шуд.

Намояндагони Консерваторияи миллии Қирғизистон дар Фестивали байналмилалии мусиқии «Фортепиано» дар шаҳри Душанбе маҳорати хуби навозандагӣ зоҳир карданд. Ин ду иқдом мисоли равшани равобити фарҳангии ду кишвари ҳамсоя аст.

Моҳи марти соли 2013 бо ибтикори роҳбарияти Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон-Қирғизистон» ва мусоидати Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Ҳукумати ноҳияи Боткенти Ҷумҳурии Қирғизистон ба ифтихори ҷашни Наврӯз бо иштироки санъаткорони ду кишвар Фестивали байналмилалии санъат ва ҳунари «Айгул» (Гули сурх) доир гашт.

Дар шаҳри Душанбе ҳар сол дар арафаи иди Наврӯз Фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ бо номи “Парасту” доир мешавад, ки дар он театрҳои драмавии Ҷумҳурии Қирғизистон ҳунарнамоӣ мекунанд.

Соли 2013 Фестивали байналмилалии «Дидор», ки дар шаҳри Душанбе доир гашт, 9 филми кинематографистони Ҷумҳурии Қирғизистон намоиш дода шуд. Чорабинии фарҳангӣ миёни ҳарду кишвар мунтазам баргузор мешаванд, ки Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон-Қирғизистон» саҳми босазо доранд.

Бо ташаббуси аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон-Қирғизистон» дар шаҳри Душанбе таҳти унвони «Дӯстӣ бахри шукуфоии халқҳо» чорабинӣ барпо гардид. Дар он аъзои Раёсат, кормандони масъули Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ М. Шарипова, Х. Расулов, ходимони илму фарҳанг ва дигарон иштирок намуданд.

9 декабри соли 2013 дар толори фарҳангии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Рӯзҳои фарҳангии донишҷӯёни қирғиз доир гардид. Дар ин чорабинӣ аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон-Қирғизистон», муовини раиси ҷамъият Ш.Неъматова ва консули Сафорати Қирғизистон дар Тоҷикистон Э.Сарибаев иштирок ва суханронӣ намуданд.

Бо ибтикори Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон - Қирғизистон» соли 2015 робитаҳои фарҳангии кишвари мо бо мардуми Ҷумҳурии Қирғизистон таҳким ва густариш ёфт. Дар ноҳияи Ҷиргатол (ҳоло Лахш) бо иштироки адибони шинохта Рустами Ваҳҳоб, Аҳлиддин Ҳисорӣ ва ҳунарпешаи маъруф Ортиқи Қодир маҳфили фарҳангӣ баргузор шуд. Дар ин нишастҳо рӯзноманигорон, муаллимон ва навқаламони қирғиз низ ширкат варзида, дар васфи дӯстии ду миллати ҳамҷавор шеъру таронаҳо қироат намуданд.

Моҳи сентябри соли 2015 чунин нишастҳо бо унвони «Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо» дар миёни тоҷикону қирғизҳои ноҳияҳои Исфара ва Ҷаббор Расулов баргузор шуд. Адибон аз вилояти Суғд: Бобоҷон Икром, Ҷӯра Юсуфӣ, Ҳусейни Нарзулло роҷеъ ба таърихи дӯстии ин ду халқ суҳбатҳо оростанд ва намунаҳо аз ашъори худ ва аз осори шоирони ҳарду миллатро ба самъи ҳозирин расонданд. Мувофиқи созишҳои миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон аз 8-ум

то 13-уми июни соли 2015 дар Қирғизистон Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд. Маросими кушодашавии Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон 8-уми июн дар Филармонияи миллии Қирғизистон ба номи Т. Сатилганов баргузор гардид. Дар идомаи маросим баромади пурмуҳтавои устодони санъат-ҳунарпешаҳои халқӣ ва шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, гурӯҳҳои рақсӣ ба роҳ монда шуд, ки ҳам асарҳои анъанавии халқӣ ва ҳам классикии санъати ҷаҳониро иҷро намуданд.

Дар Осорхонаи санъати тасвирии ба номи Г. Айтиев аз 9-ум то 14-уми июн намоишгоҳе доир гашт, ки дар он асарҳои рассомони Тоҷикистон, намоиши аккосии Заур Дахте ва намоиши армуғонҳо аз сангҳои қимматбаҳо пешниҳод шуда буданд. Дар ифтитоҳ намояндагони бонувони Тоҷикистон либосҳои миллии занонаро намоиш доданд. Намоиши филмҳои тоҷик дар Хонаи синамои ба номи Чингиз Айтматов баргузор гардид.

Чорабиниҳои дар доираи Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Қирғизистон баргузор гардида, тамошобинони пойтахти Қирғизистонро бо ҷилои гуногуншаклу дурахшони санъати халқи тоҷик, махсусияти урфу одат ва анъанаҳои он, ҳамчунин бо дастовардҳои муосири Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг ошно намуданд.

Моҳи марти соли 2016 дар деҳаи Ворухи ноҳияи Исфара ба муносибати ҷашни байналмилалии Наврӯз бо иштироки тоҷикону қирғизон маҳфиле баргузор шуд, ки дар он аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон - Қирғизистон» ширкат варзиданд.

Аз 16 то 20 ноябри соли 2016 Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид. Чорабинии мазкур аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи кинематографистон, Китобхонаи миллӣ ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд баргузор гардид.

23 декабри соли 2016 аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон- Қирғизистон» дар Форуми анҷуманҳои дӯстӣ ва Фестивали дӯстии донишҷӯён ва ҷавонон бо номи «Гуфтугӯи тамаддунҳо-гуфтугӯи халқҳо», ки бахшида ба 25-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 25-солагии таъсиси ИДМ дар Маркази илму фарҳанги Россия ва 27 декабри соли 2016 дар шакли консерти идона дар толори бинои нави Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон баргузор шуд, иштирок намуданд [4].

Бо ибтикори кафедраи назария ва адабиёти навини форси тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон 14-уми декабри соли 2018 Конференсияи илмию амалӣ таҳти унвони «Нақши Чингиз Айтматов дар таҳаввули насри муосири тоҷик» дар бинои факултети филологияи тоҷики ДМТ баргузор шуд, ки дар кори он олимону устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, донишгоҳҳои Хуҷанду Бохтару Кӯлоб, намояндагони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меҳмонон аз сафоратхонаҳои Россия, Қазоқистону Қирғизистон иштирок намуданд.

27-уми декабри соли 2018 аз тарафи Сафорати Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намоиши романи таълифгаштаи Чингиз Айтматов дар бинои Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор шуд. Чингиз Айтматов борҳо ба Тоҷикистон омада, бо аҳли зиёи он мулоқот карда, арҷгузорони эҷодиёти худро дорад. Сафири Қирғизистон дар Тоҷикистон Жаниш Султанкулович Рустенбеков 370 нусхаи романи Ч.Айтматов «Когда падают горы» ба забони тоҷикиро ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва 320 нусхаро ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим намуда, ҳамзамон қайд кард, ки Чингиз Айтматов дӯсти наздики халқи тоҷик буд [5].

Соли 2019 Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ бо намоиши "Фирдавсӣ" дар Фестивали байналмилалии театрии "Арт-Ордо"дар

Ҷумҳурии Қирғизистон ширкат варзида, ҷоизаи “Беҳтарин нақши мардона”-и ҷашнвораи мазкурро Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Қурбон Собир соҳиб шуд.

Мутаассифона, тӯли соли 2020 бо назардошти паҳншавии бемории ҳамагири “COVID-19” сафарҳои ҳунарӣ ва табодули фарҳангӣ сурат нагирифтанд [6].

Дар доираи баргузории ҷаласаи ҷашнии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай барномаи фарҳангии “Шоми дӯстӣ” бо иштироки ҳайатҳои ҳунарии кишварҳои аъзо 16 сентябри соли 2021 дар Маҷмааи давлатии “Кохи Борбад” доир гардид, аз Ҷумҳурии Қирғизистон Ансамбли фолклорӣ-этнографии “Каган” ва Ансамбли давлатии рақсии “Ак -Марал” дар ҳайати 29 нафар аз 14 то 19 сентябри соли 2021 дар ин чорабинии муҳимми сиёсиву байналмилалӣ ширкат варзиданд.

Инчунин моҳи апрели соли 2021 Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Сайфулло Юсупов ҷиҳати иштирок дар Фестивали байналмилалии овозхонони операвӣ ба шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон сафари ҳунарӣ анҷом дод. Робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Қирғизистон тибқи қарордодҳо амалӣ гардида истодаанд [7].

Ҳамкориҳо дар соҳаи синамо новобаста аз муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ идома дорад.Масалан, ба танишҳои марзии мавҷуда нигоҳ накарда, филмноманависи тоҷик Искандар Усмонов ва коргардони қирғиз Тинчтик Абулқосимов филмеро зери унвони "Дар марз" дар бораи низоъҳои сарҳадии Тоҷикистону Қирғизистон таҳия намуданд, ки ин филм дар Теҳрон ҷоиза гирифт. "Лаҳзаҳои филм дар яке аз маҳаллаҳои марзии "Гулистон"- и миёни Тоҷикистону Қирғизистон ба навор гирифта шудааст.

Гузаргоҳи марзии "Гулистон"-"Қарамиқ" дар гузашта аз мавзеъҳои пурбаҳси миёни ду кишвар буд. Қаблан Искандар Усмонов гуфта буд, ҳадаф аз ин филм нишон додани ҳолатҳои мунокишаву харҳашаҳо дар деҳоти марзии Тоҷикистону Қирғизистон аст, ки бо сабабҳои ночиз сар мезананд, бузург карда мешаванд ва пеш аз ҳама ба сокинони деҳоти ду тараф зарари ҷониву молӣ мерасонанд.

Воқеияти марзӣ ин аст, ки мардуми тоҷик ва қирғизи ду сӯи сарҳад дар умум хостории зиндагии орому осуда ва пойдории сулҳу суботанд. Аҳолии маҳалҳои наздимарзии ду кишвар дар Исфараву Бодканд ва Бобоҷон Ғафурову Лайлак аз солҳо ба ин тараф канори ҳам, дар як кӯча ё ду сӯи роҳ зиндагӣ доранд ва аз як ҷӯ об менӯшанду аз як роҳ ва чарогоҳ истифода мекунанд. Гоҳе сари истифода аз ин манобеъ байни сокинон мунокишаву низоъҳо сар мезанад, ки ба хунрезӣ низ поён меёбанд [8].

Мо манфиатдор ҳастем, ки муносибатҳоямонро бо тамоми давлатҳои муштаракулманофеъ, бахусус кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ ҳарчи бештар густариш ва тақвият диҳем [9, 21].

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ соли 2016 ба Маҷлиси Олӣ чунин иброз дошта буданд:

ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷӣ, ки меҳвари онро сиёсати “дарҳои кушода” ташкил медиҳад, яке аз дастовардҳои бузурги давлати миллии мо дар замони соҳибистиқлолӣ ба шумор меравад.

Ҳадафҳои аслии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоно бетағйир монда, ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори мамлакат ва мусоидат ба таҳкими пояҳои истиқлолу соҳибихтиёрии давлати Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Дар ин замина мусоидат ба эҷоди фазои эътимоду амният атрофи кишвар аз роҳи густариш ва таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ба ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор бо истифода аз василаҳои сиёсиву дипломатӣ, саъю талоши пайваста ҷиҳати ҳалли саривақтии масоили мубрами минтақа дар сархати сиёсати хориҷии давлати мо қарор хоҳад дошт.

Тоҷикистон муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи судмандро бо тамоми кишварҳои дунё ба роҳ монда, робитаҳои созандаи дӯстонаро бар пояи эҳтироми ҳамдигар ва баробарӣ густариш медиҳад [10, 36-37].

Чунончӣ аспиранти кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҷамшед Абдуллоев зикр намудааст: “Ҳарчанд дар Ҷумҳурии Қирғизистон соли 2005 мавҷи эътирозу нооромиҳо бо номи “инқилоби зард” ба амал омада бошад ҳам, вале ба сиёсати кишварҳо нисбати якдигар ягон тағйирот ворид нагардидааст. Сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон дар таърихи 18-20 сентябри соли 2007 дар муносибати байни кишварҳо марҳалаи наверо оғоз намуд [11, 94].

Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо дар суханрониҳои пурмуҳтавои худ қайд менамояед, ки: “Моҷонибдори низоми ҷаҳонии одилона, бидуни ҷангу низоъ, густариши ҳамкориву шарикии баробар ва судманди ҳамаи кишварҳои олам, таъмини амнияти ҷаҳониву минтақавӣ бо роҳи созишу муколимаи созанда бар асоси Ойинномаи Созмони Милали Муттаҳид мебошем.

Сиёсати “дарҳои кушода” чун меҳвари аслии муносибатҳои мо бо ҷаҳони муосир воқеӣ, дуруст ва судовар будани худро нишон дод.

Мо минбаъд низ ҳамкориҳоро дар чунин рӯҳияи созанда бо ҳамаи кишварҳои Осиё идома хоҳем дод [12, 4-7].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ чунин иброз доштанд, ки;

“Рушду тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва таъмину таҳкими амнияту субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз рукнҳои бунёдии сиёсати хориҷии давлати моро ташкил медиҳад”[13, 43].

Ҳамин тариқ, таҳлилу баррасии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба вазъи иқтисодию сиёсии ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон нишон дод, ки дар ҳар ду кишвар барқарорсозии иқтисодӣ дар асоси ислоҳоти сохторӣ ва фаъолияти ҳукумат барои фароҳам овардани омилҳо ва шароити нави зарурӣ равона шудааст . Яке аз ин шароитҳое, ки ба пешрафти иқтисоди мамлакатҳо мусоидат мекунад, ҷалби сармоя ба иқтисодиёти кишвар ва сармоягузорӣ мебошад [14,143].

Қобили зикр аст, ки самти ҳамкориҳои фарҳангию башардӯстонаи Тоҷикистону Қирғизистон дар сатҳи вусъатёбанда рушд намуда, он аз ҳар ҷиҳат мавриди дастгирии мардуми ба ҳам дӯсти ҳарду кишвар мебошад. Рушди муносибат дар самти маориф ва фарҳанг дар доираи сохторҳои минтақавӣ низ сурат мегирад.

Хулоса, халқҳои тоҷику қирғизро умумиятҳои зиёди фарҳангӣ ба ҳам мепайванданд. Ду халқи ҳамсоя дар раванди таърих аз осори маънавии якдигар баҳра бурда, таъсири мутақобила дар зиндагиашон ба назар мерасад. Ҳамин тариқ, ҳамкориҳои судманди ду халқи бародар ҷавобгӯйи манофеи ду кишвар буда, ҳадафи асосӣ ба пешрафту ободии манотиқи Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст.

**Муқарриз: Абдуллоев Ҷ.Т. – н.и.т., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Иттиҳоди давлатҳои мустақил. Оймаҳмадов М. Душанбе – 2018. С.143.
2. Манас. Эпоси халқи қирғиз. Ирфон. Душанбе – 1982. С. 3-8
1. 3.Чингиз Айтматов–нобиғаи қарни XX.2015-12-12.URT: http//www.kmt/tj/.Санаи муроҷиат: 15.11.2021.
3. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналхалқӣ. Ҷувздони Қирғизистон солҳои 1994-2017. Санаи муроҷиат 20.08.2021.
4. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналхалқӣ. Ҷузвдони Қирғизистон солҳои 2018-2021. Санаи муроҷиат 20.08.2021.
5. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Точикистон. Раёсати санъат. Санаи мурочиат 14.09.2021.
6. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи муносибатҳои байналхалқӣ. Ҷузвдони Қирғизистон солҳои 2018-2021. Санаи муроҷиат 20.08.2021.

7. “Дар марз”.www.ozodi.org/a/3/01.83.html.Санаи муроҷиат 10. 10. 2021.
8. Эмомалӣ Раҳмонов, Ваҳдати миллӣ мароми мост (Суханронӣ дар вохӯрӣ бо зиёиён, 19 марти соли 1997), Душанбе,- Ирфон, 1997. С. 21,72 с.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 22 декабри соли 2016. Нашриёти “Шарқи озод”. 40с.
10. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) № 3/2, Душанбе: “Сино” 2017,С.94,-318с.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ш. Душанбе, 22 декабри соли 2017. КВД КТН “Шарқи озод”-и ДИП ҶТ. 48с.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, ш. Душанбе, 26 декабри соли 2019. КВД КТН “Шарқи озод”-и ДИП ҶТ. 47с.
13. Давлиёрова С. Т. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи татбиқи ҳадафҳои рушд//Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Душанбе, 17 сентябри соли 2021.-Душанбе: Илм, 2021.-288.
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 22.12. 2016.
15. [Манбаи электронӣ] URL: http://president.tj/node/19088 (санаи муроҷиат: 22.02. 2022).


## ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ


Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳурии ба мо дӯсту бародар ва ҳамсояву ҳамсарҳад Ҷумҳурии Қирғизистон дар тамоми ҷабҳаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, дипломатӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ густариш ёфтаанд. Аз ҷумла, баргузории Рӯзҳои фарҳангии ҳар ду ҷумҳурӣ, созмондиҳии чорабиниҳои гуногуни милливу мусиқӣ, намоишҳо, конференсияҳои илмиву амалии байналхалқӣ, симпозиуму машваратҳо бо иштироки намояндагони илм, фарҳанг ва зиёиёни эҷодкор ба ҳукми анъана даромадаанд. Тавре маълум аст, халқҳои тоҷик ва қирғиз аз замонҳои қадим ҳудудан ба ҳамдигар наздик буда, дар як сарзамин ҳаёт ба сар мебаранд ва аз ҳамон давраҳо бо тоҷикон ҳамсоягии наздик ва доду гирифт доранд. Таҳлили равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон нишон дод, ки ҳарду давлат дар таҳким ва рушди равобити байнидавлатӣ дар соҳаи фарҳанг ҳамеша ҳавасманд мебошанд. Бо соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳо мазмун ва мундариҷаи ин ҳамкориҳо боз ҳам ғанӣ гардида, ба манфиати ҳар ду кишвар равона шудаанд, ки барои пешрафти соҳаҳои фарҳанги ду ҳамсоя кишвар заминаи муфид хоҳад гузошт. Дар ибтидои асри XXI замина ва муҳтавои ин ҳамкорӣ ғанӣ гардида, ба нафъи ҳарду кишвар нигаронида шудааст. Дар маҷмуъ рушди ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро рушдёбанда арзёбӣ намудан ба маврид аст. Дар мақола мухтасар аз соҳаҳои ташаккули ҳаёти фарҳангӣ ва равобити адабии халқҳои тоҷику қирғиз сухан меравад.



Калидвожаҳо: Тоҷикистон, Қирғизистон, фарҳанг, ҳамкориҳо, рӯзҳои фарҳангӣ, робитаҳо, адабиёт, санъат, тоҷик, қирғиз, дӯстӣ.


## СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И КЫРГЫЗСКОЙ РЕСПУБЛИКИ В СФЕРЕ КУЛЬТУРЫ


Сотрудничество Республики Таджикистан с нашей дружественной, братской и соседней Республикой Кыргызстан расширилось во всех политических, культурных, дипломатических, экономических и социальных сферах. В частности, стало традицией проводить Дни культуры обеих республик, организовывать различные национальные и музыкальные мероприятия, выставки, международные научно-практические конференции, симпозиумы и консультации с участием представителей науки, культуры и творческой интеллигенции. Как известно, таджикский и кыргызский народы издревле близки друг другу и живут на одной земле, и с тех пор являются близкими соседями и торговцами с таджиками. Анализ культурных связей между Республикой Таджикистан и Кыргызской Республикой показывает, что обе страны всегда заинтересованы в укреплении и развитии межгосударственных отношений в сфере культуры. В начале XXI века контекст и содержание этого сотрудничества обогащены и направлены на благо обеих стран. В статье кратко рассматриваются сферы становления культурной жизни и литературных связей таджикского и кыргызского народов.



**Ключевые слова:** Таджикистан, Кыргызстан, культура, сотрудничество, литературные дни, укрепление, общество, контакты, литература, искусство, таджик, киргиз, дружба.


## COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE KYRGYZ REPUBLIC IN THE FIELD OF CULTURE


Cooperation of the Republic of Tajikistan with our friendly, fraternal and neighboring Republic of Kyrgyzstan has expanded in all political, cultural, diplomatic, economic and social spheres. In particular, it has become a tradition to hold Days of Culture of both republics, to organize various national and musical events, exhibitions, international scientific and practical conferences, symposiums and consultations with the participation of representatives of science, culture and creative intelligentsia.As you know, the Tajik and Kyrgyz peoples have

been close to each other since ancient times and live on the same land, and since then they have been close neighbors and traders with the Tajiks. An analysis of cultural ties between the Republic of Tajikistan and the Kyrgyz Republic shows that both countries are always interested in strengthening and developing interstate relations in the field of culture. At the beginning of the 21st century, the context and content of this cooperation is enriched and directed to the benefit of both countries. The article briefly discusses the spheres of the formation of cultural life and literary relations of the Tajik and Kyrgyz peoples

**Key words:** Tajikistan, Kyrgyzstan, culture, cooperation, literary days, strengthening, society, contacts, literature, art, Tajik, Kyrgyz, friendship.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлиёрова Сафаргул Тешаевна***- Институти омӯзиши масоили мамлакатҳои Осиё ва Аврупои Академияи милии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ходими пешбари илмӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **985-29-40-97.** E-mail: **dsafargul@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Давлиёрова Сафаргул Тешаевна***- Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, кандидат философских наук, доцент, ведущий научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: **985-29-40-97.** E-mail: **dsafargul@mail.ru**

**Information about the author:** ***Davliyorova Safargul Teshaevna*** **-** Institute for the Study of the Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Science, Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor, Leading Researcher. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33. Phone: **985-29-40-97**. E-mail: **dsafargul@mail.ru**

**УДК:327.3 (575.3) (09)**

# ТАШАККУЛИ АСОСҲОИ СИЁСИЮ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПАРЛАМЕНТИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ (ҶАНБАИ ТАЪРИХӢ)


***Самадов Ф.Ҷ.***

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**


Сарчашмаҳои ташаккули асосҳои сиёсию ҳуқуқии фаъолияти байналмилалии парламенти Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳанӯз пеш аз ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд, ки замина барои гирифтани ваколатҳои муайяни функсионалӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ мебошанд. Ба ин дар соли 1974 аз тарафи Совети Олии СССР қабул кардани Қонун «Дар бораи додани ваколатҳо ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар соҳаи муносибатҳои хориҷӣ ва ба ин муносибат тағйир додани Комиссариати халқии корҳои хориҷии умумиттифоқӣ ба Комиссариати ҷумҳуриявии халқии корҳои хориҷӣ ҶСС Тоҷикистон, ки намояндагии мустақилонаи ҷумҳуриро дар муносибатҳои байналмилалӣ муайян мекард, мусоидат намуд[3].

Бо эълони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон тақсимоти воқеии салоҳият дар байни шохаҳои ҳокимият боиси тавсеаи салоҳият ва вазифаҳои парламенти миллӣ дар самтҳои гуногуни фаъолияти он гардид. Ва дар ин ҷо дар баробари ба даст овардани ваколатҳои фаъолияти мустақил дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ маҳз вазифаи намояндагӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Аз нигоҳи ҳуқуқӣ фаъолияти байналмилалии парламенти миллӣ ҳамчун идомаи вазифаҳои намояндагӣ фазои муҳимми васлкунандаи байни халқи соҳибихтиёр (миллат) ва дигар халқҳо (миллатҳо)-ро ташкил медиҳад. Динамикаи интеграция ва дигар равандҳо дар муносибатҳои байналмилалии кишвар бештар ба шиддати фаъолияти байналмилалии парламенти миллӣ вобаста аст.

Зарурати ба вуҷуд овардани алтернатива ба тамоюлҳои зиддиятнокӣ дар ҷомеа, муқовимат ба чунин омили ноороммкунанда дар ҷумҳурӣ, аз қабили паҳншавии фундаментализми исломӣ, ифротгароӣ ва терроризм дар саросари Осиёи Марказӣ парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор намуд, ки фаъолияти худро фаъол созад. Ваколатҳои парламенти Тоҷикистон дар заминаи равобити байналмилалӣ як шарти муҳимми ташаккули заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ шудааст. Яке аз қадамҳои аввалин ин буд, ки моҳи декабри соли 1993 Шӯрои Олӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул кард, ки муносибатҳои иқтисодии хориҷии ҷумҳуриро ба танзим даровард ва заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интегратсияи иқтисодиёти Тоҷикистон ба системаи иқтисодии ҷаҳонро ба вуҷуд овард[2].

Хоҳиши вакилони парламенти тоҷик барои барқарор намудани робита бо ҳамкасбон аз дигар мамлакатҳо низ аз вазъияти душвори ҷумҳурӣ сарчашма мегирифт. Бавежа вазъиятро оқибаҳои ҷанги шаҳрвандӣ, тазодҳои минтақавӣ, вазъияти бад дар соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ вангинтар менамуд. Аз ин рӯ, донишманди тоҷик А. Имомов чунин менависад:«Шурои Олии ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо Ҳукумати мамлакат бо такя ба пешниҳодҳои Вазорати хориҷаи кишвар, самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои сиёсати хориҷии малакат, аз он ҷумал, истиқрори муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба малакатҳои дигар ва қабл аз ҳама бо кишварҳои ҳамсоя муайян намуд»[6].

Тағйиротҳои доимии мазмун ва моҳияти ҳамкориҳои байнипарламентӣ яке аз унсурҳои асосии ҷараёнҳои зикршуда махсуб ёфта, татбиқи мақсадноки онҳо дар фаъолияти мақоми олии ҳокимияти давлатии Тоҷикистон, яъне Маҷлиси

намояндагони Маҷлиси Миллӣ ҷойи махсусро ишғол менамояд. Аз ин дидгоҳ дар тули си соли охир мақоми олии намояндагии ҳокимияти давлатии Тоҷикистон, яъне Шӯрои Олӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ба мақсади ташкил ва истифодаи низоми ҳамкории байнипарламентӣ бо кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ кӯшиши зиёдро ба харҷ доданд. Ба шарофати чунин талошу кӯшишҳо, дар марҳилаҳои гуногуни таҳкими истиқлолияти давлатии мамлакат мақоми олии намояндагӣ ва мақоми қонунгузор тавассути ҳамкориҳои пурсамари хеш бо парламентҳои кишварҳои хориҷӣ ба мақсади муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси давлати мустақил, демократӣ ва ҳуқуқбунёд нақши бузург бозид.

Тавсеаи заминаи ҳуқуқии фаъолияти порлумони Тоҷикистон дар арсаҳои беруна пас аз ба даст овардани соҳибихтиёрии давлатӣ бо тағйирот дар низоми идораи сиёсии ҷомеа иртиботи ногусастании мантиқӣ дорад. Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули заминаи ҳуқуқии фаъолияти байналмилалии парламенти кишварамон нақши муҳим бозид. Тавре З. Саидов дар ин бора менависад: «Дар ин давраи душвори таърихӣ буд, ки иҷлосия бо мақсади таҳкими робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ як қатор санадҳои муҳимми меъёрии ҳуқуқӣ қабул намуд. Дар иҷлосияи мазкур инҳо қабул гардиданд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд, Ассотсиатсияи байналмилалии рушд, молияи байналмилалӣ. Корпоратсия ва Агентии кафолати пасандозҳои бисёрҷониба ва қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи мактуби қабули Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд»[11].

Қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Созишнома дар бораи авиатсияи гражданин байналмилалӣ, ки 7 декабри соли 1944 дар Чикаго ба имзо расида буд», карори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Шартномаи амнияти коллективӣ» давлатҳои аъзои ИДМ», Қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи Муроҷиатномаи Шурои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳизбҳо, ҳаракатҳо ва ташкилотҳо, ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурият», Қарори Шурои Олии Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи Муроҷиатномаи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[11].

Иҷлосияи дар боло зикр шуда самтҳои нави сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро дар асоси талабот ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ эълон намуда, тасдиқ намуд, ки мардуми Тоҷикистон ҷонибдори сулҳ, бунёди давлати демократӣ дар асоси волоияти ҳуқуқ ва муқаррар намудани муносибатҳои байналмилалӣ бо риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Тоҷикистон дар ин иҷлосияи таърихӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ иттилоъ дод, ки ҷонибдори роҳи ҳуқуқии рушди минбаъдаи ҷомеа, арзишҳои олии ҳуқуқӣ, барқарор намудани муносибатҳои мутақобила бо тамоми кишварҳои ҷаҳон дар асоси принсипҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Ин иқдоми неки роҳбарияти Тоҷикистон, пеш аз ҳама, Сарвари тозаинтихоби он - Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, парлумонҳо ва дигар мақомоти давлатҳои ҷаҳон, созмонҳои байналмилалӣ эътироф гардид.

Агар аз ин мавқеъ ба таърихи рушди муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият назар андозем, метавон гуфт, ки дар тули беш аз сӣ соли истиқлолияти давлатӣ бо амалӣ намудани фаъолияти густурдаи мақомоти олии намояндагӣ Ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон ва ҳамчун Шурои Олӣ ва Маҷлиси намояндагон, намунаҳои гуногуни дипломатияи парлумонӣ шакл гирифтанд. Дар ташаккули ин моделҳо дар баробари тағйирёбии вазъи ҷаҳон, татбиқи вазифаҳои созандагӣ ва ҳадафҳои рушди кишвари мо, инчунин шаклҳои

давлатдории аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ санҷидашуда, таъсири мувофиқ расониданд. Яъне дар баробари истифодаи шаклҳои идоракунии давлатӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуда шудааст, моделҳои рушди муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалии мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатии Тоҷикистон ташаккул ёфтанд.

Барои дарки ҳамаҷонибаи ин падида бояд ба назар гирифт, ки то қабули Конститутсияи соли 1994 мақоми олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ аз Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президиуми он иборат буд: «...пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва тағйир додани мақсаду вазифаҳои асосии дар Тоҷикистон, акнун низоми шуроҳо ба моҳияти давлати миллӣ комилан мувофиқат намекард. Вобаста ба ин, дар баробари таҳияи лоиҳаи нави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати гузаштан аз низоми шуроҳо ба низоми нави ҳокимияти давлатӣ, махсусан рад кардани Шурои Олӣ ва ба ҷойи он таъсиси парламенти мувофиқ ба миён омад[1]. Дар давраҳои гуногун Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Набиев Р. (август – декабри 1991), Кенҷаев С. (1991-1992), Искандаров А. (август – ноябри соли 1992) ва Эмомалӣ Раҳмон (аз ноябри соли 1992 то соли 1994) раҳбарӣ мекарданд.

Моҳи декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки минбаъд барои ташаккули амалияи пешниҳоди вазифаҳои сиёсати хориҷӣ ва дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи беруна заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба вуҷуд овард[14]. Дар асоси ин заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дипломатияи парлумонӣ манбаи асосии татбиқи вазифаҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардида, тамоюли ташаккули он дар пасманзари дипломатияи касбӣ ва ҷамъиятӣ зоҳир гардид. Барои татбиқи мунтазами ин таҷриба соли 1994 бо супориши Раиси Президиуми Шурои Олӣ дар ҳайати Дастгоҳи Шурои Олӣ шуъбаи робитаҳои байнипарламентӣ таъсис дода шуд.

Тибқи Конститутсияи соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойи шакли парлумонии давлат ҳокимияти президентӣ ҷорӣ гардида, Маҷлиси Олӣ ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуд. Мувофиқи фармоиши Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1994 ва дар асоси қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олӣ» 26 феврали соли 1995 интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар асоси татбиқи шаклҳои фаъолият, ташкил, муқаррар намудани салоҳияти Маҷлиси Олӣ, ки дар Конститутсия зикр шудаанд, сатҳ ва мазмуни муносибатҳои парламентии хориҷӣ тағйир ёфта, ҳоло онҳо дар шакли иштироки парламентӣ сурат мегиранд. Маҷлиси Олӣ ба таҳкими робитаҳо бо парламентҳои тамоми давлатҳои ҷаҳон таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода, барои барқарор кардани робитаҳои байнипарламентӣ муносибатҳои судманду муассир барқарор намуд. Ваколатҳои Маҷлиси Олӣ, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 дар соҳаи муносибатҳои беруна муайян шудаанд,ки онҳо ба тариқи зайланд:

«- муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва берунии давлат;

- додани иҷозат барои расондани ёрии иқтисодӣ ба дигар давлатҳо;

- тасдиқ ва бекор кардани шартномаҳои байналмилалӣ.

Бо дарназардошти он, ки шакли асосии фаъолияти Маҷлиси Олӣ характери даъватӣ дошт, бо мақсади ташкили кор ваколатҳоеро, ки Конститутсия, қонунҳои амалкунанда барои Маҷлиси Олӣ муайян кардаанд, амалӣ менамояд, Президиуми Маҷлиси Олӣ таъсис дода шуд ва ба ин муносибат моддаи алоҳида барои он дар соҳаи муносибатҳои беруна ваколатҳои дахлдор муқаррар карда шуд, аз ҷумла:

«- ташкили робитаҳои байнипарламентӣ;

- додани розигӣ ба таъйин ва бозхонди намояндагони дипломатии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ ва намояндагони ҷумҳурият дар созмонҳои байналмилалӣ[8].

Ҳамин тариқ, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин ваколатҳо такя намуда, дар даъвати аввал яке аз иштирокчиёни фаъоли Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳо – аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буда, анъанаро идома дода, дар кори Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳо ва фаъолияти шуро ва котиботи ин созмон аз рӯзҳои аввали ташкил ёфтани он фаъолона ширкат варзид. Инчунин, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон узви созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ – Ассамблеяи Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо ва Иттиҳоди байнипарламентии сулҳ, Ассамблеяи парламентии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди байнипарламентӣ, Иттиҳоди парламентҳои Осиё барои сулҳ, Иттиҳоди парламентии давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории исломӣ, Ассамблеяи парламентҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ мебошад. Дар давраи даъвати мазкур фаъолияти дипломатияи парламентиро Кумитаи Маҷлиси Олӣ оид ба корҳои байнипарламентӣ, равобити миллатҳо ва фарҳанг анҷом дод.

Ба ҳайси узви комилҳуқуқи Иттиҳоди байнипарламентии сулҳ эътироф шудани Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дипломатияи парламентии кишвари мо ҷойи махсусро ишғол мекунад. Бо қарорҳои Президиуми Маҷлиси Олӣ дар ташкилотҳои байналмилалии парламентӣ - Ассамблеяи Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо ва Ассамблеяи байнипарламентии сулҳ гурӯҳҳои миллии парламентӣ ва гурӯҳҳои робитаҳои байнипарламентӣ бо парламентҳои Арманистон Озарбойҷон, Қирғизистон, Узбекистон, Туркманистон, Латвия, Белоруссия, Туркия, Кувайт, Корея ва Эрон таъсис дода шуданд. .

Сафарҳои расмии ҳайати парламенти Тоҷикистон ба баъзе кишварҳо ва боздидҳои ҷавобӣ дар сатҳи баланд сурат гирифт, ки ин, дар навбати худ, ба бастани созишномаҳо ва протоколҳо оид ба ҳамкориҳои байнипарламентӣ ва оғози марҳалаи нави муносибатҳои байнипарламентӣ бо ин кишварҳо мусоидат намуд. Аз ҷумла, сафарҳои расмии ҳайати парламенти Тоҷикистон таҳти роҳбарии Раиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Раҷабов ба Ҷумҳурии Исломии Эрон, ба Ҷумҳурии Туркия, сафари раиси Думаи давлатии Федератсияи Россия Геннадий Селезнев, бастани шартномаю протоколҳо оид ба ҳамкории байнипарламентӣ барои вусъат ва мустаҳкам намудани ҳамкории байнипарламентӣ имкониятҳои нав фароҳам овард. Иштироки Раиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси роҳбари ҳайати намояндагии Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ дар ҷаласаи 41-уми Ассамблеяи Иттиҳоди Аврупои Ғарбӣ дар шаҳри Париж, сафари расмӣ дар шаҳри Париж, даъвати раиси парламенти Финландия ба ҳайси узви Шурои Ассамблеяи байнипарламентии кишварҳои узви ИДМ дар Хелсинки, ба ҳайси президенти гурӯҳи миллии парламентии Тоҷикистон дар ПАА, иштирок ва суханронии раиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфронси 97-уми Ассамблеяи байнипарламентии сулҳ дар шаҳри Сеул дар ин самт ҷиҳати ба роҳ мондани робитаҳои байнипарламентӣ иқдомоти шоистае буд[8].

Чунин сафарҳои расмӣ ва боздидҳои ҷавобии ҳайатҳои парламентӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди масъалаҳои муҳимтарин ба манфиати худ мунтазам ва самаранок истифода мешуд. Махсусан, дар ин солҳо нақши дипломатияи парламентии Маҷлиси Олӣ дар ҳифзи сиёсати сулҳҷӯёнаи Сарвари давлатамон дар расидан ба ваҳдати миллӣ, ки деринтизор буд, хеле бузург буд. Яъне дипломатияи парламентӣ он вақт омили муҳимми дарёфти роҳҳои созиш дар таҳкими сулҳи кишварамон буд. Баҳсу мунокишаҳои аслӣ дар ин мавзуъ, асосан дар порлумон ба миён омада, вакилони мардумӣ ҳам ҳангоми мулоқот бо намояндагони кишварҳои дигар ва ҳам ҳангоми сафарашон дар рӯшан шудани мавзеъгирии ҳукумати Тоҷикистон дар ин масъала саҳм гузоштаанд. Иҷлосияи чоруми Маҷлиси Олӣ даъвати якуми Маҷлиси Олӣ махсусан ба баррасии масъалаи низоъҳои дохилӣ

тавассути гуфтушунид бахшида шуда, дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуд.

Аз соли 2000 инҷониб тағйиру иловаҳое, ки тавассути раъйпурсии умумихалқӣ дар соли 1999 ба Конститутсия ворид карда шуданд, барои ташкили фаъолияти Маҷлиси Олӣ ҳамчун як мақоми доимии ҳирфаӣ заминаи мустаҳкам фароҳам оварда, дар соҳаи равобити хориҷӣ заминаҳои мустаҳкам ва салоҳиятҳои мушаххасро муқаррар намуданд. Дар ин замина, баъдан, чун мақоми олии намояндагии ҳокимияти давлатии Тоҷикистон ба як ниҳоди доимии сиёсӣ табдил ёфт, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ сифати намояндагии доимиро касб карда, тавассути он бевосита бо дигар кишварҳо дар симои вакилони халқ робита барқарор намуд. Яъне, фаъолияти байналмилалии парламенти миллӣ шакли намояндагии мардумро дар соҳаи равобити хориҷӣ комилан касб намуда, барои татбиқи он саъю кӯшиш кардааст. Соҳаи ҳуқуқии муносибатҳои байнипарламентӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар созишномаҳо ва қарорҳои ба имзорасидаи Маҷлиси Олӣ, ки шумораи онҳо сол аз сол меафзояд, инъикос ёфтааст. Омили дастовардҳо дар ин самт он буд, ки, воқеан, яке аз сифатҳои муҳимми равобити байнипарламентӣ хусусияти намояндагӣ, сатҳи баланди шаффофияти самаранокии онҳо буд, ки ба зудӣ ба ҳама ҳодисаҳои рухдода вокуниш нишон медод. Масалан, агар дипломатияи расмӣ дар баъзе мавридҳо бо риояи меъёрҳои зиёди расмӣ алоқаманд бошад, пас дипломатияи парламентӣ метавонад зуд ва саривақт бошад ва низомҳои сиёсӣ аз ин имкониятҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ истифода мебаранд. Ба ин тартиб, фаъолияти байналмилалии парламенти миллӣ ҳамчун идомаи фаъолияти намояндагӣ барои ба ҳам наздик шудани халқҳо фазои муносиб фароҳам овард. Он ҳамчун яке аз самтҳои сиёсати берунии мамлакат ба амал бароварда мешавад.

Асосҳои меъёрии дипломатияи парламентӣ дар моддаҳои 55, 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Регламенти Маҷлиси намояндагон инъикос ёфтаанд, ки дар чаҳорчӯбаи татбиқи онҳо заминаи боэътимоди меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам овардаанд. Дар Маҷлиси намояндагон ҳамоҳангсозии равобити байнипарламентӣ аз сӯи Кумитаи умури байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот ба уҳда гирифта шуда, сохтори мазкур фаъолияти худро дар ҳамин шакл ва дар даъватҳои минбаъда идома додааст.

Дар Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар вазифаҳои дипломатияи парламентии Маҷлиси намояндагон низ ошкору равшан баён шудаанд. Тибқи муқаррароти ин консепсия, яке аз намунаҳои муҳимми дипломатияи парламентӣ истифодаи густурдаи «иқтидори нарм» мебошад. Фаъолони асосии робитаҳои байнипарламентӣ кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва вакилони халқ мебошанд. Дипломатияи парламентӣ қодир аст, ки ба таҳкими эътимоди мутақобилаи байни кишварҳо таъсир расонад ва дар ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли мушкилоти мухталифи байналмилалӣ ва минтақавӣ таъсири мусбат расонад. Потенсиали дипломатияи парламентӣ дар ин самт аз таносуби хусусиятҳои дипломатияи расмӣ ва оммавӣ бармеояд, зеро фаъолони он дар як вақт салоҳияти намояндагии мақомоти давлатӣ ва ҳамчун намояндаҳои пурраро доранд: «... соҳибихтиёрии халқро инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, эълон шуд, ки аз номи мардум танҳо Президент ва Маҷлиси Олӣ сухан гуфта метавонанд. Маҷлиси Олӣ ягона органи коллективист, ки ба ӯ чунин ҳуқуқ дода шудааст. Ба дигар макомоти давлатие, ки ба таври дастаҷмаъона амал мекунанд, чунин ҳуқуқ дода намешавад». Бо чунин иқтидор ҳоло тамоми кӯшишу талошҳои дипломатияи парламентии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз истиқрори сулҳу ваҳдат дар кишвар дар даъватҳои навбатӣ ба рушду таҳкими пояҳои иқтисодию иҷтимоӣ, инкишофи истиқлолияти давлатӣ равона карда шудааст. Таҳлили равобити парламентӣ дар даврони сеюм, чорум ва панҷуми

Маҷлиси намояндагон нишон медиҳад, ки фаъолияти байналмилалии он умдатан ба густариши робитаҳо бо парламентҳои давлатҳои ИДМ ва давлатҳои хориҷи дур, тасвиби созишномаву лоиҳаҳо нигаронида шудааст. Бо назардошти вазъияти махсуси дар он замон ба вуҷуд омада, иҷрои конвенсияҳои байнидавлатӣ, омӯзиши таҷрибаи дигар кишварҳо дар соҳаи қонунгузорӣ, рушди муносибатҳои дӯстона, эҷоди заминаи меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаҳои асосии ташкили чунин муносибатҳою ҳамкории пурсамар, иштирок дар конференсияю семинарҳо ва ғайра иборат буд. Бар асоси ин равобит таваҷҷуҳи доираҳои мухталифи кишварҳои дигар ба рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон, таҳкими роҳандозии равобити дуҷониба, эҷоди равобити эътимодбахш дар ҳалли масоили дохилӣ ва хориҷӣ ҷалб карда шуд.

Қобили зикр аст, ки самтҳои сиёсати хориҷии кишвари мо ҳамасола дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ муайян карда шуда, парлумони кишвар низ мисли дигар сохторҳои давлатӣ пайваста саъю кӯшиши худро ба харҷ медиҳад ва саъю кӯшиши ба мақсад мувофиқ ба амал баровардани он. Паём хусусияти конститутсионӣ дошта, дар Конститутсия тибқи боби чорум муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ба салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст. Дар Паёми худ аз 26 январи соли 2021 Президенти кишвар зимни суханронӣ дар бораи сиёсати хориҷии Тоҷикистон қайд намуд, ки «сиёсати дарҳои боз»-и давлат дар оянда низ бо назардошти манфиатҳои миллӣ идома хоҳад ёфт. Тоҷикистон ба хотири рушди муштарак бо кишварҳои ҳамсоя бо усули ҳамкорӣ робита барқарор мекунад»[13].

Ҳамин тариқ, таҳлили муҳтавои заминаи сиёсию ҳуқуқӣ ва робитаҳои берунии мақомоти олии қонунгузори кишвар нишон медиҳад: а) ташаккули асосҳои сиёсию ҳуқуқии фаъолияти байналмилалии парламент дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ду марҳила сурат мегирад; пеш аз ҳама, бо мақоми ҷумҳурӣ ҳамчун субъекти дохили ИҶШС ва ҳамчун давлати соҳибихтиёри демократӣ алоқаманд аст; дуюм, бо такроран қабул шудани конститутсияҳо, ки дар онҳо нақши мақоми намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат ба таври гуногун муайян карда мешуд; б) дар инкишоф ва ташаккули асосҳои сиёсию ҳуқуқии фаъолияти байналмилалии парламенти Тоҷикистони соҳибистиқлол марҳилаҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст: марҳилаи 1 – Шуравӣ (1924 – ибтидои солҳои 90-уми асри XX) ва марҳилаи II – баъди Шуравӣ (аз соли 1991 то – ҳоло), ки бо назардошти омилҳои сиёсиву таърихӣ, хусусиятҳои хоси худро доранд; в) дар шароити нав бо мақсади татбиқи вазифаҳои сиёсати хориҷӣ пайваста тадбирҳои саривақтӣ ва мушаххас тибқи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (охиринаш соли 2015 қабул шуда буд) андешида мешаванд.

**Муқарриз: Саидов Х.С.. – д.и.с., профессори ДСРТ**

**АДАБИЁТ**


1. Ализода Зариф. Становление и развитие института парламентаризма в Республике Таджикистан. Душанбе, 2014. 210 с.Аслов С. Внешнеполитическая стратегия Республики Таджикистан в контексте сценариев развития событий после 2014 год. //Внешняя политика. – 2014, №1.Эмомали Рахмонов. Послание Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 27 апреля 2000 г.// Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации: В 11 т., т.3. – Душанбе, 2016.
2. Ахбори Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон. 1998. №. 3. С. 43-45.
3. Ведомостьхои Совети Олии РССТ (Ведомостхои Совети Олии РССТ).- 1974. - № 11, - С. 116
4. Ализода З.. Станволение и развитие института парламентаризма в Республике Таджикистан. Душанбе, 2014. С. 123.
5. Жук Д. Ю. Парламентская дипломатия в деятельности международных организаций // Диалог: политика, право, экономика. — 2017. — № 3 (6). — С. 21—30.
6. Имомов А. Хуқуқи парламентии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.
7. Кротов М.И. Межпарламентское сотрудничество и формирование Экономического Союза в СНГ // Вестник МПА.- 1993.- №2.;

8. Конституция Республиуки Таджикистон. Душанбе, 1994. С, 42-43.
9. Косов Ю. В., Торопыгин А. В. Содружество Независимых Государств : Интеграция, парламентская дипломатия и конфликты. — М. : Аспект Пресс, 2012. — 296 с.
10. Парламентская дипломатия и ее роль в современном мире. Аналитический доклад Международного аналитического центра Rethinking Russia // URL: https://www.politanalitika.ru/wp-content/uploads/2018/06/Razvitie-parlamentarizma.pdf.
11. Саидов З. 25 лет внешний политики Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона (1992-2017): исторические аспекты становления и развития. Душанбе, 2020.
12. Токаев К. Ж. Борьба за мир — миссия парламентской дипломатии в Евразии // Вестник Дипломатической академии МИД России. Россия и мир. — 2016. — № 2 (8). — С. 22—25.
13. Эмомали Рахмон. Послание Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 26 января 2021. Душанбе, 2021. С. 16.
14. Якубова С. Н. Конституционно-правовой статус Маджлиси Олии Республики Таджикистан. М., 2008.

## ТАШАККУЛИ АСОСҲОИ СИЁСИЮ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПАРЛУМОНИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ (ҶАНБАИ ТАЪРИХӢ)

Дар мақола баъзе ҷанбаҳои таърихии ташаккули асосҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии фаъолияти байналмилалии парламенти Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.Муаллиф қайд мекунад, ки фаъолияти парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ дар самтҳои гуногун дар арсаи байналмилалӣ ҷиҳати баланд бардоштани обрӯи байналмилалии Тоҷикистон сурат мегирад. Дар ин давра заминаи сиёсиву ҳуқуқии дипломатияи парламентӣ ташаккул ёфта, Маҷлиси Олӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи сазоворро ишғол менамояд. Дар байни парламенти Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалии порламентӣ ҳамкориҳо босуръат рушд мекунад, ки ҳадафи аслии он иштироки вакилони порламентии тоҷик дар созмонҳои байнипарламентӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар бахшҳои мухталиф буд.Аммо рушди сиёсати муосири ҷаҳонӣ дар назди сохторҳои ҳуқуқии созмонҳои парламентӣ талаботи нав мегузорад. Дар баробари ин, императивҳои муносибатҳои байналмилалӣ ҷаҳонишавӣ ва бисёрқутбӣ, ҳамгироӣ, афзоиши худшиносии миллии давлатҳо мебошанд, ки ҳангоми такмили асосҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии фаъолияти парламентӣ дар ҷумҳурӣ ба инобат гирифтани онҳо хеле заруранд.

**Калидвожаҳо**: парламент, марҳилаҳои асосӣ, Маҷлиси миллӣ, ҳуқуқ, сиёсат, Ассамблеяи байнипарламентӣ, сафарҳо, консепсия, таърихи ҳамкориҳо, робитаҳои порламентӣ, кумита, дипломатияи парламентӣ, муносибатҳои байналмилалӣ.

## СТАНОВЛЕНИЕ ПОЛИТИКО-ПРАВОВЫХ ОСНОВ МЕЖДУНАРОДНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПАРЛАМЕНТА СУВЕРЕННОГО ТАДЖИКИСТАНА (ИСТОРИЧЕСКИЙ АСПЕКТ)

В статье рассматриваются некоторые исторические аспекты формирования политико-правовых основ международной деятельности парламента суверенного Таджикистан. Автор отмечает, что деятельность парламента Республики Таджикистан в сфере международных отношений проходит в различных направлениях на международной арене для повышения международного имиджа Таджикистана. В этот период формируется политико-правовая база парламентской дипломатии и Маджлиси Оли занимает достойное место в системе международных отношений Республики Таджикистан. Наблюдается интенсивное развитие сотрудничества таджикского парламента с международными парламентскими организациями, основной целью которого являлось участие таджикских парламентариев в межпарламентских организациях и усиление межгосударственного сотрудничества в различных сферах. Тем не менее, развитие современной мировой политики предъявляет новые требования к правовым базам парламентских организаций. Одновременно императивами для международных отношений являются глобализация и многополярность, интеграция, возрастание национального самосознания государств, которые так необходимо их учитывать при совершенствовании политико-правовых основ парламентской деятельности в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова**: парламент, основные периоды, Маджилиси милли, право, политик, Межпарламентская ассамблея, поездки, концепция, история взаимотношениq, парламентские связи, комитет, парламентская дипломатия, международные отшения.

## FORMATION OF THE POLITICAL AND LEGAL FOUNDATIONS OF THE INTERNATIONAL ACTIVITIES OF THE PARLIAMENT OF SOVEREIGN TAJIKISTAN (HISTORICAL ASPECT)

The article discusses some of the historical aspects of the formation of the political and legal foundations for the international activities of the parliament of sovereign Tajikistan. The author notes that the activity of the Parliament of the Republic of Tajikistan in the field of international relations takes place in various directions in the international arena to enhance the international image of Tajikistan. During this period, the political and legal base of parliamentary diplomacy is being formed and the Majlisi Oli occupies a worthy place in the system of

international relations of the Republic of Tajikistan. There is an intensive development of cooperation between the Tajik parliament and international parliamentary organizations, the main purpose of which was the participation of Tajik parliamentarians in inter-parliamentary organizations and strengthening interstate cooperation in various fields. However, the development of modern world politics imposes new requirements on the legal bases of parliamentary organizations. At the same time, the imperatives for international relations are globalization and multipolarity, integration, the growth of the national self-consciousness of states, which are so necessary to take them into account when improving the political and legal foundations of parliamentary activity in the Republic of Tajikistan.

**Key words:** Parliament, main periods, Majilisi Milli, law, politician, Inter-Parliamentary Assembly, trips, concept, history of relations, parliamentary relations, committee, parliamentary diplomacy, international relations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Самадов Фаридун Ҷамахонович***- Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи С. Айнӣ, 67. Телефон: **902809664;** E-mail: **rajab.94@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Самадов Фаридун Джамахонович*** - Бахтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры истории таджикского народа, факультета истории и права. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица С.Айни, 67. Телефон: **902809664;** E-mail: **rajab.94@bk.ru**

**Information about the author:** ***Samadov Faridun Jamakhonovich*** - Bakhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant for the Department of the History of the Tajik people, Faculty of History and Law. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, S. Aini street, 67. Phone: **902809664**; E-mail**: rajab.94@bk.ru**

УДК: 930.1 (575.3)

# АЗ ДАБИРӢ ТО ВАЗИРӢ

*Наҷотова Н.Б.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вожаи дабир ба маънии навишта ва хат аст, ки дар асл аз оромӣ ба порсии бостон ва сипас ба забони порсии миёна (паҳлавӣ) ва аз порсии миёна ба форсии нав интиқол ёфтааст. Дар истилоҳи портӣ бошад, дабир аз ниҳодҳои идории Портиён гирифта шудааст. Аз ин мисол ва ишорат маълум мегардад, ки дабирӣ то густариши Ислом аз пешаҳои муътабар ва дабир шахси арҷманд буд. Дабир воқеъанигор ва сабткунандаи ҷамъи ҳодисаҳо, иттифоқот ва корномаи шоҳону бузургон аст ва дабирон касоне буданд, ки истеъдоди вижа дар иншои гузоришҳо ва мукотиботи расмии давлатӣ доштанд ва ҳама аснод ва мукотиботи давлатиро сабту забт мекарданд ва худ аз табақаи сиёсатмадорон ба шумор меомаданд. Дар аҳди Сосониён низ дабирӣ аз ҷойгоҳи мумтозе бархӯрдор буда, дар воқеаҳои сиёсии он рӯзгор нақши умдаеро ифо мекард. Аз ин маълум мегардад, ки дабирӣ дар ҳамаи замонҳо пешаи гиромӣ маҳсуб мешуд. Соҳибназарон атрофи асли ин вожа ва ин пеша мулоҳизаҳои мухталиф доранд, аммо мавзуи мавриди назари мо баҳси дигарест. Бо мурочиат ба мадорики саҳеҳ ва навиштаҳои муаррихони маъруф фаъолияти яке аз дабирони донишманди тоҷик, масъулиятшинос, ватандӯст ва сиёсатшиноси соҳибназар, Низомулмулкро таҳлил мекунем.

АбуАлӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқ ибни Аббоси Тусӣ (таваллуд: рӯзи ҷумъа, 21 зулқаъда, соли 408ҳ.қ./1018м. дар қарияи Навқон (Навкон, Навғон)-и вилояти Родкони Тӯси Хуросон (бахше аз Машҳади феълӣ), вафот: 10 моҳи рамазон, соли 485ҳ.қ./1092м., дар Аҳмадободи Исфаҳон), муканно ба Абуалӣ, мулаққаб ба Сайидулвузаро ва Қивомуддин ва машҳур ба Хоҷа Низомулмулк, нависандаи асри панҷуми ҳиҷрӣ (ёздаҳуми милодӣ) ва вазири номдори давраи салҷуқӣ аст, ки дар дарбори Салҷуқиён корро нахуст ба сифати дабир оғоз карда, баъдан ба туфайли маҳорату кордонӣ ва заковати баландаш ба дараҷаи вазирӣ расид.

*Дабирӣ расонад ҷавонро ба тахт,*
*Кунад носазоро сазовори бахт.*
*Дабирист аз пешаҳо арҷманд,*
*К-аз ӯ марди афганда гардад баланд [1,с.518].*

Низомулмулк дар кӯдакӣ бинобар дархости падар ба ёдгирии Қуръон, омӯхтани фиқҳ ва мазҳаби шофеӣ сабқат намуд ва аз вуҷуди устодоне, чун Муҳаммад ибни Алӣ ибни Меҳрязд, Абумансур Алӣ ибни Шуҷоъ, Абулқосим Қушайрӣ ва Абуҳомид Азҳарӣ баҳра бурд ва дар фиқҳ пайрави мазҳаби шофеӣ ва дар ақида пайрави мазҳаби ашъарӣ буд. Низомулмулк таҳсилоти илмӣ ва дониши худро дар бузургтарин шаҳрҳои Хуросон-Тӯс, Нишопур ва Марв андӯхта, дар ҳамин ҷо зиёрати орифи бузург Абусаъид Абулхайр, дар Маймаи-Нишопур насибаш гашт. Аз он ҷо, ки падараш аз ёрони Маҳмуди Сабуктегин (Ғазнавӣ) буд, ба иллати вазъи номуносиби молӣ дар 21 солагӣ ба хидмати ҳокими Балх ва вазири Алпарслон, Абуалӣ ибни Шозон (дар баъзе маврид ӯро Ибни Шодон низ гӯянд Н.Н.) даромад, то ба унвони котиб назди вай хидмат кунад [2,с.150-2]. Яъне, баъд аз ин ки аз таҳсили фиқҳ ва ҳадис ва соир илмҳои шаръӣ ва фанҳои адабӣ фориғ шуд, олими фозил ва дабири тавоно гашт ва ба амали девонӣ машғул шуд. Роҷеъ ба ин даврони фаъолиятҳои Низомулмулк, яъне даврони дабирӣ, андешаи мутафаккирон мухталиф аст. Баъзе аз аиммаи таърих бар ин боваранд, ки Ибни Шозон ҳангоми вафоташ ба Низомулмулк васият кард, ки ба хидмати Алпарслон дароянд ва ӯ низ чунин кард. Аммо ба ишорати муаллифи китоби «Дастур-ул-вузаро», «Баъд аз он чанд гоҳе бо

Ибни Шодон, амиди Балх рӯзгор мегузаронид ва амид ҳар вақт гумон мекард, ки Хоҷаро аз матои дунё чизе ҷамъ гаштааст, мегуфт: Ҳасан фарбеҳ шудаӣ ва ҳар чӣ Хоҷа дошт, аз вай меситад ва чун ин ҳаракати нописанд, ки шеваи лаимон аст чанд навбат аз Ибни Шодон ба вуқуъ анҷомид, Низомулмулк аз хидмат мутанаффир шуда, ба Марв гурехт ва ба васоит иззи бисотбӯсии Чағрибеки салҷуқӣ ҳосил карда, шаммае аз ҳолоти хеш маъруз дошт. Чағрибекро ҳусни тақрири ӯ дилпазир афтод ва аморати иқбол дар носияи ӯ мушоҳида намуда, Хоҷаро ба мулозамати Алпарслон фиристод ва пайғом дод, ки бояд ин шахс котиб ва мушир ва соҳиби тадбири умури ту бошад» [3,с.150-151].

Тавре ки дар боло ишора намудем, фаъолияти бомуваффақияти Низомулмулк дар ҳамин вазифа - дабирӣ боиси ба мансаби вазирӣ расиданаш гардид ва аз рӯйи гуфтаи Хондамир, метавон дарёфт, ки Низомулмулк баъд аз набарди Дандонақон (23 майи соли 1040) ва анҷоми ҳукумати Ғазнавиён дар Хуросон ба хидмати Салҷуқиён ворид шуд, аммо пас аз озору азиятҳое, ки аз Ибни Шозон - ҳокими Балх дид, ба Марв рафт ва ба дастгоҳи Чағрибеки салҷуқӣ пайваст. Салҷуқиён барои идораи мутасарруфоти васеи худ аз донишу таҷриба баҳрае надоштанд ва маҷбур шуданд фарҳехтагону коргузорони ботаҷрибаи тоҷикро ба хидмат гиранд, ки дар раъси онҳо Низомулмулк қарор дошт ва бо қабули вазорати ду шоҳи муқтадири салҷуқӣ дар амал ва назар ва дар тамаркузи ваҳдати сиёсӣ ва миллии тоҷикон кӯшид. Бо саъйи ҳамин вазири соҳибтадбиру соҳибтамкин умури мулк ва миллат ба низом омад ва бад-ин хотир соҳиби унвони Низомулмулк гардид, ки бо он ҳанӯз ҳам машҳур аст. Низомулмулк ҳамчун вазири кордону сиёсатмадори тезбин соҳиби ҳурмату эътибори шоҳи салҷуқӣ Алпарслон (1063-1072) мешавад ва аз «...соли 451 ҳ. ба вазорати Алпарслон гумошта шуда, то соли 485 ҳ., бо қудрат дар ин маснад боқӣ монд» [4,с.724-579].

Агар замони вазорати ӯро бар Хуросон дар замони ҳокимияти Алпарслон бар он минтақа низ дар назар бигирем, Хоҷа Низомулмулк дорои 27 соли хидмати идорӣ (девонӣ) буд. Агар даврони вазорати мутлақи ӯро дар дарбори Алпарслон ва Маликшоҳ ба таври ҷудогона бишморем, ӯ наздик ба 30 сол (29 солу 7 моҳ) ҳукумат кард ва агар оғози даврони девонсолории Хоҷаро дар дастгоҳи Салҷуқиён, ки аз синни 25 оғоз мешавад, ҳисоб кунем, метавонем бигӯем, ки Хоҷа Низомулмулк муддати 57 сол девонсолорӣ ва умури идории давлати Салҷуқиёнро ба хубӣ идора кард.

Вақте Алпарслон ба салтанат расид, Низомулмулк дар вазорати ӯ муддати 10 сол боқӣ монд ва дасти боз дар назорат бар гардиши давлатро дошт ва вақти зиёдеро сарфи умури низомӣ мекард. Инчунин Алпарслонро дар сафарҳои ҷангӣ ҳамроҳӣ намуда, худ низ дар раъси сипоҳиён, дар ҷангҳо фармондеҳӣ мекард. Дар овони ҳукумати Султон Алпарслон императори Рум-Роман Диогени IV қасди тасхири марзҳои Эрон кард ва Алпарслон низ барои ин мулоқот омода гардид, аммо дар марзи Малозгирд иттифоқи сулҳ дар миён афтод ва Алпарслон баъд аз шунидани сухани сулҳ бо ҷамъе аз афроди хеш ба шикор шуд ва дар ин асно ба дасти сипоҳиёни румӣ асир афтод. Аз он миён яке раҳо ёфт ва ин хабарро ба Низомулмулк расонид. Низомулмулк вонамуд кард, ки Алпарслон аз шикор баргашта ва ҳеҷ иттифоқе дар миён нест, аммо худ дарҳол барои раҳоии Султон озими боргоҳи императори Рум гардид ва мусолеҳаи тамом анҷом дод. «Он гоҳ Қайсар, Хоҷаро мухотаб сохта, гуфт, ки дирӯз тоифае чанд аз мардуми шумо ба дасти мо гирифтор шудаанд. Хоҷа ҷавоб дод, ки маҷҳуле чанд буда бошанд, зеро ки дар урдуи мо ин хабар набуд. Он гоҳ ба фармони Қайсар гирифторонро ба боргоҳ оварданд, то ба Хоҷа супоранд. Хоҷа дар ҳузури Қайсар эшонро накӯҳиш дод ва суханони дурушт гуфт. Баъд аз он мақзии ватар рухсат ёфта, ба ҷониби урдуи Султон равон шуданд ва чун масофате тай карданд, Хоҷа аз асп фуруд омада, рикоби Султон бибӯсид ва аз суханоне, ки бинобар маслиҳати вақт дар маҷлиси Қайсар гуфта буд, маросими эътизор ба тақдим расонид [5, с.155]. Муставфӣ ин нақлро ба Султон Маликшоҳ нисбат медиҳад, аммо

муаллифи «Равзат-ус-сафо» навиштааст, ки баъд аз фатҳи мазкур Султон Алпарслон бештар аз пештар ба иэдиёди мартабаи он вазири софизамири сутудасайр кӯшида мансаби атобакии Султон Маликшоҳро бад-он ҷониб тафвиз гардонид ва муқаррар шуд, ки Хоҷаро Элак ва Ато-Хоҷа гӯянд [6, с.156]. Хидмати хуҷастаи ин вазири соҳибтадбир ва ин дипломати моҳир буд, ки Алпарслон ҳангоми марг ба фарзандаш Маликшоҳ васият кард, ки суханони вазирро чун насиҳат, мушфиқона аз падаре дилсӯз пазирад ва бад-он омил бошад. Маликшоҳ, ки дар синни бисёр ҷавон (Маликшоҳ дар синни 17 ба салтанат расид ва Низомулмулк дар ин асно 47 сол дошт) ба тахт расид, ҳамвора ба Низомулмулк мегуфт: Ман умурро аз кӯчак ва бузург ба ту вогузор кардам. Ту ба манзалаи падар ҳастӣ. Ҷалолуддин Маликшоҳ муддати 20 сол (1072-1092) ҳукумат кард. Дар ин давра буд, ки Хоҷа Низомулмулк-вазири муқтадир ва соҳибихтиёри ду султони неруманд, Алпарслон ва сипас Маликшоҳ ба Тоҷулҳазратайн низ мулаққаб шуд ва дар фаромини салтани ӯ ба ин унвон хитоб мешуд: «Хоҷа Қивомуддин Абуалӣ Низомулмулки Тӯсӣ (Тоҷулҳазратайн)». Ҳамчунин, Хоҷа Низомулмулк дар китобҳои таърихӣ бо ин алқоб ёд мешавад:

-Вазири Кабир-аз он ҷо ки дар дастгоҳи Салҷуқиён ба бузургии ӯ вазире ёфт нашуда буд, яъне вазири бузург;

-Хоҷаи Бузург - ба маънои садри аъзам ва сарвазир меояд;

-Тоҷулҳазратайн - барои вазирии ду подшоҳ;

-Қивомуддин - ин лақаби мазҳабӣ буд, ки фақеҳони замон бад-ӯ дода буданд;

-Низомулмулк - лақабе, ки омма бештар ӯро бо ин лақаб мехонданд, пас аз ӯ дар давраҳои баъди таърих бисёре аз вазирони муътамади шоҳон дар Эрон ва Ҳинд бо ин лақаб хонда мешуданд; Ибни Асир дар бораи Низомулмулк мегӯяд: «Давлати Салҷуқӣ, Ад-давла-ан-низомия аст» [7,с.5751].

-Атобак- луғатан, падари бузург, яъне мураббии шоҳзода (лақабе, ки Маликшоҳ пас аз шоҳӣ бад-ӯ дода буд);

-Ризо амиралмуъминин - лақабе, ки халифа Ал-Муқтадӣ биамриллоҳ дар соли 475ҳ.қ./1083м. бад-ӯ дода буд ва ӯро Садрулислом низ мегуфтанд. Ҳамчунин аст, ки вазир шарики малик бошад ва ҳаллу ақди ӯ дар мулк равонтар аз ҳаллу ақди подшоҳ бошад, ки масолеҳи мулк бад-ӯ муфавваз бувад ва он чи ӯро фароз ояд подшоҳ бар сари он нашавад [8,с.128].

Низомулмулк дар тули солиёни садорат се ёдгории арзишманд ба ҷой гузошт. Аввал, дастур дод, ки солшумории шамсӣ фароҳам шавад, то солшумории қамарӣ канор гузошта шавад. Дуюм он ки дастур дод, китоби “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ бознависӣ шавад, то забони тоҷикӣ наҷот ёбад. Сеюм, барафроштани донишгоҳҳои Низомия буд, ки бо назми хос ва ба сурати комилан ҳамоҳанг дар он рӯзгор шакл гирифт ва реша ва пояи донишгоҳҳои имрӯзӣ буда, аз муҳимтарину муассиртарин ёдгории Хоҷа Низомулмулк аст, ки дар таърих бо номи ӯ ва ба мадориси Низомия машҳуранд. Ин хадамоти фарҳангии азиме, ки Низомулмулк дар аҳди вазорати худ анҷом дод, бидуни шак метавон гуфт, ки дар таърих собиқа надошт ва илова бар соир масоили зиёди давлатдорӣ даст ба эҷоди мадрасаҳо зад ва қарор дод силсилаи мадрасаҳоеро таъсис диҳад, ки дар онҳо илоҳиёти ашъарӣ ва ақоиди фиқҳи шофеӣ дар барномаи роҳбарони насли ба воя расидаистода дохил карда хоҳанд шуд. Чунин мактабҳоро ба номи асосгузорашон Низомия ном ниҳоданд [9,с.36]. Низомулмулк аз соли 465ҳ.қ./1072м. то соли 485ҳ.қ./1092м. мадрасаҳои Низомияро дар шаҳрҳои Бағдод, Мавсил, Нишопур, Балх, Ҳирот, Марв, Омул, Гургон, Басра, Шероз ва Исфаҳон бино кард, ки бошукӯҳтарини онҳо мадрасаи Низомияи Бағдод буд.

Кас чӣ гуна Низомияро баррасӣ накунад, месазад таъкид кард, ки барои бадтар ё хубтар бошад, маҳз Низомулмулк буд, ки чунин усули навро барои таълим офарида буд ва ӯ ин корро дар ҷавоби паҳншавии андешаҳои ғайр, дар Осиёи Марказӣ, хусусан дар зодгоҳаш Хуросон карда буд. Низомулмулк Низомияи Нишопурро барои имоми Ҳарамайн, Абулмаъолӣ Абдулмалик Абдуллоҳи Ҷувайнӣ сохт, ки ӯ муддати 20 сол дар он ба тадрис машғул буд ва шогирдоне ҳамчун Имом Муҳаммади

Ғазолиро тарбият кард, ки яке аз намунаи мадрасаҳои ӯро дар Нишопур, пойтахти Хуросон таъсис дода, дигареро дар Бағдод сарварӣ карда буд. Бузургтарин низомияе, ки Низомулмулк таъсис дод, Низомияи Бағдод буд, ки дар он беш аз 6000 донишҷӯ таҳсил мекард ва устодоне ҳамчун Муҳаммади Ғазолӣ, Саъдӣ Шерозӣ ва Абуисҳоқи Шерозӣ дар он ба умури тадрис машғул буданд. Низомулмулк барои сохтани мадрасаҳои Низомия аз сарвати шахсии худ танҳо 200 ҳазор динор харҷ кард ва барои аввалин бор ҳар устод дар ин донишгоҳ (Низомияи Бағдод Н.Н.) ҳангоми тадрис бояд аз ридо, ки онро тайласон (тайлисон) [10,с.308] мегуфтанд, истифода мекард ва ин кор ҷузви ташрифоти тадрис буд. Дар ҳоли ҳозир, ки аз ридои кушод дар ҷашнҳои фориғуттаҳсил истифода мешавад ва дар тамоми донишгоҳҳои дунё чунин суннате побарҷост, дарвоқеъ тақлиде аст аз либоси тайласони шарқӣ, ки дар мадориси Низомия расм буд. Низомулмулк илова бар сохтани донишгоҳҳо хадамоти фаровони дигаре ҳамчун обанбор, гармоба, бозор ва бемористонҳоро ба ҷаҳониён арза кард ва қарни XI-ро ба шукуфотарин қарни фарҳанги ислом мубаддал сохт.

Дар вопасин солҳои ҳукмронии худ Маликшоҳ аз вазираш Низомулмулк дархост кард, ки дар бораи беҳтарин шеваи кишвардорӣ ва тадбири умури диниву дунявӣ китобе таълиф намоянд ва арзёбии стратегии тамоми ҳукумати салҷуқиро тайёр карда, доираи нуқсҳои онро муайян ва чораҳои бартараф кардани ин камбудиҳоро тавсия диҳанд. Низомулмулк, «Сиёсатнома»-ро бо хоҳиши Маликшоҳ тақрибан ҳамон тавре эҷод кард, ки бо шоҳ мувофиқа шуда буд. Китоб беш аз панҷоҳ фасл дошта, ҳар кадоми он мавзуеро дар кори давлатдорӣ дар бар мегирад. Муаллиф дар аввали ҳар фасл дар мавзуи муайяншуда дастуре пешниҳод намуда, сипас оид ба он масъала аз ҳаёти давлатмардони номёён ҳикоятҳо меоварад. Ҳамид Иноят дар китоби «Андешаи сиёсӣ дар Исломи муосир» мегӯяд: “Сиёсатнома” дарвоқеъ, дар зумраи андарзнома аст. Низомулмулк дар ин китоб бо забони сода ва насри равон ва дур аз санъатпардозӣ ва печидагиҳои лафзӣ ва маъноӣ маҷмуае аз одоби мамлакатдорӣ ва вазифаҳои подшоҳро шарҳ додааст, ки агар подшоҳ ва вазир ва раис ва мудир онро ба кор банданд, ба саодат хоҳанд расид. Чунин тарзи эҷоди китоб ба муаллиф имкон додааст, ки аз як ҷониб, дар бораи роҳу равиши сиёсати давлат ва ташкили кори идораи давлатдорӣ маслиҳат (дастур) бидиҳад ва аз дигар тараф, дар бораи кору зиндагии бисёр шахсиятҳои таърихӣ, аз ҷумла, аз даврони Сосониён, Сомониён ва Ғазнавиён маълумоти ҷолибе пешкаш кунад. Аҳамияти ин асар ба андозае ҳаст, ки усули асосии эъломшуда дар ин китоб ҳанӯз ҳам раҳнамоии миллатҳо ва ҳукуматҳо ва иртибот бо дигар кишварҳост ва имрӯз шарҳи муфассалтарини санъати амалии идоракунӣ аз давраи асрҳои миёнаи исломӣ мебошад. “Сиёсатнома” муҳимтарин осори забони форсӣ ва муътамадтарин маъхаз бо равиши илмӣ аст.

Бояд гуфт, ки асарҳое, ки дар боби масоили умури давлатдорӣ ироа шудаанд, хеле зиёданд. Муҳаққиқоне чун Ҳобез аз Англия, Макиавелли аз Итолиё, Монтеск ё намояндаи Фаронса ва Фен Ҷенгсон Тузу аз Чин дар ин боб навиштаанд, аммо дар ин миён рисолаи форсии «Сияр-ул-мулук» (Сиёсатнома)-ро, ки ба қалами адиби донишманд ва вазири тоҷик, Низомулмулк ироа шудааст, мебояд дар сархатти аввал ном бурд, ки қобилияти тадрис ва тафсир дар сатҳи байналмилалиро дорост.

«Чор аср пеш аз он ки Никколо Макиавелли дар Флоренсия китобаш «Шоҳзода»-ро навишта буд, китоби «Сиёсатнома» Макиавеллизми сахт ва бонизомро дар афкори сиёсии Осиёи Марказӣ, Эрон ва олами араб дар дохили зиреҳ қарор дод» [11,с.308].

Низомулмулк нахустин намояндаи бузурги сиёсатноманавис дар давраи исломӣ буд. Ӯ файласуфи сиёсӣ набуда, мисли Афлотун, Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино танҳо усули назари сиёсатро баён накарда, балки андешаҳои ӯ дар «Сиёсатнома» баргирифта аз таҷрибаҳои амалии худи ӯ дар сиёсат будааст. Дар таърихи андешаҳои сиёсӣ, расм бар ин аст, ки пажӯҳишгарон ибтидо андешаҳои юнониён, Афлотун ва

Арастуро баррасӣ мекунанд ва ба унвони решаи мактабҳои сиёсӣ ба он менигаранд, аммо Низомулмулк пайрави ҳеҷ мактаби сиёсӣ, ки аз Юнон ва ё Рум ба армуғон оварда бошад, набуд. Агар гуфтаҳои ӯро дар муддати сӣ соли вазораташ баррасӣ кунем, чизе ҷуз густариши адолати иҷтимоӣ, мубориза бо ситам ва ташвиқ ба нашри илм намебинем. Ин муҳаққиқи бузургу мудири муваффақ ва вазире, ки давом ва қивоми ҳукумати салҷуқӣ мадюни илм ва тадбири ӯ буд, бо табъи баланд, диди васеъ ва ҷаҳонии худ дар идораи императории азими салҷуқӣ нақши калидиро ифо кард. Ва ба қавли таърихнависон, вазорати Низомулмулк даврони тиллоии таърихи тоҷикон пас аз Ислом аст ва ӯро бояд намунаи яке аз вазирони некмазҳари таърихи тоҷик донист, ҳамон тавре ки Амир Муизӣ мегӯяд:

*Ту он хуҷаста вазирӣ, ки аз кифояти ту,*
*Кашид давлати Салҷуқ сар ба иллийин.*
*Ту он сутуда мушӣрӣ, ки дар сутуҳу зафар,*
*Шудааст килки ту бо теги шаҳриёр қарин [12,с.308].*

Аммо бо мурур, дар давраҳои охири ҳукумати Маликшоҳ, Низомулмулк ба мушкилоти бисёре аз бадсиголон, бахусус, аз замоне ки пойи малика Турконхотун ба унвони ҳамсари Маликшоҳ ба дарбор боз шуд, мувоҷеҳ гардид. Турконхотун зани бадахлоқе буд, ки дар нобуд сохтани беҳтарин арбобони давлатӣ ва пешсафони давр таҷрибаи зиёд дошт. Саранҷом сози мухолифати ин зан яке аз хушномтарин вазири тоҷикро ба коми марг фиристод. «Ва аҷаб дар он аст, ки ин пири зол барои худ маҷолиси ишрату нишот ва дар он маҷлис барои фасод саргарм буд ва бар дасти ҳамин зан бедодгариҳои аҷиб мерафт» [13,с.308].

*Аҷаб мадор, ки аз куштани Низомулмулк,*
*Сапед рӯйи, мурувват сиёҳфом шавад.*
*Аҷаб дар он ки раво доштанд куштани ӯ,*
*Бад-он умед, Маликшоҳ, балки ром шавад,*
*Бузург саҳве к-ин қоида надонистанд,*
*Ки тег занг барорад, чу бениём шавад.*
*Ҳазор сол бибояд, ки то хирадманде,*
*Миёни аҳли кифоят «Низом» ном шавад.*

**Муқарриз: Ғуломов Т.М.- н.и.ф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Вироиши Фариддуни Ҷунайдӣ.-Теҳрон, 1387. -474 с.
2. Акрами Баҳромӣ. Таърихи Эрон. Аз зуҳури ислом то суқути Бағдод. № 42. -Теҳрон: Донишсаройи олӣ, 1350. -785 с.
3. Иззуддин Алӣ ибни Асир. Ал-Комил фи-т-таърих (Таърихи комили бузурги ислом ва Эрон) Баргардони Ҳамид Ризо. -Ҷ.13. -Теҳрон: Асотир, 1370. -5930 с.
4. Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймони Ровандӣ. Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур. Таърихи оли Салҷуқ. Тарҷумаи Муҳаммад Иқбол. -Теҳрон: Амири Кабир, 1364. -585 с.
5. Низомулмулк. Абулҳасан Алӣ ибни Исҳоқ ибни Аббоси Тӯсӣ. Сияр-ул-мулук (Сиёсатнома). Бо эҳтимоми Ҳиюберт Дорак. -Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1347. -372с., wikifeqh.ir Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ.
6. Озод Армакии Тақӣ. Андешаи иҷтимоии мутафаккирони мусалмон. -с.36.
7. Садр-ад-дин Али ал-Хусайни. Ахбар ад-даулат ас-селджукиййа (зубдат ат-таварих) фи ахбор ал-умара ва-л мулук ас-селджукиййа). Издание текста, перевод, введение, примечания и приложения З.М. Буниятова. -М., 1980. -272 с.
8. Хондамир. Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддини ал-Ҳусайни Хондамир. Дастур-ул-вузаро. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Саъид Нафисӣ. -Теҳрон: Иқбол, 2535. -514 с.
9. Фахри Мудаббир. Шариф Мухаммад Мансур Муборакшах. Адаб ал-харб ваш-шуджаат (Правила ведения войны и мужество) -Душанбе, 1997. -300 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р.Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. -Москва: Советская энциклопедия, 1969. -с.308.
11. Фредерик С. Старр. Маърифати гумшуда (Асри тилоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг). Тарҷумаи Абдусалом Мамадназаров. -Душанбе: Эр-граф, 2016. -691 с.
12. Wikifeqh.ir-Хоҷа-Низомулмулки-Тусӣ.
13. razavi.news-Хоҷа Низомулмулки Тусӣ яке аз устувонаҳои бузурги ҳуввияти Эрон.

## АЗ ДАБИРӢ ТО ВАЗИРӢ

Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ нерумандтарин дабир ва бонуфузтарин вазири дудмони салҷуқӣ буд, ки дар таърихи сулолаҳои ҳукмрони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Хурд пеш аз ӯ ва пас аз ӯ касе бар чунин манзалати баланд даст наёфта буд. Ӯ муддати 30 сол сиёсати дохилӣ ва хориҷиро рақам зад ва бо такя бар таҷрибаи Сомониён, дар тамаркузи ваҳдати сиёсӣ ва миллии тоҷикон кӯшид. Бо саъйи ин сиёсатшиноси соҳибназар идораи давлатии Салҷуқиён ба низом дароварда шуд. Ӯ аз касоне буд, ки аҳли илму ҳунарро ташвиқ мекард ва сарпарастӣ менамуд. Аз бузургтарин хидматҳои ӯ таъсиси силсиламадрасаҳои Низомия аст, ки насли наве аз донишмандон, шоирон ва пажӯҳишгаронро ба воя расонд. Аз шогирдони ин мадраса метавон Саъдии Шерозӣ, Абдулқодири Ҷелонӣ (муслеҳи маъруф ва пешгоми асриислоҳоти динӣ), шоир Алӣ ибни Абитолиби Балхӣ, Имомуддини Исфаҳонӣ ва Баҳоуддини Шаддодро ном бурд, ки аз дастпарварони ин мадраса буданд. Низомулмулк тайи солҳои 1072-1092 мадрасаҳои Низомияро дар шаҳрҳои Бағдод, Мавсил, Нишопур, Балх, Ҳирот, Марв, Омул, Гургон, Басра, Шероз ва Исфаҳон бино кард, ки бошукӯҳтарини онҳо мадрасаи Низомияи Бағдод буд. Барои ин мадорис низ аз тамоми гӯшаву канори қаламрави Салҷуқиён донишмандонро ҷалб намуд, ки дар садри онон Абуҳомиди Ғазолӣ ва Абуисҳоқи Шерозӣ қарор доштанд. Ҳамзамон, китоби навиштаи ӯ «Сиёсатнома» ҷавҳари афкори идорӣ, таҷрибаҳои зиндагӣ ва хотироти сиёсии Низомулмулканд, ки то кунун дар оини кишвардорӣ ва фармонравоӣ ва ахлоқу сиёсати подшоҳон ба масобаи як машъали роҳнамост. Месазад ӯро намунаи яке аз вазирони некмаҳзари тоҷик донист, ки дар бедорӣ ва пойдории суннани тоҷикон нақши калидӣ бозидааст.

**Калидвожаҳо:** дабир, вазир, Низомулмулк, Салҷуқиён, Алпарслон, Маликшоҳ, Низомия, “Сиёсатнома”, Турконхотун, донишгоҳ, Нишопур, Бағдод.

## ОТ СЕКРЕТАРЯ ДО МИНИСТРА

Хаджа Низам ал-Мулк Туси был самым могущественным секретарем, самым влиятельным министром династии Сельджукидов, и в истории правящих династий Средней и Малой Азии до и после него никто не занимал такого высокого положения. В течение 30 лет он вёл внутреннюю и внешнюю политику и, опираясь на опыт Саманидов, старался ориентироваться на политическое и национальное единство таджиков. Благодаря усилиям этого влиятельного политолога было систематизировано государственное управление Сельджукидов. Он был одним из тех, кто поощрял и покровительствовал ученым, исследователям, писателям и поэтам. Одной из величайших его заслуг была создание сети низамитских медресе, воспитавшей новое поколение ученых, поэтов и исследователей. Среди учеников этого медресе можно перечислить Саади Шерози, Абдулкадира Джелани (известный реформатор и первопроходец века религиозных реформ), поэта Али ибн Абиталиб Балхи, Имамуддин Исфахани и Бахауддина Шаддада, которые были выпускниками этого медресе. В 1072-1092 годах Низамулмулк построил медресе Низами в Багдад, Мосул, Нишапур, Балх, Герат, Мерв, Амул, Гурган, Басре, Шираз и Исфахан, самым известным из которых было медресе Низами в Багдаде. С этой целью в медресе также привлекались ученые со всей обширной территории сельджуков во главе с Абу Хамидом аль-Газзали и Абу Исхаком аль-Ширази. В то же время его книга «Сиясат-наме» представляет собой квинтэссенцию административной мысли, жизненного опыта и политических воспоминаний Низамулмулка, который до сих пор является маяком в делах государственности и управления, нравственности и политики царей. Можно считать его примером одного из благожелательных таджикских министров, сыгравших ключевую роль в пробуждении и упрочении таджикской традиции.

**Ключевые слова:** секретарь, министр, Низам ал-Мулк, Сельджукиды, Алп-Арслан, Малик-шах, Низамия, Сиесатнаме, Туркан-хатун, университет, Нишапур, Багдад.

## FROM SECRETARY TO MINISTER

Khoja Nizamulmulki Tusi was the most powerful secretary and the most influential minister of the Seljuk dynasty, who in the history of the ruling dynasties of Central and Asia Minor, before and after him, no one occupied such a high position. For 30 years he led domestic and foreign policy and, relying on the experience of the Samanids, tried to focus on the political and national unity of the Tajiks. Thanks to the efforts of this influential political scientist, the state administration of the Seljukites was systematized. He was one of those who encouraged and patronized scientists, researchers, writers and poets. One of his greatest merits was the creation of a network of Nizami madrasas, which brought up a new generation of scientists, poets and researchers. Among the students of this madrasah, one can list Saadi Sherozi, Abdulkadir Jelani (a famous reformer and pioneer of the century of religious reforms), the poet Ali ibn Abitalib Balkhi, Imamuddin Isfahani and Bahauddin Shaddad, who were graduates of this madrasah. In 1072-1092, Nizamulmulk built the Nizami madrasah in Baghdad, Mosul, Nishapur, Balkh, Herat, Marv, Amul, Gurgan, Basra, Shiraz and Isfahan, the most famous of which was the Nizami madrasah in Baghdad. For this purpose, scholars from all over the vast territory of the Seljuks, led by Abu Hamid al-Ghazzali

and Abu Ishaq al-Shirazi, were also attracted to the madrasah. At the same time, his book "Siyasat-name" is the quintessence of administrative thought, life experience and political memoirs of Nizamulmulk, who is still a beacon in matters of statehood and government, morality and politics of kings. One can consider him an example of one of the benevolent Tajik ministers who played a key role in awakening and strengthening the Tajik tradition.
**Key words:** secretary, minister, Nizam al-Mulk, Seljukids, Alp-Arslan, Malik-shah, Nizamiyya, Siesatname, Turkan-khatun, university, Nishapur, Baghdad.
**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Наҷотова Нигина Баротовна*** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. E-mail:**barotzodanigina@bk.ru** Телефон: **918-33-71-78.**

**Сведения об авторе:** ***Нажотова Нигина Баротовнам*** - Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории древнего мира, средних веков и археологии. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект. Рудаки, 17. E-mail:**barotzodanigina@bk.ru**
Телефон: **918-33-71-78.**

**Information about the author:** ***Najotova Nigina Barotovna*** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Docent of the History Department of the Ancient World, Middle Ages, and Archeology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. E-mail:**barotzodanigina@bk.ru**
Phone: **918-33-71-78.**

УДК:930.1(575.3)

# ВИЖАГИИ МУБОРИЗАИ ИСТИҚЛОЛХОҲОНАИ АҶДОДИ ТОҶИКОН БА МУҚОБИЛИ ИСТИЛОГАРОНИ ЮНОНУ МАҚДУНӢ

*Шарипов Ҷамолиддин, Муродов Назримад*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз падидаҳои инъикосшавандаи таърихи сиёсӣ ва иҷтимоии халқи тоҷик муборизаи қаҳрамононаи чеҳраҳои мондагори он ба муқобили аҷнабиён баҳри озодӣ ва истиқлол ба ҳисоб меравад. Таърихи аҳди бостони халқи тоҷик аз ин падидаҳо орӣ набуда, саҳифаҳои зиёди ҳаракатҳои озодихоҳонаи мардумиро зидди аҷнабиён сабт намудааст. Яке аз саҳифаҳои рӯшани муборизаҳои ниёгони тоҷикон баҳри озодӣ дар аҳди бостон ба муқобили истилогарони юнону мақдунӣ мебошад, ки дар ин хусус муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар такя ба сарчашмаҳои таърихӣ маълумот додаанд.

Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ тасдиқ менамояд, ки аввалин аҷанбие, ки дар аҳди бостон ба сарзамини ниёгони тоҷикон бо артиши худ ворид шудааст, Искандари Мақдунӣ мебошад. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқон, ки аз ахбори муаррихони аҳди атиқа маншаъ мегирад, Искандар то соли 330 то милод артиши Ҳахоманишиҳоро шикаст дода, тамоми Эронро забт намуд [10, с. 112-113].

Маълум буд, ки ҳадафи ояндаи сиёсати экспансионии Искандар манотиқи Суғду Бохтар буд. Вале ин минтақаро забт намудан мушкил афтод, зеро Искандар ба муқовимати сахти мардуми маҳаллӣ рӯ ба рӯ шуд. Академик Б. Ғафуров масъалаи мазкурро пайгирӣ намуда, суол гузоштааст, ки халқҳои Осиёи Миёна бо кадомин қувваҳо бар зидди Искандари Мақдунӣ мубориза бурданд, ҳол он ки онҳо пароканда амал менамуданд? Муҳаққиқ ба ин суоли дар назди худ гузошта бо 4 нишондод ҷавоб додааст, ки таҳлилгарро қаноатманд менамояд: якум, яроқу аслиҳаи ҷангии мардуми минтақа ҷавобгӯи замони худ буд ва ҳатто аз бисёр ҷиҳат аз артиши юнониёну мақдунӣ бартарӣ дошт; дуюм, аз ҷониби артиши Осиёи Миёна усул ва тактикаҳои мухталифи ҷангӣ истифода шуд; сеюм, тавассути иштирок дар ҷангҳои шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён ба муқобили Искандар сардорони артиши Осиёи Миёна аллакай аз тактика ва стратегияи лашкари душман хуб огоҳ шуданд; чорум, қувваи низомиёни мардуми Осиёи Миёна (Суғду Бохтар) дар арафаи ҳуҷуми Искандар хеле баланд буд, ки дар рафти муборизаи онҳо бар зидди душман омили асосӣ гардид [2, с. 96]. Чунин омилҳои нишондодаи муаррих бевосита инъикосгари заминаи истодагарӣ намудани халқҳои минтақа ба муқобили душман буд, ки инро таҷрибаи минбаъда ва чораҳои андешидаи Искандар исбот менамуд.

Мувофиқи маълумоти муҳаққиқон, Искандар баъд аз шикасти Дорои III дар Шарқ бар зидди Бесс, ки худро меросбари сулолаи Ҳахоманишиҳо эълон намуда буд, рӯ ба рӯ гардид. Н. Ҳакимов масъалаи мазкурро шарҳ дода, қайд кардааст, ки ба ҳокими Бохтар Бесс муяссар гардид, ки иттиҳоди сатрапияҳои шарқиро ба вуҷуд оварад, аммо ин иттиҳод он қадар боэътимод ва боварибахш набуд. Аллакай барои ташаккули сохтори давлатӣ Бесс дигар вақт надошт. Саркардаи дигари Бохтар Сатибарзан баъд аз шикаст дар Ҳирот аз дасти Искандар ба Бесс пайваст. Муҳаққиқ ба маълумоти муаррихони атиқа такя намуда, қайд намудааст, ки шумораи сипоҳиёни Бесс ба 7-8 ҳазор мерасид, ки дар Ориёно бо ҳамроҳи Сатибарзан ба муқобили Искандар исён бардоштанд ва он давраи аввали муборизаи халқҳои Осиёи Миёна бар зидди юнониёну мақдуниҳо буд. Нахустин маротиба Искандар дар минтақа ба муқобилияти сахти мардум дучор гардид, ки он як моҳ тул кашид [10, с. 112].

Аз маълумоти муаррихон бармеояд, ки муқобилияти мардуми Осиёи Миёна аз ибтидо бошиддат буд, вале мушкилӣ дар он буд, ки онҳо мутамарказ набуданд. Искандар низ ин парокандагиро манфиатнок истифода намуд. Агар мақсади Бесс ва

ҳамсафонашро таҳлил намуда бароем, маълум мегардад, ки ҳадафи ягонаи ӯ барқарор намудани давлати суқуткардаи Ҳахоманишиҳо буд. Мардум низ то ҷое дар атрофи ӯ ба ҳам омад.

Муаррихи юнонӣ Диодор дар ин хусус қайд кардааст, ки "Бесс қавл дод, ки ба ҷанг роҳбарӣ менамояд ва мардум ба ӯ бовар намуда, ӯро подшоҳ хостанд". Дар ин маъхаз инчунин таъкид шудааст, ки Бесс «аскар ҷамъ намуд ва силоҳи бисёр омода кард". Яъне, ба Бесс муяссар гардид, ки дар ин роҳ сатрапҳои ҳамсоя ва халқҳои кӯчиро дар атрофи худ муттаҳид кунад. Дар ин хусус ҳам Квинт Куртсий ва ҳам Арриан хабар додаанд. Омӯзиши осори онҳо нишон медиҳад, ки баъд аз пахши ҳаракатҳои озодихоҳонаи мардуми Ориё ба Искандар муяссар гардид, ки аксар вилоятҳои ҷанубии Афғонистони имрӯзаро тасхир намояд [2, с. 94].

Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти илмӣ дар хусуси моҳият ва хусусиятҳои муборизаҳои Бесс андешаҳои мухталиф иброз гардидаанд. Ба ақидаи мо, новобаста аз он ки мақсади Бесс ҳокимият ва барқарор намудани давлат буд, ҳаракатҳои ӯ аҳамияти объективро доро буд. Дар ҳар ду ҳолат мақсади Бесс нагузоштани душман ба сарзамини аҷдодии худ буд. Аз ин рӯ, Бессро метавон дар баробари дигар муборизони роҳи озодӣ, бахри аз ҳуҷуми аҷнабиён нигоҳ доштани Бохтар, яке аз чеҳраҳои намоён номид. Хатогии ӯ дар он буд, ки шоҳи қонунии Ҳахоманишиҳо – Дорои III - ро ба қатл расонид, вале ин то ҷое асос дошт. Чун Дорои III натавонист лашкари бузурги шоҳаншоҳиро ба муқобили Искандар истифода намояду хатари барҳам хӯрдани давлати ориёиҳоро рафъ намояд. Ин чорае буд, ки чашми душманро дар роҳи хиёнат ба давлат боз намуда, огоҳ сохт, ки чунин хиёнатҳо нобахшиданист. Ҳамин буд, ки Искандар баъд аз забти минтақа ба мардум роҳи наздикшавиро пеш гирифт. Ин муқобилият садди роҳи Искандарро ба сӯйи Осиёи Миёна қариб як сол гирифта, дар тайёрии мардуми минтақа бар зидди ӯ мусоидат намуд. Бесс аз тарафи Искандар дастгир шуда, баъд аз шиканҷаҳои зиёд кушта шуд [4, с. 60].

Аксар муҳаққиқони ватанӣ дар асоси таҳлили сарчашмаҳои марбут ба масъалаи мазкур гузаштани Искандарро аз дарёи Ому ба тирамоҳи соли 330 то милод мансуб дониста, муқобилияти минбаъдаи мардуми Мовароуннаҳрро бо сарварии Спитамен нишон додаанд. Баробари ба Навтоқ ворид гардидани Искандар муборизаи мардуми Осиёи Миёна, махсусан суғдиҳо, оғоз гардид.

Дар хусуси масъалаи мазкур диққати муаррихонро бештар силоҳу афзорҳои ҷангии суғдиён, бохтариён, марғиниён ва фарғониён ҷалб намудааст, ки аз ахбори муаррихони атиқа сарчашма мегирад. Ҳеродот ва Страбон хабар додаанд, ки массагетҳо дар сохтани аслиҳа ва истифодаи найза ҳамто надоштанд. Ҳамин буд, ки онҳоро "найзадорон" номидаанд. Квинт Куртсий навиштааст, ки мардуми кӯчии Осиёи Миёна аз варақаҳои оҳан барои худ ҷавшан месохтанд. Арриан бошад, хабар додааст, ки сарбозони Осиёи Миёна дар рафти ҷанг худро тамоман бо зиреҳҳои филизин мепӯшониданд. Б. Ғафуров дар асоси маълумотҳои мавҷуда ба хулосае омадааст, ки ин ихтирои муҳимми ҷангӣ, яъне баргустувон минбаъд ба сӯйи ғарб -ба Эрони Ҳахоманишӣ, ба тарафи ҷануб -ба Ҳиндустон, ба тарафи шарқ -ба Хитой паҳн гардидааст [2, с. 95-96].

Бояд қайд намуд, ки ин санъати хоссаи истеҳсоли аслиҳаи ҷангӣ ва тактикаҳои муҳорибавӣ ба мардуми Осиёи Миёна имкон дод, ки қариб се сол ба муқобили юнониёну мақдуниҳо мубориза баранд. Ягона камбудии ин минтақа дар мавҷудияти парокандагии сиёсӣ зоҳир мешуд. Яке аз саҳифаҳои асосии ҳаракатҳои озодихоҳонаи ниёгони тоҷик, ки мавриди инъикоси муҳаққиқон қарор гирифтааст, қаҳрамониҳои Спитамен мебошад. М. Инъомов дар ин хусус қайд менамояд, ки Спитамен бо садҳо ҷавонмардони бохтариву суғдӣ парчами озодиву истиқлолхоҳиро афрошта, ба аҷнабиён муқобилияти сахт нишон дод [4, с. 61].

Баробари аз дарёи Ому гузаштан Искандар, лашкарашро мардуми озодихоҳи Бохтару Суғд бо сарварии Спитамен бо ҳуҷумҳои худ пешвоз гирифтанд. Н. Ҳакимов тазаккур додааст, ки Искандар баъд аз забти Навтоқ ба сӯйи маркази Суғд

– Мароқанд рафта, онро тасхир намуда, як гарнизони худро дар он ҷо гузошта, деҳаҳои ҳамҷаворро ғорат карда, ба ҷониби Панҷакенту Курушкада ва Хуҷанд лашкарашро равона кард. Дар минтақаи мазкур 7 шаҳр ба муқобили ӯ шӯриш бардошт. Таҳлилҳо баёнгари онанд, ки Искандар ягон шаҳри Осиёи Миёнаро бе муқобилияти сахти мардуми маҳаллӣ тасхир накардааст. Махсусан, забти яке аз шаҳрҳои қадимаи ниёгони тоҷик, ки ба он Куруши Кабир асос гузошта буд – Курушкада (Истаравшани муосир) бисёр вазнин афтод. Ҳатто мувофиқи баъзе маълумотҳо, ки аз ахбори муаррихони атиқа сарчашма мегирад, аввалин бор дар ин сарзамин Искандар дар ҳамин муҳориба захмӣ шудааст. Ин аз муқобилияти сахти қувваҳои маҳаллӣ, махсусан мардуми озодихоҳи минтақа хабар медиҳад. Ин муқобилияти ҷиддӣ Искандарро маҷбур намуд, ки чораҳои лозимаро андешад. Махсусан, дар натиҷаи нобаробарии қувваҳо ва шикасти шӯришгарон бо фармони Искандар 8-12 ҳазор аҳолии маҳаллӣ ба қатл расонида шуд. Ин як шакли ба ҳаросу тарс афкандани мардуми маҳаллӣ буд, вале воқеаҳои минбаъда нишон дод, ки чунин чораҳо садди роҳи ҳаракатҳои озодихоҳонаи ниёгони тоҷикро гирифта наметавонад.

Муаррихи юнонӣ Арриан тафсилоти воқеаро шарҳ дода, қайд намудааст, ки суғдиён то охирин қувваи худ ҷангида, аксари онҳо ба дасти душман афтидани худро нахоста, худро нобуд сохтанд. Ин шӯриши дуюмини мардуми Суғд дар Истаравшан буд, ки баъд аз пахши он 22 ҳазор нафар аҳолии маҳаллӣ кушта шудааст [10, с. 97-98]. Шарҳи ин ваҳшониятҳо дар сарзамини ниёгони тоҷикон нишон медиҳад, ки аксарияти кушташудагон мардҳо буданд, занону кӯдаконро бошанд, ба ғуломӣ фурӯхтанд. Дар ин ҷо қайд кардан бамаврид аст, ки ниёгони тоҷикон дар таърих нахустин маротиба ба душмани аҷнабӣ рӯ ба рӯ гардиданд. То ин вақт ягон аҷнабие сарҳади ин сарзаминро рахна накарда буд. Таҳлили осори муҳаққиқони тоҷик нишон медиҳад, ки баъд аз пахш намудани шӯриши мардуми Курушкада Искандар ба тарафи Сирдарё равона шуд. Ҷуғрофиёи таърихии минтақа нишон медиҳад, ки дар қисмати рости дарё қавмҳои саккоӣ ҷойгир буданд ва дар тарафи чапи он шаҳрҳои калону хурди суғдиён. Исканадар ба хотири мустаҳкам намудани иқтидори худ, дар ин ҷо пойгоҳи низомии худро бино кард, ки минбаъд бо номи Искандарияи Эсхата ё Ақсо маъруф гардид. Мувофиқи ахбори муаррихон, дар ҳамин вақт дар Суғд бо сарварии Спитамен шӯриши мардумӣ ба амал омад [4, с. 98].

Бояд тазаккур дод, ки муборизаи Спитамен баҳри истиқлол ва озодӣ яке аз дурахшонтарин саҳифаҳои таърихии аҳди бостонии ниёгони тоҷикон маҳсуб меёбад. То ҷое, ки аз таърихи сиёсии аҳди бостонии халқи тоҷик бармеояд, талошҳои ҳақиқии истиқлолхоҳии тоҷикон аз замони Искандари Мақдунӣ чун як марҳилаи муташаккили сиёсию иҷтимоӣ оғоз гардида, дар таърихномаҳои воқеанигорони даврони Искандар ва марҳилаҳои минбаъда ба таври хеле равшан сабт гардидааст. Дар такя ба иқтибосҳои овардаи муҳаққиқони тоҷик ҷиҳати равшан намудани ин саҳифаи муҳимми таърихи аҳди бостонӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки даҳҳо муаррихони аҳди бостон – Ҳеродот, Квинт Куртсий Руф, Арриан, Диодор, Помпей Трог, Каллисфен ва дигарон Спитаменро ҳамчун рақиби тавонои Искандари Мақдунӣ ва лашкаркаши соҳибистеъдоду зирак инъикос намуда, сифатҳои волою наҷиби ватансолорӣ ва бартарияти ӯро аз шоҳони охирини Ҳахоманишӣ нишон додаанд.

Эмомалӣ Раҳмон дар баробари муҳаққиқони касбӣ масъалаи мазкурро дар осораш пайгирӣ намуда, раванди муборизаҳои Спитаменро батафсил инъикос намудааст. Мувофиқи натиҷагириҳои ӯ, дар ҳоле ки Искандар ба забти Истравшану Фарғона ва эъмори пойгоҳи низомии худ дар Хуҷанд (соҳили дарёи Сир) машғул буд, Спитамен мардуми маҳаллиро дар атрофи худ муттаҳид карда, ба дастаи размандагони Искандар, ки дар Мароқанд ҷойгир буданд, ҳуҷум карда, баъди торумор кардани онҳо, шаҳрро ба даст меорад [9, с. 33].

Академик Б. Ғафуров оғози шӯриши Спитамен ва муносибати Искандарро дар осораш, дар асоси ахбори муаррихи юнонӣ Арриан шарҳ дода, қайд кардааст, ки

вақте артиши юнону мақдунӣ дар роҳи забти Истаравшан ва Фарғонаи Ғарбӣ буданд, оташи шӯру исён Суғд ва шимоли Бохтарро фаро гирифт. Дар ибтидо Искандар таъсири шӯришро дарк накарда, ба ёрии сипоҳ дар Мароқанд гузоштаи худ, ки дар асорати Спитамен қарор гирифта буд, сипоҳи 2500-нафарии худро равона кард. Ҳангоми наздик шудани артиши Искандар, Спитамен шаҳрро аз муҳосира озод карда, ба қафо нишаст, ки боиси таъқиби онҳо аз ҷониби артиши Искандар шуд, вале Спитамен фурсати муносиб ёфта, ба сари онҳо тохт. Мувофиқи ахбори Арриан, дар натиҷа юнониён рӯ ба гурез оварда, дар яке аз ҷазирачаҳои байни дарё (Зарафшон) ҷой гирифтанд. Аммо дар ин мавзеъ скифҳо ва аскарони саворaи Спитамен дар натиҷаи муҳосира тамоми онҳоро нест карданд [9, с. 129].

Аз баррасии масъала рӯшан мегардад, ки ин аввалин шикасти сахти сипоҳи Искандар дар сарзамини Шарқ буд. Дар ин давра Искандар муддати 17–20 рӯз дар соҳили дарёи Сир қалъаи худро бино кард, ки он ҳамчун қалъаи муҳофизатӣ аз қавму қабилаҳои шимолӣ, махсусан саккоиҳо маҳсуб меёфт.

Ба ақидаи мо, Искандар дар самти сиёсати шарқии худ ба Куруши Кабир то ҷое тақлид намуд, махсусан дар бобати сохтани қалъаҳо. Зеро аз ҳама муқобилияти ҷиддӣ дар шаҳри сохтаи Куруш – Курушкада ба амал омад. Ӯ низ мехост чунин як такягоҳоро дар минтақа бо сохтани Искандарияи Эсхата ба вуҷуд оварда, ҳадафҳои худро амалӣ созад, вале, ҳамон гунае ки ба Куруш имкон дод, ӯ муваффақ нашуд. Искандар фаромӯш карда буд, ки ин сарзамин ватани аҷдодии Куруш асту мардум ӯро ҳамчун шоҳаншоҳи худ бе мубориза ва ҷанг қабул намуда буданд. Чун ҳадафи асосии Куруш муттаҳид кардани тамоми сарзаминҳои ниёгони худ буд. Таърих ягон муборизаи мардуми маҳаллии Суғду Бохтарро ба муқобили Куруш ёд надорад. Ривояти сохтаи Ҳеродоти юнонӣ бобати куштани Куруш аз тарафи масагетҳо асоси илмӣ надошта, ғаразе буд баҳри паст намудани нуфузи чунин як шоҳаншоҳи бузурги ориёӣ.

Шикастҳои пайдарпай Искандарро ба ташвиш овард. Курушкада бар хилофи назари ӯ канори олам набуд ва сарзаминҳои бузурге, ки аз соҳили дигари Сирдарё шуруъ мегардид, дар ихтиёри сакоиҳои ҷангҷӯ қарор дошт. Муаллифони “Таърихи халқи тоҷик” раванди муборизаҳои мардуми суғдро бо сарварии Спитамен таҳлилу баррасӣ намуда, соли 328 то милод ба Самарқанд ҳуҷум карда, онро ишғол кард ва қасрро, ки ҷанговарони юнонӣ дар он истеҳком гирифта буданд, муҳосира намуданд [11, с. 53].

Искандар бо лашкари бузурги худ ба Мароқанд бозгашт, вале бо сабаби нобаробарии қувваҳо Спитамен ба қафонишинӣ маҷбур гардид.

Мувофиқи маълумоти муҳаққиқони ватанӣ, барои қасд гирифтан аз сипоҳи лашкари Спитамен истилогарони юнону мақдунӣ ба қатлу ғорати аҳолӣ шуруъ карда, пиронсолон ва кӯдаконро ба қатл расонида, деҳаҳоро оташ заданд, то чашми мардуми истиқлолхоҳ ва озодидӯстро ба ҳарос оваранд. Вале таърихи минбаъда нишон медод, ки оташи шӯру ошӯбҳои мардумӣ дар роҳи истиқлол бештар аланга зада, мардуми қаҳрамони Суғд ба талафоти бузург нигоҳ накарда, тебеъиятро ба аҷнабӣ қабул надошт. Спитамен аз ҳар ҷониб бо сипоҳиёни саворaи худ ба артиши Искандари Мақдунӣ ҳуҷум намуда, зарбаҳои шадидро ба онҳо мерасонид.

Дар ин миён М. Инъомов дар такя ба сарчашмаҳои таърихӣ тазаккур додааст, ки боз як дастаи шӯришгароне, ки аз ҳазор нафар саворагони массагетӣ иборат буд, ишораҳо аст. Онҳо бо дастаи 600 - нафари массагетии Спитамен ҳамроҳ шуда, дар ин муҳорибаи шадид ба муқобили мақдуниҳо иштирок карданд [4, с. 107].

Н. Ҳакимов раванди муборизаҳои озодихоҳонаи мардуми Суғдро бо сарварии Спитамен дар осораш, дар такя ба сарчашмаҳои таърихӣ инъикос намуда, қайд кардааст, ки Искандар зимистони солҳои 329–28-ро дар Суғд оромона гузаронида натавонист, ҳамин буд, ки ба Бохтар гузашта, якчанд чораҳо андешид. Махсусан, ашрофи суғдӣ, хоразмӣ, саккоӣ ва дигаронро ба наздаш даъват намуда, бо мақсади дар симои онҳо дарёфтани такягоҳ дар минтақа ба онҳо инъомҳо дода, бо баъзеашон

шартнома мебандад. Яке аз онҳо шоҳи Хоразм Фарзман буд, ки барои ба Спитамен ёрӣ надодан чунин шартнома мебанданд [10, с. 114-115].

Дар радифи маълумотҳои боло, ҳаминро илова намудан бамаврид аст, ки таҷрибаи таърихии ниёгони тоҷик нишон медиҳад, ки дар баробари чунин фарзандони истиқлолхоҳ баъзан хоинони ватанфурӯше буданд, ки бо сабаби аз даст надодани мавқеъ ва моликияти худ ба мардум хиёнат намудаанд. Чи дар давраи ҳуҷуми Искандар ва чи дар замони ҳуҷуми арабу муғул ин гуна хиёнатҳо мушоҳида мешуд, ки таърих гувоҳи он мебошад.

Қаҳрамони халқи тоҷик Спитемен низ дар канор наистода, ба Бохтар, ки ақибгоҳи артиши Искандар он ҷо буд, ҳуҷум кард. Дар соли 328 то милод Спитамен бо се ҳазор сипоҳӣ аз нав ба Мароқанд баргашт. Искандари ночор беҳтарин сарлашкари худ – Кратерро ба муқобили Спитамен равона намуд. Спитамен бо се ҳазор ҷанговари худ мехост тамоми Суғдро аз душман озод намояд, бо ҳамин мақсад ҷангҳои шадид аз нав оғоз шуд. Эмомалӣ Раҳмон раванди набардҳои Спитеменро инъикос намуда, қайд мекунад, ки дар яке аз набардҳо ӯ 800 нафар сарбози худро аз дода, ба қафонишинӣ маҷбур гардид. Махсусан, ин сабаб дар тарки ҷанговарони бохтарию суғдӣ, ки аз ҷангҳои пайдарпай ва таъқибҳои юнониёну мақдуниҳо хеле монда шуда буданд, зоҳир мегардид. Дар натиҷа Спитамен бо дастаҳои боқимондаи худ ба сӯйи биёбон шитофт [9, с. 34-35].

Ба ақидаи мо, омили асосии тарки сарбозони Спитамен аз набардҳо, пеш аз ҳама, дар хиёнати синфи аъёну ашроф зоҳир мешуд, ки миёни мардум нуфузи зиёд доштанд, ба душман пайвастанд ва қувваи асосии иқтисодии ҷомеа низ ба онҳо тааллуқ дошт. Акнун Искандар дар симои ин синфи истисморгари ҷомеа ҳампаймонҳои худро дарёфт ва бо ваъдаи он, ки мақоми онҳоро даҳчанд менамояд, такягоҳи худро мустаҳкам намуд. Шӯришгарон бошанд, рӯз то рӯз дар ҳолати пасти иқтисодӣ қарор мегирифтанд ва аксарияти онҳоро табақаи поёнии ҷомеа ташкил медоду аз ҷониби табақаҳои болоӣ дастгирӣ намешуданд. Ва ҳатто забон як кардани ин табақаи имтиёзноки ҷомеа бо душман руҳияи ҷангии онҳоро шикаст. Бузургии Спитамен дар он ифода меёфт, ки новобаста аз тадбирҳои андешидаи Искандар тавонист мардуми истиқлолхоҳи Суғду Бохтарро дар атрофи худ муттаҳид карда, муддати се сол бо душман дар мубориза қарор гирад. Ин буд, ки аз забти сарзаминҳои марказию ғарбии шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо дида, ишғоли Осиёи Миёна барои Искандар душвор афтод. Танҳо дар охир Искандар дарк намуд, ки бо роҳи зӯрӣ ва муқобилият ишғол ва идора намудани минтақа ғайриимкон аст. Ҳамин буд, ки сиёсати мусолиҳатомезро бо табақаи ашрофи ҷомеа пеш гирифт.

Бояд қайд намуд, ки кӯшишҳои Спитамен баҳри истиқлол яке аз дурахшонтарин саҳифаҳои таърихи муборизаҳои озодихоҳонаву муташаккилонаи ниёгони тоҷикон – суғдиҳо ва бохтариҳо ба муқобили аҷнабиён маҳсуб меёфт. Муборизаҳои мазкур қариб чор сол идома карда, Искандарро маҷбур намуд, ки баъди қатли Спитамен баъзе чораҳоро, бо мақсади мустаҳкам намудани мавқеи худ, андешад.

Муаллифони китоби “Таърихи халқи тоҷик” чораҳои андешидаи Искандарро, дар такя ба маълумотҳои Страбон ва Юстин нишон дода, иброз намудаанд, ки танҳо дар манотиқи Бохтар ва Суғд 8-12 шаҳр сохтааст, ки аксарияти онҳо баҳри нигоҳ доштани сипоҳи юнониёну мақдуниҳо ва ба воситаи ин нигоҳ доштани мардуми маҳаллӣ дар зери итоат буд [5, с. 320].

Эмомалӣ Раҳмон дар осори худ шаҳрҳои бунёд намудаи Искандарро нишон додааст, ки маъруфтарини онҳо Искандарияи Ақсо (Хуҷанд), Искандарияи лаби Омӯ (тахминан дар Хатлон ва ё Тирмиз), Искандарияи Аррея (Ҳирот), Искандарияи Бохтар, Искандарияи Мароға (Марв) ва ғайра мебошанд ва онҳо пурра хусусияти ҳарбӣ доштанд [9, с. 36].

Ҳамин тавр, таҳлили осори муҳаққиқон нишон медиҳад, ки пас аз марги Спитамен ва ба ҷониби ӯ гузаштани ашрофи маҳаллӣ маънои онро надошт, ки

ҳаракатҳои озодихоҳонаи мардуми маҳаллӣ шикаст хӯрда бошад. Мардуми маҳаллӣ пинҳону ошкоро муқобилиятро зидди истилогарони юнониву мақдунӣ идома медоданд. Маҳалли охирин муборизаҳои шадиди ниёгони тоҷиконро бар зидди душман муҳаққиқони ватанӣ ба ноҳияҳои маркази Бохтар марбут медонанд.

Аз таҳлили осори муҳаққиқони ватанӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки лашкаркашони юнониву мақдунӣ маҳз дар Осиёи Миёна, ҳангоми забти давлатҳои начандон бузурги Бохтару Суғд ба муқобилияти сахт дучор шуданд. Спитамен, ки барои озодию истиқлолияти кишвар бо тамоми ҳастиаш кӯшиш мекард, тавонист ба мардуми истиқлолхоҳ роҳбарӣ намояд, онҳоро ба муқобили душманони аҷнабӣ ҳидоят намояд. Мардуми маҳаллӣ низ дар симои Спитамен сарлашкари бузургу беҳамто, меҳанпараст ва хештаншиносро медид.

Муҳаққиқи ватанӣ И.В. Пянков дар такя ба сарчашмаҳои таърихӣ дар осори худ иброз намудааст, ки сарлашкарони Искандар баъд аз муҳорибаҳои зиёд ва мутеъ намудани Бубакен шаҳри дигари Искандарияро бунёд карданд, ки он миёни Тамлиёт ва Мунк ва ё байни Ҳулбук ва Мунк ҷойгир шуда буд. Ҳоло ҷойи шаҳри Мунк дар деҳаи Гулзори ноҳияи Ховалинг, Ҳулбук дар деҳаи Қурбоншаҳиди ноҳияи Восеъ, дар назди дарёи Сурхоб, Тамлиёт дар ҷануби гузаргоҳи дарёи Вахш, яъне наздикии Норак қарор доранд. Дар яке аз ин мавзеъҳо сарлашкари Искандар Полиперхонт Искандарияро бунёд намудааст [7, с. 58].

Тадбирҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки муборизаҳои пайдарпайи мардуми маҳаллӣ новобаста аз забти минтақа ҳоло ҳам идома доштанд. Мувофиқи маълумоти маҳаққиқи тоҷик Ю. Яъқубов, баъди марги Спитамен муборизаҳои ӯро ҳамсафонаш Оксиарт, Сисимитр ва Ҳурриён дар қалъаҳои дастнорас идома медоданд. Махсусан, қалъаҳои дастнораси кӯҳсори Суғду Бохтар ба марказҳои бузурги муттаҳид шудани муборизони роҳи озодӣ табдил ёфта буданд. Искандар маҷбур гардид, ки баъд аз тай кардани сарзаминҳои зиёд бо мақсади тобеъ намудани ин қалъаҳои дастнорас ба ҷанговарони фатҳкунандаи онҳо маблағи зиёде диҳад. Пас аз забти қалъаи Суғд, Искандар 30 тан аз сарварони шӯришгоронро қатл намуда, боқимондаҳоро ба ғуломӣ бурда, тамоми молашонро тороҷ намуд [12, с. 161].

Зикр кардан бамаврид аст, ки новобаста аз он ки муборизаҳои истиқлолхоҳии ниёгони тоҷикон бо сарварии Спитамен ва дигар фарзандони фарзонаи он шикаст хӯрданд, вале корнамоиҳои қаҳрамононаи онҳо дар саҳифаи таърих нақш бастааст, ки имрӯз чун дарси ибрат барои насли наврас, бахри баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ, дарки масъулияти ватандорӣ ва ҳифзи арзишҳои он ба кор меояд.

Ба ақидаи мо, ба таври мантиқӣ шикасти муборизаҳои ниёгони тоҷиконро қабул намудан ғайриимкон аст. Чун ин муборизаҳо идома доштанду ба охир нарасида буданд. Ва идомаи ин муборизаҳо буд, ки пояи ҳукумати истисмории юнону мақдуниҳо дар минтақаҳои тоҷикнишин заиф гардида, дар ин замина давлатҳои маҳаллӣ, ба мисли Порт (Аршакиён) ва Кӯшониён такшил ёфтанд, ки омили эҳёи унсурҳои тамаддуни бузурги ниёгони тоҷикон гардиданд.

**Муқарриз:Шарипов Р.Я.- д.и.т., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Ғафуров Б. Тоҷикон. Китоби 1 / Б.Ғафуров. – Душанбе, 1998. – С. 133-35.
2. Ғафуров Б.Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 95-96.
3. Дибвойз Н.К. Политическая история Парфии / Н.К. Дибвойз. – СПбГУ, 2008. – 831 с.
4. Инъомов М. Шуҷоати Спитамен / М. Инъомов. – Хуҷанд: Хуросон, 2005. – С. 107.
5. История таджикского народа. Том 1. – Душанбе, 1998. – С. 320.
6. Неъматов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Неъматов, А. Нурмуҳаммад, А. Мирбобоев, Ҳ. Пирумшоев. – Хуҷанд, 2008. – 543 с.
7. Пянков И.В. Осиёи Миёна дар номаҳои бостон / И.В. Пянков. – Душанбе, 1991. – С. 58.
8. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёиҳо /Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006.–375 с.
9. Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С. 36.

10. Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н.Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 112-113.
11. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов, Д. Довутов, М. Исоматов, С. Муллоҷонов. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – С. 53.
12. Яъқубов Ю. Таърихи халқи тоҷик / Ю. Яъқубов. – Алмаато, 2000. – С. 161.

## ВИЖАГИИ МУБОРИЗАИ ИСТИҚЛОЛХОҲОНАИ АҶДОДИ ТОҶИКОН БА МУҚОБИЛИ ИСТИЛОГАРОНИ ЮНОНУ МАҚДУНӢ

Инъикоси саҳифаҳои қаҳрамононаи фарзандони фарзонаи халқи тоҷик дар раванди таърих баҳри ҳифзи истиқлол ва озодии Ватан дар айни замон саривақтӣ буда, дар ташаккули ватандӯстии ҷавонон мусоидат хоҳад намуд. Ин муборизаҳо, ки ба ҳар як марҳилаи таърихии халқи тоҷик марбут аст, аз ҳамин аҳди бостон сарчашма гирифта, минбаъд бо ворид гардидани дигар ақвоми аҷнабӣ боз ҳам вусъат меёбанд. Муборизаҳои мазкур аҷнабиёни дар сари ҳокимият бударо маҷбур сохтанд, ки дар идора кардани ин минтақа ба ашрофи маҳаллӣ такя намоянд. Маҳз ин чора дар оянда заминаи ташаккули давлатҳои маҳаллиро, чи дар аҳди юнониёну мақдуниҳо ва чи дар даврaҳои дигари воридшавии аҷнабиён, гузошт. Зикр кардан бамаврид аст, ки новобаста аз он ки муборизаҳои истиқлолхоҳии ниёгони тоҷикон бо сарварии Спитамен ва дигар фарзандони фарзонаи он шикаст хӯрданд, вале корнамоиҳои қаҳрамононаи онҳо дар саҳифаи таърих нақш бастааст, ки имрӯз чун дарси ибрат барои насли наврас, баҳри баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ, дарки масъулияти ватандорӣ ва ҳифзи арзишҳои он ба кор меояд. Ба таври мантиқӣ шикасти муборизаҳои ниёгони тоҷиконро қабул намудан ғайриимкон аст. Чун ин муборизаҳо идома доштанду ба охир нарасида буданд. Ва идомаи ин муборизаҳо буд, ки пояи ҳукумати истисмории юнониёну мақдуниҳо дар минтақаҳои тоҷикнишин заиф гардида, дар ин замина давлатҳои маҳаллӣ, ба мисли Порт (Аршакиён) ва Кӯшониён такшил ёфт, ки омили эҳёи унсурҳои тамаддуни бузурги ниёгони тоҷикон гардиданд.

**Калидвожаҳо:** махсусият, мубориза, истиқлол, сиёсат, забткорӣ, озодӣ, ориёиҳо, шикаст, ғалаба, қаҳрамонӣ, тоҷикон, юнониёну мақдуниҳо.

## ОСОБЕННОСТИ ОСВОБОДИТЕЛЬНОЙ БОРЬБЫ ПРЕДКОВ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА ПРОТИВ ГРЕКО-МАКЕДОНСКИХ ЗАХВАТЧИКОВ

Изучение этой славной страницы древного периода истории таджикского народа и его борьба за независимость и свободу своей родины способствует укреплению чувства патриотизма и формированию национального самосознания молодого поколения. Актуальность изучения этой борьбы заключается в том, что она является первым осознанным стремлением наших далёких предков к обретению свободы и независимость. Более того, она вынудила иноземнных завоевателей изменить и пересмотреть свою политику относительно свободолюбивого народа, и в дальнейшем опираться на помощь и влияние местной знати и военной аристократии. Это, с одной стороны, означало применение опыта государственного управления местного населения, а с другой стороны, в дальнейшем заложило основу и способствовало возникновению местных национальных государств в период господства греко-македонцев. История таджикского народа изобилует славными страницами героической борьбы за свободу и независимость против иноземных захватчиков. Следует особо отметить, что героическая освободительная борьба наших предков – согдийцев и бактрийцев против греко-македонских захватчиков является одной из славных и ярких страниц древнего периода истории таджикского народа. Решительная борьба под командованием Спитамена длилась около трех лет и вынудила Александра изменить свою стратегию и политику в отношении местного населения и одновременно предпринять конкретные меры с целью упрочения своей власти на захваченных территориях.

**Ключевые слова:** специфика, борьба, независимость, политика, завоевание, свобода, арийцы, поражение, победа, героизм, таджики, греки и македонцы.

## FEATURES OF THE LIBERATION STRUGGLE OF THE ANCESTORS OF THE TAJIK PEOPLE AGAINST THE GREEK-MACEDONIAN INVADERS

The study and coverage of this glorious page of the ancient period in the history of the Tajik people and their struggle for the independence and freedom of their homeland helps to strengthen the feeling of patriotism and the formation of national identity of the younger generation. The relevance of studying this struggle lies in the fact that it is the first conscious desire of our distant ancestors for gaining freedom and independence. Moreover, it forced the foreign conquerors to change and revise their policy regarding the freedom-loving people, and in the future to rely on the help and influence of the local nobility and military aristocracy. This, on the one hand, meant the application of the experience of public administration of the local population, and on the other hand, later laid the foundation and favorably contributed to the emergence of local nation-states during the period of domination of the Greek-Macedonians.The history of the Tajik people is replete with glorious pages of the heroic struggle for freedom and independence against foreign invaders.It should be especially noted that the heroic liberation struggle of our ancestors - the Sogdians and Bactrians against the Greek-Macedonian invaders is one of the glorious and bright pages of the ancient period in the history of the Tajik people. The decisive struggle under the command of Spitamen lasted about three years and forced Alexander to change his strategy and policy towards the local population and at the same time take concrete measures to consolidate his power in the occupied territories.

**Key words:** specificity, struggle, independence, politics, conquest, freedom, Aryans, defeat, victory, heroism, Tajiks, Greeks and Macedonians.

**Маълумот дар бораи муаллифон*: Шарипов Ҷамолиддин* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 987244423**,
E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**
***Муродов Назримад* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 901660003**. E-mail: **H.hnt.r@mail.ru.**

**Сведения об авторах: *Шарипов Джамолиддин* –** Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17.Телефон**: (+992) 987244423,** E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**
***Муродов Назримад* –** Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры истории древнего мира, средневековья и археологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17.Телефон: **(+992) 901660003**, E-mail: **H.hnt.r@mail.ru.**

**Information about the author: *Sharipov Jamoliddin*** - Tajik National University, candidate of historical, senior lecturer at the Department of history tajik national. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 987244423,** E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**
***Murodov Nazrimad* -** Tajik National University, senior lecturer at the Department of history of the ancient word, the Middle Ages and archeology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 901660003**, E-mail: **H.hnt.r@mail.ru**.

УДК:930(581)

# ҲАМКОРИИ АФҒОНИСТОН БО СПАД ДАР МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ

*Ҳошимов С.Ҳ.*
**Донишгоҳи давлатии шаҳри Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар робита ба баррасии ҳамкориҳо байни ҳукумати Афғонистон бо СПАД дар масъалаи таъмини амнияти минтақавӣ мебояд ба таърихи таъсиси ин ташкилот таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ (СПАД), ки аз ҷониби якчанд давлатҳои Авруосиё (дар марҳилаҳои гуногун аз 6 то 9 давлат) иттиҳоди низомию сиёсӣ дар асоси Шартномаи бехатарии дастаҷамъӣ аз 15 майи соли 1992 таъсис ёфта буд.

Дар айни замон ба ҳайати ин созмон давлатҳои Россия, Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Белорус ва Арманистон шомиланд. Қайд намудан зарур аст, ки хоҳиши муттаҳид шудан ба шароити объективӣ, яъне бо фурӯпошии як кишвари азим (ИҶШС), ки марзҳои он ба сарҳадҳои алоҳидаи байнидавлатӣ табдил ёфтанд ва чунин тақсимот мувофиқ ба манфиати онҳо набуд. Вобаста ба ин тақсимот ниятҳои барқасдонаи давлатҳои ҳамсоя рӯйи кор омаданд. Илова бар ин, пош хӯрдани фазои ягонаи иқтисодӣ боиси пойдоиши мушкилоти молиявӣ гардид, ки барои ҳар як кишвар дар таъсиси артиши миллӣ аз набудани захираҳои иқтисодӣ душвориӣ пеш овард.

Бинобар ин, таъсиси Шартномаи байнидавлатӣ як санади зарурӣ дар фазои давлатҳои АвруОсиё гашта, имкони дар канор мондан аз хатарҳои бузурги низомию сиёсиро дод. Дар Шартнома барои давлатҳои пасошуравӣ муҳимтарин меъёрҳои байналмилалӣ барои пойдории сулҳу субот муқаррар шудаанд аз ҷумла худдорӣ намудан аз истифодаи қувва ва таҳдид дар ҳалли муносибатҳои байнидавлатӣ, ҳалли ҳамаи масъалаҳои байниҳамдигарӣ ва бо дигар давлатҳо бо роҳи сулҳу субот, худдорӣ намудан аз пайвастшавӣ ба иттиҳодҳои низомӣ. Бахусус, дар бораи ҳуҷум ба яке аз давлатҳои аъзо гуфта мешавад, ки дар чунин ҳолат мувофиқ ба қарордод дигар давлатҳои аъзо ба он ёриҳои заруриро, аз ҷумла низомӣ, инчунин дигар ёриҳои дар ихтиёрдоштаро мувофиқ ба тартиби ҳуқуқҳои муайян намудаи Оинномаи СММ моддаи 51 (банди 4 Шартнома), мерасонанд.

Дар моддаи 6 омадааст, ки қарор дар бораи истифода аз банди 143 қувваҳои низомӣ аз ҷониби сарони давлатҳои аъзо бо мақсади ҷавоб додан ба таҷовуз қабул карда мешавад. Умуман, вазифаи Шартнома дар нигоҳдории низоми умумии амниятӣ муҳим буд, ҳамзамон ин созишнома яке аз самараноктарин ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ дар пойдории муносибатҳои давлатҳои пасошуравии солҳои 90-ум нагардид ва ин дар мисоли мунокишаи байни Арманистону Озарбойҷон барои Қарабоғи Кӯҳӣ ба назар расид, ки то ба ҳол ҳалли худро пайдо накардааст.

Ин буд, ки соли 1999 президенти Озарбойҷон имзои худро бозпас гирифт ва ин далели он аст, ки иттиҳод қудрати ба эътидол овардани даргириҳоро бо роҳи низомӣ-сиёсӣ дар Қафқоз надошта, шинохтани он ҳамчун ташкилоти байналмилалии комилҳуқуқ имкон надорад. Тақрибан ҷой доштани чунин далелҳо боиси хуруҷи Гурҷистон аз Шартнома гардид, бе назардошти он, ки роҳбарони ин кишвар асосан майли пайвастан бо НАТО-ро доштанд. Он чи вобастагӣ ба Ӯзбекистонро дорад, метавон гуфт, ки роҳбарияти ин кишвари Осиёи Марказӣ талош дорад, ки дар афзалиятҳои сиёсати хориҷии худ миёни Русия ва Амрико мувозинатро нигоҳ дорад. Ва умед ба онро дорад, ки аз наздикшавӣ ба ҳарду ҷониб фоида бинад.

Аз ин ҷост, ки Ӯзбекистон ҳамеша вектори сиёсати дифоии худро тағйир медиҳад. Ӯзбекистон соли 1999-ум аз Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ (СПАД) хориҷ шуда, ба ташаббуси сиёсии Украина, Озарбойҷон, Грузия ва Молдава, ки мақсад аз наздикшавӣ ба ғарбро (ЗУУАМ) доштанд, пайваст ва ин мавқеъгирии ҳамонвақтаи

роҳбарияти кишвар буд. Соли 2000 омили таърихии гузариши Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ ба давлати нави институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ гардид, зеро Россия дар ҳалли масъалаҳо ва ворид намудани тағйиротҳои сохторӣ дар ин ташкилоти байналмилалӣ даст ёфт. Дар вохӯрии сарони давлатҳо дар шаҳри Минск қарор қабул шуд, ки бо назардошти шарту шароитҳои нав муҳлати шартнома тамдид шавад Шабакаҳои мудофиавии муттаҳида дар самтҳои муҳимми стратегӣ таъсис дода шудаанд: Аврупои Шаркӣ ( Россия – Белоруссия), Қафқоз.

The article is devoted to the problems of the liberation of African countries and their development. In the conditions of the economic crisis of 1957-1958. accelerated the disintegration of the European colonial system in Africa. In 1957, the Gold Coast gained independence and was renamed Ghana. Then the same situation happened in French Guinea and the Belgian Congo. The Soviet Union, at the request of the Prime Minister of the independent Congo, P. Lumumba, when the civil war began, sent military equipment and a group of advisers. But the higher ranks of the army arrested Lumumba and killed him. After that, Soviet advisers and diplomats were expelled from the country. 1960 is considered the year of African liberation. After that, the independence of 16 states was proclaimed. The colonial system of France and England in Africa ended. Only France tried to keep its main colony Algeria by force. But after a bloody civil war (in 1962), Paris was forced to recognize the independence of Algeria. The Soviet Union provided great military and material assistance to the African regimes, hoping to direct these countries onto a non-capitalist path of development. But even after the departure of the Portuguese, the armed struggle in the countries of Angola and Mozambique did not stop. This resulted in intrastate conflicts and led to civil wars.

**Key words:** Africa, political forces and groups, Soviet Union, young African states, creation of the African socialist belt, "socialist choice", funding.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Шопира Баёт-*** Донишгоҳи Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, устоди факултети таълиму тарбия.

**Сведения об авторе*: Шопира Баёт*** – Университет Балх Исламской Республики Афганистан, преподаватель факультета образования и воспитания.

**Information about the author*: Shopira Bayt*** - Balkh University of the Islamic Republic of Afghanistan, lecturer at the Faculty of Education and Upbringing..

УДК 338.45

# РУШДИ СОҲАИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

*Шеравганзода Зулфия*
**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб**

Ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои зиёди рушди соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллиро фароҳам овард, ки соҳаи саноат аз ҷумлаи онҳост. Ҳукумати кишвар дар сиёсати иқтисодии худ рушди соҳаи саноатро яке аз самтҳои афзалиятнок ҳисобида, ба рушди он сол то сол таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Ҳамин тавр, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ чунин қайд намудаанд: «Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ сиёсати давлат дар соҳаи саноат комилан тағйир ёфта, таваҷҷуҳи асосӣ ба тақвияти истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёр бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, истифодаи ҳарчи бештари манбаъҳои ашёи хоми маҳаллӣ, коркарди пурраи он ва истифодаи васеи захираҳои меҳнатӣ равона карда шуд” [13]. Илова бар ин, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030), гузариши ҷумҳурӣ аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ, барномаи амалигардонии ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар қайд карда шудааст [14, с. 8].

Дар ин ҷода, аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҷиҳати таъмин намудани рушду пешрафти босуботи саноати кишвар то имрӯз як қатор барномаҳои давлатӣ қабул шудаанд, аз ҷумла, «Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» [6], Консепсияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон [4], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯроквории ғанигардонидашуда» [6], «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он” [7] Қарори ҲТ “Дар бораи тасдиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” [5], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат”, *Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022* [8] ва ғ.

Самтҳои асосии қонунҳо ва барномаҳои мазкур идома додани корҳо дар самти татбиқи азнавкунии техникӣ ва иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, таъмини рушди босуботи инноватсионии соҳа; дар асоси амалӣ намудани азнавмуҷаҳҳазгардонии технологӣ андешидани тадбирҳо вобаста ба ҷорӣ намудани навъҳои нави маҳсулот, ки талабот ба онҳо бештар аст, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулот ва афзун намудани ҳаҷми истеҳсол; ба таври васеъ истифода намудани ашёи хоми маҳаллӣ; истифодаи бештари иқтидорҳои истеҳсолӣ бо дарназардошти баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, беҳдошти сифат ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани хусусиятҳои истеъмолию техникии маҳсулот; диверсификатсияи содирот, дарёфти бозорҳои нав ва мустаҳкам намудани мавқеи маҳсулоти соҳаи саноат дар бозорҳои хориҷӣ ба воситаи беҳтар намудани сифати он арзёбӣ мегардад.

Бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барқарор кардан ва рушди соҳаи саноат имкониятҳои калон дорад, аз ҷумла захираҳои зиёди меҳнатӣ; шароити мусоиди иқлимӣ, ки ба парвариши навъҳои нодири зироатҳои кишоварзӣ имкон медиҳад (пахта, тамоку, меваҳои донакдор, меваҳои ситрусӣ, чормағз ва ғ.); захираҳои бойтарини маъданҳои фоиданок ва ғ. Кишвар дорои захираҳои бузурги тилло, нуқра, сангҳои қиматбаҳо, намаки ошӣ, металлҳои нодир, масолеҳи сохтмонӣ ва ғайра мебошад. 60-65% захираҳои оби тозаи минтақа ба Тоҷикистон рост меояд.

Дар марҳилаи кунунӣ масъалаҳои тезонидани рушди соҳаи саноат, ислоҳоти куллӣ дар сохтори он, таъсиси корхонаҳои муштарак, баланд бардоштани самаранокии иқтисодии онҳо, ҷорӣ намудани навовариҳои технологӣ дар соҳаи саноат, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ барои тақвият бахшидани соҳа масъалаҳои асосӣ ҳисобида мешаванд. Дар кишвар тайи 30 соли ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ҳазорҳо корхонаҳои хурду бузург бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба кор даровarда шудаанд. Соҳаи саноати Тоҷикистон дорои маҷмуи рушдёфта ва аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз буда, соҳаҳои гуногуни истеҳсолиро дар бар мегирад. Он зиёда аз 90 самти истеҳсолот ва 140 намуди маҳсулотро дар бар мегирад, ки соҳаҳои истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, истихроҷи ангишт, саноати сабук ва кимиё, коркарди физилот, мошинсозӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва хӯрокворӣро ташкил медиҳад [11]. Ҳоло шумораи корхонаҳои саноатӣ дар кишвар ба 2164 адад расида, зиёда аз 87 ҳазор нафар аҳолӣ дар ин корхонаҳо кору фаъолият мебаранд. Ҳаҷми маҳсулоти соҳаи саноат дар муқоиса бо соли 1999 3,8 маротиба афзуда, дар соли 2019 27613 млн сомониро ташкил дод ва дар соҳа рушди назарраси саноати сабук, филизот, хӯрокворӣ, кимиё ва масолеҳи сохтмонӣ ба назар мерасад [1].

Бояд қайд кард, ки дар даҳсолаҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ, ҶШС Тоҷикистон ҳамчун яке аз ҷумҳуриҳои саноатӣ – аграрӣ ҳисобида мешуд. Ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии он давра нисбат ба маҳсулоти кишоварзӣ зиёдтар буд. Дар соли 1991 шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ дар ҶШС Тоҷикистон ба 2308 адад мерасид. Аз миқдори умумии корхонаҳои саноатӣ дар ҶШС Тоҷикистон 425 ададаш корхонаҳои нисбатан калон буда, аз онҳо 207 корхонаҳои саноати вазнин ва 119 ададашон корхонаҳои саноати сабук ба ҳисоб мерафтанд [13].

Лекин бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар аввали солҳои 90-ум, бо сабаби пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар (1992-1997), канда шудани алоқаҳои пешинаи иқтисодӣ, норасоии ашёи хом ва мавод барои соҳаҳои саноат, вазъи номусоиди сиёсию иҷтимоии кишвар, муҳоҷирати мутахассисони касбӣ аз кишвар (50%) ва ғ., соҳаи саноати кишвар рӯ ба танназул медиҳад. Дар даҳсолаи аввали соҳибихтиёрӣ, дар муқоиса бо дигар давлатҳои фазои пасошуравӣ, саноати Тоҷикистон махсусан зарбаи сахт дид. Дар аксарияти соҳаҳо коҳиши истеҳсолот 60-70% -ро ташкил медод. Масалан, дар саноати сабук - 64,8%, коркард - 63,6%, мошинсозӣ - 85,3%, истихроҷи маъдан - 20,4% ва ғайра [2].

Бо вуҷуди мушкилоти зиёд, пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон барои гузаштан аз низоми марказии нақшавӣ ва директивии идоракунии иқтисодӣ ба низоми бозорӣ иқдомҳои ҷиддии амалӣ андешид ва нияти худро барои озодсозӣ ва татбиқи ислоҳоти демократӣ дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт, махсусан,

соҳаи саноат эълон кард. Ҳамин тавр, сар карда аз солҳои 2000-ум, бо ташаббуси Ҳукумати кишвар ва қабули санадҳо ва барномаҳои гуногун оид ба рушди соҳаи саноат дар Тоҷикистон дар тамоми бахшҳои он дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омаданд.

Бо назардошти дастрасии ашёи хоми маҳаллӣ, вобаста набудан аз воридоти ашёи истеҳсолӣ, саноати сабук соҳаи афзалиятноки хоҷагии халқи кишвар ба ҳисоб меравад. Бо мақсади рушди соҳаи саноати сабук аз ҷониби Ҳукумати кишвар як қатор имтиёзҳо, аз ҷумла озод намудан аз боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда ва дигар имтиёзҳо ворид карда шудаанд. Дар натиҷаи дастгирии Ҳукумати кишвар бештари бахшҳои соҳа, аз ҷумла соҳаи ресандагӣ рушд ёфта, дар саросари кишвар як қатор корхонаҳои нав бунёд гардиданд, ки солона барои коркарди беш аз 100 ҳазор тонна нахи пахта имкон доранд. Ҳоло корхонаҳои саноати сабуки кишвар талаботи бозори дохилии мамлакатро бо риштаи пахтагин, матои пахтагини тайёр, маҳсулоти дӯзандагӣ, қолину ҷӯроб ва ғ. қонеъ ва таъмин мекунанд. Ин аст, ки дар муқоиса ба соли 1991 соли 2019 шумораи корхонаҳои саноати сабук 380% афзуда, зиёда аз 385 корхонаро ташкил дод ва маҳсулоти он ба 2636 млн. сомонӣ расид [16]. Ҳамин тавр, 27 июни соли 2009 дар ш. Хуҷанд корхонаи истеҳсолоти ресандагии ҶММ “Нику Хуҷанд” бо сармоягузории ҶСП “Хуҷанд Инвест Коттон” ва ширкати эронии “Нику Групп” бо коркарди 2500 тонна нахи пахта дар як сол ба кор оғоз намуд. Моҳи марти соли 2011 дар ноҳияи Зафаробод корхонаи истеҳсоли то 7 млн ҷӯроб дар як сол ба кор оғоз намуд. Худи ҳамон сол дар ноҳияи Мастчоҳ ҶММ “Олим-Текстайл” барои коркарди 5700 тонна пахта дар як сол таъсис дода шуд. Солҳои 2010 – 2015 дар вилояти Хатлон дар н. Ёвон корхонаи ҶММ “Хима-Текстил” бо иқтидори 14000 тонна нахи пахта ва ҶС “Зиёратшоҳ” дар н. Фархор бо иқтидори 200 тонна ба кор дароварда шудаанд. Моҳи сентябри соли 2010 дар ш. Норак ҶСК “Бофандаи Норак” дар заминаи фабрикаи “Бунафша” бо иқтидори коркарди 1200 тонна нахи пахта ба кор шуруъ кард. Соли 2009 корхонаҳои нави “Ресанда” ва “Пахтаи рушди Хатлон” ба кор дароварда шудаанд. Соли 2010 корхонаи пахтатозакунии «Насими Вахш» бо коркарди 30000 тонна пахта ва «Пахтаи Шаҳритус» ба кор шуруъ намуданд. Яке аз дастовардҳои бузурги соҳаи саноати сабуки кишвар ба роҳ мондани маҷмааи нассоҷии ҶСП «Ҷунтай – Данғара - Син Силу - Текстил» дар якҷоягӣ бо шарикони чинӣ дар соли 2016 ба ҳисоб меравад. Умуман, имрӯз дар кишвар 18 корхонаи ресандагӣ бо иқтидори коркарди 80 ҳазор тонна нахи пахта дар як сол фаъолият доранд.

Бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои бузурги ашёи хоми ғайримаъданӣ барои истеҳсоли маҳсулоти сохтмониро дошта, дар минтақа яке аз мавқеъҳои асосиро ишғол мекунад. Дар кишвар зиёда аз 400 конҳои бо захираи 30 намуди ашёи хоми гуногун, аз ҷумла, санги хоро, оҳаксанг, мармар, гранодиорит, оҳаксанги мармарӣ, хоку гаҷ, реги квартсӣ ва ғ. арзи вуҷуд доранд. Ин соҳаи муҳимми саноати кишвар тибқи як қатор санаду барномаҳо, аз ҷумла «Барномаи рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ барои давраи то солҳои 2015», ки барои дучанд афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ равона шудаанд, ба роҳ монда шудааст. Агар дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият дар ин соҳаи саноат ҳамагӣ 30 корхона кору фаъолият мекард, пас соли 2019 шумораи умумии онҳо ба 517 адад расида, шумораи коргарони доимӣ ба 10365 нафар расидааст, ки назар ба

соли 1991 сею ним маротиба зиёдтар аст. Амалишавии сиёсати Ҳукумати кишвар дар соҳаи сохтмон муайян кард, ки вобастагии кишварро аз воридоти семент, ангишт ва дигар навъҳои масолеҳи сохтмонӣ бартараф намуда, барои содироти хориҷии маҳсулоти ин соҳа заминаи хуб фароҳам оварда шуд, аз ҷумла дар ин соҳа истеҳсоли семент ба тавре гузошта шудааст, ки ҳоло он дар бозорҳои хориҷӣ фӯрухта мешавад.

Дар солҳои охир бо истифодаи сармояи ватанӣ ва хориҷӣ ва ашёи хоми маҳҳалӣ даҳҳо корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла истеҳсоли хишт, семент, маводи ғайримаъданӣ, коркарди санг ва ғ. сохта, ба кор дароварда шудаанд. Байни онҳо корхонаҳои азими сементбарории ҶДММ "Хуаксин Ғаюр-семент"-и н. Ёвон, ҶДММ «Тоҷ-Чайна-2013»-и ш. Ваҳдат, ҶДММ «Хуаксин Ғаюр Суғд-семент»-и н. Б. Ғафуров, корхонаи хиштбарории ҶДММ "Пейҷинг технология"-и н. Ҳисор, коркарди санг ҶДММ «Элегант»-и ш. Бӯстон, ҶДММ «Карон-мармар»-и н. Дарвоз ва дигар корхонаҳо ба шумор мераванд [15, с. 52].

Тибқи ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон – саноатикунонии босуръати кишвар солҳои 2018-2019 корхонаҳои истеҳсоли сангҳои ороишии "Зиркон" дар ш. Душанбе, "Хорои Хуҷанд" дар ш. Хуҷанд, корхонаи сементбарории "Моҳир семент"-и н. Ҷ.Балхӣ, корхонаи истеҳсоли шифер "Муқим-1" дар н. Ёвон, хиштбарории "Белтатекс" дар ш. Хуҷанд таъсис дода шудаанд. Илова бар ин, корхонаи "Сомоншифер" бо сармоягузории хориҷӣ таҷҳизоти технологии навро бо маблағи 300 ҳазор доллари ИМА ворид намуд. Дар заминаи корхонаи "Заводи асфалту бетон"-и ш. Душанбе хатти асфалтбарорӣ бо иқтидори 2000 тонна дар як шабонарӯз тариқи лизинг аз кишвари Итолиё васлу насб карда шуд. Ҳоло дар кишвар шумораи корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи ороишӣ ба 10 адад, истеҳсоли хишт ба 127 адад, истеҳсоли қуму шағал ба 172 адад расидааст, ки нисбат ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ 158% зиёд мебошад. Моҳи апрели соли 2016-ум бо иштироки Президенти кишвар дар н. Ёвон корхонаи истеҳсоли гаҷкартон - ҶДММ «Хуаҷиан Ғаюр Индастриал» бо иқтидори солонаи истеҳсолии 2,5 миллион дона ва 114 ҷойи нави корӣ ба истифода дода шуд. Дар ҳозира истеҳсоли солонаи гаҷкартон ба 1,5 миллион дона расида, он ба кишварҳои ҳамсояи Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Афғонистон ба фурӯш бароварда мешавад. Шумораи корхонаҳои сементбарорӣ низ афзоиш ёфта (то 19 корхона), дар муқоиса ба соли 2000-ум истеҳсоли семент зиёда аз 80 маротиба афзудааст. Акнун воридоти семент ба кишвар коҳиш ёфта, содироти он ба дигар кишварҳо низ афзуда истодааст. Соли 2019 содироти он ба 1,5 миллион тонна, аз ҷумла ба Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон – 333 ҳазор тонна, Қирғизистон – 294 ҳазор тонна ва Афғонистон – 40 ҳазор тонна расид [10].

Дар рушду нумуи иқтисодиёти кишвар корхонаҳои соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия саҳми назаррас ва мақоми махсус доранд. Лекин бо барҳам хӯрдани ИҶШС фаъолияти ин корхонаҳо тағйир дода шуда, ба истеҳсоли дигари маҳсулот табдил дода шудаанд. Аз ҷумла, аз соли 2005-ум сар карда, дар заминаи корхонаҳои соҳаи мошинсозӣ корхонаҳои коркарди партовҳои филизоти сиёҳу ранга таъсис дода шудаанд, ки ҳоло шумораи онҳо ба 35 адад расидааст. Ин гуна корхонаҳо аз партовҳои филизӣ, асосан, арматураи сохтмонӣ, кунҷакҳои металлӣ, симҳои филизӣ, шкифҳои алюминӣ истеҳсол карда, маҳсулоти тайёри худро ба дохил ва хориҷӣ кишвар пешниҳод мекунанд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ин корхонаҳо

солона то ба 25 миллион сомонӣ баробар шудааст. Ҳамин тавр, соли 2015 бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар иқтидорҳои истеҳсолии ҶСП “Новселмаш” корхонаи истеҳсоли обгармкунак фаъолияташро оғоз намуд [11]

**Ҷадвали №1. Нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии соҳаи саноат**

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳо | 1804 | 2164 | 2310 | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархҳои соли 2019, млн сомонӣ) | 13412 | 14083 | 15674 | 18182 | 22055 | 24393 | 27613 |
| Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳазор нафар | 76,3 | 81,7 | 81,2 | 80,9 | 86,8 | 85,6 | 84,2 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. Агентии омори назди Президенти ҶТ.

Аз ҷадвали мазкур маълум мегардад, ки ҳарсола нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаи саноати кишвар доимо тағйир меёбанд. Аммо бо вуҷуди ин, дар муқоиса ба солҳои пешин шумораи корхонаҳои соҳаи мазкур аз 1804 адад ба 2164 адад расидааст, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бошад, аз 13412 млн сомонии соли 2013 ба 27613 млн сомонӣ дар соли 2019, шумораи миёнаи солонаи коргарони соҳа аз 76,3 ба 85 ҳазор дар соли 2019 расидааст, ки аз рушди ботадриҷи соҳа гувоҳӣ медиҳад.

Ҳоло дар соҳаи саноати истихроҷи маъдани кишвар зиёда аз 250 корхона кору фаъолият доранд. Кӯшишу тадбирҳои солҳои охири Ҳукумати кишвар имкон фароҳам овард анд, ки бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ иқтидори истеҳсолии корхонаҳои истихроҷу коркарди маъдан сол то сол афзоиш ёфта, ҳиссаи худро дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ гузоранд. Бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои бузурги ангиштро дорост, аз ин рӯ, тайи солҳои охир дар кишвар ҳаҷми истеҳсоли солонаи ангишт аз як миллион тонна гузашта, дар натиҷа садҳо корхонаҳои гуногуни кишвар ба истифодаи ангишт гузаштанд, ки манфиати хуби иқтисодӣ дорад. Дар кишвар тайи солҳои охир ду корхонаи коркарди нафт бо иқтидори ду миллион тонна, се корхонаи саноати кимиё, коркарди филизоти ранга бо иқтидори истеҳсоли 1400 кг тилло, корхонаи азими металлургӣ бо иқтидори 50 ҳазор тонна руҳ ва 50 ҳазор тонна сурб, корхонаи металлургии бо иқтидори 400 ҳазор тонна таъсис дода шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти корхонаҳои нав сохташуда ба тамоми талаботи бехатарию экологӣ ҷавобгӯй буда, аз минтақаҳои аҳолинишин дар масофаи безарар ҷойгир карда шудаанд. Стратегияи рушди соҳаи саноат дар кишвар ба иваз намудани маҳсулоти воридотии саноатӣ бо маҳсулоти ватанӣ равона карда шудааст. Аз ин рӯ, дар кишвар корхонаҳои нави ёрирасон барои рушди соҳаҳои гуногуни саноат пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, дастгирӣ ва паст намудани сатҳи воридотии ашёи хом барои корхонаи стратегии кишвар Ширкати алюминийи “Талко” аз манфиат холӣ нест. Ширкати мазкур илова бар истифодаи қувваи корӣ, тамоми ашёи хом, масалан, криолитро аз хориҷа харидорӣ менамояд. Саҳми корхонаи мазкур дар иқтисодиёти кишвар назаррас буда, қисмати зиёди маҳсулоти саноатии кишвар дар он истеҳсол карда мешавад. Тавассути “Барномаи коркард ва

истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз алюминийи аввалия барои солҳои 2007-2015" иқдом гирифта шудааст, ки минбаъд маҳсулоти корхона дар кишвар зиёдтар коркард шуда, маҳсулоти тайёр аз алюминий ба хориҷа, ки ба он талабот вуҷуд дорад, фурӯхта шавад ва бо ин рақобатнокии он афзоиш дода шавад.

Аз ин рӯ, истифодаи ангишти кони "Фон-Яғноб", ки 95% он кокси ангиштсангӣ ва кокси рехтагарии металлургӣ ба ҳисоб меравад, дар истеҳсоли аноди пухта истифода мегардад. Илова бар ин, ҳоло бо ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ сохтмони се корхонаи истеҳсоли криолит, кислотаи сулфату фторид, ки боиси ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронида мебошад, идома ёфта истодааст. Пешбинӣ шудааст, ки ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои мазкур Ширкати алюминийи "Талко" имкон пайдо мекунад, ки ҳарсола бо маблағи 280 млн сомонӣ маҳсулотро ва молҳои содиротиро дар кишвар истеҳсол намояд. Флюорит барои истеҳсоли криолит ва алюминийи фтордор ашёи хоми асосӣ ба ҳисоб рафта, истихроҷи он дар ҳаҷми 300 ҳазор тонна аз кони "Такоб"-и н. Варзоб ба нақша гирифта шудааст. Дар натиҷаи коркарди маъдани истихроҷшуда дар корхонаи "Такоб" истеҳсоли ҳарсолаи 60 ҳазор тонна флюорити тоза пешбинӣ шудааст.

Ғайр аз ин, бо мақсади паст намудани сатҳи вобастагии ширкати мазкур аз ашёи хоми хориҷӣ, ҳоло дар н. Ёвон сохтмони иншооти истеҳсоли криолит бо маблағи 200 млн сомонӣ рафта истодааст. Тибқи нақшаи лоиҳа, дар корхонаи сохташаванда бояд то 18 ҳазор тонна фториди алюминий ва 12 ҳазор тонна криолит ҳарсола истеҳсол карда шавад. Дар заминаи корхонаи мазкур бояд корхонаи истеҳсоли кислотаи сулфат бо иқтидори солонаи 100 ҳазор тонна бо маблағи 180 млн. сомонӣ сохта шавад. Татбиқи лоиҳаи мазкур то 1000 ҷойҳои кории навро барои мутахассисони маҳаллӣ таъмин хоҳад кард [19]. Бояд қайд кард, ки ҶДММ «Талко Кемикал» мутобиқи масъалаҳои қабули давлатии иншооти анҷомёфтаи корхонаҳои «криолит ва алюминийи фтордор» ва мутобиқсозии баъзе корҳои ташкиливу омодагӣ ба истеҳсолот ва захира намудани ашёи хом дар семоҳаи аввали соли 2019 фаъолият накарда, аз моҳи апрели соли равон мувофиқи нақшаи қаблан такмил додашуда ба истеҳсоли маҳсулотҳои кимиёвӣ, ба монанди алюминийи фтордор, криолит ва коагулянт шуруъ намуд. Ин корхона дар 11 моҳи соли 2019 дар ҳаҷми 51,7 млн сомонӣ маҳсулот баровард, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018, 13,8 млн сомонӣ зиёд мебошад. Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулот 136,3% таъмин шудааст. Корхонаи мазкур дар 11 моҳи соли 2019 фториди алюминийро дар ҳаҷми 3761,2 тонна, криолит 632,8 тонна ва коагулянтро дар ҳаҷми 173,1 тонна истеҳсол намудааст. Дар 11 моҳи соли 2019 ин корхона дар ҳаҷми 3605 тонна фториди алюминий, 417,6 тонна криолит, 438,3 тонна кислотаи сулфат ва 820,0 тонна коагулянт, дар маҷмуъ ба маблағи 53,5 млн сомонӣ ба фурӯш баровард. ҶДММ «Талко Кемикал» дар ҳамин давраи соли равон ба миқдори 2496,8 тонна фториди алюминий ба маблағи 34,3 млн сомонӣ ба Федератсияи Русия содирот намуд. Инчунин, ба КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» 417,1 тонна криолит ба маблағи 2961,5 ҳазор сомонӣ ва 1107,9 тонна фториди алюминий ба маблағи 13209,4 ҳазор сомонӣ, дар маҷмуъ ба маблағи 16171,0 ҳазор сомонӣ маҳсулот интиқол дода шуд. Ба КВД «Обу корезӣ»-и шаҳри Душанбе бошад, 820 тонна коагулянт ба маблағи 1934,9

ҳазор сомонӣ ва дигар корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ зиёда аз 438,3 тонна кислотаи сулфат ба маблағи 1012,7 ҳазор сомонӣ маҳсулот фӯрухта шуд [3].

Ҳамин тавр, дар стратегияву барномаҳои рушди миёнамуҳлат ва дарозмуддати рушди иқтисоди миллӣ тавассути тараққиёти индустриалӣ пешбинӣ шудааст, яъне Тоҷикистон бояд аз кишвари аграрию саноатӣ ба кишвари саноатию аграрӣ ва дорои саноати рушдёфтаи устувор табдил дода шавад.

Моҳи сентябри соли 2017 дар Ҳисор корхонаи нави истеҳсоли қубурҳои профилии металлии даврашакл ва чоркунҷашакл - ҶДММ «Истеҳсоли труба ва профили тоҷик» ба фаъолият шуруъ намуд, ки дар заминаи он 41 нафар ҷойҳои кории нав бо музди маоши миёнаи 1100 сомонӣ таъсис дода шуд. Ашёи хоми корхона - варақаи металлӣ аз Федератсияи Русия харидорӣ мешавад ва хатҳои технологӣ ба маблағи 5,8 млн сомонӣ аз Ҷумҳурии Халқии Хитой ворид ва васлу насб карда шудаанд. Намудҳои маҳсулоти дар корхона истеҳсолшаванда аз рӯйи ғафсии металл ва андозаашон то ба 30 намуд мерасад, ки 10 намуди он профилҳои даврашакл буда, 20 намуди дигараш профилҳои чоркунҷашакл ба ҳисоб меравҳанд. Нархи фурӯши 1 тонна маҳсулоти тайёри корхона ба ҳисоби миёна ба 650 сомонӣ баробар буда, иқтидори солонаи корхона 2500 тоннаро ташкил медиҳад. Дар 11 моҳи соли 2019 корхона ба маблағи 38,6 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуд, ки ин назар ба ҳамин давраи соли гузашта 9,7 млн сомонӣ зиёд мебошад. Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти корхона 133,8% баробар таъмин карда шуд.

Моҳи майи соли 2018 марҳилаи аввали корхонаи ҶСП «Агротехсервис»-и ш. Ҳисор ва марҳилаи дуюм, моҳи сентябри соли 2018 расман бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко мавриди истифода қарор дода шуд, ки бо ворид намудани қисмҳои эҳтиётӣ ба ҷамъу васли тракторҳо ва мошинолоти истеҳсоли Беларус машғул мебошад. Дар 11 моҳи соли 2019, корхона ба маблағи 18,5 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуд, ки назар ба 11 моҳи соли 2018 4,5 млн сомонӣ зиёд мебошад. Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти корхона 132,2 % баробар таъмин карда шуд. Дар 11 моҳи соли 2019 103 трактори тамғаҳои «Беларус 82.1» ва «Беларус 80Х», 38 адад тойбанд, 36 адад ядак ҷамъу васл карда шудаанд. Дар 11 моҳи соли ҷорӣ корхона ба миқдори 16 адад ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон 8 адад тракторҳои тамғаи «Беларус 80Х» барои коркарди байни қаторҳои пахта ва 8 адад тракторҳои тамғаи «Беларус 82.1», 24 ядак ва ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон 10 адад трактори тамғаи «Беларус 512» бекабина содирот намуд. Иқтидори истеҳсолии солонаи корхона 1700 адад трактор ва мошинолоти кишоварзӣ мебошад.

Соли 2017 дар н. Спитамени вилояти Суғд аз тарафи ҶСП «Норд Азия металл» корхонаи истеҳсоли қубурҳои профилии металлии даврашакл ва чоркунҷашакл бо иқтидори 60 ҳаз. тонна маҳсулот дар як сол бо истифода аз хатти технологии муосир оғоз гардид. Ҳангоми пурра ба фаъолияти истеҳсолӣ шуруъ намудан, 120 нафар ҷойи нави корӣ фароҳам мегардад. Маҳсулоти ин корхона дар бозор талаботи зиёд дорад, аз ин рӯ, дар 11 моҳи соли 2019 корхона ба маблағи 174,1 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуд, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 14,8 млн сомонӣ зиёд мебошад. Нархи фурӯши 1 тонна маҳсулоти тайёри корхона ба ҳисоби миёна ба 860 доллари ИМА баробар мебошад. Ашёи хом яъне, варақаи металлиро корхона аз

Федератсияи Русия ва Қазоқистон харидорӣ ва ворид менамояд. Дар ин давра корхонаи мазкур ба маблағи 4,1 млн сомонӣ (524 тонна) маҳсулоти истеҳсолнамудаи худро ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон содирот намудааст [4].

14-уми феврали соли 2018 бо иштироки Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корхонаи ҷамъу васли автобуси мусофиркаши тамғаи «Акия» дар шаҳри Душанбе мавриди истифода қарор дода шуд. Истеҳсоли автобусҳои мусофиркаши тамғаи «Акия» аз тарафи КМ тоҷикию туркӣ «Акия Авесто Автоматив Индастри» дар заминаи КВД «Насби нақлиёти барқӣ (тролейбус)»-и шаҳри Душанбе ба роҳ монда шуда, иқтидори истеҳсолии корхонаи мазкур солона аз 250 то 300 автобус мебошад. Аз оғози фаъолияташ корхонаи мазкур 162 адад автобусро ҷамъу васл намуда, ба истифода додааст. Дар моҳи ноябри соли 2019 корхона 23 адад ва дар 11 моҳи соли 2019 128 адад автобусро ба маблағи 113,5 млн сомонӣ (нисбат ба соли 2018 121,1 млн сомонӣ зиёд) ҷамъу васл намуда, ба фурӯш баровардааст, ки нисбат ба соли гузашта 9 адад зиёд мебошад. Айни замон нархи як адад автобуси тамғаи АКИА-и истеҳсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон 132 ҳазор евро мебошад. Шумораи кормандони корхона ҳоло зиёда аз 40 нафарро ташкил дода, баъди пурра ба истифода додани корхонаи мазкур шумораи ҷойҳои корӣ бояд ба 200 нафар расонида мешавад. Дар минтақаи саноатии ш. Гулистони вилояти Суғд бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 31 марти соли 2019 ҶДММ «Маҳмуд ва Компания»-и ш. Гулистони вилояти Суғд мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Дар корхона арматура истеҳсол карда мешавад, ки дар сохтмони бинову иншооти гуногун, махсусан биноҳои бисёрошёна истифода мегардад. Иқтидори истеҳсолии ҶДММ «Маҳмуд ва Компания» то 50 ҳазор тонна маҳсулот дар як сол мебошад. Тақрибан 30% ашёи хом аз дохил ва боқимондаи он тибқи шартнома, аз Ҷумҳурии Қазоқистон ворид карда мешавад. Корхонаи мазкур дар масоҳати умумии 2,4 гектар бунёд гардида, 100 нафар мутахассисони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши баланд таъмин гардиданд. Корхона аз оғози фаъолияташ 490,0 тонна маҳсулот ба маблағи 1429,7 ҳазор сомонӣ истеҳсол намудааст.

Дар соҳаи саноат ҳоло дар самти коркарди металлҳои сиёҳ ва ранга ва истеҳсоли маводҳои таркандаи саноатӣ дастовардҳои бештар ба назар мерасанд. Махсусан, фаъолияти корхонаи истеҳсоли қубурҳо ва профилҳои металлӣ - ҶСП «Норд Азия металл»-и н. Спитамен, ҶДММ «Труба ва профилҳои тоҷик»-и ш. Ҳисор, корхонаи истеҳсоли профилҳои алюминӣ - ҶДММ «Тоҷпроф»-и МОИ «Суғд», ҶДММ “Оҳангудозии Тоҷикистон”-и н. Рӯдакӣ ва корхонаҳои нави истеҳсоли маводҳои таркандаи саноатӣ - ҶДММ КМ «Муосир» ва ҶДММ «Колорит технолоҷӣ» назаррас буда, ҳиссаи маҳсулоти корхонаҳои номбурда дар ҳаҷми маҳсулоти соҳа тадриҷан зиёд гардида истодааст. Саноатчиёни кишвар дар соли 2019 дар самтҳои гуногуни саноат фаъолият намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро ба 27 миллиарду 586,6 млн сомонӣ расониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 3 млрд 809,4 млн сомонӣ зиёд гардида, суръати афзоиш 113,6 фоизро ташкил дод.

Бояд тазаккур дод, ки дар Тоҷикистон дар соли 2019 дар соҳаи саноат — 219 корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси 2942 ҷойи корӣ, аз ҷумла, дар вилояти Суғд — 59

бо 969 ҷойҳои кории нав, вилояти Хатлон — 57 корхона бо 678 ҷойҳои кории нав, ВМКБ — 3 корхона бо 87 ҷойҳои кории нав, шаҳри Душанбе — 60 корхона бо 812 ҷойҳои кории нав ва НТҶ — 40 корхона бо 386 ҷойҳои кории нав сохта ба истифода дода шудааст. Аз шумораи умумии корхонаҳои нав: 38 — корхона ба соҳаи мошинсозӣ, 53 корхона ба саноати сабук, 50 корхона ба соҳаи масолеҳи сохтмон, 62 корхона ба саноати хӯрокворӣ, 2 корхона ба саноати маъдан, 1 корхона ба саноати ангишт, 5 корхона ба соҳаи табъу нашр ва 8 корхона ба дигар соҳаҳо рост меояд [12].

Ҳамин тавр, вазъи соҳаи саноатро дар 20 соли охир таҳлил намуда, метавон чунин хулосабарорӣ намуд.

Таърихи рушди соҳаи саноати кишварро метавон ба ду марҳила (давра) ҷудо кард: давраи аввал – солҳои 1990-2000-ум ва давраи дуюм аз соли 2000-ум то ҳозир. Дар давраи аввал бо сабабҳои гуногун рушди соҳаи саноат рӯ ба таназзул ниҳод, аз ҷумла: бо сабабҳои тағйирёбии сохтори ҷамъиятӣ-сиёсии кишвар дар натиҷаи пошхӯрии ИҶШС; оғози ҷанги шаҳрвандӣ, ки тамоми иқтисоди миллиро, аз ҷумла соҳаи саноатро ба даҳсолаҳо қафо партофт; набудани маблағгузории кофӣ аз тарафи давлат; канда шудани алоқаҳои пешин бо ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ; ба муҳоҷират рафтани қисмати зиёди мутахассисони касбӣ, аз ҷумла роҳбарону кормандони русзабон, ки асоси соҳаи саноати ҷумҳуриро ташкил мекарданд ва дигар сабабҳо.

Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2000-2020) соҳаи саноати кишвар рӯ ба инкишоф ниҳода пайдарпай рушд ёфта истодааст. Чунин соҳаҳои саноат, ба монанди хӯрокворӣ, соҳаи дӯзандагӣ ва ресандагӣ, коркарди маъданҳо, истихроҷ ва энергетика бо суръати баланд рушд карда, иқтисоди миллиро тадриҷан ғанӣ гардонида истодаанд. Дар ин солҳо ҳиссаи соҳаи саноат дар ММД кишвар то 27% расид, ки дар муқоиса ба солҳои 1990-ум мусбӣ арзёбӣ мешавад.

Дар таърихи рушди соҳаи саноати кишвар иқдому қарорҳои Ҳукумати кишвар оид ба баровардани барномаву қонунҳои рушди соҳаи саноат аҳамияти хосса доранд. Махсусан, Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Қонун "Дар бораи рушди соҳаи саноат" ва гузариши ҷумҳурӣ аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ дар даҳсолаҳои наздик соҳаи мазкурро ба даҳсолаҳо пеш бурда, ҷумҳурӣ ба дастовардҳои зиёде ноил гардид.

Масъалаҳои муҳим дар рушди соҳаи саноати кишвар ин боз ҳам аҳамияти ҷиддӣ додан ба ин соҳа, аз ҷумла, тайёр намудани мутахассисони касбӣ, инженеру технологҳо, васеъ намудани ҳамкориҳо бо дигар кишварҳо бо мақсади рушди соҳаи мазкур, ворид намудани имтиёзҳои иловагӣ ва озод намудан аз ҳар гуна пардохтҳо, таҳияи механизмҳои муосир оид ба коркарди ашёи хоми маҳаллӣ бо мақсади содироти маҳсулоти тайёр ба хориҷа, зиёд намудани корхонаҳои саноати вазнин ва бо технологияи муосир алоқаманд, ҷудо намудани маблағҳои иловагӣ барои рушди соҳа, тағйир додани сметаи хароҷотҳои буҷаи давлатӣ нисбат ба соҳаи саноат, ҷалб намудани маблағгузориҳои калон ва бо ин таъмин намудани мақсади стратегии кишвар – гузариш ба кишвари саноатӣ-аграрӣ, маҳсуб меёбанд.

**Муқарриз: Холмуродзода М.- н.и.т., ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 18.05. 2017, Душанбе, № 5 (384), қ. 1, мод. 272.
2. Давлатзода М. Дар ш. Норак фабрикаи "Бофандаи Норак" фаъолияташро оғоз намуд // Энергетика ва саноат. -2010. -№10. -С.13

3. Давлатзода М. Рушди саноат // Энергетика ва саноат. -2012. -№5-6. -С.5.
4. Консепсия рушди саноати ҶТ // Қарори Ҳукумати ҶТ аз 04.12.2003. №523.
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020». №409, аз 30.08.2011.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯроквории ғанигардонидашуда». №1635, аз 19.07.2019.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он. №1506, аз 21.02.2018.
8. Қарори ҶТ «Дар бораи тасдиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» МНМО. -№678, аз 26.12.2016.
9. Мухтори Абдулло. Барномаи рушди саноати сабук дар Суғд чӣ гуна амалӣ мегардад? // Садои мардум. -№147(3293), 09.12.2014.
10. Олимбеков Қ. Иҷтимоиёт // Ҷумҳурият. -№105-106. 11.08.12.
11. Президенти кишвар ба ноҳияи Ёвон сафар кард // Хатлони нав. 2010. 6 ноябр. С.2.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 26.01.21 с. [Манбаи электронӣ]. Санаи муроҷиат: 06.05.21. https://soi.tj/?p=2374&lang=tg
13. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. 1.10.2016 с. -С.8-15 (106).
14. Тоҷикистон 20. // Бахшида ба 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2011. -С.52 (372).
15. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. –Душанбе: Ганҷ-Нашриёт, 2018. С.181-183. (436).

## РУШДИ СОҲАИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф ташаккул ва рушди соҳаи саноат дар даврони соҳибистиқлолиро мухтасар мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки Ҳукумати кишвар дар сиёсати давлатии худ рушди соҳаи саноатро аз ҳама афзалиятнок ҳисобида, ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, гузариши ҷумҳурӣ аз кишвари агросаноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ ва барономаи амалигардонии ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноаткунонии босуръати кишвар мушаххасан қайд карда шудааст. Муаллиф таърихи рушди соҳаи саноати кишварро мувофиқи ду давра: аввали солҳои 90-ум ва аз солҳои 2000-ум то ҳозир баён намуда, қайд менамояд, ки дар солҳои 2000-2020 саноати кишвар рӯ ба рушд ниҳод, аз ҷумла чунин соҳаҳо: саноати хӯрокворӣ, коркарди маъданҳо, энергетика бо суръати баланд рушд ёфта, иқтисоди миллиро ғанӣ гардонида истодаанд. Дар таърихи рушди соҳаи саноати кишвар иқдому қарорҳои Ҳукумати мамлакат нақши муассир доранд. Муаллиф дар мақола дуруст ва амиқ будани самти стратегияи рушди саноат таҳти роҳбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ ба муваффақиятҳои беназир ноил шуда истодааст.

**Калидвожаҳо:** истиқлолият, саноат, иқтисодиёт, рушд, минерология, стратегия, технология, инноватсия, энергетика, саноати сабук, маҳсулот, барнома.

## РАЗВИТИЕ СФЕРЫ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

В данной статье автор рассматривая развитие и формирование сферы промышленности в периоде независимости, приводит достоверные факты показательного уровня статистики промышленности. Всем известно, что сфера промышленности является приоритетным в государственной политике страны и правительство уделяет особое внимание вопросам промышленности. В Стратегии развития Республики Таджикистан до 2030 года особо отмечены переход республики от аграрной страны к аграрно-промышленной, также программа реализации четвертой стратегической цели, то есть ускоренная индустриализация страны. Автор выделяет два этапа в истории развития сферы промышленности страны: первый этап – начало 90-х годов, второй – с 2000 годов до сих пор, также отмечает, что особый темп развития индустрии страны был достигнут в период 2000-2020 годы, поскольку развивались продовольствие, обработка минералов, энергетика, которые способствовали обогащению национальной экономики. В истории развития промышленности страны особое значение имеют принятые правительством необходимые резолюции и программы. С уверенностью автор отмечает, что Республика Таджикистан путем

принятия стратегии развития промышлености под непосредственным руководством Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента страны достигнет высоких результатов.

**Ключевые слова:** независимость, промышленость, экономика, развитие, минералогия, стратегия, технология, инновация, энергетика, легкая промышленность, продукция, программа.

**DEVELOPMENT OF THE INDUSTRY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE**

In this article, the author, talking about the development and formation of the industry in the period of independence, cites reliable facts and an indicative level of industry statistics. Everyone knows that the industry is a priority in the state policy of the country and the government pays special attention to industrial issues. In the Development Strategy of the Republic of Tajikistan until 2030, the transition of the republic from an agrarian country to an agro-industrial one is especially noted, as well as a program for the implementation of the fourth strategic goal, that is, the accelerated industrialization of the country. The author identifies two stages in the history of the development of the country's industry: the first stage - the beginning of the 90s, the second - from 2000 to the present, also notes that the special pace of development of the country's industry is the period 2000-2020, since food, processing minerals, energy, which contributed to the enrichment of the national economy. In the history of the development of the country's industry, the necessary resolutions and programs adopted by the government are of particular importance. The author notes with confidence that the Republic of Tajikistan, through the adoption of an industrial development strategy under the direct supervision of the Founder of the mil and national unity, the Leader of the Nation, the President of the country, will achieve high results.

**Keywords:** independence, president, industry, economy, development, mineralogy, strategy, technology, innovation, energy, light industry, products, program.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шеравганзода Зулфия*** **-** Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. **Суроға:** 735360,Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Борбад. Телефон: **881111095, 989111095.**

**Сведения об авторе:** ***Шеравганзода Зулфия*** - Институт технологий и инновационного менеджмента в городе Куляб, ассистент кафедры гуманитарных наук. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Борбад. Телефон: **881111095, 989111095.**

**Information about the author:** ***Sheravganzoda Zulfiya*** - Institute of Technology and Innovation Management in the city of Kulyab, assistant of the Department of Humanities. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, Borbad street. Phone: **881111095, 989111095.**

УДК: 130. 3 (575.3) –(575.1)

## ШАРҚИ БОСТОН ВА ЗУҲУРИ ҲУНАРИ НАФИСИ ИНСОН

*Аминов* **Ф.А.**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҳқиқи илмии таърихи Шарқи қадим асосан аз асри XIX оғоз мегардад. То ин замон мавҷуд набудани усулҳои таҳқиқоти илмӣ дар кашфи асрори дунёи қадим, бахусус Шарки қадим мушкилотҳои зиёде пеш меовард. Доир ба таърихи Шарқи қадим он қадар далелҳои сохтаю бофта эҷод шуда буд, ки илми воқеиро барои бартараф намудани ин ривояту андешахои ғайриилмӣ лозим омад ба таҳқиқотҳои беназири илмӣ даст ёбад. Танҳо давоми ду қарни гузашта олимон ҳақиқатҳои таърихиро бо истифода аз усулҳои нозуку мураккаби бостоншиносӣ кашф намуда, дар ҷараёни ин амалиётҳо сангҳои ҳазорсолаҳо ноаёнбударо ба забон оварда, дастхатҳои сиёҳкардашударо хонданд. Дар заминаи таҳкиқи бозёфтҳои моддию маънавии Шарқи қадим маълумотномаҳои априории достону ривоятҳо чун чанги болои дафтар парешон шуда, ёдгорихои ҳакиқии бостоншиносӣ, таҳлили бунёдии маълумотномаҳои хаттӣ имкон дод илми воқеии таърих доир ба Шарқи қадим қарнҳои XIX ва XX тархрезӣ гардад. Ёдгориҳои хаттию ашёӣ барои муайян намудани таърихи се ҳазор сол пештар аз милод мусоидат намуд ва натиҷагириҳои муътамади илмӣ даврабандию марҳиласозии таърихи Шарқи қадимро устувор сохт. Хусусияти хоси тамаддунофарии Шарқи бостон пеш аз ҳама ташкили ҷамъиятии меҳнат, эҷод намудани иқтисоди истеҳсолкунанда аст, ки маҳсулоти иловагию изофагиро ба вуҷуд оварда, онро ба хидмати ҷомеа вогузор сохт. Агар тарзи истеҳсолоти обшинаи ибтидоӣ хоҷагии фоидаоварро сарфи назар кунад, оқилона ташкил намудани иқтисодиёте, ки арзиши барзиёдро ба вуҷуд меорад, барои пайдо шудани ниҳоди моликияти хусусӣ ва дар оқибат пайдо шудани давлат мусоидат мекунад. Ба вуҷуд омадани шаҳр ва ҳунари шаҳрсозӣ низ имкон дод, ки захираҳои зиёди моддию интеллектуалии инсон дар як минтақаи марказӣ ғун шуда, нерӯи хирад, фаъолияту талабот ва эҳтиёҷоти шаҳрвандонро ба сӯи тадбиру ҳунар ва ӯҳдабароӣ равона созад. Шаҳрҳо хазинаи ғун шудани неруи интеллектуалии инсони дунёи қадим шуданд. Маҳз Шарқи бостон дар миёни даҳҳо ҳудудҳои зисти инсон маркази пайдо шудани хунари эъҷозгарона, маҳорати муъҷизаосор ва дар ҳақиқат гаҳвораи тамаддуни инсон гашт. Тадбирҷӯию ҳунари коршиносонаи шарқиёни бостон раванди сохтмони роҳу иншоотҳои зист, қасру кушкҳо, маъбаду пирамидаҳо, каналсозию ихтирои ҳуруфро (пиктограммаҳо) қувват бахшид ва боиси пайдо шудани тамаддунҳои таърихӣ гардид. Ихтирои ҳуруф, низоми нишонаю рамзҳои графикӣ шоҳиди ҳунару маърифат ва фарҳанги нав буда, қадами бузурге дар ташаккули тамаддуни моддӣ ва нерӯи интеллектуалии инсон хоҳад буд. Ҳуруф имкон дод, ки инсон аз рӯзгори бостонии хеш ба ояндагон ахборҳои зиёдеро бокӣ монда, ба воситаи он таҷрибаи ғункардаи хешро ба наслҳои баълӣ ба меросӣ гузорад. Ватани ихтирои ҳарф Шарқи бостон аст. Таърих гувоҳ аст, ки дар Шарқи қадим бори аввал ҳайвонҳоро хонагӣ намуда, дарандаҳои ваҳширо низ ром намуданд. Календарро дар Шумери бостон эҷод кардаанд. Қадимтарин аҳромҳои зинақадамро дар Шумер сохтаанд, сипас дар Миср. Маҳз тамаддуни Байнанаҳрайн бунёди математика ва астрономияро гузошта, низоми пулиро ихтироъ намудааст. Бисёре аз муҳаққикон бар он ақида ҳастанд, ки тамаддуни Миср ва Байнанаҳрайн дар як марҳилаи таърихӣ, баробар ташаккул ёфтаанд. Ҳарчанд, ки майлони инкишофи онҳо фарқ намуда, ҳар кадоме аз ин тамаддунҳо хусусияти хоси худро доранд.

Низоми ташаккули давлат ҳамчун унсури асосии ҳаёти сиёсӣ низ бори аввал дар Шарқи бостон муяссар шуд. Боиси ифтихор аст, ки файласуфи забардасти олмон

Георг Гегел ватани тоҷикнишинро нуқоти аввалин давлати бузурги бостонӣ баҳогузорӣ кардааст: «Форсҳо аввалин халқи таърихиянд. Персия (Форс) нахустин давлати азбайнрафта аст... Принсипи инкишоф дар таърихи Персия ҳувайдо мегардад ва аз ин рӯ таърихи умумиҷаҳонӣ, хуласи гап, аз таърихи он шурӯъ мешавад» [3, с.209]. Талаботу эҳтиёҷ ва заруриятҳои истеҳсолӣ-чамъиятӣ пешбарандаи фаъолияти инсонҳо буда, ҳунару истеъдод ва малакаи нодири инсонҳо низ дар алоқамандӣ ба ҳамин заруриятҳои ҳаётӣ ташаккул меёбанд. Дар Мисри бостон васеъ паҳн шудани бемориҳои чашм ба афзоиш ёфтани табибони чашм оварда расонд. Инҷо усулу тарзҳои хубтари технологиро барои рафъи ин бемориҳо ихтироъ карданд. Гегел раванди ташаккули қобилиятҳои тахассусиро дар Мисри бостон таҳлил намуда, менависад: «… табибони мисрии бемории чашм, ки зарурияти онҳо бар асари паҳн шудани бемориҳои чашм дар Миср афзуда буд, бо санъати хеш маълуму машҳур гашта буданд». [3, с.235].

Қобили зикр аст, ки таҳқиқи ниҳоии Шарқи қадим ба поён нарасидааст. Ин марҳилаи бостонии таърихи башарият ҳоло ҳам дар ҷараёни омӯзишҳои иловагӣ қарор дошта, далелҳои нав ба нав саҳифаҳои ҳанӯз норавшан ва марҳилаҳои ториктари таърихи Шарқи қадимро ифшо хоҳанд кард. Олимони тоҷик низ ба таърихи Шарқи бостон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, паҳлуҳои мубоҳисаомез ва давраҳои ҳанӯз наомӯхтаи онро мавриди таҳлилу таҳкиқ қарор додаанд. Дар тавсиф, тасвир ва таҳқиқи таърихи Шарқи бостон, ки тамаддуни ориёӣ ҳамчун фарҳанги классикии бостонӣ ҷузъи таркибии он аст, муҳаққиқони тоҷик саҳмгузорӣ намудаанд. Омӯзиши таърихи бостон мафкураи насли наврасро ба сӯи шинохти миллӣ ва иртиқои ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносӣ раҳнамоӣ мекунад. Беҳтарин ва муфидтарин васоити ба тафаккури насли ҷавон, равшанфикрон ва алоқамандони таърих ҷой намудани донишҳо доир ба Шарқи бостон китоби дарсӣ аст. Ба муҳаққиқон маълум аст, ки навиштани китоби дарсӣ, хусусан китоб барои донишҷӯёни тахассусҳои нодир корест гарон ва заҳматест бепоён. Нависандаи китоби дарсиро мебояд дониши васеи илмию назариявӣ дошта бошад. Консепсияҳои мухталифи илмиро муқоиса карда, методҳои муфидтари таҳқиқотиро истифода карда тавонад. Муҳимтар аз ҳама китобе нависад, ки хушфаҳм ва ҷолиб буда, дар сутуҳи баланди илмӣ иншо шуда бошад. Таҷрибаи таҳсилоти олии касбӣ гувоҳ аст, ки баъзе китобҳои дарсӣ аҳамияти даҳсола не, балки арзиши садсоларо соҳибанд. Чунин китобҳоро даҳҳо насли донишмандону муҳассилин истифола мекунанд ва аз ғановати маънии он ҳаловат мебаранд. Дар мақолаи зайл мо азм кардем ба таъиноти инсони эҷодкор ва ҳунари дунёсозандаи ӯ дар пайвастагӣ бо таълифоти доктори илмҳои таърих, профессор Абдувалӣ Қушматов «Таърихи Шарқи қадим» андешаҳо баён кунем. Баъд аз мутолиаи китоби доктори илмҳои таърих, профессор Абдувалӣ Қушматов «Таърихи Шарқи қадим» ба хулоса омадан мумкин аст, ки ин китоби таълимиро низ сарнавишти ифтихории таърихӣ интизор аст [6, 456 с.]. Муаллиф дар боби аввали китоб мафҳуми «Таърихи Шарқи қадим»-ро баррасӣ намуда, чанд назарияи буржуазиро, ки моҳиятан ғайриилмӣ мебошанд, мавриди танқиди воқеӣ қарор медихад. Аз ҷумла, назарияи «сиклӣ»-и таърихи дунёи қадимро, ки Э. Мейер ва Р. Пёлман пешниҳод менамоянд, таҳлил карда, ба хулоса меояд, ки дар ин консепсия раванди табиию таърихӣ дар алоқамандӣ ба тарзи истеҳсолоти моддӣ тасвир намегардад. Прогресси таърихию ҷамъиятӣ ҳамчун қонуни умумии раванди таърихӣ ба эътибор гирифта нашуда, таркиботи иҷтимоию таърихии ҷомеа ҳамчун натиҷаи тақсимоти ҷамъиятии таърихан ташаккулёфтаи меҳнат, норавшан мемонад. Андешаи профессор Абдувалӣ Қушматов ба назарияи марксистии форматсияҳои ҷамъиятию иқтисодӣ такя мекунад, ки таърихи дунёи қадимро чун таърихи форматсияи иҷтимоию иқтисодии ғуломдорӣ тавсиф дорад. Ин консепсия, (новобаста ба зиддияти фикрҳо нисбати он) дар алоқамандӣ ба инкишофи иҷтимоию иқтисодии раванди таърихӣ беҳтарин назария буда, дар муқоиса ба назарияи културологии Освалд Шпенглер [7]. ва назарияи тамадунии Арнолд Тойнби [9, 640 с]

афзалиятҳои зиёд дорад. Назарияи «инкишофи амвоҷии» таърих, ки ба Олвин Тофлер[10, 784 с.] тааллуқ дорад нисбат ба назарияи форматсионӣ хело ҳам заифтар буда, дар мундариҷаи он фарзияҳое пешниҳод мегардад, ки мундариҷаи он аз таълимоти таърихнигории Георг Гегел ва Карл Маркс об мехӯрад.

Аслан дар назарияи форматсионӣ, ки ба консепсияи фаҳмиши материалистии таърих бунёд ёфтааст, таҳлили воқеии илмӣ дар заминаи ба инобат гирифтани ҷузъиётҳои таркибии ҷомеаҳои пасисарнамудаи инсоният, ба эътибор гирифта мешавад. Тарзи истеҳсолоти моддию маънавӣ, инкишофи қувваҳои истехсолкунанда ва дар бунёди он таҳия шудани надстройкаи ҳуқуқию сиёсӣ, ки олами маънавии инсон, шаклҳои шуури ҷамъиятиро эҷод мекунад, тавсиф мешавад. Фаҳмиши материалистии таърих беҳтарин дастоварди марксизм буда, дар робита ба таърихи Шарқи қадим низ ин фаҳмиш побарҷой қарор дорад. Сабабҳои объективию субъективии ташаккул, инкишоф ва таназзули ҷомеаи бостонии Шарқи қадим низ дар доираи фаҳмиши материалистии таърих мувофиқ омада, ҳама гуна мавқеи методологӣ ва принсипи таҳқиқотӣ бо истинод ба ин консепсия дуруст ва ҳаққонӣ хоҳад буд. Ҷолиби таҳсин аст, ки профессор Абдувалӣ Кушматов маҳз консепсияи материалистии таърихро ба эътибор гирифта, раванди инкишофу тараққӣ ва таназзули кишварҳои бостонии Шарқро ба як низоми қотеонаи табиию таърихӣ тобеъ месозад. Дар тасвири профессор А. Қушматов фурӯравии ҷомеаи обшинаи ибтидоӣ дар заминаи пайдо шудани тарзи истеҳсолоти ғуломдорӣ ва нахустин нишонаҳои тамаддун дар водии дарёҳои Даҷла, Фурот ва Нил (дар охири ҳазораи 4 ва аввали ҳазорсолаи 3 то милод) сурат мегирад. Мавқеи ҷуғрофии Шарқи қадим аз Ҷопон, Чину Индонезия оғоз шуда, дар Ғарб то ба Карфаген, дар ҷануб то ба Ҳабашистон рафта мерасад. Куҳҳои Кафқоз, соҳилҳои баҳри Хазару Арал низ ба ин мавзеи таърихию ҷуғрофӣ шомил хастанд. Сарнавишти таърихии шоҳигарии Мисри қадим, империяи бузурги Ассурия, подшоҳии Эрони қадим, давлатҳои Финикия, Фаластину Сурияи қадим, шоҳигариҳои Троя, Фригия, Лидия ва ғ. ба ҳамин тамаддуни бостонии Шарқи қадим пайвастаанд. Ин марҳилаи таърихӣ хусусияти фарққунандаи тарзи истеҳсолот ва низоми хоси муносибатҳои истеҳсолӣ дошта, саҳифаи дурахшоне дар таърихи умумиҷаҳонӣ баҳогузорӣ мешавад. Бузургтарин дастоварди тамаддуни ин замон обёрӣ кардани заминҳои ҳосилхези канори дарёҳои Нил, Даҷла, Фурот, Ҳинд, Хуанхе, Янсзи, Меконг, Омӯ, Сир, Зарафшон буданд. Муаллиф хело дуруст таркиботи иҷтимоии кишварҳои Шарқи қадимро тавзеҳ медиҳанд. Мавҷуд будани се синфи асосии ин марҳилаи таърихӣ гувоҳи дар низоми тақсимоти ҷамъиятии меҳнат мақом доштани онҳо буд. Ҳақ ба ҷониби муаллиф аст, ки сатҳи тараққиёти истеҳсолоти ғуломдориро дар Шарқи қадим нисбат ба Юнону Рим заифтар меҳисобад. Дар ҳақиқат низоми ҷомеаи ғуломдорӣ сатҳи классикии инкишофи худро дар Юнону Рим соҳиб шуда, маҳз ғуломдории ҳамин минтақаи олам чун форматсияи классикии ғуломдорӣ баҳогузорӣ мешавад. Маълум аст, ки тарзи истеҳсолоти ғуломдории Шарқи қадим бар асари истифодаи меҳнати озодтари зироаткорону чорвопоён каме ноустувор буд, вале ҷамъан ин тарзи истеҳсолот ҳамчун унсури устувори муносибатҳои ҷомеаи ғуломдорӣ, бояд баҳогузорӣ гардад. Дар китоби дарсӣ, ки чун таҳқиқоти методию илмӣ аст, муаллиф хулосаҳои шарқшиноси маъруф В.В. Струевро воқеъбинона пазируфта, андешаро дар хусуси соддатар будани низоми ғуломдории Шарқ дастгирӣ менамояд. Чуноне болотар зикр намудем, обёрии заминҳои канори дарёҳои бузург маҳз бо иштироки ғуломон анҷом дода шудаанд ва метавон дар бораи ташаккул ёфтани синфҳои асосии ҷомеаи Шарқи қадим – ғуломон ва ғуломдорон ҳарф зад.

Дар Юнону Рими бостон, табиист, ки ҳамин низоми табақотӣ ба дараҷаи кулминатсионии худ расида, дар ҳадди охир низоми класикии ғуломдорӣ маҳз онҷо пурра шикаста шуд. Дар Шарқи қадим тарзи хоси «истеҳсолоти осиёӣ» (ибораи Карл Маркс) дар он зоҳир мешуд, ки дар баробари ғуломон зироаткорони озод ва косибон

низ дар истеҳсолот, дар иерархияи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат мақом доштанд [5, 288 с.].

Устувории ҷомеаи шарқӣ ба он асос меёфт, ки унсурҳои худидорӣ ва ҳуқуки истифодаи замин барои табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ дастрас буд. Аз тарафи дигар, «мутлақияти шарқӣ» ҳокимияти пурзури подшоҳиро ҳамчун надстройкаи (рӯбинои) ҳуқуқию сиёсӣ побарҷой мемонд. Дар китоби «Таърихи Шарқи қадим»-и профессор А. Қушматов масъалагузории мураккаби назариявӣ хело ҳам равшану фаҳмо тавзеҳ ёфта, натиҷагирихои илмию назариявӣ низ далелнок ва қотеъона баён шудаанд. Набояд фаромӯш сохт, ки таҳқиқи марҳилаҳои таърихи ҷомеаи инсонӣ садсолаҳо идома дошта, дар замони муосир бошад бар асари ташаккул ёфтани даҳҳо давлатҳои соҳибистиклол ва неруманд шудани давлатҳои абарқудрати Шарқӣ ва Осиёӣ таваҷҷуҳ ба ин масъала боз ҳам бештару шадидтар гаштааст. Таърихи ташаккул, инкишоф ва таназзули Шарқи қадим ин таърихи пайдо шудан ва заволи марҳилаи аввали фарҳангҳо ва тамаддунҳои таърихи умумиҷаҳонӣ дар сайёраи Замин аст (таъкид бояд кард, ки аз 21 фарҳанги бузурги таърихии номгирифтаи Арнолд Шпенглер дар асари «Маърифати таърих», 13-тои он ба Шарқи қадим ва миёна тааллуқ дорад). Ин марҳилаи аввали таърихи умумиҷахониро бо муайян намудани тарзи истеҳсолоти моддӣ, ки ба низоми хоҷагидории ғуломдорӣ алоқаманд аст, ҳамчун форматсияи ҷамъиятӣ-иқтисодии ғуломдорӣ ном мебаранд. Ҳарчанд, ки таърихнигорӣ марҳилаҳои ташаккули ҷомеаи инсониро ба даврабандихои гуногун тобеъ донад ҳам, назарияи форматсионӣ ба таври воқеӣ давраҳои таърихии инкишофи ҷомеаи инсониро тавзеҳ медиҳад. Хусусияти ҷолиби асари профессор А. Қушматов дар он аст, ки муаллиф дар навиштани китоб аз 239 маъхаз, сарчашма ва китобу рисолаҳои гуногун истифода намудааст. Китобе навиштааст, ки бо забони фасеҳ, хулосабарориҳои беҳтарини мантиқӣ ва натиҷагирихои қотеъи илмӣ ба хонанда муаррифӣ шудааст. Қиссаҳои таърихӣ ва рӯйдодҳои нодири ҷамъиятӣ бо забони гуворою зебо тасвир шудаанд, ки хондани китобро шавқовар сохта, таваҷҷуҳро ба сӯи идома додани мутолиа равнақ медиҳад. Китоби навишташуда воситаи беҳтарини таълимиест, ки донишҷӯи имрӯзаро метавонад ҷалб созад. Таърихи Мисри қадим саҳифаи дурахшони таърихи гузаштаи инсоният аст. Садсолаи охир ҳазорон муҳаққиқон, бостоншиносону этнографҳо кӯшиш кардаанд ба ин марҳилаи таърихӣ диққати зиёд дода, аз рӯзгори мисриёни бостонӣ чизи ҷолибе ба алоқамандони таърихи бостон бирасонанд. Дар китоби «Таърихи Шарқи қадим» барои зеботар тасвир сохтани аҳволи тоқатфарсои мисриён қадим, ки ба истилои гиксосҳо афтода будаанд, аз масали Н.И. Крилов «Гург ва барра» ёдоварӣ шудааст (саҳ. 83). Масъалаи ташаккули ҳунар ва малакаи хирадгаронаи мисриёни қадим хело ҳам ҷолиб тасвир мешавад. Одамони қадим бо истифода аз усулҳои муқаррарии технологӣ тавонистаанд, шароитҳои мувофиқи истеҳсолиро муҳаё созанд. Усули интиқол додани киштиҳоро тавассути минтақаҳои хушкӣ мисриёни қадим медонистанд. Муаллифи китоб барои фаҳмотар шудани ҳамин қазия аз расми И.Е. Репин «Бурлакҳо дар Волга» ёд мекунанд, ки бо чи мушкилие киштиҳоро аз хушкӣ ба сӯи дарё мебаранд (саҳ. 73). Яъне чаҳор ҳазор сол пештар маллоҳони мисрӣ усули хоси кашидани киштиҳоро дар хушкӣ бо истифода аз гилу лойи дарёи Нил тарҳрезӣ намудаанд. Мушоҳида мекунем, ки дар заминаи зарурат, эҳтиёҷоти рӯзгору зиндагӣ тадбирҷӯии оқилона ва таҷрибаи истеҳсолӣ инсон метавонад ба сӯи кашфи усулҳои нозуки технологӣ қадам занад. Дар таҳқиқоти А. Қушматов сарнавишти таърихии шарқиёни қадим, муборизаи онҳо барои озодӣ, инчунин саҳнаи фоҷиаҳои Шарқи бостон баррасӣ мегардад. Инҷо масъалаи ишғолгарию истилокунихои бемисл, ки оқибаташ барои мардуми тасарруфшуда фоҷиабор аст, бо савти таассуф ва оҳанги пуралам ҳикоят карда мешавад, ки диққати мутолиакунандаи ҷавонро хотирмон ҷалб мекунад. Сарнавишти мисриёни қадим ҳам чанд дафъае бо истилои хунинбори аҷнабиён пайванд аст. Профессор А. Қушматов яке аз ҳамин давраи истилои Мисри бостонро хело ҷолиб таърихнигорӣ намуда, эътирозу муқовимат ва

муборизаи мисриёнро гуворою пуртаъсир тасвир мекунанд. Қарни XVIII-XVI то м. ишғолгароне, ки дар таърих бо номи гексосҳо машҳуранд, Мисрро запт мекунанд. Ин давраи пурфоҷиаи мисриёни бостон буд. Мубориза ба муқобили аҷнабиён аз ҷониби мардум, албатта бо сарварии аъёну ашрофи Миср, хусусан фиръавни Фива Секненра оғоз мегардад. Гексосҳо аз фиръавни Фива талаб мекунанд, ки дар баробари андозу хироҷи гаронбор, боз марғзорҳою ҳавз, кулу дарёҳоро аз баҳмутҳо (бегемот) тоза намоянд, зеро садои гушхароши баҳмутҳо табъи подшоҳи гексосҳо Акотро парешон сохтаю хоби ӯро нороҳат месохтааст. Муаллифи китоб нуктаеро ба хонанда расониданӣ мешавад, ки мувофиқи он масъалаи ҳифзи набототу ҳайвонот ва табиати диёри Фива, масъалаи ҳифзи муҳити зиндагии ҳасорсолаҳо устувор шудаи мисриён аст. Ин масъала танҳо дарди фиръавнҳою ҳокимони мисрӣ нею дарди кулли мардум аст. Истилогарон ба ҳувияти ботин ва андешаи дар ҷону ҷаҳони маънавии одамон ҳазорсолахо пайвандбуда, таҷовуз карданд. Андешаи муаллиф дар хусуси он ки ваҳдату ҳамраъӣ, муттаҳидии халқ метавонад қобилияти муқобилиятнишондиҳӣ ва муқовимати сахтро ба вуҷуд биёрад, қобили эътироф аст. Дар китоб таъкид мегардад, ки фаъолияти муштараки мардуми оддӣ, миёнаҳолону сарватмандон бо сарварии фиръавн тавонист ватани мисриёнро аз чанголи истилои бегонагон наҷот диҳад. Сабаби истилои кишварро муаллиф бисёр содда ва фаҳмо ба қалами тасир менигорад: доираи ҳукмрони Фива бодиянишинони бегонаро ба саффи қувваҳои низомӣ ба хизмати кироя ҷалб намуда, нозуктарин нуқоти мудофиаи кишварро ба дасти бегонагон доданд.

Ба дасти бегонагон додани низоми мудофиавии кишварро таърихи халқи тоҷик ҳам дар хотир дорад: амирони оли Сомон ба хизмати урдӯ намояндагони қабилаҳои кӯчиро даъват намуда, соле баъдтар аз дасти худи онҳо сарнагун мешаванд. Ин ҳодисахо чоряки сеюми асри XVI то милод рух медиҳад. Кам иттифоқ меафтад, ки фиръавн худаш ба ҷанг ворид шудаю пешсафи ҳамлаю набард бошад. Фиръавни Фива Секненра ба анбӯҳи асокири гексосҳо зада даромада, дар ин набарди шадид қахрамонона шаҳид мешавад. Қобили зикр аст таъкид намоем, ки солҳои охир гурӯҳи олимони донишгоҳи Борнмут (Британияи Кабир) бо роҳбарии Крис Стэнтис асрори гексосҳоро дар кофтуковҳои бостоншиносӣ ҷуста, натиҷаҳои илмии худро дар маҷаллаи PLoS ONE ба нашр <u>расонидаанд [7]. Профессор</u> А. Қушматов далел меорад, ки бостоншиносон дар аҷсоми мумиёкардашудаи то имрӯзҳо боқимондаи Секнера осори захмҳои теғи душманонашро пайдо кардаанд. Беҳуда набуд, ки мардуми Фива писари ӯ Яхмосро фиръавни хештан баргузоштаанд, ки ӯ аввалин намояндаи суллолаи Ҳафтдаҳуми давраи подшоҳии нави Миср аст. Ҷолибияти навиштаҳои китоби зайл он аст, ки аввалан бисёр фаҳмою хоно, дуюм бо истифода аз далелҳои муътамад ва сеюм муаллиф барои пурқувват намудани нигоришҳои хеш аз ин ё он ҳодисоти ба ҳамин воқеа айният дошта, аз замони дигари таърихӣ ёдовар мешавад.

Дар фасле, ки ба Байнанаҳрайн бахшида шудааст, хонанда огоҳ мешавад, ки дарёи Даҷла ва Фурот агар дар қадим ҷудогона ба халиҷи Форс рехта бошанд, ҳоло якҷоя шуда, сипас мерезанд. Дар китоб аз боби IX шуруъ шуда, то боби XVII ба таърихи Байнанаҳрайн алоқамандӣ дорад. Дар ин бобҳо, ки ҳар кадомаш аз 4 то ба 7 фасл иборат аст, шароити ҷуғрофӣ, даврабандии таърихӣ, ёдгориҳои маданияти моддию маънавӣ, навъҳои хат, сохти ҷамъияти ибтидоӣ, ҷомеаҳои деҳотию бузургоилавӣ дар ҷомеаи бостонии Байнанаҳрайн бо тамоми ҷузъиёташ нақл шуда, хусусияти хоси қадимтарин давлатҳои тамаддуни ҷаҳонӣ Шумеру Аккад бо истинод аз мубоҳисаҳои илмӣ тасвир мешавад.

Байнанаҳрайн минтақа ва мавзеи бузургеро меноманд, ки байни дарёи Даҷлаю Фурот ва канори ин дарёҳо ҷойгир аст. Дар Ғарб дашти Сурия-Байнанаҳрайн ва дар Шарқ то ба доманакӯҳҳои Эрон тӯл кашидааст. Аз ин китоб барои хонанда маълум мегардад, ки дарёи Фурот ба забони шумерӣ Буранун ва ба забони аккадӣ Пурату номида мешуд ва ҳоло дарозии ин дарё 2700 км аст. Дарёи Даҷла бошад ба забони

шумерӣ Идигна ва ба забони аккадӣ Идиклад номида мешавад. Ин дарёҳо аз кӯҳҳои Арманистон оғоз мешаванд ва ба халиҷи Форс мерезанд.

Умуман, таърихи халқҳои бостонии кишварҳои Шарқи Наздику Миёна аз ҷониби муаллиф ботафсил навишта шудааст. Ҷараёни ташаккули ҳунар, фарҳанг ва қобилияти истеҳсолии шарқиёни қадим дар асар ботафсил таҳлил мешавад. Ҳунармандон усулҳои гуногуни омода намудани предметҳои зиндагиро пайдо карда, роҳи осони пеш бурдани ҳаёти ҷамъиятиро меҷустанд. Ғайр аз ин, ба хотири қонеъ намудани эҳтиёҷоти маънавии одамон ҳунармандон аз шаклҳои гуногуни муъҷизаофарӣ истифода мекарданд. Дар китоб нвишта мешавад, ки «дар Яҳудистони пасин баъди манъи кашидани тасвири одамон ва ҳайвонот санъати нақшу нигор хеле инкишоф меёбад» (с.232). Нигорасозию наққошӣ ҳанӯз аз замони бостон чун тарзи маълуми қонеъ додани талаботи маънавии инсон хидмат мекардааст. Дар китоб мехонем, ки анъанаи мамнуъ будани расми одамон ҳанӯз дар Яҳудистони нимаи дуюми ҳазорсолаи якуми то милод пайдо гашта, сипас дар расму оини халқҳои дигари Шарқи Наздик устувор мегардад.

Дар саҳифаи 229 мехонем: «Калимаи яҳуд маънои одамони он сӯи дарёро дорад». Дар миёни мардуми мо доир ба ҳазрати Довуду Сулаймон ривоятҳои зиёде паҳн шудааст, ки аксари онро мо ҳанӯз дар тифлӣ шунидаем. Инҷо мо ба далелҳои таърихӣ рӯ ба рӯ мешавем: Домоди шоҳ Саул Довуд ном дошт ва баъди шикасти Саул (ҳамон Сауле, ки баъди шикаст дар ҷанг худро бо ханҷар зада мекушад) Довуд шоҳи яҳуд (1000-965) шуда, сарҳади давлати Исроилро васеъ месозад. Писари ӯ Сулаймон (965-935) маъбади худо Яҳваро месозад. Дар замони ӯ давлати Исроил ба ду қисм (шоҳигарии Самария) ва шоҳигарии сулолаи Довудиён дар Байтулмуқаддас тақсим мешавад. Баъдтар Миср ва сипас Ассуриён тамоми хоки шарқии канори баҳри Миёназаминро истило мекунанд. Инҷо Инҷилу Таврот, қиссаҳои Ҳазрати Одаму Момо Ҳаво, Юсуфи зебо, қиссаи наҷоти Мусо пайғамбар ва ғайра пайдо мешаванд... (с. 230).

Доир ба таърихи Эрон як боби алоҳида (боби XVIII) навишта шудааст. Муаллиф ҷуғрофияи Эронро нақл карда, дар заминаи таҳқиқи маълумотномаҳои илмӣ таъкид менамояд, ки ҳоло ҳозир дар муқоиса ба гузашта иқлими Эрон тағйир ёфтааст: «иқлими Эрон муътадили хушк аст. Аммо дар қадим иқлими инҷо нисбатан мулоим буд. Дар пуштаю ёлаҳо бешазорон зиёд буданд» (С.234). Масъалаи мубоҳисаомез доир ба таърихи Эрон масъалаи густариши забонҳои эронӣ аст. Ватани забони имрӯзаи эронӣ аз нигоҳи муҳаққиқон ва аз нигоҳи муаллиф Осиёи Марказӣ ба шумор меравад (с. 237). Профессор А. Қушматов қаноатмандона ва бо изҳори боварӣ ду муҳаққиқеро ном мебарад, ки таърихи Эронро аз мавқеи боэътимоди илмӣ таҳқиқ намудаанд. Ин олимон омӯзгори олмонӣ Г.Ф. Гротефенд ва дипломати англис Г.К. Раулинсон мебошанд. Онҳо, алоҳида аз якдигар дар асри XIX хати мехии навиштаҷоти Бесутунро, ки ба се забон – форсии қадим, забони аккад ва ва забони элам навишта шудааст, тарҷума намудаанд. Навиштаҷот ба қарни VI т.м. мансуб буда, аз 41 аломат – 36 фонограмм ва 5 логограмм иборат аст. Аз ҷониби худ илова мекунем, ки мутафаккири бузурге чун Фридрих Энгельс ба сарнавишти халқҳои Шарқ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, империализми англис ва умуман истилогарони аврупоиро, ки Шаркро поймо кардаанд, бо эҳсоси адоват тасвир мекунад.

Дар китоби профессор А.Қушматов нақл мешавад, ки солҳои 518-512 эрониён ба Аврупо зада даромада, Фракия ва Македонияро ишғол мекунанд. Заминҳои назди Баҳри Сиёҳро аз юнонихо гирифта, дар қисмати шимолии нимҷазираи Балкан ҳукмрон мегарданд. Соли 492 дуюмбора Фракия ва Македонияро забт намуда, табиист, ки бедодгариҳои зиёде мекунанд. (Баъди 160 сол Искандар қасди шикасти Македонияро аз Эрон бозмеситонад). Танҳо баъди шикаст дар Марафон (соли 496 т.м.) ва фавти Дорои 1 мавқеи Эрон дар мубориза аш бо Юнон заифтар мегардад. Дар китоб доир ба таърихи Ҳиндустони қадим, Чини бостонӣ, кишварҳои Шарқи

дур, давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бобҳои XX-XXV навишта шудаанд. Халқҳои ин кишварҳо низ ба тараққиёти тамаддуни ҷаҳонӣ ҳиссаи хоси худро гузошта, як гӯшаи таърихи умумиинсонӣ ва умумиҷаҳониро зеб медиҳанд. Хело ҷолиб аст, ки дар китоб ҷадвали мувофиқати санаҳо тартиб дода шуда, дар охири ҳар боб ҷадвали алоҳидаи адабиёт пешниҳод гардидааст. Дар 65 саҳифаи китоб аксу суратҳои ба таърихи Шарқи қадим алоқаманд ҷой дорад, ки қобили дидан ва тамошо кардан аст.

Чун китоб доир ба Шарқи қадим аст, таърихи бостонии ватани мо ва саргузашти аҷдодони мо низ инҷо хело ботафсил ҳикоят мешавад. Боби XIX ба таърихи қадими Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки дар асрҳои IV-III т.м. забони эронии қадим ба шеваҳои ғарбӣ ва шарқӣ ҷудо мешавад. Ҳамон давра халқҳои Осиёи Марказӣ аз қабили хоразмиҳо, суғдиён, бохтариҳо, марғиёниҳо ва қабилаҳои кӯчманчии сакоиҳо ба шеваи шарқии забони эронӣ гуфтугӯ мекарданд. Масъалаи нозук – мушкилоти ташаккули фарҳанги ориёӣ аст, ки нисбати он андешаҳои мухталиф ҷой дорад. Имрӯзҳо халқу миллатҳои зиёде худро ба ирқи ориёӣ нисбат дода, афзалияти фарҳангии худро тасдиқ карданӣ мешаванд. Албатта, сарнавишти имрӯзаи халқхо ҳаргиз аз қадимию ҷавонии нажодию ирқии онҳо вобаста нест. Истифодаи технологияи навин, оромию осоиштагии ҷомеа, ҳолати устувори рӯҳонияти миллат, тамкину пуртоқатӣ, меҳнати босамар, гӯш кардани роҳбари мӯътабар, эҳтироми калонсолону падару модар, умуман садҳо омилҳое ҳастанд, ки ҷамъан барои пешрафти мамлакат мусоидат мекунанд. Юнониёни имрӯз бомуҳаббат аз тамаддуни бостониашон ҳарф мезананд, афзалияти фарҳангии юнониҳоро нисбати халқҳои дигар ҳар замон таъкид мекунанд. Аммо, дар миёни кишварҳои аврупоӣ зарбаи аввал ва хисорати бештари буҳрони молиявии аввали асри XX ба Юнон расид. Яъне, ба таърихи гузашта ифтихор карда, онро амиқу муътамад омӯхтан ҳатмист. Аммо ин кор на ба хотири ба умқи гузашта фурӯ рафтан, балки ба хотири он бошад, ки пешравии ватану миллатро таъмин намоем...

Бо дастгирӣ аз андешаҳои профессор Абдувалӣ Қушматов ва пуштибонӣ аз идеяи ифтихори миллӣ муаллифи ин сатрҳоро лозим омад нуқтаи назари олимони хориҷӣ, бахусус файласуфи шинохтаи олмонӣ Георг Гегелро нисбати ватани Ориёиҳои бостон, ки Гегели бузург дусад сол пештар баён кардааст муаррифӣ намоем. Дар асари Георг Гегел «Фалсафаи таърих» фасли аввали шӯъбаи сеюми «Олами Шарқ» «Халқи Занд» ном дорад, ки Гегел дар ҳамин фасл оид ба афкору тамаддуни Ориёӣ бо тафсил ҳарф мезанад. Ӯ менависад: «Зоратустраи бузург, ки юнониён Зороастр меномиданд, китоби муқаддаси хешро ба забони занд навиштааст. Франсавии шинохта Анкетиль дю Перрон барои мо ин боргоҳи маърифатро дастрас намуд». Вақте Гегел доир ба ватани Ориёнҳо ҳарф мезанад, гумон меравад, ки ӯ дар мӯқаррар намудани минтақаҳои бостонии Ориёӣ иштибоҳ намекунад. Аз нигоҳи ӯ «Дар болооби дарёи Окс (Омӯ), шаҳри Бактра (Бохтар) воқеъ буд, ки эҳтимол меравад, ки Балхи имрӯза бошад. Худи Зороастр ин кишварро Арианна мегӯяд. Геродот бошад мегӯяд, ки пештар Мидияниҳоро ориёнҳо мегуфтанд. Мидиянҳою парфиянҳо замоне дар Бактр зиндагӣ мекарданд» [3, с.212]. Масъалаи шинохти озодиро Гегел таҳлил намуда, тамаддуни ориёиро маъвои ҳамин озодӣ медонад. Шуъбаи сеюми мавзӯи «Олами Шарқ» «Персия» ном дорад ва рӯзгори мардумони қадими кишвари Ориёнро мавриди тавсифи холисона, борикбинонаю нуқтасанҷона қарор медиҳад, ки ҳар як намояндаи халқҳои форсизабонро эҳсоси ифтихор ва тантанаи шарафмандӣ фаро мегирад: «Форсҳо аввалин халқи таърихиянд. Персия нахустин давлати азбайнрафта аст. Инҷо – дар Персия, бори аввал Рӯшноӣ пайдо шуд, ки он бо дигар ранг, бо ранге равшанӣ медиҳад, ки онро нахӯст Зардуштия барафрӯхт ва он ба олами маърифати рӯҳ, ки робитаи фарққунанда дорад, мансуб аст. Дар давлати форсӣ мо ваҳдонияти ботинияташ неку мӯътабарро ҳамчун нахустмабдае мебинем, ки озодии алоҳидаи фардро фарогир аст. Рӯшноӣ фарқиятро намедонад. Офтоб ҳам барои одилону адолатхоҳон ва ҳам барои ноодилон, ҳам барои олимартабаҳо ва ҳам барои тобеон баробар нур мебахшад ва ба ҳамагон як

хел саховату некӣ дорад. Принсипи инкишоф дар таърихи Персия ҳувайдо мегардад ва аз ин рӯ таърихи умумиҷаҳонӣ, хуласи гап, аз таърихи он шурӯъ мешавад. Зеро манофеи кулли Рӯҳ дар он аст, ки то ҳадди беохир вориди ботину ҳастии субъективияти хеш гашта, тавассути тазоди мутлақ созиш ба даст оварад. Кулл дар Персия зуҳур мешавад ва ба шарофати он индивидуум (инфародият) шурӯъ ба фарқ намудани хеш аз Кулл мекунад ва дар як вақт хешро бо он омезиш медиҳад. Дар принсипи чинию ҳиндӣ чунин фарқгузорӣ нест ва онҷо танҳо ягонагии мабдаи рӯҳию табиӣ рух медиҳаду халос. Воҳид дар принсипи форсӣ таҷаллиии хешро мисли рӯшноие, ки инҷо на танҳо рӯшноӣ асту тамом, балки он куллияти оғози ҷисмонӣ буда, айни замон поктарин ибтидои рӯҳонӣ – Некист, пайдо мекунад. Инак Воҳид бори нахуст ба принсип табдил гардид ва он низоми бехирадонаи зоҳир нест. Ба шарофати он ки ҳама чиз ба принсип фарогир аст, он барои хеш соҳибарзиш мегардад» [3, с.211]. Бубинед, Гегел ба ҷараёни эътирофи худованди Воҳид, ки чун рӯшноӣ байни одамон фарқ намегузорад хосатан дахл карда, таъкид мекунад, ки маҳз маърифати ин Идеяи воҳидияти худованд, ки қадами қатъие ба сӯи маърифати озодӣ аст, дар Форси қадим эҷод шудааст. Танҳо дар Форс ва аввалин шуда дар ин кишвари Арзаҳ (онҷо ки хуршед барояд) дар парастишу ниёиш байни инсонҳо фарқ нагузоштаанд ва ба худои воҳид гаравишу паноҳ ёфтанд. Маълумотҳои дусад сол пештар пешниҳод намудаи Гегел ба тадқиқотҳои ҳозираи илмӣ хело наздиканд ва барои тақвияту тасдиқи ин андеша аз китоби шашҷилдаи «Таърихи Шарқ», (таҳти таҳрири А.Б. Рыбаков) иқтибосе меорем: «Аз рӯи анъанаҳои баъдии эронӣ, пайғамбар аз Раг (Рея) ё ин ки Ашурнаткана (Озорбойҷон) баромадааст. Аммо аз лиҳози ҳудуди ҷуғрофӣ Авестои хурд ва диалекти авестоӣ – ватани зороастризмро на дар шимолу шарқи Эрон, балки дар вилоятҳои ҳамсоягии Осиёи Миёна ва Афғонистон бояд ҷӯст» [4, с.264]. Вақте ки маъхазҳои баъдии эронӣ маҳалли Роғро ҳамчун ватани ориёнҳо ном мебаранд, бояд гуфт, ки дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон минтақаи зебою заминҳои ҳосилхездоштае бо номи Роғ (дар улусволии Шаҳрибузурги вилояти Бадахшони Афғонистон, ки аз Балх тақрибан дар масофаи ҳамагӣ 200 км. дуртар воқеъ аст) ҳанӯз ҳам бо ҳамин ном вуҷуд дорад. Роғ ватани рӯшноӣ, маъвои пурҷилои нур аст. Роғ ҳамон чароғест, ки нур – нури хиради тоза, равшании руҳонияти озодаро муаррифӣ мекунад. Имрӯзҳо Роғун ҳамон роғест чун рамз ва таҷаллии хуршеди оламафрӯз хоҳад буд. Маъвои Некӣ аст, ки ба мардуми мо равшанию нур хоҳад овард.

Дар асари «Таърихи умумиҷаҳонӣ» чунини сатрҳоро доир ба ворисони мардуми занд, ки ориёнҳои бостонианд, мушоҳида мекунем: «Доир ба гузаштаи дури ин кишварҳо (Осиёи Миёна дар назар аст. – Ф.А.) баъзе маълумотҳоро аз саҳифаҳои (қабатҳои) барвақтаи асари муътабари Авасто, ки наслҳои гузаштаи халқи тоҷик ба забони занд эҷод кардаанд ва баъдтар дар тамоми Ирон паҳн гашт, пайдо кардан мумкин аст» [1, с.345]. Акнун ба тавсифу баёни Гегел зимни рӯҳи ориёнӣ менигарем, ки чунин мегӯяд: «Инҷо асосан таваҷҷуҳи моро таълимоти Зораастра ҷалб мекунад. Дар муқоиса ба рӯҳи азияткашидаю пахшгардидаи ҳиндуҳо дар тасаввури форсҳо мавҷу нафаси тозаи насими рӯҳ зуҳур мекунад. Рӯҳ аз воҳидияти ҷавҳарии табиӣ, аз он нахустмабдае, ки бемазмун будаву ҳанӯз ҳолати гусастанӣ рух надодааст, боло мегардад. Чунки он замон рӯҳ дар муқобил ва барои худ объект надошт. Ва маҳз ҳамин халқ дарк намуд, ки ҳақиқати мутлақ бояд шакли воҳидияти Куллро дошта бошад. Дини форсӣ муҷассамапарастӣ нест ва ашёҳои алоҳидаи табиатро нею танҳо худи куллро саҷда мекунад» [1, с.213]. Мутафаккири бузурги олмонӣ Гегел нақши таърихии ориёнҳоро дар ташаккули тамаддуни инсонӣ бо як эҳсоси эҳтиром баён намуда, оини ориёнро парвози аввали инсоният ба сӯи Рӯҳи ҷаҳонӣ ва татбиқшавии ҳамин Рӯҳро дар таърихи ҷаҳонӣ дар симои ориёнҳо мебинад. Дар ҳақиқат Эрон ва Осиёи Миёна ин ҳудудҳоеянд, ки давлатҳои онҷо ба вӯҷуд омада, соҳиби тамаддуну оини ташаккулёфта буданд. «Сокинони онҷо яке аз аввалин шуда ба прогрессии таърихӣ қадам зада, ҳанӯз дар ҳазорсолаи сеюми то эраи мо хурофоти хеш ва

иттиҳоди давлатии хешро доштанд» [2, с.225]. Озодӣ ва қобилияти ба даст овардани онро ба марҳилаҳои дар амал татбиқ шудани Рӯҳи ҷаҳонӣ тобеъ намуда, Гегел иродаи озоди ориёнҳои қадимро ситоиш мекунад. Ва ин нуқтаи назари ӯ новобаста ба он ки дар низоми афкори идеализми объективӣ баён шуда буданд, сазовори эътирофи муҳаққиқони оянда гаштанд. Ба тақвияти назари ӯ муаллифони «Таърихи умумиҷаҳонӣ» менависанд: «Инсон аз рӯи таълимоти Зороастра озоди хешро соҳиб аст ва метавонад байни Некию Бадӣ чизеро интихоб кунад» [2, с.230]. Замони инкишофи афкори озодихоҳонаи халқҳои Эрон ва Осиёи Марказӣ бештар ба марҳилаи салтанати ҳахоманишҳо рост меояд, ки профессор Абувалӣ Қушматов ин мархилаи таърихиро бо ҷумла ҷузъиёташ ба қалам овардааст. Профессор А. Қушматов дар китоби дарсӣ мушахассан менависад: «… ақидае, ки дар адабиёти илмӣ маъмул мебошад, номи мамлакати Эрон аз номи қабилахои қадимаи эронӣ ба вуҷуд омадааст, ки худро Ориён меномиданд ва ватанашонро «Арянам» мегуфтанд» [6, с.236].

Ҳунари нафиси инсон, ки Шарқи бостон гаҳвораи эҷод шудани он аст, дар ташаккули санъати рассомӣ ва меъсории Аврупо таъсири боризе гузоштааст. Дар фарҳанги нави аврупоӣ кашфи тамоилҳои идеявию бадеӣ дар марҳилаи Романтизм оғоз гардад, ки онҷо нақши анъанаи Шарқ комилан ҷойгузин аст [11, 12].. Дар замони ишғолгариҳои мустамликавӣ беҳтарин ғановатҳои моддию маънавӣ, хусусан намунаҳои қимматбаҳои ҷавоҳироте, ки онҷо ҳунари заргарию қобилияти коркарди маснуоти тиллоӣ нақш бастааст, аз Шарқ ба Аврупо бурда мешавад[13, 14].. Инҷо метавон дар бораи «Хизонаи Амударё» ҳарф зад, ки бар асари хунукназарӣ, бепарвоии, ақибмондагии маънавии мардуми канори дарёи Омӯ ба ҳар куҷо парешон шуд. (Қазияи ёфтану ба ҳар савдогар, бидуни қимматгузорӣ ва таҳқиқу таҳлили ин ғановати қиматбаҳои таърихӣ фурӯхтани «Хизонаи Амударё» дар назар аст) Ба ҳамон суръвте, ки кишварҳои Шарқи Наздику Миёнаро аврупоиён тороҷ карданд, ба ҳамон суръат ғановати Чини бостонро низ тасарруф намуданд [15]. Дар китоби профессор А.Қушматов сарнавишти таърихии эрониёни қадим, дигаргуниҳои бузурги истеҳсолию истеъмолии минтақахои Осиёи Марказӣ, ки дар ҳамзистӣ бо халқҳои дигар саодатмандӣ ва хушбахтиро соҳиб шуданд, бобҳои XVIII-XIX бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки муаллиф вобаста ба характери ҳодисаю рӯйдодҳои дунёи қадим тарзу усули хосаи андешарониро интихоб кардаанд. Ободкорию навсозиҳоро бо ситоиш, харобкорию хунрезиҳоро бо таассуф нақл мекунанд, ки таваҷҷӯҳи хонандаро бештар ҷалб мекунад. Дар алоқамандӣ ба Эрони қадим муаллиф шаҳрсозӣ, сохтмони системаҳои ирригатсионӣ, боғдорию зироаткорӣ, умуман тамоми соҳаҳои истеҳсолоти моддию маънавиро дар китоб чун гувоҳи тамаддуни пешрафта, тавсиф мекунад. Масалан, сохтмони шахри Персополис 50 сол идома ёфта, дар сохтмони он меҳнаткашони озод (курташҳо) иштирок доштанд. Ёдгориҳои беназири таърихӣ чун «Чиҳил манор», «Сад сутун» ба ин шаҳр таалуқ доранд. Харобаҳои ин шаҳр дар ҷанубу ғарбии Эрон (50 км дуртар аз Шероз) то имрӯз боқӣ мондааст.

Дар фаслҳои алоҳидаи китоб муаллиф масъалаи тараққиёту инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаро сабаби пешравии халқу миллатҳо арзёбӣ мекунанд. Воқеан, ободкориҳо ҳамеша аз шукуҳу шаҳомати давлатҳои бузург гувоҳӣ дода, харобкорихо саҳнаи фоҷиаи одамон аст. Дар китоб доир ба саросар қир кардани аҳолии чилҳазораи шаҳри Сидон аз ҷониби Артахшассаи 2 нақл карда мешавад. Доир ба қалъасозӣ, роҳсозӣ ва каналсозӣ дар замони хукмронии шоҳи Урарту Менуа (810-786 т.м) далел оварда шуда, бо як самимият аз хусуси идоракунии ин шоҳ дар саҳифаи 210 мавод пешниҳод мегардад.

Дар ҳар фасли китоби «Таърихи Шарқи қадим», ки ба қалами профессор Абдувалӣ Қушматов навишта шудааст, мавзӯи муҳаббат ба Ватан, ҷоннисорӣ дар роҳи саодати одамон, ҷавонмардию шарофатмандии шарқиёни қадим, махсусан эрониёни бостон ва халқхои бостонии маскуни Осиёи марказӣ дар ҷои аввал

меистад. Ин китоб беҳтарин китоби дарсӣ, муфидтарин васоити таълимӣ ба забони тоҷикӣ буда, барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ туҳфаи арзишманд аст.


**АДАБИЁТ**

1. Всемирная история. Бронзовый век [Текст]. – Москва-Минск, 1999.
2. Всемирная история. Век железа. Древнейшие цивилизации Востока [Текст]. – Москва-Минск, 2000.
3. Гегель Г.В.Ф. Лекция по философии истории. Перевод А.М. Водена.- СПб: Наука, 2000. 480 с.
4. История Востока (В шести томах). Том 1 [Текст]. – М.: «Восточная литература», ДАН, 2000.
5. Качановский Ю.В. Рабовладение, феодализм или азиатский способ производства? [Текст] / Ю.В. Качановский. – М.: «Наука», 1971. – 288 с.
6. Қушматов А. Таърихи дунёи қадим. Китоби дарсӣ [Матн] / А. Қушматов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2013. – 456 с.
7. Освальд Шпенглер. Закат Европы. Очерки морфологии мировой истории. Том 2: Всемирно-исторические перспективы [Текст] / Освальд Шпенглер / Перевод с немецкого и примечания Маханькова И.И. – М.: «Мысль», 1998.
8. Стронций показал, кем были гиксосы – таинственные правители Египта [Электронный ресурс] – URL: https: //rg.ru› giksosy-praviteli-egipta. (Дата обращения: 27.09.2021)
9. Тойнби А.Дж. Постижение истории: Сборник [Текст] / А.Дж. Тойнби / Пер. с англ. Е.Д. Жаркова. – М.: Рольф, 2001. – 640 с.
10. Тоффлер Э. Третья волна [Текст] / Э. Тоффлер. – М.: АСТ, 2010. – 784 с.
11. Федоров Ф. П. Романтический художественный мир: пространство и время / Ф. П. Федоров; Даугавпилс пед. ин-т им. Я. Э. Калнберзя. - Рига: Зинатне, 1988. - 456 с.
12. Фетисов И. В. Западноевропейская живопись кон. XIX - нач. XX в: Гос. Музей изо ис.-в им. А. С. Пушкина. - М.: Изобразительное искусство, 1998. -64 с.
13. Французское искусство XIX - нач. XX в. в Эрмитаже / А. Г. Костненевич. -Л.: «Искусство», 1984. - 523 с.
14. Хасан Х. М. Колониальное востоковедение: парадокс культуры и политика у Эдварда Саида: автореф. дис. ... канд. полит. наук: 22.00.05 / Хасан Халед Мутеиб. - М.: 2000. - 135 с.
15. Чжан Янь-Юань. Знаменитые картины по периодам История эстетики: памятники мировой эстетической мысли. Т.1 / ред. М. Ф. Овсянников, М. А. Ливиц. - М.: Академия художеств СССР, 1962. - С.357 - 359.



**ШАРҚИ БОСТОН ВА ЗУҲУРИ ҲУНАРИ НАФИСИ ИНСОН**

Дар мақола ташаккули тамаддуни инсонӣ дар Шарқи Қадим арзёбӣ мегардад. Муаллиф бо итминон арз медорад, ки тамаддунҳои аввал маҳз дар Шарқи Қадим пайдо шудаанд. Нақши Шарқро дар инкишофи таърихии инсоният таъкид намуда, муаллиф таваҷҷуҳ ба Юнони бостон мекунад. Юнониҳо бо фарҳанги қадимтари халқҳои Шарқ робита барқарор намуда, тамаддуни хешро бунёд гузоштанд. Пифагор, Демокрит ва бисёре аз шахсиятҳои шинохтаи юнонӣ аз форсҳо, ҳиндуҳо, финикиҳо ва халқҳои дигари Шарқ нусха бардоштаанд. Борут, фарфор, коғаз, киштисозӣ, санъати ирригатсионӣ ва чизҳои бештари дигар дар Шарқ сохта ва истеҳсол шуда, сипас ба дигар нуқоти курраи Замин паҳн гаштаанд. Календар, риёзиёт, астрономия маҳсули эҷодиёти Шарқ буда, аҳромҳои бузург дар Шарқи Қадим сохта шудаанд. Омӯзиши илмӣ-бунёдии Шарқи Қадим дар асри XIX ва XX оғоз шуда, то ба ҳол идома дорад. Муаллиф назар дорад, ки олимон-шарқшиносони тоҷик саҳми худро дар таҳқиқи объективии таърихи Шарқи Қадим гузоштаанл. Дар баробари олимони дигар метавон профессор Абдувалӣ Қушматовро ҳамчун яке аз муҳаққиқони барҷастаи таърихи Шарқи Қадим ном гирифт. Китоби навиштаи ӯ «Таърихи Шарқи Қадим» яке аз китобҳои беҳтарини таълимӣ доир ба таърихи Шарқи Қадим барои донишҷӯёни макотиби таҳсилоти олӣ ва алоқамандони тамаддуни бостонӣ аст. Дар макола таваҷҷухи хосе ба тамаддуни ориёиҳои кадим зоҳир шудааст. Файласуфи олмонӣ Гегелро иқтибос оварда, муаллиф қайд мекунад, ки Форсҳо аввалин халқи таърихиянд ва Персия (Форс) аввалин давлати гумшуда аст. Дар принсипи форсӣ Воҳид ҳамчун ҷавҳар озодии фарди алоҳидаро рухсат медиҳад. Воҳид мисли офтоб фарқият намегузорад ва барои одилону ғайриодилон, барои олитаборону табақаҳои поёнӣ, барои ҳамагон саховатмандона ва якхела равшании Хайрро нурпошӣ мекунад. Муаллиф қайд мекунад, фарҳанги тоҷикӣ комилан маҳсул ва натиҷаи ҳамин тамаддун аст.



**Калидвожаҳо:** Шарқи Қадим, тамаддуни инсонӣ, фарҳанг, қобилият, Абдувалӣ Қушматов, Персия, Миср, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, тамаддуни ориёи бостон.



**ДРЕВНИЙ ВОСТОК И ПРОЯВЛЕНИЕ ИЗЯЩНОГО МАСТЕРСТВА ЧЕЛОВЕКА**

В статье рассматривается формирование человеческой цивилизации на Древнем Востоке. Автор уверенно отмечает, что первые цивилизации возникли именно на Древнем Востоке. Подчеркивая роль Востока в историческом развитии человечества, автор акцентирует внимание на Древней Греции. Греки,

контактируя с более культурно развитыми народами Востока, основали свою цивилизацию. Пифагор, Демокрит и многие другие греческие знаменитости позаимствовали у персов, индусов, финикийцев и других народов Востока изящные культурные и научные достижения. Порох, алфавит, фарфор, бумага, кораблестроение, ирригационное искусство и многие др. производились и создавались на Востоке, затем распространялись по всему земному шару. Календарь, математика, астрономия - творения Востока. Величайшие пирамиды строились на Древнем Востоке. Начатое научно-фундаментальное изучение Древнего Востока в XIX и XX вв. продолжается до сих пор. Автор считает, что наши таджикские ученые-востоковеды внесли свой собственный вклад в объективном исследовании истории Древнего Востока. Наряду с другими учеными можно смело назвать профессора Абдували Кушматова, как одного из заслуженного исследователя истории Древнего Востока. Написанная им книга «История Древнего Востока» является наилучшим учебником по истории Древнего Востока, предназначенная для студентов высших учебных заведений и для любителей древней цивилизации. В статье особо уделяется внимание древнеарийской цивилизации. Цитируя немецкого философа Гегеля, автор отмечает, что персы являются первым историческим народом и Персия ялвяется первым исчезнувшим государством. В Персидском принципе единства как субстанция допускает свободу отдельного. Единство, подобно солнцу, не делает различий и светит для справедливых и несправедливых, для высших и низших, и для всех оно одинаково щедро и благотворно. Автор отмечает, что в целом таджикская культура является продуктом и результатом этой древней цивилизации.

**Ключевые слова:** Древный Восток, человеческая цивилизация, культура, способность, Абдували Кушматов, Персия, Египет, общественное разделение труда, древнеарийская цивилизация.

**ANCIENT EAST, AND APPEARANCE (EMERGE) OF BEAUTIFUL MASTERY OF HUMAN**

In the article it is considered Formation of human civilization in Ancient East. The author is sure to note that the first civilizations appeared namely in Ancient East. Pointing to the role of East in human historic development, author draws attention to an ancient Greece. Greekscontacting with more culture developed peoples of East established its civilization/ pythagor, Demokrit and many other famous Greeks borrowed from Persians, Indians and finiks and other peoples of East/ Gunpowder, alphabet, china, paptr, shipbuilding, irrigational art and many others made and created in the East, later spreaded all over the world. Calendar, mathematics, astronomy, Are creation of East and greatest pyramids were building in an Ancient East. Scientific fundamental study of Ancient East was begun in the 19th and 20th centuries and goes on till nowadays. The author considers that our tajik orientalists made their own contribution in objective research of history of Ancient East. In a number of other scientists we may name professor Abduvali Khushmatov as one of the outstanding researchers of history of Ancient East. Written book by him " History of Ancient East" is the best textbook ( manual aids) on history of Ancient East for students of Higher Educational) Establishments and readers of ancient civilization.In the article it is paid special attention to ancient aryan civilization. Citing of german philosophy Hehel, author notes that Persians are first historic people and Persia is the first lost state. In Persian principle of uniform as substantive allows freedom of individual. Uniform like sun doesn't make difference and shines for justice and unjustice. For highers and lowers and for all it egual generous and beneficial. Author notes that generally tajik culture is the product and result of this ancient civilization.

**Key words:** Ancient East, human civilization, culture, ability, Abduvali Khushmatov, Rersia, Egypt, distribution of public labor, civilization of ancient Aryans.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аминов Файзалӣ Азимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-63-47-45.** E-mail: **Faizali/Aminov58@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Аминов Файзали Азимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент общеуниверситетской кафедры философии. Адрес: Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-63-47-45**. E-mail: Faizali/Aminov58@mail.ru

**Information about the author:** ***Aminov Faizali Azimovich*** – Tajik National University, candidate of philosophical sciences, docent. Address: Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: 918-63-47-45. E-mail: **Faizali/Aminov58@mail.ru**

УДК:1(09)(575.3)
# ТАҚСИМБАНДИИ ИЛМҲО ДАР АНДЕШАИ МУҲАММАДИ ҒАЗОЛӢ

*Гулов И.Ф.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҳамон тавр, ки тадқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, яке аз сабабҳои асосӣ ҳувиятсозии ҳар тамаддун ва рушду густариши илмҳо дар ҳар замоне, ин «табақабандӣ»-и улум мебошад. Ҳар як тамаддуне, ки тавонад ба хубӣ аз ӯҳдаи ин кори муҳим барояд ва тақсимбандии мустақил пешниҳод кунад, дар ҳақиқат тавонистааст ҳуввияти фарҳангӣ ва маърифатии худро аз ҳуҷум ва нуфузи дигарон ҳифз намояд.

Тақсимбандии улум яке аз баҳсҳои асосӣ ва калидии ҳар фарҳанг ва тамаддун ба шумор меравад, чи гунае, ки гуфта шуд агар фарҳанге тавонад равиши тақсимбандии улуми худро вориди фарҳанги дигаре кунад, тамоми он фарҳангро тасхир кардааст. Илмҳо аз ҷиҳатҳои гуногуни тақсим пазиранд.

Мутафаккирон андешаҳои гуногун барои тақсимбандии улум ироа кардаанд. Бештари онон улумро ба лиҳози равиш тақсим карда, илмро шомили шуҳудӣ, ақлӣ, таҷрибӣ, нақлӣ-таърихӣ ва нақлии тааббуди (ибодатӣ) донистаанд. Тақсимбандиҳои дигаре низ аз ҷиҳати мавзуъ, ҳадаф, ҷомиият дар қиёс бо шариат, таърихӣ, ривоӣ ва монанди инҳо ироа шудааст.

Дар ҳар як тақсимбандии мазкур, аҳамият ва ҷойгоҳи улум арза шудааст. Дар ин нигоҳ илме, ки дар қалб роҳ ёбад «ал-илму фи–л-қалб» ва ба амал анҷом шавад илми манфиатнок ва амале, ки маҳдуд ба забон бошад илми ғайри нофеъ (бефоида) ба шумор омадааст. [6, с.17].

Инчунин тақсимбандии илмҳо моро аз он огоҳ мекунад, ки чи тавр бояд илмҳо ба гуруҳҳои алоҳида аз рӯи мавзуъ ва предмети он тақсим шаванд ва ин гуруҳҳо то чи андоза аз якдигар дур ё наздик мешаванд. Ин чунин тақсимбандии илмҳо барои осон гаштани корҳои тадқиқотӣ ва илмӣ як навъ назми фикрӣ барои муҳаққиқ эҷод мекунад, ки ба кумаки он васеътарин ва мураккабтарин масъалаҳои илмиро метавон дарёфт.

Бе гумон, ин кори муҳим ба ӯҳдаи хирадмандони ҳар ҷомеа мебошад, ба хусус таснифоти илмҳо, ки олимони Шарқи исломӣ мураттаб карда, онро илман асоснок намудаанд, ки ҳазор сол равиши таълимоти мусулмониро муайян намудааст. Ҳамаи таснифоти нисбатан маъруфи илмҳои ин давра ягонагии илмро нишон дода, бо мақсади ба як низом гузаштан, пайи ҳам омӯхта мешуданд. Ба таснифоти илмҳо аксари олимон ва файласуфони машҳури асри миёнаи исломӣ бо таъсири улуми мавҷудаи замони худ, аз оғози фарҳанги исломӣ илмҳои ақлӣ ва нақлиро табақабандӣ карда ва марҳилаҳои онро шарҳу тавзеҳ додаанд. Ин тақсимбандӣ аз ҷониби Яъқуб ибни Исҳоқ ибни Саббоҳ ал-Кинди (вафот.873г.), Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳё ар-Рози (865-925с.), Абунаср Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Форобӣ (870-950 с.), Абуали Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино (980-1037 с.), Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуф ал-Котиби Хоразми (асри X), Абулфарач Муҳаммад ибни Исҳоқ ан-Надим (909-990 с.), Абулҳасан ал-Хучвири, Фахруддин ар-Рози (асри X11), Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Газоли (1058-1111 с.), Муҳаммад ибни Халдун (1332-1406 с.), ва дигарон сурат гирифтааст. [12, с. 559-628].

Дар аввал табақабандии илмҳоро Арасту аз се ҷиҳат ба “назарӣ”, “амалӣ” ва “саноӣ” (шеърӣ ё эҷодӣ) тақсим карда буд.

1.Илмҳои назарӣ, ки мақсади он талаби маърифат аст, қисмҳои он иборат аз:

*а) Илми Илоҳӣ ё мобаъд ут-табиат, ки дар бораи вуҷуд аз он ҷиҳат, ки мавҷуд аст баҳс мекунад.*

*б) Риёзиёт, ки аз миқдор ва қисмҳои он ҳисобу ҳандаса аст баҳс мекунад.*

*в) Табииёт, ки аз мутаҳаррик ва маҳсус баҳс мекунад ва ақсоми он иборат аз; илми табиат, илми осори улвия, илми кавн, илми набот ва ҳайвон, илми нафс, илми тиб ва илми кимиё.*

2. Улуми амалӣ, ки иборат аз:

*а) ахлоқ, ки мавзӯъи он феълҳои хусуссии инсон аст.*

*б) тадбири манзил, ки мавзуъи он амалу кирдори умумии инсон аст дар манзил.*

*с) сиёсат, фаъолияти инсон дар ҷомеа.*

3. Улуми шеърӣ, ки мақсади он тадбири гуфтори инсон аст.

*а) шеър, ки мавзуъи он тадбири гуфтори инсон ба сурати назм.*

*б) китобат, ки мавзуи он гуфтори инсон аст, ки ба сурати хаёл ҳосил мешавад.*

*в) ҷадал, ки мавзуъи он таҳқиқ бахшидан ва қонеъ кардан аст.*

Дар ин мақола тақсимбандии илмҳо аз назари Муҳаммади Ғазолӣ дида мешаванд, ки ӯ аз мутафаккирон ва соҳибназарони мусулмони асри миёнагӣ (1058-1111) ба шумор меравад, ки ба ин масъала қариб дар ҳамма асарҳои худ ба хусус дар китоби "Эҳё улумуддин» ба пуррагӣ пардохтааст, ки доир ба ин ба таври васеъ гуфта мегузарем.

Ғазолӣ бо дар назардоштани ду матлаби силсилавӣ будани улум ва гуногун будани дараҷаи кашфкунандагии илмҳо ба тақсимбандии улум пардохтааст. Ӯ илмҳоро ба ду дастаи куллии «динӣ» ва «ғайри динӣ» тақсим кардааст ва илмҳои диниро ба ду даста «мукошафа» ва «муомала» тақсимпазир медонад. Ӯ муътақидаст, ки улуми мукошафа дар ҷои авваласт ва равиши он шуҳудӣ (илҳом)* аст, на ҳиссӣ, ки ҳаркас қудрати дарёфи ин илмро надорад. Аз дидгоҳи Ғазолӣ беҳтарин илм аз миёни илмҳои муомала (амалӣ) илми сиёсат (фиқҳ) аст ва ин илм қонуни ҳаммаи илмҳои муомала мебошад.

Ногуфта намонад, ки мақсад аз улуми динӣ ва ғайри динӣ дар он аст, вақто улуми динӣ дар назар гирифта мешаванд, ки мавзуъ ва доираи баҳсашон, шинохти Худо, Паёмбарони илоҳӣ, олами охират ва дигар масоиле, ки ба корҳои динӣ робита доранд ва мақсад аз улуми дунявӣ он илмҳое мебошанд, ки мавзуъ ва доираи баҳсашон корҳоии дунёӣ ва корҳое, ки инсон барои беҳбудии ҳаёти дунё ва пешбурди зиндагиаш ба онҳо ниёз дорад.

Ҳангоми тақсимбандии улум ба диннӣ ва ғайри диннӣ, дар зеҳн чунин мерасад, ки илм вақте ба диннӣ ва ғайри диннӣ, тақсим шавад, пас илмҳои ғайри диннӣ, берун аз доираи Ислом қарор мегиранд, дар ин ҳолат омӯхтани ин навъ илмҳо аз нигоҳи Ислом барои як мусулмон иҷозат нахоҳад буд.

Вале ин гуна бардошт комилан ғалату нодуруст аст. Зеро ба навъҳо ҷудо шудани илмҳо, на ба хотири муқобилият ва таноқузи навъе бо навъи дигар аст, балки ин навъбандиҳо нисбӣ ва эътибориананд. Инро ҳам қайд бояд кард, ки тақсими илм ба динӣ ва ғайри динӣ ба маънои ҷудоии илм аз дин нест, балки ин ду навъ илм аз нигоҳи Ислом такмилкунандаи якдигаранд.

Дар инҷо шеваи тақсимбандии Ғазолӣ мавриди барраси қарор мегирад то аз назарҳои ин мутафаккир дар ин бора баҳраманд шавем.

Баррасии тақсимбандии улум аз дидгоҳи Ғазолӣ ба ин хотир дорои аҳамиятаст, ки эшон аз як сӯ, чандон ба улуми арабӣ вобастагӣ нишон надода, ҳамвора нигоҳи наққодона ба улум ва фалсафаҳои роиҷи он замон дошта аст; ва аз сӯи дигар, вай фақеҳе буд, ки тасаллути комил ба мабнои исломӣ дошта, чигунае, ки худи ӯ изҳор

---

* Илҳом ибрат аст аз: огоҳкардани нафси куллӣ нафси чузии инсонро ба қадри қабул ва қудрати истеъдодаш… Илмеки аз тариқи ваҳӣ ҳосил шуда бошад «илми набавӣ» ва илмеки аз тариқи илҳом ба даст ояд «илми ладунӣ» хоҳанд шуд. Илми ладунӣ илме аст, ки дар дастёбии он, миёни нафс ва Худо ҳеҷ воситае набошад. [11, с.50-51]

дорад: «Вақте бинобар иллатҳои мазкур, то ин андоза гурӯҳи мардумонро сустимон дидам, худро барои посухҳои мушкилҳо ва радди шубҳаҳо вазифодор дониста, омодаи кор шудам, чи ба сабаби тасаллут ва амиқу дақиқнигарӣ , ки дар шинохти тасаввуф, фалсафа, ботиниягарӣ, оламнамоҳо ва донишҳои марбут ба он доштам нороҳат карданашон барои ман аз нушидани об осонтар буд!» [15, с.72].

Пас тақсимбандии Ғазолӣ ба далели тасаллут бар мабнои исломӣ ва таҳти таъсир қарор гирифтани ӯ аз улуми ғарбӣ ва таъкиди беш аз ҳад ба суннати исломӣ дорои аҳамияти хосса аст.

Дари ин мақола кӯшише аст барои дастёбӣ ба тақсимбандии улум аз дидгоҳи Ғазолӣ. Қарни сеюми ҳиҷрӣ талоши мусулмонон барои тақсимбандии улум буд. Ин мақсад нахуст дар ҷаҳони ислом аз Киндӣ оғоз шуд. Дар ибтидо, асоси табақабандии улум, Арастуӣ буд. Аз ин ру, улум ба «назарӣ», «амалӣ» ва «саноъӣ» тақсим мешуданд. Ин табақабандӣ баъдҳо бо тадриҷ, комилтар шуд. Улуми исломӣ ба улуми қадимӣ изофа шуд, ва маърифати диннӣ ва мобаъди табиӣ ба маънои ирфон, болотарин сатҳро пайдо кард.

Дар ислом яке аз қадимтарин ва муассиртарин табақабандиҳо аз Форобӣ аст, ки дар китоби Эҳёу улум оварда тақсимбандии Форобӣ дар ғарб, бо тарҷумаи лотинии Ҷрорд Вай (бо номи) «De Scientis» шинохта шуд. Тарҷумаи дигари он бо забони арабӣ аст. Тақсимбандии Форобӣ дар бисёре аз мутафаккирони пас аз ӯ таъсири шоён дошт. Ин табақабандӣ бо андаке тағйир, мавриди қабули Ғазолӣ ва Ибни Рушд низ қарор гирифт. [5, с.53].

Пас аз нахустин талошҳое, ки ба мақсади табақабандии улум анҷом гирифт, ин кор бо андаке тағйир ва такомул, дар қарни баъд тавассути Ибни Сино дар китоби Шифо ва низ дар рисолаи дигари ӯ ба номи Фи ақсому–л-умум ва ҳамчунин тавассути Ихвону-с-Сафо дар маҷмӯаи рисолаи онон пайгирӣ шуд. Аз ин замон сар карда бо тадриҷ, ки шохаҳои илм камоли бештаре пайдо мекарданд, табақабандии улум низ ривоҷ ва аҳамияти бештаре меёфт. Ин дар китоби «Ҷомиу-л-Улум» ё «Ситтини»-и Фахр Розӣ, мутакаллими қарни (асри) шашум(и ҳиҷрӣ), машҳур аст.

Комилтарин ва муфассалтарини баҳс дар бораи улум ва табақабандии онҳо дар осори нависандагони асрҳои ҳаштум то ёздаҳум(и ҳиҷрӣ), ҳамчун китоби «Мифтоҳу-с-Саодат» ё «Мавзуъот-ул-Улум»-и Тошкибризорда, «Нафоису-л-Фунун»-и Шамсиддини Омалӣ, «Кашфу-з-Зунун»-и Ҳоҷи Халифа, ва дар «Муқаддимаи» Ибни Халдун яке аз беҳтарин тавсифҳо ва табақабандии улуми исломӣ башумор меравад. Китоб охир («Муқаддимаи» Ибни Халдун) дар поёни фаъолтарин давраи таърихи исломӣ таълиф шуда, дарбаргирандаи таҳлиле аз улумаст, ки нишонгари тафаккур ва таҷрибаи донишманд ва муаррих аст, ки саросар як давраи таърихро мавриди мутолиа қарор додааст. Ибни Халдун дар тақсимбандии худ, ба фанҳои гуногуни исломӣ, ки дар гузашта миёни мусулмонон мавриди баррасӣ ва мутолиа қарор мегирифта- аз ҷумла ҳунар-таваҷҷӯҳ намудааст. [5, с.54].

Андешаҳои Ғазолӣ нисбат ба тақсимбандии улум, он гуна ки машҳураст, Ғазолӣ аз ҷумлаи мутафаккироне буд, ки ҳаёти фикриаш бо тағйирёбӣ ва дигаргунии бисёре ҳамроҳ буд, ба гунае ки бархе аз донишмандон таҳаввули фикрии ӯро баён кардаанд. [4, с.3]. Ин гардиши фикрӣ таъсири нисбатан зиёде бар тақсимбандии ӯ аз улум гузоштаанд.

Аз ин рӯ, Ғазолӣ дар асарҳои гуногуни худ, ба ин масъала пардохта, тақсимбандиҳои гуногунҷанбае ироа додааст. Ногуфта намонад, ки дигаре аз далелҳои асосии ихтилоф дар тақсимбандиҳои Ғазолӣ аз нав баррасӣ намудани ин баҳс ва риоя кардани таносуби мавзӯъ дар китобҳо ёд шудааст. Ғазолӣ дар чанд китоби худ улумро табақабандӣ намудааст.

Ӯ дар китоби «ал-Манхул» дар бораи улуми шаръӣ баҳс кардааст [9, с.59]. ва дар китоби «Мақосид-ул-Фалосифа» усул ва фурӯъи илми табииро, ки аз шохаи илми назарианд, мавриди диққати худ қарордодааст. Мабоҳиси илми амалӣ ва назарӣ ва

ҳамчунин улуми марбут ба лафз ва маъно, ҳирфаҳо ва саноеъ дар китоби «Мизон-ул-амал» мавриди барраси қарор гирифтаанд. Дар китоби «Ҷавоҳир-ул-Қуръон» улуме, ки аз Қуръони Карим маншаъ мешаванд ба баҳс гузоша мешаванд.

Илмҳои шаръи ва ақлӣ дар «Рисолат-ут-диния», улуми риёзӣ, мантиқӣ, табиӣ, илоҳӣ, сиёсӣ, ва ахлоқӣ дар «ал-Мунқиз мин-аз-Залол» ва «Меъроҷу-с-Соликин» ва улуми мукошафа ва муомала, улуми шаръӣ ва ғайри шаръӣ, улуми ақлӣ ва шаръӣ, ва ҳирфаҳо ва саноеъ дар китоби «Эҳёу улумуддин» аст. Ӯ дар ин китоб тарҳи нави дастабандии улумро ироа кардааст. Чи гунае ки ишора шуд, тақсимбандии Ғазолӣ дар китобҳои дигараш ба ҷуз китоби «Эҳёу улумуддин» навоваранда ва ҷомеъ набуд; одатан ин гуна тақсимбандиҳо дар гузашта тавассути дигар андешамандони мусулмон ироа шудааст. Аммо навъи тақсимбандии улум дар китоби «Эҳёу улумуддин» аз ҷиҳатҳои гуногун фарққунанда аст.

Бо таваҷҷуҳ ба ҳадафи аслии Ғазолӣ, ки аз паи эҳёи ҷавҳари дин аст, ин кор чандон ҳам дур аз интизор нест. Ӯ низоми диниро ба риштаи низоми дунё муаррифӣ карда, ёдоваршудааст: Кори дунё ҷӯз бо амалҳои одамиён барпо намегардад. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки Ғазолӣ дар ин китоб, нигоҳи мушкифона ба ҳастии маънавии дин ё бо таъбири беҳтар «ҷавҳари дин» дорад. Ҳамон гуна ки ишора шуд Ғазолӣ фақеҳи мақсаднигар ва ғоятгаро буд. Афкори ӯ баъдаҳо маншаи пайдоиши мактаби «иҷтиҳоди ғоятгаро» дар миёни аҳли суннат шуд. Дар қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ, Шотибӣ ба назария Ғазолӣ бо унвони «Мақосиду-ш-шаръия» дар китоби «ал-Мувофиқот», назми хос бахшид. Гарчи Ғазолӣ нахустин шахсе набуд, ки ин назарияро ироа кард ва дар қарни дуввум (и ҳиҷрӣ) кушишҳои оғозини он сурат гирифта буд, аммо ишора кард, ки мабоҳиси устоди худ Ҷувайниро аз нав дида баромада ва мавриди таҳлил қарор дода назми хос бахшид. [2, с.15-32].

Ғазолӣ бо таваҷҷуҳ ба мақсадҳои инсон, ибтидои улумро ба ду дастаи куллӣ тақсим менамояд: улуме, ки марбут ба корҳои диннии мардум аст аз Анбиё барои башарият ба армуғон расида, ақл, таҷриба ва самоъи дар онҳо нақше надорад. Ин навъ улум «улуми динӣ» ном доранд, ки дорои усул, фуруъ, муқаддимот ва мутаммимотанд [11, с.81]. «Улуми ғайри динӣ» иртиботи мустақим ва бевосита бо умури динӣ надорад ва ба масолеҳи дунявии инсон тааллуқ доранд. Улуме чун пизишкӣ, нуҷум, саноеъ, кишоварзӣ ва бофандагӣ ба далели ихтисос надоштани онҳо ба ҷомеаи исломӣ ва иртибот надоштани онҳо ба масалаҳои динӣ, дар зумраи улуми ғайри исломӣ ба шумор меравад. Ғазолӣ улуми ғайри шаръиро ба се дастаи маҳмуд, мазмум ва мубоҳ тақсим кардааст. «Улуми маҳмуд» улумеанд, ки оиди дунявиро дар пай доранд, ки худ ду қисм аст: Қисми аввал «фарзи кифоя» [10, с.51-52].аст; мисли тиб, ҳандаса, химия, физика, илми сиёсат, иқтисод ва дигар илмҳое, ки ба манфиат ва салоҳи ҷомеъа ва мардум мебошанд; ва қисми дуввум «фазиллат» аст мисли «тааммуқ ва тавассуъ дар дақоиқи ҳисоб ва ҳақоиқи тиб ва ғайри он» аммо улуми «мазмум» илми сеҳр, ҷодуву фолбинӣ аст ва илми «мубоҳ» илми ашъор, таърих ва монанди он аст. [10, с.51-52]

Ӯ тамоми улуми шаръро маҳмуд мепиндорад ва улуми маҳмудро ба чаҳор даста: усул, фурӯъ, муқаддимот ва мутаммимот тақсим мекунад. Ғазолӣ илми фиқҳ ва ахлоқро дар фурӯъ медонад ва илми луғат ва наҳвро дар муқаддимот мешуморад. Он чӣ дар бораи талаффуз аст ба мисли илми қироат ва махориҷи ҳуруф, ва он чи дар бораи маъно аст мисли илми тафсир, ва он чи дар бораи аҳкомаст ҳамчун шинохти носиху мансух, омму хос, насс ва зоҳир ва чигунагии корбурди онҳо, ҳаммаро марбут ба «усули фиқҳ» ва дар мутаммимот. Ҳаммаи ин улум аз фарзи кифоя ҳастанд. [10, с.52-54]

Ғазолӣ ба як эътибор, улуме, ки саодати ухравии инсонро таъмин мекунанд ба ду даста тақсим мекунад: қисми аввал: илми «мукошафа», ки ботин ва ҳастии илмро ташкил медиҳад ва ғояи улум ба шумор меравад, танҳо кашф ва маърифатро хамроҳ дора два иқтизои ҳеҷ гуна амалӣ надорад. [11, с.91.]. Илми мукошафа «завқи» суфиёна аст, ки мавсул ба маърифати Борӣ аст ва аз назари Ғазолӣ «илҳом» ном

дорад. Аз назари ӯ илҳом иборат аз: огоҳ кардани нафси куллӣ, нафси ҷузъӣ инсониро ба қадри сафо, қабул ва қудрати истеъдодаш…. Илме, ки аз тариқи ваҳй ҳосил шавад «илми набавӣ» ва илме, ки аз тариқи илҳом ба даст ояд «илми ладунӣ» мегуяд.

Хулоса Ғазолӣ ба силсилавӣ будани илм ва маърифат дар ислом қоил аст. Аз назари ӯ, улум аз ҷиҳати равиш, ғоят ва дараҷаи кашфкунандагӣ дар як сатҳу радиф нестанд, бархе аз муҳтавои кашфкунанда будан бартарӣ нисбат бар дигар улум доранд.




**Муқарриз: Бердиев Ш.- н..и.ф., дотсенти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Абу Хамид Газали. Мишкат ал-анвар фи тавхид ад-джаббар/Газали Абу Хамид. - Бейрут, 1994. – 104с. (на араб. яз.).
2. 6Аҳмади Рисунӣ. Аҳдофи диннӣ аз нигоҳи Шотибӣ, тарҷумаи Саидҳасан исломӣ ва Саидмуҳаммад алӣ Абҳарӣ С.15-32
3. Газали. Критерий различения ислама и ереси/Газали. Пер. с араб. А.В.Кудрявцева, науч. комм. С.Ю.Бородая//Исламская мысль: традиция и современность религиозно-философский ежегодник. - М.: ИД «Медина», 2016. - № 1. – С.201-240.
4. 4Сайид Ҷавод Таботибоӣ. Манҳанӣ таҳаввули андешаи Ғазолӣ. Маъориф ш.3
5. 3Сайидҳусенӣ Наср. Илм ва тамаддун дар ислом, тарҷимаи Аҳмад оромӣ. С53-54.
6. 1Сайд Куброи Димётӣ Ионату –т-толибин ҷ.2 С.17., Муҳаммад Ширбинӣ Муғнӣ ал-Муҳтоҷ ҷ.1 С.379.
7. Социально-экономическая литература, 1961. – С.408-409.
8. 11Муҳаммад Ғазолӣ. Ар-Рисола ал-Ладуня тарҷумаи Аҳмад Навҳон С.50-51
9. 5Муҳаммад Ғазолӣ ал- Манхул мин таълиқоти-л-Усул. С.59
10. 8Муҳаммад Ғазолӣ. Эҳё улумуддин С.51-54
11. 7,9Муҳаммад Ғазолӣ. Фотиҳат –ул-Улум. Таҳқиқи Аднони Абушома С.81, С.91
12. 10Ибни Халдун. Введение (фрагменты) // Избранные произведения мыслителей Ближнего и Среднего Востока 1Х-Х17 вв..-М.: Соцэкгиз, 1961.-С.559-628.
13. Ибн Рушд. Опровержение опровержения (Фрагменты)//Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока IX-XIVВВ. Составит.: С.Н.Григорян и А.В.Сагадеев/Рушд Ибн. - М.:
14. Истахри А. Усул-е тасаввуф (Принципы суфизма)/А.Истахри. - Тегеран, 1960. (на перс. яз.).
15. 2Ҳотами Қодирӣ Андешаи сиёсии Ғазолӣ. С.72, ба нақл аз Муҳаммади Ғазолӣ, аз ал-Мунқиз ми аз-Залол С.57.

## ТАҚСИМБАНДИИ ИЛМҲО ДАР АНДЕШАИ МУҲАММАДИ ҒАЗОЛӢ

Ғазолӣ ба силсилавӣ будани илмҳо ва маърифат дар ислом қоил аст. Аз назари ӯ, улум ба лиҳози равиш, ғоят ва дараҷаи кашфкунандагӣ дар як сатҳу радиф нестанд, бархе аз ҳайси муҳтавои кашфкунанда будан бартарӣ нисбат бар дигар улум доранд. Ӯ тамоми улуми шаръро маҳмуд мепиндорад ва улуми маҳмудро ба чаҳор даста: усул, фуруъ, муқаддимот ва мутаммимот тақсим мекунад. Ғазолӣ илми фиқҳ ва ахлоқро дар фуруъ медонад ва илми луғат ва наҳвро дар муқаддимот мешуморад. Он чӣ дар бораи талаффуз аст ба мисли илми қироат ва махориҷи ҳуруф, ва онҷи дар бораи маъно аст мисли илми тафсир, ва онҷи дар бораи аҳкомаст ҳамчун шинохти носиху мансух, ому хос, нас ва зоҳир ва чигунагии корбурди онҳо, ҳаммаро марбут ба «усули фиқҳ» ва дар мутаммимот. Ҳаммаи ин улум аз фарзи кифоя ҳастанд. Хулоса, андешаҳои Ғазолӣ нисбат ба тақсимбандии улум, он гуна ки машҳураст, Ғазолӣ аз ҷумлаи мутафаккироне буд, ки ҳаёти фикриаш бо тағйирёбӣ ва дигаргунӣ бисёре ҳамроҳ буда, ба гунае ки бархе аз донишмандон таҳаввули фикрии ӯро баён кардаанд.

**Калидвожаҳо:** Табақабандӣ, улум, объект, предмет, тамаддун, мутафаккирон, улуми мукошафа, улуми муомала, таҳаввулот, шахс, ҷомеа, ва фарҳанг.

## РАЗМЫШЛЕНИЯ МУХАММАДА ГАЗАЛИ ОТНОСИТЕЛЬНО РАЗДЕЛ НАУК

Газали верит в серийный характер науки и знания в исламе. С его точки зрения, науки не стоят на одном уровне по подходу, цели и уровню сложности, одни науки превосходят другие по содержанию сложности. Он считает всю науку шариата махмудовской и делит науку Махмуда на четыре группы: метод, заключение, введение и заключение. Газали считает науку юриспруденцию и этику внизу, а науку о лексике и грамматике - в начале. Что о произношении, как о науке декламации и написании букв, и что о значении, как о науке о толковании, и что об ахомасте, как о распознавании старого и нового, характерного, настоящего и кажущегося, и то, как они используются, связаны с «методом «юриспруденции»» и с муттамимотом. Всех этих знаний достаточно.В заключение мысли Газали о разделении знаний, как известно, Газали был одним из мыслителей, чья интеллектуальная жизнь сопровождалась многими изменениями и переменами, как описывают некоторые ученые его интеллектуальную эволюцию.

**Ключевые слова:** Классификация, наука, объект, субъект, цивилизация, мыслители, открытая наука, наука о коммуникации, эволюция, человек, общество и культура.

## SECTION OF SCIENCES ACCORDING TO MUHAMMAD GHAZALI

Conclusion Ghazali believes in the serial nature of science and knowledge in Islam. From his point of view, the sciences are not on the same level in approach, purpose and level of complexity, some sciences are superior to others in the content of complexity. He considers all the science of Sharia to be Mahmud's and divides the science of Mahmud into four groups: method, conclusion, introduction and conclusion. Ghazali considers the science of jurisprudence and ethics at the bottom, and the science of vocabulary and grammar at the beginning. What about pronunciation, as a science of recitation and writing letters, and what about meaning, as a science of interpretation, and what about achomaste, as a recognition of old and new, characteristic, present and apparent, and how they are used, are related to "the method of" jurisprudence "" and with muttamimot. All this knowledge is enough. To conclude Ghazali's thoughts on the division of knowledge, as is known, Ghazali was one of the thinkers whose intellectual life was accompanied by many changes and changes, as some scholars describe his intellectual evolution.

**Keywords:** Classification, science, object, subject, civilization, thinkers, open science, communication science, evolution, man, society and culture.

**Маълумот дар бораи муаллиф***:* ***Гулов Ислом Файзаҳмадович*** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992)918-87-55-64**

**Сведения об авторе:** ***Гулов Ислом Файзахмадович*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат философских наук, старший преподаватель кафедры философии и культурологии**. Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121Телефон: **(+992)918-87-55-64**

**Information about the author:** ***Gulov Islom Fayzakhmadovich*** **-** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Candidate of Philosophical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Philosophy and Cultural Studies. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121 Phone: **(+992) 918-87-55-64**

УДК:21.15

# ҶАНБАҲОИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР ДИНИ ИСЛОМ

*Абдухалилзода К.А.*

**Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино**

Мафҳуми «таҳаммулпазирӣ» ҳолати босабру таҳаммул будани шахс, гурӯҳ, ниҳод, ташкилот ва ё ҷомеаро нисбат ба арзишҳо, фарҳангҳо, ҷаҳонбиниҳо, анъанаҳо, тарзи зиндагӣ ва урфу одати дигар шахс, гурӯҳ, ниҳод, ташкилот ва ё ҷомеаро дар назар дорад.

Таҳаммулпазирӣ ҳамчун яке аз унсурҳои асосии принсипи дунявият ва шакли зуҳури он буда, моҳияти онро ба таври хос ҷилвагар месозад. Дунявият ба маънои васеъ ва фаҳмиши имрӯза, дар баробари эътирофи аҳамияти муайнкунандаи арзишҳои дунявӣ, ҳаққи мавҷудияти арзишҳои диниро низ эътироф намуда, барои амалкарди онҳо фазои муносибро боз медорад. Яъне, эътирофи ҳаққи ҳамзистии фарҳангҳои мухталиф, махсусан динҳо ва гузашта аз ин, барои рушди онҳо мусоидат намудан худ арзиш қоил будан ба мақому манзалаи индунёии онҳост.

Зимни кашф ва таҳқиқи мундариҷаи дунявият ҳамчун мафҳум ва ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба осонӣ дарк карда мешавад, ки зиндагӣ дар фазои орому осоишта ва сулҳу салоҳ яке аз арзишҳои олии инсонӣ маҳсуб ёфта, шарти асосии пешрафти ҷомеа ба шумор меравад. Барои ноил гардидан ба чунин арзиш ва сифати зиндагӣ амалкарди таҳаммулпазирӣ ҳамчун унсури асосии принсипи дунявият зарурати аввалиндараҷаи худро ба маъраз мегузорад. Зеро зиндагии орому осоишта тақозо менамояд, ки ҳар як субъекти ҳаёти ҷамъиятӣ, новобаста аз мансубияти этникӣ ва динӣ-мазҳабии худ ба арзишҳои эътиқодии субъекти дигар эҳтиром қоил гардад ва аз ҳар гунна муносибати ихтилофангез нисбат ба онҳо иҷтиноб варзад.

Аз ин нуқтаи назар, эътирофи таҳаммулгароӣ ҳамчун унсури асосии принсипи дунявият ва эҳтирому арҷ гузоштан ба он ҳамчун кафили воқеии таъмини сулҳу салоҳ ва дӯстию рафоқат талаби замон буда, ифодаи камоли маънавии субъекти ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳанги башардӯстонаи ӯ ба ҳисоб меравад. Дар робита ба мавзӯи матраҳшаванда бояд таъкид намуд, ки «тарбияи ҷаҳонбинии таҳаммулпазирӣ байни ҷавонон масъалаи муҳими ҷомеаи тоҷик буда, давлатҳои пешрафта ва тараққикардаи дунё оиди ин масъала диққати махсус медиҳанд ва барномаҳои гуногунсамтро оиди рушд додани асосҳои таҳаммулпазирӣ роҳандозӣ менамоянд» [4, с.227].

Дар асоси мантиқи баёнгардида метавон иброз намуд, ки дини ислом низ, бо вуҷуди он ки худ бо зӯри шамшер интишор ёфтааст, аз худ таҳаммулгароии назаррасе ба маъраз мегузорад. Чунин як шакли зуҳури таҳаммулгароӣ муносибати некхоҳонаи дини ислом нисбат ба тамоми башарият новобаста аз эътиқоди динии онҳо аст. Чунин муносибати некхоҳона дар ғояи исломии «Фарогири ҳама будани раҳмати Худо» ифода ёфтааст. Доир ба ғояи мазкур мушаххасан дар Қуръон омадааст: «Ва мо туро нафиристодем магар аз рӯи меҳрубонӣ бар оламиён» (21:107); Бигӯ: (Яъне: Эй Муҳаммад, аз тарафи ман бигӯ) «Эй бандагони Ман, ки бар худ таҷовуз кардед, аз раҳмати Худо ноумед машавед. Ҳар оина, Худо ҳамаи гуноҳонро якҷоя меомурзад; ба ростӣ, ки Ӯ ҳамоно омурзгори меҳрубон аст» (39:53).

Қобили зикр аст, ки ғояи “Фарогири ҳама будани раҳмати Худо” на танҳо дар Қуръон, балки дар аҳодис низ ифода ёфтааст: “Ба дурустӣ, ки ман на ҳамчун лаънаткунанда, балки чун раҳмат фиристода шудаам” – “Саҳеҳ”-и Муслим, №2599; «Адиб»-и Бухорӣ, №321; «Эй мардум, ҳар оина ман раҳмати аз сӯи Худо фиристодашудаям», «Сунан»-и Даримӣ, № 15.

Оёту аҳодиси овардашуда собит месозанд, ки ислом тавассути паёмбари худ ба тамоми башарият муроҷиат намудааст, яъне вай маҳз мусалмононро шомили раҳмати худ нахонда, балки бо мафҳумҳои «оламиён», «бандагони ман», «эй мардум»

тамоми башарият – мушрикону кофирон ва ҳатто мулҳидонро вориди раҳмати худ хондааст. Бидуни шак тавассути оёти зикршуда муносибати некхоҳонаи дини ислом дар нисбати тамоми аҳли башар ифода меёбад. Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки дар Қуръон боз оёте, чун «Ба дурустӣ, Худо онро, ки барои ӯ шарик муқаррар карда шавад, намеомурзад; ва ғайри он ҳар киро хоҳад меомурзад. Ва ҳар ки барои Худо шарик муқаррар кардааст, ҳамоно ба гуноҳи бузург ифтиро кардааст” (4:48); Ба ростӣ, онон, ки кофир шуданд ва (мардумро) аз роҳи Худо боздоштанд, сипас кофир бимурданд, Худо ҳаргиз онҳоро нахоҳад омурзид»(47:34), ки доираи ашхоси мағфиратшавандаро маҳдуд месозанд, дучор мегарданд. Ба андешаи Тавфиқ Иброҳим чунин оёт ба ҷумлаи оёти “педагогӣ”, хусусияти тарбиявӣ-тарсонандадошта дохил мешаванд ва маънои онро надоранд, ки ҷазо абадист [9, с.119]. Ӯ барои тақвияти ғояи “Фарогири ҳама будани раҳмати Худо” ҳадисҳои рақами 6000 ва 6469-ро аз “Саҳеҳ”-и Бухорӣ: “Худо сад раҳмат офарид. Як раҳматро ба мардум барои ба ҳам раҳм намудан ва 99 раҳматро назди худ гузошт. Агар кофирон аз он миқдор раҳмати Худо огоҳ мешуданд, аз ҷаннат ноумед намешуданд”. “Дар воқеъ раҳмати ман аз ғазаби ман афзунтар аст”; “Ман ҳамонам, ки бандаи ман доир ба Ман гумон дорад. Пас, бигзор, чи тавре ки хоҳад, гумон намояд”(“Саҳеҳ”-и Бухорӣ, №7405, 7505; “Саҳеҳ”-и Муслим №2675; “Муснад”-и Даримӣ, №2731; “Муснад”-и Ибни Ханбал, №15586, 16531 асос ҳисобидааст.

Чи хеле дида мешавад, оятҳою аҳодиси баёнгардида ба тамоми аҳли ҷомеа муносибати некухоҳонаи дини исломро ба маърaз гузошта, аз мавқеи таҳаммулгароёнаи дини мазкур шаҳодат медиҳанд. Мавқеи таҳаммулгароёнаи дини ислом дар оятҳою аҳодиси набавӣ сароҳатан низ баён ёфтаанд. Аз ҷумла, дар Қуръон омадааст: “Ва бо аҳли китоб ҷуз ба он сурате, ки неку бошад, муҷодала макунед, магар бо касоне аз онҳо [муҷодала кунед], ки ситам карданд ва бигӯед: “Ба он чӣ ба сӯи мо фуруд оварда шуд, имон овардем ва худои мо ва Худои шумо Яке аст ва мо ба Ӯ фармонбардорем” (29:46); “Ва бар он чӣ мегӯянд, сабр кун ва онҳоро – ба тарк кардани некӯ тарк кун”(73:10); “Бисёре аз аҳли китоб, пас аз он ки ҳақ возеҳ шуд, ба сабаи ҳасади дар хеш [дошта] дӯст доранд, ки шуморо баъд аз имон [оварданатон] кофир гардонанд. Пас, даргузаред ва бибахшед, то он ки Худо фармони худро орад” (2:109); “Пас, ба сабаби паймони хешро шикастанашон онҳоро лаънат кардем ва дилҳояшонро сахт гардонидем. Калимотро аз ҷойҳояшон тағйир мекарданд ва ҳиссаеро аз он чӣ ба он панд дода шуданед, фаромӯш карданд. Ва ҳамеша ба хиёнгате аз онҳо – магар андаке аз онҳо огоҳ мешавӣ. Пас, онҳоро афв кун ва аз онҳо даргузар;ба дурустӣ, ки Худо некӯкоронро дӯст медорад”(5:13); “Пас, ба сабаби меҳрубонӣ аз Худо барои онҳо нарм шудӣ; ва агар дуруштхӯи сахтдил мешудӣ, аз атрофи ту пароканда мешуданд. Пас, аз онҳо даргузар ва барои онҳо омурзиш бихоҳ ва дар ин кор бо онҳо машварат кун” (3:159). Дар оятҳои мазкур ҳам таҳаммулгароиро пеша намудан ва ҳам бо ғайримусулмонон машварат намудан аз тарафи Қуръон ҳукм шудааст. Ва ҳатто паёмбар нороҳат мешавад аз он ки қавми Макка якравӣ намуда, имон намеоранд, Худованд амр медиҳад: Онҳоро ба ҳоли худ гузор ва бигӯ “салом”. Мавқеи таҳаммулпазиронаи дини ислом, инчунин, дар Мадина низ идома меёбанд. Вақте Муҳаммад баъд аз ҷанги Уҳуд мегӯяд, ки магар шахсе, ки рӯи паёмбари худро хунолуд месозад, наҷот меёбад, дар ҳолате, ки вай онҳоро ба сӯи Худо мехонад? Ҳадиси мазкур дар “Саҳеҳ”-и Бухорӣ зери рақамҳои 4073- 4075 ва дар “Саҳеҳ”-и Муслим зери рақами 1979 зикр шудааст. Ба паёмбар амр меояд, ки дар салоҳияти ту нест,ҷазо медиҳад ё авф менамояд, аз Худо вобаста аст (3:128).

Қобили зикр аст, ки афкору ақоид ва аъмоли таҳаммулпазирона на танҳо дар сарчашмаҳои асосии таълимоти исломӣ, балки дар таълимоти донишмандони муътабари исломӣ низ равшан ба чашм мерасанд. Дар ин самт пешвои ҳанафимазҳабон Имом Абуҳанифа сатҳи олии таҳаммулпазириро нишон додааст.

Баъд аз сурат гирифтани ихтилоф дар байни баъзе аз хулафои рошидин олами ислом ба таври воқеӣ ва ҷиддӣ ба ду гурӯҳи мухолиф ҷудо шуда буд. Зиддият дар байни онҳо тезутунд гардида, дар ҳолати нерӯгирӣ қарор дошт. Муайян намудани мавқеъи солим ва оқилона дар нисбати хулафои рошидин, махсусан Усмон ва Алӣ барои олами ислом ҳам аҳамияти бузурги амалӣ ва ҳам назариявӣ дошт. Мавқеи солим, оқилона, дурандешона, муросокорона ва таҳаммулпазирона имконият медод, ки пеши роҳи тезутундшавии минбаъдаи қазияи мазкур гирифта шавад. Маҳз бо мақсади мазкур ва ҳамзамон заиф сохтани ихтилоф дар байни ду равияи як дин ва гирифтани пеши роҳи нерӯ гирифтани адовату тафриқаи минбаъда дар дохили онҳо Абуҳанифа ба ҳар яке аз хулафои рошидин баҳои муносиби таърихӣ дод [6, с.84-87].

Ақидаи Таҳовия сухани Абуҳанифаро бештар шарҳ дода менависад: "Мо эътиқод дорем, ки Абубакр беҳтарини мардумон пас аз расули Худо (с) аст. Мо ҳаққи ӯро бар хилофат муқаддам бар дигарон медонем; пас аз ӯ ҳаққи Умар; пас аз ӯ Усмон ва саранҷом ҳаққи Алиро – ва онҳо хулафои рошидин ва пешвоёни дурусткирдор ҳастанд" [2, с.403-416]. Бе шак, чунин мавқеъгирии Имоми Аъзам ба хотири ҳифзифазои солим дар олами ислом ва гирифтани пеши роҳи хушунату бадбинӣ дар байни мусулмонон роҳандозӣ шудааст.

Яке аз шаклҳои зуҳури хусусияти таҳаммулпазиронаи таълимоти Абуҳанифа аз имон ҷудо ҳисобидани амал аст. Чунин мавқеъро интихоб намудани Имоми Аъзам аҳамияти бузурги методологӣ дошта, аз дурандешии оқилона ва ҳикмати болиғаи ӯ дарак медиҳад. Бегумон маҳз чунин мавқеъ яке аз сабабҳои воқеии интишори васеи таълимоти Абуҳанифа маҳсуб ёфта, муҷиби пойдорию устувории таълимоти ӯ гардид ва дурустии таълимоти ӯро амалан собит намуд. Гурӯҳҳое, ки амалро ҷузъи имон донистанд, ба мушкилоти амиқи ақидавӣ дучор гардиданд. Ба таври мисол равияи хавориҷ, ки ба сабаби мавқеи ифротӣ зимни ҳалли масоили мухталифи динию сиёсӣ дер напоид ва зуд аз байн рафт. Он гурӯҳҳое, ки баръакси Абуҳанифа амалро ҷузъи имон ҳисобиданд ва ё имрӯз чунин меҳисобанд, бояд ба сабаби хурдтарин амали ғайриисломӣ пайрави худро хориҷ аз дин ё муртад маҳсуб донанд. Чун тағйиротҳои охирини ҷомеа ва нақши мумтози арзишҳои дунявӣ дар он дар шароити "исломи ибтидоӣ" зиндагӣ намуданро ғайриимкон гардонидааст, мантиқан тамоми пайравони ақидаи мазкур бояд торикимон маҳсуб дониста шаванд. Ва баръакс ҷудо донистани амал аз имон маънои ба инобат гирифтани гуногунпаҳлӯии ҳаёти дунявӣ, ногузирии аъмоли дунёпарастона ва тағйирпазирии арзишҳои зиндагиро ифода менамояд. Огоҳӣ аз таълимоти Абуҳанифа аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вай тамоми паҳлуҳои масъалаи мазкурро ба инобат гирифтааст ва ақидаи хулосавии "як муъмин мумкин аст, ки хатокор бошад, бе он ки кофир бошад"[6, с.84-87] ё "гунаҳгорон дар миёни пайравони Муҳаммад (с) ҳама муъминанд, на кофир"[7, с.6]. Ҷойи шакке нест, ки Абуҳанифа ба чунин таълимоти қуръонӣ, ки "ҳар нафаре, ки тавҳид ва нубувватро пазирад ва қалбан ба он эътиқод дошта бошад,мусулмон аст", такя намудааст[11,49]. Бо такя ба далели мазкур Абуҳанифа муътазила, қадария, ҷаҳмия ва ғайраро кофир намедонад ва ҳамчунин он ҳадисеро, ки тибқи он дар миёни ҳафтоду ду фирқа сирф яке аз онҳо мустаҳиққи биҳишт аст ва дигарон дӯзахианд, беэътибор меҳисобад. Мутаассифона, чуноне ки муҳаққиқи таълимоти Абуҳанифа – Шиблии Нуъмонӣ менависад, "мутааххирини ҳанафиҳо ба ин усули Имом амал нанамуда, садҳо, балки ҳазорҳо масоили куфрро эҷод намудаанд, ки китоби фиқҳ аз онҳо мамлу аст"[1, с.234.].

Қобили зикр аст, ки хусусиятҳои таҳаммулпазирии таълимоти Абуҳанифа дар масоили ҷузъӣ низ равшан ба чашм мерасанд. Вобаста ба ин бояд ёдовар шуд, ки тибқи ақидаи муҳаққиқон дар мавриди аҳкоми шаръӣ дар ислом аз рӯзи аввал ду ақида вуҷуд доштааст. Тибқи ақидаи аввал аҳком ҳама аҳкоми тааббудиянд, яъне дар он ҳеҷ гунна асрор ва маслиҳат(ба маънои манфиат) вуҷуд надорад. Масалан, шаробхӯрӣ ва фисқу фуҷур ба хотири он амали нописандида ҳисобида мешаванд, ки шариат онҳоро мамнуъ эълом доштааст ва хайру закон ба хотири он амали нек

ҳисобида мешаванд, ки шариат онҳоро таъкид намудааст, варна ин аъмол дар табиати худ нек ё бад намебошанд. Имом Шофеӣ маҳз ҳамин ақидаро дастгирӣ менамояд. Дар баробари ин боз ақидае вуҷуд дорад, ки тамоми аҳкоми шариат дар заминаи масолеҳ(манфиатҳо) бунёд ёфтаанд. Маслиҳат ва ғоят(ба маънои ҳадаф, мақсад)-и тамоми масъалаҳои муҳим дар Қуръон зикр шудаанд ва Қуръон низ ба муқобили кофирон чунин тарзи далеловариро истифода мебарад. Аз ҷумла, дар бораи маслиҳати намоз дар Қуръон гуфта мешавад: Танҳо ан-ил-фаҳшои ва-л – мункар», дар бораи манфиати рӯза мегӯяд: «лааллакум таттақун», дар бораи манфиати ҷиҳод мегӯяд: «ҳатто ло такуна фитна»[1,259]. Муҳаққиқи таълимоти Абуҳанифа Шиблии Нуъмонӣ менависад, ки «мазҳаби Имом Абуҳанифа ҳам ҳамин аст ва ин усул дар масоили фиқҳии ӯ риоят гардидааст ва дар асари ҳамин аст, ки фиқҳи ҳанафӣ комилан бо ақл ва мантиқ мутобиқат дорад» [1, с.259]. Ба ақидаи муҳаққиқи мазкур, «ин иддаоро, ки мазҳаби Имом Абуҳанифа бо ақл мувофиқат дорад, пайравони мазҳаби шофеӣ ва дигарон ҳам мункири он нестанд. Зеро дар назди онҳо аҳкоми шаръӣ, хусусан ибодат ҳар қадар аз ақл ба дур бошад, ба ҳамон андоза далолат бар сиҳҳат ва хубии он дорад. Имом Розӣ дар баҳси закот навиштааст, ки «Мазҳаби Имом Шофеӣ нисбат ба мазҳаби Имом Абуҳанифа саҳеҳтар аст ва иллати он ин аст, ки мазҳаби Имом Шофеӣ аз ақл ва қиёс ба дур аст»[1, с.259].

Аз маълумоти боло бидуни шак на танҳо ақлгароию таҳаммулпазирии таълимоти Абуҳанифа собит мегардад, балки ҷанбаи дунявии ӯ низ ба зоҳир мерасад. Вақте Имом Абуҳанифа дар ҳар як аҳкоми шаръӣ асрор ва маслиҳатеро мебинад, пас ин амал аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вай омили дунявиро сарчашмаи аҳкоми шаръӣ маҳсуб медонад. Яъне, ҳар як амал вобаста ба нафънокӣ ва зарарнокии худ бояд мавриди ҳукм қарор гиранд. Дар заминаи манфиатҳо бунёд ёфтани аҳкоми шаръӣ ҳамзамон маънои онро дорад, ки шариат бояд манфиатҳои аҳли ҷомеаро ифода намояд. Дар акси ҳол он зарурат ва ногузирии худро аз даст медиҳад. Пас, дин ва шариат бояд барои ҷомеа бошанд, на ҷомеа барои дин ва шариати он. Ҳамин тавр, Имом Абуҳанифа манофеи аҳли ҷомеаро дар мадди аввал гузошта, ба таълимоти хеш хусусияти дунявӣ мебахшад. Аз дидгоҳи мазкури ӯ чунин хулоса ҳосил мегардад, ки агар манофеи ҷомеа муайянкунанда бошанд, ва онҳо бо дигаргун гардидану ба пешрафт ноил шудани ҷомеа тағйир ёбанд, пас аҳкоми шаръии бар асоси манофеъ бунёдёбанда низ бояд тағйир ёбанд. Яъне, аҳкоми шаръӣ наметавонанд муддати дароз бетағйир боқӣ монанд. Чун масолеҳу асрор тағйир ёфт, аҳкоми шаръӣ низ бояд тағйир ёбанд. Ҳамин тариқ, Абуҳанифа дар асоси масолеҳ ва асрор бунёд ёфтани аҳкоми шаръиро мантиқан ва таври муътамад асоснок менамояд, ки ин иқдоми ӯ аз хусусияти дунявӣ доштани таълимоти ӯ дарак медиҳад.

Чи хеле дар боло таъкид гардид, мазҳаби Имом Абуҳанифа аз дигар мазоҳиби исломӣ бо хусусияти равшани таҳаммулпазирӣ ва башардӯстонаи худ низ фарқ менамояд. Ба ҳамагон маълум аст, ки барои дуздӣ шариати ислом ба буридани даст ҳукм менамояд. Барои Абуҳанифа ҳаҷми моли дуздидашуда (нисоб) ҳамчун меъёр, ки ба сабаби он амал дуздӣ маҳсуб меёбад, аз дигар имомҳо чор маротиба зиёдтар аст. Ё агар дар як амали дуздӣ чанд нафар шарик бошанд, дасти ҳеҷ нафари онҳо бурида намешавад. Дар назди Имом Аҳмад дасти ҳамаи онҳо бурида мешавад.

Масъалаи дигаре, ки ба ҷанбаи ақлонии таълимоти Абуҳанифа далолат менамояд, ҳуқуқ ва соҳибихтиёрии зан аст. Дар назди Имом Шофеӣ ва Имом Аҳмад ибни Ҳанбал зан, агар оқил ва болиғ ҳам бошад, дар мавриди никоҳ соҳибихтиёр нест. Ихтиёри ӯ ба валии ӯ дода мешавад. Валии вай бо зӯрӣ ба ҳар кас хоҳад, ӯро никоҳ менамояд ва зан ҳуқуқи инкорро надорад. Дар назди Имом Абуҳанифа бошад, зани болиға дар никоҳи худ сохибихтиёр аст. Агар қабл аз балоғаташ валияш ӯро ба ягон шахс никоҳ карда бошад, баъд аз балоғаташ вай метавонад никоҳи мазкурро бекор намояд ё бипазирад. Ба ҳамин монанд Абуҳанифа дар масъалаи шаҳодат додани занҳо низ нисбат ба дигар имомҳо дурандешонатар рафтор намудааст. Назди

Абуҳанифа дар муомилот, чун никоҳ, талоқ, итқ ва ғайра ба шаҳодати занҳо чун шаҳодати мардҳо эътибор дода мешавад, дар ҳоле ки назди Имом Шофеӣ шаҳодати занҳо дар ҳолате, ки теъдодашон аз чор кам бошад, қобили қабул нест.

Қобили зикр аст, ки нуқтаи назари Имом Абуҳанифа дар масъалаи доғи рӯзи ҷомеаи мо – талоқ низ хеле дурандешона ва оқилона аст. Ҳалли масъалаи мазкур аз он сабаб барои ҷомеаи мо муҳим аст, ки мардуми мо пайрави Имом Абуҳанифа ҳастанду лек аз таълимоти ӯ ба хубӣ огаҳӣ нестанд. Маҳз ба сабаби ноогоҳӣ имрӯз дар байни ҷавонони мо вайроншавии тасодуфии оилаҳо зиёд ба чашм мерасад. Ҳол он ки пешвои мазҳаб дар ин бора гуфтааст: "Ат-талоқу маъа истиқомати ҳоли-з-завҷайни ҳаромун". Яъне, вақте ки ҳамсарон якҷоя зиндагӣ менамоянд, талоқ ҳаром аст. Агар дар ҳолати маҷбурӣ ва зарурат талоқ сурат гирифта бошад ҳам, ӯ тариқаи онро тавре муайян намудааст, ки ислоҳи он имконпазир бошад. Яъне, дар се марҳила бояд талоқ бидиҳад ва дар миёни ҳар талоқ як моҳ бояд фосила бошад, то дар ин муддат шавҳар дар бораи қарори худ биандешад ва агар бихоҳад аз тасмими худ бигардад [1, с.259]. Ҳамчунин, қобили зикр аст, ки барои сурат гирифтани никоҳ дигар имомҳо шартҳои сахтро пеш гузоштаанд. Аз ҷумла, дар мазҳаби Имом Шофеӣ гувоҳони никоҳ бояд одил бошанд. Чунин талабот хеле мушкил мебошад, зеро дар шароити вазнини зиндагӣ ёфтани гувоҳ бо чунин сифат кори осон нест. Ҳамчунин дар мазҳаби Имом Шофеъӣ ва Имом Аҳмад ибни Ҳанбал шоҳидон ё гувоҳон бояд мард бошанд. Аз нигоҳи Имом Абуҳанифа бошад, занҳо ҳам гувоҳ шуда метавонанд, ки ин андеша аз дурандешию сифати ақлонии таълимоти ӯ дарак медиҳад.

Чи хеле ки дар боло зикр намудем, таълимоти Абуҳанифа ҳамчунин аз сифати баланди башардӯстона низ бархӯрдор мебошад. Ин башардӯстии таълимоти Имом Абуҳанифа дар он ифода меёбад, ки зиммиҳо, яъне касоне, ки мусулмон набуда, дар тахти ҳукумати мусулмонон мутеона зиндагӣ менамоянд, дар муқоиса бо таълимоти дигар мазоҳиб шомили озодиҳои бештар мебошанд. Муҳаққиқи таълимоти Абуҳанифа Шиблии Нуъмонӣ менависад, ки "ҳуқуқеро, ки Имом Абуҳанифа барои зиммиҳо додааст, то кунун дар ҳеҷ гӯшаи дунё ҳеҷ ҳукумат ва давлат ақвоми ғайрро надодааст"[1, с.275]. Ба ақидаи ӯ, "Имоми Аъзам ба таври умум дар тамоми муомилот ҳуқуқи зиммиҳоро бо муслимин мусовӣ қарор додааст"[1,276].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилу баррасии ҷиддӣ ва амиқи таълимоти Имоми Аъзам ба чунин хулоса хоҳем расид, ки вай аллакай 1255 сол пеш зимни ташаккул додани таълимоти хеш доир ба баъзе аз масоили иҷтимоӣ маҳз манфиатҳои аҳли ҷомеа, ба қавли дигар манофеи як инсони мушаххаси ҷамъиятиро маҳак қарор дода, сатҳи баланди ақлонию таҳаммулпазирии таълимоти хешро ба маъраз гузоштааст. Ба назар чунин мерасад, ки Имоми Аъзам 1255 сол пеш ногузирии баланд бардоштани мақоми зан, баробарҳуқуқии мусулмонон ва ғайримусулмонон, зарурати ба иноат гирифтани манофеи дунявии инсон ва вобаста ба он содир намудани аҳкоми шаръиро дарк намуда буд. Ҳамин дурандешии амиқи Абуҳанифа дар иддае аз масоили иҷтимоӣ ба таълимоти ӯ хусусияти дарозумрӣ бахшида, манфиатбахшу татбиқшаванда ва ҳамзамон ҳамқадами замон будани онҳоро собит намудааст.

Қобили зикр аст, ки аз пайравони баъдинаи Имоми Аъзам Мавлоно Абдулҳайи Лакнавӣ то ҳадде асли таҳаммулпазириро дар таълимоти хеш роҳандозӣ намудааст. Ӯ ихтилофҳои дар байни имомони аҳли суннат суратгирандаро чун аз "ихтилофи назари саҳобагон ва ихтилофҳои аҳодис" маншаъгиранда баҳогузорӣ намуда, таъкид менамояд, ки ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки барои ихтилоф дар раъю назар шахси мухолифи худро фосиқ ё гумроҳ ном барад [5, с.45]. Абдулҳайи Лакнавӣ ҳамзамон мутаассибони замони худро зери маломат қарор дода, безории худро аз онҳо эълом доштааст.

Бояд тазаккур дод, ки хусусиятҳои мазкури таълимоти Абуҳанифаро Муҳаммад Иқбол низ таъкид намуда, ҳамзамон, аз мухолифони вай низ ёдовар шудааст: "Хӯрдагирии эшон (Имом Молик ва Имом Шофеӣ – А. К.) бар Абуҳанифа ва

мазҳаби ӯ сабаби озодии умури ғайримуҷаррад ё айнӣ аз қайду банд шуд ва ин заруратро пеш овард, ки дар тафсири усули қазоӣ ва ҳуқуқӣ ба мушоҳидаи ҳаракату танаввуи зиндагӣ бипардозанд. Бад-ин тартиб, мазҳаби Абуҳанифа, ки натоиҷи ин ихтилофи назарро ба хубӣ ҷазб кард, аз лиҳози асли асосии худ озодии мутлақ дорад ва аз ҳар мазҳаби фиқҳии дигар қобилияти интибоқи халлоқи он бештар аст. Вале ҳанафиёни ҷадид бар хилофи руҳи ин мазҳаб тафсиру таъбирҳои муассиси ин мазҳаб ва пайравони билофасли ӯро ҷанбаи абадият бахшида ва ҳамон ранги суботу абадиятеро, ки мухолифони Абуҳанифа ба фатовии баёншуда дар ҳолоти айнии хос медоданд, инон низ ба фатовии Абуҳанифа ва пайравони вай додаанд”[8, с.228]. Дар шароити тағйироту дигаргуниҳои босуръати иҷтимоию фарҳангӣ зиста, бо андешаи мазкури мутафаккири бузург розӣ нашудан душвор аст. Мутаассифона, пайравони имрӯзаи соҳибмақоми Имоми Аъзам дар ҷомеаи мо хусусияти ақлонию башардӯстона ва озодгароии таълимоти Абуҳанифаро дарк накарда, таълимоти Имомро ба низоми пур аз банду қайд мубаддал сохтаанд. Ҳол он ки Муҳаммад Иқболи таҳаввулгар боз ҳам таъкид менамояд: “Иддаои насли ҷадиди мусулмонони пайрави озодагарӣ ба ин ки мехоҳанд усули ҳуқуқии асосии исломро дар партави таҷрибаи худ ва авзои ҷадиди зиндагӣ аз нав тафсир кунанд, ба ақидаи ман иддаои комилан барҳақе аст. Таълими Қуръон ба ин ки зиндагӣ фароянди офариниши тадриҷӣ аст, биззарура мусталзими он аст, ки ҳар насл ба раҳнамоӣ ва на дар зери қайду банди корҳои гузаштагон муҷоз бошад, ки масоил ва душвориҳои махсус ба худро ҳал кунад”[8, с.218].

Бинобар ин, он шахшудамондагӣ, бетағйирӣ, қафомондагие, ки дар таълимоти пайравони Имом мушоҳида мегарданд, ҳеҷ умумияте бо таълимоти асосгузори он надошта, баръакс маҳсули тахайюли худи онҳо маҳсуб мебошанд. Аз ин лиҳоз, зарурат ба таъкид аст, ки чун Абуҳанифа дар қарни VIII зиста асли озодагарию ақлониятро зимни ҳалли масоили иҷтимоӣ ба роҳбарӣ гирифтааст, пас пайравони ӯ дар қарни XXI бояд аслҳои зикршударо бештар мавриди истифода қарор диҳанд, чун маҳз аслҳои мазкур кафили боэътимоди пешрафту саодати башар маҳсуб меёбанд.

Хулоса, таҳаммулпазириро ҳамчун падидаи зарурӣ, ногузир ва ҳатмӣ дар ҳаёти башарӣ таъкид намуда, мехоҳем тазаккур диҳем ки он дар шаклҳои гуногун ҳамчун воситаи мусолиматомези ҳамзистии халқиятҳои мухталиф дар таърихи тамоми фарҳангҳо ҷой доштааст. Дар таҳаммулпазирӣ ба инобат гирифта шудани манофеи заминии халқиятҳои мухталиф василаи равшани зуҳури принсипи дунявият ба шумор рафта, ҳамзамон олати боэътимоди пешгирии ҳама гуна хушунату бадбинӣ ва муқовимати ғоявӣ баромад менамояд. Андешаҳои хешро ҷамъбаст намуда, мухтасаран зикр менамоем, ки фарҳанги таҳаммулпазирӣ, ки аз ақли солим, дониши васеъ ва сиришти комилан инсонӣ маншаъ мегирад, шомили арзиши воло буда, василаи ягонаи зиндагии мусолиматомези тамоми халқу миллатҳо ва фарҳангу тамаддунҳо дар ҷомеаи пурихтилофи имрӯза ба ҳисоб меравад.

**АДАБИЁТ**


1. .Афкор ва рӯзгори Имоми Аъзам аз нигоҳи муҳаққиқон. Ба кӯшиш ва таҳияи Ҷаъфар Ранҷбар. – Душанбе: ЭР:-граф, 2009.
2. Ибни Абилъиззи Ҳанафӣ. Шарҳ-ут-таҳовия. – Миср: Дор-ул-маориф, 1953.
3. Мақом ва накши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2017.
4. Маҳмадизода Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳи пешгирии он/ Н.Д.Маҳмадизода. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2022.
5. Мирзозода Ғ. Мавлоно Абдулҳайи Лакнавӣ - муҷаддид дар мазҳаби ҳанафӣ/ Ғ.Мирзозода. – Душанбе: «Паёми ошно», 2014.
6. Мулло Алии Қорӣ. Шарҳи фиқҳ-ул-акбар/ Мулло Алии Қорӣ. – Деҳлӣ, 1922.
7. Мулло Ҳусайн., «ал-Ҷавҳарату-л-мунифа фи шарҳи васияти-л-имом Абуҳанифа»/ Мулло Ҳусайн. – Ҳайдаробод: Доирату-л-маориф, 1903.
8. Муҳаммад Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом/ Муҳаммад Иқбол. – Душанбе: «ЭР-граф», 2010.
9. Тауфик Ибрагим. Коранический гуманизм/Т.Ибрагим. - М.: ИД “Мадина”, 2015.
10. Қуръони карим.Тарҷумаи тоҷикӣ. – Душанбе, 2009.

11. Шарҳи фиқҳи акбар. Шайх Абулмунтаҳо Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Манғиёсӣ. Мутарҷим Муҳаммад Юнус Ҳайрон (Ба хатти форсӣ), Бе с/н.
12. Icocnews.ru/izuchenie –biblii (санаи мурочиат: 2.08.2021).
13. .Cyberleninka.ru/n/buddiyskie –tsennosty- i-problema-tolerantnosty-v- sovremennom -mire(санаи мурочиат: 2.08.2021).

## ҶАНБАҲОИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР ДИНИ ИСЛОМ

Мақола ба яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи имрӯза – таҳаммулпазирӣ дар дини ислом бахшида шудааст. Комилан равшан аст, ки дар гӯшаҳои гуногуни олами ислом то дер боз даргириҳои хунин сурат мегирифтанд. Аз ин рӯ, дар мафкураи аҳли ҷомеа дини ислом ҳамчун дини ҷанговар ҷилва медод. Муаллифи мақола бо такя ба оятҳои сершумор ва ҳадисҳои набавӣ изҳор медорад, ки китоби муқаддаси мусалмонон – Қуръон ва аҳодиси набавӣ ғайр аз оятҳои хусусияти ҷангӣ дошта боз ҷанбаҳои таҳаммулгароёна низ доранд. Муаллиф баъд аз овардани мисолҳои сершумор аз оятҳою ҳадисҳо боз таълимоти Абуҳанифа – асосгузори яке аз мазҳабҳои асосӣ ва калонтарини дини исломро мавриди таҳқиқ қарор дода, бо далелҳои муҳими ақлию нақлӣ собит менамояд, ки мазҳаби мазкур дар муқоиса бо мазҳабҳои дигари исломӣ бештар таҳаммулгаро буда, аз ҷанбаҳои зиёди башардӯстона бархӯрдор мебошад.

**Калидвожаҳо:** таҳаммулпазирӣ, ислом, мазҳаб, Қуръон, оят, ҳадис, башардӯстӣ.

## ТОЛЕРАНТНЫЕ АСПЕКТЫ В ИСЛАМСКОЙ РЕЛИГИИ

Статья посвящена толерантности в исламе - одной из актуальных проблем современного общества. Вполне очевидно, что в различных частях исламского мира до недавного времени происходили кровавые столкновения. Поэтому в сознании народной массы ислам выделился как воинственная религия. Автор статьи опираясь на многочисленные коранические стихи и пророческие хадисы заявляет, что эти источники наряду с воинственными особенностясми обладают также толерантными аспектами. Автор статьи после анализа многочисленных аятов и хадисов обращает внимание и на учение Абуханифы – основателя одного из основных и самого распространненого течения. На основе приведенных примеров и логических приемов автор доказывает, что данное течение по сравнению с другими течениями является более толерантным и имеет богатое гуманистическое содержание.

**Ключевые слова:** толерантность, ислам, течение, Коран, аят, хадис, гуманистический.

## TOLERANT ASPECTS IN THE ISLAMIC RELIGION

The article is devoted to tolerance in Islam – one of the actual problems in the modern society. It is completely obvious that in the different parts of the Islam world has taken place bloody clash. Therefore, in the public consciousness Islam has manifested as a warrior religion. The author of the article, resting on the various Koranic verses and prophet sayings, states that these sources along with the warrior features have tolerant aspect also. The author after analyzing a lot of verses and hadis pays attention to teaching of Abuhanifa – founder one of the basic and broadly spread schools of Islam as well. On the base of the brought examples and logical methods the author proves that this school with regard to other Islamic school is more tolerant and has humanistic content.

**Kew worlds:** tolerance, Islam, school, Qu'ran, verse, hadis, humanistic.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдухалилзода Кароматулло* -** Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. **Суроға**:734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139. Телефон: **906550929**

**Сведения об авторе:** ***Абдухалилзода Кароматулло*** – Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибн Сино, кандидат философских наук, доцент кафедры общественных дисциплин. **Адрес**: 734017, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 139. Телефон: **906 550929**

**Information about the author:** ***Abdukhalilzoda Karomatullo*** - Avicenna Tajik State Medical University, Candidate of Philosophy, Associate Professor of the Department of Social Disciplines. **Address**: 734017, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 139. Phone: **906 550929**

УДК:371.842

# СПЕЦИФИКА ФОРМИРОВАНИЯ ЭМОЦИОНАЛЬНОЙ УСТОЙЧИВОСТИ ПЕДАГОГА В ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

***Умаров А.С.***
**Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни**

Для характеристики специфики формирования эмоциональной устойчивости педагога необходимо выявить сущность педагогической деятельности. Сущность любой деятельности можно представить как единство цели, мотивов, действий (операций) и результата. Как справедливо отмечает А.А. Реан: «Все эти компоненты можно выделить и в педагогической деятельности, наполняя, естественно, каждый из них специфическим содержанием» [23, с.58].

Педагогическая деятельность представляет собой особый вид социальной деятельности, направленной на передачу от старших поколений младшим накопленных человечеством культуры и опыта, создание условий для их личностного развития и подготовку к выполнению определенных социальных ролей в обществе [27,с.18].

Педагогическая деятельность связана с разного рода напряженными ситуациями высокой эмоциональной насыщенности и когнитивной сложности межличностного общения. Обычно профессиональную деятельность педагога относят к группе профессий типа «человек-человек», так как объектом, на преобразование которого направлена деятельность, является человек.

Наряду с этой позицией существует точка зрения, согласно которой педагогическая деятельность относится к многофункциональной профессиональной деятельности типа «человек- оператор», связанной с необходимостью одновременного выполнения определенного числа различных функций и действий при неоптимальных для, работы внешних условиях. Например: профессиональная необходимость «методически, дидактически, лексически, аргументированной подачи учебного материала в течение строго регламентированного временного интервала и больших по численности коллектива учащихся может рассматриваться как аналог полифункциональной операторской деятельности с большим числом объектов внимания» [16,с. 27].

Е.А. Климов совершенно справедливо относит профессию педагога к типу профессий «человек-человек», и определяет следующими качествами человека:

- устойчиво хорошим самочувствием в ходе работы с людьми;
- потребностью в общении;
- способностью мысленно ставить себя на место другого человека;
- быстро понимать намерения, помыслы, настроение других людей;
- быстро разбираться, во взаимоотношениях людей;
- хорошо помнить и держать в уме знания о личных качествах многих и разных людей и т.д.

Автор подчеркивает, что человеку этой профессиональной схемы свойственны:

- умение руководить;
- учить, воспитывать;
- «осуществлять полезные действия по обслуживанию различных потребностей людей»;
- умение слушать и выслушивать;
- наличие широкого кругозора;
- наличие речевой (коммуникативной) культуры;
- умение решать нестандартные ситуации;
- наличие высокой степени саморегуляции и т.д. [16, с.181].

Характеризуя дополнительные признаки профессиональной деятельности педагога О.А. Лапина и Н.Н. Прядушкина отмечают, что педагогическая деятельность — это специфическое, целостное явление человеческой практики, имеющее структуру и существующее как целостность только во взаимосвязи и взаимообусловленности всех его компонентов. Разрыв в одном звене неизбежно приводит к разрушению целостности, и поэтому нельзя судить о педагогической деятельности по частным фактам вне их взаимообусловленности и взаимосвязи. Деятельность - это не набор отдельных фактов и даже не их сумма, она осуществляется в единстве всех ее структурных составляющих, среди которых системообразующим фактором успешности профессиональной деятельности педагога является его эмоциональная устойчивость [18,с.10].

Исследуя специфику педагогической деятельности, Т.А. Савиной были «выявлены и определены основные детерминанты эмоциональной устойчивости педагога:

- профессиональная компетентность,
- коммуникативность,
- стрессоустойчивость,
- отсутствие выраженной профессиональной деформации и эмоционального выгорания.

Успех в любой деятельности зависит от уровня профессиональной компетентности человека» [26,с.43].

Феномен компетентности получил широкую трактовку, как в отечественной, так и в российской и зарубежной науке. Обзор словарных источников показал, что толкование понятия «компетентность» в различных изданиях не имеет больших различий:

- означает обладание знаниями, необходимыми для суждения о чем-либо [35,с.801];
- определяется как осведомленность, а «компетентный» как сведущий - знающий, осведомленный в какой-либо области. [24, с.265].

С одной стороны, понятие компетентности, является общим и устойчивым, ассимилирующим наличные и потенциальные познавательно-практические понятия. С другой стороны, понятие компетентности в своей сущности подвижно, исторически изменчиво. Меняются ситуации - меняются, цели и нормы, меняются культурные образцы, меняются сами люди, их запросы и возможности. При всем этом инвариантным остается требование компетентности. Устойчивость этой ценности достигается благодаря подвижности наполнения компетентности [10,с.12].

И.А. Зимняя рассматривает понятие компетентности как способности понимать социальные процессы и оказывать на них влияние. Именно компетентностная деятельность и в образовании, и в науке требует определенного уровня гражданской компетентности. Речь идет о важности социально полезной деятельности, востребованной современным обществом. Автор выделяет три основные группы компетентностей:

1. Компетентности, относящиеся к самому себе как личности, как субъекту жизнедеятельности (компетенции здоровье сбережения, ценностно-смысловой ориентации в мире, интеграции, гражданственности, самосовершенствования, саморегулирования, саморазвития, личностной и предметной рефлексии);
2. Компетентности, относящиеся к взаимодействию человека с другими людьми (компетенции социального взаимодействия, компетенции в общении);
3. Компетентности, относящиеся к деятельности человека, проявляющиеся во всех типах и формах (компетенция познавательной деятельности, компетенция деятельности, компетенция информационных технологий) [11,с.24].

Компетентность - категория оценочная, отмечает Е.И. Огарев. Он характеризует человека как субъекта специализированной деятельности, где развитие способностей человека дает ему возможность выполнять квалифицированную работу, принимать ответственные решения в проблемных ситуациях, планировать и совершенствовать действия, приводящие к рациональному и успешному достижению поставленных целей». Нам близка точка зрения автора, который понимает компетентность как устойчивую способность к деятельности со знанием дела [22].

Мы разделяем точку зрения Ю.В. Варданян, которая трактует компетентность как сложную единичную систему внутренних психических состояний и свойств личности специалиста, готовность к осуществлению профессиональной деятельности и способность производить необходимые для этого действия [39,с.76].

М.А. Чошанов выделяет компетентность как способность к актуальному выполнению деятельности [39, с.69].

В целом ученые, относят компетентность к общей характеристике индивида и не связывают ее с разрозненными, умениями.

В основе западноевропейских моделей компетентности лежат такие качества, как:

- умение самостоятельно находить пути решения комплексных задач;
- постоянная потребность овладевать новыми знаниями и навыками;
- положительное представление о своей личности, способность гармоничного общения, умение вести себя в коллективе.

Что касается компетентности педагога, то и здесь нет четкого и однозначного определения, сущности данного феномена.

Мы считаем, что определение Н.В. Кузьминой, которая рассматривает профессиональную компетентность учителя как осведомленность педагога, как свойство его личности, позволяющее продуктивно осуществлять воспитательные задачи, направленные, в свою очередь формирование личности другого человека, несколько поверхностно и не отражает всей глубины [15, с.119].

А.А. Деркач, В.Г. Зазыкин А.В. Маркова выделяют компетентность как сформированность единого комплекса знаний, навыков, умений, психологических особенностей (качеств), профессиональных позиций и акмеологических инвариантов; совершенное владение инструментарием непродуктивными технологиями реализаций функциональных обязанностей [8, с.62].

Изученные теоретические источники убеждают нас в правомерности таких взаимосвязей терминов, которые позволили А.К. Марковой рассматривать, профессионализм педагога как интеграцию различных, компетентностей: «профессионально компетентным является такой труд учителя, в котором на достаточно высоком уровне осуществляется педагогическая деятельность, педагогическое общение, реализуется личность учителя, в котором достигаются хорошие результаты в обученности и воспитанности школьников (эти стороны составляют пять блоков профессиональной компетентности).

При этом компетентность педагога определяется также соотношением в его реальном труде того, каковы его профессиональные знания и умения, с одной стороны, и профессиональные позиции, психологические качества — с другой» [21,с.124].

Б.С. Гершунский разводит понятия «образованность» и «профессиональная компетентность», причем, - первое характеризует как личностные образовательные приобретения, второе - как уровень собственного профессионального образования, опыт, индивидуальные способности педагога, его мотивированное стремление к непрерывному самообразованию и самовоспитанию, творчество и ответственное отношение к делу [7, с.84].

Исследуя феномен педагогической компетентности, И.А. Колесникова отмечает, что это интегральная, профессионально - личностная характеристика, обусловливающаяготовность и способность выполнять педагогические функции в соответствии с принятыми в социуме в конкретно-исторический момент нормами, стандартами, требованиями. Автор рассматривает это понятие как оценку, которую дают окружающие учителю в его профессиональной деятельности. С этой позиции педагогическая компетентность выражает то общее, что присуще конкретному носителю профессии, делающее его сопричастным к педагогическому сообществу и определенной педагогической культуре [14,с.165].

Нам близка точка зрения В.А. Сластенина, который, определяя педагогическую компетентность, подчеркивает важность наличия педагогической рефлексии, эмоциональной устойчивости и учета индивидуальных особенностей, склонностей и характера педагога [28,с.112].

Рассматривая педагогическую компетентность как профессионализм педагога, Е.И. Рогов вкладывает в это понятие совокупные характеристики, которые отражают психофизиологические, психические и личностные изменения, происходящие в работе учителя в самом процессе овладения и длительного выполнения деятельности. Эти изменения обеспечивают качественно новый, более эффективный уровень решения сложных профессиональных задач в особых условиях [25,с.64].

«Одна группа ученых (С.Б. Елканов, В.И. Журавлев, В.М. Мындыкяну, Т.В. Новикова) выделяет компетентность как одну из ступеней профессионализма, составляющую основу педагогической деятельности учителя. Социальная и профессиональная направленность, собственно, педагогические способности, культура мышления и темперамент выступают, согласно данной теории в качестве условий, факторов, обусловливающих уровень проявления профессионализма.

Другие исследователи (А.А. Вербицкий, А.К. Маркова), определяют профессиональную компетентность как степень владения системой) знаний, умений, навыков, способами деятельности; как конгломерат психологических качеств, необходимых для осуществления педагогической деятельности.

Третьи (А.И. Мищенко, Г.И. Саранцев, В.А. Сластении, Л.Ф; Спирин) рассматривают профессиональную компетентность учителя с позиций уровневого подхода - как способность личности на разных уровнях решать различные педагогические задачи.

Четвертые, в структуре профессиональной компетентности (Л.Н. Захарова; Е.И; Исаев и Г.А: Цукерман) особо выделяют ее психолого-педагогическую составляющую, в основе диагностики которой лежит идея декомпозиции деятельности на ее составные части (ориентировочную часть, проектирование, реализацию, контроль, коррекцию) и определения их сформированности у субъекта на различных уровнях представленности содержания (предметном, адаптационном, рефлексивно-психологическом, коммуникативном) и конкретных уровнях профессионального функционирования (информационном, технологическом, проблемном, преобразующем, концептуальном)»[26,с.48].

Необходимо отметить, что в общую структуру педагогической компетентности, по нашему мнению, входит ряд ее частных видов. Особое место в ней занимает так называемая конфликтная компетентность, которая рассматривается нами вслед за Б.И. Хасаном как «уровень развития осведомленности о диапазоне возможных стратегий поведения в конфликте и умений реализовать эти стратегии в конкретной жизненной ситуации» [38,с.65].

Основная цель работы в области практической конфликтологии - дать учителю возможность сформировать конструктивное отношение к конфликтам, снизить страх перед их возникновением, овладеть способами анализа и разрешения типичных их проявлений. Более того, следует создать условия для того, чтобы педагог смог использовать конфликты в целях обучения, воспитания и управления, иногда даже специально провоцируя для этого возникновение конфликтных ситуаций. Это, конечно, не отрицает необходимости постоянной профилактической работы, заключающейся в повышении культуры общения (культуры воздействия, речи, мышления, прогнозирования ответных реакций, слушания, поддержания общения, исправления ошибочного действия и т.д.) и совершенствовании системы эмоциональной саморегуляции учителя» [38,с.65].

Таким образом, мы выявили, что эмоциональная устойчивость и профессиональная компетентность педагога взаимосвязаны и взаимообусловлены, чем выше уровень профессиональной компетентности, тем выше уровень саморегуляции, а, следовательно, и

эмоциональной устойчивости. В тоже время низкий уровень профессиональной компетентности усугубляет эмоциональную нестабильность, что способствует снижению эмоциональной устойчивости будущих специалистов.

В качестве еще одной детерминанты, имеющей существенное значение для эмоциональной устойчивости будущих педагогов, мы выделяем коммуникативность.

В настоящее время образование в информатизированном обществе из средства усвоения готовых общепризнанных знаний, превращается в способ информационного обмена личности с другими людьми, что предполагает не только усвоение, но и передачу, генерирование информации. Следуя положениям гуманистической парадигмы, можно говорить о том, что одной из актуальных задач для будущих педагогов является установление межличностного «живого нравственного общения личностей» [36,с.74], которые строится на субъект-субъектной основе.

Положение Л.С. Выготского, что высшие психические функции образуются в речевом общении и то, что специалисты дифференцируются между собою именно своим специальным функциям в частности, специальным функциям общения или коммуникации [4,с.232], позволяет предположить, что сам процесс формирования эмоциональной устойчивости будущих педагогов во многом. определяется общением.

Общение, по определению Б.Ф. Ломова, представляет собой специфическую форму активности людей, в результате которой формируется взаимопонимание [19,с.128]. В процессе общения происходит взаимообмен информацией, состояниями и действиями, устанавливаются конкретные отношения между участниками образовательного процесса.

Как полагает Т.В. Савина: «В общении познавательные, эмоциональные, волевые свойства не только проявляются, но и раскрываются, т.к. в процессе усвоения норм, ценностей, знаний и способов деятельности студент развивается как личность, как субъект деятельности. Исходя из специфики педагогического труда, уровень эмоциональной устойчивости напрямую связан с развитием умений педагогического общения» [26,с.50].

Таким образом, общение является одной из важнейших детерминант эмоциональной устойчивости педагога.

Общение, или, по-другому, коммуникация - это многостороннее и многофункциональное понятие. В зарубежной социальной психологии термином «коммуникация» обозначают любую связь между людьми, все имеющиеся способы социальных связей.

Мы разделяем точку зрения В.А. Якунина, что понятие «коммуникация» становится более общим по отношению к общению [42,с.232], т.к. данная типология применима к анализу взаимодействия на любом уровне: в диадах «преподаватель-студент», «студент-студент», триадах «преподаватель-студент-ученик», «преподаватель-студент-студент», во внутригрупповом взаимодействии и взаимодействии «преподаватель-учебная группа».

Т.А. Савиной отмечается: «Коммуникация имеет собственные функции, структуру и динамику. Общими для всех уровней взаимодействия, являются следующие функции коммуникации:

- информационная, связанная с передачей и приемом информации и познанием взаимодействующими сторонами друг друга;

- аффективная (эмоциональная), определяющая и влияющая на изменение эмоционального состояния коммуникантов, их взаимовосприятия и взаимоотношения по поводу совместной деятельности в решении общих задач; регулятивная (координационная и побудительная), которая характеризуется стремлением каждым участником понять установки и взгляды друг друга, прислушаться к мнению других, обеспечить взаимное ориентирование и согласование действий, выработать единую стратегию взаимодействия, сформировать общую оценку достигнутых результатов и в делом связана с коллективным характером взаимоотношений» [26,с.50].

Коммуникативное взаимодействие обеспечивает наибольшую восприимчивость и открытость к взаимовлиянию, когда рационально-логическое дополняется интуитивно-

Ин махсусан дар он мавридҳое зарур аст, ки таълимгиранда бояд миқдори калони иттилоотеро, ки дастурамал, харитаҳо ва нақшаҳои технологӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ғайраро дарбар мегирад, азхуд кунад.

Илова бар ин, на ҳама вақт маълумоти чопӣ ба курсантҳо дастрас аст, ки ин ногузир омӯзгоронро водор мекунад, ки кори худро бо манбаъҳои иттилоот дар ашкли электронӣ электронии гуногун созанд. Зарурати эҷоди китобҳои дарсии электронӣ ва барномаҳои таълимӣ ба миён меояд, ки ҳам хосиятҳои китоби дарсии муқаррарӣ, ҳам хосиятҳои маълумотномаро дарбар мегиранд [13, с. 105].

4. Технологияҳои иттилоотӣ имкон медиҳанд шароити воқеии вазъияти оперативӣ-ҷангӣ амсиласозӣ карда шуда, имконият фароҳам меоранд на танҳо тамрини қабули қарорҳои зарурии идоракунӣ амалӣ карда шавад, балки омодасозии касбӣ низ амалӣ карда шавад.

Воситаҳои компютерии таълимӣӣ имкон медиҳанд вазифаҳои зерин ҳал карда шаванд:

– барои хар як курсант ҳаҷми кор бо маводи омухташаванда ва пайдарпаии иборат аз навбатнокии омӯзиши назария, таҳлили мисолҳо, ташаккули малакаҳои ибтидоии касбӣ, ҳалли вазифаҳои навъи ба салоҳият нигаронидашударо таъмин карда шаванд;

- имконияти худназораткуии сифати дониш ва малакаиҳо гирифташуда таъмин карда шавад;

- кам кардани вақти зарурӣ барои омӯзиши мавод.

Ҳамин тариқ, барои таъмини сифати раванди таҳсилотӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи таъсири педагогӣ ба ташаккули неруи эҷодии курсант омӯзгорон бояд мутахассиси соҳаи худ буда, бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки сифати таълиму тарбияро баланд мебардоранд, босалоҳият истифода баранд.

Технологияҳои муосири иттилоотӣ нисбат ба сифати маводҳои таълимии таҳияшуда аз сабаби дастрасии озод ба онҳо, ҳам барои донишҷӯён, ҳам барои

омӯзгорон, талаботи иловагиро ба миён мегузоранд, ки ин назоратро аз болои сифати ин маводҳо тақвият мебахшад.

Технологияҳои муосири коммуникатсионӣ имкон медиҳанд, ки ҳамкории роҳбари дарс ва хонанда фаъолтар шавад, аммо ин аз омӯзгор кӯшишҳои махсуси иловагиро талаб мекунад.

Ворид намудани маводи чандрасонаии таҳсилотӣ, технологияҳои муосири иттилоотиб коммуникатсионӣ ба раванди таълим имкон медиҳад:

- маводи таълимӣ на танҳо дар шакли чопӣ, балки инчунин бо истифода аз видео, графика, аудио пешниҳод карда шавад, ки ин ба бисёр курсантҳо имконияти воқеии дар сатҳи баландтар омӯхтани маводро фароҳам оварда, низоми худназораткуниро автоматӣ мекунонад;

- раванди азхудкунӣ, мустаҳкамкунӣ ва истифодаи маводи таълимӣ бо назардошти интерактивӣ будани бисёр воситаҳои электронии таълим автоматӣ кунонида шаванд;

- фардикунонии таълим амалӣ карда шавад;

- ҳаҷми калони иттилоот мавриди истифода қарор дода шавад;

- ба курсантҳо дарёфт ва истифодаи намудҳои гуногуни иттилоот, ки яке аз маҳоратҳои муҳимтарини ҷаҳони муосир мебошад, таълим дода шаванд [13, с. 107].

Мақсади асосии таҳсилоти ҳарбии касбӣ омодасозии мутахассисе мебошад, ки ба кори самарабахши касбӣ аз рӯи ихтисос омода буда, дар низоми бунёди симои дурнамои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди бозхост қарор дорад. Омодасозии анъанавии мутахассисон, ки ба ташаккули донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо дар соҳаи фаннӣ нигаронида шудааст, ҳарчи бештар аз талаботи муосир қафо монда истодааст. Ҳамчун асоси таҳсилот на он қадар фанҳои таълимӣ, чи қадар усулҳои тафаккур ва фаъолият бояд қарор гиранд. Зарур аст на танҳо мутахассисе омоад карда шавад, ки омодагии сатҳи баландро гирифтааст, балки ӯ ҳанӯз дар марҳилаи таълим ба таҳияи технологияҳои нав шомил карда шуда, ба шароити муҳити мушаххаси ҳарбии касбӣ мутобиқ карда шуда, ба интиқолдиҳандаи қарорҳои наве табдил дода шавад, ки вазифаҳои роҳбар ва мутахассиро дар соҳаи идоракунӣ бомуваффақият иҷро мекунад.

Аз ҷониби консепсияи муосири муосиркунонии таҳсилот чунин афзалиятҳои таҳсилот, ҳамчун дастрасӣ, сифат, самаранокӣ пешбинӣ шудаанд. Ба татбиқи ин талаботи афзалиятнок инноватсияҳои педагогӣ мусоидат мекунанд. Инноватсияҳо дар фаъолияти таҳсилотӣ – ин истифодаи донишҳо, усулҳо, муносибатҳо, технологияҳои навтарин барои ба даст овардани натиҷа дар намуди хизматрасониҳои таҳсилотие мебошанд, ки бо серталабии иҷтимоӣ, бозорӣ ва фаннӣ фарқ мекунанд. Омӯзиши таҷрибаи инноватсионӣ нишон медиҳад, ки аксарияти навовариҳо ба коркарди технологияҳо ва методҳои ояндадори таълим бахшида шудааст.

Дар вақтҳои охир дар амалияи педагогӣ технологияҳои гуногуни таҳсилотӣ мавриди истифода васеъ қарор гирифтанд, гарчанде фикр дар бораи технологикунонии раванди таълим ҳанӯз аз ҷониби Я.А. Коменский қариб 400 сол пеш изҳор шуда буд. Ӯ даъват мекард таълим “техникӣ” кунонида шавад, яъне чуноне карда шавад, то ки ҳар чизе таълим дода мешавад, муваффақият пайдо кунад. Дар хориҷа, пеш аз ҳама, дар ШМА, таваҷҷуҳ ба технологияҳои таҳсилотӣ дар мобайни асри XX, вақте ки барномаҳои аввалини таълими аудиовизуалӣ, яъне таълим бо кумаки воситаҳои техникӣ пайдо шуданд, ба вуҷуд омад. Истилоҳи “технологияҳои таҳсилотӣ”, ки дар солҳои 1960-ум пайдо шуд, маънои бунёди раванди педагогӣ бо натиҷаи кафолат додашударо дорад [3, с. 23].

Аён аст, ки беҳбуд бахшидан ба раванди педагогӣ бо роҳи такмили методҳо ва воситаҳо шарти зарурӣ, аммо нокифоя мебошад. Интихоби методҳо, воситаҳо ва

шаклҳо бояд бо татбиқи мақсади мушаххас ва коркарди низоми нишондиҳандаҳои таълим ва тарбия якҷоя карда шавад. Маҳз ба ҳамин низоми ҷорикунии муносибатҳои инноватсионӣ ба раванди ташаккули симои муосири мутахассиси ҳарбӣ – хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ бояд нигаронида шавад. Таҷрибаи педагогикаи муосир нишон медиҳад имрӯз доираи васеи методҳои инноватсионии таълим мавҷуд аст, ки имкон медиҳад низомҳои таҳсилотие эҷод карда шаванд, ки ба дастовардҳои муосири илм ва техника такя мекунанд. Ҳамин тавр, яке аз муносибатҳои паҳншудатар таҳсилоти фосилавӣ ба шумор меравад [8].

Вазифаи муҳимтарини таҳсилоти олии ҳарбӣ дар шароити муосир ташаккули тафаккури илмӣ дар афсарони оянда, малакаҳои азхудкунии мустақилона ва таҳлили интиқодии маълумоти нав, маҳорати сохтани фарзияҳои илмӣ ва ба нақша гирифтани озмоиш оид ба санҷиш ба шумор меравананд. Ҳалли ин вазифа бидуни истифодаи васеи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ имконнопазир ба назар мерасад. Захираҳои иттилоотӣ моҳиятан ба категорияи нави иқтисодие табдил ёфтаанд, ки парвози навбатии пешрафти илмию техникиро муайян мекунад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таҳсилоти ҳарбӣ бо мақсадҳои педагогии иттилоотикунонии таҳсилот принсипҳои истифодашавандаи дидактикиро бо мазмуни нав, аз қабили: татбиқи фармоиши иҷтимоӣ; такмили шахсияти таълимгиранда ва мутобиқсозии ӯ ба шароити нави фаъолияти ҳаётии ҷомеа; баланд бардошатан ва беҳтар кардани сифати раванди таҳсилотӣ пурра мекунад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии муосир дар раванди таҳсилотӣ воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва барномаҳои универсалӣ, ба монанди барномаҳои таълимӣ ва тренажерҳо – стимуляторҳо, воситаҳои иттилоотӣ ва маълумотномавӣ, воситаҳои намоиш ва тақлид, воситаҳо барои вазифаҳои ҳисобкунӣ ва таълимию амалӣ интишори васеъ пайдо кардаанд [2, с. 41].

Ҷузъи рушддиҳанда ва тарбиякунандаи раванди таҳсилоти ҳарбӣ бо истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо фароҳам овардани шароит барои ташаккул ва рушди фарҳанги иттилоотии таълимгиранда тавсиф ёфта, ба инкишофи сифатҳои шахсиятии ӯ, ба монанди мустақилият ва фаъолнокӣ, мутобиқшавӣ ба шароити фаъолияти ҳаётии ҷомеаи иттилоотӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва коммуникативии шахсият мусоидат мекунад [5, с. 7-11].

Дар айни замон, ба монанди ҳамаи воситаҳои гуногуни таълим, ба воситаҳои технологияҳои иттилоотию комумникатсионӣ, ки самарабахшии азхудкунии маводи таълимиро дар вақти машғулият дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ таъмин менамоянд, талаботи зерин пешниҳод карда мешавад:

- гуногунии пешниҳоди иттилооти таълимӣ дар муҳитҳои гуногуни идрок барои таълимгиранда (босирагӣ, садогӣ, ламсӣ ва ғайра);

- гуногунии сужаҳо дар мазмуни маҳсули барномавӣ ва озодии интихоби амалҳо аз ҷониби истифодабарандагон;

- дастрасии маҳсулоти барномавӣ барои дарки таълимгиранда (тарроҳӣ, интерфейс, воситаҳои навигатсия ва ғайра) [6, с. 108-111].

Воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таҳсилоти олии ҳарбӣ татбиқи аксари талаботҳое, ки асоси иттилоотикунониро ташкил медиҳанд, аз қабили: ҳамгиросозии намудҳои гуногуни иттилоот; реҷаи муошират бо истифодабаранда; интиқоли мувозии иттилоот; имконияти кор кардан бо ҳаҷмҳои калони иттилоот; кор дар реҷаи вақти воқеӣ; идоракунии самарабахши раванди коркарди иттилоот; дастрасӣ, универсалӣ будан ва ғайраро таъмин менамоянд [7, с. 82-85].

Истифодаи воситаҳои гуногуни муосири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки вазъияти воқеиро тақлид мекунанд, имкон медиҳад самарабахшии таълим ва ҳавасмандӣ ба он баланд бардошта шуда, раванди азхудкунии иттилооти ҳарбии таъйиноти таълимидошта дар таълимгиранда таъсирпазиртар гардонида шавад. Ба туфайли ин шароити зарурӣ барои рушд ва татбиқи салоҳиятҳои касбӣ, ба монанди иттилоотӣ ва коммуникативӣ ташаккул меёбанд [7, с. 82-85; 10, с. 25-33].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки имкониятҳои воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таҳсилоти олии ҳарбӣ васеъ мебошанд. Чунин имкониятҳо, ба монанди аёнигардонии иттилооти таълимӣ дар машғулятҳо, робитаи доимии (интерактивии) барьакс миёни таълимгирандагон ва воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, автоматикнунонии равандҳои таъминоти иттилоотию методӣ, идоракунии ташкилии фаъолияти таълимӣ, назорати объективӣ ва мустақили натиҷаҳои азхудкунии маводи таълимӣ ва ғайра раванди таҳсилотиро такмил дода, фаъолнокии таълимгирандагон ва сифатҳои шахсиятии онҳоро ҳангоми азхудкунии маводи мавриди омӯзиш фаъол мегардонанд [5, с. 7-11].

Ҷорикунии воситаҳои гуногуни иттилоотию коммуникатсионии таъйиноти таълимию таҳсилотӣ, ки дорои имкониятҳои беназири дидактикӣ буда, аммо ба хусусияти раванди таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ мутобиқ гардонида нашудаанд, як қатор масъалаҳоро оид ба таҳқиқи истифодаи самарабахши ин воситаҳо ба миён меорад. Самарабахшӣ ноилшавиро ба мақсади гузошташудаи раванди таҳсилотӣ, змини хароҷоти ҳадди ақалли вақт ва кӯшишҳои таълимгирандагон ва омӯзгорон пешбинӣ менамояд, ки барои раванди таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ махсусан мубрам мебошад [5, с. 7-11].

Имкониятҳои нодири технологияҳои иттилоотию иртиботӣ имкон медиҳанд салоҳиятҳои касбии сатҳи баландтаре инкишоф дода шаванд, ки қобилияти таълимгирандагонро ба рефлекс, нисбат додани образҳо ба ашёҳо, таҳлил, дарёфти робитаҳои қонунӣ ва ошкор кардани роҳҳои ҳалли вазифаҳои гузошташуда, банақшагирии фаврӣ ва фаъолияти муштаракаи иштирокчиёни раванди таҳсилотӣ таъмин менамоянд.

Таъминоти дахлдори ташкилию методии раванди таълимию таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ мустақиман аз гуногунии шароити истифодашавандаи педагогии истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилотию коммуникатсионӣ ба мақсади ташаккули самарабахши малакаҳои дахлдор дар мутахассисони оянлаи ҳарбӣ вобаста мебошад.

Таҳлили дуруст ва низомнок, инчунин муносбатҳои мавҷудаи муосири илмӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ имкон медиҳанд маҷмӯи зарурии шароити педагогӣ ошкор карда шаванд, ки маҳз бо кумаки онҳо сатҳи баланди татбиқи воситаҳои технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди таълим ноил мешавад.

Ҳамин тариқ, зимни риояи шароити муайяни педагогӣ дар муҳити таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбии муосир истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ самарабахшии раванди таҳсилотиро баланд мебардорад, ки ин нерӯи калони педагогиро дар ташаккули малакаҳои муайяни назариявию амалӣ дар мутахассисониояндаи ҳарбӣ фароҳам меорад.

**Муқарриз: Сафаров Ш.А.- д.и.п., профессори ДТҶТ ба номи С.Раҳимов**

**АДАБИЁТ**


1. Башкатов, И. В. Информационные технологии в подготовке военных педагогов / И. В. Башкатов. – Текст: непосредственный // Молодой ученый. – 2017. – № 3.1 (137.1). – С. 2-4. – URL: https://moluch.ru/archive/137/38209/ (дата обращения: 09.11.2022).
2. Вовк Е.Т. Информатика: уроки по Flash. М.: Кудиц-Образ, 2008. – 192 с.
3. Жуков, Г.Н. Основы общей профессиональной педагогики: Учебное пособие. / Г.Н.Жуков, П.Г. Матросов, С.Л. Каплан / Под общеё ред. проф. Г.П. Скамницкой. – М.: Гардарики, 2005. – 382 с.

4. Зимина О.В. Дидактические аспекты информатизации образования // Вестник Московского университета. Серия 20. – 2005. – № 1. – С. 17-66.
5. Кошелева А.О. Личностный профиль будущего военного специалиста в условиях модернизации образования // Образование и общество. 2009. № 2. Орел. С. 7–11.
6. Переплётов А. М., Беляев Н. Н., Волков Е. С. Средства информационных компьютерных технологий как инновационный метод обучения будущих военных специалистов // Эффективное использование научно-технического потенциала в условиях цифровой цивилизации : сборник научных трудов по материалам Международной научно-практической конференции 13 января 2021г.: Белгород: ООО Агентство перспективных научных исследований (АПНИ), 2021. С. 108-111. URL: https://apni.ru/article/1732-sredstva-informatsionnikh-kompyuternikh-tekhn.
7. Переплетов А.М. Актуальные проблемы внедрения игрового обучения информационного типа в ведомственных вузах // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки, 2015. № 3/2. Краснодар. С. 82–85.
8. Порховник Ю.М. Активные методы в дистанционном обучении – СПб: издательство СПбГИЭА, 2007. – 145 с.
9. Санжаева Р.Д. Готовность и ее психологические механизмы // Вестн. Бурятского гос. ун-та. 2016.№ 2. С. 6-16.
10. Семенова Н.Г. Создание и применение мультимедийного программно-методического комплекса в образовательном процессе // Вестник ОГУ. 2004. № 1. Оренбург. С. 25–33.
11. Сиренко С.Н. Качество университетского образования в контексте междисциплинарного диалога естественно-математических и гуманитарных наук // «Университетское образование: опыт тысячелетия, проблемы, перспективы развития: тезисы докладов II международного Конгресса, 14-16 мая 2008 г. В 2 т. Т.2 / отв. ред. Р.С. Пионова. – Минск, МГЛУ, 2008. С. 88-91
12. Управление качеством образования: практико-ориентированная монография и методическое пособие /под ред. М. М. Поташника. – М.: Педагогическое общество России, 2000. – 448 с.
13. Широбоков Ю. Н., Широбокова И. Д. Информационные технологии как инструмент работы преподавателя военного вуза // Журнал. «Наука и военная безопасность». 2015. 1 (1). С. 105.

## ТАТБИҚИ НЕРУИ ПЕДАГОГИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҲАРБӢ

Дар мақола мавзӯи татбиқи нерӯи педагогии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълимии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ баррасӣ шудааст. Таъкид карда мешавад, ки барои таъмини сифати раванди таҳсилотӣ, баланд бардоштани сатҳи таъсири педагогӣ ба ташаккули нерӯи эҷодии курсант омӯзгорон бояд аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки сифати таълиму тарбияро баланд мебардоранд, босалоҳият истифода баранд. Зарур шуморида шудааст, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳамчун воситаҳои суръатбахшии раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ ба назар гирифта шаванд. Хулоса карда шудааст, ки зимни риояи шароити муайяни педагогӣ дар муҳити таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбии муосир истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ самарабахшии раванди таҳсилотиро баланд мебардорад, ки ин нерӯи калони педагогиро дар ташаккули малакаҳои муайяни назариявию амалӣ дар мутахассисони ояндаи ҳарбӣ фароҳам меорад.

**Калидвожаҳо**: нерӯи педагогӣ, итехнологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, раванди таълимӣ, муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ, мутахассиси ҳарбӣ, қувваҳои мусаллаҳ, Тоҷикистон.

## РЕАЛИЗАЦИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ ВЫСШЕГО ВОЕННОГО УЧЕБНОГО ЗАВЕДЕНИЯ

В статье рассматривается тема применения педагогического потенциала информационно-коммуникационных технологий в учебном процессе высшего военного учебного заведения. Подчеркивается, что для обеспечения качества образовательного процесса, повышения уровня педагогического воздействия на формирование творческого потенциала курсанта преподаватели должны грамотно использовать информационно-коммуникационные технологии, повышающие качество образования. Считается необходимым рассматривать информационно-коммуникационные технологии как средство ускорения учебного процесса в высшем военном учебном заведении. Сделан вывод о том, что при соблюдении определенных педагогических условий в образовательной среде современного военного вуза использование коммуникативных технологий повышает эффективность образовательного процесса, что обеспечивает большой педагогический потенциал в формировании определенных теоретических и практических навыков в будущих военных специалистах.

**Ключевые слова**: педагогический потенциал, информационно-коммуникационные технологии, учебный процесс, высшее военное учебное заведение, военный специалист, вооруженные силы, Таджикистан.

## IMPLEMENTATION OF THE PEDAGOGICAL POTENTIAL OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE EDUCATIONAL PROCESS OF A HIGHER MILITARY EDUCATIONAL INSTITUTION

The article deals with the topic of using the pedagogical potential of information and communication technologies in the educational process of a higher military educational institution. It is emphasized that in order to ensure the quality of the educational process, to increase the level of pedagogical influence on the formation of the creative potential of a cadet, teachers must competently use information and communication technologies that improve the quality of education. It is considered necessary to consider information and communication technologies as a means of accelerating the educational process in a higher military educational institution. It is concluded that, subject to certain pedagogical conditions in the educational environment of a modern military university, the use of communication technologies increases the efficiency of the educational process, which provides great pedagogical potential in the formation of certain theoretical and practical skills in future military specialists.

**Keywords**: pedagogical potential, information and communication technologies, educational process, higher military educational institution, military specialist, armed forces, Tajikistan.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Шоимардонов Давлаталӣ Анварович* -** Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов**,** муаллими калони кафедраи ҳарбӣ. Суроға: E–mail: **davlatali_shoimardonov@mail.ru**

**Сведения об авторе*: Шоимардонов Давлаталӣ Анварович* -** Таджикский институт физической культуры имени С. Рахимова, старший преподаватель военной кафедры. E–mail: **davlatali_shoimardonov@mail.ru**

**Information about the author: *Shoimardonov Davlatali Anvarovich* -** Institute of Physical Culture of Tajikistan after S. Rahimov, senior teacher of the military department. E–mail: **davlatali_shoimardonov@mail.ru**

УДК:37.015.3

# МОДЕЛСОЗӢ ДАР ПЕДАГОГИКА

*Мирзоев А.Р., Салиев О.Қ.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Моделсозӣ дар педагогика – ин сохтани нақшаи принсипиалӣ, ки раванд ва зуҳуроти воқеии педагогиро инъикос мекунад, мебошад [3]. Моделсозии равандҳои омӯзишӣ қадами муҳим барои муайян кардани мақсадҳо, усулҳо ва тарзҳо, воситаҳои ба онҳо ноил шудан ва ба даст овардани натиҷаҳои зарурӣ мебошад. Амалияи мактаби олӣ нишон медиҳад, ки моделсозӣ ҳамчун усули таълим ба қадри зарурӣ самаранокии таълимро баланд мебардорад.

Моделсозии педагогӣ амалисозии бозгашти иттилоотро аз модел ба нусхаи аслӣ ба воситаи қиёс имкон медиҳад ва ҳамчун тарзи сохтани нав, амалан пештар вуҷуднадошта кор мекунад. Дар раванди моделсозӣ бисёр модел -гипотезаҳо, роҳҳои (вариантҳо) низоми оянда офарида мешаванд, ки робитаҳоро байни қисматҳои объекти омӯхташаванда ва механизмҳои коркунии онҳо ошкор мекунанд. Чунин гипотезаҳо минбаъд тасдиқи худро дар амалия меёбанд.

Оид ба сатҳи мушаххаскунӣ ва қатъият метавонад намудҳои зерини моделсозӣ ҷудо карда шаванд:

Моделсозии оддӣ. Он бо роҳи муқоисаи ин ё он ашёҳо, зуҳурот бо шабеҳияти аёнии онҳо гузаронида мешавад ва ҷараёнҳои бузург ва махсуси коркарди онро талаб намекунад.

Моделсозии мураккаб. Дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи объект ва ҷудо кардани аломатҳои муҳим ба амал баровarda шуда, таълимоти махсусро талаб мекунад.

Моделсозии сатҳӣ. Дар он бо баррасии аломатҳои берунаи умумии объекти асл, робитаҳо ва муносибатҳои он қаноатбахш мешаванд.

Моделсозии ҷузъӣ. Дар чунин моделҳо тамоми робитаҳо ва муносибатҳо байни зернизомҳои ҷудошудаи объекти омӯхташаванда баррасӣ карда мешавад. Моделсозии мазкур хусусияти амиқи пурмазмун дорад.

Қисматҳои раванди моделсозӣ инҳо мебошанд:

ташаббускории моделсозӣ ва ё истифодабарандаи натиҷаҳои он – субъекти раванд;

предмети моделсозӣ – объекти аслӣ, яъне низоми омӯзгорӣ, таълимӣ, ки дар оянда субъект сохтан ва ё истифода бурдан мехоҳад;

- худи модел, ки объектро инъикос мекунад;
- муҳити амалишавии моделсозӣ ва амали мутақобилаи қисматҳои дар боло зикргардида.

Ба моделҳои омӯзгорӣ як қатор талабот изҳор карда мешавад, ки аз талаботи умумӣ ба моделҳо дар чорчӯбаи муносибати (подход) низомӣ бармеояд. Якум, ин талаботи оддӣ будани он мебошад, зеро дар модел овардани тамоми гуногунӣ ва мураккабии объекти воқеӣ имконнопазир аст. Оддӣ будани модел барои кор кардан бо он, истифодаи он ба сифати асбоби корӣ, ки ба ҳамаи иштирокчиёни раванди моделсозӣ ва амалишавии модел фаҳмо ва қобили мушоҳида аст, зарур мебошад. Ғайр аз ин, модел чӣ қадаре оддитар бошад, ҳамон қадар дар истифодабарӣ муфид ва баъзан ба воқеияти моделсозӣ наздиктар мебошад. [2; С. 234].

Дуюм, модел бояд мутобиқ бошад, ки маънои аниқӣ, дурустӣ, ҳамарзишӣ ва пуррагӣ, ҳамчунин имконияти ноил шудан ба мақсади гузошташудаи тарҳсозиро мутобиқи меъёрҳои муайян дорад.

Ниҳоят, модели омӯзгорӣ бояд ингерентӣ бошад, яъне бояд ба муҳити таълимии атроф мутобиқ ва мувофиқ бошад. Ҳамчунин, муҳим аст, ки дар худи муҳити атроф

заминаҳои барои коркунии низом зарур ташкил карда шаванд. Ҳамин тариқ, мутобиқати мувофиқкардашудаи модел ба муҳит ва муҳит ба модел зарур аст.

Усулҳои моделсозӣ қоидаҳо, услуб ва алгоритмҳои қатъиян муқарраршуда надорад. Дар ин ҷараён нақши асосиро эҷодкорӣ ва идроки субъекти моделсозӣ мебозад. Раванди моделсозӣ як қатор марҳилаҳоро дар бар мегирад: сохтани модел, муносибгардонии он, интихоби модел (қабули қарор).

Дар марҳиллаи аввал бисёр моделҳо синтез карда мешаванд, ки талаботи дар боло зикргардидаро қонеъ мегардонад. Объекти аслӣ ҳамчун маҷмӯи комили ҷузъҳои зиёди ба ҳам алоқаманд ба назар мерасад ва тағйирёбии яке аз онҳо ба тағйирёбии дигар ҷузъҳо ва худи низом оварда мерасонад. Барои он, ки низом сохта шавад, зарур аст, ки натанҳо ҷузъҳои он, балки робитаи байни онҳо номбар карда шаванд. Ҳамчун қоида, ҷузъҳои низоми омӯзгорӣ дар вобастагии бевосита ва баръакс мебошанд.Ба ақидаи Т.Е. Вавилова ва П.М. Моргачев модели раванд ва ё зуҳуроти омӯзгорӣ бояд масъалаҳои ташхис, таҳлил, дурнамо ваислоҳи объекти баррасишавандаро ҳал кунад ва ҳамчун қисматҳои сохторӣ-функсионалӣ инҳоро дар бар гирад [3]:мақсади (мақсадҳо) раванд ва ё объекти омӯхташаванда;принсипҳои ташкил ва амалишавӣ;таъмини марҳилаҳои асосии амалишавӣ ва ё таъминкунӣ;талаботи (муҳити) беруна дар муносибат ба оъект ва ё раванди тадқиқшаванда;робита байни ҷузъҳои модел.

Принсипҳои дар модел интихобшуда, бояд ба сифати қоидаҳо ва қонуниятҳои асосии амал кардани он баромад кунанд, ки ҳамчун чорчӯбаи ба худ хос сохтор ва мантиқи онро ташкил медиҳанд. Онҳо пеш аз ҳама дар асоси принсипҳо ва талаботи умумии дидактикӣ ба низоми таҳсилот, бо дарназардошти хусусияти хоси воситаи омӯзгории баррасишаванда ташаккул меёбанд. Ҳангоми муайян кардани мақсадҳо ва ташаббуси моделсозӣ нияти умумии модел ташаккул меёбад. Мақсади стратегии моделсозӣ аниқ карда мешавад ва он механизмҳои мақсадгузорӣ, банақшагирӣ ва лоиҳакаширо ташаббус мекунад. Марҳилаи мазкур аз нуқтаи назари муайянкунии стратегияи моделсозӣ муҳим мебошад.

Марҳилаи дуюми моделсозӣ дар муносибгардонии моделҳо мебошад, яъне дарёфти варианти беҳтарин байни моделҳои зиёди имконпазири дигари низоми лоиҳакашида барои талаботи муқарраркардашуда. Талаботи ҷиддии марҳилаи мазкур ин талаботи устувории моделҳо ҳангоми тағйирёбии имконпазири шароити дохилӣ ва берунӣ мебошад. Ҳамчунин устуворӣ дар робита ба ҳама гуна тағйирёбии параметрҳои худи модели лоиҳакашидашудаи низоми омӯзгорӣ зарур аст.

Марҳилаи ниҳоии моделсозӣ қабули қарорро оид ба интихоби модели ягона аз байни моделҳои бисёри дар ибтидо мавҷудбуда, барои амалишавии минбаъдаи он дар назар дорад. Марҳилаи мазкур аз ҳама масъулиятнок мебошад, зеро ба тамоми фаъолият мақсаднокӣ мебахшад ва тобеияти тамоми фаъолиятро ба мақсади муайян амалӣ мекунад. Масъалаи интихоби муносиб дар чорчӯбаи муносибати низомӣ дар муқаррар намудани тобеият байни усулҳои омӯзиш ва қисматҳои сохторӣ; объект ва субъекти таъсири педагогӣ; предмети фаъолияти муштараки онҳо ва мақсадҳои омӯзиш иборат мебошад. Интихоби модели омӯзгорӣ бо маҷмӯи томи ҷузъҳои таркибӣ муайян карда мешавад.

Ю.К. Бабанский пешниҳод мекунад, ки ҳангоми интихоби модели таълимӣ параметрҳои асосии зерин ба назар гирифта шаванд [1]: мақсад ва вазифаҳои омӯзиш;

принсипҳо ва қонуниятҳои омӯзиш; мазмуни фани таълимӣ; имкониятҳои таълимии донишҷӯён;имкониятҳои омӯзгорон ва низомҳои методики онҳо; хусусиятҳои шароитҳои таълимӣ.

Моделсозии педагогӣ дорои як қатор хусусиятҳо ва маҳдудиятҳое мебошад, ки баҳисобгирии қисматҳои муайянро дар синтези модел дар назар дорад. Ҳамин тариқ, ба ақидаи Н.В. Кузьмина дар модели омӯзгорӣ бояд панҷто қисматҳои функсионалӣ

ба назар гирифта шаванд[5]: ташкилӣ, коммуникативӣ, гностикӣ, сохторӣ ва лоиҳакашӣ.

Қисмати ташкилӣ маҳорати омӯзгорро оид ба ташкил намудани фаъолияти худ ва фаъол гардонидани фаъолияти донишҷӯён инъикос менамояд. Қисмати коммуникативӣ барои хислат ва хусусиятҳои хоси алоқа ва робитаи мутақобилаи омӯзгор бо таълимгиранда, ки барои ноил гардидан ба мақсадҳои дидактикӣ дар раванди омӯзиш равона гардидаанд, масъул мебошад.

Қисмати гностикӣ ба соҳаи дониши омӯзгор дар бораи фани худ, усулҳои робитаи омӯзгорӣ, хислатҳои равонии донишҷӯён ва донистани шахсият ва фаъолияти худ дахл дорад. Қисмати сохторӣ хусусиятҳои амалишавии фаъолияти худ аз ҷониби омӯзгор ва фаъолнокии донишҷӯёнро бо дарназардошти мақсадҳои кӯтоҳмуддати омӯзиш (дар чорчӯбаи дарс ва ё давраи омӯзиш) инъикос менамояд. Қисмати лоиҳакашӣ тасаввуротро да бораи вазифаҳои таълимии оянда, восита ва стратегияи ба онҳо ноил шуданро дар бар мегирад.

В.И. Гинецинский дар навбати худ, ҳамчунин, истифодаи чорто қисматҳои функсионалиро пешниҳод мекунад [4]: тақдимкунанда, ташхисӣ, шиддатнок ва ислоҳкунанда.Қисмати тақдимкунанда аз шакли омӯзиши аз шаклҳои муайян истисношудаи ифодаи мазмуни маводҳо ба таълимгиранда иборат мебошад. Қисмати ташхисӣ робитаи мутақобиларо таъмин мекунад. Қисмати бошиддат барои ташвиқ кардани завқ ба омӯхтан ва азхудкунии иттилоот дар таълимгирандагон масъул мебошад. Амалишавии функсияи мазкур бо гузоштани саволҳо ва баҳодиҳии ҷавобҳо ба онҳо вобаста мебошад. Қисмати ислоҳкунанда муқоисакунӣ ва ислоҳкунии мустақилонаи натиҷаҳои фаъолияти худро аз ҷониби таълимгирандагон инъикос менамояд. Бартарияти ин ё он қисмати функсионалӣ ба амалишавии ин ё он усули омӯзиш ишора мекунад.

Дар коркарди самти татбиқи ТИК дар низоми маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, усули тарҳсозии омӯзгорӣ имкон медиҳад, ки натанҳо имкониятҳои нави татбиқи ТИК дар раванди таълим ошкор шаванд, балки методологияи ҳалли масъалаҳои муосири фаъол рушд ёбад. Бо вуҷуди ин, ҳам раванди таълимӣ бо истифодаи ТИК дар маҷмӯъ ва ҳам тарафҳои алоҳидаи раванди мазкур метавонад тарҳсозӣ карда шаванд. Дар он сурат мумкин аст дар бораи моделҳои омӯзгории мураккаб (умумӣ) ва алоҳида сухан ронем.




**Расми 1 – Модели мураккаби раванди таълим бо истифодаи ТИК**

Дар расми 1. варианти модели мураккаби раванди таълим бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ пешниҳод шудааст. Модели мазкур робитаи мутақобилаи таркибии қисматҳои мақсаднок, маънидор, натиҷабахш ва технологиро ифода мекунад[8].

Қисмати мақсадноки модели баррасишаванда бо дарназардошти ҷанбаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва рушдкунандаи омӯзиш бо истифодаи ТИК инро дар назар дорад:

-рушди қобилияти донишҷӯён ба фаъолияти мустақилона, натиҷабахш ва эҷодӣ дар муҳити пур аз иттилооти муосир;

-ташаккули қисматҳои салоҳияти иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.

Мазмуни таълимот дар модели мазкур, маҷмӯи иттилооти педагогикӣ асосноккардашуда, мантиқан батартибдаровардашуда, илмӣ санҷидашударо дар бораи омӯзиши муносиби маводҳо ифода мекунад. Бо он таркиби фаъолияти омӯзгории омӯзгор ва фаъолияти таълимии донишҷӯён муайян карда мешавад. Ба мазмуни таълимот усулҳо ва тарзҳои пешниҳоди он ба таълимгирандагон, принсипҳо ва шаклҳои ташкил намудани раванди таълимӣ таъсир мерасонанд.

Ташаккули мазмуни фани таълимии озодона аз ҷониби омӯзгор мутобиқи барномаи таълимӣ дар асоси усули эҷодкорӣ ба амал бароварда мешавад. Интихоби мазкур ба принсипҳои умумии дидактикӣ, ба мисли генерализатсия (умумикунӣ – истифодаи консепсияҳои илмии пешрафт), тақсимнопазирии илмӣ, таъмини мантиқи дохилии фани таълимӣ, замонавӣ будан, мутобиқ будан ба мақсадҳо, дастрасӣ ва ғайра асос меёбад.

Татбиқи ТИК-и муосир дар раванди таълим фазои таълимӣ-иттилоотии фанҳои дар мактаби олӣ омӯхташавандаро васеъ мекунад; қисматҳои салоҳияти ТИК-ро – салоҳияти донишҷӯёнро мукаммал мегардонад ва имкон медиҳад, ки онҳо фаъолона аз захираҳои таълимӣ ба воситаи шабакаи Интернет истифода баранд.

Маҷмӯи шаклҳои омӯзиш тарафи ташкилшавандаи раванди таълимро ифода мекунанд. Он муайяншавии ҳайати таълимгирандагон, ҷойҳо ва давомнокии дарсҳо, сохтори дарсҳо ва хусусиятҳои хоси фаъолияти донишҷӯёнро пешбинӣ менамояд. Татбиқи ТИК метавонад ба қадри имкон равиш ва мазмуни дарсҳоро бо тағйирнопазирии шаклҳои он тағйир диҳад. Дар ин сурат, усулҳои омӯзиш боз ҳам гуногунтар мешаванд ва ба фаъолгардонии фаъолияти маърифатии донишҷӯён равона мегарданд. Шубҳанокӣ, аёнӣ, мавҷудияти вазъияти бозӣ, фаъолнокӣ ва эҳсоснокӣ –хусусиятҳои афзалиятноки усулҳои нави омӯзиш мебошанд. Асоси технологии усулҳои мазкур шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва технологияҳои иттилоотӣ мебошанд.

Ҷамъбасти таҷрибаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар омӯзиши мактабҳои олӣ, аз ҷониби мо номгӯи зерини моделҳои омӯзгорӣ тартиб дода шуд, ки тарафҳои алоҳидаи раванди таълимро бо истифодаи ТИК инъикос мекунад[8]:

- моделҳои идоракунии раванди омӯзиш ва равандҳои алоҳидаи технологӣ;
- моделҳои ташкили раванди омӯзгорӣ;
- моделҳои таълимгиранда ва омӯзгор;
- моделҳои шакли омӯзиш ва робитаи мутақобилаи таълимии донишҷӯён бо ТИК (синфӣ-дарсӣ, инфиродӣ, лоиҳавӣ-гурӯҳӣ ва ғ.);
- моделҳои мутахассис;
- моделҳои фаъолияти таълимии таълимгирандагон ва омӯзгорон (моделҳои омӯзиш, мавҷудият, эҷодкорӣ, робита, азназаргузаронӣ, ҷустуҷӯ ва робитаи мутақобила);
- моделҳои ҷараёни амалишавии иқтидори омӯзгории ТИК дар раванди таълимии мактаби олӣ;

- моделҳои маводҳои (воситаҳои) таълимии анъанавӣ ва электронӣ.

Дар поён шаклҳои номбаркардашудаи моделҳои омӯзгориро муфассал баррасӣ мекунем.

Моделҳои идоракунии раванди омӯзиш ва равандҳои алоҳидаи технологӣ хусусиятҳои фаъолияти омӯзгорон ва шахсони мансабдори мактабҳои олиро оид ба идоракунии имкониятҳои дидактикии технологияҳои истифодабарандаи омӯзиш ба назар мегирад. Махсусан, шакли мазкури моделҳо сарчашмаҳо ва намудҳои таъсиррасонии идоракунанда ҳам ба раванди таълимӣ дар маҷмӯъ ва ҳам ба ҳар як таълимгиранда алоҳида; хусусиятҳои хоси усулҳои истифодашавандаи омӯзиш; мутобиқати воситаҳои пешниҳод кардани маводҳои таълимӣ ба сатҳи омӯзиш; номгӯи имкониятҳои стратегии технологияи истифодашавандаи омӯзишро (баназаргирии тавсифҳои инфиродии таълимгирандагон, тағйирёбии суръати азхудкунӣ ва мураккабии маводҳои таълимӣ) инъикос мекунад.

Ҳангоми таҳияи чунин моделҳо, муҳим аст, ки асосҳои назарияи идоракунӣ, ки амалкунии онҳоро дар сатҳи ташкил намудан, банақшагирӣ (лоиҳакашӣ), амалишавӣ, идоракунӣ, назорат, беихтиёрона будан ва ислоҳкунӣ бо баромадан ба робитаи мутақобила дар назар дорад, ба асос гирифта шаванд [6-9].

Намуди баррасишавандаи модел метавонад дар шакли таркибии иттилоотӣ-технологии технологияи омӯзиш амалӣ карда шавад ва инъикоси худро дар харитаи технологии аниқи таълим ва омӯзиши фани таълимӣ ёбад.

Моделҳои ташкили раванди омӯзгорӣ дар мактаби олӣ қисман бо моделҳои дар боло зикргардида шабоҳат дорад ва сохтори мураккаби ташкишудаи дидактикиро нишон медиҳанд. Он мақсад, вазифаҳо, давраҳои фаъолияти донишҷӯён ва омӯзгор, ки ба натиҷаҳои интизорбудаи субъектони робитаи мутақобила дошта мутобиқ аст, хусусиятҳои хоси робитаи мутақобилаи омӯзгорӣ, ҳамчунин воситаҳо ва шартҳои ташкилӣ-омӯзгории амалишавии раванди таълимиро муайян мекунад [8]. Моделҳои ташкили раванди омӯзгорӣ, ки дар намуди менталӣ (мафкуравӣ) пешниҳод карда мешавад, мумкин аст ҳамчун «тасаввуроти ақлӣ» ва ё «конструкт»-и ҷузъҳои робитаи дутарафа дошта ва ба ҳам вобаста тавсиф дода шаванд, ки аз ҷониби ҳар гуна технологияҳои омӯзгорӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ шудаанд.

**АДАБИЁТ**


1. Бабанский Ю.К. Как оптимизировать процесс обучения / Ю.К. Бабанский. – М.: Знание, 1978.– 48 с.
2. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. - М.: Педагогика, 1989. – 192 с.
3. Вавилова Т.Е., Моргачев П.М. Модель реализации педагогического потенциала информационно-коммуникационных технологий в учебном процессе ведомственного вуза // Вестник Воронежского института МВД России. – 2011. – № 4. – С. 189-191.
4. Гинецинский В.И. Основы теоретической педагогики / В.И. Гинецинский. - СПб.: Прогресс, 1992. – 387 с.
5. Кузьмина Н.В. Методы исследования педагогической деятельности / Н.В.Кузьмина. – Л.: ЛГУ, 1970. – 114 с.
6. Мирзоев А.Р. Дидактические условия обеспечения эффективной подготовки субъектов педагогического процесса к использованию ИКТ. Перспективы внедрения современных ИКТ в образовательный процесс вузов Таджикистана. // Вестник Таджикского национального университета № 3/4 (139). - Душанбе: 2014 - С. 241-224
7. Мирзоев А.Р. Перспективы внедрения современных ИКТ в образовательный процесс вузов Таджикистана. // Вестник Таджикского национального университета № 3/3 (136). - Душанбе: 2014 - С. 242-245
8. Мирзоев А.Р. Моделирование в системе высшего профессионального образования. // Вестник Таджикского национального университета № 1/3 (134). - Душанбе: 2014 - С. 17- 23
9. Мирзоев А.Р. О некоторых особенностях использования ИКТ в образовании. // Вестник Таджикского национального университета № 3/4 (139). - Душанбе: 2014 - С.274-277
10. Gonella L., Panto E. Didactic architectures and organization models: a process of mutual adaptation // eLearning Papers. - 2008. - №9. - 12 p.
11. Mayer R.E. Multimedia learning. New York: Cambridge University Press, 2001. - 318 p.

12. Mitchell P., Stanelis N., Travers J. ICT Professional Learning: National mapping of ICT-related Professional Learning - Australia, Dulwich: Education Services Australia, 2010. - 90 p.

## МОДЕЛСОЗӢ ДАР ПЕДАГОГИКА

Мақолаи мазкур ба баррасии мавзӯи моделсозӣ дар педагогика бахшида шудааст. Моделҳои идоракунии раванди омӯзиш ва равандҳои алоҳидаи технологӣ хусусиятҳои фаъолияти омӯзгорон ва шахсони мансабдори мактабҳои олиро оид ба идоракунии имкониятҳои дидактикии технологияҳои истифодабарандаи омӯзиш ба назар мегирад. Махсусан, шакли мазкури моделҳо сарчашмаҳо ва намудҳои таъсиррасонии идоракунанда ҳам ба раванди таълимӣ дар маҷмӯъ ва ҳам ба ҳар як таълимгиранда алоҳида; хусусиятҳои хоси усулҳои истифодашавандаи омӯзиш; мутобиқати воситаҳои пешниҳод кардани маводҳои таълимӣ ба сатҳи омӯзиш; номгӯи имкониятҳои стратегии технологияи истифодашавандаи омӯзишро (бaназаргирии тавсифҳои инфиродии таълимгирандагон, тағйирёбии суръати азхудкунӣ ва мураккабии маводҳои таълимӣ) инъикос мекунад. Моделҳои ташкили раванди омӯзгорӣ дар мактаби олӣ қисман бо моделҳои дар мақола зикргардида шабоҳат дорад ва сохтори мураккаби ташкишудаи дидактикиро нишон медиҳанд. Он мақсад, вазифаҳо, давраҳои фаъолияти донишҷӯён ва омӯзгор, ки ба натиҷаҳои интизорбудаи субъектони робитаи мутақобила дошта мутобиқ аст, хусусиятҳои хоси робитаи мутақобилаи омӯзгорӣ, ҳамчунин воситаҳо ва шартҳои ташкилӣ-омӯзгории амалишавии раванди таълимиро муайян мекунад.

**Калидвожаҳо**:моделҳои ташкили раванди омӯзгорӣ, моделсозӣ, робитаи дутарафа, технологияҳои омӯзгорӣ ва инноватсионӣ.

## МОДЕЛИРОВАНИЕ В ПЕДАГОГИКЕ

Данная статья посвящена рассмотрению моделирования в педагогике. Модели управления процессом обучения и отдельными технологическими процессами учитывают особенности деятельности преподавателей и должностных лиц высшей школы по управлению дидактическими возможностями технологий обучения. В частности, такая форма моделей показывает источники и виды управленческого воздействия как на образовательный процесс в целом, так и на каждого отдельного обучающегося; характеристики используемых методов обучения; соответствие средств подачи учебных материалов уровню обучения; отражает перечень стратегических возможностей используемой технологии обучения (учет индивидуальных особенностей обучающихся, изменение скорости обучения и сложности учебных материалов). Модели организации учебного процесса в высшей школе частично аналогичны упомянутым в статье моделям и демонстрируют сложную дидактическую структуру. Он определяет цель, задачи, периоды деятельности студентов и преподавателей, которая находится в соответствии с ожидаемыми результатами взаимодействующих субъектов, спецификой педагогического взаимодействия, а также средства и организационно-педагогические условия реализации учебный процесс.

**Ключевые слова:** модели организации образовательного процесса, моделирование, двусторонняя коммуникация, образовательные и инновационные технологии.

## MODELING IN PEDAGOGY

This article is devoted to the consideration of modeling in pedagogy. Models for managing the learning process and individual technological processes take into account the specifics of the activities of teachers and officials of higher education in managing the didactic capabilities of learning technologies. In particular, this form of models shows the sources and types of managerial impact both on the educational process as a whole and on each individual student; characteristics of the teaching methods used; compliance of the means of presenting educational materials with the level of education; reflects the list of strategic possibilities of the teaching technology used (taking into account the individual characteristics of students, changing the speed of learning and the complexity of teaching materials). Models of organization of the educational process in higher education are partially similar to those mentioned in the article and demonstrate a complex didactic structure. It defines the goal, objectives, periods of activity of students and teachers, which is in line with the expected results of the interacting subjects, the specifics of pedagogical interaction, as well as the means and organizational and pedagogical conditions for the implementation of the educational process.

**Key words:** educational process organization models, modeling, two-way communication, educational and innovative technologies.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Мирзоев Абдулазиз Раҷабович* -** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.E-mail: **aziz69@mail.ru.**

***Салиев Одилҷон Қурбонхолович* -** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.

**Сведения об авторах:** ***Мирзоев Абдулазиз Раджабович*** **-** Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, доктор педагогических наук, профессор, заведующий кафедрой программирования и интеллектуальных систем. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбад, 48/5. E-mail: **aziz69@mail.ru.**
***Салиев Одилджон Курбонхолович*** **-** Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат педагогических наук, доцент кафедры программирования и интеллектуальных систем. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбад, 48/5.

**Information about the authors:** ***Mirzoev Abdulaziz Rajabovich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, Head of the Department of Programming and Intelligent Systems. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue, 48/5. E-mail: **aziz69@mail.ru.**
***Saliev Odiljon Kurbonholovich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Programming and Intelligent Systems. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue, 48/5..

УДК:37.015

# РАВАНДҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ ВА МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ИЛОВАГӢ

*Каримзода Ш.К., Неъматуллоев М.М.*
**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳиммияти таҳсилоти иловагиро барои хонандагон махсус қайд намуда, ҳангоми суханрониашон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ аз 30 августи соли 2017 аз ҷумла чунин зикр намуданд: “Барои амалӣ намудани ин тадбирҳои муҳим зарур аст, ки ба таҳсилоти иловагӣ ҳамчун қисми таркибии раванди донишомӯзӣ ва интихоби касб эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро ҳадафи он, пеш аз ҳама, рушди қобилияту истеъдоди кӯдакон ва наврасону ҷавонон мебошад.

Мо бояд на танҳо аз марказҳои таҳсилоти иловагӣ самаранок истифода намоем, балки дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ маҳфилҳои гуногуни эҷодиёти техникиву бадеӣ, санъати амаливу ороишӣ, варзишӣ, шоҳмотбозӣ, сайёҳиву кишваршиносӣ, биологиву экологӣ, гуманитарӣ ва монанди инҳоро ба роҳ монем” [7].

Ҳадаф аз ташкили корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ фароҳам овардани шароит барои ташаккули донишандӯзӣ, касбомӯзӣ ва забономӯзии таълимгирандагон дар муҳити мусоиди педагогӣ мебошад [6]. Таҳсилоти иловагӣ дар фарҳанги мо аз замонҳои хело пеш маълум буд. Аз сарчашмаҳои таърихӣ-адабӣ мисолҳои зиёде овардан мумкин аст, ки ниёгони мо дар тарбия ва инкишофи кӯдак ба ғайр аз тадрис дар мадрасаҳо, инчунин барои фарзандони худ устодони дигари шахсиро барои ташаккул додани малакаҳои шиновариву тирандозӣ, асптозиву чавгонбозӣ ва амсоли он ҷалб намуда, дарсҳои иловагӣ ташкил менамуданд.

Дар “Қобуснома” дар боби “Парвариши фарзанд ва оини он” омадааст: “Чунонки ман даҳсола шудам, моро ҳоҷибе буд...ва фурусият (саворӣ) неку донистӣ. Ва ходими ҳабашӣ буд, Райҳон ном дошт, вай низ неку донистӣ. Падарам маро бад-он ҳар ду супурд, то маро савориву найза бохтан ва зӯбин андохтану чавгон задан ва тобтоб андохтан ва каманд афкандан ва ҷумла ҳар чӣ дар боби фурусият ва руҷулият буд, биёмӯхтам” ва ё дар ҷойи дигар: “Ба ду маллоҳи ҷалд аз Обисгун бивард ва маро бад-эшон супурд, то маро шино биёмӯхтанд” [9, с. 93].

Мувофиқи маслиҳати Ҳусайн Воизи Кошифӣ, вақте тифл рушд мекунад, падару модар вазифадоранд, ки аз пайи таълими ӯ шаванд. Таълиму тарбияи дурусти фарзанд яке аз рисолатҳои падару модар мебошад. Дар давраи аввал муаллими динӣ бояд Қуръон ва ахлоқро омӯзонад. Баъд ба таълими ӯ бояд омӯзгори дунёдида, озмудашуда, ҳимматбаланд, ки хидмати подшоҳонро кардааст, машғул шавад. Ба ӯ дарси адабу ахлоқ, зиракию ҳушёрӣ, адабиёт ва санъат диҳад [10, с.104].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таълимгирандагон ба таҳсилоти иловагӣ бо дар назар доштани майлу рағбаташон метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва

ибтидоии касбӣ ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, ки дар шаклҳои гуногун фаъолият мекунанд, фаро гирифта мешаванд [7].

Дар моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” шаклҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар карда шудаанд, ки чунинанд: – марказҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон; академияҳои хурди илмҳо; қасрҳо, стансияҳо, клубҳои кӯдакон ва наврасон; мактабҳои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, бадеӣ, мусиқӣ ва рассомӣ; курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ; хонаҳо, студияҳои эҷодиёти кӯдакон ва наврасон, лагерҳои варзишӣ ва сайёҳӣ; мактабҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, мактабҳои махсуси захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, варзишгоҳҳои кӯдакона;– клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист; клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон; муассисаҳои солимгардонӣ, мактабҳои маҳорати баланди варзишӣ, марказҳои омодагии олимпӣ; муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси бадеӣ; муассисаҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва дигар муассисаҳое, ки иҷозатномаи дахлдор доранд [5].

Таълим яке аз роҳҳои муҳимтарин ва боэътимоди гирифтани маълумоти мунтазам оид ба ин ва ё он фанни таълимӣ мебошад. Таълим интиқоли механикии дониш ва малака нест, зеро таълим ҷараёни дуҷонибаест, ки дар он омӯзгорон ва хонандагон ба ҳамдигар зич алоқамандӣ доранд.

Муносибати хонандагон нисбати таълими омӯзгорон дар машғулиятҳои фаннӣ, одатан, бо дарназардошти натиҷаи фаъолиятҳо тавсиф карда мешавад. Фаъолият (таълим, азхудкунӣ) ҳамчун дараҷаи робитаи хонанда бо мавзуе, ки омӯзгор дарс диҳад, муайян карда мешавад.

Дар сохтори фаъолияти педагогӣ дар раванди машғулиятҳо унсурҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- омодагӣ ба иҷрои супоришҳои омӯзишӣ;
- хоҳиш барои фаъолияти мустақилона;
- шуурнокии иҷрои вазифаҳо;
- таълими систематикӣ;
- хоҳиши беҳтар кардани сатҳи шахсии фаъолияти омӯзгор ва ғайра [1,с.56-59].

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти педагогӣ, пеш аз ҳама, ҳавасмандгардонии хонандагон ба омӯзиши мустақилона мебошад. Мустақилият бо муайян кардани объект, воситаи фаъолият ба роҳ монда мешавад ва он аз ҷониби худи хонандагон бе кумаки калонсолон ва омӯзгорон дар амал татбиқ карда мешавад. Фаъолияти маърифатӣ ва фаъолияти мустақил аз якдигар ҷудонашавандаанд: хонандагони фаъолтар ва мустақилтар ба назар мерасанд ва хонандаи ғайрифаъолро водор мекунанд, ки ӯ низ фаъол бошад ва аз дигарон вобастагӣ надошта бошад. Таъсири аз ҳама фаъолтар дар синф дар ҳолатҳое таъмин карда мешавад, ки худи хонанда бояд:

- андешаи худро ҳимоя кунад;
- дар муҳокима ва мубоҳисаҳо ширкат варзад;
- ба рафиқон ва устодони худ саволҳо диҳад;
- ҷавобҳои рафиқонро дида барояд ва мавриди баррасӣ қарор диҳад;
- баҳои ҷавобҳо ва кори хаттии рафиқонро арзёбӣ кунад;

- ба омӯзиши ақибмондагон машғул шавад ва дар онҳо донишомӯзиро бедор созад;

- ба хонандагони сусттар ҷойҳои аҷибро шарҳ диҳад, то онҳо ба омӯзиш ҳавасманд гарданд;

- мустақилона вазифаро интихоб кунад, омӯзад ва шарҳ диҳад;

- якчанд роҳи ҳалли имконпазири масъалаи маърифатиро дар худ пайдо кунад;

- ҳалли масъалаҳои маърифатиро, ки дар маҷмуаҳои усулҳои маълуми ҳалли масъалаҳо мавҷуданд, дида барояд;

- шароити ташхиси мустақилона, таҳлили амали маърифатӣ ва амалии шахсиро ба вуҷуд орад [3, с.123].

Идоракунии фаъолияти хонандагон, одатан, ба таври анъанавӣ сурат мегирад. Фаъолсозиро метавон раванди ҷараёни пайваста идома додани ҳавасмандкунии хонандагон ба омӯзиши амиқ, бартараф кардани фаъолиятҳои маъмулии ғайрифаъол ва стереотипҳо, инчунин дар раванди таназзул ва рукуди фаъолияти равонии ӯ муайян кард. Ҳадафи асосии фаъолсозӣ ташаккули фаъолияти хонандагон, баланд бардоштани сифати ҷараёни таълим мебошад.

Дар амалияи педагогӣ роҳҳои гуногуни баланд бардоштани фаъолияти маърифатӣ истифода мешаванд, ки дар байни онҳо шаклҳо, усулҳо, воситаҳои таълимӣ, интихоби маҷмуаҳо, ки дар ҳолатҳои бамиёномада мустақилияти хонандаро ҳавасманд мекунанд, мавҷуданд.

Метавон гуфт, ки технологияҳои нави таълими мустақил, пеш аз ҳама, афзоиши фаъолнокии хонандаро дар назар дорад, яъне ҳақиқате, ки тавассути саъю кӯшиши худи хонанда ба даст оварда мешавад, арзиши бузурги маърифатӣ дорад.

Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки муваффақияти омӯзиш дар ниҳоят, аз муносибати хонанда ба таҳсил, хоҳиши онҳо ба дониш, азхудкунии дониш, малака ва фаъолияти онҳо вобаста аст.

Дар педагогикаи муосир сатҳи фаъолиятҳои маърифатӣ ба якчанд қисмҳо ҷудо карда мешаванд:

1. Фаъолияти репродуктивӣ. Он бо хоҳиши хонанда дар фаҳмидан, дар хотир овардан ва такроран такмил додани дониш, аз худ кардани усули татбиқи он тибқи моделҳои омӯзиши фанҳо тавсиф карда мешавад. Ин сатҳ бо ноустувории кӯшишҳои ихтиёрии хонанда, набудани ҳавасмандии хонандагон ба амиқсозии дониш ва набудани чунин саволҳо, ба монанди "чаро?", “барои чӣ?” истифода бурда мешавад. Агар машғулият ба таври шавқовар сурат гирад, хонанда ҳеҷ гоҳ зарурати додани чунин саволҳоро ба худ зарур намешуморад.

2. Фаъолияти тафсирӣ. Он бо хоҳиши хонанда барои муайян кардани маънои мундариҷаи таҳқиқшаванда, хоҳиши омӯхтани робитаи байни падидаҳо ва равандҳо, азхудкунии усулҳои татбиқи дониш дар шароити тағйирёбанда тавсиф мешавад.

3. Фаъолияти эҷодӣ. Он таваҷҷуҳ ва хоҳишро на танҳо ба омӯзиши амиқи падидаҳо ва вобастагии онҳо тавсиф мекунад, балки роҳҳои нави онро пайдо мекунад.

Хусусиятҳои хосси ин зуҳурот сифатҳои олии иродаи хонанда, субот ва истодагарӣ дар расидан ба ҳадаф, манфиатҳои васеъ ва устувории маърифатӣ мебошанд. Ин сатҳи фаъолият чунин таъмин карда мешавад, ки хонанда дарк

мекунад, ки вай аллакай дар таҷриба иттилооти нав, падидаи навро меомӯзад. Дар ин раванд фаъолият, ҳамчун сифати шахсии фаъолияти фард, шарти ҷудонопазир ва нишондиҳандаи татбиқи ҳама гуна принсипҳои омӯзиш мебошад.

Ҳангоми интихоби усулҳои муайяни таълим, пеш аз ҳама, барои ба даст овардани натиҷаҳои самарабахш саъй кардан лозим аст. Ҳамзамон, аз хонанда на танҳо фаҳмидан, ёд овардан ва таҷдиди дониши гирифташуда зарур аст, балки истифода ва дар амал татбиқ намудани он бояд талаб карда шавад, зеро дараҷаи маҳсулнокии омӯзиш асосан аз сатҳи фаъолияти маърифатӣ вобаста аст [2, с.30-32].

Агар на танҳо фаҳмидан ва ёд гирифтан, балки амалан аз худ кардани донишҳо зарур бошад, пас табиист, ки фаъолияти маърифатии хонандаро танҳо ба шунидан, қабул кардан ва мустаҳкам кардани маводи таълимӣ маҳдуд кардан мумкин нест. Дар ин асно хонанда фавран кӯшиш менамояд, ки дониши нав бадастовардаро ба кор барад, онро дар амалияи худ татбиқ кунад ва ҳамин тавр симои нави фаъолияти касбиро дар худ ташаккул диҳад. Ин раванди тафаккур ва амалияи таълимӣ-маърифатӣ ҳарчи бештар фаъолтар бошад, самараи он бештар хоҳад буд. Дар натиҷа хонанда ба ташаккули эътиқодҳои нисбатан устувор шуруъ мекунад ва албатта, дониши хонанда бештар мегардад. Аз ин рӯ, пурзӯр кардани фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ дар ҷараёни таълим хеле муҳим аст.

*Вобаста ба ин дар раванди фаъолияти педагогӣ якчанд принсипҳои баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон мавҷуд аст, ки мо онҳоро мавриди омӯзиш қарор додем:*

**Принсипи мушкилот.** Ин принсип дар раванди педагогӣ ҳамчун принсипи асосӣ баррасӣ карда мешавад. Дар раванди фаъолият омӯзгор бояд бо супоришҳо ва саволҳои пайдарпай ба хонанда мушкилот эҷод карда, дар тафаккури ӯ вазъиятеро ба вуҷуд оварад, ки дар натиҷа дар ҳолати надоштани дониши кофӣ хонанда маҷбур мешавад бо кумаки омӯзгор ва иштироки ҳамсабақони дигар бо назардошти таҷрибаи худ ва дигарон бомантиқ донишҳои навро дар худ тавлид намояд. Ҳамин тавр, хонанда донишҳои навро на дар формулаҳои тайёркардаи омӯзгор, балки дар натиҷаи фаъолияти фаъоли маърифатии худ ба даст меорад. Хусусияти татбиқи ин принсип дар амалияи педагогӣ он аст, ки он бояд ба ҳалли мушкилоти мушаххаси дидактикии мушаххас, яъне бартараф кардани стереотипҳои ғалат, ташаккули эътиқодҳои пешрафта ва тафаккури нав нигаронида шавад.

**Принсипи омӯзиши мутақобила**. Принсипи омӯзиши мутақобила дар ташкили фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон аҳамияти камтар дорад. Дар хотир бояд дошт, ки хонандагон дар ҷараёни таълим метавонанд тавассути мубодилаи дониш якдигарро омӯзанд. Таълими бомуваффақияти мустақилона на танҳо заминаи назариявӣ, балки қобилияти таҳлил ва ҷамъбаст кардани зуҳурот, далелҳо ва иттилооти омӯхташударо талаб мекунад. Дар натиҷа хонанда дар худ қобилияти нави эҷодӣ ба вуҷуд меорад. Қобилияти хулоса баровардан аз хатогиҳои шахсии худ ва дигарон дониш ва малакаи хонанда ҳам аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ рушд меёбад.

Амалисозии принсипи омӯзиши мутақобила дар мисоли ташкили кори мустақилона дар гурӯҳҳои синнусолии гуногун дар раванди машғулиятҳо дақиқтар дида мешавад.

Масалан, дар раванди машғулиятҳои иловагӣ аз фанни таърих ҳангоми якҷоя кор кардан дар харитаи таърихӣ барои ҷойгиркунии шаҳрҳои калони давлатҳо ва марказҳои маъмурии онҳо хонандагон ҷавобҳои якдигарро пурра мекунанд. Дар кори дастаҷамъӣ, метавонанд хонандагони синфи 8 ба хонандагони синфи 9 кумак расонанд, ки дар натиҷа ҷойгиркунии шаҳрҳои калони давлатҳо ва марказҳои маъмурии онҳо ба хонандагони синфи 9 ба ёд оварда мешавад, чунки хонандагони синфҳои 9 айни ҳол ин мавзуъҳоро дар раванди машғулиятҳо хонда истодаанд ва дар навбати худ, хонандагони синфи 9 ба синфи 8 дар тақсим кардани шаҳрҳо ва марказҳои маъмурии онҳо кумак мекунанд. Якҷоя хонандагон донишҳои худро такмил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, татбиқи принсипҳои педагогии фаъолияти таълимӣ ва омӯзиши мутақобила ташаккули мавқеи субъективии хонандагон, муносибати инъикоскунандаро ба таълим таъмин мекунад.

**Принсипи омӯзиши масъалаҳои омӯхташуда**. Дар ин принсип муҳим он аст, ки фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон эҷодкорона, ҷустуҷӯӣ ва агар имкон бошад, унсурҳои таҳлил ва ҷамъбастро дар бар гирад. Раванди омӯзиши як падидаи мушаххас ё мушкилот бояд бо ҳама нишондодҳо хусусияти тадқиқотӣ дошта бошад. Ин боз як принсипи муҳимми баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ дар раванди машғулиятҳо мебошад. Масалан, агар хонанда аз фанни метематика бо намунаи ҳалли мисолу масъалаҳои мавҷудбуда шинос бошад, метавонад дар раванди азхудкунии мавзуи мазкур муваффақ бошад.

**Принсипи фардикунонӣ**. Барои ҳама гуна раванди таълим принсипи фардикунонӣ муҳим аст. Ин принсип дар ташкили фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ бо назардошти хусусиятҳо ва қобилиятҳои инфиродии хонанда ба роҳ монда мешавад.

Барои омӯзиши ин принсип хусусиятҳои психофизикӣ нақши калонро мебозад. Аз ҷумла:

- таркиби синф;
- мутобиқшавӣ ба раванди таълим;
- қобилияти дарк кардани мавзуи нав ва ғайра [11, с. 97].

Ҳамаи ин истифодаи шаклҳо ва усулҳои таълимро тақозо мекунад, ки агар имконпазир бошад, хусусиятҳои инфиродии ҳар як хонандаро ба назар гирад, яъне принсипи инфиродӣ ҷараёни таълимро амалӣ кунад.

**Принсипи худидоракунии таълим.** Дар ин принсип ба ҷараёни таълим, механизми худидоракунӣ ва худтанзимкунӣ, яъне татбиқи принсипи худомӯзӣ аҳамияти махсус дода мешавад. Ин принсип ба мо имкон медиҳад, ки фаъолияти таълимӣ ва маърифатии ҳар як хонанда дар асоси хоҳиши фаъолнокии шахсии онҳо оид ба такмил додани донишу малакаи худ, омӯзиши адабиёти иловагӣ ба роҳ монда шавад.

**Принсипи ҳавасмандкунӣ.** Фаъолияти ҳам мустақил ва ҳам коллективии хонандагон танҳо дар сурати ҳавасмандкунӣ имконпазир аст. Аз ин рӯ, дар байни принсипҳои фаъолкунӣ ба ҳавасмандкунии фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ ҷойи махсусе дода мешавад. Дар ин раванд маҳаки асосӣ маҷбурӣ набудани оғози фаъолият мебошад, чунки хоҳиши хонанда барои ҳалли масъала, омӯхтани чизе, исбот кардан, озмоиш кардан равона карда шавад.

Принсипҳои баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон, инчунин интихоби усулҳои таълим бо назардошти хусусиятҳои ҷараёни таълим муайян карда мешаванд.

Илова бар ин принсипҳо ва усулҳо, инчунин омилҳое мавҷуданд, ки хонандагонро ба фаъол будан ташвиқ мекунанд, онҳоро инчунин ангезаҳои омӯзгор ё ҳавасмандкунӣ барои густариши фаъолияти хонанда номидан низ мумкин аст. Масалан, дар раванди машғулиятҳои фанни таърих ба хонанда нишон додани объектҳои гуногун, зуҳурот, ҳудудҳои таърихӣ, муносибатҳои дипломатии байни давлатҳо ҷузъҳо ва ғайра метавонанд таъсири мусбӣ расонанд.

Дар раванди машғулият омиле, ки барои баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон нақши калидӣ мебозад ин таваҷҷуҳ мебошад. Таваҷҷуҳ ангезаи асосии фаъол кардани хонандагон аст. Омӯзгор ҳангоми таҳияи маводи таълим ин омилро ҳатман ба назар мегирад. Хонанда ҳеҷ гоҳ таваҷҷуҳ зоҳир намекунад, агар дар раванди машғулият омӯзиши вазъияти мушаххас мавҷуд набошад.

Аслан, хусусияти эҷодии фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ худ ба худ омили қавӣ барои шинохтани худи хонанда аст. Табиати таҳқиқотии фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки шавқи эҷодӣ дошта бошанд ва дар навбати худ, онҳоро фаъолона ва мустақилона ба ҷустуҷӯи донишҳои нав ташвиқ мекунад.

Яке аз омилҳои дигар дар раванди машғулиятҳо рақобатпазирӣ мебошад. Аммо, дар раванди таълим ин ҳолатро на танҳо рақобат барои баҳоҳои беҳтарин тавсиф кардан зарур аст, балки дар он дигар сабабҳо низ буда метавонанд. Масалан, ҳеҷ кас намехоҳад, ки дар назди ҳамсинфони худ «ба нокомӣ дучор шавад», ҳама мекӯшанд, ки тарафҳои беҳтарини худро нишон диҳанд. Рақобат махсусан дар машғулиятҳое, ки ба таври интерактивӣ гузаронида мешаванд, зоҳир мешавад.

Хусусияти интерактивии машғулиятҳо ҳам омили рағбат ва ҳам рақобатпазириро дар бар мегирад, ки раванди муассири ҳавасмандкунии фаъолияти руҳии хонандагон мебошад.

Бо назардошти ин омилҳо, омӯзгор метавонад фаъолияти хонандагонро дақиқ таҳлил намояд ва фаъол созад, зеро муносибати гуногун ба дарсҳо, на муносибати якхела, пеш аз ҳама, боиси таваҷҷуҳи хонандагон ба дарсҳо мегардад ва ҳангоми ба итмом расидани машғулиятҳо хонандагон хушҳол мераванд, зеро онҳо равандро пешгӯӣ карда метавонанд [4, с.41].

Таъсири эмотсионалии омилҳои дар боло зикршуда ба хонандагон рақобатпазирӣ, табиати эҷодӣ, ҳавасмандӣ ва ғайратро дар омӯзиши на танҳо фанни таърих, балки дигар фанни таълимӣ низ ба вуҷуд меорад. Зеро хонандагон дар худ мустақилиятро эҳсос мекунанд ва ин усул дар раванди дастаҷамъонаи омӯзиши илм заминаи мусоидро фароҳам меорад.

**Муқарриз: Назарова Х.А. – н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Бруднов А. Неформальное и непрерывное. О развитии дополнительного образования детей / А. Бруднов // Директор школы. -1995. -№ 2. -С. 56-59.
2. Вершинин В. Дополнительное образование детей: вчера, сегодня, завтра / В.Вершинин, Н.Артемкина // Внешкольник. Дополнительное образование детей. -1998. -№6. -С.30-32.

3. Грибов Д.Н. Педагогические основы формирования системы дополнительного образования в современных общеобразовательных учреждениях: Дис. канд. пед. наук / Д.Н. Грибов. - Б.м., 1998. - 178 с.
4. Евладова Э.Б. Дополнительное образование: содержание и перспективы развития / Э.Б.Евладова, Л.А. Николаева // Педагогика. - 1995. - №5. - С.39-44.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013.
6. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, таҳти №98 тасдиқ шудааст.
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ аз 30 августи соли 2017, http://www.president.tj/node/16031
8. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома.-Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007.- С.93.
9. Афзалов Х. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик /Х. Афзалов. Б. Рахимов. – Душанбе: Маориф, 1994.-С. -104.
10. Чернова Н.А. Педагогические условия развития дополнительного образования школьников (на примере региона): дис. канд. пед. наук / Н.А. Чернова. -Кемерово, 1997.- 194 с.

## РАВАНДҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ ВА МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ИЛОВАГӢ

Дар мақола оид ба равандҳои баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон дар машғулиятҳо, муносибати хонандагон нисбати таълими омӯзгорон, идоракунии раванди фаъолияти хонандагон, ҳавасмандгардонии онҳо ба омӯзиши амиқи илмҳо матраҳ карда шудааст. Инчунин, якчанд принсипҳои фаъолияти педагогӣ дар раванди машғулиятҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Мақолаи мазкур ба омӯзиши масъалаи таҳия ва татбиқи усулҳои методӣ, ки ба самаранокии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ мусоидат мекунанд, бахшида шудааст. Аз ҷумла, вазифаҳои педагогӣ, ки бояд дар доираи дарсҳои иловагӣ амалӣ карда шаванд, баррасӣ карда шудаанд. Дар мақола таҳлили чунин ҷузъҳои фаъолгардонии фаъолияти хонандагон дар синф, ба монанди гузоштани ҳадаф, ҳавасмандкунӣ, воситаҳои омӯзгор оварда шудаанд. Ҳамчун воситаи самараноки баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ, технологияҳои иттилоотӣ, усулҳои омӯзиши мушкилот, усули истифодаи вазифаҳои мустақили дорои хусусияти ҷустуҷӯӣ ва эҷодӣ, усулҳо ва воситаҳои гуногуни таълим баррасӣ карда мешаванд. Ҳамчунин, дар мақола ташаккули фаъолияти универсалии таълимии шахсӣ дар заминаи фаъолиятҳои беруназсинфӣ баррасӣ шудааст. Бешубҳа, дар тамоми самтҳои фаъолияти хонандагон шароитҳои зарурии ташаккули тамоми намудҳои фаъолияти универсалӣ мавҷуданд вале маҳз фаъолияти универсалии шахсӣ ба ташаккули шахсияти мутаносиб мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** фаъолияти таълимӣ, равандҳои педагогӣ, таълими систематикӣ, фаъолияти репродуктивӣ, фаъолияти тафсирӣ, фаъолияти эҷодӣ, принсипи мушкилот, принсипи омӯзиши мутақобила, принсипи омӯзиши масъалаҳои омӯхташуда, принсипи худидоракунии таълим, принсипи фардикунонӣ.

## ПРОЦЕССЫ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ УЧЕБНО-ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ НА ДОПОЛНИТЕЛЬНЫХ ЗАНЯТИЯХ

В статье рассматриваются процессы повышения учебно-познавательной активности учащихся на занятиях, отношение учащихся к занятиям учителей, управление процессом деятельности учащихся, их активизация в углубленном изучении предметов. Также проанализировано несколько принципов педагогической деятельности в процессе обучения. Данная работа посвящена изучению проблемы выработки и применения наиболее эффективных методологических приемов, способствующих эффективности учебно-познавательной деятельности обучающихся на дополнительных занятиях. В частности, рассматриваются педагогические задачи, которые необходимо реализовывать в рамках дополнительных занятий. Статья содержит анализ таких составляющих активизации деятельности учеников на занятиях, как целеполагание, мотивация, инструментарий учителя. В качестве наиболее эффективных средств активизации учебно-познавательной деятельности рассматриваются информационные технологии, методы проблемного обучения, метод с использованием самостоятельных заданий поискового и творческого характера, различные приемы и средства обучения.Также в статье рассмотрено формирование личностных универсальных учебных действий в контексте внеучебной деятельности. Несомненно, предпосылки формирования всех видов универсальных учебных действий присутствуют во всех сферах деятельности учащихся, но именно личностные универсальные действия способствуют формированию гармоничной личности.

**Ключевые слова:** учебная деятельность, педагогические процессы, систематическое обучение, репродуктивная деятельность, интерпретационная деятельность, творческая деятельность, принцип проблемности, принцип взаимообучения, принцип усвоения изученного, принцип самоуправления образованием, принцип индивидуализации.

**PROCESSES OF INCREASING THE EFFICIENCY OF STUDENTS' LEARNING AND COGNITIVE ACTIVITIES IN ADDITIONAL CLASSES**

The article deals with the processes of increasing the educational and cognitive activity of students in the classroom, the attitude of students to the lessons of teachers, managing the process of students' activities, their activation in in-depth study of subjects. Several principles of pedagogical activity in the learning process are also analyzed.This work is devoted to the study of the problem of developing and applying the most effective methodological techniques that contribute to the effectiveness of educational and cognitive activity of students in additional classes. In particular, the pedagogical tasks that need to be implemented within the framework of additional classes are considered. The article contains an analysis of such components of the activation of students' activities in the classroom as goal-setting, motivation, teacher's tools. As the most effective means of enhancing educational and cognitive activity, information technologies, methods of problem-based learning, a method using independent tasks of a search and creative nature, various methods and teaching aids are considered.The article also considers the formation of personal universal educational activities in the context of extracurricular activities. Undoubtedly, the prerequisites for the formation of all types of universal learning activities are present in all areas of student activity, but it is personal universal activities that contribute to the formation of a harmonious personality.

**Key words:** educational activity, pedagogical processes, systematic training, reproductive activity, interpretive activity, creative activity, the principle of problematicness, the principle of mutual learning, the principle of assimilation of what has been learned, the principle of self-government by education, the principle of individualization.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Каримзода Шавкат Карим*** – Муассисаи давлатии “Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе”, номзади илмҳои педагогӣ, директор. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода 8/1а. E-mail: **shavkatnormatov@mail.ru,** Телефон: **+(992) 93-803-93-92**

***Неъматуллоев Муродбек Музаффарович –*** Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи .Айнӣ, 45. Телефон**: (+992) 92-768-07-27,** E-mail: **mnematulloev@bk.ru**

**Сведения об авторах:** ***Каримзода Шавкат Карим*** – Государственное учреждение“Информационно-аналитический центр при Главном управлении образования города Душанбе”, кандидат педагогических наук, директор. Адрес:734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица М. Турсунзода 8/1а. E-mail: **shavkatnormatov@mail.ru**, Телефон: **+(992) 93-803-93-92**

***Неъматуллоев Муродбек Музаффарович*** – Институт развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана, соискатель. **Адрес:**734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Айни 45. Телефон*:* **(+992) 92-768-07-27,** E-mail: **mnematulloev@bk.ru**

**Information about the authors:** ***Karimzoda Shavkat Karim*** - State Institution “Information and Analytical Center under the Main Department of Education of the City of Dushanbe”, Candidate of Pedagogical Sciences, Director. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, M. Tursunzoda street 8/1a. E-mail: **shavkatnormatov@mail.ru**, Phone: **+(992) 93-803-93-92**

***Nematulloev Murodbek Muzaffarovich*** - Institute for the Development of Education named after Abdurakhmon Jami of the Academy of Education of Tajikistan, applicant. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Aini street 45. Phone: **(+992) 92-768-07-27**, E-mail: **mnematulloev@bk.ru**

УДК:37.017

# НАҚШИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ ДАР РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ КӮДАКОН

*Нурматова Н. Л.*

**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Айни замон маълумотнокии инсон на танҳо аз рӯйи донишҳои фаннӣ, балки бештар аз рӯйи рушди ӯ ҳамчун шахсияте, ки ба анъанаҳои фарҳанги милливу ҷаҳонӣ, низоми муосири авлавиятҳо, мутобиқшавии фаъолона дар ҷамъият ва интихоби мустақилона дар ҳаёт мувофиқ мебошад, арзёбӣ карда мешавад. Инсони муосир дар ҳолате комил аст, ки ҳамеша аз пайи рушди худ ва баланд бардоштани сатҳи зеҳнияти худ бошад.

Аз ин рӯ, раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ бояд на танҳо ба интиқоли дониш, малака ва маҳорати муайян, балки ба инкишофи гуногунсамти кӯдак, ошкор намудани қобилияти эҷодӣ, қобилият ва хислатҳои шахсии ӯ, аз ҷумла ташаббускорӣ равона карда шавад. То он даме, ки таълим ба интиқоли дониш бе назардошти рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак нигаронида шудааст, ҳалли масъалаҳои фардӣ ва тафриқавии таълим, худмуайянкунӣ ва худшиносии хонандагон ҳалношуда боқӣ мемонад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ин талаботи хонандагонро танҳо дар доираи таҳсилоти умумӣ қонеъ гардондан мумкин нест. Таълими базавӣ ба таҳсилоти иловагӣ, ки яке аз омилҳои муайянкунандаи инкишофи майлу қобилият ва манфиатҳои шахс, худмуайянкунии иҷтимоӣ ва касбии ӯ буд ва мемонад, бештар ниёз дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳиммияти таҳсилоти иловагиро барои хонандагон махсус қайд намуда, ҳангоми суханрониашон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ аз 30 августи соли 2017 аз ҷумла чунин зикр намуданд: “Барои амалӣ намудани ин тадбирҳои муҳим зарур аст, ки ба таҳсилоти иловагӣ ҳамчун қисми таркибии раванди донишомӯзӣ ва интихоби касб эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро ҳадафи он, пеш аз ҳама, рушди қобилияту истеъдоди кӯдакон ва наврасону ҷавонон мебошад.

Мо бояд на танҳо аз марказҳои таҳсилоти иловагӣ самаранок истифода намоем, балки дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ маҳфилҳои гуногуни эҷодиёти техникиву бадеӣ, санъати амаливу ороишӣ, варзишӣ, шоҳмотбозӣ, сайёҳиву кишваршиносӣ, биологиву экологӣ, гуманитарӣ ва монанди инҳоро ба роҳ монем” [8].

Бо назардошти ин омил дар кишвар таълими базавӣ (асосӣ) ва иловагии наврасон ҳамчун ҷузъҳои баробарҳуқуқи якдигарро мукаммалкунанда маҳсуб гардида, ба ин васила фазои ягонаи таълимӣ ба вуҷуд омадааст, ки барои инкишофи ҳаматарафаи шахсият ва рушди фардии ҳар як кӯдак зарур аст. Дар ин шароит мактаб барои дар ҷамъият бомуваффақият иҷтимоишавии наврасон замина ба вуҷуд оварда метавонад.

Таҳсилоти иловагӣ низоми таълиму тарбия мебошад, ки дар асоси барномаҳои таълимии иловагӣ амалӣ шуда, ба омӯзиши илм, техника ва технологияи муосир,

эҷодкорӣ, дарёфти ихтисоси нав, бозомӯзӣ, такмили ихтисос, ки онҳоро шахс метавонад ҳангоми таҳсил дар мактаб, пас аз хатми мактаб ва баъди гирифтани диплом ба таври ройгон ё пулакӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ берун аз барномаҳои асосии таълимӣ ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бе маҳдудият омӯзад, равона карда шудааст [5].

Таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии таҳсилоти иловагӣ аз инҳо иборатанд:

- тарбия ва таълими шаҳрвандон;

-инкишофи озодона ва ташаккули таҷрибаи иҷтимоию ҷамъиятии шахсият;

- тарбия дар руҳияи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ ва эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

- инкишоф додани ҳисси эҳтиром ба урфу одат, расму оин, анъанаҳои мардумӣ ва арзишҳои миллӣ;

- ташаккули муносибати эҳтиромонаи таълимгирандагон нисбат ба оила ва ҷомеа;

- фароҳам овардани шароит барои инкишофи эҷодӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ҷисмонии таълимгирандагон;

- ташаккули муносибати бошуурона ва масъулиятноки таълимгирандагон ба муҳити зист ва ҳифзи он;

- қонеъ гардонидани талаботи таълимгирандагон ба интихоби касб;

- дастгирии таълимгирандагони боистеъдод;

- ташаккули тарзи ҳаёти солими таълимгирандагон;

- амалӣ намудани чорабиниҳои иттилоотию методӣ, ташкилию оммавӣ ва фарҳангию маърифатӣ;

- такмили худфаъолиятӣ ва худидоракунии таълимгирандагон;

- фароҳам овардани шароит барои фаъолияти эҳсонкории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади рушди таҳсилоти иловагӣ.

Дар моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” шаклҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар карда шудаанд, ки чунинанд: марказҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон; академияҳои хурди илмҳо; қасрҳо, стансияҳо, клубҳои кӯдакон ва наврасон; мактабҳои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, бадеӣ, мусиқӣ ва рассомӣ; курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ; хонаҳо, студияҳои эҷодиёти кӯдакон ва наврасон, лагерҳои варзишӣ ва сайёҳӣ; мактабҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, мактабҳои махсуси захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, варзишгоҳҳои кӯдакона; клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист; клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон; муассисаҳои солимгардонӣ, мактабҳои маҳорати баланди варзишӣ, марказҳои омодагии олимпӣ; муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси бадеӣ; муассисаҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва дигар муассисаҳое, ки иҷозатномаи дахлдор доранд [4].

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ метавонанд маҷмуӣ ва соҳавӣ бошанд. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии маҷмуӣ фаъолияти худро аз рӯйи самтҳои гуногуни таҳсилоти иловагӣ (илмию техникӣ, таҷрибавию санҷишӣ, ҷамъиятию гуманитарӣ, китобдорию китобшиносӣ, сайёҳию кишваршиносӣ, бадеию эстетикӣ, экологию табиатшиносӣ, тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ҳарбию ватандӯстӣ, солимгардонию гигиенӣ) ташкил менамоянд. Ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии маҷмуӣ қасрҳо ва марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон дохил мешаванд.

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии соҳавӣ фаъолияти худро аз рӯйи самтҳои мушаххаси таҳсилоти иловагӣ ташкил мекунанд. Ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии соҳавӣ марказҳои илмию техникӣ, эҷодиёти бадеию эстетикӣ, хонаҳои эҷодии кӯдакону наврасон, клубҳои сайёҳию кишваршиносӣ, экологию табиатшиносӣ, варзишию солимгардонӣ, ҳарбию ватандӯстӣ, стансияҳои сайёҳони ҷавон, табиатдӯстон, техникҳои ҷавон, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсусгардонидашудаи бадеӣ, студияҳо, мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон, варзишгоҳҳои кӯдакона ва муассисаҳои солимгардонӣ мансуб мебошанд.

Афзалияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар он зоҳир мегардад, ки машғулиятҳо дар онҳо дар асоси барномаҳои таълимиву тарбиявӣ, нақшаҳо ва воситаҳои таълимиву тарбиявӣ бо истифодаи шакл ва усулҳои муосири таълим аз ҷониби омӯзгорон (роҳбарони маҳфилҳо) ва мутахассисон мустақилона ташкил карда мешаванд [1, с.84]. Шумора ва давомнокии машғулиятҳо дар маҳфилҳо тибқи ҷадвали машғулиятҳо дар асоси нақшаҳои таълимӣ ва оинномаи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ муайян ва аз ҷониби директор тасдиқ карда мешавад.

Соли таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ аз 15 сентябр то 1 июн идома меёбад. Дар вақти таътил муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ метавонанд дар заминаи худ ҷойи истиқоматӣ ташкил намуда, барои таълимгирандагон машғулиятҳо, истироҳатҳои беруназшаҳрӣ, машғулият дар майдончаҳои солимгардонӣ ё маҳфилҳои гуногун баргузор гардида, ҳамчунин истироҳатгоҳ ё базаҳои сайёҳӣ кушоянд.

Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ метавонанд бо пешниҳоди омӯзгорон ҷадвали машғулиятҳоро мувофиқи имкониятҳои фардӣ, шавқу рағбат, майлу хоҳиш, қобилият ва дараҷаи маҳорати таълимгирандагон бо дар назар доштани дараҷаи таҳсилот, ихтисос, собиқаи кор, синну сол, хусусиятҳои руҳию ҷисмонӣ, вазъи саломатии онҳо таҳия намоянд.

Давомнокии машғулиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ муайян шудааст. Дар асоси банди 15-и Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018 таҳти №98 тасдиқ шудааст, машғулиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар шакли гурӯҳӣ, инфиродӣ ё бо тамоми ҳайати иттиҳодия гузаронида мешаванд. Давомнокии машғулиятҳо дар маҳфилҳо (ба истиснои маҳфилҳои яккахонию мусиқӣ) 2-3 соати академӣ бо танаффуси 5-10-дақиқагӣ баъди ҳар 45 дақиқа муқаррар карда мешавад [6].

Дар оғоз ва анҷоми соли таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ нисбат ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фарқият дида мешавад. Масалан, дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ соли таҳсил аз 15 сентябр оғоз мегардад ва то 1 июн идома

меёбад. Дар вақти таътил муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ вобаста ба мавҷуд будани шароит ва имконияти зарурӣ метавонанд дар заминаи худ барои таълимгирандагон машғулиятҳо, истироҳатҳои беруназшаҳрӣ, машғулият дар майдончаҳои солимгардонӣ ё маҳфилҳои гуногун баргузор карда, ҳамчунин истироҳатгоҳ ё базаҳои сайёҳӣ кушоянд.

Дар шароити ҷорӣ намудани стандартҳои таълимии насли нав, аҳамияти дохил намудани таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакон ба сохтори барномаҳои таҳсилоти умумии асосӣ бо зарурати таҳкими ҷузъи тағйирёбандаи таҳсилоти умумӣ алоқаманд аст, ки ба татбиқи амалии он мусоидат мекунад ва дониш, малака ва маҳоратҳои дар мактаб бадастоварда ҳавасмандии маърифатии хонандагонро таҳрик медиҳад. Дар шароити таҳсилоти иловагӣ кӯдакон метавонанд неруи эҷодии худро инкишоф дода, малакаҳои мутобиқшавӣ ба ҷомеаи муосирро соҳиб гарданд. Инчунин, имкони истифодаи пурраи вақти холии худро пайдо мекунанд.

Таълими иловагии кӯдакон ҳамчун «минтақаи инкишофи наздик»-и шахсияти кӯдак, ки интихоби озоди самтҳои он ҳамеша бо хоҳиш ва эҳтиёҷоти кӯдакон алоқаманд аст, метавонад фардикунонии раванди таълим, бунёди тарбияи инфиродиро таъмин намояд [10, с.56].

Дар айни замон нақши системаи таълими иловагӣ дар тайёр кардани насли наврас хеле меафзояд. Он барои ҳалли муҳимтарин масъалаи иҷтимоӣ - муайян кардан ва инкишоф додани он майлу қобилиятҳои кӯдакон, ки рушди устувори худидоракунии онҳоро дар ҳаёт таъмин менамояд, пешбинӣ шудааст.

Таълими иловагии кӯдакон ба ғайр аз таълим ва инкишофи эҷодии шахсият имкон медиҳад, ки як қатор мушкилоти дигари аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим, аз қабили: таъмини шуғли кӯдакон, худшиносӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии онҳо, ташаккули тарзи ҳаёти солим, пешгирии беэътиноӣ, ҳуқуқвайронкуниҳо ва дигар зуҳуроти иҷтимоӣ дар байни кӯдакону наврасон ҳалли худро ёбанд. Дар асоси таълими иловагӣ масъалаҳои таъмини таълими босифати интихобӣ, мушкилоти иҷтимоию иқтисодии кӯдакон ва оилаҳо, беҳбудии тамоми ҷамъият ҳал карда мешаванд [9, с.72].

Таҳсилоти иловагӣ ба кӯдак имкони воқеии интихоби роҳи инфиродии таҳсилотро фароҳам меорад, то ин ки новобаста аз сатҳи дастовардҳои таълимӣ мувофиқи қобилиятҳои худ ба муваффақият ноил шавад. Дар таҳсилоти иловагӣ мазмун, шакли дарсҳоро худи кӯдак интихоб мекунад. Ҳамаи ин барои муваффақият шароити мусоиди психологӣ фароҳам оварда, дар навбати худ, ба фаъолияти таълимӣ таъсири мусбат мерасонад.

Бо амалӣ намудани вазифаҳои таҳсилоти иловагӣ мактаб аз як тараф, зиддияти мавҷудаи байни зарурати аз худ намудани стандарти таълим, аз тарафи дигар, фароҳам овардани шароит барои инкишофи озодонаи шахсиятро, ки асоси он аст, ҳал мекунад. Педагогикаи гуманистӣ бо тамаркуз ба қабули кӯдак ба сифати шахсият ва фардият, ҳифзи ҳуқуқи ӯ ба рушди худшиносӣ ва худмуайянкунӣ фарқ мекунад. Маълум шуд, ки маҳз таҳсилоти иловагӣ пурра ба ин меъёрҳо мувофиқат мекунад. Он аз рӯйи принсипҳои худ ба рушди шахсият нигаронида шудааст, бар хилофи таҳсилоти ибтидоӣ, ки минбаъд ҳам фаннӣ буда, ба аз худ намудани стандарти мактаб нигаронида шудааст. Танҳо як омезиши органикӣ дар деворҳои

мактабҳои ҳарду намуди таълим метавонад ҳам ба рушди кӯдак дар алоҳидагӣ ва ҳам ба ҳалли тамоми ташкилоти таълимӣ мусоидат кунад.

Мақсади асосии фаъолияти таълимии таҳсилоти иловагӣ фароҳам овардани шароит барои ифодаи худ, инкишоф ва худмуайянкунии кӯдакон мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад бояд хонандаро на ҳамчун объект, балки ҳамчун субъекти омӯзиш ба назар гирем.

Раванди таълим дар системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон дорои хусусиятҳои зерин аст:

- аз ҷониби кӯдакон дар вақти холиашон аз таҳсилоти асосӣ гузаронида шуда, бо озодии интихоби самтҳо, намудҳои фаъолият ва имконияти тағйир додани соҳаи фаъолият дар давоми сол фарқ мекунад;

- бо ихтиёрӣ, ташаббус ва фаъолияти ҳамаи иштирокчиён (кӯдакон, волидон, омӯзгорон), набудани танзими қатъӣ ва натиҷаи қатъии муқарраршуда тавсиф мешавад;

- ба инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон нигаронида шуда, шавқу ҳаваси маърифатиро инкишоф дода, ба хонандагон имкон медиҳад, ки самтҳо ва шаклҳои гуногуни машғулиятро якҷоя кунанд;

- барои ҳамаи иштирокчиён (хонанда, омӯзгор ва волидайн) ғайрирасмӣ ва бароҳат аст.

Замоне фаро расидааст, ки танҳо ба раванди таълим такя кардан ғайриимкон аст. Бояд стереотипи таҳсилоти иловагӣ ҳамчун “раванди дуюмдараҷа” бартараф ва дарк карда шавад, ки он ба таври объективӣ қобилияти ба ҳам пайвастани таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакро дар як муассисаи таълимӣ доро мебошад.

Рушди ҳамаҷонибаи таълими иловагии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба ҳалли вазифаҳои зерин нигаронида шудааст:

1. Системам таълими иловагӣ ба ҳар як кӯдак имкон медиҳад, ки касбро мувофиқи табъаш интихоб намоянд, барои пурра фаро гирифтани хонандагон ва амиқ омӯхтани бисёр фанҳо шароит фарохам меоварад.

2. Кор бо хонандагон дар доираи таҳсилоти иловагӣ дар мактаб вазифаҳои муҳимми тарбиявиро иҷро менамояд: истироҳати хонандагонро мақсаднок ташкил намуда, шахсияти эҷодкорро ташаккул медиҳад, барои худмуайянкунии иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва касбӣ шароит фароҳам меорад, аз рафтори ғайриҷамъиятӣ пешгирӣ мекунад.

3. Машварати фаннӣ аз рӯйи фанҳои биология, физика, таърих, забони русӣ, англисӣ ва дигар фанҳо ба азхудкунии асосҳои фаъолияти лоиҳавӣ ва тадқиқотии хонандагон аз рӯйи ин фанҳо мусоидат мекунад.

4. Системаи таълими иловагӣ ба баланд шудани неруи эҷодии коллективи педагогӣ, ошкор ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ёрӣ мерасонад.

5. Истифодаи фаъолонаи ғояҳои инноватсионии педагогӣ, моделҳо ва технологияҳои таълимиро таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳсилоти иловагӣ барои фароҳам овардани имкониятҳои иловагӣ барои рушди зеҳнӣ, ҷисмонӣ, қонеъ кардани ниёзҳои эҷодӣ ва таълимӣ пешбинӣ шудааст. Мақсади асосии системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон фароҳам

овардани шароит барои интихоби озоди ҳар як кӯдак дар соҳаи таълим, профили барномаи иловагӣ ва муҳлати таҳияи он мебошад.

Ба татбиқи ин вазифа унсурҳои зерин мусоидат мекунанд: гуногунии фаъолият, хусусияти ба шахсият нигаронидашудаи раванди таълим, равона кардани он ба рушди ҳавасмандии шахсӣ, дониш ва эҷодкорӣ, худмуайянкунии касбии кӯдакон ва худшиносии онҳо.

Таҳсилоти иловагӣ ба ҳар як кӯдак имкон медиҳад, ки самти таҳсилот, профили барномаҳо, вақти дарсҳо, шомил шудан ба намудҳои гуногуни фаъолиятро бо назардошти майлу хоҳиши инфиродӣ озодона интихоб намояд. Хусусияти шахсият-фаъолияти раванди таълим имкон медиҳад, ки яке аз вазифаҳои асосии таҳсилоти иловагӣ – муайянсозӣ, инкишоф ва дастгирии кӯдакони лаёқатманд ҳалли худро ёбад.

Таълими иловагӣ раванди муттасил аст. Он муҳлати муайяни анҷомдиҳӣ надорад ва пайдарпай аз як марҳила ба марҳилаи дигар мегузарад. Асоси инфиродӣ-шахсии фаъолияти ин муассисаҳо имкон медиҳад, ки талаботи кӯдакони мушаххас бо истифода аз имконоти вақти холии онҳо қонеъ карда шавад.

Дар системаи таҳсилоти иловагӣ шаклҳои зерини таълимро барои кӯдакони болаёқат ҷудо кардан мумкин аст:

1. омӯзиши инфиродӣ ё дар гурӯҳҳои хурд аз рӯйи барномаҳои рушди эҷодӣ дар соҳаи муайян;

2. кор аз рӯйи лоиҳаҳои тадқиқотӣ ва эҷодӣ дар реҷаи роҳбаладӣ (ҳамчун роҳбалад, чун қоида, олим, ходими фарҳангӣ, мутахассиси дараҷаи олӣ баромад мекунанд);

3. мактабҳои ғоибона;

4. лагерҳои истироҳатӣ, дарсҳои маҳорат, лабораторияҳои эҷодӣ;

5. озмунҳо, фестивалҳо, олимпиадаҳо;

6. конференсия ва семинарҳои илмию амалии бачагон.

Имкониятҳои мусоид барои таҳсилоти иловагӣ, аз ҷумла, дар соҳаи рушди санъат равшан зоҳир мешаванд. Кӯдакон аксар вақт ба ин муассисаҳо замоне меоянд, ки истеъдоди онҳо аллакай ошкор шудааст. Онҳо ба фарқ аз аксари хонандагон ба азхудкунии фаъолияти бадеӣ ва эҷодӣ ҳавасманданд ва ин барои рушди пурсамари маҳорату донишҳои махсус шароит фароҳам меорад.

Дар таҳсилоти иловагӣ аз чунин захираи тавонои рушди истеъдод, ба монанди ягонагӣ ва таъсири мутақобилаи ҳунар истифода бурдан мумкин аст, аммо дар мактаби маъмулӣ мазмуни таълимро аз рӯйи фанҳо ҷудо кардан душвор аст [7, с.67].

Дар баробари ин, ин шакли кор бо кӯдакони лаёқатманд хатари ҷиддӣ дорад. Хеле муҳим аст, ки дар ӯ "эҳсоси истисноӣ будан"-ро ба вуҷуд наоваред: ҳам бо он сабаб ки ин эҳсос метавонад дар ҳаёти баъдӣ тасдиқи худро наёбад ва ҳам бо сабаби он ки дар маҳфилҳо ва студияҳо на танҳо кӯдакони лаёқатманд, балки онҳое, ки аз эҷоди санъат лаззат мебаранд, иштирок мекунанд ва муносибатҳо бо онҳо бояд мутаносиб инкишоф ёбанд [2, с.189].

Ду хатари дигар, мутаассифона, аксар вақт аз омӯзгорон бармеояд. Якум, ба хотири обрӯю эътибори муассисаи таълимӣ ё роҳбари он истифода бурдани қобилиятҳои фавқулодаи хонанда (вокалӣ, саҳнавӣ, мусиқӣ ва ғайра) мебошад, ки аксаран бар зарари худи кӯдак мешавад. Дуюм, майлу хоҳиши бешууронаи роҳбар

барои татбиқ кардани худ ба воситаи хонандагон, ки боиси муваффақияти гӯё намоёни роҳбар мегардад. Дар ҳарду ҳолат кӯдакони лаёқатманд на мақсад, балки воситаи ҳалли мушкилоти калонсолон мегарданд.

Агар ҳамаи ин мушкилот бартараф карда шаванд, пас соҳаи таълими иловагии бадеӣ барои ташаккули кӯдаки болаёқат, омода намудани ӯ ба роҳи касбии санъат аҳамияти ниҳоят калон пайдо мекунад.

**Муқарриз: Назарова Х.А. – н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Азизова Л.Х. Педагогическая поддержка одаренных младших школьников в условиях дополнительного образования: дисс… канд. пед. наук / Л.Х. Азизова. - 2019. – 235 с.
2. Бабаева Ю.Д. Психология одаренности детей и подростков: учеб. пособие для студ. высш. и сред. пед. учеб. заведений / Ю.Д.Бабаева, Н.С. Лейтес. Под ред. Н.С. Лейтес. – М.: Академия, 2000. – 336с.
3. Бурменский Г.В., Слуцкий В.М. Одаренные дети / Г.В. Бурменский, В.М. Слуцкий. -М.: Прогресс, 1991. – 376 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ”. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг
6. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, таҳти №98 тасдиқ шудааст.
7. Психология одаренности: от теории к практике / под ред. Д.В. Ушакова. М.: ПЕР СЭ, 2000. 80 с.
8. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ аз 30 августи соли 2017, http://www.president.tj/node/16031
9. Уманова Н.В. Одаренные дети: их особенности и организация работы с ними / Н.В. Уманова. – М.: Академия, 2004. –103 с.
10. Фанзова Ф.Р. Выявление и развитие одарённости в условиях дополнительного образования / Ф.Р. Фанзова. Авт.-сост. Фанзова Ф.Р. – Омск. - 56с


## НАҚШИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ ДАР РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ КӮДАКОН


Дар мақолаи мазкур зарурати дарёфт ва инкишоф додани лаёқатмандии кӯдакон дар шароити таҳсилоти иловагӣ, ки он бо назардошти майлу хоҳиши фардии ҳар як кӯдак имконияти озодона интихоб намудани самти таълим, равия ва муҳлати таҳсилро фароҳам меорад, баррасӣ шудааст. Дар баробари ин бояд гуфт, ки таълими иловагӣ дар инкишофи қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии кӯдакон нақши муҳим дорад.Системаи таълими иловагӣ барои дар ин ё он самт аз худ кардани донишхои фундаменталӣ, ба фаъолияти эҷодӣ ҷалб намудан ва ташаккули заковат ёрӣ мерасонад. Вазифаи асосии омӯзгорон нисбат ба кӯдакони болаёқат аз он иборат аст, ки ҳар чӣ зудтар қобилиятҳои онҳоро муайян карда, ба онҳо сарбории зарурии равонӣ дода, фаъолиятҳоро, ки ба қобилиятҳои кӯдак мувофиқат мекунанд, муайян намояд. Ҳамчунин, дар мақола равишҳои гуногун ба таърифи лаёқатмандӣ, кӯдаки лаёқатманд, низоми имконпазири кори омӯзгор бо кӯдакони лаёқатманд дар шароити муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдакон, мушкилоти ҳамроҳии шахси болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ баррасӣ шудаанд. Сохтор, мундариҷа, технология ва усулҳои фаъолияти маҳфилҳо ҳамчун яке аз шаклҳои самараноки рушди истеъдоди зеҳнии кӯдакон дар шароити таҳсилоти иловагӣ муайян карда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** таҳсилоти иловагӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, барномаҳои таълимӣ, мазмуни таҳсилот, таълими инфиродӣ, инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ, истеъдод, қобилият, кӯдакони болаёқат, маҳфилҳо.


## РОЛЬ ДОПОЛНИТЕЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РАЗВИТИИ НАВЫКОВ У ДЕТЕЙ


В данной статье раскрывается необходимость выявления и развития одаренности детей в условиях дополнительного образования, где дополнительное образование представляет каждому ребенку возможность свободного выбора образовательной области, профиля программ, времени их освоения, включения в разнообразные виды деятельности с учетом индивидуальных наклонностей. Однако нужно отметить, что дополнительное образование играет важную роль в развитии творческих и интеллектуальных способностей детей. Система дополнительного образования помогает получить фундаментальные знания в том или ином направлении, включить их в творческую деятельность, повысить эрудицию. Основная задача педагогов по отношению к одаренным детям: как можно быстрее выявить способности школьников, дать им

необходимую умственную нагрузку и определить виды занятий, которые будут соответствовать способностям ребенка.Также в статье рассматриваются различные подходы к определению одарённости, одарённого ребёнка, возможная система работы педагога с одарёнными детьми в условиях учреждения дополнительного образования детей, проблемы сопровождения одарённой личности в учреждениях дополнительного образования. Раскрывается структура, содержание, технологии и методы деятельности кружков как одной из наиболее эффективных форм развития интеллектуальной одарённости детей в условиях дополнительного образования.

**Ключевые слова:** дополнительное образование, учреждения дополнительного образования, образовательные программы, содержание образования, индивидуальное образование, развитие интеллектуальных и творческих способностей, талант, способности, одаренные дети, кружки.

**THE ROLE OF ADDITIONAL EDUCATION IN SKILL DEVELOPMENT IN CHILDREN**

This article reveals the need to identify and develop the giftedness of children in the conditions of additional education, where additional education provides each child with the opportunity to freely choose the educational field, the profile of programs, the time of their development, inclusion in various types of activities, taking into account individual inclinations. However, it should be noted that additional education plays an important role in the development of creative and intellectual abilities of children.The system of additional education helps to acquire fundamental knowledge in one direction or another, to include it in creative activity, and to increase erudition. The main task of teachers in relation to gifted children is to identify the abilities of schoolchildren as soon as possible, give them the necessary mental load and determine the types of activities that will correspond to the abilities of the child.The article also discusses various approaches to the definition of giftedness, a gifted child, a possible system of work of a teacher with gifted children in the conditions of an institution of additional education for children, problems of accompanying a gifted person in institutions of additional education. The structure, content, technologies and methods of activities of circles are revealed as one of the most effective forms of development of intellectual giftedness of children in conditions of additional education.

**Key words:** additional education, institutions of additional education, educational programs, content of education, individual education, development of intellectual and creative abilities, talent, abilities, gifted children, circles.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нурматова Нигора Латиповна*** – Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 45. E-mail: **nurmatova_nigora@mail.ru**
Телефон: **+(992) 98-861-11-55**

**Сведения об авторе:** ***Нурматова Нигора Латиповна*** - Институт развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана, соискатель. **Адрес:**734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Айни 45. E-mail: **nurmatova_nigora@mail.ru** Телефон: **+(992) 98-861-11-55**

**Information about the author*:* *Nurmatova Nigora Latipovna*** - Institute for the Development of Education named after Abdurakhmon Jami of the Academy of Education of Tajikistan, applicant. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Aini street 45. E-mail: **nurmatova_nigora@mail.ru** Phone: **+(992) 98-861-11-55**

УДК:372.851

# НАЗАРИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ ОИД БА ЛАЁҚАТМАНДИИ ХОНАНДАГОН

*Қувватова Р.А.*

**Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Дар хусуси таълими тарбияи фарзандон ва муносибати нек ба илмомӯзӣ ва рушди қобилиятҳои кӯдакону наврасон дар афкори ниёгони халқи тоҷик таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Омӯхтан ва дастраси умум гардонидани дастовардҳои нотакрори педагогикаи ниёгон, махсусан дар замони соҳибистиқлолӣ барои мо муҳим мебошад.

Ҳанӯз дар таълимоти Авасто ба таълим ва тарбияи насли наврас дар мактаб аҳамият дода шуда, мувофиқи нишондоди он мактабҳои авастоӣ дар назди идораи ҳокимони маҳаллӣ ва донишкадаҳо ташкил карда мешуданд. Усули таълим гуногун буд. Барномаҳои ягона вуҷуд надоштанд. Раванди таълим аз рӯйи принсипҳои зерин ба роҳ монда мешуд:

- ҳаёти талаба (шогирд) дар хонаи муаллим (устод);
- эҳтироми баланди муаллим;
- интизоми қатъӣ;
- назорати қатъии тафаккур, эҳсосот ва майлу хоҳишҳои шогирдон;
- тарзи шифоҳии таълим (то пайдо шудани хат) [4, с.56].

Масъалаҳои шавқу ҳаваси кӯдак ба омӯзиши илму дониш ва сайқал додани маҳорату малака ва тарбияи хислату сиришти неки инсонӣ дар таълимот ва педагогикаи ниёгон мавқеи хосса дорад ва таъкидҳои бешумори онҳо барои иломӯзиву донишазхудкунӣ ва касбу ҳунаромӯзӣ равона карда шудаанд. Ба ин гуфтаҳо мисол шуда метавонанд мероси педагогии мутафаккирон Рӯдакӣ, Форобӣ, Фирдавсӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Ибни Сино, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, Абушакури Балхӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Давонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон, ки паҳлуҳои гуногуни таълиму тадрис ва тарбияи кӯдаконро фаро гирифтаанд.

Форобӣ дар ташаккули қобилияти фикрии талабагон ба муттасилии таълим эътибори ҷиддӣ додааст. Олим дар рисолаи "Таснифоти улум" тартиби таълими муттасилро чунин пешниҳод кардааст: дар ҷойи аввал забон гузошта шудааст, зеро ба қавли олим, забон "ба инкишофи ҳамаи илмҳо" ҳидоят мекунад; дар ҷойи дуюм мантиқ меояд, чунки қонунҳои умумии мантиқ ба дарки мазмун, моҳият ва инкишофи ҳамаи илмҳо мусоидат менамояд; баъдан омӯхтани илмҳои риёзиёт, табиатшиносӣ, илоҳиёт ва ҷомеашиносиро тавсия медиҳад [4, с.128].

Дар назарияи Форобӣ ба тарбияи фикрии кӯдакон диққати зиёд дода мешавад. Ӯ дар инкишофи ақлии инсон мавҷудияти ду навъи ақл: амалӣ ва назариявиро нишон медиҳад. Форобӣ ҳар ду навъи ақли инсониро зарур медонад. Бинобар ин, ба муаллимон пешниҳод менамояд, ки ба инкишофи қобилияти фикрии бача эътибори доимӣ диҳанд [4, с.129].

Абуалӣ ибни Сино дар ташкили тарбия ва таълим, муайян намудани мазмуни маълумот, пеш аз ҳама, чун педагог баромад карда, талаботеро пешниҳод менамояд, ки аксари онҳо дар илми дидактикаи имрӯза амал мекунанд. Аз ҷумла, дар мисолҳои

мувофиқи синну сол муайян намудани мазмуни маълумот, ба назар гирифтани истеъдод, қобилият, маҳорат, тавоноӣ, сиҳатӣ, шавқмандӣ ва пандомӯзии маводҳои таълимӣ, мувофиқати онҳо ба синну соли шогирдон, соҳибихтиёрии талаба дар интихоби китоб барои кори мустақилона, зарурати машқҳои ҷисмонӣ, ҳамфикрӣ ва ҳамраъйии талабагон дар роҳи интихобкардаи худ, муҳити солим дар оила ва таълимгоҳ, истифодаи усулҳои гуногуни таълим ва тарбия дар вобастагӣ бо синну соли талабагон ва ё вазъияти рӯйдода дидан мумкин аст [4, с.153].

Дар афкори Саъдии Шерозӣ тарғиби илму дониш ва аҳамияти он дар ташаккули шахсияти инсон, алоқамандии назария бо амалия мавқеи аввалро ишғол мекунад. Дар ин хусус ӯ чунин гуфтааст: “Ҳар кӣ илм хонду амал накард, бад-он монад, ки гов ронд ва тухм наяфшонд”. Ба ақидаи Саъдии Шерозӣ, маънои ҳақиқии дониш инкишоф додани ҳисси ақлонии инсон мебошад. Ҳисси ақлӣ дар инсон фақат дар натиҷаи кӯшиши татбиқи дониш фароҳам мегардад [11, с.84].

Камолиддин Биноӣ ба васфи илм диққати зиёд додааст. Ӯ дар баҳои умумии худ ба илм ҳарчанд асосан ба шоирони пешин ҳамфикр бошад ҳам, вале дар айни замон баъзе махсусиятҳои худро дорад. Ин фарқият, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки Биноӣ ба мисли шоирони гузашта ҷавононро на фақат ба омӯхтани илм даъват мекунад, балки дар айни замон се шарти асосиро ба таври мушаххас нишон медиҳад, ки риояи онҳо инсонро ба одамият даъват менамояд. Шарти аввал – аҳамияти илм дар ҳаёти инсон; шарти дуюм – шароитҳои бадастоварии илм ва шарти сеюм, алоқаи илм бо фаъолияти амалии инсон [4, с.194].

Биноӣ дар таълимоти педагогии худ шаш шарту шароитҳои асосии ба даст овардани илму донишро нишон медиҳад: шарти аввал – талаб ва кӯшиш; шарти дуюм – вақт; шарти сеюм – ҳиммат; шарти чорум – даст кашидан аз коҳилӣ; шарти панҷум – ҳурмати илму устоду китоб ва шарти шашум – ҳалолкорист [4,с.195-197].

Носири Хисрав бар зидди кӯр-кӯрона аз худ намудани дониш баромада, барои ба даст овардани илму дониш назарияи истифодаи аёниятро пешниҳод менамояд:

Макун бовар суханҳои шунида,  
Шунида кай бувад ҳаргиз чу дида [11, с.51].

Ба ақидаи Бедил, илму ҳунар дар натиҷаи қобилият ба даст оварда мешавад:

Фонуси шамъҳои асар қобилият аст,  
Бе ранг ҳеҷ ҷилва мусаввар намешавад [11, с. 142].

Бедил кӯшишу заҳмат, ҳиммату азму иродаи ҳаррӯзаро воситаи сайқал додани дониш, малакаю маҳорат медонад; донишу ҳикмат таввассути кӯшишу ҳиммат ба даст оварда мешаванд. Инсон танҳо тавассути талошу ҳиммати ҳаррӯза ба мақсад мерасад. Дар масъалаи лаёқату қобилият Бедил чунин таъкид менамояд:

Пеши чашме, ки нури ирфон нест,  
Гар бувад осмон, намоён нест.

Ба андешаи Бедил, инсоне, ки лаёқату маърифату дониш надорад, гумон мекунад, ки осмон ҳавзи оббозист. Дар ин ҷо мушоҳида карда мешавад, ки Бедил то кадом андоза ба лаёқат, кобилият ва маърифат таваҷҷуҳ намудааст [11, с. 142].

Дар тули садсолаи асри XX, истилоҳи «лаёқатмандӣ» тағйиротҳои назаррасро аз сар гузаронид. Дар оғоз, ин мафҳум танҳо ба калонсолон марбут дониста мешуд, ки дастовардҳои онҳо беҳамто ҳисобида мешуданд. Минбаъд рушди зеҳнии кӯдакон,

комёбиҳои беназири онҳоро дар таълим ба инобат гирифта, ба истифодаи ин мафҳум нисбати кӯдакон низ шуруъ намуданд. Ба сафи кӯдакони лаёқатманд онҳое ворид гардиданд, ки дар қатори беҳтаринҳо ҷой гирифта, дорои нишондиҳандаҳои баланди зеҳнӣ буданд. Ба сифати меъёри рушди зеҳнӣ, одатан нишондиҳандаи коэффитсиенти зеҳнии IQ истифода мешавад.

Дар ҳаёти ҳамарӯза пайваста тағйироту иловаҳо ва навгониҳо ворид гашта истодаанд, ки онҳоро пешгӯӣ кардан ғайриимкон аст. Ин дигаргуниҳо, ки мавриди санҷишҳо қарор мегиранд, нишондиҳандаҳои баланди рушди ақлонӣ ва дастовардҳои эҷодии беҳамторо кафолат дода наметавонанд. Ҳамзамон, кӯдаконе, ки дорои нишондиҳандаҳои нисбатан назарраси IQ мебошанд, дар қатори онҳое қарор мегиранд, ки сабабгори пешрафтҳое мегарданд, ки ҳаёти ҷомеаро дигаргун месозанд. Чунин ҳолатҳои бавуҷудомада моро водор намуд, ки пайваста ба мазмуни истилоҳи “лаёқатмандӣ” ва алалхусус ба масъалаи он, ки кадом намудҳои лаёқатмандӣ аз назари муҳаққиқон ва таҷрибадорон дур мондаанд, диққати худро равона созем.

Муддати тулонӣ нисбат ба мафҳуми зеҳн ду ақида вуҷуд дошт. Тибқи ақидаи аввал, зеҳн як аломати сирф ирсӣ мебошад: ё одам бо зеҳн таваллуд мешавад, ё баръакс. Мувофиқи нуқтаи назари дувум, зеҳн бо суръати дарк ё вокуниш ба ҳавасмандиҳои беруна алоқаманд аст. Дар баробари ин, олимоне, ки аввалин санҷишҳоро дар хусуси зеҳн таҳия намудаанд (масалан, Dinet, Simon, 1905), ин хусусиятро нисбатан васеътар баррасӣ намудаанд. Ба андешаи онҳо, шахси дорои зеҳн, онест, ки “дуруст доварӣ намуда, мефаҳмад ва андеша мекунад ва касест, ки тавассути ақли солим ва ташаббускорӣ, метавонад ба шароитҳои ҳаёт мутобиқ гардад”.

Тибқи гуфтаҳои равоншинос М.А. Холодная, «фарзияи лаёқат» вуҷуд дорад, яъне ҳама одамон лаёқатманд мебошанд ва муҳимтар аз ҳама - ин истеъдод дар ҳаёт таҳия ва татбиқ карда мешавад. Одами боистеъдод дар як намуди муайяни фаъолият дастовардҳои ғайриодӣ дорад, ки дар баъзе маҳсулотҳои воқеӣ, объективӣ нав, то андозае маводи моддӣ ё идеалии маъмул таҷассум меёбанд.

Масъалаи омӯзиши психологияи лаёқатмандӣ, шинохтан ва таълим додани кӯдакони лаёқатманд дар кишварҳои гуногун таърих ва анъанаҳои худро дорад. Ҳанӯз дар соли 1972 Кумитаи маорифи ИМА мафҳуми «кӯдакони лаёқатманд»-ро таҳия кард, ки то ҳол дар Ғарб муҳим аст: «Фарзандони лаёқатманд ва боистеъдод онҳоеро номидан мумкин аст, ки ба гуфтаи мутахассисони таҷрибадор, бо қобилиятҳои барҷастаи худ дар як ё якчанд соҳаҳои зерини фаъолият дастовардҳои баланд доранд (ё имкониятҳои потенсиалӣ доранд): зеҳнӣ; академикӣ; тафаккури эҷодӣ ё истеҳсолӣ; муоширати ва роҳбарӣ; санъат; варзиш» [8, с.42]. Пас аз муддате (1978) ин таърифро худи ҳамон Кумитаи маориф таҳрир карда буд: «Фарзандони лаёқатманд дорои малакаҳои аллакай ташаккулёфта ё потенсиалӣ мебошанд, ки зуҳуроти қобилияти зеҳнии баланд, эҷодкорӣ, санъат (мусиқӣ ё бадеӣ) ё академикӣ мебошанд ё сифатҳои барҷастаи пешсафӣ доранд. Дар робита ба ин, онҳо ба кумак ва фаъолиятҳое ниёз доранд, ки ба ҷузъи барномаи таълимии мактаби муқаррарӣ дохил нестанд» [8; 44]. Бори аввал дар сатҳи расмӣ эълом карда шуд, ки ба чунин кӯдакон барномаҳои таълимӣ ва кумакҳои мухталифе лозиманд, ки берун аз мактаб

барои амалисозии иқтидорашон ва саҳмгузорӣ дар рушди ҷомеа саҳм мегиранд. Дар таърифи охирин ибораи мазкур ҷолиби диққат аст, зеро он барои таҳқиқи мо аҳамияти амалӣ дорад.

Кӯдаконе, ки ба дастовардҳои баланд майл доранд, метавонанд онҳоро дарҳол нишон надиҳанд, вале дар дилхоҳ самтҳои зерин (дар як ё якҷоя) маҳоратҳои худро зоҳир намоянд:

- ✓ қобилияти зеҳнии умумӣ;
- ✓ қобилиятҳои махсуси таълимӣ;
- ✓ эҷодӣ, самаранокӣ, фикрӣ;
- ✓ қобилиятҳои роҳбарӣ;
- ✓ санъати бадеӣ ва сарояндагӣ;
- ✓ қобилиятҳои психомоторӣ.

Таҳқиқоти амиқи дар солҳои минбаъда анҷомдодашуда муайян намуд, ки навъҳои аллакай шинохташудаи лаёқатмандӣ ба таври гуногун баррасӣ карда мешаванд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар дурнамо бояд имкониятҳои эҷодии (маърифатии) кӯдакон ба назар гирифта шаванд. Санҷишҳои маърифатие, ки аз ҷониби П. Торренс барои ташхиси тафаккури кӯдакон таҳия гардидаанд, дар таҳқиқоти лаёқатмандӣ васеъ истифода мешаванд, зеро ба тариқи таҷрибавӣ исбот шудааст, ки онҳо он ҷанбаҳои қобилияти ақлиро чен мекунанд, ки дар санҷишҳои зеҳнӣ инъикос нагардида, вале ба пешгӯиҳои дастовардҳои оянда таъсири назаррас мерасонанд [10; 27-32].

Равоншиноси амрикоӣ Ҷ. Гилфорд [1] мафҳуми тафаккури дивергентӣ (авҷгиранда), маҳсулнокро ҷорӣ намуд, ки ба гирифтани як қатор ҷавобҳои дуруст равона шудааст (дар муқоиса бо маърифатӣ - як самтро доро мебошад - тафаккури маҳсулнок, ки ба ҷавоби ягонаи дуруст нигаронида шудааст). Маҳз тафаккури дивергентӣ метавонад, ҳамчун воситаи тавлиди ғояҳои нав ва худбаёнӣ хизмат намояд.

Хусусияҳоти тафаккури дивергентӣ чор хосияти асосиро дар бар мегирад:

- равонии (сабукии) фикр - шумораи ғояҳо аз рӯйи воҳиди вақт;

- тағйирпазирии фикр - қобилияти гузариш аз як ғоя ба ғояи дигар;

- аслият - қобилияти тавлид кардани ғояҳое, ки аз ғояҳои муқаррарӣ, умумӣ фарқ мекунанд, тавлиди ғояҳои нав;

- дақиқӣ (ё мукаммалӣ) - қобилияти такмил додан, ба маҳсулоти эҷодии худ манзараи комил бахшидан.

Ҷ. Гилфорд дар «Сохтори зеҳн» [1] чунин мешуморад, ки тафаккури эҷодӣ, аз як тараф, дар худ фаъолияти ҳамаи омилҳои қарорҳои ғайристандартӣ, аз дигар тараф бошад, омилҳои биниши мушкилот ва рушди онҳоро, фаро мегирад.

Модели мукаабии сохтори зеҳнии Ҷ. Гилфорд (расми 1 ва ҷадвали №1), кӯшиши муайян кардани ҳар як 120 қобилияти мушаххасро бар се андозаи тафаккур ифода менамояд: мо чӣ фикр мекунем (мазмун), чӣ гуна мо дар бораи он (амалиёт) фикр мекунем ва ин маҳорат (натиҷа) ба чӣ оварда мерасонад.

Масалан, ҳангоми аз бар намудани аломатҳои шартӣ, ба монанди бонгҳои алифбоии Морзе (ЕI2), ҳангоми ёд кардани дигаргуниҳои семантикӣ, ки барои тасрифи феъл дар ин ё он вақт ё дигар (ДУЗ) ё ҳангоми арзёбии тағйиротҳо дар

рафтор, ҳангоми ба кор рафтан аз рӯйи самти нав (AV4), намудҳои комилан гуногуни зеҳн ҷалб карда мешаванд.




**Расми 1. Модели зеҳнии Ҷ. Гилфорд**

**Ҷадвали №1. Шарҳи модели мукаабии сохтори зеҳнии Ҷ. Гилфорд**

| Амалиётҳо | Натиҷа | Мазмун |
|---|---|---|
| A. Арзёбӣ | I. Унсурҳо | 1. Образнок |
| B. Тафаккури маърифатӣ | II. Синфҳо | 2. Рамзӣ |
| C. Тафаккури дивергентӣ | III. Муносибат | 3. Семанти |
| D. Хотира | IV. Низомҳо | 4. Рафторӣ |
| E. Функсияҳои даркнамоӣ | V.Ислоҳот | |
| | VI. Истифоданамоӣ | |

Омӯзгор – равоншиноси амрикоӣ Ҷ. Рензулли чунин мешуморад, ки лаёқат натиҷаи омезиши се хусусият мебошад: ақл, ки аз сатҳи миёна зиёд аст, эҷодкорӣ ва ангеза. Вай онро «модели сикли лаёқатмандӣ» меномад. Равоншиноси голландӣ Ф. Мокс қисман бо модели лаёқатмандии Ҷ.Рензулли розӣ аст ва ба он омилҳои иҷтимоиро илова намуд, ки ба он: оила, мактаб ва ҳамсолон дохил мешаванд. Ба андешаи ӯ, шахс маҳсулоти иҷтимоӣ аст, аз ин рӯ, вай ба муносибатҳои хуб, пеш аз ҳама бо оила, мактаб ва дӯстон ниёз дорад ва барои рушди истеъдодҳо ҷузъи шахсӣ низ лозим аст. Ӯ инро «модели бисёрҷанбаи лаёқат» номид. Мувофиқи гуфтаҳои Ф. Монкс, қобилиятҳои зеҳнии аз ҳисоби миёна баланди ақл, дараҷае мебошад, ки тавассути истифодаи тестҳо чен карда шуда, дар IQ тақрибан 130 ва ё он баландтар ифода шудааст, ҳарчанд муайян кардани сарҳади дақиқ имконнопазир аст. Эҷодиётро ӯ ҳамчун қобилияти дарёфт намудани қарори мумтоз ва шево муайян менамояд; ҳавасмандиро бо иродаи қавӣ, суботкорона ва хушнудона ҳал кардани мушкилот («ҷузъи эҳсосӣ» ҳавасмандӣ), қобилияти гузоштани мақсадҳо ва ноил шудан ба онҳо («ҷузъи маърифатӣ» ҳавасмандӣ) пайваст мекунад [9].

Намунаи равиши дигар, консепсияи сеқутбаи лаёқатмандии Ҷ.Рензулли (расми 2) мебошад. Он се ҷузъро дар бар мегирад: зеҳни аз миёна боло, ҳавасмандии мукаммал ва «эҷодкорӣ» [9].




Расми 2. Модели сеқутбаи лаёқатмандии Ҷ. Рензулли

1 - қобилияти зеҳнии аз миёна баландтар;

2 - завқ ба супориш;

3 – қобилиятҳои эҷодкорӣ.

Муайян карда шудааст, ки ҳеҷ гуна дониши абстрактӣ дар алоҳидагӣ аз ҳиссиёт самаранок буда наметавонад. Эҷодкорӣ, пеш аз ҳама, тафаккури махсус, сифати махсуси равандҳои ақлониро ифода менамояд. Аҳамияти калонро дар раванди эҷодкорӣ - дар ҳама гуна соҳаи фаъолият - тасаввурот, эҳсосот ва ҷузъҳои даркнашавандаи фаъолнокии ақлонӣ доро мебошад. Тафаккур бояд озоду осуда бошад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, лаёқатмандии ақлонӣ чизи яксон нест. Аз шинохти чунин низом бармеояд, ки фарқиятҳо оид ба қобилияти ақлонӣ дар фарқиятҳо аз рӯйи бузургии он хулоса намеёбад: гуногунӣ метавонад таносуби "ҷузъҳо", нақши нисбии ҳар яки онҳо бошад.

Лаёқатмандии кӯдакро таҳлил намуда, ин моделро дар таҷриба истифода намудан қобили қабул мебошад. Гузашта аз ин, хеле муҳим аст, ки дар бораи падидаи лаёқатмандӣ, дар маҷмуъ, дар худ нишонаи синнусолии афзояндаро доро мебошад.

Аз ҷониби равоншиноси олмонӣ К. Ҳеллер лаёқат ҳамчун шарти инфиродӣ (маърифатӣ ва ҳавасмандкунанда)-и шахсият барои дастовардҳои баланд дар як ё якчанд соҳа муайян карда шудааст [12]. Модели ӯ «Модели лаёқати Мюнхен» номида шуд - он на танҳо таъсири омилҳои когнитивиро ба меъёрҳои ноилшавӣ, балки таъсири омилҳои ғайрикогнитивӣ, шахсиятро қайд мекунад ва иртиботро бо шароити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ таъкид мекунад.

Муҳимтарин шартҳои равоншиносии муосири лаёқатмандӣ дар он хулоса меёбад, ки рушди лаёқатмандӣ берун аз ҳамоҳангии шахсияти рушдёбанда ва муҳити иҷтимоии он наметавонад баррасӣ гардад. Кӯшишҳои фаҳмидан ва инъикос намудани ин ҳамоҳангиҳо дар як қатор моделҳои лаёқатмандии Ҷ.Рензулли [9], Ф.Монкс [2], К. Ҳеллер [12] ва дигарон нишон дода шудаанд. Дар баробари ин, нақши махсуси таълими мактабӣ дар фароҳам овардани шароитҳое, ки ба имкониятҳои махсуси кӯдакони лаёқатманд нигаронида шудаанд, қайд карда мешавад. Барои фароҳам овардани чунин шароит, рушд додани усулҳои ошкор намудани ин хусусиятҳо ҳангоми зуҳуроти мухталифи лаёқатмандӣ, пайгирии тағйироти онҳо дар ҷараёни рушди синнусолӣ, вобаста ба шароити таълиму тарбия, кумак ба хонандагони болаёқат дар ҳалли мушкилоти онҳо зарур мебошад.

Дар айни замон, масоили лаёқатмандӣ ба таври алоҳида аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон ва хориҷа таҳия гардида истодаанд. Моделҳои зиёди консептуалӣ ва амалии лаёқатмандӣ, таъсисдиҳии барномаҳои калон оид ба ҷустуҷӯ, шинохтан ва рушди кӯдакони лаёқатманд вуҷуд доранд. Ҳар як барнома дорои модели консептуалии худ, пойгоҳи ташхисӣ, нақшаҳои таълимӣ мебошад.

Ҳамин тавр, пас аз таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ оид ба мушкилоти лаёқатмандӣ метавон ба хулосае омад, ки кӯдаки лаёқатманд дорои хусусиятҳои хос мебошад. Мутаносибан кор бо чунин кӯдак хусусиятҳои худро дорад ва истеъдоди худро танҳо дар ҷараёни фаъолияти маърифатӣ мушоҳида, зоҳир ва инкишоф додан мумкин аст.

**Муқарриз: Назарова Х.А. – н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Guilford J. The Nature of Human Intelligence.- N.Y.,1968.
2. Monks F. J. Development of gifted children: The issue of identification and programming II Monks F. J. (ed). Talent for the future.- Assen. 1992.- P. 191-202.
3. Sternberg R. et al. Conceptions of Giftedness.-Cambrige, 1986.
4. Атахонов Т. Очеркҳои афкори педагогӣ. Воситаи таълимї / Т.Атахонов, М.Лутфуллоев, Ф.Шарифов. – Душанбе, 2005.
5. Богоявленская Д.Б.., Богоявленская М.Е. Психология одаренности: понятие, виды, проблемы. Выпуск 1. - М.: МИОО, 2005. – 176 с.
6. Галтон Ф. Наследственность таланта, ее законы и последствия (репринт издания 1875 г.) / Ф. Галтон. - М., 1996. – 313 с.
7. Рабочая концепция одаренности / Д.Б. Богоявленская, В.Д. Шадриков, Ю.Б. Бабаева, А.В. Брушлинский, В.Н. Дружинин, и др. – М.: Магистр, 2003. – 43 с.
8. Рензулли Дж. Модель обогащающего школьного обучения: практическая программа стимулирования одаренности детей // Основные современные концепции творчества и одаренности / Дж.Рензулли. Под ред. Д.Б. Богоявленской. – М.: Молодая гвардия, 1997. – 372 с.
9. Савенков А.И. Одаренные дети: методики диагностики и стратегии обучения / А.И. Савенков // Директор школы. - 1999. -№ 5. - С. 55–63.
10. Афзалов Х. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик /Х. Афзалов. Б. Рахимов. – Душанбе: Маориф, 1994.- С. - 25, 40, 51,79, 84, 96, 104, 142.
11. Хеллер К.А. Диагностика и развитие одаренных детей и подростков // Основные современные концепции творчества и одаренности / К.А. Хеллер. Под ред. Д.Б. Богоявленской. – М.: Молодая гвардия, 1997. – 372 с.
12. Холодная М.А. Психология интеллекта: парадоксы исследования / М.А. Холодная. - СПб.: Питер, 2002. - 272 с.


## НАЗАРИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ ОИД БА ЛАЁҚАТМАНДИИ ХОНАНДАГОН


Мақола ба таҳлили муфассали табиати падидаи истеъдоди зеҳнии хонандагон бахшида шудааст. Масъалаи тадқиқот бо эҳтиёҷоти илми муосири педагогӣ-психологӣ, инчунин амалияи таълимӣ ба таҳияи консепсияе вобаста аст, ки сохтор ва динамикаи зуҳуроти падидаи истеъдоди зеҳнии мактаббачагонро дар бар мегирад ва баррасии онро мубрам мегардонад. Муаллиф ин проблемаро ошкор намуда, мавқеъҳои гуногуни илмии муҳаққиқонро таҳлил менамояд. Бо назардошти гуногунии таърифҳои мафҳумҳои «зеҳн» ва «истеъдод» ба хулосае меояд, ки имрӯз ба таърифи онҳо муносибати ягона вуҷуд надорад. Муаллиф ба ҷузъҳое, ки ҳангоми таҳияи онҳо бояд ба назар гирифта шаванд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст, ба мисли истеъдоди зеҳнӣ, инчунин дастгоҳи истилоҳоти консептуалӣ ва ғояҳои асосӣ. Дар мақола таҷрибаи мактабҳои илмии муосир, ки усулҳои таълимро татбиқ мекунанд ва ба рушди истеъдоди зеҳнии мактаббачагон мусоидат мекунанд, баррасӣ шудааст. Дар мақола қайд шудааст, ки шарти муҳимми таҳсилоти бомуваффақияти кӯдакони лаёқатманд ҳадди аксар фардикунонии фаъолияти таълимии онҳост, зеро кӯдакони лаёқатманд як гурӯҳи махсуси хонандагоне мебошанд, ки омӯзиши на фронталӣ, балки инфиродиро талаб мекунанд. Масъалаи ташкили кор бо хонандагони болаёқат дар асоси барномаҳои индивидуалии таълимӣ, бо назардошти муқаррароти мавҷуда дида баромада шудааст.

**Калидвожаҳо:** истеъдод, лаёқатмандӣ, кӯдакони лаёқатманд, қобилият, зеҳн, коэффитсиенти зеҳнӣ (IQ), Модели зеҳнии Ҷ. Гилфорд, Модели сеқутбии лаёқатмандии Ҷ. Рензулли, Консепсияи кории лаёқатмандӣ, рушди шахсият.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ТЕОРИИ ОБ ОДАРЁННОСТИ УЧАЩИХСЯ

Статья посвящена подробному анализу сущности феномена интеллектуальной одаренности учащихся. Вопрос исследования связан с потребностями современной педагогико-психологической науки, а также образовательной практикой и разработкой концепции, включающей в себя структуру и динамику феномена интеллектуальной одаренности школьников и обуславливающей актуальность ее рассмотрения. Автор раскрывает эту проблему и анализирует различные научные позиции исследователей. Принимая во внимание многообразие определений понятий «интеллект» и «талант», делается вывод о том, что на сегодняшний день нет единого подхода к их определению. Особое внимание автор уделяет компонентам, которые следует учитывать при их развитии, таким как интеллектуальная одаренность, а также устройство понятийных терминов и основных идей. В статье особое внимание уделяется предложенному опыту современных научных школ, применяющих методы обучения, способствующие развитию интеллектуальной одаренности школьников. В статье доказывается, что важнейшим условием успешного обучения одаренных детей является максимальная индивидуализация их учебной деятельности, поскольку одаренные дети представляют собой особую группу учащихся, требующих индивидуальной, а не фронтальной подготовки. Рассмотрен вопрос организации работы с одаренными учащимися на основе индивидуальных образовательных программ с учетом нормативных документов.

**Ключевые слова:** гений, одаренность, одаренные дети, талант, интеллект, коэффициент интеллекта (IQ), модель интеллекта Гилфорда, трехкольцевая модель одаренности Рензулли, Рабочая концепция одаренности, развитие личности.

## PEDAGOGICAL THEORIES ABOUT TALENTED STUDENTS

The article is devoted to a detailed analysis of the essence of the phenomenon of intellectual giftedness of students. The issue of research with the needs of modern pedagogical and psychological science, as well as educational practice, is associated with the development of a concept that includes the structure and dynamics of the phenomenon of intellectual giftedness of schoolchildren and determines the relevance of its consideration.The author reveals this problem and analyzes the various scientific positions of researchers. Taking into account the variety of definitions of the concepts of "intelligence" and "talent", it is concluded that today there is no single approach to their definition. The author pays special attention to the components that should be taken into account in their development, such as intellectual giftedness, as well as the arrangement of conceptual terms and basic ideas. The article pays special attention to the proposed experience of modern scientific schools that use teaching methods that contribute to the development of the intellectual giftedness of schoolchildren.The article proves that the most important condition for the successful education of gifted children is the maximum individualization of their educational activities, since gifted children are a special group of students who require individual, rather than frontal training. The issue of organizing work with gifted students on the basis of individual educational programs, taking into account regulatory documents, is considered.

**Keywords:** genius, giftedness, gifted children, talent, intelligence, intelligence quotient (IQ), Guilford model of intelligence, Renzulli's three-ring model of giftedness, Working concept of giftedness, personality development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қувватова Рафоат Ашуровна*** – Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, унвонҷӯй. . **Сурога:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи .Айнӣ, 45. E-mail: **sobirzoda8585@mail.ru**, Телефон: **+(992) 92-851-75-55**

**Сведения об авторе: Кувватова Рафоат Ашуровна** – Институт развития образования имени Абдурахмони Джами Академии образования Таджикистана, соискатель. **Адрес:**734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Айни 45. E-mail: **sobirzoda8585@mail.ru**, Телефон: **+(992) 92-851-75-55**

**Information about the author: Kuvvatova Rafoat Ashurovna** - Institute for the Development of Education named after Abdurakhmoni Jami of the Academy of Education of Tajikistan, applicant. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Aini street 45. E-mail: **sobirzoda8585@mail.ru,** Phone: **+(992) 92-851-75-55**

УДК:372.842

# УСУЛҲОИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ГУРӮҲҲОИ САТҲИ ЗАБОНДОНИАШОН ОМЕХТА

*Ёралиева Накубахт*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таълими ҳар як фан фаъолияти иҷтимоӣ ва маданӣ маҳсуб меёбад. Дар ҷомеаи муосир нақши забони хориҷӣ тағйир ёфтааст. Дар ҳақиқат, донистани забонҳои хориҷӣ як амри маъмулӣ гаштааст ва донистани забони хориҷӣ ба ғайр аз забони модарии худ, касеро ба ҳайрат намеорад, зеро он як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти одами муосир шудааст. Бо дарназардошти талаботи рӯзафзун ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019 таҳти 438 Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул шудааст. Дар Барномаи мазкур аз ҷумла чунин омадааст: "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо мақсади он таҳия гардидааст, ки мушкилоти мавҷударо дар соҳаи таълими фанҳо аз забонҳои мазкур нишон диҳад, роҳҳои имконпазири ҳалли онҳоро пешбинӣ намояд ва шароитеро, ки ба рушди таҳсилоти бисёрфарҳангию бисёрзабонии насли наврас мусоидат мекунанд, муҳайё созад. Дар якҷоягӣ бо стандартҳои давлатии таҳсилот, ки тибқи қонунгузорӣ тасдиқ шудаанд, Барнома роҳҳои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисиро дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ муайян менамояд».

Омӯзиши фан, бахусус забони хориҷӣ, кори чандон саҳл нест. Муаллим ҳангоми тадриси фанни забони хориҷӣ бояд мақсаду вазифаҳои муайянеро мадди назар дошта бошад. Метавон гуфт, ки таълими ҳама гуна мавзуи дарс ҳамон вақт самаранок ва натиҷабахш арзёбӣ мегардад, ки агар омӯзгор ҳадаф ва вазифаҳои таълими ин фанро пурра дарк намояд.

Муваффақияти таълим аз ҳадаф ва вазифаҳои таълим вобаста аст. Яке аз муҳаққиқон чунин менависад: "Донистани он чизе, ки кас барои ба он комёб шудан умед мебандад, бисёр матлуб аст. Агар ин ҳадафро равшан дидан имконпазир бошад, пас, роҳи беҳтарини ба фаъолият шуруъ кардан маълум мегардад"**.** Аз ин рӯ, мо бояд ҳангоми тадриси забони англисӣ, қабл аз ҳама, дар назди худ вазифаҳои мушаххасро гузорем. Забони англисӣ барои мо забони хориҷӣ мебошад. Ҳадафи таълими забони англисӣ кумак ба донишҷӯён дар гирифтани донишҳои амалии забони англисӣ мебошад. Ба ибораи дигар, донишҷӯён бояд забони англисиро омӯзанд, дар онҳо малакаҳои хондан ва навиштан ташаккул ёбанд.

Дар раванди омӯзиши забони англисӣ чунин савол низ ба миён меояд, ки омӯзиши забони хориҷӣ дар курсҳои кӯтоҳмуддат самараи хубтар медиҳад ва ё дар раванди таълим дар мактаб. Яке аз мушкилоти мубрам, ки муаллимон дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ бо он мувоҷеҳ мешаванд, омӯзиши забони англисӣ дар гурӯҳҳои омехта ва ё сатҳи забондониашон гуногун мебошад. Яъне, гурӯҳҳое, ки дар онҳо баъзе донишҷӯён забони англисиро хуб аз худ кардаанд, баъзеи дигарашон сатҳи донишашон чандон хуб нест ва билохира донишҷӯёне, ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд, ки ба омӯзиши забони англисӣ нав шуруъ кардаанд. Агар вижагиҳои мазкур ба назар гирифта нашаванд, омӯзгорон бо мушкилоти зиёд дар тадриси забони англисӣ рӯ ба рӯ мегарданд.

Гуногунсатҳ будани забондонии донишҷӯён на танҳо барои омӯзгорон, балки барои донишҷӯён низ мушкилоти зиёдеро ба бор меорад. Раванди омӯзиш дар чунин гурӯҳҳо вижагиҳои худро дорад, аз ҷумла, агар омӯзгор вақти зиёдеро ба омӯзиши асосҳои ибтидоӣ барои донишомӯзоне, ки ба омӯзиши забон акнун шуруъ кардаанд, сарф кунад, дар ин маврид дарс барои донишомӯзоне, ки то андозае забонро медонанд, дилгиркунанда хоҳад буд. Ва баръакси он, агар бештар бо донишомӯзоне,

ки то андозае забонро медонанд, кор барад, донишомӯзони ба омӯзиши забон шуруъкунанда худро нораҳат эҳсос мекунанд, эътимод ба худро аз даст медиҳанд. Бо дарназардошти ин бояд шароити мусоиди забономӯзӣ фароҳам оварда шавад. Зеро, агар муҳити дарсомӯзӣ мусоид набошад, донишҷӯён дилгир шуда, хоҳиши омӯхтанро аз даст медиҳанд. Дар ниҳоят, тамоми ҳадафу мақсадҳои омӯзиш беарзиш мегарданд.

Донишҷӯе, ки ба омӯзиши ин забон шавқу ҳавас дорад, метавонад мустақилона тавассути тамошои филмҳо, гӯш кардани матну машқҳои англисӣ забонро омӯзад. Дар мавриде ки омӯзгор ба мавзуъҳои мушкилтар бештар таваҷҷуҳ зоҳир намояд, донишҷӯёни ба омӯзиш шурӯъкунанда асосҳои ибтидоии забонро аз худ карда наметавонанд. Дар ҳақиқат ин як муаммо аст.

Пас, суоле ба миён меояд, ки роҳҳои имконпазири ҳалли ин вазъият кадомҳоянд. Дар ин маврид метавон маводҳои гуногуни таълимиро мавриди истифода қарор дод. Ҳангоме ки омӯзгоро бо сатҳи забондонии донишҷӯён шинос мешаванд, қобилиятҳои онҳоро меомӯзад, метавонанд дар раванди дарс гурӯҳҳои гуногун ташкил кунанд. Ҳангоме ки як гурӯҳ бо маводи грамматикӣ кор мекунад (масалан, истифодаи ягон замони феъл), гурӯҳи дигар метавонад ҳикояро мутолиа кунад ё машқи грамматикаи пешрафтаро иҷро кунад. Пас аз ин, ҳангоме ки як гурӯҳ ё гурӯҳҳои сатҳи донишашон баланд мавзуъро муҳокима мекунанд, гурӯҳ ё гурӯҳҳои заифтар мутаносибан метавонанд машқи навиштанро иҷро кунанд, маводи сабтшударо гӯш кунанд ё навореро вобаста ба мавзуъ тамошо кунанд.

Дар шароити мавҷуд будани маркази таълимӣ ё утоқҳои алоҳидаи забономӯзӣ, омӯзгор метавонад бо як гурӯҳи донишомӯзон кори мустақилонаро ба роҳ монад, ба шарте вазифаи худомузӣ ба мақсад мувофиқ бошад.

Агар ҷой барои худомӯзӣ ба қадри кофӣ мусоид бошад, албатта, он муҳити беҳтаринро барои забономӯзии донишҷӯёни сатҳҳои гуногун фароҳам меоварад.

Омӯзгор метавонад супоришҳои гуногунро барои иҷро пешниҳод кунад, вале бояд қобилияти донишомӯзонро мадди назар қарор диҳад ва онҳоро ба иҷрои супоришҳо мувофиқ ба қобилияти ҳар яки онҳо ҳидоят ва ташвиқ кунад. Муаллим мақсади корро мефаҳмонад ва натиҷаи иҷрои онро назорат мекунад.

Ҳангоми иҷрои машқҳо омӯзгор метавонад аз баъзе донишҷӯён такрори маводи гузаштаро талаб кунад. Дар ҳамин маврид аз донишҷӯёне, ки забонро нисбатан хуб медонанд, талаб кунад, ки маводи забонии навро дар ҷумлаҳои мураккабтар истифода баранд. Дар ин маврид ҳангоми истифодаи усулҳои барангезандаи шавқу ҳавас дар шакли бозиҳо, нақшҳо ва дигар фаъолиятҳои инфиродӣ ё гурӯҳӣ, муаллим бояд итминон дошта бошад, ки ҳар як супориш ё вазифае, ки манзури донишҷӯён мегарданд, ба сатҳи забондонии онҳо мувофиқ мебошанд.

Дар синфҳое, ки шумораи донишҷӯён хеле зиёд аст, барои омӯзгор кор бо шогирдони дар ақиб нишаста душвор аст ва барои худи донишҷӯён низ. Аксар вақт, дар гурӯҳҳои калон гӯш кардани ҷавоби донишҷӯён, иваз кардани ҷуфтҳои ҳамкор ва ғайра осон нест. Агар омӯзгор таҷрибаи кофӣ надошта бошад, барояш кор дар чунин гурӯҳҳо мушкил аст. Сарфи назар аз мушкилоти гурӯҳҳои калон, усулҳое мавҷуданд, ки ба кори муаллимон метавонанд сабукӣ оранд.

Як роҳи ҳалли он истифодаи варақаҳои корӣ мебошад, ки барои бисёре аз супоришҳо омӯзгорон омода мекунанд.

Дар гурӯҳҳои калон иҷрои корҳои ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ мавқеи хосса доранд, зеро онҳо иштироки донишҷӯёнро ба ҳадди аксар мерасонанд ва дарс ба як фазои озоди ҳамкорӣ табдил меёбад.

Дастаҳо ё гурӯҳҳоро дуруст бояд интихоб кард. Дастаҳо гуногунсатҳ бояд бошанд, дар як даста ҳама донишҷӯёни пешрафта, дар дастаи дигар таҷаммуи танҳо онҳое, ки акнун ба омӯзиши забон шуруъ кардаанд, набояд бошанд. Вақте, ки дастаҳо омехта мешаванд, натиҷаи кор назаррас мегардад, таваҷҷуҳи донишҷӯёни

пурқувват ба ҳамдастаҳои сатҳи забондониашон поён равона мегардад, онҳо имкони ҷавоб доданро пайдо мекунанд.

Омӯзгоро метавонад ба донишҷӯён имкон диҳад, ки худашон ҳайати дастаҳо ва сардорони онҳоро интихоб кунанд. Дастаҳои омехта натиҷаи мусбати иҷрои супоришро хоҳанд дод.

Мушкили дигаре, ки муаллимон баъзан дар раванди тадрис бо он рӯ ба рӯ мешаванд, ин аст, ки донишҷӯён барои иҷрои супоришҳои синфӣ на забони англисӣ, балки бештар забони модарии худро истифода мебаранд. Ин ҳолат аз он сабаб ба миён меояд, ки бо забони модарӣ барояшон фикри худро баён кардан осонтар аст. Омӯзгорон метавонанд бо донишҷӯён масъалаи истифодаи забони англисӣ ва ё забони модариро дар синф якҷоя муҳокима кунанд. Омӯзгорон бояд донишҷӯёнро мутмаин созанд, ки истифодаи аз ҳад зиёди забони модарӣ дар дарси забони хориҷӣ имкони омӯзиши забони англисиро коҳиш хоҳад дод, инчунин истифода аз забони модарӣ дар рафти машғулиятҳои забони хориҷӣ барои гуфтугӯ ба забони хориҷӣ монеа эҷод мекунад.

Пайваста ҳавасманд ва ташвиқ кардани донишҷӯён бобати омӯзиш ва дуруст истифода бурдани забони англисӣ аз манфиат холӣ нест. Донишҷӯёнро ба сухан кардан водор намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ҳатт, агар донишҷӯёне дар гурӯҳ мавҷуд бошанд, ки забони англисиро намефаҳманд, ба онҳо одат кардан ба шунидани забони ғайр муфид аст. Онҳо тадриҷан метавонанд аввал калимаҳоро интихоб ва аз худ кунанд ва пас тавассути шунидан ба маънои ҷумлаҳои том низ сарфаҳм раванд.

Аслан, бояд кӯшиш кунед, ки дуруст гап занед ва истилоҳоти муҳимро интихоб кунед. Масалан, шумо метавонед як калимаи калидиро чанд маротиба такрор кунед ва онҳоро низ ба такрори он водор кунед, то ки майли гап задан дар онҳо пайдо шавад.

Ҳангоми ҷавоб додан танҳо ба истифодаи забони англисӣ таъкид кунед: муаллимон метавонанд бо рафтори худ равшан нишон диҳанд, ки онҳо мехоҳанд дар дарсашон танҳо забони англисиро бишнаванд. Онҳо метавонанд дар баъзе лаҳзаҳо он чизеро, ки донишҷӯён бо забони худашон мегӯянд, нодида гиранд. Муҳити забони англисиро эҷод бояд кард: худи муаллимон бояд дар раванди дарс бо забони англисӣ ҳарф зананд, забони англисиро танҳо бо англисӣ бояд ёд дод, то дар якҷоягӣ бо истифода аз маводи аудиоӣ ва сабтҳои видеоӣ, суханронии устод, донишҷӯён пайваста аз забони англисӣ бархӯрдор бошанд.

Омӯзгорон бояд омода бошанд, ки ҳангоми машқи суханронӣ, дар синф давр зананд, донишҷӯёнро руҳбаланд кунанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ ба онҳо кумак расонанд. Ин усул, агар мунтазам ҳангоми гузарондани машқҳои шифоҳӣ истифода шавад, рафтор ва муносибати аксари донишҷӯёнро дар раванди омӯзиши забони англисӣ тадриҷан тағйир медиҳад.

Инчунин, метавон усули пурсиши ҷуфтиро истифода бурд: кори ҷуфтӣ (ва кори гурӯҳӣ) барои ба суҳбат водор кардани донишҷӯён кумак мекунад. Вақте ки онҳо бо як ё шояд ду ё се донишҷӯйи дигар дар ҳамкорӣ қарор мегиранд, онҳо худро зери фишор ҳис намекунанд, зеро аз онҳо талаб карда намешавад, ки дар назди тамоми синф суханронӣ кунанд, балки ба таври инфиродӣ ба саволи муаллим ҷавоб мегардонанд.

Омӯзгор бояд ба донишҷӯён иҷозат диҳад, ки супоришҳоро якҷоя бо донишҷӯёни дигар, дар ҳамкорӣ бо онҳо иҷро намоянд. Марҳила ба марҳила иҷро кардани супоришҳо беҳтар аст. Муаллим метавонад ҷумлаҳоеро дикта кунад, ки донишҷӯён танҳо пеш аз хондани онҳо бояд қисмҳои онҳоро пурра кунанд ё ба итмом расонанд. Умуман, шояд фикри хубе бошад, агар ба донишҷӯён иҷозат диҳед, ки пеш аз ҷавоб додан он чизеро, ки гуфтан мехоҳанд, бинависанд. Бо овози баланд хондани шарти ҷумлаҳо аз донишҷӯйи ором кӯшиши зиёдро талаб намекунад. Аммо

вақте, ки донишҷӯён шартҳои ҷумлаҳоро хонданд, муаллим ё дигар донишҷӯён метавонанд ба онҳо савол гузоранд.

Аз донишҷӯён бо овози баланд хондан ва баромад карданро талаб кунед, ки ҷалби донишҷӯён ба муколама як роҳи ҳавасманд кардани донишҷӯёни ором аст. Аммо, қироат ё иҷро кардани амал на танҳо маънои бо овози баланд хонданро дорад. Омӯзгор бо шогирдон бояд ҳангоми қироат ба пасту баландшавии овоз таваҷҷӯҳ зоҳир кунад, бо эҳсосот баён кардани ҷойҳои зарурии матнро ёд диҳад.

Рушди нутқи хаттӣ низ яке аз шартҳои ҳатмӣ мебошад. Истифодаи тахтаи электронӣ дар гурӯҳҳои сатҳи забониашон гуногун хеле муҳим аст, зеро он ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки маводи дарсиро бубинанд. Баъзе донишҷӯён танҳо ба таври визуалӣ меомӯзанд. Ин ҳам барои донишҷӯёни ба омӯзиши забони хориҷӣ шуруъкунанда ва ҳам барои донишҷӯёни пешрафта муфид аст. Донишҷӯён бояд бо имло шинос шаванд, қоидаҳоро аз худ кунанд. Ин ба донишҷӯёни пешқадам, махсусан ба онҳое, ки забони англисиро бо роҳи гуфтугӯ дар хона омӯхтаанд, аммо имлои дурустро ёд нагирифтаанд, низ кумак хоҳад кард.

Мавриди зикр аст, ки аз маҷмуи мушкилоти омӯзиши забони хориҷӣ се масоили асосиро метавон ном бурд: равонӣ, техникӣ ва методӣ.

Мушкилоти равонӣ омода набудани донишҷӯён ба омӯзиши забонҳои хориҷиро дар назар дорад. Аввалан, надоштани эътимод ба худ. Аксари донишҷӯён бар ин боваранд, ки қобилияти омӯзиши забони дигарро надоранд. Мушкилоти равонӣ метавонад бо талаботи аз ҳад зиёд ва сахтгиронаи омӯзгор дар омӯзиши забон алоқаманд бошад, аз ҷумла, дар сатҳи олӣ донистани қоидаҳои грамматикӣ, гуфтор бе аксент, бе ягон хато навиштани ва ғ. Бо дарназардошти ин, хонандагон ба омӯзиши забон кам таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, забономӯзӣ барояшон як бори гарон мешавад, онҳо эҳсоси нобоварӣ мекунанд.

Инчунин, аксари донишҷӯён аз нодуруст баён кардани фикр, хато кардан метарсанд, аз он метарсанд, ки онҳоро нодуруст мефаҳманд ё тамоман намефаҳманд.

Ба масоили техникӣ, қабл аз ҳама миқдори нокифояи соатҳо барои омӯзиши забон ҷудошуда дохил мешаванд. Бо 2-3 соат дар як ҳафта пурра аз худ кардани забони хориҷӣ имконнопазир аст, ба ғайр аз қисмати коммуникативӣ, ки бе дониши заминавӣ ва донистани грамматика ва захираи ғании луғавӣ ғайриимкон аст. Аксаран, омӯзхгорон барои кор бо маводи дарсӣ, кори инфиродӣ бо донишҷӯён вақт надоранд.

Нарасидани таҷҳизоти техникӣ, яке аз мушкилоти дигар маҳсуб меёбад. Аксаран, утоқҳои омӯзишӣ бо таҷҳизоти ҳозиразамон таҷҳизонида нашудаанд. Нарасидани компютер ва тахтаи электронӣ самаранокии раванди таълимро коҳиш медиҳад. Истифодаи маводи видеоӣ донишҷӯёнро бо муҳити забони омӯхташаванда шинос мекунад, имкон медиҳад, ки суханронии на танҳо муаллим ё ҳамсинфонашро бишнаванд; донишҷӯёнро ба омӯзиши забон ҳавасманд мекунанд, машқҳои интерактивӣ бошанд, ба донишҷӯён эътимод мебахшанд, то ки онҳо худро ҷузъи муҳимми раванди омӯзиш эҳсос намоянд, муҳиммияти худро дарк намоянд.

Мушкилоти методӣ фарогири дараҷаи гуногуни омӯзиши забон аз ҷониби донишҷӯён мебошад. Ба макотиби олӣ донишҷӯён бо сатҳи гуногуни донистани забони хориҷӣ меоянд. Омӯзгор барномаи таълимиро бояд риоя кунад, аммо вақте донишҷӯён дониши заминавӣ надоранд, аз рӯйи барнома кор бурдан мушкилот аст. Омӯзгор маҷбур аст бо ин донишҷуён бештар кор барад, ки ин, дар навбати худ, дар раванди таълим монеа эҷод мекунад. Барои дар сатҳи зарурӣ аз худ кардани забони хориҷӣ донишҷӯён бояд ба курсҳои иловагӣ раванд, вале аксар вақт шавқу ҳавас ва майлу хоҳиши омӯхтан дар донишҷӯён коҳиш меёбад.

Нутқи хаттӣ яке аз мушкилоти дигар дар таълими забони хориҷӣ маҳсуб меёбад. Надонистани қоидаҳои имло, ҳангоми навиштани эссе, иншо, диктант хеле зиёд ба назар мерасад.

Бояд гуфт, ки дар баробари мушкилоти дар боло зикршуда, масоили дигаре низ вуҷуд доранд, ки ба коркард ва такмили ҷиддӣ ниёз доранд. Бояд усулҳое мавриди истифода қарор гиранд, ки донишҷӯёнро ба андеша кардан водор созанд, онҳоро ба омӯзиши бошууронаи забони хориҷӣ ҳавасманд намоянд.

Дар ин маврид бозиҳо ба донишҷӯён кумак мекунанд ва иштироки фаъоли онҳоро талаб мекунанд. Ҳангоми амалӣ намудани бозиҳо Шумо ҳатто метавонед барои ғолибон ҷоиза пешниҳод кунед, ба монанди як холи зиёдатӣ ва иловагӣ. Ин дар донишҷӯён руҳияи рақобатро боло мебарад, онҳоро барои иштирок ҳавасманд мегардонад. Бозиҳоеро интихоб кардан ба мақсад мувофиқ аст, ки бештар сухан гуфтанро талаб кунанд, то донишҷӯён машқ кунанд. Масалан, барои иштироки бештар, шумо метавонед бозиҳоеро интихоб кунед, ки онҳоро дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурд бозӣ кардан мумкин бошад, ба монанди “Даҳ савол”, то ҳар як донишҷӯ барои ҷавоб додан ҳатман навбат пайдо кунад.

Бояд гуфт, ки гӯш кардани маводи аудиоӣ ё тамошои навор ва фаҳмидани он барои донишҷӯён хеле душвор аст. Як қатор усулҳои алтернативӣ мавҷуданд, ки метавонанд ба ҳалли ин мушкилот мусоидат намоянд. Порчаҳои навор ё нусхаи чопии маводи сабтшударо метавон истифода бурд. Вақте ки гурӯҳҳо иқтибосҳои ҳамдигарро гӯш мекунанд, порчаҳои алоҳидаи дар даст доштаашонро аз рӯйи мазмуни фаҳмидашуда ҷо ба ҷо мекунанд, тасвири пурраро ба даст меоранд.

Муаллимон метавонанд ба ҷойи сабти пурраи мавод танҳо як порчаи аввалро ба донишҷӯён шунавонанд ва сипас ба онҳо имкон диҳанд, ки андешаҳои худро оиди маводи шунидашуда пешниҳод кунанд.

Ҳангоми ба роҳ мондани корҳои гурӯҳӣ омӯзгор метавонад донишҷӯёнро ба гурӯҳҳо ё ҷуфтҳо ҷудо кунад ва аз онҳо хоҳиш кунад, ки ягон расмро тасвир ва ё тарҳрезӣ кунанд, матни хондашударо муҳокима кунанд. Агар дар чунин машғулият унсури рақобатпазирӣ вуҷуд дошта бошад (масалан, кӣ аввал масъаларо ҳал карда метавонад), ба мақсад мувофиқ аст.

Ба донишҷӯён метавон имкониятҳои иловагӣ дод. Агар омӯзгор итминон ҳосил кунад, ки баъзе донишҷӯён ҳоло ҳам ба мавод сарфаҳм нарафтаанд, ё дилгир шудаанд, метавонад пешниҳод кунад, ки пас аз дарс дар синф бо онҳо оиди мушкилоти дар рафти дарс бамиёномада суҳбат гузаронад. Метавон маҳфили омӯзиши забони англисиро таъсис дод, то донишҷӯён бештар ҳавасманд гарданд ва завқи забономӯзиашон баландтар гардад.

Ба ғайр аз ин метавон ба хотири барангехтани шавқу ҳаваси шогирдон гӯш кардани мусиқии маъмул ё тамошои барномаи телевизионӣ бо субтитрҳо ва ғайраҳоро ба роҳ монд.

Ҳадаф аз пешниҳоди маводи мазкур кӯшиши ба тиври фишурда рӯйи кор овардани усулҳои таълими забони англисӣ дар гурӯҳҳои сатҳи забондониашон гуногун мебошад. Мазмуни мақола иборат аз ҷавоб ба саволҳо оид ба мушкилоте мебошад, ки омӯзгорону донишҷӯён бо онҳо дар раванди таълим дар чунин гурӯҳҳо рӯ ба рӯ мешаванд.

Гуногунсатҳ будани забондонии донишҷӯён на танҳо барои муаллим, балки барои худи донишҷӯён низ мушкилоти зиёдеро ба бор меорад.

**Муқарриз: Исматуллоева П. М.- н.и.ф., ДМТ**


**АДАБИЁТ**

1. Туйғунов Н. Грамматикаи забони англисӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 200 с.
2. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 460 с.
3. Бабанский, Ю.К. Избранные педагогические труды / Сост. М.Ю. Бабанский. М.: Педагогика, 1989. – 560 с. – ISBN 5-7695-0530-3.
4. Бим, И.Л. Некоторые актуальные проблемы организации обучения иностранным языка //ИЯШ - 2001. - №2 - с.61-64.
5. Бородулина, М.К. Обучение иностранному языку как специальности: учеб. пособие / М.К. Бородулина, А.А. Карлин, А.С. Лурье. - М: Просвещение, 1970. - 256 с.

6. Гальскова, Н. Д. Современная методика обучения иностранным языкам. Пособие для учителя. 2-е изд., перераб. и доп. М.: – АРКТИ, 2003 – 192 с.
7. Инновационные методы обучения, или как интересно преподавать : учебное пособие / , .- 4-е изд., доп.- Алматы, 201с.2010
8. Методика преподавания английского языка в вузе / .- 1, 08 Мб.- М.: МЭЛИ, 2009.- 92с.2009.
9. Методика преподавания английского языка= English Teaching Methodology: учебное пособие / Радислав Петрович Мильруд.- 2-е изд., стер.- М.: Дрофа, 200с.- (Высшее профессиональное образование).2007.
10. Методика обучения иностранным языкам. Продвинутый курс: пособие для студ. пед. вузов и учителей / Елена Николаевна Соловова.- М.: АСТ - Астрель, 200с.2008.
11. Методика обучения иностранному языку с использованием новых информационно-коммуникационных Интернет-технологий: учебно-методическое пособие / Павел Викторович Сысоев, Максим Николаевич Евстигнеев.- Ростов н/Д, М.: Феникс : Глосса-Пресс, 201с.- (Настольная книга преподавателя иностранного языка).2010.
12. Перевод: теория, практика и методика преподавания: учебное пособие / Лев Константинович Латышев, Аркадий Львович Семенов.- М.: Издательский центр "Академия", 200с. 2007.
13. Практический курс методики преподавания иностранных языков: Учеб. пособие / [и др.].- 3-е изд., доп. и перераб.- Минск: "ТетраСистемс", 200с.2005.
14. Теория обучения иностранным языкам: Лингводидактика и методика: Учебное пособие /Наталия Дмитриевна Гальскова, Надежда Ивановна Гез.-6-е изд.,стер.-М.:Академия,200с.-2009.
15. Теория обучения иностранным языкам: продуктивные образовательные технологии: учебное пособие / Наталия Федоровна Коряковцева.- М.: Академия, 201с.-2010.
16. Jeremy Harmer.- The practice of English Language Teaching 4th edition. -England,198p.1998
17. Jeremy Harmer .- How to teach English Language . -England,198p.1998
18. Hasanova D.Teaching and learning English in Uzbekistan. English today,2007.-23p.

## УСУЛҲОИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ГУРӮҲҲОИ САТҲИ ЗАБОНДОНИАШОН ГУНОГУН

Дар мақолаи мазкур мушкилоти вобаста ба истифодаи усулҳои таълими забони англисӣ дар гурӯҳҳои сатҳи забондониашон гуногун мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳадаф аз пешниҳоди маводи мазкур кӯшиши ба таври фишурда рӯйи кор овардани усулҳои таълими забони англисӣ дар гурӯҳҳои сатҳи забондониашон гуногун мебошад. Инчунин, муаллиф иброз медорад, ки мазмуни мақола иборат аз ҷавоб ба саволҳо оид ба мушкилиҳое мебошад, ки омӯзгорон ва донишҷӯён бо онҳо дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар чунин гурӯҳҳо рӯ ба рӯ мешаванд.Гуногунсатҳ будани забондонии донишҷӯён на танҳо барои муаллим, балки барои худи донишҷӯён низ мушкилоти зиёдеро ба бор меорад.Аз ин рӯ, муаллиф барои ҳалли мушкилоти мазкур истифодаи як қатор роҳу усулҳои баланд бардоштани самаранокии забономӯзии донишҷӯёнро дар мақола баррасӣ намудааст. Истифодаи усулҳои кор дар гурӯҳҳо, истифодаи сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ, истифодаи варақаҳо, бозиҳои гуногун, нақшофарӣ, корҳои гурӯҳӣ ва ҷуфтӣ, корҳои мустақилона барои кор дар гурӯҳҳои сатҳи забондониашон омехта аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудаанд.

**Калидвожаҳо:** ҳадаф, мавод, усулҳо, таълим, забони англисӣ, сатҳи забондонӣ, мушкилот, донишҷӯён, кори гурӯҳӣ, кори мустақилона.

## МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ В ГРУППАХ СМЕШАННОГО УРОВНЯ

Цель представления данного материала – попытаться применить методы обучения английскому языку в разных языковых группах. Содержание статьи состоит из ответов на вопросы о проблемах как для педагога, так и студента которые сталкиваются с ними в процессе обучения в таких группах.Разнообразие языковых навыков студентов ставит множество задач не только перед учителем, но и перед самими студентами.Что, если все студенты находятся на разных языковых уровнях? Почему учащиеся часто используют свой родной язык, задавая вопросы или отвечая на них? Что делать, если ученики не хотят говорить, сотрудничать или понимать, что им говорят? Мы обсудили пути решения проблемы использования родного языка, предложили обсудить эту проблему со студентами , побудить их правильно использовать английский язык, реагировать только на использование английского языка, создать англоязычную среду и так далее.Студенты, которые не хотят говорить, скорее всего, учитель будет использовать парную работу, позволяя студентам сначала говорить в контролируемой манере, используя игру, чтение и письмо, прослушивание иностранной речи и использование ролей для повышения интереса учащихся.Таковы анализируемые аспекты в этом материале.

**Ключевые слова:** цель, материал, методы, обучение, английский язык, языковой уровень, задачи, студенты, групповая работа, самостоятельная работа.

## TEACHING ENGLISH IN DIFFERENT LANGUAGE LEVEL GROUPS

The purpose of presenting this material is to try to apply English language teaching methods in different language level groups. The content of the article consists of answering to the questions about the problems which both - teacher and student face in the learning process in such groups.The diversity of students' language skills posess many challenges, not only for the teacher but also for the students themselves!Teachers have to use different ways of teaching ,if all students are at different language levels? They often experience difficulties in classes when students often use their native language when asking or answering questions. Sometimes students do not want to participate in talks, do not cooperate with other students , or can not understand what is being said. We discussed ways to solve the problem of using students' own language, suggested that we talk to students about this issue, encourage them to use English properly, respond only to the use of English, create an English environment, and so on. Students who are reluctant to speak are likely to use paired work, allowing students to speak in a controlled manner at first, using play and reading and writing, listening to foreign speech, and using roles to increase students' interest, to make student centered lessons, to create an appropriate environment between the teacher and students to feel free, such are the aspects analyzed in this paper.

**Key words:** purpose, material, methods, teaching, English, language level, tasks, students, group work, independent work.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ёралиева Накубахт*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17**.** E-mail: **na kubakht & gmail. com** Телефон: **(+ 992) 934-813-531**

**Сведения об авторе**: ***Ералиева Накубахт*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **na kubakht & gmail. com**
Телефон: **(+ 992) 934-813-531**

**Information about the author**: ***Yoralieva Nakubakht*** - teacher of the English Department of the Tajik National University. **Address**:734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17. E-mail: **na kubakht & gmail. com** Phone: **(+ 992) 934-813-531**

УДК:378:372.8(575.3)

# РОҲУ УСУЛҲОИ ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТҲОИ ТАХАССУСӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

*Суҳроб Р.С.*

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Барои ҳаматарафа инкишоф ёфтани донишҷӯён ва баланд бардоштани сатҳу сифати дониши онҳо дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилона нақши басо бузург мебозад ва талаб менамояд, ки аввалан, дар донишҷӯён мустақилият инкишоф дода шавад, сониян, барои ба донишҷӯён омӯзонидани роҳу усулҳои кори мустақилона ва дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ мусоидат мекунад.

"Кори мустақилона ин фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як донишҷӯи мактаби олӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба ҳисоб рафта, ҳангоми иҷрои он шавқи донишандӯзии онон зиёд мегардад. Донишандӯзӣ аз донишҷӯён иҷрои кори мустақилона бо китоб, омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ ва оммавиро тақозо менамояд" [1, с. 204].

Кори мустақилонаи донишҷӯён дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддини Айнӣ мақоми хосе дошта, дар тайёрии касби омӯзгоронии оянда ва баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ нақши муассир дорад.

Дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯён асоси баланд бардоштани сатҳу сифати дониши толибилмон ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, мушоҳидаҳои охир нишон медиҳанд, ки новобаста ба ҷорӣ гардидани ин низом ҳоло ҳам аксари омӯзгорон ба ташкил намудани кори мустақилонаи донишҷӯён кам аҳамият медиҳанд. Яке аз сабабҳои асосӣ надонистан ва риоя накардани методикаи ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён аз ҷониби омӯзгорон мебошад.

Бо назардошти аҳамияти хеле калон доштани ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар низоми кредитии таҳсилот мо кӯшиш намудем, ки то дараҷае дар бораи роҳу усулҳои ташкили корҳои мустақилони беруназаудитории донишҷӯён каме маълумот диҳем.

**Мафҳуми кори мустақилони донишҷӯён.** Дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯён мавқеи махсус дорад ва ҳамин аст, ки мутобоқи талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилот барои ихтисосҳои Донишгоҳ ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳо 50%-и ҳаҷми соатҳои сарбории таълимии барои донишҷӯёни шуъбаи рӯзона ҷудошударо ташкил медиҳад. Яъне, дар низоми кредитии таҳсилот ҳаҷми корҳои аудиторӣ кам карда шуда, аҳамият ва мавқеи кори мустақилонаи донишҷӯён баланд бардошта шудааст. Зеро бо фаъолгардонии кори мустақилонаи донишҷӯён имконият фароҳам меоянд, ки маводи таълим васеъ ва мустаҳкам карда шуда, донишҳои нави касбӣ гирифта шаванд ва маҳорати амалӣ ташаккул ёбад.

"Дар системаи мафҳумҳои дидактикаи муосир мафҳуми кори мустақилона яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ҳамин аст, ки олимони соҳаи педагогика доир ба мафҳуми кори мустақилона фикру андешаҳои зиёдеро пешниҳод намудаанд" [2, с. 140].

Чунончи, олимони рус А.В.Усова ва З.А.Вологодская корҳои мустақилонаро ҳамчун методи таълим маънидод намуда, қайд намудаанд, ки тавассути иҷро намудани корҳои мустақилона толибилмон донишҳои нав гирифта, маҳорату малакаи нав пайдо мекунанд, дар онҳо мустақилият, фаъолнокӣ, боиродагӣ ва ғайраҳо инкишоф меёбанд.

Ба ақидаи Б.П.Есипов, кори мустақилона тарзи корест, ки дар рафти иҷрои он омӯзгор иштирок намекунад, лекин аз рӯйи супориши он дар муддати муайяншуда иҷро карда мешавад. Дар ин ҳолат донишҷӯён кӯшиш менамоянд, ки талабу супоришро бошуурона иҷро кунанд. Натиҷаҳои бадастоварда, бо кадом роҳе ки набошад, қобилияти фикрӣ ё сарфи қувваи ҷисмонии онҳоро ошкор месозад.

“Омӯзгор дар рафти иҷрои кори мустақилона иштирок накунад ҳам, муваззаф аст, ки ҷараёни фаъолияти донишҷӯро дар китобхонаҳои Донишгоҳ, лабораторияҳо, озмоишгоҳҳо, кабинетҳои методӣ назорат барад ва дар дафтари кафедра ба қайд гирад. Мутаассифона, ҳамин ҷиҳати иҷроиши кор дар Донишгоҳ амалӣ намешавад ва он бояд минбаъд дар асоси дастури мазкур иҷро гардад” [3, с. 160].

К.У. Ушинский чунин меҳисобид, ки мустақилона фикрронии толибилм ҳангоми бевосита иҷро намудани кори мустақилона ба вуҷуд меояд; мустақилият дар омӯзиш диққати толибилмро зиёд мекунад ва ӯ маводро бодиққат хонда, фикррони ӯ фаъол мегардад ва нисбат ба кор масъулият ҳис мекунад. Аз ин ҷо бармеояд, ки кори мустақилонаи донишҷӯ фаъолияте мебошад, ки бо ёрии устод назорат карда мешавад ва дар он дараҷаи дониш, маҳорат, малака ва расидан ба мақсади гузошташуда таҷассум меёбад.

Навъҳои машғулиятҳои мустақилонаи донишҷӯён

Кори мустақилонаи донишҷӯён дар низоми кредитии таҳсилот аз рӯйи намуд ду хел мешавад:

-корҳои аудиторӣ;

-корҳои беруназаудиторӣ.

“Кори мустақилонаи донишҷӯ (КМД), ки барои омӯзиши мустақилонаи мавод пешбинӣ шудааст, ба сарбории омӯзгор дохил намешавад. Иҷрои кори мустақилонаи донишҷӯ аз рӯйи феҳристи муайяни мавзуъҳое, ки барои омӯзиши мустақилона пешбини шудаанд, бо адабиёти таълимию методӣ ва дастурҳои зарурӣ таъмин карда мешавад. Назорати татбиқи он аз ҷониби омӯзгор дар шакли қабули тестҳо, бозпурсиҳо, коллоквиумҳо, рефератҳо, эссе ва ҳисобот татбиқ гардида, вобаста ба сатҳи дониши донишҷӯ натиҷагирӣ карда мешавад” [4, с. 235].

Бинобар ин, дар ҷараёни таълими низоми кредитии таҳсилот ба кори мустақилонаи донишҷӯён (КМД) диққати асосиро равона намуда, танҳо дуруст ва босамар гузаронидани машғулиятҳои семинарию дараҷаи азхудкунии маводи таълимиро баланд мебардорад.

Мақсади кори мустақилонаи донишҷӯён дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони ояндаи соҳаи омӯзгорӣ мутобиқи талаботҳои имрӯзаи ҷомеа ва ҷавобгӯ ба стандартҳои давлатӣ буда, дар ҳалли вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва касбӣ ёрӣ расонидан аст, яъне он барои аз худ намудан ва амалӣ гаштани мақсадҳои зерин аз тарафи донишҷӯён равона карда шудааст:

-ба низом даровардан ва мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ;

-тавсия додани донишҳои назариявӣ;

-ташаккули малакаҳои кор бо адабиёти меъёрии ҳуқуқӣ, илмӣ, таълимӣ, методӣ ва махсус;

-рушди қобилиятҳои маънавию маърифатӣ, фаъолиятнокӣ, ташаббуси эҷодӣ, мустақилият, масъулиятнокӣ ва муташаккилона кор кардан;

-ташаккули мустақилона фикр карда тавонистан, қобилиятноки худро инкишоф додан ва дар амал татбиқ карда тавонистан, худтакмилдиҳии малакаҳо ва ғайра;

-ташаккули малакаву маҳорати амалии умумитаълимӣ ва умумикасбӣ;

-рушди малакаҳои илмӣ –тадқиқотӣ;

-пайдо намудан ва такмил додани малакаҳои фаъолияти мустақилонаи касбии амалӣ ва илмӣ- назариявӣ.

“Ҳангоми иҷрои кори мустақилона бояд талаботҳои зерин риоя карда шаванд:

-бо талаботҳои барномаи таълим мувофиқ будани мазмуни кори мустақилона;

-дар доираи имконияти донишҷӯ будани кори мустақилона;

-риоя кардани принсипи иҷрои бошууронаи кори мустақилона;

-ба таври бонизом ташкил намудани кори мустақилона;

-ба иҷрои кори мустақилона тайёр намудани донишҷӯён аз омӯзгор талаб карда мешава [5, с. 280].

- дар бораи мақсад ва вазифаҳои кори мустақилона дастури аниқу дақиқ ва мухтасар манзур намояд;

- донишҷӯёнро бо малакаҳои зарурии техникӣ ва ташкилии иҷрои кори мустақилона мусаллаҳ гардонад;

- дар назди донишҷӯён гузоштани вазифаҳое, ки ҳаллашон аз онҳо саъю кӯшиши фикриро талаб менамояд;

- риояи муҳлате, ки барои иҷрои кори мустақилона ҷудо карда шудааст.

Бояд зикр кард, ки аз тарафи омӯзгор рафти иҷрои кори мустақилона назорат карда мешавад.

Ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён бояд барои расидан ба ҳадафҳои зерин мусоидат намояд: дониши дар синф гирифтаи донишҷӯёнро васеъ ва мустаҳкам намояд; барои ба даст овардани донишҳои нав имконият диҳад.

Инкишофи муносибати эҷодкоронаи донишҷӯёнро ба ҳалли проблемаҳои гузошташуда таъмин карда тавонад.

Ба ташаккули шахсияти донишҷӯ мусоидат намояд.

Малакаи воқеии донишҷӯёнро барои ҳалли масъалаҳои мавҷуда ташаккул диҳад.

Бояд зикр кард, ки аз тарафи омӯзгор рафти иҷрои кори мустақилона назорат карда мешавад.

Ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён бояд барои расидан ба ҳадафҳои зерин мусоидат намояд:

- барои ба даст овардани донишҳои нав имконият диҳад;

- инкишофи муносибати эҷодкоронаи донишҷӯро ба ҳалли проблемаҳои гузошташуда таъмин карда тавонад;

- ба нашъунамои шахсияти донишҷӯ мусоидат намояд;

-малакаи воқеии донишҷӯйро барои ҳалли масъалаҳои мавҷуда ташаккул диҳад [6, с. 265].

«Дар шароити низоми кредити таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯён фарогири амалҳои зерин мебошад:

-омодагӣ ба машғулиятҳои аудиторӣ ва иҷрои супоришҳои омӯзгор, яъне тайёрӣ ба дарсҳои лексионӣ, амалӣ, лабораторӣ, конфренсияҳои интернетӣ, омӯзиши адабиёти тавсияшуда, қайди мазмуни мухтасари қисмҳои алоҳидаи адабиёти иловагӣ ва мақолаҳои бачопрасидаро дар бар мегирад [7, с. 330];

-омодагӣ ба мавзуъҳои алоҳидаи фанни таълимӣ дар асоси нақшаҳои таълимӣ, барномаи таълимӣ, барномаи кории таълим, ки омодасозии маъруза, такрори мафҳумҳои асосӣ, ҳалли масъалаҳоро дар бар мегирад;

- омодагӣ ба пурсиш ва коллоквиумҳо, ки дар доираи дарсҳои амалӣ ва лабораторӣ гузаронида мешаванд;

-омодагӣ барои ҷавобдиҳӣ ба саволҳо ва ҳалли масълаҳои тестӣ, ки омӯзиши боз ҳам амиқтари маводи мавҷударо оид ба мавзуи алоҳида ё маҷмуи мавзуъҳо, аз худ намудани мазмуни асосии мафҳумҳо, санаҳои таърихӣ, алгоритмҳо ва корҳои илмии олимонро дар ин ё он соҳа дар бар мегирад;

-омодагӣ ба кори санҷишии аудиторӣ, ки омӯзиши усули ҳалли масълаҳоро барои ҳисобкунии нишондиҳандаҳо ва шарҳ дода тавонистани мазмуни нишондиҳандаҳои ҳисобкардашуда дар бар мегирад;

-кори санҷишии хонагӣ ба мақсади назорати коркард ва омӯзиши мавзуъҳое, ки устод барои кори мустақилона пешкаши донишҷӯён намудааст;

-вазифаи хонагӣ иҷрои мунтазами ҳама гуна корҳои таълимиро дар назар дорад (ҳалли масъалаҳо, навиштани рефератҳо ва ғайра).

**Талаботҳои педагогӣ ба кори мустақилона.**

1. бо талаботҳои барномаи таълимӣ мувофиқат кардани мазмуни кори мустақилона;
2. дар доираи имконияти донишҷӯён будани кори мустақилона;
3. риоя кардани раванди иҷрои бошууронаи кори мустақилона;
4. бо системаи муайян ташкил намудани кори мустақилона;
5. донишҷӯёнро ба иҷрои кори мустақилона тайёр намудан, яъне:

а) дар бораи мақсад ва вазифаҳои кор дастури аниқ, дақиқ ва мухтасар додан;

б) донишҷӯёнро бо малакаҳои зарурии техникӣ ва ташкилии иҷрои кори мустақилона мусаллаҳ намудан;

в) дар назди донишҷӯён гузоштани чунин вазифаҳое, ки ҳаллашон аз онҳо саъю кӯшиши фикриро талаб намояд;

г) риоя намудани вақте ки барои иҷрои кори мустақилона ҷудо карда шудааст [8, с. 360];

6. аз тарафи муаллим бевосита назорат намудани рафти иҷрои кори мустақилона ва дар ҳолати пеш омадани душвориҳо ба донишҷӯён ёрии зарурӣ расондан.
7. муқаррар намудани назорати ҳатмӣ аз болои иҷрои кори мустақилона.

**Тартиб додани ҷадвал ва назорат намудан ба кори мустақилонаи донишҷӯён.**

В. И. Ленин навишта буд, ки вазифаи донишкадаҳо ва донишгоҳҳо аз он иборат аст, ки ба шунавандагон- донишҷӯён мустақилона кор карданро ёд диҳанд.

Кори мураттаби мустақилонаи донишҷӯён ва дар муҳлати муқарраршуда иҷро намудани супоришҳои ҳатмӣ ба дуруст тартиб додани ҷадвали он вобаста мебошад. Барои он ки донишҷӯён кори мустақилонаи худро ба нақша гиранд, лозим аст, ки дар аввали ҳар соли таҳсил онҳо ба ин чизҳо таъмин карда шаванд:

1. Ҷадвали умумии иҷрои вазифаҳои ҳатмии кори хонагӣ.

Дар ҷадвал бояд ҳаҷми кор бо соат ва фоиз инчунин муҳлати иҷрои ҳар як супориш нишон дода шавад. Донишҷӯ ё, ки аз рӯйи ҷадвал кор мебарад, дар рӯзҳои алоҳида сарборӣ ҳис намекунад, хаста намешавад, ҳар як корро дар вақташ иҷро карда, дониши мустаҳкам ҳосил менамояд.

2. Ҷадвали машғулиятҳои таълимӣ. Ҳамон машғулиятҳои таълимие дар назар дошта шудааст, ки дар ҷадвали дарсӣ дохил карда шуда, тарзи иҷрои он аз ҷониби омӯзгор санҷида мешавад. Яъне, шаклҳои кори мустақилонае, ки дар рафти дарс иҷро карда мешаванд. Ғайр аз ин, ба донишҷӯ лозим меояд супоришҳои ҳатмиеро берун аз ҷадвали дарсӣ иҷро намояд, ба монанди тайёрӣ дидан ба машғулиятҳои семинарӣ, лабораторӣ, иҷро намудани корҳои графикӣ, кори курсӣ ва ғайра.

Аз болои иҷрои ҷадвали кори мустақилонаи донишҷӯён вобаста ба хусусиятҳои фанҳои таълимӣ, системаи назоратро ҳар як факултет ва ҳатто ҳар як кафедра муайян карда метавонад. Агар онро кафедра муайян кунад, бояд барои тарзи назорати худ ба деканат ба таври хаттӣ маълумот диҳад. Деканат дар асоси он нақшаи умумӣ тартиб дода, системаи назорати ҳар як кафедраро дар он нишон медиҳад.

“Бояд варақаи санҷишӣ махсусе бошад, ки дар охири ҳар моҳ натиҷаи иҷрои корҳои ҳатмии таълимӣ дар он нишон дода шавад [ 9, с. 345].

Ба фикри мо, агар донишҷӯ аз уҳдаи иҷрои супоришҳои ҳатмии мустақилонаи таълимӣ ба хубӣ барояду дар имтиҳон ногаҳон сусттар ҷавоб диҳад, натиҷаи кори мустақилонаи ҳатмии таълимии ӯро ба ҳисоб гирифтан аз аҳамият холӣ нест. Чунки муаллим дар ин ҳолат на ба ҷавоби донишҷӯ, балки ба дониши умумии ӯ доир ба ҳамин фан баҳо мемонад. Ба фикри мо, ин баҳо нисбатан холисона аст. Кори мустақилонаро ба чор қисмат ҷудо кардан мумкин аст: методӣ, ахборотӣ, назоратӣ, ташкилӣ.

“Дар қисми ташкилӣ ба донишҷӯён маслиҳат додан лозим аст, ки машғулияти мустақилонаро чӣ тавр иҷро кардан лозим аст. Баъд муаллим бояд адабиёти заруриро номбар намуда, ба донишҷӯён фаҳмонад, ки агар ҳангоми иҷрои кори мустақилона ба душворӣ дучор шаванд, аз муаллим чӣ хел ёрӣ гирифта метавонанд. Дар ин ҳолат донишҷӯ дар ҳар як кор ба ёрии муаллим интизор намешавад. Душвориҳои имконпазирро худаш мустақилона ҳал мекунад” [10, с. 335].

“Дар қисми методӣ мавзуъ ва саволҳои омӯхташаванда номбар карда шуда, тарзи кор аз рӯйи китоби дарсӣ ва дигар сарчашмаҳо, дараҷаи ба кори мустақилона тайёр будани донишҷӯ муайян карда мешавад. Дар ин қисм муаллим бояд ба хубӣ муайян кунад, ки кори донишҷӯён шавқовар бошад, ӯро ба худ ҷалб карда, тавонад ва натиҷаи дилхоҳ диҳад” [11, с.320].

Дар қисми ахборотӣ ба донишҷӯён фахмонда мешавад, ки доим тағйиротҳо ба вуҷуд меоянд, ки дар программаи таълимӣ ва китоби дарсӣ дохил нагардидаанд ва онҳоро аз куҷо бояд омӯхт, моҳияти чизи омӯхта мешудагӣ бояд фаҳмонда дода шавад.

Дар қисми назоратӣ супоришҳое дода мешаванд, ки иҷрои онҳо дараҷаи ба мақсад расидани машғулияти мустақилонаро нишон диҳад.

Дар боби кори мустақилона кафедраи педагогика ба донишҷӯёни соли аввал ҳангоми омӯхтани мавзуи "Шиносоӣ бо ихтисос" маълумот медиҳад. Хусусан, ҳангоми хондани лексия аз рӯйи чунин мавзуъҳо: "Лексияро чӣ тавр гӯш кардан ва навишта гирифтан лозим аст"; "Ба имтиҳон ва санҷишҳо чӣ тавр тайёр шудан лозим аст"," Кори мустақилонаро чӣ тавр ташкил кардан лозим аст" ва ғайраҳо. Ҳангоми хондани лексия аз рӯйи ин мавзуъҳо муаллим бояд ба донишҷӯён фаҳмонда диҳад, ки дар ҳамаи шаклҳои кори таълим дар донишкадаи олӣ кори мустақилонаи донишҷӯён талаб карда мешавад. Ҳатто баъди гӯш карда навиштани лексияи муаллим, баъди ба охир расидани машғулиятҳои таълимӣ, ҳамон рӯз ба донишҷӯ лозим меояд, ки конспектҳои навиштаи худро аз назар гузаронад. "Ҷойҳои партофташудаи онро пурра кунад, ҷойҳои номаълумро равшан намояд, алоқаи мантиқии ҷумлаҳоро таъмин намояд ва ғайраҳо. Чунки ҳоло бисёр чизҳо дар хотираи ӯ мондааст ва дарҳол барқарор карда метавонад" [12, с. 340].

Ғайр аз ин, ҳангоми аз рӯйи мавзуъҳои мазкур лексия хондан, муаллим бояд шаклҳои кори мустақилонаро номбар кунад, асосҳои психологӣ-педагогии онро фаҳмонад ва шаклҳои аз тарафи муаллим ёрӣ расондан ва назорат карданро гуфта диҳад.

"Роҳбарӣ ба кори мустақилонаи донишҷӯён аз он ҷиҳат муҳим аст, ки муаллим бояд мунтазам мураккабшавии он ва ҳаҷми вазифаҳоро таъмин намояд. Кори мустақилона барои ҳама аз рӯйи курси умумии педагогика ва кори мустақилонаи алоҳида, яъне ба донишҷӯён, ки ба педагогика рағбати калон пайдо кардаанд, супорида мешавад, ба он донишҷӯёне, ки мехоҳанд дониши худро доир ба педагогика васеътар намоянд, доир ба ин соҳаи илм кори илмӣ баранд ва ғайра" [ 13, с. 290].

Барои он ки кори мустақилона оид ба педагогика босамар гузарад, доир ба ҳамаи намудҳои кор оид ба педагогика, ба монанди: лексия, машғулияти семинарӣ, лабораторӣ, кори махсус доир ба педагогика, доир ба таҷрибаи педагогӣ, корҳои курсӣ ва дипломӣ шаклҳои кори мустақилонаро нишон додан лозим аст. Ҷанбаҳои муҳимми омӯзишӣ ва натиҷаовар дар таълим инҳо мебошанд:

**Кори мустақилона бо китоб.** Самараи кори мустақилона бо китоб на танҳо ба он вобаста аст, ки то кадом андоза донишҷӯ китобро дуруст интихоб карда гирифтааст, балки ба сифати кор болои китоб, яъне маданияти китобхонӣ ҳам вобаста аст. Пеш аз он ки донишҷӯ аз болои китоб кор кунад, ӯ бояд ба мундариҷа ва муқаддимаи китоб, баъд аннотатсияи он шинос шуда, аз рӯйи онҳо муайян кунад, ки оё ҳамаи китобро хонда баромадан лозим аст ё бобҳои алоҳидаро.

Баъд аз ин муайян кунад, ки дар кадом шакл мазмуни онро барои худ қайд намояд" [14, с. 370].

Барои равшантар шудани масъала, зинаҳои кор дар болои китобро нишон дода мегузорем:

**Шиносой бо сарчашмаҳои адабӣ:** Агар донишҷӯ ба дигар асарҳои бо ҳамин мавзуъ ва умуман дигар асарҳои ин муаллиф шинос шудагӣ бошад, дарҳол мавқеи ин китобро муайян карда метавонад, яъне медонад, ки кадом масъалаҳо – назариявӣ ё амалӣ, дар ин китоб бояд хубтар инъикос ёфта бошанд.

"Пас бояд донишҷӯ муайян намояд, ки аз ин китоб барои кори худ чӣ гирифта метавонад ва доир ба кадом масъалаҳо (назариявӣ ё амалӣ) ба дигар асарҳо бояд муроҷиат намояд" [15, с. 285].

Тадқиқот нишон медиҳанд, ки агар шахс дар назди худ ҳангоми мутолиаи китоб мақсади "дурудароз дар хотир нигоҳ доштан", "то охири умр дар хотир нигоҳ доштан"-ро гузорад, ки ба донишҷӯ таъсири амиқ боқӣ мегузорад.

**Бошуурона хондан** – яке аз зинаҳои кори пурмаҳсул бо китоб маҳсуб меёбад. Дар адабиёти гуногун якчанд типи ин тарзи хониш муайян карда шудааст.

Хулоса, дар методикаи таълими забони англисӣ методу усулҳои гуногун мавҷуданд, ки барои донишҷӯён бисёр ҳам манфиатовар ва самаранок мебошанд, дар ин ҷода аз худи омӯзгори дарсдиҳанда ҳам вобастагии зиёд дорад.

Мақсади кори мустақилонаи донишҷӯён дар донишкадаҳо ва донишгоҳҳои олӣ аз он иборат аст, ки дар тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мадад расонад, инчунин ба ҳалли вазифаҳои таълимӣ, касбӣ ва тарбиявӣ мусоидат намояд.

**Муқарриз: Асадова М. – н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**

1. Абдыгаппарова С. Б. «Основы кредитной системы обучения в Казахстане / С. Б.Абдыгаппарова, Г. К. Ахметова. – Алматы: Казак университеты», 2004. -204 с.
2. Балакирева Э. В. Организация самостоятельной работы студентов по педагогическим дисциплинам: Учебно- методическое пособие для преподавателей высшей школы / Э. В.Балакирева, Р. У. Богданова. Часть 1. – СПб.., 2008. -140 с.
3. Воронин А. С. Самостоятельной работа студентов. Учебно –методическое пособие для студентов / А. С. Воронин. – Екатеринбург, -2005. -160 с.
4. Гинецинский В. И. Основы теоретической педагогики / В. И. Гинецинский. - СПб.,1992. -235 с.
5. Добляев Л. П. Асосҳои психологии /кор дар болои китоб/ Л. П. Добляев. –Москва, 1970. -280 с.
6. Есипов Б.П. Самостоятельная работа учащихся на уроках / Б.П. Есипов. – М.: Учпедгиз, 1961. -265 с.
7. Загвязинский В. И. Преподавание как творческий поцесс» / В. И. Загвязинский // Вестник высшей школы. – Москва, 1987. -№ 7. -330 с.
8. Коменский Я.А. Педагогическое наследие / Я.А.Коменский, Дж.Локк, Ж.-Ж.Руссо, И. Г. Песталоцци. - М.: Педагогика, 1989. -360 с.
9. Леонтьев А.Н. Деятельность. Сознание. Личность / А.Н. Леонтьев. – М.: Академия, 2005. -345 с.
10. Орлов В.Н. Активность и самостоятельность учащихся / В.Н. Орлов. – М., 1998. -335 с.
11. Пидкасистый П.И. Самостоятельная познавательная деятельность школьников в обучении / П.И.Пидкасистый. - М., 1980. -320 с.
12. Студенткин М.Т. Методика преподавания истории в школе / М.Т. Студенткин. - М.: Владос, 2000. -340 с.
13. Барабанова В.В. Теория и практика обучения истории / В.В. Барабанова, Н.Н. Лазуковой. -М.: Высшая школа, 2007. -290 с.
14. Якунин В. А. Психология учебной деятельности студентов / В. А. Якунин. – Москва, 1994. - 370 с.
15. Юнг К. Г. Психологические типы / К. Г. Юнг. –Москва,1987. -285 с.

## РОҲУ УСУЛҲОИ ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТҲОИ ТАХАССУСӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар рушди ҳаматарафаи донишҷӯён ва баланд бардоштани сатҳи сифати дониши онҳо дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилона нақши басо бузург мебозад ва талаб менамояд, ки аввалан, дар донишҷӯён мустақилият инкишоф дода шавад, сониян, барои ба донишҷӯён омӯзонидани роҳу усулҳои корҳои мустақилона дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ

мусоидат мекунад. Кори мустақилона фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як донишҷӯйи мактаби олӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба ҳисоб рафта, ҳангоми иҷрои он шавқи донишандӯзии онон зиёд мегардад. Донишандӯзӣ иҷрои кори мустақилона бо китоб, омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ ва оммавиро тақозо менамояд. Кори мустақилонаи донишҷӯён дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддини Айнӣ мақоми хосе дошта, дар тайёрии касби омӯзгорони оянда ва баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ нақши муассир дорад. Дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯён асоси баланд бардоштани сатҳу сифати дониши толибилмон ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз ҷорӣ гардидани ин низом ҳоло ҳам аксари омӯзгорон ба ташкил намудани кори мустақилонаи донишҷӯён аҳамият намедиҳанд. Яке аз сабабҳои асосӣ надонистани методикаи ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар низоми кредитии таҳсилот мебошад.

**Калидвожаҳо:** кори мустақилона, усулҳо, низоми кредитӣ, сатҳу сифати дониш, эҷодкорӣ, дониши назариявӣ ва амалӣ, методикаи таълим, омӯзиш, машғулиятҳо, шавқу ҳавас, муҳиммият.

## СПОСОБЫ И МЕТОДЫ ОРГАНИЗАЦИИ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ ПРОФИЛЬНЫХ ФАКУЛЬТЕТОВ НА ЗАНЯТИЯХ ПО АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ

Самостоятельная работа играет важную роль в общем развитии студентов и повышении уровня их знаний в кредитной системе обучения. Это требует, во-первых, развития в сознании студентов знаний о самостоятельности, во-вторых, очень важно научить их способам самостоятельного применения теоретических знаний, полученных под руководством преподавателя. Самостоятельная работа -это творческая и индивидуальная деятельность каждого студента вуза в кредитной системе обучения, повышающая его интерес к учебе. Самостоятельная работа студентов Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни занимает особое место и является основой повышения уровня и качества знаний студентов. играет важную роль в подготовке будущих учителей и в повышении качества подготовки .К сожалению, как показывают наблюдения , несмотря на внедрение этой системы, многие преподаватели до сих пор не уделяют внимания правильной организации самостоятельной работы студентов, что говорит об отсутствии знаний о том, как организовать самостоятельную работу студентов в кредитной системе обучения.

**Ключевые слова:** самостоятельная работа, методы, кредитная система, уровень и качество знаний, креативность, теоретические знания и практическое применение методов обучения, интересы, увлечения, значимость.

## THE WAYS AND METHODS OF ORGANIZING INDIVIDUAL STUDENTS WORK OF THE CLASSIFIED FACULTIES IN THE ENGLISH CLASSES

The individual work plays important role for increasing and improving student's knowledge in credit system of education.It requires, first of all, to develop independence of student's mind and the second to learn theoretical knowledge of individual works by teachers guidance.The individual work of students is creative and individual activity of each students at the university in the credit system of education. Individually work of students at the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni has a special place in the professional training of future teachers and plays an important role improving the quality of training of teachers. In the credit system of education, the individually work of students is the basis for improving the level and quality of student's knowledge. Unfortunately, observations show that despite the introduction of this system, many teachers still do not pay attention to the proper organization of individually work of students. One of the reasons is the lack of knowledge on how to organize individually work of students in the credit system of education.

**Keywords:** individually work, methods, credit system, level and quality of knowledge, creativity, theoretical knowledge and practical application of teaching methods.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Суҳроб Раҷабализода Саидӣ***– Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, докторанти кафедраи методикаи таълими забони англисӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **988838624**. E-mail: **SRajabalizoda @ gmail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Сухроб Раджабализода Саиди-*** Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, докторант кафедры методики преподавания английского языка. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,121. Телефон: **988838624**. E-mail: **SRajabalizoda @ gmail.ru**

**Information about the author:** ***Sukhrob Rajabalizoda Saidi*** **-** Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, doctoral student of the Department of Methods of Teaching English. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121. Phone**: 988838624**. E-mail: **SRajabalizoda @ gmail.ru**

УДК: 371(575.3) (07)

# ТАЪЛИМИ БАРНОМАРЕЗИШУДА ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР АЗХУДКУНИИ ДОНИШҲО

*Аминова И.Қ.*
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар раванди таълим ду чиз ба ташкил кардани таълими барномарезишуда сабаб мешавад. Аз як тараф, муаллим мебинад, ки таълими анъанавӣ, ҳамчунин таълими проблемавӣ шавқу завқи хонандагонро бо маводи таълимӣ бедор намекунад, ки дар натиҷа дар кори азхудкунии дониш мушкилот ба вуҷуд меояд. Хонандагон бо сабабҳои гуногун супоришҳои муаллимонро иҷро намекунанд ва маълумоти таълимиро аз худ наменамоянд. Ин ба ҷустуҷӯи модели таълимие оварда мерасонад, ки дар он муаллим фаъолияти таълимии талабагонро нисбатан самаранок идора менамояд.

Аз тарафи дигар, аз миёнаи асри XX сар карда, технологияҳои тараққикунанда ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла ба маориф ворид гардид: аввалин мошинҳои таълимдиҳанда пайдо шуданд, ки тағйири муносибат ба таълимро талаб менамуданд. Масалан, дар мошини электронӣ маълумот набояд дар матни анъанавӣ, балки дар шакли барномарезишудаи он пешниҳод карда шавад; минбаъд дар образҳо, аз ин ҷост, ки мултимедиа дар соҳаи маориф, низомҳои аз нигоҳи техникӣ мураккаби таълимдиҳанда рушд мекунад.

Соли 1958 Б. Ф. Скиннер дар маърӯзаи худ консепсияи таълими барномарезишударо ба миён гузошт. Ӯ такя ба психологияи бихевиористӣ (роҳу рафтор) мекард, ки тибқи он таълим аз рӯи усули «ҳавасмандкунӣ – вокуниш - мустаҳкамкунӣ» ҷараён мегирад ва маънои онро дорад, ки мавод ба талаба пешниҳод карда мешавад, талаба барои аз худ кардани он кӯшиш мекунад, амал дар замон баҳогузорӣ мешавад [13].

Таълими барномарезишуда ин азхудкунии нисбатан мустақил ва инфиродии донишҳо ва малакаҳо аз рӯи барномаи таълимӣ бо ёрии воситаҳои махсус (китоби дарсӣ, МЭҲ) мебошад. Дар таълими анъанавӣ хонанда, одатан, матни пурраи китоби дарсиро мехонад ва онро такрор мекунад, дар ин маврид кори ӯ оид ба такрор кардан ба пуррагӣ идора карда ва ба тартиб даровarda намешавад. Мақсади таълими барномарезишуда бошад, аз идоракунии пурраи фаъолияти таълимии хонанда бо ёрии барномаҳои таълимдиҳанданда иборат мебошад.

Мафҳуми асосии «таълими барномарезишуда» маънои барномаи таълимиро дорад. Онро ҳамчун пайдарпайии қадамҳо мефаҳманд, ки ҳар яки он марҳилаи хурди азхудкунии миқдори муайяни дониш ё малака ба шумор меравад. Марҳилаи хурд, яъне як қадами барнома, аз се қисм иборат аст: пешниҳоди мантиқан пурраи қисме аз маълумоти таълимӣ; супориш - амалиёт оиди кор бо маълумот ва азхудкунии он; супоришҳои санҷишӣ (алоқаи баръакс) ва дастур дар бораи такрор кардани машқҳо ё гузариш ба қадами дигар.

Дар таҷрибаи воқеии мактаб унсурҳои барномарезии таълим хеле кам истифода мешуданд. Онҳо асосан аз рӯи як қатор фанҳои таълимӣ ва он шаклҳои фаъолияти таълимӣ, махсусан репродуктивӣ истифода бурда мешуданд, ки бо такроркунӣ, мустаҳкамкунӣ, ҳамчунин ҳангоми назорати тестии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо вобаста мебошанд.

Вобаста ба хусусияти «қадамҳо» - и барнома навъҳои зерини барномаҳои таълимдиҳанда вуҷуд доранд. Барномаи хаттии таҳиянамудаи Б. Ф. Скиннер, ки аз миқдори ками маводи ҳаракати мураттаб ва бехатои хонандаро ба пеш ҳидояткунанда иборат мебошад. Дар супориш оид ба азхудкунии мавод, одатан, талаб карда мешавад, ки баъд аз хондани маълумот, ҷои ихтисоршуда бо як ё чандин калима пур карда шавад. Баъд ҷавобро бо ҷавоби дурусти то ҳол пинҳон кардашуда

муқоиса мекунанд ва дар ҳолати дуруст будани ҷавоб гузоштани қадам ба зинаи минбаъда ба амал меояд ва ё агар хонанда ҷавоби нодуруст дода бошад, бозгашт ба маълумот ва такрори супориш ба амал меояд. Хонанда дар таълим фақат пас аз азхудкунии маводи гузашта ба пеш ҳаракат мекунад. Зарурати ихтисораҳоро пур карда, ҷавоб додан омили фаъолгардонӣ ба шумор меравад [13]. .

Аз рӯи ақидаи Скиннер, модели мазкури таълим ба методҳои зерин асос ёфтааст:

1. Методи тақсим намудани мавод ба ҷузъҳои ба қадри имкон хурд (ҷузъ, қадам), ба хотири азхудкунии осон ва дар айни замон ҳатмӣ.

2. Методи баҳогузории фаврии ҷавоб (алоқаи баръакс). Хонанда ихтисораро пур мекунад ва дар як вақт онро бо ҷавоби дуруст муқоиса мекунад.

3. Методи инфиродикунонии суръати таълим. Ҳар як хонанда барои азхудкунӣ ҳамон қадар вақте, ки лозим аст, сарф менамояд.

Бартарияти барномаи хаттӣ дар он аст, ки хонанда ба туфайли қадамҳои хурд, санҷиши бевосита ва имконияти такрор намудани машқҳо, маводро ҳатман аз худ менамояд. Дар баробари ин барномаи хаттиро барои он танқид мекарданд, ки дар таълим қадамҳои хурд ба хонанда имконияти дидани ҳадафҳои умумӣ, якбора ноил гардидан ба ҳадафҳо, инфиродӣ кардани маводи таълимро намедиҳад. Ғайр аз ин, ҷавоби талаба дар шакли пуркунии ихтисорот, ба ақидаи мунаққидони барномарезии хаттӣ, хеле осон буда, кӯшишҳои зеҳниро талаб намекунад.

Танқиди барномаҳои хаттӣ сабаби сохтани барномаҳои сершоха гардид. Созандаи онҳо Н. А. Краудер чунин меҳисобад, ки миқдори маводи таълимӣ бояд хеле зиёд бошад, чунки азхудкунӣ на аз тай намудани роҳи дуруст бо қадамҳои хурд, балки аз таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи мухтаво вобаста мебошад [2]. Хусусияти дуюми барномаи сершоха шакли нави назорат – ҷавоби интихобии талаба мебошад: хонанда дар супориши санҷишӣ аз дастаи ҷавобҳо, ки дар қатори ҷавоби дуруст ҷавобҳои нопурра ва нодурусти дорои иштибоҳоти якхела низ доранд, ҷавоби дурустро интихоб мекунад. Агар хонанда ҷавоби дурустро ёфта тавонад, ба зинаи минбаъда қадам мегузорад. Агар наёбад, ба ӯ моҳияти иштибоҳашро мефаҳмонанд ва ӯ супориш мегирад, ки вобаста ба иштибоҳи кардааш бо яке аз барномаҳо кор кунад ва ё ба мавқеи аввала баргардад. Ҳамин тавр, барномаи сершоха хонандагонро вобаста аз ҷавобҳо ва иштибоҳҳояшон бо роҳҳои гуногун мебарад ва ин хусусияти сеюм – шохадор кардани қадамҳои таълим мебошад. Аммо он ҳам холӣ аз камбудӣ нест. Мунаққидони он чунин меҳисобанд, ки интихоби ҷавоб хонандаро барои пай бурдани ҷавоб, ба хотир гирифтан ва истисно намудани ҷавобҳои нодуруст ва ғайра водор месозад. Тибқи ақидаи мунаққидон, ҳатто барномаи сершоха ба талаба тасаввуроти пурра ва низомиро намедиҳад. Ниҳоят, мунаққидон бар ин боваранд, ки таълим аз рӯи ҳамаи барномаҳои номбаршуда хусусияти сунъӣ ва сода доранд, ҳарчанд ки кор бо он навъи хеле мураккаби фаъолият мебошад.

Бинобар ин, зарурати муттаҳидкунонии барномарезии навъҳои гуногуни барномаҳо - барномарезии омехта ба миён меояд, тадриҷан намудҳои мураккаби барномавӣ сохта мешаванд, ки миқдор ва навъҳои гуногуни маълумот, таълими проблемавӣ ва алгоритмҳо дар таълим, тарзҳои мухталифи ворид намудани ҷавобҳои таълигирандагон, имконияти кори инфиродӣ ва гуруҳӣ бо барномаро дарбар мегиранд. Солҳои охир идеяи барномарезӣ дар асоси нави технологӣ татбиқ карда мешавад.

Мавод дар барномаҳои омехта ба қисмҳои ҳаҷмашон вобаста аз ҳадафи дидактикӣ гуногун, синну соли хонандагон, мантиқи маводи таълимӣ ва худи раванди таълим тақсим мешавад. Тарзҳои ҷавоби таълимгиранда мухталиф буда метавонад: сохтани ҷавоб аз маҷмӯи ҳарфҳо, калимаҳо ва ғайра, бо аломатҳои шартӣ ба код даровардани ҷавоб, интихоби ҷавоб аз бастаи саволҳои додашуда; тарзи омехта.

Дар робита ба таълими барномарезишуда дар назария ва амалия мафҳумҳои “алгоритм”, “алгоритмикунонии таълим” ворид шуданд. Алгоритм дар дидактика ин фаҳмиши якхелаи дастур оид ба иҷрои амалиёти мураттаб бо маводи таълимӣ мебошад, ки ба ҳалли вазифа ва ё маҷмӯи вазифаҳо оварда мерасонад [5]. Барои муаллим бояд фаҳмо бошад, ки алгоритм асоси барномаи таълимӣ, навъи алгоритмиро ташкил медиҳад (инҳо ҳоло хеле зиёданд). Аммо муҳим он аст, ки муаллим дар дигар навъҳои таълим низ метавонад барои талабагон алгоритмҳо, дастур барои азхудкунии донишҳо, қоидаҳои ҳалли масъалаҳо, иҷрои машқҳо ва корҳои амалӣ сохта, таълим аз рӯи алгоритмро истифода намояд. Масалан, алгоритм барои ҷамъ кардани ду рақами мусбӣ, ёфтани махраҷи умумӣ ва монанди инҳо дар дарси математика. Мисоли алгоритм оид ба шинохтани навъҳои муқаррарии ҷумла ҳангоми омӯзиши синтаксис: хонанда ҷумларо таҳлил намуда, бояд ба саволҳо пай дар пай ҷавоб гӯяд.

Истифодаи алгоритмҳо дар таълим имконият медиҳад, ки фаъолияти талабагон дар шароити муайян ба пуррагӣ идора карда шавад ва хонандагон натиҷаҳои самаранок ба даст оваранд.

Муваффақияти кори талабагон бо алгоритмҳо аз дониш ва малакаҳои ибтидоии фаннӣ ва ҳамчунин аз малакаҳои фикрии барои фаъолияти пай дар пайи мантиқӣ зарур ва аз як қатор омилҳои дигар вобаста мебошад [3].

Алгоритмҳо барои хонандагон дорои дараҷаҳои гуногун мебошанд: баъзе барои азхудкунии маводи мушаххас (мисли дар мисоли боло овардашуда) нигаронида шудаанд, дуюмӣ ҳалли маҷмӯи вазифаҳоро таъмин менамоянд, сеюмӣ фаъолияти таълимӣ ва азхудкуниро пешниҳод менамояд.

Алгоритмҳо барои муаллимон низ вуҷуд доранд ва фаъолияти ӯро оид ба таҳияи раванди мушаххаси таълим тавсиф мекунанд.

Идеяи таълими барномарезишуда дар ҳоли ҳозир аз таълими блокӣ ва модулӣ кор мегирад. Идеяи таълими блокӣ аз ташкили маводи таълимие иборат мебошад, ки мувозинати байни дастурҳои аниқи барнома ва озодии фаъолияти хонандаро таъмин карда метавонад, ки барномаро «нарм» (инъикоспазир) карда, ҳатто номи «нимбарномарезӣ» - ро ба худ гирифтааст. Барномарезии блокӣ хонандагонро ба фаъолияти мухталифи зеҳнӣ ва истифодаи фаврии донишҳои азхуднамуда ҳангоми ҳалли вазифаҳои муайян ҳидоят менамояд. Мутахассиси соҳаи дидактика Ч. Куписевич, эҷодкунандаи таълими блокӣ, блокҳои зерини барномаи таълимдиҳандаро зикр менамояд: блоки иттилоотӣ; блоки тестӣ - иттилоотӣ (санҷиши маводи азхудкардашуда); блоки проблемавӣ; ҳалли масъала дар асоси донишҳои омӯхташуда; ҳамчунин блоки санҷиш ваислоҳкунанда [2].

Таълими модулӣ (ҳамчун инкишофи таълими блокӣ) ин ташкили раванди таълимест, ки дар он хонанда бо барномаи таълимии дорои модулҳо (блокҳо) - и ҳадафманд, иттилоотӣ, амалиётӣ, яъне дастури методии оид ба ноил гардидан ба ҳадафҳои таълим, блоки санҷиши донишҳо кор мекунад [3]. Чунин навъи идораи таълим асосан барои мактаби олӣ ва таълими калонсолон таҳия карда мешавад.

Воситаҳои ҳозиразамони робита имкони сохтани низомҳои мураккаби электронии таълим ва шабакаҳои телекоммуникатсиониро медиҳад, ки дар оянда имкониятҳои зиёди дидактикӣ доранд.

Чунончи, таҳияи барномаҳои интерактивие идома дорад, ки дар онҳо таълимгиранда дар реҷаи гуфтугӯ бо низомҳои мураккаби электронӣ, хазинаҳои маълумот, низомҳои экспертӣ кор мекунад, ки вазифаҳои дидактикиро иҷро мекунанд.

Дар ҳоли ҳозир компютер паҳнкунандаи барномаи таълимдиҳанда мебошад. Муаллимон ва олимон, методистҳо ва мутахассисони соҳаи дидактика имконияти сохтани барномаҳои гуногуни таълимӣ барои таълими компютерӣ ва электрониро доранд. Аз ҷумла баъзе аз навъҳои он (дар ҷои аввал – аз ҳама зиёдтаринҳо, минбаъд – бо тартиби камшавӣ): машқдиҳии малакаҳо, машқҳои таълимӣ - шиносшавӣ,

бозиҳои таълимӣ - маърифатӣ, машқҳо барои аз ёд кардан, моделсозӣ, азхудкунии мафҳумҳоро номбар кардан мумкин аст.

Таърихи барномарезии таълим нишон дод, ки он дар мактабҳои миёна ва олӣ васеъ истифода намешаванд, ҳарчанд дар замони худ бо муваффақияти он умедҳои калон доштанд. Сабаби ин фаҳмост. Раванди таълим бе муоширати зиндаи талаба бо муаллим, ки мошин наметавонад онро иваз бикунад, номумкин аст. Истифодаи методҳо ва усулҳои «технологикардашуда» - и кор фақат маҳдуд буда, метавонад бо истифода аз дигар роҳҳо иҷро карда шавад: дар доираи таълими фосилавӣ (дистансионӣ), ҷузъан ҳамчун унсури таълими проблемавӣ, ҳамчун яке аз тарзҳои татбиқи усули иттилоотикунонии маориф ва ғайра.

Ҳамин тариқ, ҳадафи ниҳоии ташкили фаъолияти таълимӣ ташаккули хонанда ҳамчун субъекти он ва ноил гардидан ба дараҷаи рушде мебошад, ки талабагон дар он метавонанд мустақилона ҳадафи фаъолиятро пеш гузоранд, амалҳои худро ба нақша гиранд, иҷрои онро ислоҳ намоянд, таносуби натиҷаи бадастовардаро бо мақсади гузошташуда муайян кунанд, яъне фаъолияти таълимиро мустақилона иҷро намоянд.

Кӯдаке, ки пой ба остонаи мактаб гузоштааст, ин маҳорату малакаҳоро надорад. Дар раванди таълим ӯ бояд то дараҷаи муайян ва ба таври кофӣ ба мустақилият, ки имконияти ҳал кардани вазифаҳои гуногун, аз худ намудани донишҳои нав дар раванди ҳалли масъалаҳои таълимро медиҳад, ноил гардад.

Дар бораи зарурати ташаккул додани мустақилияти хонандагон дар раванди таълим ҳанӯз К. Д. Ушинский навишта буд: «Бояд ҳамеша дар хотир дошт, ки ба талаба на танҳо ин ё он идрокро бояд дод, балки дар ӯ хоҳиш ва қобилияти мустақилона, бе муаллим ба даст овардани донишҳои наврo инкишоф дод, воситаи ба даст овардани донишҳои муфидро на танҳо аз китоб, инчунин аз ашё, ҷаҳони атрофи ӯ, аз ҳодисаҳои ҳаётӣ, аз таърихи фитрат ва сиришти худ муҳайё намуд. Инсони дорои чунин нерӯи ақлонӣ, ки аз ҳар ҷо ғизои муфид ба даст меоварад, тамоми умр меомӯзад ва ин яке аз вазифаҳои муҳимтарини таълими мактабӣ мебошад» [15].

Дар зери мафҳуми "мустақилият" мавҷуд будани ақида ва арзёбии мустақилонаи падидаҳои воқеияти атроф дар ниҳоди инсон ва ҳамчунин озодии амал ва рафтор, озодӣ аз ирода ва таъсири дигаронро мефаҳманд.

Мустақилият ин соҳиб гардидан ба сифатҳои нави шахсият мебошад, он ба қадри калон шудани шахс ва мавҷуд будани як қатор шароит, ки муҳимтарини онҳо ин васеъ намудани ҳамон навъҳои фаъолият ва бахшҳои муошират мебошад, ки инсон бе ёрии бегонагон, танҳо бо такя ба таҷрибаи шахсии худ ташаккул меёбад.

Табиист, ки ҳангоми чунин фаҳмиши мустақилият, мантиқан масъалаи васеъ намудани доираи мустақилияти фард ва нақши муаллим дар ин раванд пайдо мешавад. Ҳалли ин масъала дар таҳлили «навъҳои пешбарандаи фаъолият нуҳуфтааст». Кӯдаки синни томактабӣ дар фаъолияти бозингариаш мустақилият зоҳир менамояд. Ӯ бозиро интихоб мекунад, шароити онро муайян менамояд, шариконн худро меёбад, рафти онро назорат ва натиҷаи ниҳоиро арзёбӣ менамояд. Агар аз мушаххаскунонии фаъолияти бозингарӣ сарфи назар кунем, онгоҳ дар амалҳои номбаршуда оғози амалиёти зеҳнро мушоҳида мекунем, ки баъдан дар фаъолияти таълимӣ, истеҳсолӣ ва ғайраи инсон инкишоф меёбанд. Дар синни хурди мактабӣ «доираи мустақилият» аз ҳисоби фаъолияти таълимӣ - маърифатӣ тадриҷан васеъ мешавад.

Баланд шудани сатҳи мустақилияти мактаббачагон бо чунин роҳҳо сурат мегирад: якум, бо роҳи васеъ шудани соҳаи истифодаи донишҳо, амалҳо ва муносибатҳои ташаккулёбанда дар дараҷаи ба роҳ мондани алоқаҳои байнифаннӣ, ки гузариш аз алоқаҳои дохилифаннӣ ба алоқаҳои байнисиклӣ ва аз онҳо ба алоқаҳои байнифанниро дар назар дорад. Дар ин ҳол, хеле муҳим аст, ки мураккабкунии муҳтаво, тарзҳои фаъолият на танҳо дар раванди гузариш аз

алоқаҳои дохилифаннӣ ба алоқаҳои байнисиклӣ ва аз онҳо ба алоқаҳои байнифаннӣ, балки дар ҳар яке аз марҳилаҳои зикршуда, ки ба алоқаҳои нисбатан васеъ оварда мерасонанд, амалӣ карда шавад.

Дуюм, бо роҳи баланд бардоштани дараҷаи мустақилият аз ҳисоби ба роҳ мондани тарзи таълиме ба даст оварда мешавад, ки дар рафти он гузариш аз супориши муаллим дар бораи зарурати истифодаи донишҳо ва амалҳои муайян дар ҳалли вазифаи таълимӣ ба ҷустуҷӯи мустақилонаи чунин донишҳо ва амалҳо амалӣ карда мешавад.

Сеюм, бо роҳи ташаккули фаъолияти таълимии мактаббачагон бояд ташкили коре пешбинӣ шавад, ки ҳангоми он хонандагон аз ташкили амалҳои алоҳида, амалҳои иҷрошаванда ба ташкили тамоми амал гузашта тавонанд. Чунин тарзи кор бояд ҳам дар муносибат бо амалҳои мушаххас ва ҳам дар муносибат бо амалҳои умумӣ, ҳам дар муносибат бо унсурҳои алоҳидаи мурофиавии фаъолияти таълимӣ ва ҳам ба раванди ҳалли вазифаи таълимӣ дар маҷмӯъ ҷой дошта бошад.

Чорум, бо роҳи баланд бардоштани дараҷаи мустақилияти талабагон дар ҳолати гузариши онҳо аз соҳиб шудан ба амалҳо дар шакли тайёр ба кашфи мустақилонаи амалҳои алоҳида ва низоми онҳо. Дар ин сурат, хеле муҳим аст, ки ҳам мавзӯи фаъолияти талабагон, ҳам амалҳои мушаххас ва умумӣ, сохтори фаъолияти мушаххас ва фаъолияти таълимӣ ба маънои хоси он бошад.

Панҷум, бо роҳи баланд бардоштани дараҷаи мустақилияти хонандагон, ки бояд гузариш аз дарку фаҳми зарурати соҳиб шудан ба малакаи мушаххас ба дарку фаҳми муҳимияти соҳиб шудан ба сохтори мукаммали фаъолияти таълимиро дар назар дошта бошад.

Шашум, бо роҳи гузариш аз вазифаҳои хусусияти ғайриэҷодидошта ба вазифаҳои эҷодӣ, ки истифодаи донишҳо ва амалҳои хусусияти байнифаннидоштаро талаб менамояд.

Аз ин гуфтаҳо метавон мушоҳида кард, ки дар ҳама ҳолатҳо сухан дар бораи тадриҷан коҳиш додани ёрӣ ба талабагон дар раванди амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ва ба субъектҳои ин фаъолият табдил додани онҳо меравад.

Равшан аст, ки ин ҳолат дар ташкили раванди таълим ҳам аз нигоҳи назария ва ҳам аз нигоҳи амалия хеле муҳим аст, чунки дарку фаҳми ниятҳо, ҳадафҳо ва тарзҳои таълим, дарку фаҳми худ ҳамчун субъекти фаъолият, ташкили чунин таълимеро тақозо менамояд, ки дар он фаъолмандӣ ва мустақилияти таълимгирандагон, табдилёбии тадриҷии онҳо аз объекти таъсири педагогӣ ба субъекти фаъолияти таълимии амалишаванда инкишоф дода мешавад. Чунин гузариш ҳамон вақт имконпазир аст, ки агар муносибатҳои байниҳамдигарии муаллим ва хонанда, ки дар рафти инкишофи онҳо амалҳои фаъол тадриҷан ба таълимгиранда интиқол дода шавад, амалӣ карда шавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки бо вуҷуди муҳим будани усули "барномарезии таълим" дар кори донишазхудкунии хонандагон аз методи ташаккули мустақилияти фардии хонандагон дар ин раванд сарфи назар кардан мувофиқи мақсад нест. Зеро ки дар ягонагӣ истифода кардан аз ин ду усул самаранокии аз ҷониби хонандагон аз худ кардани донишҳо дучанд менамояд ва ба мустақилияти фардии онҳо таъсири дилхоҳ мерасонад.

**Муқарриз: Тошзода С.- н.и.п., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Амонашвили Ш.А. Воспитания и образовательная функции оценки обучения школьников. // Ш.А. Амонашвили / [Текст]. – М.: Педагогика, 1984. – 298 с.
2. Буйдоқов Х. Асосҳои дидактика // Х. Буйдоқов / [Матн]. Душанбе:
1. «Маориф», 1995. - 180 с.
2. Выготский Л.С. Проблемы обучения и умственного развития в школьном возрасте. – В сб.: Избрание психологические исследования. // Л.С. Выготский / [Текст]. – М.: Изд. – во АПН РСФСР, 1967.

3. Данилов М.А. и Скаткин М.Н. Дидактика средней школы // Под. ред. М. А. Данилова и М.Н. Скаткина / [Текст]. – М.: Просвещение, 1975. – 350 с.
4. Коменский Я. А. «Великая дидактика». / Я. А. Коменский // [Текст]. – М.: - Просвещение, 1988. – 240 с.
5. Душанбе, 2001.
6. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как науки. / Нугмонов М. // [Текст]. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – 290 с.
7. Осинская В.Н. Активизация познавательной деятельности учащихся на уроках математики в 9 – 10 классах. / В.Н. Осинская // [Текст]. - Киев: Радяньска школа, 1980-143 с.
8. Паламарчук В.Ф.Дидактические основы формирования учащихся в процессе обучения: Автореф....дис. д-ра пед. наук. [Текст]. - Киев, 1984- 47 с.
9. Рахимов Х., Нуров А. Педагогика: дастури методӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии педагогӣ / Х. Рахимов, А. Нуров // [Текст]. – Душанбе: «Хумо», 2007. - 448 с.
10. Рустамов К. Таълими забони тоҷикӣ дар мактаб / К. Рустамов// [Текст]. – Душанбе: Маориф, 1993. - 78 с.
11. Сетлин В.С. Доступность и трудность в обучении / В.С. Сетлин// [Текст]. М.: Знание, 1984. – 180 с.
12. Скаткин М.Н. Активизация познавательной деятельности учащихся в обучении / М.Н. Скаткин // [Текст]. -М.: Педагогика, 1965. – 48 с
13. Скиннер Б.Ф. Наука о поведение человека / Б.Ф. Скиннер // [Текст]. Ню - йорк. 1953. - 124 с.
14. Тошбева З. Рушди қобилияти эҷодии хонандагон тавассути технологияи педагогии таълим. / Технологияи педагогии таълим ва нақши он дар ташкили корҳои эҷодии хонандагон. / З. Тошбева // [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 2015. - 352 с.
15. Ушинский К.Д. Собрание сочинений Т.1. / К.Д. Ушинский // [Текст]. - М.: Изд - во АПН РФСР, 1948. – 740 с.

## ТАЪЛИМИ БАРНОМАРЕЗИШУДА ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР АЗХУДКУНИИ ДОНИШҲО

Дар мақолаи мазкур нақши барномарезии таълим, ки дар таҷрибаи воқеии мактаб истифодаи маҳдуд дошта, асосан аз рӯи як қатор фанҳои таълимӣ ва шаклҳои фаъолияти таълимӣ, махсусан репродуктивӣ истифода бурда мешавад ва бо такроркунӣ, мустаҳкамкунӣ, ҳамчунин назорати тестии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо алоқаманд мебошад, баррасӣ шудааст. Аз ин гуфтаҳо метавон мушоҳида кард, ки дар ҳама ҳолатҳо сухан дар бораи тадриҷан коҳиш додани ёрӣ ба талабагон дар раванди амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ва ба субъектҳои ин фаъолият табдил додани онҳо меравад. Равшан аст, ки ин ҳолат дар ташкили раванди таълим ҳам аз нигоҳи назария ва ҳам аз нигоҳи амалия хеле муҳим аст, чунки дарку фаҳми ниятҳо, ҳадафҳо ва тарзҳои таълим, дарку фаҳми худ ҳамчун субъекти фаъолият, ташкили чунин таълимеро тақозо менамояд, ки дар он фаъолмандӣ ва мустақилияти таълимгирандагон, табдилёбии тадриҷии онҳо аз объекти таъсири педагогӣ ба субъекти фаъолияти таълимии амалишаванда инкишоф дода мешавад. Чунин гузариш ҳамон вақт имконпазир аст, ки агар муносибатҳои байниҳамдигарии муаллим ва хонанда, ки дар рафти инкишофи онҳо амалҳои фаъол тадриҷан ба таълимгиранда интиқол дода шавад, амалӣ карда шавад.Чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки бо вуҷуди муҳим будани усули “барномарезии таълим” дар кори донишазхудкунии хонандагон аз методи ташаккули мустақилияти фардии хонандагон дар ин раванд сарфи назар кардан мувофиқи мақсад нест. Зеро ки дар ягонагӣ истифода кардан аз ин ду усул самаранокии аз ҷониби хонандагон аз худ кардани донишҳо дучанд менамояд ва ба мустақилияти фардии онҳо таъсири дилхоҳ мерасонад.

**Калидвожаҳо:** таълим, муаллим, барномарезӣ, таҷриба, хонандагон, омехта, алгоритм, дидактика, мустақил, инфиродӣ.

## ПРОГРАММИРОВАННОЕ ОБУЧЕНИЕ И ЕГО ЗНАЧЕНИЕ В ПРИОБРЕТЕНИИ ЗНАНИЙ

В данной статье роль учебного программирования, имеющего ограниченное применение в реальной школьной практике, в основном используется в ряде учебных предметов и форм учебной деятельности, особенно репродуктивной, и связана с повторением, закреплением, а также проверкой и контролем знаний, навыков и умений. Из этих утверждений можно заметить, что во всех случаях речь идет о постепенном сокращении помощи учащимся в процессе осуществления учебной деятельности и превращении их в субъектов этой деятельности. Понятно, что это положение очень важно в организации образовательного процесса, как с точки зрения теории, так и с точки зрения практики, ведь понимание намерений, целей и методов воспитания, понимание себя как субъекта деятельности, требует организации такого образования, при котором развивается активность и самостоятельность обучающихся, их постепенное превращение из объекта педагогического воздействия в субъект реализуемой образовательной деятельности. Такой переход возможен только в том случае, если взаимные отношения между учителем и учеником, в ходе их развития, активные действия постепенно переносятся на ученика. индивидуальная самостоятельность учащихся в этом процессе. Потому что совместное использование этих двух методов удваивает эффективность обучения учащихся и оказывает желаемое влияние на их индивидуальную самостоятельность.

**Ключевые слова**: обучение, учитель, программирование, опыт, студенты, смешанный, алгоритм, дидактика, самостоятельный, индивидуальный.

**PROGRAMMING LEARNING AND ITS SIGNIFICANCE IN KNOWLEDGE ACQUISITION**

In this article, the role of educational programming, which has limited use in real school practice, is mainly used in a number of academic subjects and forms of educational activities, especially reproductive ones, and is associated with repetition, consolidation, as well as verification and control of knowledge, skills and abilities. From these statements, it can be seen that in all cases we are talking about a gradual reduction in assistance to students in the process of carrying out educational activities and turning them into subjects of this activity. It is clear that this provision is very important in the organization of the educational process, both from the point of view of theory and from the point of view of practice, because understanding the intentions, goals and methods of education, understanding oneself as a subject of activity, requires the organization of such education, in which activity and independence of students, their gradual transformation from an object of pedagogical influence into a subject of ongoing educational activities. Such a transition is possible only if the mutual relations between the teacher and the student, in the course of their development, are gradually transferred to the student. individual independence of students in this process. Because the combined use of these two methods doubles the effectiveness of student learning and has the desired effect on their individual autonomy.

**Key words:** learning, teacher, programming, experience, students, mixed, algorithm, didactics, independent, individual.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аминова Иқболбӣ Қурбоновна*** **-** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои педагогӣ, и.в.дотсенти кафедраи педагогика. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт,кӯчаи Э.Муҳиддинов, 63. Телефон: **988-04-81-20**

**Сведения об авторе**: ***Аминова Икболби Курбоновна*** **-** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, кандидат педагогических наук, и.о.доцента кафедры педагогики. **Адрес:** Республика Таджикистан, район Рашт, улица Э.Мухиддинова, 63. Телефон: **988-04-81-20**

**Information about the author:** ***Aminova Ikbolbi Kurbonovna*** - Tajik Pedagogical Institute in the Rasht region, Candidate of Pedagogical Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Pedagogy. Address: Republic of Tajikistan, Rasht district, E. Mukhiddinov street, 63. Phone: **988-04-81-20**

УДК:37.018

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ

*Абдураҳмони Муҳаммадӣ*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ба инкишофи инсон, хусусан, айёми кӯдакӣ муҳити оила таъсири калон мерасонад. Дар хонадон, одатан, инкишоф ва ташккулёбии аввалин ҳаёти инсон ҳалли худро меёбад. Кӯдак одатан инъикоси дақиқи оилае мебошад, ки дар он рушду камолот меёбад. Оила аз бисёр ҷиҳат шавқмандӣ ва талабот, ақида ва ояндаи кӯдакро муайян мекунад. Оила як узви кӯчаки ҷомеа ба шумор меравад.

Оилаи имрӯзаи ҷомеаи демократии мо табиатан аз он оилаҳои қаблан панҷоҳ соли пештара, агарчи ҳоло ноқисиҳои моддӣ дошта бошад ҳам, аз нигоҳи диду фаросат фарқ мекунад. Тавассути бемайлон болоравии илму техника, системаи бозоргонии замон ва тибқи матбуоти даврӣ ва телевизион сатҳи фаҳмишаш хеле боло гирифтааст. Акнун нисбати маърифатнокии ворисон беэътиборӣ зоҳир намекунад.

Аз ин рӯ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» волидайн ва шахсони ивазкунандаи онҳоро ба тариқи зайл вазифадор мекунад: «Барои сиҳатии ҷисмонӣ ва равонии бача пайваста ғамхорӣ кунанд, ӯро ба мактаб омода ва барои инкишофи қобилиятҳои вай шароити зарурӣ муҳайё созанд; ҳуқуқ ва қадру қимати бачагонро ҳимоя намоянд; фарзандонро дар руҳияи башардӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳисси накукорӣ, раҳмдилӣ, муносибати боэҳтиромона нисбати аҳли хонавода, забони модарӣ, адабиёту таърих, эҳтиром нисбати арзишҳои миллӣ, таърихӣ, фарҳангии дигар халқҳо тарбия намоянд; ба бачаҳо барои гирифтани маълумот дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ мусоидат намоянд ва ё дар хона шароит муҳайё созанд, ки дар сатҳи талаботи давлатӣ маълумот гиранд; фарзандонро дар руҳияи эҳтиром ба қонун, ҳуқуқ ва озодии инсон, риояи қоидаҳои ҳаёт тарбия намоянд»*.

Волидайн ва шахсони онҳоро ивазкунанда, агар садди роҳи маълумотгирии фарзандон шаванд ва ё ба тарбияи онҳо беэътиборӣ зоҳир кунанд, мутобиқи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Азбаски сатҳи зиндагӣ ва маълумотнокии падару модарон гуногунанд, тарбияи кӯдакон ҳам як хел нест. Дар қатори оилаҳои беҳтарин оилаҳое низ ҳастанд, ки ба шароити мусоиди зиндагӣ нигоҳ накарда, дар тарбияи фарзандон мусоҳалакорӣ мекунанд, ба камбудиҳо роҳ медиҳанд.

Дар як қисм оилаҳо, бахусус баъзе оилаҳои ҷавон аз сабаби камтаҷрибагии волидайн тарбияи кӯдакон коста мешавад. Яке аз сабабҳои он дар оила аз ҳад зиёд ҳукмравоӣ доштани калонсолон аст, ки кӯдакон аз тарс аз мустақилона рафторкунӣ маҳрум мешаванд. Дар чунин вазъият майлу рағбат, озодии онҳо фишор меёбад ва дар рушду камолоти маънавӣ маҳдуд мегарданд.

Масъалаҳои вобаста ба тарбияи оилавии кӯдакон дар замони муосир муҳиммияти зиёд доранд. Тавре ки муҳаққиқ И.Ю. Кулчитская мегӯяд, падидаи волидайн бо падидаи муҳаббати волидайн ба сифати роҳи аз ҳама самарабахши таълиму тарбия робитаи зич дорад: ин муҳаббат байни марду зан, муҳаббат ба Ватан, писарон, муҳаббат ва баъзе намудҳои дигар ва дар ниҳоят муҳаббати волидайн алоқаманд мебошад. Маҳз аслияти муҳаббати чунин ҳиссиёт, ба монанди муҳаббати волидайн зоҳир мешавад. Моҳияти ин ҳисс фидокорӣ мебошад. Ҳарчанд муҳаббати волидайн набошад, беэътиноӣ нисбати вақте, ки онҳо чизеро дӯст намедоранд, баръакси ҳама чиз ошкор мешавад Муҳаббати падару модарӣ

* Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Моддаи 35, банди 2

арзишманд мебошад, аммо, он хоҳиши такмил додани фарзандашро бозмедорад [6,с.26].

Дар ҷомеаи мо, мегӯяд ҷомеашинос Л.В. Картсева, мавқеъ дар ҳамбастагии се сатҳи субъектҳо: ҷомеа, оила ҳамчун як гурӯҳи хурди иҷтимоӣ ва шахс тағйир ёфт. Ҳатто дар давраи пеш аз ислоҳот, зинанизоми муносибатҳои онҳо ба (аҳром) пирамида монанд буд, ки дар заминаи он шахс воқеъ аст ва дар боло ҷомеа аст, имрӯз мавқеъҳо ба куллӣ тағйир ёфтанд: шахс мавқеи болоӣ, пешбарро гирифт, дар ҳоле ки ҷомеа дар сатҳи поёнтар, тобеътар пайдо шуд. Оила мавқеи марказии худро дар зинанизом нигоҳ дошт ва ҳамчун хатту нуқтае барои ҳалли ихтилофҳо байни ҷомеа ва шахс ҳамчунон монеа шуд [3,с.94].

Проблемаҳои иҷтимоию иқтисодии волидони муосир:

- буҳрони демографӣ. Муҳаққиқ В.В. Бодрова нишон медиҳад, ки буҳрони иҷтимоию иқтисодӣ ба кам шудани шумораи кӯдакон дар оила таъсир расонидааст ва мушкилиҳои зиндагӣ ҳамчун ҳисси тарс ва номуайянӣ ба вуҷуд омадаанд;

- мутобиқгардонии оилаи муосир ба бад шудани вазъи моддӣ ва иқтисодии онҳо. Паст шудани сатҳи зиндагӣ дар натиҷаи кам шудани якбораи даромадҳо, кам шудани манбаъҳои даромади онҳо, зиёд шудани бекорӣ ва набудани даромади муқаррарӣ, ҳатто ҳангоми шуғли пурраи кор, боиси маҳдуд шудани ниёзҳои дигар - хонавода, физиологӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва маънавӣ мегардад.

Рад кардани издивоҷ ё қатъи сунъии он барои ҳаллу фасли мушкилоти оила самарабахш нест ва аз ин рӯ, ин стратегияҳоро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ номидан мумкин нест.

Заиф шудани институти табиии модар. Муносибатҳои оилавӣ аксар вақт бефоида ва беманфиат мешаванд, шумораи «кӯдакони партофташуда» меафзояд, инчунин нисбати волидони зинда беэътиноӣ зоҳир мешавад. Ба ном таваллуд кардани модар пайдо мешавад. Кӯдакони берун аз оила ятимҳои иҷтимоӣ ҳастанд ва шумораашон хеле зиёд аст. Аммо боз кӯдакони кӯча ҳастанд. Инҳо кӯдаконе мебошанд, ки сарпаноҳ надоранд, бе кумаки волидон ё хешовандон мондаанд [4, с.205].

Паст шудани вазифаи репродуктивии оила ҳамчун посух ба ноустувории иҷтимоию иқтисодӣ, пеш аз ҳама, оилаҳое, ки сатҳи баланди фарҳангӣ ва масъулияти баланд доранд, қарзи падару модарӣ нисбат ба фарзандон мебошад. Аз ин рӯ, гуфта метавонем, ки коҳиши нақшаҳои репродуктивии аҳолӣ як навъ вокуниш ба ноустувории иқтисодӣ ва сиёсӣ аст.

Тағйирот дар иҷрои вазифаҳои иҷтимоии оила. Вазифаи репродуктивӣ дар шакли кам иҷро карда мешавад. Миқдори кӯдакони таваллудшуда аз миқдори камтар аз идеалӣ хеле камтаранд. Волидайн вазифаи таълимиро на камтар фаъолона иҷро мекунанд. Танҳо каме аз нисфи зану шавҳарон дар издивоҷи расмӣ вақти зиёдро барои тарбияи фарзанд сарф мекунанд. Қариб аз се як ҳиссаи онҳо (29%) ба кӯдакон аз ин вазъу ҳолат ба кор ҷалб карда мешаванд. Сабабҳо хеле прагматикӣ мебошанд: мушкилоти молиявӣ (34%), сарбории аз ҳад зиёди кор (31%), миқдори зиёди корҳои хона (14%), набудани дониш ва таҷрибаи зарурӣ (8%) [3,с.98].

Ноустувории вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, идеологӣ, бадном кардани бисёр дастурҳои ахлоқӣ, фишори равонии оммавиро ба вуҷуд меорад, ки ба саломатии

умумии равонӣ ва ҷисмонии одамоне, ки ҳоло дигаргуниҳои амиқро дар соҳаҳои эҳтиёҷот ва ҳавасмандгардонӣ, набзи ҳаёт, фазои фаъолият, таҷрибаҳои эҳсосотӣ, ҷанбаҳои ахлоқӣ ва арзишманд аз сар мегузаронанд, таъсир мегузорад [8].

Мушкилоти психологиву педагогии оилаи муосир. Нуфузи оила ҳамеша тағйирёбанда аст ва боқӣ хоҳад монд, барои он ки оила маркази қонеъ кардани ниёзҳои зиёд аст: табиӣ, биологӣ, психологии иҷтимоӣ, психологии инфиродӣ, ҳамчун шахсият, ҳамчун узви воқеӣ.

Сарфи назар аз ҳама дигаргуниҳое, ки оила дар ҷанбаи институтсионалӣ аз сар гузаронд, он ҳамчун яке аз арзишҳои муҳим барои инсон боқӣ мемонад. Имрӯз ҳам мардон ва ҳам занон баробар ба эҳсосоти самимӣ, садоқат ва ҳамдардӣ, ки дар муносибатҳои хонаводагӣ ва оилавӣ муҳимманд, ниёз доранд.

Танҳо як оилаи устувор, ба расмият даровардашуда барои таълим ва иҷтимоигардонии фарзанд шароити мусоид ва зарурӣ фароҳам меорад. Дар ҷомеаи муосир, тағйири нақшҳои оилавии падару модарон рух додааст. Тибқи нишондодҳои муаррихон, дар маҷмуъ, дар аввал руҳияи ғуломдорӣ дар муносибатҳои байни падару модарон ва фарзандон бартарӣ дошт [5,с.206]. Аммо Н.И. Костомарова зикр мекунад, ки «фарзандон дар ҳузури падару модари худ, аз кӯдакӣ ёд гирифтанд, ки онҳоро дар баробари ҳамсолони таҳқир кунанд». Сатҳи пасти иҷтимоии занон то асри XIX то андозае ҳатто ҳуқуқҳои модарии онҳоро маҳдуд мекард. «Ба ӯ ва аҳёнан ба фарзандони худ таъсир мегузоштанд, аз он, ки як зани шариф ба шири сина додани кӯдакон носолим ҳисобида мешуд, ки ба ҳамшираи шафқат вогузор мешуд; баъдтар модар нисбат ба мураббияҳо ва хешовандон, ки фарзандони худро дар зери сарпарастии падар ба воя расонданд, назоратро камтар ба роҳ монданд» [5,с.206].

Ҷудокунии нақшҳои модарӣ ва падарӣ вобаста ба қабати иҷтимоӣ хеле фарқ мекард. Дар оилаҳои деҳқонӣ, ба гуфтаи муҳаққиқ Б.Н. Миронова, «то синни 7-солагӣ кӯдаконро танҳо модаронашон ба воя мерасонданд, аммо аз ин син (н) писарони онҳо тадриҷан зери назорати падар буданд ва онҳо малака ва қобилиятҳоеро, ки деҳқон бояд донад, ташаккул медоданд ва духтарон зери назорати модар буданд. Таълими малакаҳои меҳнатӣ дар ҷойи аввал буд» [7,с.238].

Дар муошırати байнифарҳангӣ мушкилоти бештар ҳангоми тарҷумаи иттилоот аз як забон ба забони дигар ба миён меояд. Аён аст, ки тарҷумаи комилан дақиқ аз сабаби тасвирҳои гуногуни ҷаҳон аз ҷониби забонҳои гуногун имконнопазир аст.

Ҳолати маъмултарини номутобиқати забонӣ мавҷуд набудани муодили дақиқ барои ифодаи мафҳуми мушаххас ва ҳатто мавҷуд набудани худи мафҳум мебошад. Сабаб дар он аст, ки мафҳум ё ашёе, ки бо ин гуна истилоҳот ифода мешаванд, хосси як фарҳанги додашуда буда, дар фарҳангҳои дигар вуҷуд надоранд ва аз ин рӯ, истилоҳоте барои ифодаи онҳо вуҷуд надоранд.

Шояд вазъиятҳои душвортарин дар муошırати байнифарҳангӣ ҳолатҳое бошанд, ки як мафҳум бо тарзҳои гуногун дар забонҳои гуногун ифода мешавад (мисоли рангҳо ба забони тоҷикӣ ва англисиро ба ёд оред). Гап дар сари он аст, ки маънои калима бо як мафхуми луғавӣ (денотатсияи калима) маҳдуд нашуда, бештар ба мувофиқати луғавӣ ва фразеологии он - ифодаи фарҳангии халқ дар бораи предмету падидаҳои алоҳидаи воқеият вобаста аст. Мутобиқати комили ҷанбаҳои номбаршудаи калима амалан ғайриимкон аст ва аз ин рӯ, тарҷумаи калимаҳо танҳо бо ёрии луғат имконнопазир аст, ки рӯйхати дарози маънои эҳтимолии калимаи тарҷумашударо медиҳад. Ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ ва дар муошират истифода бурдани он вожаҳоро на алоҳида аз рӯйи маъно, балки дар таркиби табиӣ, устувортарин таркибҳои хосси ин забон аз ёд кардан ва истифода бурдан лозим аст.

**Муқарриз: Ҷ.Алимӣ- профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Азимов, Э. Г. Новый словарь методических терминов и понятий (теория и практика обучения языкам) /Э.Г.Азимов, А.Н.Щукин. - М.: Издательство ИКАР, 2009.-448 с.
2. Выготский, Л.С. Развитие высших психических функций /Л.С.Выготский. Под редакцией А.Н.Леонтьева, А.Р.Лурия, Б.М.Теплова. -М.: Издательство Академии педагогических наук, 1960. - 488 с.
3. Гальскова, Н.Д. Соотношение дидактики, лингводидактики и методики обучения иностранным языкам //Методика обучения иностранным языкам: традиции и современность/Н.Д.Гальскова. - М.: Титул, 2010. - 192 с.
4. Леонтьев, А.А. Основы психолингвистики /А.А.Леонтьев. - М.: Смысл, Академия, 1999. - 288 с.
5. Леонтьев, А.А. Что такое деятельностный подход в образовании?/А.А.Леонтьев// Начальная школа: плюс-минус. - 2001. - № 1. - С. 3-6.
6. Тер-Минасова, С.Г. Язык и межкультурная коммуникация /С.Г.Тер-Минасова. - М.: Слово, 2000. - 624 с.
7. Фещенко, В.В. Язык как творчество и творчество в языке: к истории лингвистической идеи /В.В.Фещенко //Критика и семиотика. Вып. 17, 2012. - С. 84-94.
8. Шарифзода, Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ /Ф.Шарифзода, Ф., А.М.Миралиев. - Душанбе: Ирфон, 2012. -570с.
9. Щерба, Л.В. Преподавание иностранных языков в средней школе. Общие вопросы методики /Л.В.Щерба. Под ред. И.В.Рахманова.-2-е изд. - М.: Высшая школа, 1974. - 112 с.
10. Aitken V. Dorothy heathcote’s mantle of the expert approach to teaching and Learning: a Brief introduction // Connecting Curriculum, Linking by Learning Deborah Fraser, Viv Aitken, Barbara Whyte. NZCER Press, 2013. P. 34- 56.
11. Almond M. The Art Of Language Teaching: what teachers can learn from the actor’s craft in Proceedings of International Conference «Performing Arts in Language Learning», Edizioni Novacultur, Roma, 10/2014, P. 38-43.
12. Arnold J. Attention to Affect in Language Learning / Anglistik. International Journal of English Studies, - 2011. 22/1, - P. 11-22.

## МУҲИММИЯТИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ҲАМЧУН ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Мақола тавсиф ва баррасии хусусиятҳои таълими забони модариро ҳамчун забони хориҷӣ фаро мегирад. Ба андешаи муаллиф, ташаккули усулҳои таълими забонҳои хориҷӣ бо саъю кӯшиши доимии методистон ва омӯзгорон барои такмил додани усулҳои мавҷуда ва таҳияи усулҳои нави бештар самарабахши таълим, чи аз нигоҳи аҳамияти методӣ ва чи аз ҷиҳати ҷолибияти диққати онҳо хос аст. Аз ин мавқеъ усулҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар асоси захираҳои таълимии педагогикаи фарҳангӣ баррасӣ карда мешаванд. Муаллиф зикр мекунад, ки таълими лингвистии фарҳангии забон, ки ҳамчун таълими иртиботии забони хориҷӣ (тоҷикӣ) дар асоси воситаҳои педагогикаи фарҳангӣ фаҳмида мешавад, ба самтҳои ба истилоҳ алтернативии таълими забони хориҷӣ дахл дорад, ки асосан дар доираи таҳсилоти ғайрирасмӣ истифода мешавад ва ба андешаи мо, ба тамоюлҳои методологии замони муосир, аз қабили ба назар гирифтани манфиат ва талаботи шахсии донишҷӯён, самти прагматикии таълим, ҳамгироии муколамаи фарҳангҳо дар раванди азхудкунии забони хориҷӣ мувофиқат мекунад.

Андешаҳояшро ҷамъбаст карда, муаллиф хулоса мекунад, ки шояд вазъиятҳои душвортарин дар муоширати байнифарҳангӣ ҳолатҳое бошанд, ки як мафҳум бо тарзҳои гуногун дар забонҳои гуногун ифода мешавад (масалан рангҳо ба забони тоҷикӣ ва англисиро ба ёд оред). Гап дар сари он аст, ки маънои калима бо як мафҳуми луғавӣ (денотатсияи калима) маҳдуд нашуда, бештар ба мувофиқати луғавӣ ва фразеологии он - ифодаи фарҳангии халқ дар бораи предмету падидаҳои алоҳидаи воқеият вобаста аст. Мутобиқати пурраи ҷанбаҳои номбаршудаи калима амалан ғайриимкон аст ва аз ин рӯ, тарҷумаи калимаҳо танҳо бо ёрии луғат имконнопазир аст, ки рӯйхати дарози маънои эҳтимолии калимаи тарҷумашударо медиҳад. Ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ ва дар муошират истифода бурдани он вожаҳоро на аз рӯйи маъно, балки дар таркиби табиӣ, устувортарин таркибҳои хосси ин забон аз ёд кардан ва истифода бурдан лозим аст.

**Калидвожаҳо:** хусусиятҳо, дидактика, таълим, забони модарӣ, забони хориҷӣ, маънои калима, омӯзиши забони хориҷӣ, тарҷума, луғат, байнифарҳангӣ, забонӣ-фарҳангӣ, падидаҳо, мувофиқати луғавӣ.

## ЗНАЧИМОСТЬ ПРЕПОДАВАНИЯ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА КАК ИНОСТРАННОГО

В статье описываются и обсуждаются особенности обучения родному языку как иностранному. По мнению автора, развитие методики обучения иностранным языкам характеризуется постоянными усилиями методистов и преподавателей по совершенствованию существующих методик и разработке новых, более эффективных методов обучения как с точки зрения методологической значимости, так и привлекательности. С этой точки зрения рассматриваются методы обучения иностранным языкам на основе образовательных ресурсов лингвокультурологии. Автор отмечает, что лингвокультурологическое обучение языку, под которым понимается коммуникативное обучение иностранному (таджикскому) языку на основе лингвокультуры, относится к так называемым альтернативным направлениям обучения иностранному языку, которые в основном используется в неформальном образовании, соответствует современным методологическим тенденциям, таким как учет личных интересов и потребностей учащихся, прагматическая направленность образования, интеграция межкультурного диалога в процесс обучения иностранному языку. Обобщая свои суждения, автор приходит к выводу, что, наиболее сложными ситуациями в межкультурной коммуникации являются те, в которых концепт выражается по-разному - избыточно или недостаточно - в разных языках (вспомним пример наших цветов в таджикском и английском языках). Дело в том, что значение слова не ограничивается одним лексическим понятием (обозначением слова), а больше зависит от его лексико-фразеологического соответствия - культурного выражения народом тех или иных предметов и явлений действительности. Полное совпадение перечисленных видов слова практически невозможно, и поэтому перевод слов невозможен только с помощью словаря, дающего длинный список возможных значений переводимого слова. При изучении иностранного языка и использовании его в общении необходимо запоминать и употреблять слова не по смыслу, а естественным, устойчивым образом.

**Ключевые слова:** особенности, дидактика, образование, родной язык, иностранный язык, значение слова, изучение иностранного языка, перевод, словарь, межкультурный, лингвокультурный, явления, лексическая сочетаемость.

## THE IMPORTANCE OF TE ACHING TAJIK AS A FOREIGN LANGUAGE

The article describes and discusses the features of teaching the native language as a foreign language. According to the author, the development of foreign language teaching methods is characterized by the constant efforts of methodologists and teachers to improve existing methods and develop new, more effective teaching methods, both in terms of methodological significance and attractiveness. From this point of view, the methods of teaching foreign languages on the basis of educational resources of linguoculturology are considered. The author notes that linguoculturological language teaching, which is understood as communicative teaching of a foreign

(Tajik) language based on linguoculture, refers to the so-called alternative areas of teaching a foreign language, which are mainly used in non-formal education. It corresponds to modern methodological trends, such as taking into account personal interests and needs of students, the pragmatic orientation of education, the integration of intercultural dialogue in the process of teaching a foreign language. Summarizing his judgments, the author comes to the conclusion that the most difficult situations in intercultural communication are those in which the concept is expressed differently - redundantly or insufficiently - in different languages (recall the example of our colors in Tajik and English). The fact is that the meaning of a word is not limited to one lexical concept (word designation), but rather depends on its lexical and phraseological correspondence - the cultural expression of the people on certain objects and phenomena of reality. A complete match of the listed types of words is practically impossible, and therefore the translation of words is impossible only with the help of a dictionary that gives a long list of possible meanings of the translated word. When learning a foreign language and using it in communication, it is necessary to memorize and use words not according to their meaning, but in a natural, stable way.

**Key words:** features, didactics, education, native language, foreign language, word meaning, foreign language learning, translation, dictionary, intercultural, linguocultural, phenomena, lexical compatibility.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобоев Бахтовар Сулаймонхонович*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров,16. Телефон: **918109515**

**Сведения об авторе**: ***Бобоев Бахтовар Сулаймонхонович*** - Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, соискатель. **Адрес:** Республика Таджикистан, город.Куляб, улица С.Сафарова, 16. Телефон: **918109515**

**Information about the author:** ***Boboev Bakhtovar Sulaimonhonovich*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant. Address: Republic of Tajikistan, city of Kulyab, S. Safarov street, 16. Phone: **918109515**

УДК 37.091.3:004

# ҶОРӢ НАМУДАНИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ИРТИБОТИИ МУОСИР ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

*Арабов М.Қ., Табарзода О.С., Саъдуллозода О.З.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замони рушди босуръати илму техника фаъолияти пурсамари инсоният сахт бо техника ва технология, хусусан технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ (ТИИ) вобастагӣ дорад [1, с.12]. Маҳз ТИИ –и муосир, сабаби роҳҳаттар гардидани ҷойи кор, тез ва самарбахш гардидани натиҷаи он мегарданд. Мусаллам аст, ки дар корхонае ё муассисае, ки аз ТИИ муосир васеъ истифода мебаранд, натиҷаи кор ва фазои корӣ ранги дигар дошта, дар байни дигар корхонаҳо (муассисаҳо) дорои маъруфияти хос мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар шароити иқтисоди бозоргонӣ барои ташкил намудани ҷойи корӣ, пеш аз ҳама, ниёз ба мутахассисони варзида пайдо мешавад. Барои ҳалли ин масъала, зарур аст, ки дар раванди таълим ТИИ-и нав ва муосир ҷорӣ карда шавад. Бо ҷорӣ намудани ТИИ-и муосир дар раванди таълим, муассисаи олӣ метавонад, кадрҳое омода кунад, ки диди замонавӣ дошта, дар бозори меҳнат рақобатпазир ва серхаридор бошанд. Муассисае, ки дар ТИИ – и нав ҷорӣ карда мешавад, дар байни дигар муассисаҳо пешқадам буда, ҳамаи дохилшавандагон кӯшиш ва орзу мекунанд, ки ба он дохил шуда, диплом ба даст оваранд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷорӣ намудани ТИИ-и муосир боиси:

ҳавасманд гардидан ба таҳсилот; дуруст интихоб намудани масири фаъолияти оянда; рақобатпазир ва серталаб будан дар бозори меҳнат; ҳамқадами замон будан мегардад.

Дар ин росто, ба масъалаи информатизатсиякунонии ҷомеа, ки яке аз масъалаҳои мубрами рӯз дар замони муосир ба ҳисоб меравад, бояд диққат дода шавад. Маҳз ТИИ сабаб шуд, ки масъалаҳои қаблан ҳалнашаванда ҳалли худро ёфтанд ва инсоният тавонист корҳоеро, ки чандин сол ғайриимкон буданд, имконпазир гардонад.

Акнун зарурати ҷорӣ намудани ТИИ-и муосирро барои ихтисосҳои ба ТИИ вобаста мавриди баҳс қарор медиҳем.

Бегуфтугӯ, барои ихтисосҳои ба информатика (информатикаи амалӣ, амнияти компютерӣ, муҳандисӣ, барноманависӣ, системаҳои иттилоотӣ ва ғайра) вобаста омӯзиши ТИИ-и навин масъалаи аз ҳама асосӣ мебошад. Имрӯз дар аксари муассисаҳои олии кишварамон ихтисосҳои мазкур мавҷуд буда, ҳар сол садҳо донишҷӯ соҳиби онҳо мегарданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар барномаи таълимии ихтисосҳои ба ТИИ вобаста як низоми хос мушоҳида намешавад. Аз як тараф, донишҷӯён асосҳои алгоритмиро (то дастурҳои шартӣ ва массив) дар як забон хонда, семестри оянда ин чизҳоро дар забони дигар такрор мекунанд. Дар муҳитҳои визуалӣ бошад, компонентҳои асосиро дар ягон забон хонда, семестри оянда, айнан ҳамон чизҳоро дар забони дигар такрор мекунанд. Ҳамин тариқ, дар тули 4 - соли омӯзиш аксари донишҷӯён (донишҷӯёне, ки мустақил меомӯзанд, сарфи назар карда мешаванд)

наметавонанд ягон барномаи мушаххас таҳия кунанд. Аз тарафи дигар, фанҳои ба ихтисос новобаста хело зиёд буда, вақти зиёди донишҷӯёро банд карда, барои ҳамчун мутахассис ба воя расидани онҳо монеа эҷод мекунанд. Пас, барои дар сатҳи лозимӣ ба роҳ мондани омӯзиш ва тарбия намудани мутахассисони ба бозори меҳнат ҷавобгӯ, бояд, пеш аз ҳама, барномаи таълим навсозӣ карда шавад. Илова бар ин, дарсҳое, ки самараи онҳо хело кам аст, аз барномаи таълимӣ бояд хориҷ карда шаванд.

Мавриди зикр аст, ки ТИИ дар ҳолати рушди кайҳонӣ қарор доранд, бинобар ин, нақшаи таълимии ихтисосҳои ба он вобаста, бояд ҳар сол тағйир дода шуда, ба ҷойи забонҳо ва техгологияҳои куҳна, технологияҳои нав ҷорӣ карда шаванд. Мутаассифона, то ҳол дар баъзе муассисаҳои олии кишвар забонҳои ба монанди: QBasic, Visual Basic 6, Pascal, Delphi 7 ва ғайра барои ихтисосҳои ба ТИИ вобаста дарс дода мешаванд. Дар натиҷа, пас аз хатм тавассути забонҳои мазкур, донишҷӯ наметавонад кори муносиб пайдо кунад. Мусаллам аст, ки донишҷӯи имрӯза аз донишҷӯи 5-10 сол пештар таҳсилкарда, фарқи калон дошта, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки аз ТИИ-и муосир бохабар бошад. Аммо тадриси технологияҳои куҳна боиси дилсард гардидани онҳо гашта, барои мутахассиси хуб шудан монеа эҷод мекунанд. Донишҷӯи имрӯза забони барноманависӣ ва технологияҳои дигарро аз рӯйи рейтингашон ва инчунин миқдори ҷойҳои корӣ вобаста ба онҳо интихоб ва бартар медонад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва рушди босуръати ТИИ дарс додани ягон забони барноманависии алоҳида созгор намебошад. Пас, зарур аст, ки на забони барноманависӣ, балки муҳит ё платформа интихоб карда шавад, ки донишҷӯ бо омӯхтани он тавонад дилхоҳ лоиҳаро таҳия карда, дилхоҳ масъалаҳоро ҳал кунад. Мавриди зикр аст, ки дар аксари муассисаҳои олии кишвар диққати асосӣ ба муҳити Console (ҳалли мисолҳои математикӣ) ва WinForm дода, Web – барноманависиро сарфи назар мекунанд, ки ин хатои маҳз мебошад. Зеро айни ҳол WinForm нисбат ба Web – барноманависӣ корбурди камтар дошта, тавассути он наметавон кори муносиб пайдо кард.

Барои дуруст интихоб намудани платформа ё забони барномасозӣ метавон аз системаи баҳогузории маъруфияти забонҳои барномасозӣ PYPL, TIOBE, GitHub, StackOverflow, RedMonk ва миқдори ҷойҳои корӣ (талабот дар бозори меҳнат) истифода кард. Ҳоло ин системаҳоро дида мебароем.

**Рейтинг PYPL.** Системаи баҳогузории PYPL (PopularitY of Programming Languages) дар асоси дархостҳои ҷустуҷӯи китобҳо ва маводҳо дар Google таҳия карда шудааст. Он якҷоя бо GitHub, ҷадвали маъруфияти забонҳои барномасозиро тақрибан дар ҳар моҳ таҳия мекунанд.

| Rank | Change | Language | Share | Trend |
|---|---|---|---|---|
| 1 | | Python | 31.17 % | +4.3 % |
| 2 | | Java | 17.75 % | -2.4 % |
| 3 | | Javascript | 7.99 % | -0.3 % |
| 4 | | C# | 7.05 % | -0.2 % |
| 5 | | PHP | 6.09 % | -1.0 % |
| 6 | | C/C++ | 5.67 % | -0.3 % |
| 7 | | R | 3.93 % | -0.1 % |
| 8 | | Objective-C | 2.4 % | -0.4 % |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | | Swift | 2.26 % | -0.1 % |
| 10 | ↑ | TypeScript | 1.89 % | +0.3 % |
| 11 | ↓ | Matlab | 1.81 % | -0.2 % |
| 12 | ↑↑ | Kotlin | 1.55 % | +0.3 % |

**Системаи TIOBE**

Системаи дигари баҳогузории маъруфияти забонҳои барномасозӣ — TIOBE(TIOBE Programming Community Index) — мебошад, ки дар асоси ҷустуҷӯ дар Google, Baidu, Wikipedia, Yahoo ва YouTube тақрибан ҳар моҳ рейтинги забонҳои барномасозиро интишор мекунад.

| May 2020 | May 2019 | Change | Programming Language | Ratings | Change |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | ↑ | C | 17.07% | +2.82% |
| 2 | 1 | ↓ | Java | 16.28% | +0.28% |
| 3 | 4 | ↑ | Python | 9.12% | +1.29% |
| 4 | 3 | ↓ | C++ | 6.13% | -1.97% |
| 5 | 6 | ↑ | C# | 4.29% | +0.30% |
| 6 | 5 | ↓ | Visual Basic (.NET) | 4.18% | -1.01% |
| 7 | 7 | | JavaScript | 2.68% | -0.01% |
| 8 | 9 | ↑ | PHP | 2.49% | -0.00% |
| 9 | 8 | ↓ | SQL | 2.09% | -0.47% |
| 10 | 21 | ↑↑ | R | 1.85% | +0.90% |
| 11 | 18 | ↑↑ | Swift | 1.79% | +0.64% |
| 12 | 19 | ↑↑ | Go | 1.27% | +0.15% |

**Портали GitHub.** Яке аз порталҳои маъруфтарин барои навиштани код ба ҳисоб рафта, ҳар сол рейтинги забонҳои барноманависиро дар асоси кодҳои тавассути он забон дар портал гузошташуда ташкил мекунад [17]. Дар портали мазкур соли 2019 чунин натиҷа ба даст омадааст:

1. JavaScript.
2. Java.
3. Python.
4. PHP.
5. C++.
6. C#.
7. TypeScript.
8. Shell.
9. C.
10. Ruby.

**Системаи StackOverflow.** Системаи мазкур дар асоси истифодаи номи забон дар форумҳо ва овоздиҳӣ рейтинги забонҳоро таҳия мекунад. Натиҷаи соли 2018:

1. Python.
2. JavaScript.
3. Java.
4. C#.
5. PHP.
6. C++.
7. R.
8. SQL.
9. Swift.
10. C.

**Системаи RedMonk.** Портали RedMonk дар асоси натиҷаҳои GitHub ва StackOverflow рейтинги забонҳои барноманависиро таҳия мекунад. Аз системаи аввал миқдори кодҳои интишоршуда ва аз дуюм номи забонҳоро дар форумҳо истифода мебарад. Натиҷаи бадастомада дар соли 2019:

1. JavaScript.
2. Java.
3. Python.
4. PHP.
5. C#.
6. C++.
7. CSS.
8. Ruby.
9. C.
10. Objective-C.

Аз натиҷаҳои бадастомада метавон хулоса баровард, ки забонҳои зерин маъруфияти зиёдеро доро мебошанд:

1) Java /JavaScript
2) Python
3) C/C++
4) C#

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин ҷо забони Java ва Python забонҳои озодасос мебошанд. Барои забони C++ ва C# низ муҳити интегронидашудаи коркарди (МИК) ройгон низ вуҷуд дорад.

МИК ё IDE (Integrated development environment) - системаи воситаҳои барномавӣ мебошад, ки барноманависон онро барои коркарди таъминоти барномавӣ истифода мебаранд.

МИК дорои воситаҳои зерин мебошад:

1. редактори матнӣ;
2. компилятор / интерпретатор;
3. воситаҳои автоматикунонӣ;
4. дебогар (debugger).

Бисёр МИК-ҳои ҳозиразамон дорои мурургари (браузери) классҳо, равзанаи дарахтшакли объектҳо ва диаграммаи дарахтшакли классҳо (барои БОН) мебошанд. МИК-ҳои Eclipse, Embarcadero RAD Studio, Qt Creator, NetBeans, Xcode, Microsoft Visual Studio ва ғайра чунин мебошанд. Дар ҷадвали зерин рейтинги МИК-ҳои гуногун дар асоси ситемаи PYPL оварда шудааст:

| Rank | Change | IDE | Share | Trend |
|---|---|---|---|---|
| 1 | | Visual Studio | 24.54 % | +1.7 % |
| 2 | | Eclipse | 17.56 % | -2.7 % |
| 3 | | Android Studio | 14.72 % | -4.5 % |
| 4 | ↑↑ | Visual Studio Code | 6.92 % | +2.3 % |
| 5 | ↑↑ | pyCharm | 6.76 % | +2.6 % |
| 6 | ↓↓ | NetBeans | 5.71 % | -0.8 % |
| 7 | ↓↓ | IntelliJ | 5.39 % | +0.6 % |
| 8 | ↑↑ | Xcode | 4.45 % | +1.1 % |
| 9 | ↓ | Sublime Text | 3.78 % | -0.1 % |
| 10 | ↓ | Atom | 3.48 % | -0.1 % |
| 11 | | Code::Blocks | 1.97 % | +0.3 % |
| 12 | | Vim | 0.94 % | -0.0 % |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 13 | ↑ | PhpStorm | 0.68 % | -0.0 % |

Аз ин ҷо онҳое, ки дӯстдори технологияҳои .NET (C#, Visual Basic.NET, ASP.NET ва ғайра) ҳастанд, МИК-и Visual Studio интихоби мувофиқ аст. Дар ин муҳит метавон плагинҳои забони Python-ро насб ва ҷурсозӣ намуда, аз забони мазкур низ истифода кард. Плагин (англ. plug-in, аз plug in «пайваст кардан») — модули барномавии новобаста иҷрошаванда буда, ба таври динамикӣ ба барнома пайваст карда шуда, барои васеъ намудани имкониятҳои он истифода бурда мешавад. Одатан, плагинҳо ба сурати китобхонаи алоҳида истифода бурда мешаванд. Барои дӯстдорони Android МИК-и Android Studio мувофиқтар мебошад. Барои дӯстдорони забонҳои монанди Go ва Python метавон аз МИК-и Visual Studio Code истифода кард. МИК-и мазкур ройгон буда, дар он забонҳо ва воситаҳои ба PHP, C/C++, C#, F#, JavaScript, TypeScript, CSS, HTML ва ғайра монанд низ метавонанд бо насби плагинҳои мувофиқ кор кунанд. Илова бар ин, МИК-и мазкур метавонад дар муҳитҳои системаҳои омилии Windows, OS X Yosemite, Linux ва ғайра кор кунад. Бо донистани як забони барноманависӣ наметавон барноманавис шуд. Илова бар ин, донистани системаи идоракунии пойгоҳи додаҳо (СИПД), ки барои захира намудани иттилоот истифода мешаванд, низ лозим аст. Дар системаи PYPL барои СИПД чунин рейтинг мавҷуд аст:

| Rank | Change | Database | Share | Trend |
|---|---|---|---|---|
| 1 | | Oracle | 28.82 % | -0.3 % |
| 2 | | MySQL | 17.99 % | -0.4 % |
| 3 | | SQL Server | 13.85 % | -0.0 % |
| 4 | | Microsoft Access | 8.12 % | -1.0 % |
| 5 | | PostgreSQL | 4.61 % | +0.7 % |
| 6 | | MongoDB | 4.29 % | +0.5 % |
| 7 | | Firebase | 3.59 % | +0.6 % |
| 8 | ↑ | Splunk | 2.64 % | +0.3 % |
| 9 | ↓ | Elasticsearch | 2.6 % | +0.1 % |
| 10 | | Redis | 2.18 % | +0.1 % |
| 11 | | SQLite | 1.79 % | +0.1 % |
| 12 | | DB2 | 1.47 % | -0.1 % |

Тавре ки дида мешавад, дар ин ҷо Oracle, MySQL, SQL Server, Microsoft Access ва PostgreSQL дорои маъруфияти зиёдтар мебошанд. Маъруфияти Oracle аллакай ба ҳама маълум аст. Барои таҳияи Web-лоиҳаҳо одатан аз MySQL истифода бурда мешавад. Дар лоиҳаҳои гуногун низ метавон аз СИПД-и PostgreSQL истифода кард. СИПД-и мазкур СИПД-и ройгон мебошад. СИПД-и Microsoft Access дар лоиҳаҳои калон он қадар корбурд надорад. Пас, аз ин ҷо барои омӯзиш метавон аз PostgreSQL истифода кард.

Яке аз омилҳои асосии интихоби дурусти забони барномасозӣ мавҷуд будани ҷойҳои кори холӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз сомонаҳои маъмул, ки ҳар рӯз дар онҳо 100-ҳо ҷойи корӣ интишор карда мешавад, инҳо мебошанд:

- https://spb.superjob.ru;
- http://www.telejob.ru;
- https://it.rabota.ua;
- https://eurabota.com/job/programmers;
- https://ru.jobrapido.com;

Барои намуна, натиҷаи дар системаи hh.ru бадастомадаро дида мебароем:

| № | Номи вазифа | Миқдори ҷойи кор | Миқдори максималии маош |
|---|---|---|---|
| 1) | Basic(QBasic) - барноманавис | 0 | 0 |
| 2) | Visual Basic 6 - барноманавис | 7 | 50-60 |
| 3) | Delphi - барноманавис | 12 | 70-19 |
| 4) | C++-барноманавис | 75 | 170 000 |
| 5) | C#-барноманавис | 224 | 260 000 |
| 6) | JavaScript-барноманавис | 225 | 150 000 |
| 7) | Python –барноманавис | 232 | 4000-7000 евро |
| 8) | Backend – барноманавис | 282 | 2000 – 4000 евро |
| 9) | 1C-барноманавис | 452 | 300 0000 |
| 10) | Frontend – барноманавис | 543 | 250 000 |
| 11) | Java-барноманавис | 643 | 300 000 |

Ҳарчанд ки 1С дар рӯйхати рейтинги забонҳои барноманависӣ мавҷуд нест, аммо солҳои охир дар кишварҳои пасошуравӣ ва ҳатто берун аз он маҳбубияти хоссаеро касб кардааст. Бинобар ин, барои ихтисосҳои ба иқтисодиёт вобаста метавон аз он васеъ истифода намуд. Бо назардошти ин таҳлилҳо барои омӯзиш метавон аз забонҳои зерин истифода бурд:

1) Visual Studio ва забони C#. Забони мазкур яке аз забонҳои пурқудрат буда, метавон тавассути он дилхоҳ лоиҳа ба монанд замимаҳои Windows (WinForm), Web-коркардҳо ва сомонаҳо (ASP.NET ва ASP.NET Core), барнома барои телефонҳои мобилӣ (Xamarin), бозиҳои компютерӣ (Unity) ва ғайраро таҳия кард.

2) Visual Studio Code ва забони Python. Тавассути забони мазкур низ метавон барномаҳои сатҳҳои гуногун, ба монанди замимаҳои Windows (TKinter), Web-коркардҳо ва сомонаҳо (Django, Pyramid, TurboGears, Web2py ва ғайра), барнома барои телефонҳои мобилӣ (Kivy,), бозиҳои компютерӣ (PyGame) ва ғайраро таҳия кард. Тавре ки дар боло дидем, забони Python ба маъмултарин забонҳои барноманависӣ дохил шуда, метавон онро барои таҳлили иттилооти бузург, корҳои муҳандисӣ, зеҳни сунъӣ ва омӯзиши мошинӣ, тадқиқоти илмӣ ва ғайра истифода бурд. Пас аз як назарсанҷие, ки аз ҷониби https://opensource.com/ гузаронида шуд, чунин натиҷа ба даст омадааст:




3) Забони java ва МИК-ҳои мисли: NetBeans - барои омӯзиш ва таҳияи лоиҳаҳои гуногун, Jdeveloper - барои таҳияи дилхоҳ лоиҳаҳои забонҳо ва технологияҳое, мисли: Java, JavaScript, BPEL, PHP, SQL, PL/SQL, HTML, XML ва ғайраро пуштибоникунанда ва Android Studio - ҷиҳати таҳияи барномаҳо барои телефонҳои мобилии таҳти системаи омилии Android коркунанда ва ғайраро истифода кард.

Тавре ки дида мешавад, дар ягон руйхати рейтинги Pascal, QBasic, Visual Basic 6 Delphi 7 мавҷуд набуда, аз онҳо тақрибан ба ғайр аз ҳолатҳои истисноӣ истифода

бурда намешавад. Бинобар ин, ҳангоми омӯзишро тавассути онҳо сар кардан, завқу ҳаваси донишҷӯ аз ТИИ дур гашта, дар муҳити танг ба воя мерасад ва дар натиҷа наметавонад кори дилхоҳашро ба даст оварад.Қайд кардан бамаврид аст, дар ин ҷо диққати асосӣ ба МИК-ҳои ройгон ва маъмул, ки тавассути онҳо метавон дилхоҳ лоиҳаро таҳия кард, дода шудааст.Пас аз интихоби забони барноманависӣ ва МИК-и дилхоҳ, масъалаи дигар ташкил ва ба роҳ мондани усули тадриси он ба ҳисоб меравад.

Мавриди зикр аст, ки масъалаи омӯзиши барноманависӣ ва кор дар соҳаи технологияи барноманависӣ олимоне, мисли Г. Буч, Ф. Брукс, Э. Иодан, Б.Страуструп, Э. Дейкстра ва ғайра корҳои зиёдеро анҷом додаанд. Оиди масъалаи методикаи омӯзиши барноманависӣ бошад, корҳои Е.Г. Андросов, А.Г. Гейн, С.Г. Григорев, А.П. Ершов, В.Е. Жужжалов, А.А. Кузнетсов, И.С. Спирин, М.Н. Лапчик, Е.К. Хеннер ва ғайра қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Дар бораи масъалаи баланд бардоштани қобилияти зеҳнӣ ва алгоритмии донишҷӯён бошад, корҳои Е.И. Бидайбеков, В.Д. Голиков, В.П. Добрис, В.Н. Касаткин, А.В. Копаев, Н.А. Кринитский, Л.Н. Ланда, М.П. Лапчик, И.В. Левченко, Л.Г. Лучко, Н.А. Радюк, Н.М. Розенберг, А.Л. Семенов, В.А. Успенский, Г.В. Хамер, Б. Чада ва ғайра намоён мебошанд. Новобаста ба корҳои зиёди анҷомшуда, масъалаи методикаи омӯзиши барноманависӣ то ҳол яке аз масъалаҳои кушода дар илми педагогика ба ҳисоб меравад. Барои дуруст ба роҳ монадани тадриси барноманависӣ бояд ба якчанд мавридҳо диққати асосӣ дод. Аввал он ки, мафҳуми барноманавис мафҳуми абстрактӣ мебошад ва ба шохаҳои зиёде тақсим мешавад.

| | |
|---|---|
| **Барноманавис Back-End (бэкенд)** | Қисмати серверии барноманависӣ: Python, Ruby, PHP, Java, .Net. Маҳорати кор бо яке аз СИПД, хусусан MySQL талаб карда мешавад. |
| **БарноманависFront-end (фронтенд)** | Қисми муштарии барноманависӣ: HTML, CSS, JavaScript (jQuery). Маҳорати Web-дизайн низ талаб карда мешавад. |
| **Барноманависи замимаҳои мизи корӣ** | Барои системаи омилии Windows дар C++, C# , Python ва Java. Барои Mac OS — Objective-C, Java, Python. Барои Linux C, C++, Java, Python. |
| **Барноманавис барои телефонҳои мобилӣ** | Objective-C, Swift (iOS) ё Java (Android). Донистани ягон забони серверӣ (аз бэкенд). |
| **Барноманависи Embedded (барноманавис барои микросхемаҳо)** | C, C++, Java |
| **Барноманависи лоиҳаҳои ширкатӣ** | -.Net, J2EE (Enterprise Java) |
| **3D-барноманавис ва бозиҳои компютерӣ** | C, C++, OpenGL. Маҳоратҳои рассомӣ низ ба кор меравад |

Акнун ба методикаи тадрис мепардозем. Барои дар сатҳи баланд ташкил ва гузаронидани дарсҳо, пеш аз ҳама, базаи техникии ба талабот ҷавобгӯ зарур мебошад. Пас аз ин, ба сурати зерин дарсҳо бояд тақсим ва гузаронида шаванд:

| № | Курс | Фанни таълимӣ |
|---|---|---|
| 1 | 1 | Диққати асосӣ ба инкишоф додани қобилияти зеҳнӣ ва маҳорати алгоритмсозии донишҷӯён дода шавад. Барои ин зарур аст, ки миқдори соатҳои ба он вобаста зиёд карда шаванд. |
| 2 | 2 | Усули таҳия намудани барномаҳои ҳақиқӣ, кӯчак бояд омӯзонда шуда, кор бо системаҳои идоракунии версияи лоиҳа (GitHup) низ зарур мебошад. |
| 3 | 3 | Аз курси се ё семистри дуюми курси дуюм сар карда донишҷӯёнро вобаста ба завқ, хоҳиш ва маҳораташон ба гурӯҳҳои мисли frontend, backend, fullstack, барноманавис барои телефонҳои мобилӣ, таҳиягари бозиҳои компютерӣ, мудирияти пойгоҳи додаҳо ва системаҳои иттилоотӣ, амнияти компютерӣ ва шабакаҳои компютерӣ ва ғайра тақсим карда, ба ҳар гурӯҳ бояд мувофиқан дарс дода шавад. Ҳарчанд ки ин амал дар айни ҳол душвортар аст, аммо метавонад чанд сол баъд имконпазир гардад. |
| 4 | 4 | Дар ин курс омӯзондани технологияҳои ASP.Net Core ва Web-API ва ё ба он монанд зарур мебошад. Дар ин замина усулҳои таҳия намудани лоиҳаҳои дастаҷамъӣ ва ғайра шарт мебошад. |

Тавре ки аз ҷадвал дида мешавад, агар бо чунин усул дарс ба роҳ монда шавад, метавон мутахассисони варзидаи соҳаи ТИИ-ро, ки дар бозори меҳнат рақобатпазир ва серталаб мебошанд, омода кард. Мавриди зикр аст, ки азнавсозӣ намудани барномаҳои таълимӣ талаби замон буда, барои ҳамқадам бо замона шудан, инчунин омода намудани кадрҳои баландихтисос ва ҷалби дохилшавандагон мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. AndroLib. [Electronic resource]. URL: http://www.androlib.com/appstats. aspx/ (date of ccess:30.05.2020).
2. Java. Методы программирования. Под ред. Блинов И. Н., Романчик В. С. М.: Четыре четверти, 2013. - 34 с.
3. Mirkin B. Core concepts in data analysis: summarization, correlation and visualization/B. Mirkin. – Springer Science & Business Media, 2011. – 388 pp.
4. Psychology of Programming Interest Group (PPIG) [Электронный ресурс]. URL: http://www.ppig.org (дата обращения: 30.05.2020).
5. Weinberg G.M. The Psychology of Computer Programming/G.M. Weinberg.- New York, 1971. - 299 pp.
6. Witten I. H. Data Mining: Practical machine learning tools and techniques/I.H. Witten.– Morgan Kaufmann, 2017. – 654 pp.
7. Арабов М.Қ. Асосҳои барноманависӣ дар C++ /М.Қ. Арабов. – Душанбе: РТСУ, 2018. – 400 с.
8. Арабов М.Қ. Асосҳои барноманависӣ дар забони PascalABC.NET. Китоби дарсӣ /М.Қ. Арабов. – Душанбе: РТСУ, 2018. - 302с.
9. Герберт Шилдт. Полный справочник по C++/Г. Шилдт. — М.: Вильямс, 2011. — 800 с.
10. Гуриков С.Р. Основы алгоритмизации и программирования на Python: учеб. пособие / С.Р. Гуриков. — М.: ФОРУМ: ИНФРА-М, 2019. — 343 с.
11. Понамарев В. А. Программирование на C++/C# в VisualStudio .NET 2003. Серия «Мастер программ»/В.А. Понамарев. — СПб.: БХВ-Петербург, 2004. —352 с.
12. Табарзода О.С. Применение информационных технологий в образовании. В сборнике: актуальные проблемы повышения квалификации преподавателей высших учебных заведений в период независимости / О.С. Табарзода. - Душанбе, 2021. -С. 46-54.
13. Шнейдерман Б. Психология программирования: человеческие факторы в вычислительных и информационных системах._пер. с англ/ Б. Шнейдерман. - М., 1984. - 304 с.

## ҶОРӢ НАМУДАНИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ИРТИБОТИИ МУОСИР ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МУАССИСАҲОИ ОЛИИ КАСБӢ

Дар мақола зарурати ҷорӣ намудани ТИИ муосир дар раванди таълими муассисаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта, ҷаҳонбинии техникӣ ва психологияи халқи тоҷик мавриди баҳс қарор дода шудааст. Дар замони рушди техника ва технология зарур аст, ки барномаи таълимии муассисаҳои олии кишвар ба замона мувофиқ карда шуда, баъзе фанҳои на он қадар муҳим аз он тоза карда шуда, дар иваз омӯзиши технологияҳои навини иттилоотӣ ва иртиботӣ ҷорӣ карда шавад. Дар замони муосир, муассисаи олие, ки дар он навтарин технологияҳо дарс дода мешаванд, муассисаи муосир ҳисобида шуда, хатмкунандагони он дар бозори меҳнат рақобатпазир ва серталаб ба ҳисоб меравaнд. Бисёр мутахассисон ва олимон бар он ақидаанд, ки тайи солҳои наздик ҳамчун забони хориҷӣ донистани ТИИ-и нав ва ҳатто барноманависӣ ҳангоми ба кор қабул кардан зарур мешавад. Воқеан, қобилияти зеҳнии нафароне, ки барноманависиро медонанд, хело инкишофёфта буда, метавонанд аз дилхоҳ ҳолатҳои ноқулай бо муваффақият бароянд. Бинобар ин, ҷорӣ намудани ТИИ иқдоми зарурӣ ва саривақтист. Дар мақола бо назардошти имкониятҳои моддӣ ва маънавӣ ин масъала хусусан барои ихтисосҳои ба ТИИ вобаста баррасӣ шудааст. Инчунин, меъёрҳои интихоби забонҳо ва муҳитҳои барноманависӣ ва методикаи таълими онҳо вобаста ба талаботи замон низ мавриди баҳс қарор дода шудаанд.

**Калидвожаҳо**. ТИИ, информатика, барноманависӣ, компютер, дониши замонавӣ, технологияҳои нав, замони муосир, барнома, масъала.

## ВНЕДРЕНИЕ СОВРЕМЕННЫХ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЙ ПРОЦЕСС

В статье обсуждается необходимость внедрения современных информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) в учебный процесс высших учебных заведений Республики Таджикистан с учетом опыта развитых стран, технического мировоззрения и психологии таджикского народа. Во время разработки оборудования и технологий необходимо модернизировать учебные планы высших учебных заведений страны, исключить некоторые менее важные предметы и заменить их новыми информационно-коммуникационными технологиями. В наше время высшее учебное заведение, где преподаются новейшие технологии, считается современным, а его выпускники - конкурентоспособными и требовательными на рынке труда. Многие эксперты и ученые считают, что в ближайшие годы необходимо будет освоить новый ИКТ как иностранный язык и даже программирование при приеме на работу. На самом деле интеллектуальные способности людей, которые знают программирование, очень развиты и могут успешно справляться с любой сложной ситуацией. Поэтому введение ИКТ является необходимым и своевременным шагом. В статье, с учетом материальных и моральных способностей, этот вопрос будет рассмотрен, особенно по специальностям, связанным с ИКТ. В этой статье также обсуждаются критерии выбора языков и сред программирования и методов их обучения в зависимости от требований времени.

**Ключевые слова:** IT, информатика, программирование, компьютер, современные знания, новые технологии, современность, программное обеспечение, проблемы.

## IMPLEMENTATION OF MODERN INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE EDUCATIONAL PROCESS

The article discusses the need to introduce modern information and communication technologies (ICT) into the educational process of higher educational institutions of the Republic of Tajikistan, taking into account the experience of developed countries, the technical worldview and psychology of the Tajik people. During the development of equipment and technologies, it is necessary to modernize the curricula of higher educational institutions in the country, exclude some less important subjects and replace them with new information and communication technologies. Nowadays, a higher educational institution where the latest technologies are taught is considered modern, and its graduates are competitive and demanding in the labor market. Many experts and scholars believe that in the coming years it will be necessary to master the new ICT as a foreign language and even programming when applying for a job. In fact, the intellectual abilities of people who know programming are very developed and can successfully cope with any difficult situation. Therefore, the introduction of ICT is a necessary and timely step. In the article, taking into account the material and moral abilities, this issue will be considered, especially in specialties related to ICT. This article also discusses the criteria for choosing languages and programming environments and methods of teaching them depending on the requirements of the time.

**Keywords**. IT, informatics, programming, computer, modern knowledge, new technologies, modernity, software, problems.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Арабов Муллошараф Қурбонович*** **-** номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти кафедраи информатика ва системаҳои иттилоотии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30. Телефон (+992) 907-38-00-99, E-mail: cool.araby@mail.ru.
***Табарзода Орифҷон Сайдалӣ*** – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии ДМТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: orif_tabarov@mail.ru, телефон: +992918675250.
***Саъдуллозода Оятуллои Зиёдулло*** – докторант Ph.D кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии ДМТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: oyatsadullozoda@mail.ru, телефон: +992555556640.

**Сведения об авторах:** ***Арабов Муллошараф Курбонович*** **-** кандидат физико-математических наук, Российско-Таджикский (славянский) университет, доцент кафедры информатики и информационных систем, адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзода, 30. Телефон: (+992) 907-38-00-99, E-mail: cool.araby@mail.ru.
***Табарзода Орифджон Сайдалӣ*** – к.э.н., доцент, заведующий кафедрой кибернетики и цифровой экономики факультета учета и цифровой экономики ТНУ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе проспект Рудаки, 17, E-mail: orif_tabarov@mail.ru, телефон: +992918675250.
***Саъдуллозода Оятуллои Зиёдулло*** – докторант PhD кафедры кибернетики и цифровой экономики факультет учета и цифровой экономики ТНУ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе проспект Рудаки, 17. E-mail: oyatsadullozoda@mail.ru, телефон: +992555556640.

**Information about the author:** ***Arabov Mullosharaf Kurbanovich*** - Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Russian-Tajik Slavic University, Associate Professor, Department of Informatics and Information Systems, address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe. Dushanbe, st. Mirzo Tursunzoda, 30. Phone: (+992) 907-38-00-99, E-mail: cool.araby@mail.ru
***Tabarzoda Orifjon Saydali*** – Tajik National University, candidate of the economic sciences, managing pulpit of the cybernetics and digital economy faculty account and digital economy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city Rudaki avenue 17, E-mail: orif_tabarov@mail.ru, phone: +992918675250.
***Sadullozoda Oyatulloi Ziyodullo*** – Tajik National University, doctor PhD pulpit of the cybernetics and digital economy faculty account and digital economy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city Rudaki avenue 17, E-mail: oyatsadullozoda@mail.ru, phone: +992555556640.

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

### ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ


***Мамадалиев И.А., Арипова Н.И.*** Вопрос статуса «автономии» в Туркестане (вторая половина XIX – начало XX вв.)………… ***5***

***Каримова Г.Р., Зарифов М.А.*** Методы и методика Б.И. Маршака в исследовании Древнего Пенджикента………… ***12***

***Мотревич В. П., Исуфов Ш. В.*** Сельское хозяйство в 1941 году в постановлениях высшего органа исполнительной власти союза ССР………… ***20***

***Пайвандов Хайриддин*** Регионализатсия ҳамчун падидаи рушди муносибатҳои байналхалқии муосир ………… ***30***

***Иброгимова Г.С.*** ЕВРАЗЭС: марҳалаҳои ташаккул ва рушд………… ***41***

***Холиқзода Абдурозиқ*** Рушди сиёсати хориҷии шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар муносибат ба давлатҳои соҳибистиқлоли Осиёи Марказӣ………… ***48***

***Саидов Х.С., Ғуломов А.М.*** Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Ҳамкории Исломӣ: марҳилаҳои асосӣ дар рушди муносибот ………… ***57***

***Меҳрангез Юсуфӣ*** Таърихи ташаккул ва ҳадафҳои асосии дипломатияи фарҳангӣ дар замони муосир ………… ***64***

***Шарофов Э.У.*** Нақши Созмони Милали Муттаҳид дар ҳалли муноқишаи байни тоҷикон ***71***

***Абдуллоев Ҷ.Т.*** Ҳамкориҳои фарҳангӣ-гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 2001-2016………… ***78***

***Давлиёрова С. Т***. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаи фарҳанг………… ***92***

***Самадов Ф.Ҷ.*** Ташаккули асосҳои сиёсию ҳуқуқии фаъолияти байналмилалии Парламенти Тоҷикистони соҳибистиқлол (ҷанбаи таърихӣ)………… ***102***

***Наҷотова Н.Б.*** Аз дабирӣ то вазирӣ………… ***110***

***Шарипов Ҷамолиддин, Муродов Назримад*** Вижагии муборизаи истиқлолхоҳонаи аҷдоди тоҷикон ба муқобили истилогарони Юнону Мақдунӣ………… ***117***

***Ҳошимов С.Ҳ.*** Ҳамкории Афғонистон бо СПАД дар масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ………… ***125***

***Шарифа Шарифӣ Бадахш*** Фарҳанги Аврупо дар асри XIX………… ***130***

***Шопира Баёт*** Озодшавии мамлакатҳои Африқо ва масоили рушди онҳо………… ***135***

***Шеравганзода Зулфия*** Рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ………… ***141***


### ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ


***Аминов*** **Ф.А.** Шарқи бостон ва зуҳури ҳунари нафиси инсон………… ***152***

***Гулов И.Ф.*** Тақсимбандии илмҳо дар андешаи Муҳаммади Ғазолӣ………… ***163***

***Абдухалилзода К.А.*** Ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ дар дини ислом………… ***169***


### ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


***Умаров А.С.*** Специфика формирования эмоциональной устойчивости педагога в профессиональной деятельности………… ***176***

***Ахмедова Ф.В., Усмонов Д.А.*** Проблемы самоактуализации учащихся в теоретических концепциях психологической науки ………… ***192***

***Байдуллоев А.И.*** Состояние и проблемы образовательной среды в системе высшего образования в Республике Таджикистан………… ***200***

***Лутфуллои Саъдулло*** Признаки и принципы интегрированного урока………… ***207***

***Ҷумъахонзода Н.Ҷ.*** Низоми таълимоти фосилавӣ дар фазои нноватсионии таҳсилот.... ***213***

***Шоимардонов Д.А***. Татбиқи неруи педагогии технологияҳои иттилоотию

коммуникатсионӣ дар раванди таълимии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ................... *221*
***Мирзоев А.Р., Салиев О.Қ***. Моделсозӣ дар педагогика........................................................ *229*
***Каримзода Ш.К., Неъматуллоев М.М.*** Равандҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон дар машғулиятҳои иловагӣ...................... *236*
***Нурматова Н. Л.*** Нақши таҳсилоти иловагӣ дар рушди қобилияти кӯдакон....................... *244*
***Қувватова Р.А.*** Назарияҳои педагогӣ оид ба лаёқатмандии хонандагон.......................... *52*
***Ёралиева Накубахт*** Усулҳои таълими забони англисӣ дар гурӯҳҳои сатҳи забондониашон омехта........................................................................................................................................ *260*
***Суҳроб Р.С.*** Роҳу усулҳои ташкили кори мустақилонаи донишҷӯёни факултетҳои тахассусӣ дар машғулиятҳои забони англисӣ………………………………………………….. *267*
***Аминова И.Қ.*** Таълими барномарезишуда ва аҳамияти он дар азхудкунии донишҳо...... *275*
***Абдураҳмони Муҳаммадӣ*** Баъзе масъалаҳои тарбияи оилавӣ……………………………….. *282*
***Комилова Г.Д., Шарипов А.А.*** Технологияҳои муосири иттилоотӣ ва нақши онҳо дар баҳодиҳии пешрафти донишҷӯён..................................................................................................... *288*
***Наимова Д.Д.*** Зарфияти фанни забони хориҷӣ барои ташаккул ва рушди амалҳои ҷомеи таълимии иртиботӣ-муоширатӣ дар хонандагон.................................................................... *295*
***Неъматзода Ф.Т.*** Роҳу усулҳои инноватсионии тадриси забони тоҷикӣ дар гурӯҳҳои ғайритоҷикӣ…………………………………………………………………………………… *303*
***Бобоев Б.С.*** Муҳиммияти таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони хориҷӣ……………… *310*
***Арабов М.Қ., Табарзода О.С., Саъдуллозода О.З.*** Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии муосир дар раванди таълим........................................................................... *317*

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания **(**www.vestnik-tnu.com**).**

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2022. №12**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.П.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Корректор: П.Х.Латипова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**